ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2018. №6.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2018. №6.

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2018. No.6.

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2018

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2018. – №6. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2018

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета. Серия филологичесих наук.
– 2018. – №6. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2018

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2018. – №6. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2018

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ
Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 491.550-3

ҚОИДАҲОИ ИМЛОИ ЗАБОН ВА МУШКИЛОТИ УСТОДОН

(ё худ «Оё лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз муҳокимаи умум гузашта буд?»).

Шербоев С.
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Калимаҳои арабиасоси номбаршуда ва амсоли онҳоро аз қабули охирин «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (с. 2011) то ба имрӯз 8 – 9 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, дар тамоми қаламрави Тоҷикистон қисме аз зиёиён дар қолаби пешинаашон, хусусан, дар заминаи қоидаҳои имлои соли 1972 талаффуз мекунанд. Вале аҷибаш ин, ки акнун ҳангоми таълифи мақолаҳои хурд ҳам муаллифро лозим меояд, ки барои бехато навиштани калимаҳои дорои садоноки **у** ё **ӯ** буда ҳатман ба луғати имло ва фарҳангҳои тафсирӣ рӯ оварад, ки на ҳама, бахусус, омӯзгорон, дорои чунин луғатҳоянд. Ҳамчунин, метавон гуфт, ки дар матни нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» нуктаҳое ҳам, аз ҷумла, дар бобати қабули баъзе истилоҳоти забоншиносӣ назаррасанд, ки дар ин хусус баъдтар ибрози ақида хоҳем намуд. Вале, алҳол зимни гуфтаҳои боло таъкид карданием, ки баъди пешниҳод ва ё қабули матни нави қоидаҳои имлои забони ҳар як халқу миллат бояд дар навиштору гуфтор ва дар таълим як навъ сабукӣ – осонталаффузиву осоннависӣ эҳё гардад. Мутаассифона, «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» - и охирин хилофи чунин амал аст. Чунки қоидаҳои имлои мазкур мавриди муҳокимаи умум қарор дода гузаронида нашудаанд.

Бояд гуфт, ки лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», чун анъана, бояд дар матбуот – рӯзномаву маҷаллаҳо баррасӣ мегардид, то ки шаҳрвандон сарфи назар аз касбу фаъолияташ, нисбати лоиҳаи мазкур андешаҳояшро пешниҳод карда тавонанд. Вале, хилофи анъана, он лоиҳаи қоидаҳои имлои нав танҳо ба муассисаҳои таълимию илмӣ ва фарҳангиву фароғатӣ барои пешниҳоди фикру андешаҳо дастрас гардида буду бас.

Тазаккур бояд дод, ки, агарчи он лоиҳаи нави қоидаҳои имло танҳо дар ташкилоту муассисаҳо мавриди муҳокима қарор дода шуда бошад ҳам, як мақолаи номзади илми филология – устоди кафедраи забони муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадҷони Неъматиён дар ду рӯзнома бо номҳои гуногун - яке 14 – уми майи соли 2011 бо унвони «Лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» таҳрири ҷиддӣ мехоҳад» [5] дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва дигаре 27 – уми майи ҳамон сол зери сарлавҳаи «Чил дархост аз лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (6) дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» - и донишгоҳи номбаршуда рӯйи чоп омада буд, ки, дар асл, дорои мазмуни якхела буданд. Вале дере нагузашта, 14 – уми июли ҳамон сол, он ду мақолаи А. Неъматиён дар мақолаи вокунишии гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», ки таҳти унвони «Суханшинос най…» [7] дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба чоп расида буд, зери танқиди сахт қарор дода шуда, муааллифро, ки дар соҳаи савтиёт (фонетика)–и забони тоҷикӣ таҳқиқот бурдааст, ба суханношиносӣ, аниқтараш, ба надонистани масъалаҳои забоншиносӣ гунаҳгор намудаанд, ҳарчанд ки дар мақолаҳои мазкур аксари пешниҳодоти муаллиф дар иртибот ба лоиҳаи нави қоидаҳои имло боиси дастгирӣ бошанд ҳам. Инак, сатрҳои зеринро барои исботи нуктаи охир аз мақолаи мазкури гурӯҳи корӣ пешкаши хонандаи дурандеш мекунем, ки худ қазоват намояд: «Ин мақолаҳо барои забоншиносони ҷумҳурӣ аз кулӯх оташ париданро мемонад, зеро то ҷое, ки огоҳӣ дорем, ин муаллиф дар тӯли фаъолияти беш аз чилсолааш дар донишгоҳ дар илми забоншиносӣ чӣ додааст ва дар ин самт чӣ хидмате кардааст, ба касе маълум нест».

Аҷибии масъала боз дар он аст, ки муаллифони мақола ба ин гуфтаҳои ниҳоят таҳқиромез, ки ба унвони мақола ва муаллифи он равона карда шудааст, қаноат накарда, ҳамчунин, ба таври зайл ба раёсати донишгоҳ дастур ҳам додаанд, ки ҳукми додситонро мемонад: «Месазад, ки барои тасдиқи ин иддао раёсати муҳтарами донишгоҳ фаъолияти илмии ӯро мавриди бозпурсӣ қарор диҳад, он гоҳ маълум мегардад, ки ин номзади илм дар ихтисоси хеш дар тамоми фаъолияти илмиаш чанд мақолаи тахассусӣ дорад?»

Ниҳоят, дар мақолаи гурӯҳи корӣ таъкид мешавад, ки «аз ин дархостҳо ва пешниҳодҳои ҳангомаҷӯёнаи А. Неъматиён ба ҷуз ғалату иштибоҳ чизи солимеро наметавон дарёфт» ва он «асосан пешниҳоди кафедраест, ки худи муаллиф дар он

фаъолият менамояд…», яъне гӯё пешниҳодҳои кафедраро ҷамъбаст ва, ба андешаи гурӯҳи корӣ, «муҳру васиқа намуда, аз номи худ ба чоп расонидааст».

Инак, фарз кардем, ки бобати нуктаи охир андешаи гурӯҳи корӣ дуруст бошад. Аммо тарафи дигари масъаларо гурӯҳи мазкур ба инобат нагирифтааст»: 1. Агар зимни нуктаҳои охир дурусттар мулоҳиза намоем, онҳо А. Неъматиён «пешниҳоди кафедра»-ро «аз номи худ ба чоп расонидааст» гуфта, дар асл, фаъолияти кафедраи мазкурро, ки дар байни кафедраҳои мактабҳои олӣ марбут ба пешбурди масъалаҳои забоншиносӣ хусусияти барандагӣ (пешоҳангӣ) – ро доро мебошад, низ зери шубҳа қарор додаанд. 2. Дар кафедраи мазкур устодони варзидаи забоншиносии тоҷик Баҳриддин Камолиддинов, Ҳомид Маҷидов, Давлатбек Хоҷаев ва Шаҳбоз Кабиров фаъолият менамоянду ҳамзамон, узви гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» маҳсуб меёбанд ва онҳо дар он гурӯҳ, ба қавле, дорои «вазни махсус» ҳам мебошанд. Ва, воқеан ҳам, агар лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар кафедраи номбурда мавриди муҳокима қарор дода шуда бошад, мо боварии комил дорем, ки муҳокимаи чунин як масъалаи муҳим бе ширкати ин устодони варзида баргузор ёфта наметавонист. Пас, агар устодони мазкур дар муҳокимаи лоиҳа ҳузур дошта бошанд, гумони комили мо ин аст, ки асоси пешниҳодоти кафедраи мазкурро ба унвони гурӯҳи корӣ таклифу дархостҳои эшон ташкил медиҳад.

Хуллас, агар нуктаҳои танқидии дар вокуниши гурӯҳи корӣ омадаро дақиқназарона таҳлил намоем, дар он на танҳо муаллифи мақола, балки фаъолияти як кафедраи маъруфи забоншиносии тоҷик ва забоншиносони номии он, ки, ҳамзамон, аъзоёни гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» маҳсуб меёбанд, танқиду мазаммат карда шудаанд.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз таҳлилҳои охир, кас агар нуктаҳои танқидии дар мақолаи гурӯҳи корӣ омадаро, ки асосашро дар фавқ айнан иқтибос овардем, пеши назар оварда, ба фикр фурӯ равад, шояд ба хулосаи зерин ҳам ояд: Хайрият ки, он ду мақола аз тарафи номзади илми филология, фонетист (савтиётшинос) навишта шуда будаасту гурӯҳи корӣ барои санҷидани натиҷаи фаъолияти кори ӯ ба маъмурияти донишгоҳ дастур додааст, вагарна, онро ягон муаллими мактаб ва ё яке аз шаҳрвандони дигар касбу кор (чунки дар бобати масъалаи мавриди назар ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҳуқуқи озод дорад, ки андешаҳояшро иброз намояд) ба чоп мерасонд, аз гумон дур нест, ки нисбат ба санҷиши фаъолияти ӯ ба ташкилотҳои маъмурӣ ҳам дастур медод. Барои ҳамин ҳам, пас аз чопи мақолаҳои А. Неъматиён ва вокуниши гурӯҳи корӣ ба онҳо дигар касе аз шаҳрвандон бо андешаи «мабодо…» то тасдиқ шуда ба ҳукми қонун даромадани лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (4 – уми октябри 2011, таҳти № 458) ҷуръат накард, ки дар ин хусус чизе бинависад, яъне тавре мегӯянд, пеши обро чим зада буданду ба даҳани нависандаҳо мум.

Аммо атрофи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дарҳол набошад ҳам, баъдтар, тайи солҳои 2014 то ба имрӯз ҳам аз тарафи шаҳрвандон ва ҳам бевосита аз тарафи собиқ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Д. Саймиддинов) чандин мақола ба табъ расиданд. Аз ҷумла, мақолаҳои Д. Саймиддинов (Меъёрҳои навишти «ӯ» ва «у» - Ҷумҳурият, 8 – уми сентябри с. 2012), М. Музофиршоев (Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ: бурд ё бохт? – Омӯзгор, 30 – уми майи соли 2014), Бурҳон Сайфиддинов (Нуқсонҳои имлоии «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ».- Ҷумҳурият, 7 – уми феврали соли 2014) ва А. Байзоев (Қоидаҳои имло. Аз кадоми онҳо пайгирӣ кунем? – Ҷумҳурият, 13 – уми апрели с. 2016) далели гуфтаҳои болоянд. Махсусан, мақолаи устоди ДМТ, номзади илми филология М. Музофиршоев, ки муҳтавои он моҳи феврали соли 2014 бахшида ба Иди забонҳо дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода аз тарафи муаллиф қироат гардид, ба ҳамагон хуш омада буд. Асли он, чунонки дар сатрҳои боло овардем, 30 – юми майи ҳамон сол таҳти унвони «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ: бурд ё бохт?» [4] дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» низ пешкаши хонандагон гардидааст.

Вале ҳоло, пеш аз он ки оид ба баъзе аз нуктаҳои муҳимми дар мақолаи мазкур омада ибрози назар намоем, ёдовар шудани як нуктаро дар иртибот ба қабули калимаҳои иқтибосӣ ба ин ё он забон, аз ҷумла, ба забони тоҷикӣ зарур мешуморем: Дар таърихи 25 – уми июни соли равон (2018) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии истилоҳоти Кумитаро таъсис дод, ки ман, ҳамчун мутасаддии татбиқи Қонуни ҶТ марбут ба забони давлатӣ дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, ширкат варзидам ва гумон доштам, ки шояд дар он баъзе нуктаҳо марбут ба истилоҳоти забоншиносӣ ҳаллу фасли худро ёбанд. Мутаассифона, дар ҷаласа сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон Зулфониён Раҳим Рачабзод дар мавзӯи «Вазъи истилоҳнигорӣ дар фаъолияти шӯрои ҳамоҳангсозии Кумита» маърӯза карда бошад ҳам, зимни баромади ӯ ҳарфе ҳам атрофи истилоҳоти забоншиносӣ шунида нашуд. Аммо ҳангоми муҳокимаи маърӯза шахсони ба музокира баромада бештар дар иртибот ба

калимаҳои иқтибосӣ суханронӣ намуда, хулосаашон чунин буд, ки бояд аз як забон ба забони дигар, аз ҷумла, ба забони тоҷикӣ (ин ҷо ҳадафи асосӣ ба тарзи қабули калимаҳои арабӣ нигаронида шуда буд) калимаҳо дар қолаби аслӣ – тарзи навишти таърихиву талаффузи классикиашон қабул карда шаванд.

Инак, доир ба навиштаҷоти охир, ки дар иртибот ба тарзи қабули калимаҳои иқтибосӣ ақидаи бархе аз баромадкунандагонро аз ҷаласаи кумита ёдрас шудем, нисбат ба ҳамин масъала рӯ меоварем ба нуктаҳои зерини дар мақолаи М. Музофиршоев омада: «Мусаллам аст, ки дар дунё ҳатто забонҳои муқтадиртарин ҳам луғат иқтибос мекунанд, аммо вожаҳои вомгирифтаро ҳатман ба қоидаҳои луғавию овоӣ ва грамматикаи хеш мувофиқ мегардонанд…, дар қоидаҳои нави имлои тоҷикӣ, баръакс, қонунияти меъёрии забони тоҷикиро ба иқтибосот тобеъ кардаанд».

Чунонки эҳсос мекунем, навиштаҷоти мазкури ин олими забоншинос басо ҳақбинонаву дурандешона рӯйи коғаз омадаанд. Дар воқеъ, агар дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» асли навишти таърихӣ ва тарзи талаффузи классикии, бахусус, вожаҳои арабӣ қабул ва нигоҳ дошта шавад, зарур аст, ки хилофи пешниҳоди «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» -и соли 1972 на танҳо дар калимаҳои **мӯҳтарам, бошукӯҳ, шӯҳрат, шӯҳратёр, бӯҳрон, нумӯъ, мӯҳлат, шӯъба, тӯъма, Сӯҳроб, Мӯҳсин** ва амсоли онҳо ба ҷойи садоноки **ӯ у** нависему онҳоро бо ҳамин **у** талаффуз намоем, боз дар забони мо даҳҳо вожаҳои арабиро аз қабили **илм, олим, маориф, муаллим, муаззам, муаллақ, муовин, муолиҷа, ошиқ, обид, одатан, олӣ, омма, офият** метавон мисол оварда, ки бояд чунин калимаҳо ҳам «бо риояи меъёри суннатии таърихӣ» (ФИЗТ, с.5) бо иловаи айн ё худ аломати сакта (ъ) дар қолаби зерин навишта ва талаффуз карда шаванд: **ъилм, ъолим, маъориф, муъаллим, муъаззам, муъаллақ, муъовин, муъолиҷа, ъошиқ, ъобид, ъодатан, ъомма.** Ҳамчунин, дар иртибот ба меъёри мазкур зарур аст, ки калимаҳои зерини арабиасос, аз қабили, **эҳё, эҳсон, эҳсос, эҳтиёт, эҷод, эҷоз, эълон** ва амсоли инҳоро ҳам дар қолаби аслиашон **(иҳё, иҳзон, иҳсон, иҳтиёт, иҷод, иҷоз, иълон)** нависему ҳамон тавр талаффуз кунем, ки ин ҳолат, бахусус, дар талаффузи мо, тоҷикон, ҳатман, душвориҳоро эҳё хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, ҳақ ба ҷониби М. Музофиршоев аст, ки дар ҳамон мақолаи худ чунин нуктаро ҳам таъкид намудааст: «Оре, чун мувофиқ кардани имлои вожаҳои забони имрӯзаи тоҷик «бар пояи имлои таърихии онҳо» (ФИЗТ) зарур бошад, ҳазору як душвории дигар аз пеш хоҳад омад, ки мардумро ҳам аз имло безор мекунаду ҳам аз забон».

Инчунин, чунонки дар боло ишора рафт, имрӯз хилофи пешниҳоди «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» - и соли 1972 дар калимаҳои арабии амсоли **мӯҳтарам, шӯҳрат, лӯъбат** ба ҷои садоноки **ӯ** навиштани **у** (муҳтарам, шуҳрат, луъбат) меҳнати аксари онҳоеро, ки қалам ба даст гирифта, чизеро иншо карданӣ мешаванд, дучанд намудааст: На танҳо ба истинои он 66 калима (Ниг.: Феҳристи навишти **«у»** бар ивази **«ӯ»** пеш аз ҳарфи «ҳ» ва аломати «ъ». – Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 8 – уми сентябри соли 2012) [9], балки дар вожаҳое ҳам, ки дар таркибашон **«ӯ»** ё худ **«у»** доранд, ҳатман ба луғати тафсирӣ рӯ оварда, асли баромадашон – тоҷикӣ ё худ арабӣ будани онҳоро муайян намуда, сипас, қолаби дурусти онҳоро рӯйи қоғаз меоваранд, ки, дар воқеъ, чунин амал иншокунандаро мондаву дилбазан накунонда наметавонанд. Ба ҷуз ин, риоя нашудани навишти меъёрии бархе аз вожаҳо дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-и соли 2011 низ ҷо–ҷо ба чашм мерасад, ки ин ҳолат ҳам касро ба тааҷҷуб меоварад. Ин нукта дар мақолаи устоди ДМТ Азим Байзоев мӯшикофона зимни далеловариҳо сабти худро ёфтааст.

А. Байзоев, ки худ муаллифи китобҳои дарсӣ маҳсуб меёбад, бо мақсади таҳия ва нашри нави он китобҳо дар мақолаи хеш (Қоидаҳои имло: Аз кадоми инҳо пайгирӣ кунем? – Ҷумҳурият, 13 – уми апрели соли 2016) [6] ин тавр навиштааст: «Ба хотири комилан дуруст риоя кардани қоидаҳои имло хостам, онро бори дигар мӯшикофона хонам. Мутаассифона, ба ҷойи ба саволҳоям ҷавоби қотеъ гирифтан, ба вартаи ҳайрониву сарсонӣ ғарқ шудам». Гап дар сари он ки ӯ як матни нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» - ро дар се нашр - якеро дар китобчаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (Нашриёти «Шарқи озод», с. 2012), дигареро дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Шарқи озод», с. 2013) ва севумиро боз дар ҳамон китобчаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (Нашриёти «Маориф ва фарҳанг», с. 2013) муоинаву мушоҳида намудааст, ки меъёри навишти садоноки **у** ба ҷойи **ӯ** хилофи тавсияҳои дар «Қоидаҳои имло…» омада пеш аз ҳарфи ҳ ва аломати ъ на ҳамеша дар калимаҳои маъмул, аз қабили, **шӯъба, сӯҳбаткунон, Зӯҳро, Саидмӯъмин** риоя шудаанд.

Аҷибтар аз ҳама ин, ки муаллиф дар сомонаи jumhuriyat.tj шакли электронии матни ҳамин «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро, яъне нашри соли 2011–ро пайдо намуда, мушоҳида кардааст, ки дар он ҳам калимаҳои ишорашуда на бо **у**, балки бо **ӯ** баррасӣ

гардидаанд. Аз ин вақҳ, ба хулосаи барҳақ ва ё ба шӯр, омада афзудааст: «Мо ва ҳазорон омӯзгорони макотиби миёнаву олӣ кадом матни қоидаҳоро пайгирӣ кунем? Кадоме аз ин қоидаҳоро ба сифати нусхаи асл қабул карда, ба ҳамагон дастрас намоем?» Чунонки мебинем, ин ҷо ҳоҷат ба шарҳ додани нуктаи охир нест, зеро сабабашро аллакай зимни гуфтаҳои боло собит намудем.

Дар ҳақиқат, зимни муоинаи «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (с. 2013) [8] мо низ чандин калимаро ба қайд гирифтем, ки дар ду шакл, яъне дар як мавриди бо садоноки **у** дар мавриди дигар бо **ӯ** пешниҳод шудаанд. Чунончи, **бетаваҷҷӯҳ (с. 49) – таваҷҷуҳ (с. 233), бетаваққӯъ (с.49) – таваққуъ (с.233), муътадил (с.161) – номӯътадил (с. 173), муҷиб (с. 160) – мӯҷиб (с. 161)** ва ғайра.

Ба ҷуз таъкидҳои боло, агар мувофиқи пешниҳоди гурӯҳи корӣ лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (Ниг.: Ҷумҳурият, 8 – уми сентябри соли 2012) «навишти **у** бар ивази **ӯ** пеш аз ҳарфи ҳ ва аломати ъ зарурат дошта бошад, чаро ин қоида дар имлои калимаҳои зерин, ки мутобиқ ба чунин пешниҳоданд, дар «ФИЗТ» риоя нагардидааст: **лӯълӯъ (с.143), мафтӯҳ (144), маҷмӯъ (145), маҷрӯҳ (с. 145), мавзӯъ (с. 138), рӯҳ, рӯҳбон (с. 207), рӯъё (с. 207), сутӯҳ (с. 230) ва ғ.** Боз аҷоиботи масъала дар ин аст, ки дар ҳамон таълифоти гурӯҳи корӣ 66 калима ба ҳайси намуна ба феҳристи навишти **у** бар ивази **ӯ** пеш аз ҳарфи **ҳ** ва аломати **ъ** пешниҳод шуда бошад ҳам, аз ин теъдод 22 – тои онҳо дар ФИЗТ (с. 2013) мавҷуд нест. Чунончи, калимаҳои зерин: **куҳл, муҳрик, муҳтавӣ, муҳтадӣ, муҳтақин, муҳтамил, муҳтамӣ, муҳтариқ, муҳтариф, муҳтол, муъзила, муъзин, муъзӣ, луъбат, муъталиф, муътамид, муътариф, муътасам, муъсир, муъриз, муътӣ, муъҷаб.**

Ба ҷуз ин, аз калимаҳои барои намуна пешниҳодшуда аксарашон аз қабили, **муҳтадӣ, муҳтақин, муътӣ, муъҷаб** дар матбуоти имрӯза ва ё дар навиштаҷоти аксари аҳли фарҳанг ба чашм намерасанд. Аз ин вақҳ, дар он феҳрист лозим буд, ки бештар калимаҳои маъмули ба аксар шинос ворид карда мешуданд.

Ба ҷуз он ҳама фикру андешаҳои дар фавқ баррасишуда, ки асосан ба масъалаи навишти **у** ба ҷойи **ӯ** пеш аз ҳарфи **ҳ** ва аломати **ъ** (бештар дар вожаҳои иқтибосии арабӣ) иртибот доранд, зимни муоина дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» баъзе нуктаҳое ҳам ба назар мерасанд, ки нисбат ба онҳо ҳам наметавон хомӯшӣ варзид. Он нуктаҳо бештар ба имлои калимаҳои дорои овозҳои ташдиднок, исмҳои хосси таркибӣ, калимаҳои дар охирашон ҳамсадои й – дошта, тарзи ба сатри дигар кӯчонидани ҳиҷои баъзе калимаҳо ва нуктаҳои ҷузъие, ки ба андаке таҳрир ё худ ислоҳкунӣ ниёз доранд, мансубанд. Аз ҷумла, чунонки дар ҳамон мақолаи М. Музофиршоев ҳам таъкид гардидааст, дар «Қоидаҳо…» вожаи **пашша** дуруст, яъне бо ташдиди ҳамсадои **ш** пешниҳод шуда бошад ҳам, он дар саҳ. 190 – и матни «ФИЗТ» бе ташдиди ҳамсадои мазкур (паша) навишта шудааст, ки нодуруст меҳисобад. Зеро дар чунин навишт, тарзи талаффузи он коҳиш ёфта, зада, чунон ки буд, на ба ҳиҷои дуюм (**- ша**), балки ба ҳиҷои аввал (**- па**) меафтад. Ба ҳамин монанд калимаҳои **содда** ва **оддӣ** дар «ФИЗТ» дар шакли **сода, одӣ**, яъне бе ташдиди ҳамсадои **д** сабт шудаанд, ки низ нодуруст аст. Зеро, чунонки ба забоншиносон маълум аст, аз ҳиссаҳои мустақили нутқ, ба ҷуз дар калимаҳои русии байналмилалӣ, дар гурӯҳи калимаҳои мансуб ба исм, аз ҷумла, дар калима - исмҳои иқтибосии забони арабӣ, инчунин, дар сифат, шумора ва ҷонишин ҳангоми талаффуз зада, одатан, ба ҳиҷои охир меафтад [як – 63-61; 3-52-53; 10-29-32]. Ҳоло, ки калимаҳои мазкурро орӣ аз ташдиди **д** намудаанд, мисли пешин наметавон озод талаффуз кард. Акнун дар ин калимаҳо на ҳиҷои дуюмро, балки ҳиҷои аввалро бо тамдид, яъне задаро ба он гузошта, талаффуз кардан лозим меояд, ки чунин навъи талаффуз тоҷикона нахоҳад буд. Ва маҳз ҳамин нуктаи охир дар мақолаи мазкури М. Музофиршоев боз ҳам дақиқтар таъкид гардидааст. Чунончи: «Ба назари мо, чунин навишт (ба ҷои **пашша паша** навиштан. – С. Ш.) ғалат аст, зеро ки яке аз заруратҳои тавлиди ташдид … ҷуброн намудани кӯтоҳталаффузии (осону бе душворӣ. – С. Ш.) садонокҳо… аст, ки ҳамсадо дар байни онҳо омадааст».

Нисбат ба навишти калимаҳои таркибии ба исмҳои хос мансуббуда дар қоидаҳои имлои солҳои 1972 ва 1998, аз ҷумла, дар қоидаҳои имлои соли 1998 чунин таъкид гардида буд, ки «а) ҳар калимаи номи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ, бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Аммо басти б) – и қоидаҳои бо ҳарфи калон навиштани исмҳои хосси таркибӣ дар «Қоидаҳои имлои…» охир андаке дигаргуна – дар қолаби «**номи** (ба ҷойи **ҳар калимаи номи. –** С. Ш.) **мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ ва рамзҳои давлатӣ»** пешниҳод шуда бошад ҳам, ба назари мо, на дар ҳамаи мисолҳои овардашуда якгунагии қолаби навишт марбут ба номҳои мақомоти олии давлатӣ риоя шудааст. Масалан, ибораи **Маҷлиси Олӣ** мутобиқ ба қоидаи пешниҳодшуда бошад ҳам, аммо дар ибораҳои **Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон**, ки ин ҳарду ҳам ифодакунандаи номҳои мақомоти олӣ маҳсуб меёбанд, бо ҳарфи хурд баррасӣ шудани калимаҳои дуюм (миллӣ, намояндагон) нодуруст аст. Инчунин, дар ибораҳои **Парчами**

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар кадом ифодакунандаи унвони рамзҳои (нишони) давлатианд, то ки ҳамгунагӣ риоя гардад, лозим аст, ки калимаҳои **давлатӣ** ва **миллӣ** низ бо ҳарфи калон (Чунончи, Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) навишта шаванд.

Ҳамчунин, марбут ба басти б) –и банди 15 – уми «Қоидаҳои имло…», ки дар он ду тарзи навишти калимаҳо тавсия шудааст, метавон ибрози назар намуд, ки чунин аст: «б) як гурӯҳ исмҳое, ки дар анҷом ҳарфи **й** доранд**: рӯй – рӯ, мӯй – мӯ, кӯй – кӯ, ҷӯй – ҷӯ, пой – по, сарой – саро, шӯй – шӯ** ва ғ.» Инак, бо овардани басти мазкур, ки дар он ду тарзи навишти калимаҳо низ дар забони адабии имрӯзаи тоҷик таъкид шудааст, гуфтанием: Чаро гирифтани бандаки изофии **и** дар калимаҳои **рӯй, мӯй, кӯй, ҷӯй,** (рӯйи зебо, мӯйи ҷилодор ва ғайра) мумкин будаасту дар калимаҳои дуюм (рӯ, мӯ ва ғ.) не? Ҳол он ки, асосан, солҳои пеш чунин навиштор (рӯи сурх, мӯи сиёҳ) маъмул буд.

Дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-и нашри охир як нуктаи қоидаҳои аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиҷои калима низ эзоҳталаб аст. Чунончи, басти зеринро аз назар мегузаронем: б) агар ҳиҷо аз як садонок иборат бошад, ба сатри дигар гузаронида намешавад: на ба шакли **а – ро – ба, о – во – за, о – ро – мӣ**, балки **аро – ба, ово- за, оро- мӣ** ва ғ.

Бояд таъкид сохт, ки қоидаи мазкур дар хусуси аз як садонок иборат будани ҳиҷои калима андаке ислоҳталаб аст. Зеро дар мисолҳои овардашуда танҳо калимаҳое пешниҳод шудаанд, ки ҳиҷои аввалашонро як садонок, ташкил медиҳад, ҳол он ки дар охири калимаҳо низ ҳиҷоҳои танҳо аз як садонок, ҳамчунин аз як ётбарсар ташкилёфта кам нестанд. Чунончи, **му – до – фи – а, мат – ба – а, бо – бо – ӣ, Шаҳ- ри – я** ва ғ. Аз ин вақҳ, қоидаи мазкурро метавон дар қолаби зерин пешниҳод кард: **Агар дар аввал ё охири калимаҳо як садонок ё ётбарсар як ҳиҷоро ташкил дода бошад, он гоҳ ҳиҷоҳои чунин калимаҳо дар қолаби зерин дар сатри аввал нигоҳ дошта шуда ва ё ба сатри дигар гузаронида мешаванд.** Масалан, на дар қолаби **а – ро – ба, о – во- за, о – су – да, а – ҳа – ми- ят, му – до – фи – а, мат – ба – а, бо – бо – ӣ, Ю – суф – ҷон, Шаҳ- ри – я, балки ба қолаби зерин: аро – ба, ово- за, осу – да, аҳа – ми- ят, му – до – фиа, мат – баа, бо – боӣ, Шаҳ - рия** ва ғ.

Ниҳоят, дар қисмати баъзе нуқсонҳо, ки мо онҳоро ҷузъӣ номидем, нуқтаҳои зеринро метавон таъкид намуд: Чунончи:

1. Дар басти ғ) – и имлои исм (банди 16) калимаҳои зерин ба сифати исмҳои мураккаби аз шумораву исм бо пасванди – а (-я) сохташуда оварда шудаанд: **чоркунҷа, чоргӯша, сепоя.** Ба назари мо, ин калимаҳо, пеш аз ҳама, бештар ба сифат мансубанд, масалан, дар ибораҳои **замини чоркунҷа, мизи чоргӯша, курсии сепоя** ва амсоли инҳо сифат шуда омадани калимаҳои номбаршударо наметавон инкор кард.

2. Дар басти д) – и банди 21 дар иртибот бо ҳарфи калон навиштани исмҳо чунин пешниҳод низ таҳрирталаб аст: «**Калимаҳои мураккаби мухтасаршуда** (ихтисораҳо) – **е, ки аз ҳарфи аввали калимаю ибораҳо сохта шудаанд**: ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва ғ». Ин қоида, ба назари мо, низ андаке таҳрирталаб аст.

Аввалан, на вожаи **ихтисораҳо,** балки ибораи **калимаҳои мураккаби мухтасаршуда** (кӯтоҳкардашуда. – С. Ш) – ро ба ҳайси баёнияи иловагии эзоҳӣ дар қавс гирифтан беҳтар аст. Аммо, таркиби **калимаю ибораҳо** - ро дар қолаби зерин: **калимаҳои таркиби ибораҳо** тағйир додан лозим меояд. Чунки ихтисораҳо на аз **калимаҳо**, балки дар заминаи ихтисор карда шудани **калимаҳои таркиби ибораҳо** (ибораҳои устувор) ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз, басти д) – и банди 21-ро дар қолаби зерин пешниҳод намудан авлотару фаҳмотар мебуд: д) **ихтисораҳо** (калимаҳои мураккаби кӯтоҳкардашуда) – **е, ки аз ҳарфҳои аввали** (якуми) **калимаҳои таркиби ибораҳои устувор сохта шудаанд**. Чунончи: Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ), Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон (ДДЗТ) ва ғ.

3. Дар банди 22 бахшида ба мавридҳои якҷоя навиштани сифатҳо мисолҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, дар басти б) – и он чунин омадааст: **«сифатҳое, ки аз ибораҳои исмӣ** (ҳамроҳӣ, изофӣ, пешояндӣ) **бо пасвандҳои – а, - ӣ,** (- гӣ, - вӣ) **сохта шудаанд:** панҷсола, умумихалқӣ, байналмилалӣ, хонагӣ, дунявӣ ва ғ.» Ин ҷо дар мисолҳои овардашуда вожаҳои **хонагӣ, дунявӣ** нодуруст интихоб шудаанд. Калимаҳои мазкур сифатанд, аммо на аз ибораҳо ташаккул ёфтаанд, балки калимаҳои сохта буда, аз исмҳои сода (дунё, хона) бо пасвандҳои - **вӣ** ва - **гӣ** сохта шудаанд.

5. Дар қисмати имлои пешояндҳо, дар басти в), ҷудо навиштани ҷузъҳои таркибҳои пешояндии қолаби зерин: дар **ба дар, рӯ ба рӯ, тан ба тан, пай дар пай** ба ҳайси мисол оварда шудаанд. Аммо таркибҳои мазкур на пешояндҳои таркибӣ, балки мансуб ба

зарфҳои таркибианд. Чунончи, **дар ба дар гаштан, рӯ ба рӯ суҳбат кардан, тан ба тан ҷангидан, пай дар пай такрор намудан** ва ғ.

Инак, фикру мулоҳизаҳои мо, дар асл, марбут ба мундариҷаву муҳтавои асосии «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» - и соли 2011 нисбатан хотима ёфт, чунки дар матни он ҳанӯз ҳам нуктаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки нисбати онҳо низ метавон андеша ронд. Вале, сарфи назар аз он ҳама гуфтаҳои дар фавқ омада, дар зер мехоҳам, чанд андеша – назари шахсии хешро бобати беҳтару ба ҳамагон хушоянд (писанд) рӯйи чоп омадани лоиҳаи баъдинаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» низ пешниҳод намоям. Чунончи:

1. Аввалан, зарур аст, ки «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» - и соли 2011 бори дигар таҷдиди назар карда шаванд. Зеро, чунонки дар боло зимни далелҳо собит гардид, пас аз ба ҳукми қонун даромаданаш он, пеш аз ҳама, омӯзгорони макотиби оливу миёна ва, албатта, ҳар он каси ба таълифот машғулро бо мушкилот рӯ ба рӯ намудааст, ки аксари онҳо ба вожаҳои иқтибосии аз забони арабӣ гирифташуда мансубанд, ки дар он вожаҳо ба ҷойи **ӯ** навишти **у** пеш аз ҳарфҳои **ҳ** ва аломати **ъ** тавсия гардидааст. Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани ҷамъи он ҳама мушкилот хоҳиши умумро дар мадди назар дошта, пешниҳод мекунем, ки дар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-и ҳоло мавриди истифодабуда, басти б) – и банди 6 – уми «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» (с.1972), ки аз қоидаҳои «Имлои забони тоҷикӣ» - и соли 1998 соқит гардида буд, зимни дастуре аз нав ворид карда шавад.

2. Дар матни нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва ҳам дар «ФИЗТ» истилоҳоти ба аксар маълуму фаҳмои русӣ–байналмилалии соҳаи забоншиносӣ **антоним, суффикс** ва **префикс** соқит гардида, дар китобҳои дарсӣ, аз ҷумла, ба ҷойи **суффикс** ва **префикс пешванд ва пасванд** истифода шудааст, ки мақбули ҳамагон намебошад. Хусусан дар мактаб, ба сабаби он ки **пешванду пасванд** танҳо бо як ҳарф - **е** ё - **а** аз ҳам фарқ мекунанд, хонандагон аксар ҳангоми муайян намудани сохт ё худ таркиби калимаҳо ин ду истилоҳро аксар омехта мекунанд. Аммо истилоҳи **антоним**, ки дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои **зидмаъно** ва ё **муқобилмаъно** ифода карда мешавад, дар «ФИЗТ» аз ин калимаҳо ному нишоне нест.

3. Аз мушоҳидаҳои калимоти дар матни «ФИЗТ» (с. 2013) омада маълум гардид, ки дар он танҳо имлои калимаҳои сода, сохта ва мураккаб оварда шудааст. Аммо, имлои таркибу ибораҳо (хусусан, ибораҳои устувор) дар матни нави «Қоидаҳои имло…» вобаста ба сохту имлои ҳиссаҳои нутқ ҷо – ҷо таъкид гардида бошад ҳам, дар феҳристи луғати мазкур ягон намунаи онҳо ба назар нарасид. Ҳол он ки дар луғатҳои имлои солҳои 1974 (Я. И. Калонтаров) ва 1991 (А. Маниёзов, А. Мирзоев) ин нукта ба назар гирифта шуда буд. Вале пӯшида нест, ки ҳангоми таълифот аксари хатоҳо дар имлои калимоти мураккабу таркибу ибораҳои устувор содир мегарданд. Аз ин хотир, мо пайрави андешаҳои М. Музофиршоев ҳастем, ки дар ҳамон мақолаи худ чунин афзудааст: «Азбаски овардани тарзи дурусти навишти вожаҳо вазифаи аввалиндараҷаи «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» аст, дар он бояд, дар навбати аввал, чунин калимаҳое ҷой дода шаванд, ки соҳибзабонон дар навишти онҳо мушкилӣ мекашанд». Аз ин рӯ, муаллифи мақола дар луғати имло, пешниҳод шудани калимаҳои сода, аз қабили, **об, одам, замин** ва амсоли инҳоро, ки дар навишташон аксар хато намекунанд, на он қадар зарур шуморида, нуктаи зеринро пешниҳод кардааст, ки боиси дастгирист. «Вале (дар луғати имло. – С. Ш.) сабт кардани вожаҳои мураккабу таркибиеро, ки ҳатто шахсони таҳсилдида низ дар навишти онҳо ба шубҳа дучор мешаванд, … зарур ва ҳатмӣ мешуморем».

4. Ҳамчунин, пешниҳод мекунем, ки дар таҳияи лоиҳаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-и минбаъда дар баробари донишмандони варзидаи илми забоншиносии тоҷик методистони касбии соҳаи таълими забони тоҷикӣ ва аз шаҳру ноҳияҳои гуногун омӯзгорони беҳтарини забон ва адабиёти тоҷик ҷалб карда шаванд. Чунки методистон мактаб ва фаъолияти омӯзгоронро нисбат ба забоншиносон беҳтару хубтар медонанд ва ба онҳо тавассути баромадҳо ва дастуру мақолаҳои таълифнамудаашон тавсияҳои муфид дода меистанд. Омӯзгорон бошанд, дар тамоми макотиби таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҳамеша ҳар як навоварӣ, аз ҷумла навигариҳои дар қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ баамаломадаро ба шогирдонашон дастрас мегардонанд. Аз ин ваҷҳ, баҳри таҳияи лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҷалб намудани методистону омӯзгоронро, ба мақсад мувофиқ мешуморем.

5. Ниҳоят, зарур аст, ки чун дар солҳои пеш (с. 1972, 1998) лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» тавассути матбуоти даврии маъмул (рӯзномаву ҳафтаномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор», «Масъалаҳои методикаи таълим») низ пешкаши умум гардонида шавад, то ки ҳар каси хоҳишманд андешаҳои худро зимни ҳамин расонаҳо озодона баррасӣ карда тавонад.

Ҳамин тавр, мо зимни таҳлилу баррасии натиҷаи мушоҳидаҳоямон дар фавқ қисмати асосии фикру андешаҳои худро дар иртибот ба матни «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (соли 2011) нисбати беҳтару хушсифат рӯйи чоп омадани нашри ояндаи он бо пешниҳодоти махсус рӯйи қоғаз овардем. Аммо ҳукму довариро бобати ҳусну қубҳи он ҳама ба алоқамандони соҳа – ба ашхоси огоҳ аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, ба омӯзгорон, пеш аз ҳама, ба омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики макотиби оливу миёна вогузор месозем, то худ қазоват кунанду агар зарур шуморанд, фикру андешаҳои хешро нисбати масъалаи мавриди назар тавассути расонаҳо дар иртибот ба навиштаҳои мо баён намоянд, нуран алонур мебуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ / Н.Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1977. -С.63-64.
2. Байзоев А. Қоидаҳои имло. Аз кадоми онҳо пайгирӣ кунем? / А. Байзоев // Ҷумҳурият, 13-уми апрели соли 2016.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷики. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - С.52-53.
4. Музофиршоев М. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ: бурд ё бохт?. / М.Музофиршоев // Омӯзгор, 30-юми майи соли 2014.
5. Неъматиён А. Лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» таҳрири ҷиддӣ мехоҳад // Ҷумҳурият, 14 - уми майи 2011.
6. Неъматиён А. Чил дархост аз лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» // Ба қуллаҳои дониш, 27-уми майи соли 2011.
7. Суханшинос наӣ… // Ҷумҳурият, 14-уми июли соли 2011.
8. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. - Душанбе: Шарқи озод, 2003.
9. Феҳристи навишти «у» бар ивази «ӯ» пеш аз ҳарфи «ҳ» ва аломати «ъ» // Ҷумҳурият, 8-уми сентябри соли 2012.
10. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, / Т.Н. Хаскашев. - Душанбе: УДТ, 1984. Қ.2. – С. 29-32.

ҚОИДАҲОИ ИМЛОИ ЗАБОН ВА МУШКИЛОТИ УСТОДОН

(ё худ «Оё лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз муҳокимаи умум гузашта буд?»).

Дар мақолаи мазкур муаллиф як силсила камбудиҳои охирин дастури роҳнамо - «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро, ки 4-уми октябри соли 2011 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, бо далеловариҳо собит намудааст. Он нуқсонҳо бештар ба тарзи навишт ва талаффузи калимаҳои иқтибосии арабиасос мансубанд, ки акнун дар онҳо ба ҷойи садоноки ӯ навиштани у ва бо ҳамин у талаффуз намуданашон тавсия шудааст. Камбудиҳои дигар дар иртибот ба исмҳои хосси ифодакунандаи ному унвонҳои мақомоти олӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ, ҳамчунин, ба сохту имлои бархе аз ҳиссаҳои нутқ мансубанд, ки тарзи ислоҳ ва маънидоди дурусту илмиашон пешниҳод гардидааст. Ниҳоят муаллиф дар анҷоми мақола баҳри дар оянда бо сифати аъло ва ба ҳамагон маъқул таҳия шудани лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» чанд тавсия пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: қоидаҳои имло, қоидаҳои талаффуз, забони тоҷикӣ, забони арабӣ, садонокҳои у ва ӯ, калимаҳои иқтибосӣ, ихтисораҳо, калимаҳои сода ва мураккаб, забоншиносӣ, забоншиносони тоҷик.

ПРАВИЛА И ПРОБЛЕМЫ ОБУЧЕНИЯ ОРФОГРАФИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Цель настоящей статье заключается в том, что в ней автор, опираясь на научные источники и педагогический опыт своей работы в вузах и общеобразовательных учреждениях, указывает на ряд существенных недостатков книги «Орфографические правила таджикского языка» (утвержденные Правительством Республики Таджикистан от 4 октября 2011 года). Недостатки преимущественно относятся к правилам изложения и произношения арабских слов, в составе которых на место «ӯ» пишутся «у» и произносится таким же образом. Недостатки названного путеводителя относятся также к собственным словам, выражающим названия высших органов, должностей, знамен и национальных атрибутов. Они относятся и к структуре и правилам изложения некоторых частей речи. В данной статье предложены пути их устранения с научной точки зрения. В конце статьи для будущего проекта «Орфографические правила таджикского языки» предложены рекомендации, которые могут быть приняты для улучшения его качества.

Ключевые слова: орфографические правила, правила произношения, таджикский язык, арабский язык, гласные у и ӯ, иностранные слова, сложносокращенные слова, (аббревиатура), простые и сложные слова, языкознание, таджикские языковеды.

RULES AND PROBLEMS OF TRAINING OF THE ORGANIZATION OF THE TAJIKIAN LANGUAGE

The purpose of this article is that the author, relying on scientific sources and the pedagogical experience of his work in universities and general education institutions, points to a number of significant shortcomings in the book "Orthographic rules of the Tajik language" (approved by the Government of the Republic of Tajikistan on October 4, 2011). Disadvantages, mainly, refer to the rules of pronunciation and pronunciation of Arabic words, in which "y" is written in place of "ӯ" and pronounced in the same way. The disadvantages of this guidebook also apply to own words, expressing the names of higher bodies, posts, banner and national attributes. They also refer to the structure and rules of the presentation of certain parts of speech. In this article, we propose ways of eliminating them from a scientific point of view. At the end of the article for the future project "Orthographic rules of the Tajik languages" suggested recommendations that can be adopted to improve its quality.

Key words: spelling rules, pronunciation rules, Tajik language, Arabic, vowels y and ӯ, foreign words, complex words, (abbreviation), simple and complex words, linguistics, Tajik linguists.

Сведения об автора: ***Шербоев С.*** - член-корреспондент АОТ, доктор педагогических наук, профессор, главный специалист отдела науки и инновации Академии образования Таджикистана. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45. Тел.: **(+992) 908-22-55-59**

Information about the author: ***Sherboev S.*** – corresponding member of AET, doctor of pedagogical sciences, professor, chief specialist of the science and innovation department of the Academy of Education of Tajikistan. **Address: 734025**, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini str. 45. Tel.: **(+992) 908-22-55-59**

УДК: 42:491.550-56

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ СИНТАКСИСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МУҚОИСА БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Саидов Ҳ.А., Асадова М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикистони соҳибистиқлол 9 сентябри соли 1991 истиқлолиятро ба даст оварда. Дар баробари соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим даровардани соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, қонун ва қарорҳои заруриро қабул кард.

Дар моддаи 41 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «ҳар як шахс ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад», дувум ҳуҷҷати муҳим оид ба маориф «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Он аз баёни мафҳумҳои таҳсилот ва ҳашт боб иборат буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян месозад ва тамоюлоти инкишофи ин системаи аҳамияти стратегидоштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад.

Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аъзои СММ дар ташкили фазои ягонаи таҳсилот як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатиро ба табъ расонидааст, ки тағйирпазирӣ ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилотро тақозо менамояд. Тибқи талаботи мазкур бояд низоми сифатан нави таҳсилот эҳё карда шавад, ки мазмуну мундариҷаи он ба беҳдошти ҳаёти инсон асос гузорад, тафаккур, заковати фикрӣ, шуур, маънавиёт ва ҳунари эҷодгарии ӯро ба ҳаракат оварад.

Дар ин ҳуҷҷат инчунин гуфта шудааст, ки зарурати омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, инкишофи илмӣ-техникӣ ва воситаи муошират байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифта шавад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар асри XXI дар тамоми давлатҳо масъалаҳои глобалӣ чун нашъамандӣ, терроризми байналмилалӣ ва ҳифзи табиат ҳалли худро интизоранд. Баҳри ҳалли масъалаҳои глобалии зикршуда ҳамгироии ҳамаи халқҳо, муттаҳид шудани онҳо дар мубориза бар зидди ин иллатҳо талаб карда мешавад. Дар ин маъракаҳо забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират хизмат мекунад. Забони англисӣ инчунин воситаи мубориза баҳри ҳифзи сулҳ дар ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф аҳамияти махсус дода қайд намуданд, ки Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди босуботи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, русӣ ва англисӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуд.

Методикаи таълими забони хориҷӣ чун фанни мустақил дар нимаи аввали асри XX эътироф карда шудааст. Барои ташаккул ва тараққиёти ин фан саҳми олимони рус академик Л.В Щерба, профессорон В.Д. Аракин, И.В. Раҳмонов, А.А. Миролюбов, А.В. Монигетти, З.М. Светкова, В.С. Сетлин, И.Я. Зимняя, Г.В. Рогова, И.Л. Бим, С.Ф. Шатилов, Е.И. Пассов ва дигарон бузург аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони англисӣ, забони олмонӣ, забони фаронсавӣ дар тӯли 50-60 соли охир дар мактаби миёна ва дар мактаби олӣ омӯхта мешавад. Имрӯзҳо аҳли уламою омӯзгорон хуб дарк кардаанд, ки барои баланд бардоштани сифати таълими забони хориҷӣ истифодаи усули коммуникативии таълими забони хориҷӣ тақозои замон аст (Щерба 1965, Аракин 1977, Рахмонов 1967, Миролюбов 1967, Монигетти 1959, Светкова 1949, Сетлин 1965, Зимняя 1984, Рогова 1991, Бим 1989, Шатилов 1986, Пассов 1991).

Барои тайёр намудани муаллимони забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар савияи баланд таълим додани фанни «методикаи таълими забони хориҷӣ» аҳамияти калон дорад.

Бо вуҷуди он ки ҳар дуи ин забонҳо ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд, дар сохти синтаксисии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд, ки боиси мушкилоти таълим мегарданд. Онҳоро як ба як номбар ва шарҳу таъбир мекунем.

1. Дар ибораҳои исмии забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ муайянкунанда пеш аз муайяншаванда меистад. Муқоиса кунед: along pencil – қалами дароз, alot of difficulties – мушкилоти зиёд, father'stask – вазифаи падар, city library – китобхонаи шаҳрӣ. Вақти таълими ин ҳодисаҳо хонандагонро аз чунин тафовут бояд огаҳ сохт ва тавассути машқҳои мухталиф, аз он ҷумла қолибҳои синтаксисии навъи ***Adj + N*** малакаҳои заруриро ҳосил намуд.

2. Ҷойи саръазоҳои ҷумла низ қисман фарқ мекунад. Бо вуҷуди дар ҳарду забон ҷойи аввалро ишғол кардани мубтадо, хабари забони англисӣ пас аз мубтадо меояд, ҳол он ки ин аъзои ҷумлаи тоҷикӣ мавқеи ниҳоӣ дорад. Муқоиса кунед: The girl opened the door slowly – Духтар оҳиста дарро кушод. Хонанда метавонад ин малакаи забони модариро бо забони англисӣ кӯчонад, ки ин сабаби ғалати дағал мегардад. Барои рух надодани чунин хатогӣ омӯзгорро зарур аст, ки пеши роҳи онро гирад, ки ин тавассути машқ – дастур ва машқҳои гуногуни сохторӣ бояд амалӣ гардад.

3. Ҷойи аъзоҳои пайрави ҷумла низ дар ин ду забон ба ҳадде фарқ мекунад. Билхосса, ҳол дар забони англисӣ бештар дар охири ҷумла меояд, вале дар забони тоҷикӣ он ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Муқоиса кунед: Зимистон имсол хеле хунук буд. – The winter has been very cold this year. Such trees grow in South America. – Чунин дарахтон дар Амрикои Ҷанубӣ месабзанд. Ин тафовут низ боиси сар задани хатоҳо дар нутқи англисии хонандагон мегардад. Барои рух надодани онҳо омӯзгор бояд ба ин номувофиқӣ таваҷҷуҳи шогирдонро ҷалб намуда, машқҳои муносибро ташкил намояд ва истифода барад.

4. Ҷойи пуркунанда низ андаке фарқ мекунад, ки ин ба муайян ва номуайян будани предмете, ки пуркунанда онро номбар мекунад, алоқаманд аст. Дар забони тоҷикӣ пуркунанда ҳангоми предмети шиносро номбар карданаш дар ҷойи дуюм меистад, вале чунин предмет номуайян бошад, пуркунанда пеш аз хабар меояд. Дар забони англисӣ чунин ҷойивазкунӣ ба назар намерасад, балки ин ду навъ пуркунанда баъди хабар истода фақат тавассути ду артикли гуногун сурат мегиранд. Муқоиса кунед: Ҷалил палторо дина харид. – Jalil bought the coat yesterday. Ҷалил дина палто харид – Jalil bought a coat yesterday. Ин тафовут метавонад гоҳо сабаби сар задании мушкилоти азхудкунӣ гардад. Барои рафъи чунин душворӣ бояд омӯзгор қоидаи зикршударо ба шогирдон хотирнишон созад ва машқҳои муносиб гузаронад.

5. Таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ низ барои хонандагони тоҷик як зумра мушкилоти азбаркуниро пеш меоварад. Беш аз ҳама сохти махсус доштани ин навъ ҷумлаҳо садди роҳи азбаркунӣ мешавад. Ҳангоми сохтани саволи умумӣ ҳатман ҷумла бояд бо феъл-хабар оғоз ёбад. Чунин феъл дар як маврид аз ҷойи муқаррарияш (дар ҷумлаи ҳикоягӣ) ба ҷойи аввал мекӯчад, ки ин барои азхудкунӣ андаке осонтар аст. Дар мавриди дигар ин хел феълро бояд худи гӯянда вобаста ба маънои лексикию семантикии феъл-хабари ҷумлаи ҳикоягӣ ва шакли замонию намудии он интихоб намуда, ба ҷойи аввал гузорад, ки ин хело мушкил аст. Ҳамин ду тартиб дар саволи хусусӣ ва қисми аввали саволи интихобӣ, инчунин қисми дуюми саволи ҳамраъйӣ ҳукмфармост. Дар забони тоҷикӣ чунин тартиби саволсозӣ мавҷуд нест, зеро тағйиротҳои зикршудаи морфосинтаксисӣ хосси ин забон намебошад.

1. Саволи умумӣ дар муқоиса бо гуфтори ҳикоягӣ дар ду забон чунин шаклро дорад: Jalil bought the coat yesterday – Did Jalil buy the coat yesterday? Ҷалил палторо дина харид – Ҷалил палторо дина харид(мӣ)?

2. Саволи хусусӣ бошад, тарҳи зеринро дорост: When did Jalil buy the coat? Ҷалил палторо кай харид?

3. Саволи интихобӣ дар ду забон ранги зеринро мегирад: Did Jalil buy the coat or the shoes yesterday? Ҷалил дина палто ё туфлиро харид?

4. Саволи ҳамраъйии ин забонҳо тарҳи зеринро доро мебошад: Jalilboughtthecoatyesterday, didn'the? Ҷалил палторо дина харид, ҳамин тавр мӣ?

Барои таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ, пеш аз ҳама, қоидаву дастурҳои мушаххасро сохтан талаб карда мешавад, то хонандагон интихоби феъли зарурӣ ва шаклу ҷойи онро нағз сарфаҳм раванд. Пас тавассути машқҳои сохторӣ ва табодулӣ малакаи зарурии саволсозиро соҳиб шудани хонандагон зарур аст, ки ин басо мушкилу сердомана аст, зеро он вақти дурудароз ва иҷрои машқҳои мунтазамро талаб мекунад.

6. Дар синтаксиси забони англисӣ ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонидани нутқи айнан нақлшуда нозукиҳои мухталифи лексикӣ ва грамматикии зиёде дорад, ки аз

бар кардани он басо мушкил аст, зеро аксарияти чунин нозукиҳо барои забони тоҷикӣ хос нест. Сарфаҳм нарафтан ба моҳият, вижагиҳои хоссаи забони англисӣ дар ин ҷабҳа ва барои забони тоҷикӣ бегона будани табодулҳои лексикӣ ва грамматикӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда боиси хатогиҳои зиёде мегардад. Баҳри аз байн рабудани чунин ғалатҳо омӯзгорро лозим аст ки:

1) ба хонандагон рӯйхати воҳидҳои лексикии ивазшаванда ва ивазкунандаро диҳад: this–that, these–those, here–there, to day–that day, tomorrow–the next day, yesterday–a day before ва ғайра,

2) дар ҳолати дар шакли замони гузашта ифода шудани феъл-хабари сарҷумла, феъл-хабари ҷумлаи пайрав як зина поён мефарояд, ки инро ба шогирдон фаҳмонидан хеле зарур аст: he goes – he went, he went – he had gone.

3) боҷонишини шахсии мутаносиб иваз кардани ҷонишин-мубтадои ҷумлаи пайравро ба хонандагон шарҳ бояд дод. Барои тавқият додани ин се ҳолат мисоле меорем: John said: Iam busy to day – John said that he was busy that day.

Чунонки дида мешавад: а) ҷонишини “I”, ки ба вазифаи синтаксисии мубтадо омадааст, бо ҷонишини шахси сеюм – “he” иваз карда шуд, зеро мубтадои сарҷумла “John” бо шахси III далолат мекунад; б) зарфи замони “today” ба “that day” табдил дода шуд; в) феъл-бандаки «am» аз лиҳози замон як зина поён фароварда шуд, яъне он бо “was” иваз гардид, яъне аз шакли замони ҳозира ба шакли замони гузашта фароварда шуд. Як зина поён фаромадани шакли замонии феъли англисӣ асоси мантиқӣ дорад, яъне дар гуфтори болоӣ Ҷон ин суханро ба ман дар замони гузашта изҳор кард, яъне он замон Ҷон банд буд, на ҳоло. Нутқи ӯро ҳоло ман ба шунаванда расонида истодаам. Бинобар он, табиист, ки феъли «to be busy» бояд дар шакли замони гузашта оварда шавад.

Агар дар нутқи айнан нақлшуда ин феъл (to be) шакли “was” медошт, он як зина поёнтар фароварда мешуд ва шакли “had been”- ро соҳиб мегардид. Мисол: John said: “I was busy yesterday” - John said he had been busy a day before.

Баъди он ки хонандагон ба моҳияти ин навъ кӯчишу табодулҳо сарфаҳм мераванд, бояд силсилаи машқҳои созмонӣ ва маъноиро гузаронид, ки онҳо оҳиста-оҳиста ба ҳосил шудани малакаҳои зарурӣ замина мегузоранд.

Шояд ки дигар ҳодисаҳои грамматикии забони англисиро, ки дар забони тоҷикӣ муродифе надоранд ё доранду ба ҳадде тафовутҳои шаклӣ ё маънавӣ хоссашон аст, тавассути машқҳои созмонӣ, маънавӣ ва билохир муоширатӣ омӯзонидан талаб карда мешавад.

Барои ба коре, фаъолияте машғул шудан аввал малака ҳосил кардан зарур аст. Муошират низ чи бо забони модарӣ ва чи бо забони хориҷӣ доштани малакаҳои муайянро тақозо мекунад. Малака мафҳуми илми психология мебошад, ки он қудрати иҷрои корест, ки ба воситаи машқ ва такрор ба табиати шахс ҷойгир мешавад. Ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ ва ҳосил кардани малакаи муошират бо ин забон кас бояд протсесҳои муайяни психологияро аз сар гузаронад. Билхосса, ноил шудан ба чор навъи малака талаб карда мешавад:

1) малакаи дарк карда тавонистани нутқи хориҷӣ;

2) малакаи гап зада тавонистан бо ин забон;

3) малакаи хонда фаҳмидани матни хориҷӣ;

4) малакаи навишта тавонистан бо забони омӯхташаванда.

Бо вуҷуди он ки ҳар яке аз ин малакаҳо механизми тавлиду такомули худро дорад, ҳамаи онҳо бо ҳам зич алоқаманд мебошанд, зеро онҳо ба як мақсад - муошират нигаронида шудаанд. Муоширати хонанда пеш аз оғози омӯзиши забони хориҷӣ бо забони модарӣ ҷараён мегирад. Бинобар он, омӯзиши забони англисӣ дар асоси малакаҳои аллакай ҳосилшуда амалӣ мегардад. Механизми ҳосилшавии малакаи муошират бо забони модарӣ бештар ба тақлид асос меёбад, яъне кӯдак аз овони хурдӣ ба модар ва муҳити ҷамъиятии худ тақлид карда, қобилияти муоширатро ба даст меорад, яъне ба малакаи истифодаи забони модарӣ молик мегардад. Ин малака аз ҷузъҳои мухталиф, алалхусус талаффузи фонемаҳо, дарккунӣ ва шинохтану фаҳмидани маънои пайдарҳамии фонемаҳо иборат аст. Пайдарҳамии фонемаҳо гуфта морфема, калима, қолибҳои ибора ва ҷумлаҳоро бояд фаҳмид, зеро онҳо аз пайвастшавии фонемаҳо ва гоҳо фақат аз як фонема ташаккул меёбанд.

Ин чунин маъно дорад, ки бачагони синни томактабӣ фақат аз ду ҷанбаи фаъолияти муоширатии забони модарӣ (шунида фаҳмидан ва ҳарфзанӣ) малака ҳосил мекунанд. Малакаи ду ҷанбаи дигари ин фаъолият (хондан ва навиштан) солҳои аввали таҳсил дар мактаб пайдо мешавад.

Дар ҷараёни омӯзиши забони ғайр ҳосилшавии 4 малакаи зикршуда андаке ранги дигар мегирад. Билхосса, хонандагон то оғози таҳсили ин забон таҷрибаи забонӣ доранд,

яъне онҳо бо туфайли забони модариашон доир ба воҳидҳо, ҳодисаҳо ва қонуниятҳое, ки умуман ба забон хоссанд, мафҳум ҳосил кардаанд. Ин таҷрибаи онҳо ба омӯзиши забони англисӣ ба андозае ёрӣ мерасонад. Вижагии дигари малакаҳосилкунӣ аз забони англисӣ дар он зоҳир мешавад, ки хонандагон чунин малакаро берун аз муҳити ҷамъиятии ин забон ба даст меоранд, ки он аз лиҳози ҳам вақт ва ҳам фазо хеле маҳдуд ва танг мебошад. Бинобар ин, омӯзгор бояд аз дарс самаранок истифода барад ва кори мустақилонаи хонандагонро хуб ба нақша гирад.

Ҳоло мухтасар ба масъалаи таҷрибаи лингвистии хонандагон аз забони модарӣ ва таъсири он ба омӯзиши забони хориҷӣ таваққуф менамоем. Аз лиҳози психологӣ исбот карда шудааст, ки ҳар як фард бо забони модарии худ ё бо забоне, ки онро хуб медонад, фикр меронад, зеро дар байни забон ва тафаккур робитаи ногусастание мавҷуд аст. Бинобар он, дар рафти омӯзиши забони хориҷӣ хонандагон ҳодисаҳои забони ғайрро хоҳ-нохоҳ тибқи қолабҳову қонуниятҳои забони модариашон қабул мекунанд, яъне онҳо ғайриихтиёр забони хориҷиро мисли забони модариашон мепиндоранд. Ин каҷфаҳмӣ сабабгори он мешавад, ки хонанда малакаҳои забони модарияшро ба ҳодисаҳои муродиф ё наздики забони хориҷӣ татбиқ мекунад, ки инро интерференсия ё мудохилаи забонӣ меноманд. Интерференсия – ин дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ ба тамоми сатҳҳои он таъсир (мудохила) кардани малакаҳои истифодаи забони модарӣ аст. Ҳодисаи мазкур метавонад ба забономӯзӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонад. Масалан, хонандагони тоҷик дар оғози таҳсил фонемаи [t]-и забони англисиро чун [т]-и тоҷикӣ талаффуз мекунанд ё вожаи [out]-ро бо тоҷикӣ [аут] мегӯянд. Ё ибораи тоҷикии «дар соли 2008»-ро бо англисӣ чунин ифода мекунад: In year 2008. Чунин интиқоли малакаи забони модарӣ ба раванди омӯзиши забони англисӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин навъ таъсир вақте рух медиҳад, ки воҳиди омӯхташавандаи забони англисӣ вижагиҳои хоссаи худро дорад. Билхосса, дар мисолҳои болоӣ [t]-и англисӣ талаффузи ворагӣ (алвеоларӣ) дорад, ҳол он ки ба [Т]-и тоҷикӣ талаффузи денталӣ (дандонӣ) хос мебошад. Ё худ дифтонги [au]-и англисӣ аз рӯйи тарзи ҳосилшавии худ аз якҷоягии садоҳои «ау»- и тоҷикӣ қуллан фарқ мекунад. Дар мисоли сеюми англисӣ истифодаи вижаи «year» зарурат надорад, ба ҷойи он «2008» қироати хосса мегирад: twentyzeroeight,ё худ two,0,0,eight, на ин ки twothousandandeight.

Ислоҳ намудани ин хел хатоҳо басо мушкил аст. Хонанда ба ҳамон талаффузи [t], [аут] ва «дар соли 2008»-и тоҷикӣ одат кардааст ва тарки одат кардани ӯ амрест маҳол. Рафъи чунин хатоҳо машқҳои махсуси дурударозро тақозо мекунад.

Баробари ҳодисаҳои навъи боло забони англисӣ боз дорои чунин воҳидҳое мебошад, ки онҳо дар забони модарии хонандагон муродифи худро надорад. Ба ин зумра герундий, мубтадо ё пуркунандаи мураккаб, хабари дугона, чор шакли замони оянда ва чор шакли замони оянда аз нуқтаи назари гузашта (Future- in the past tenses), шаклҳои перфект ва перфекти давомдори феъл ва амсоли онҳо дохил мешаванд. Дар рафти омӯзиши ин хел ҳодисаҳову воҳидҳои забони англисӣ интиқоли малакаи забони модарӣ рух намедиҳад, яъне забони модарии хонандагон ба азхудкунии забони англисӣ таъсири манфӣ намерасонад. Як қисми воҳидҳои мазкури забони англисиро (мисли герундий, мубтадои мураккаб-complex subject, пуркунандаи мураккаб-complex object, хабари дугона-double predicate ва ғ.) метавон тавассути қолабҳо таълим дод. Қисми дигари ҳодисаҳои муродифнадоштаро хонандагон бояд моҳиятан сарфаҳм раванд ва тавассути машқҳои маъноию муоширатӣ аз худ кунанд. Чунин азхудкунӣ бе дахолати забони модарӣ ба вуқӯъ меояд. Аз ин рӯ, ин хел мавзӯъҳо нисбат ба мавзӯъҳои навъи якум андаке тезтар аз худ карда мешаванд, ба шарте ки моҳияту маънои онҳоро хонандагон дуруст фаҳманд. Барои мисол метавон шаклҳои перфекти феъли забони англисиро овард. Моҳияти ин воҳиди граматикӣ дар он аст, ки вай амали қаблиеро ифода мекунад, ки характери нисбӣ дорад, яъне амал пеш аз ягон нуқтаи вақт дар гузашта, оянда ва пеш аз лаҳзаи нутқ ба вуқӯъ омадааст ё меояд: Ihadwrittentheletterbysixo’clockyesterday – Ман мактубро дина то соати 6 навишта будам (яъне то соати 6 дар гузашта); Is hall have written the letter bysix o’clock tomorrow – Мактубро пагоҳ то соати 6 менависам/навишта мешавам (яъне то соати 6 дар оянда); Ihavejustwrittentheletter – Ман мактубро ҳозиракак навиштам/навишта шудам (яъне пеш аз оғози нутқ).

Маҳз аз худ кардани моҳияту маънои шакли перфект ба хонандагон имкон медиҳад, ки онро дар нутқи худ истифода баранд. Барои ин онҳо бояд тарзи созмонёбии перфектро низ донанд, ки ин тавассути машқҳои сохторӣ ба даст меояд. Инчунин гузаронидани машқҳои маъноӣ, ки барои дуруст сарфаҳм рафтани маънои ин шакли феълӣ мусоидат менамоянд, талаб карда мешавад. Баъдан гузариш ба машқҳои муоширатӣ қобили қабул аст.

Дар забони англисӣ инчунин воҳиду ҳодисаҳое низ мавҷуданд, ки дар забони тоҷикӣ муродифи худро доранд. Ба ин гурӯҳ шаклҳои Present ва PastContinous, Participle 1 ва

Participle 2, Possessive Case, як зумра пешояндҳо (outo-аз даруни, into-ба даруни, to-ба ва ғ.), пайвадакҳо (and-ва, or-ё, when-вақте ки, if-агар) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Алалхусус чунин муродифоти ҳодисаҳои зикршударо мисол овардан мумкин аст:

To be writing –навишта истодан, (am writing – навишта истодаам, was writing – навишта меистодам ё истода будам), writing – навишта истода, written –навишта шуда, mother'slove – муҳаббати (меҳри) модар.

Ин муродифот бештар дар сатҳи фонетикӣ ва луғавии ин ду забон низ ба назар мерасад. Таваҷҷуҳ кунед ба мисолҳои зерин: [p]-[n], [b]-[б], [h]-[x],[f]-[ф] ва ғайраҳо; jaw – ҷоғ, lip – лаб, mother – модар, daughter – духтар, door – дар, инчунин садҳо вожаҳои байналхалқӣ, амсоли telephone – телефон, sport – спорт, physics – физика, revolution – револютсия ва ғайра.

Аз бар кардани ин навъ воҳидҳову ифодаҳои забони англисӣ барои хонандагони тоҷик басо осон аст, зеро дар ин ҳолат тадбиқи бевоситаи малакаҳои забони модарӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Бояд зикр кард, ки ин осонӣ низ нисбӣ аст, зеро воҳидҳои забон ду тараф доранд: шакл ва маъно. Тадбиқи малака бошад, асосан дар сатҳи маъно рух медиҳад, вале суратгирии маъно дар ҳар забон вижагиҳои хоссаи худро дорад. Алалхусус, замони ҳозираи давомдори феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ амалеро ифода мекунад, ки он дар лаҳзаи нутқ идома дорад. Муқоиса кунед: Snow is still falling – Ҳоло ҳам барф борида истодааст. She is warming her hands at the fire – дастонашро дар назди алав гарм карда истодааст.

Бар хилофи хонандагони рус, ки дар забонашон чунин амал ба шакли махсуси феъл ифода карда намешавад, хонандагони тоҷик моҳияти ин замони феълии забони англисиро ба хубӣ ва осонӣ дарк мекунанд, зеро чунин маънои намудию замонӣ дар забони тоҷикӣ ҷудо карда мешавад. Аз ин рӯ, тадбиқи малакаи забони модариашон ҳангоми азхудкунии чунин маънои грамматикӣ забони англисӣ имконпазир аст. Бо вуҷуди монандии маъно тарзи суратёбии чунин замони феълӣ дар ин забонҳо гуногун аст. Дар забони англисӣ феъли ёвар «to be»-(будан) аст, ҳол он ки дар забони тоҷикӣ ба сифати чунин феъл «истодан» (stand) истифода мегардад. Дар забони англисӣ аввал феъли ёвар меояд, пас феъли асосӣ, вале дар забони тоҷикӣ ҳолати баръакс мушоҳида мегардад. Муқоиса кунед: is warming–гарм карда истодааст, is falling–борида истодааст. Гузашта аз ин, дар забони англисӣ феъли асосӣ дар шакли сифати феълии замони ҳозира истифода мегардад, вале дар забони тоҷикӣ он сифати феълии замони гузашта аст. Муқоиса кунед: falling – борида, warming – гармкарда.

Ҳамин тарафи созмонии Present Continuos-и забони англисӣ аз худ кардани онро андаке мушкил менамояд. Дар ин маврид лозим аст, ки тадбиқи малакаи забони модарӣ рух надиҳад. Мушкилоти аз худ кардани Present Continuous бояд тавассути машқҳои созмонӣ аз байн бардошта шавад, яъне вақтро бештар барои омӯзиши ҷанбаи созмонии он замони феълӣ ҷудо кардан мувофиқи матлаб аст.

Чунонки профессор В.Д. Аракин таъкид кардааст, забони модарӣ дар тӯли тамоми таҳсили забони хориҷӣ меъёрҳои худро ба гардани хонандагон бор мекунад. Он «бор» метавонад хеле сабук, вазнин ва хеле вазнин бошад. Ба зумраи маводи сабук он воҳидҳои забони англисӣ мансубанд, ки бо гуфти В.Д. Аракин, онҳо аз лиҳози моддӣ тафовутнок, вале аз ҷиҳати вазифа шабеҳ мебошанд. Таҳти вожаи «моддӣ» ҷанбаи шаклии ҳодисаи забони хориҷӣ фаҳмида мешавад. Ба маводи вазнин он ҳодисаҳое дохил мешаванд, ки дар забони модарии хонандагон мутлақо муродиф надоранд. Воҳидҳои «хеле вазнин», ба назари мо, онҳое мебошанд, ки дар забони модарии хонандагон шабоҳат ё гунае доранд, вале тафовути моҳиятиашон калон аст. Ҳамин «шабоҳат» гӯё хонандагонро ба иштибоҳ меандозад ва онҳо аз рӯйи одат малакаи забони модариашонро ба ҳодисаи дахлдори англисӣ тадбиқ мекунанд. Дар азбаркунии ин навъ ҳодисаҳои забони хориҷӣ он одат монеаи сахте мегардад ва барои аз байн бурдани он монеа гузаронидани машқҳои дурударозу гуногун лозим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Э. Раҳмонов. Маориф – омили муҳимтарини таҳкими давлат ва нақоти миллат. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар. - Душанбе, 22 декабри соли 2005.
2. Э. Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ ва ба Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 26 апрели с. 2013.
3. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2003.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014». Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. – Душанбе, 2003. - №3.

5. Барномаи омӯзиши забони англисӣ; мураттибон П.Н. Сатская ва П.Ҷ. Ҷамшедов. – Душанбе: Сарпараст, 2003.
6. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. - М., 1989.
7. Беляев Б.В. Методика и психология / Б.В. Беляев. - Иностранные языки в школе, 1963. - №6.
8. Гальперин П.Я. Психология мышления и учение о поэтапном формировании умственных действий / П.Я. Гальперин // Исследование мышления в советской психологии. - М., 1966.
9. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. – М.: АРКТИ, 2004.
10. Гез Н.И. Методика обучения иностранному языку в средней школе / Н.И. Гез и др. - М., 1982.
11. Жинкин Н.И. Механизмы речи / Н.И. Жинкин. - М., 1958.
12. Зимняя И.А. Психологические аспекты обучения говорению на иностранном языке / И.А. Зимняя. - М., 1978.
13. Кубрякова Е.С. Словообразование / Е.С. Кубрякова // Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1990.
14. Леонтьев А.А. Некоторые вопросы обучения русскому языку как иностранному / А.А. Леонтьев. - М., 1970.
15. Лурия П.М. Психологические проблемы, мотивации и поведение человека / П.М. Лурия. - М., 1969.
16. Методика обучения иностранным языкам в средней школе: Учебник / Н.И. Гез, М.В. Ляховицкий, А.А. Миролюбов и др. – М.: Высшая школа, 1982.

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ СИНТАКСИСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МУҚОИСА БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаҳои таълими воҳидҳои синтаксисии забони англисиро дар муқоиса бо забони англисӣ баррасӣ намудаанд. Мақолаи мазкур барои тайёр намудани муаллимони забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва дар савияи баланд таълим додани фанни «методикаи таълими забони хориҷӣ» аҳамияти калон дорад. Ҳар дуи забонҳои муқоисашаванда ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд ва дар сохти синтаксисии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд, ки боиси мушкилоти таълим мегарданд. Онҳо дар мақолаи мазкур як ба як номбар ва шарҳу таъбир карда шудаанд.

Калидвожаҳо: методикаи таълим, муқоиса, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, синтаксис, вижагиҳо, тафовут, монандӣ, малака, психология.

МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ СИНТАКСИЧЕСКИМ ЕДИНИЦАМ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В СОПОСТАВЛЕНИИ С ТАДЖИКСКИМ ЯЗЫКОМ

В настоящей статье авторы рассмотрели проблемы обучения синтаксическим единицам английского языка в сопоставлении с таджикским языком. Настоящая статья имеет большое значение для подготовки учителей в педагогических вузах и в обучении предмета «методика преподавания английского языка». Сопоставляемые языки входят в аналитическую группу языков флективного строя, и в то же время отмечается много сходств и различий в синтаксической структуре этих языков, которые могут стать причиной многих трудностей при обучении. В настоящей статье они подробно описаны.

Ключевые слова: методика преподавания, сопоставление,английский язык, таджикский язык, синтаксис, слова, сходства, различия, опыт, психология.

METHOD OF TEACHING ENGLISH SYNTACTIC UNITS IN COMPARISON WITH THE TAJIK LANGUAGE

In this article, the authors examined the problems of teaching syntactic units of the English language in comparison with the Tajik language. This article hasa great importance for the preparation of teachers in pedagogical universities and in the teaching of the subject "methods of teaching English." Comparable languages are included in the analytical group of languages of the inflectional system, and at the same time there are many similarities and differences in the syntactic structure in these languages, which can cause many difficulties in learning. This article describes in detail each of them.

Key words: teaching methods, compare, English, Tajik language, syntax, words, similarities, differences, experience, psychology.

Сведения об авторах: ***Саидов Халимджон Азизович*** – Таджикский национальный университет, профессор общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-55-22-54**
Асадова Мохчехра Рустамовна – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-23-06-78**

Information about the authors: ***Saidov Halimjon Azizovich*** - Tajik National University, professor of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 935-55-22-54**
Asadova Mohchehra Rustamovna - Tajik National University, assistant of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 935-23-06-78**

УДК: 491.550

АСПЕКТИВИЯТ ДАР ФЕЪЛ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аспективият дар феъл хусусият ва мавқеи худро дорад. Намоён ва муайян гардидани ҳар вазъият ба хусусияти дохилии он вобастааст. Хусусияту табиати ҳар вазъият боис мегардад, ки муқобилгузорӣ ва муқоиса дар феъл бо вижагиҳояш ба назар гирифта шавад. Ин раванд дар таснифоти маъноии феъл саҳмгузор аст. Дар ин ҳолат ҳатмияти муқобилгузории грамматикии феъл бархӯрди бештари «фардият»-и луғат ва «умумият»-и грамматикаро нишон медиҳад.

Ҳанӯз Арасту гуфтааст: «Феъл калимаест, ки маънои замонро низ ифода мекунад ва ҷузъҳои он дар алоҳидагӣ маъноеро ифода намекунанд» ва «…ҳар як гуфтор феъл дорад ва ё тағйири феъл дар замон, зеро гуфтор дар бораи инсон гуфтор нест, то он даме, ки ба он «ҳаст», «буд», «мешавад» ҳамроҳ нашавад» [21, с.82]. Бояд гуфт, ки ҳар замони феъл хусусияти худро дорад.

Дар марзи маъноии аспектуалии феъл вазъияти гуногун дида мешавад, ки дар таснифоти граммемаҳои аспектуалӣ баҳсро ба миён меорад. Ин тақсимбандӣ хеле муҳим аст, ҳарчанд ки на дар ҳар забони табиӣ таққос ва мутобиқати ин ду навъ дида мешавад, аммо дар таҳқиқоти типологӣ ин усул анъанавист ва ба ин намунаи барҷастатарин китоби «Опыт историко-типологического исследования иранских языков» шуда метавонад. Дар ин китоб вижагиҳои феъл, категорияҳои грамматикии он, мавқеъ ва вазифаи онҳо аз давраи бостон то давраи нав дар муқоисаи забонҳои эронӣ хеле хуб матраҳ гардидааст. «Чунончи маводҳои забонҳои эронии давраи миёна шаҳодат медиҳанд, системаи бандакҳои феълии хоси давраи бостон ду хусусиятро: нишон додани замон ва сиға, ду навъи муқобилгузорӣ – анҷомаҳои аввал бо дуюм ва фаъол бо миёнаро аз даст доданд» [11, с.261-262].

Н.Х. Ҳамроалиев дар мавзӯи «Глагольный вид в современном английском и таджикском языках» таҳқиқоти ҷиддие анҷом додааст. Бояд гуфт, ки ҳарчанд ин таҳқиқот, чӣ тавре аз номаш маълум аст, дар асоси муқоисаи ду забон пажӯҳиш шудааст, муҳаққиқ дар фаслу зерфаслҳои алоҳида дар асоси гуфтаҳои муҳаққиқони дигар ва таҳлили бевоситаи худ доир ба маънои грамматикии намуд дар забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолибе баён намуда, таъкид медорад, ки ин падида дар забони тоҷикӣ бояд бештару беҳтар таҳқиқ гардад [15, с.182].

Мавсуф қайд кардааст, ки ин категорияи феълӣ дар забони тоҷикӣ ба таври мушаххас таҳқиқ нашудааст, доир ба ин масъала ақидаи ягона мавҷуд нест, аз ин рӯ, ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст ва ҳамзамон меорад, ки ба ин мавзӯъ аз ҷониби А.З. Розенфелд, дар грамматикаи аввали меъёрии забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ ва бо диди тозаи илмӣ қисман аз тарафи У. Аҳмадова баррасӣ гардидааст ва дар он оварда мешавад, ки таҳлил дар ду таҳқиқ мувофиқи матлаб нест, зеро онҳо дар асоси грамматикаи забони русӣ ин категорияро тасниф кардаанд, ки ба системаи забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад [15, с.3].

Дар ин росто меорад, ки бояд ба инобат гирифт, ки ташаккули категорияи намуди феъл дар ҳамаи забонҳо як хел нест, зеро «категорияи намуди феъл – категорияи грамматикии ифодакунандаи муносибати амал – раванд – ҳолат дар муҳити ҷараёни дохилии худ мебошад» [15, с.18].

Ҳангоми баррасии мушаххаси категорияи аспективияти феъл дар забони тоҷикӣ сайри илмӣ-таърихии аҷибе мекунад.

Н. Берёзин дар «Грамматика персидского языка» намуди муайян ва номуайяни феъли забони форсиро нишон медиҳад. Ҳамчунин дигар муҳаққиқон ба мисли А.А. Боқихонов – муайяну номуайян, В.В. Григорев – номуайяну давомдор; К.Г.Залеман ва В.А. Жуковский – яккарата ва давомдор, В.П. Наливкин – номуайян, муайян, мутлақ, яккарата, бисёркарата, давомдор (ҳатто тарзи бавоситаи феълро намуди бавосита шуморидааст), М. Ҷаъфар – мутлақ; давомдор, Е. Ефимов – номуайян, муайян, яккарата, бисёркарата, мутлақ, П.Е. Кузнетсов – муайян, номуайянро зикр кардаанд.

То солҳои панҷоҳуми асри гузашта доир ба ин категория маълумоти аниқ набуд. Муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ислоҳоти мухталифро мавриди истифода қарор дода буданд. Масалан, И.Д. Ягелло – яккарата, бисёркарата, муайян; Е.Э. Бертелс – давомнок, анҷомёфта, анҷомнаёфта; А. А. Семёнов – анҷомёфта, анҷомнаёфта, бисёркарата, давомнок; О.А. Сухарёва – анҷомёфта, анҷомнаёфта, прогрессивӣ; С.

Арзуманов ва С. Нестеренко – анҷомёфта, умумӣ, анҷомнаёфта, бисёркарата, давомнок, муайян; Д.С. Филот – перфект, имперфект, ҳудуднок, давомдор; Б.Н. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода дар «Морфологияи забони тоҷикӣ» чор намуд – мутлақ, давомдор, давомдори қатънагашта, бисёркарата гуфтаанд. Муайян намудани вижагиҳои ин қабати грамматикӣ аз таҳқиқоти Р.И. Козлов оғоз гардидааст ва мушаххастару амиқтар дар пажӯҳиши А.З. Розенфелд баррасӣ гардидааст. Олими шинохта В.С. Расторгуева ин категорияро чудо намекунад ва гурӯҳи перфектро ба сиғаи алоҳидаи дорои маънои махсуси модалии худ ворид мекунад. Л.С. Пейсиков ба назару андешаи В.С. Расторгуева розӣ намешавад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки категорияи намуди феъли забони тоҷикиро аввалин маротиба нисбатан мушаххас А.З. Розенфелд баррасӣ намудааст, ҳарчанд ки он дар асоси категорияи намуди забони русӣ матраҳ гардидааст ва билохира савол мегузорад, ки категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ мавқеъ дорад ё не? Дар ин росто бо далелу истинод се навъи категорияи намуди забони тоҷикиро дар шаклҳои гуногуни феълӣ бо нақша асоснок намуда, нишон медиҳад: умумӣ, давомдор, перфектӣ.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд бо баъзе нукоти ин пажӯҳиш наметавон розӣ шуд ва дар муқоиса бо забони дигар масъала баррасӣ шуда бошад ҳам, метавон ин таҳқиқотро аввалин пажӯҳиши муфассал доир ба маънои аспектуалии феъли забони тоҷикӣ донист, зеро дар он маъноҳои грамматикие, ки дар ҳудуди аспективият баррасӣ мегарданд, бо далелу истинодҳои мушаххас бо муқоиса дар осори классикон (ҳарчанд мавзӯъ дар доираи забони адабии муосир баррасӣ мегардад) матраҳ гардидааст [15, с.30-51].

Забоншинос П.Ҷамшедов ҳангоми баррасии аспективияти феъл ба таври муқоиса дар чаҳор забон маълумоти муфассали илмӣ медиҳад ва масъаларо бо ибрози нукоти илмӣ бо такя ба гуфтаҳои муҳаққиқони дигар хеле хуб матраҳ мекунад. Мавсуф қайд мекунад, ки аспективият (бояд гуфт, ки дар номи китоб ин истилоҳ зикр нашуда бошад ҳам, дар дохили китоб ҳамчун муродифи «вид» («намуд») мавриди истифода қарор гирифтааст - Г.Ж.) дар забони тоҷикӣ аз аспективияти забони русӣ фарқи ҷиддӣ дорад ва қайд мекунад, ки ҳарчанд муҳаққиқони зиёд вобаста ба матлаби пажӯҳиш ин мавзӯъро ёдрас шудаанд, аммо масъала ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст ва мегӯяд, ки: «намуд чун категорияи грамматикӣ на дар ҳама грамматикаҳои муосири забони тоҷикӣ ҷудо шудааст» [3, с.25]. Муҳаққиқ дар мавриди маънои аспектуалӣ меорад: «Назарияи эътирофшуда доир ба намуд ба қалами Ю.С. Маслов тааллуқ дорад. Муҳим он аст, ки Ю.С. Маслов дақиқан ду хусусияти ин падидаро зикр кардааст». П. Ҷамшедов аввал доир ба муҳити маъноии намуд маълумоти умумӣ медиҳад ва фикрашро бо гуфтаҳои Ю. С. Маслов тақвият дода, истионат меорад: «маъноҳои аспектуалӣ нишон медиҳанд, ки чӣ гуна дар замон куниш ҷараён мегирад ё чӣ хел феъл дар замон муқаррар мегардад. Сухан мушаххас доир ба чунин маъноҳои давомдорӣ, будан\набудани ҳадди дохилии амал ва монанди инҳо меравад» [3, с.26].

Ҳамин тариқ, пас аз баҳсу таҳлили хеле хуби илмӣ ва нишон додани маънои аспективият дар чор забон: русӣ, тоҷикӣ, англисӣ ва шуғнонӣ муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки дар забони тоҷикӣ вобаста ба ин мавзӯъ истилоҳи «хел» (разряд) созгор аст, зеро фақат бо таъсири забони русӣ истилоҳи «намуд» («вид») корбаст шудааст, ҳол он ки ин категория аз категорияи ҳамноми гунаи славянияш аз ҷиҳати шакл ва маъно ба куллӣ фарқ дорад ва исрор мекунад, ки ин масъала таҳқиқи ҷиддиро талаб мекунад [3, с.25-35].

Мавриди зикр аст, ки муҳаққиқ барои тақвияти фикр хусусияти умумии падидаро такя ба гуфтаҳои дигарон меорад, ки мазмунан «вуқӯъ ва ҷараёни амал дар замон аст» (протекание во времени), ки ин хусусияти муҳимми феъли забони тоҷикӣ аст.

Мусаллам аст, ки ҳар забон дорои хусусиёти худ аст, ҳатто забонҳои хеш бо вижагиҳои худ аз ҳамдигар фарқ доранд. Вале ҳангоми таҳқиқоти типологӣ барои нишон додани хусусияти умумии грамматикӣ низ масъала баррасӣ мегардад.

Забоншинос ҳангоми баррасии масъала дар мавриди аспективияти забони тоҷикӣ гуфтаҳои Н.Маъсумиро истионат меорад ва таҳлилро аз рӯйи нишондоди В.С. Расторгуева ва А.З. Каримова мегузаронад ва бояд гуфт, ки ҳангоми баррасии типологии марзи функсионалӣ-маъноии аспектуалӣ вижагиҳои онро дар хулоса бо зикр намудани таърихи ташаккули он дар забонҳои таққосшаванда хеле моҳирона ва мӯшикофона нишон додааст. П. Ҷамшедов ҳарчанд ки истилоҳи «намуд» (вид)-и русӣ ва аспективиятро ба як маънӣ, яъне муродифи якдигар истифода мебарад, ҳангоми омӯзиш муайян мегардад, ки муҳаққиқ ҳамон маънои аспектуалии умумиро дар назар дорад.

Забоншиноси варзида В.А. Плунгян дар китоби «Общая морфология» меорад: «Дар адабиёти илмии типологии русӣ истифодаи истилоҳи намуд дар мусовият бо гунаи славянии намуди давомдору мутлақ анъана шудааст ва истилоҳи аспект барои тасвири муқобилгузории дилхоҳи грамматикии мутааллиқ ба ҳамин муҳити маъноӣ ба кор

меравад (пас, намуди славянӣ, ба таври умумӣ гирем, қисми таркибии апекти универсалӣ маҳсуб меёбад)» [12, с.293]. Номбурда, ки тарҷумони китоби «Курс общей морфологии»-и И.А. Мелчук аст, дар асоси баррасии И.А. Мелчук андешаҳояшро иброз мекунад.

И.А. Мелчук қайд мекунад, ки аспект худ анҷом наёфтан, давом доштани ҷараёни вуқӯи амал мебошад [9, с.70].

Ҳамин тариқ, доир ба таҳқиқи типологии забони тоҷикӣ ва, умуман, доир ба маънои грамматикии аспектуалӣ монографияи П. Ҷамшедов «Семантика видов в русском, таджикском и английском языках»-ро метавон айни замон дар мавриди аспективият дар забони тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик муфассалтарин таҳқиқот ҳисобид. Ҳангоми баррасии аспективият аз диди типологӣ П. Ҷамшедов маъноҳои аспектуалии феъли забони тоҷикиро ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад: маъноҳои миқдорӣ-сифатӣ, дистрибутивӣ, марҳилавӣ (фазисные), натиҷавӣ ва ҳар яке аз онҳо боз ба зергурӯҳҳои дигар ҷудо мешаванд [3, с.36-145].

Забоншинос Саиди Ҳалимиён дар китоби «Феъл» овардааст: «Дар забони тоҷикӣ ҳар як замони феъл намуди феълро ифода мекунад. Пас замону намуди феъл аз шакли грамматикии калимаи феъл ҷудо нест ва шаклҳои феълӣ дар забонамон шаклҳои намуду замон мебошанд, яъне ҳар як шакли феъл ҳам маънои замон дорад ва ҳам маънои намуд» [14, с.41-42].

Ғ. Ҷӯраев ҳангоми баррасии системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ лесикаи феълро аз ҷиҳати сохтор ва маъно таҳлил намуда менигорад: «феълҳои шеваи ҷанубиро аз нуқтаи назари ифодаи амали субъект аз назар гузаронидан ҳам мувофиқи мақсад аст. Ҳарчанд ки ҳамаи феълҳо дорои мафҳуми амалу ҳаракатанд, лекин дар ифодаи тарафҳои конкретии амалиёт на ҳамаи онҳо баробаранд» [19, с.252, 248-260].

А. Ҳасанов дар китоби «Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ» дар баробари дигар унсурҳо перфекти дуюми феъл, шакли хосси ифодаи сиғаи амрӣ, корбурди якҷояи пешвандҳои ҳаме-, ме-, бу- ва ифодаи маънои онҳо, ки «қатъияти иҷрои амал» аст, корбурди махсуси пешванди ме-, ифодаи замони гузаштаи дур тавассути такрори феъли будан ва ҳифозати як тарзи ифодаи замони ҳозираро дар гӯйиши шимолӣ баррасӣ намудааст, ҳарчанд ки дар он ҷо маънои аспективият ё категорияи намуд мушаххас матраҳ нашудааст [18, с.199-212].

М. Н. Қосимова мушаххастар ва бо диди тозаи илмӣ ин масъаларо амиқтар бо далелу мисол матраҳ намудааст ва аз нуқтаи назари диахронӣ нишон додааст, ки маънои мутлақ дар замони гузашта бо кадом шаклҳои замони гузашта ва амали давомдор бо кадом шаклҳои замонӣ ифода мегардад [7, с.217-219].

Ғ. Ҷӯраев доир ба хусусияти феъли забони дарӣ дар фасли «Унсурҳои шаклсози феъл» ифодаи маънои қатъият, давомдорӣ, таъкиди бардавомиро ба таври умумӣ нишон дода, дар фасли «Ифодаи намуд дар феъл» мушаххасан меорад: «ҷараёни амал, одатан вобаста ба натиҷаи фаъолияти субъект дар вақту фазо ба таври мухталиф сурат мегирад: агар дар як маврид феъл аз иҷрои қатъии амал, хотимаи он огоҳ кунад, дар лаҳзаи дигар он ба бардавомии вай ишора менамояд. Чунин таровишҳои феълӣ бо ифодаи намуд муайян карда шудааст. Ба ин маънӣ феълҳои забони дарӣ ба ду намуд – **намуди мутлақ** ва **намуди давомдор** (истимрорӣ) мебошанд» [20, с.217-219].

Чуноне ки гуфтем, дар забоншиносии Аврупо ва рус баррасии ин масъала густурдатар аст. Махсусан, дар забоншиносии рус доир ба муқобилгузории маънои аспектуалӣ, навъҳои маънои аспектуалӣ, тарзи ифодаи маънои аспектуалӣ, ифодаи маънои аспектуалии феъл дар забони русӣ ва муқоисаи он бо забонҳои дигар таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст. Дар таҳқиқи ин бахш метавон А. В. Бондарко, Ю.С. Маслов, А.М. Пешковский, М.Я. Гловинская, М. А. Шелякин ва дигаронро пешсаф шуморид.

М.А. Шелякин дар ин мавзӯъ чунин менигорад: «Муҳити семантикии аспективият ҳанӯз ҷудо ва муайян нашудааст. Одатан ин падида ба таври васеъ ҳамчун ифодаи навъҳои (типы) ҷараён ва муқаррар шудани амал дар замон – марҳила (оғоз, давомнокӣ, анҷом), интенсивият, давомдорӣ, мутлақият, мақсаднокӣ, динамикӣ, перфективият ва ғ. шарҳ меёбад» [22, с.17-18]. Ҳамзамон дар ин маврид зикр мекунад, ки ин ба гуфтаҳои А.М. Пешковский доир ба «вида вообще» тақрибан баробар аст. Ҳамчунин типҳои маънои аспектуалиро на ба маънои васеяш нишон дода, қайд мекунад, ки Ю.С. Маслов астективиятро ба маънои васеяш ба ду қисмат ҷудо мекунад: сифатӣ ва миқдорӣ, ки онҳо боз дар навбати худ ба зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд [22, с.18-21].

Ю.П. Князев дар «Грамматическая семантика» ба таври хеле муфассал ва бо диди нави илмӣ аввал маънои грамматикиро дар муқоиса бо маънои луғавӣ, принсипҳои тасвири маънои грамматикӣ, дараҷаҳои муқоиса, маънои феълҳои рабтию нафсӣ, категорияи маъноии намуд ва замон, мавқеи сифати феълиро дар семантикаи грамматикии забони русӣ аз диди типологӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад [5].

Ҳамчунон ки зикр кардем, муаллифони монографияи «Опыт историко-типологического исследования иранских языков» қонуният ва раванди умумии забонҳои эрониро дар масири бозсозии типологии онҳо аз сохтори синтетикӣ, ки мансуби давраи бостонист ва аналитикӣ, ки хосси давраи нав аст, таҳқиқ намуда, дар ҷилди дуюми рисола дар радифи дигар вижагиҳои феъл ба масъалаи мавриди назар низ сайри таърихӣ намудаанд: «Дар аксарияти забонҳои эронӣ системаи феъл дар муносибати байни шаклҳои феълӣ хусусияти намуд-замонро дар маҷмӯъ инъикос мекунад, яъне ҳар як шакли феълӣ маънои замон ва намудро дар алоҳидагӣ не, балки якҷоя ифода мекунанд ва вобаста ба ин ҳамон як шакли феъл вобаста ба хусусияти намуд ва бо шакли дигараш вобаста ба хусусияти замон таққос мегардад» [11, с.337]. Ҳангоми баррасии мавзӯъ аввал ба таври умумӣ дар забонҳои хеш масъаларо матраҳ намуда, зина ба зина тадриҷан ба мушаххасот рӯ меоранд. Ҳамчунин қайд мегардад, ки «тақрибан дар ҳамаи забонҳои эронӣ дар шаклҳои замонии феъл бо ин ё он андоза маънои намуд дида мешавад. Баъзан ҳамин шаклҳо маънои замонро ба зинаи дуюм фароварда, дар ифодаи маънои намуд пешсаф мегарданд. Аслан маънои намуд нисбат ба замон муҳити васеътареро дорост: анҷомёбӣ, оғозшавӣ, натиҷавӣ, давомдорӣ, бисёркаратаӣ, маъмулӣ, давомдорӣ дар лаҳзаи замони муайян, интенсивият ва м.и. Ҳамаи ин ва дигар хусусиёти ҷараёни амал шаклҳои гуногуни намуди феълро ба вуҷуд оварда, ба системаи феъли забонҳои эронӣ таъсиргузор буданд ва ҳоло ҳам метавонанд таъсиргузор бошанд» [11, с. 338]. Дар баробари дигар забонҳои эронӣ тағйироти системаи аспективияти феъли забони тоҷикӣ низ нишон дода шудааст. Ҳамзамон заъфшавии ифодаи навъҳои классикии ин система ва муқобилгузории онҳо, пайдоиши навъҳои нав ва тарзи ифодаи онҳо зикр гардидааст [11, с.386-397].

Забоншинос Ю.П. Князев мегӯяд, ки «Мавҷудияти алоқаи наздик миёни категорияи намуд ва замон дар феъл аниқ аст ва ба ҳеҷ асосноккунӣ ниёз надорад. Дар ин муносибат маъмулан чунин баён созгор аст: «маълум аст, ки категорияи грамматикии нисбатан ба намуди феъл наздик категорияи замони феъл аст»» [5, с.384].

Муҳаққиқини забони форсӣ дар мавриди категория ва маънои грамматикии аспектуалӣ андешаҳои мухталиф иброз намудаанд. А.Ю. Рубинчик қайд мекунад, ки феъл дар забони форсӣ амалу ҳолатро ҳамчун раванд тавассути категорияҳои грамматикии тарз, сиға, замон, шахс, шумора ифода мекунад. Ин категорияҳо, ки ифодакунандаи ҷараёни амал дар замон, муносибати амал ба фоил ва мафъул, муносибат бо лаҳзаи нутқ, тасвири амал ё ҳолат буда, ҳамчун раванд бо маънои хабар, гумон, хоҳиш, тасдиқ ё инкор дар ҷумла таҷассум меёбанд ва аз сабаби дар дастури забони форсӣ ҷудо нагардидани категорияи намуд, маҳз шаклҳои гуногуни се замон қобилияти ифодаи маънои давомдорӣ, якқарата, бисёркарата, натиҷа, анҷом ва анҷом наёфтани амалро доранд [13, с.818].

Аҳмад Шафоӣ дар китоби «Сохтори дастури забони форсӣ» қайд мекунад, ки дар баробари дигар забонҳо дар забони форсӣ категорияи грамматикии аспектуалиро метавон ҷудо кард, зеро дар он воситаҳои ифодаи ин категория мавҷуд аст. Ҳарчанд ки дар феъли забони форсӣ категорияҳои грамматикии тарз, замон, сиға, шахсу шумора пазируфта шудааст, ҳангоми омӯзиши амиқу дақиқ метавон дарёфт, ки дар ин забон категорияи ифодакунандаи маънои грамматикию семантикии маънои аспектуалӣ ё худ маънои тариқи ҷараёни амал дар замон давомдорӣ, такрорёбӣ, оғоз ва анҷоми ҳудуди иҷрои амал ва м. и. дида мешавад. Барои баррасии мавзӯъ шаклҳои замони гузаштаи одӣ ва замони гузаштаи давомдорро муқоиса намуда, қайд мекунад, ки дар замони гузаштаи наздик ё одӣ агар асоси феъл нишондиҳандаи ин навъи маъно бошад, дар замони гузаштаи давомдор пешванди ме- аст ва ин пешванд тобиши маънои давомдорӣ ва такрорёбии иҷрои амалро медиҳад. Пас, пешванди ме-ро ҳамчун нишондиҳандаи категорияи аспективӣ метавон ҳисобид ва дар забони форсӣ ҳамчунин категорияи намуд, ки намудҳои ҷараёни амалро дар замон ба монанди давомдорӣ, якқаратаӣ, бисёркаратаӣ, такрорёбӣ, анҷомёбӣ ва анҷом наёфтани амалро ифода мекунад, мавҷуд аст [16, с.819]. Хусрав Фаршедвар зикр мекунад, ки намуд қобилияти грамматикии феъл барои ифодаи маънои ҳудуд, беҳудудӣ, комил, нокомил, такрорёбӣ ва натиҷа дар замон ба кор меравад. Аз ин нуқтаи назар феълро ба панҷ намуд ҷудо мекунанд: номуайян ё мубҳам, ки дар он ҳудуди номуайянӣ маълум нест, ҳудуд, анҷомёбӣ ва анҷом наёфтани амал, давомдории амал, ки дар лаҳзаи муайян вуқӯъ мегардад [16, с.820].

Воҳидиён Комёр аз нуқтаи назари аспектологӣ феъли забони форсиро ба се гурӯҳи калон, марҳилавӣ, давомдор ва давомдори лаҳзаӣ ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи аввалу феълҳои шикастан, афтидан, мурдан; ба гурӯҳи дуюм феълҳои хӯрдан, навиштан, сохтан, бофтан; ба гурӯҳи сеюм феълҳои хобидан, истодан, нишастан, монданро ворид менамояд [16, с.820].

Эстоҷӣ барои ифодаи маънои аспективият нақшаи марҳилаи ҷараёни амалро дар замон меорад: АВ……..С……..DE ва чунин шарҳ медиҳад: А то марҳилаи иҷрои амал,

В оғози иҷрои амал, С раванди иҷрои амал, D анҷом ва натиҷаи иҷрои амал, Е баъд аз анҷоми амал. Дабир Муқаддам қайд мекунад, ки ғайр аз ин дар забони форсӣ ифодаи маънои ҷараёни иҷрои амал бо роҳи аналитикӣ низ сурат мегирад.

Гулфом ба ин масъала вобаста ба семантикаи феъл дахолат мекунад. Мавсуф ду навъи маънои аспектуалӣ давомдор ва марҳилавиро ҷудо намуда, мекӯшад аз як тараф, алоқаи бевоситаи байни маънои анҷомёфта – марҳилавӣ ва аз тарафи дигар, маънои анҷомнаёфта –давомдорро нишон диҳад. Ба андешаи эшон агар дар амал ҳар қадар маънои марҳилавӣ, маҳдудияти ҳудуди амал бештар бошад, ба намуди мутлақ ва ҳар қадар иҷрои амал давом ёбад ба намуди давомдор мерасад. Ӯ маънои аспективиро ба луғавӣ ва грамматикӣ ҷудо мекунад.

Шарқшиноси варзида Комри аз нуқтаи назари маънои грамматикӣ ба чунин хулоса меояд, ки дар забони форсӣ намуди анҷомёфта ва давомдор мавҷуд аст ва аспективият бо замон алоқаи қавӣ ва зич дошта, тавассути шаклҳои мухталифи намудӣ-замонӣ ифода меёбад ва нишондиҳандаи маънои давомдорӣ пешванди ме- аст, ки тобиши маъноии раванд, давомдорӣ, такрорёбии иҷрои амалро ифода мекунад [16, с.820].

Муҳаққиқи ҷавон Р. Ҳазанзода дар мақолаи хеш меорад: «Солҳои ахир кулли забоншиносони забони муосири форсӣ ба намуд ва маъноҳои он бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, аммо ҳанӯз ҳам масоили ҳалталаби аспектологияи забони форсӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, зимни масъалаи категорияи намуд ва масоили марбут ба он дар забоншиносии муосир андешаҳои гуногун ва мухталиф пайдо шудаанд» [16, с.819].

Чунонки мебинем, мавзӯи маънои аспектуалӣ дар забони форсӣ низ ҳанӯз ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст ва андешаи олимон пиромуни ин масъала гуногун аст, яъне бархе мавҷуд будани категорияи грамматикии аспектуалиро тамоман рад мекунанд ва зикр мекунанд, ки маъноҳои аспектуалӣ тавассути шаклҳои замонӣ ифода меёбанд, аммо бархе вобаста ба маънои луғавӣ аспективияти феълро нишон доданӣ мешаванд ва бархе дигар қайд мекунанд, ки категорияи аспектуалӣ бо замон қаробати зич дорад ва доштани намуди мутлақ ва давомдори онро эътироф менамоянд.

Баъд аз чунин баррасӣ метавон чанд нукотро зикр кард. Бо вуҷуди он ки ин масъала дар забони тоҷикӣ мисли дигар забонҳо (махсусан забони русӣ) матраҳ нагардидааст, марзи функсионалӣ-маъноии аспективият (ҳарчанд ҳадду ҳудуд ба пуррагӣ муайян нашудааст) дар забони тоҷикӣ мавқеи худро дорад.

Ҳарчанд ки ба таври системавӣ ин маънои грамматикӣ таҳлил нагаштааст, бо ҳар роҳу усул вижагиҳои зиёди он нишон дода шудааст. Муҳим он аст, ки ин маъно дар ниҳоди феъл ҷо дорад, ҳарчанд ки дар ифодаи типи баъзе маъноҳо нишондиҳандаи грамматикӣ дар ин маврид бо мурури замон мавқеяш танг шудааст ё ҷояшро ба дигар нишондиҳанда додааст. Дар ҳар сурат ҳам дар давраи бостон, ҳам дар давраи миёна ва ҳам дар давраи нави таърихи забони тоҷикӣ маънои грамматикии аспектуалӣ бо намудҳои худ бо роҳҳои гуногун ифода ёфтааст. Агар дар давраи аввал асосҳо ва воситаҳои ёрирасон барои ифодаи ин маъно бештар саҳмгузор бошанд, дар ду давраи охир бо сабаби бо роҳи дигар ба вуҷуд омадани асоси перфект, аз байн рафтани анҷомаҳои дараҷаи дуюм, пайдоиши сохти аналитикии феъл нақши ифодаи ин маъно дигар гашт.

Нукоти дигар мавриди зикр аст, ки замону намуд бо ҳам омехта шуда, аспективиятро ба вуҷуд меоранд, зеро агар ба ин сурат намебуд, шаклҳои замонӣ бо истилоҳоти гузашта, ҳозира, оянда, ҳозира-оянда, мутлақ, давомдор, нақлӣ, гузаштаи дур, гузаштаи дури муайян, гузаштаи истимрорӣ…, ки ҳар яке нишондиҳандаи грамматикӣ доранд, ифода намегаштанд.

Муҳаққиқони зиёди забони тоҷикӣ М. Фозилов, Н. Беҳбудӣ, Л.П. Смирнова, А. З. Розенфелд, В. С. Расторгуева, А.А. Каримова, Б. Сиёев, Д.С. Филот, Р. Ғаффоров, Б. Шарифов, Н. Маъсумӣ, М.Н.Қосимова, С. Ҳалимов, С. Сабзаев, Д. Хоҷаев ва дигарон вобаста ба матлаб ва мақсади пажӯҳиш ба ин ё он хусусияти категорияи намуд бо нишон додани вижагии хосси ин падида дар феъли забони тоҷикӣ дахолат намудаанд [1, с.4,6;7;14;15;17;18].

Дар равиши таҳқиқу омӯзиш метавон қазоват кард, ки маънои аспектуалӣ бо хусусияту тарзи ифодашавии хос дар забони тоҷикӣ вуҷуд дорад ва дар асоси «намуд»-и забони русӣ матраҳ кардани он ғалат аст.

Ва ин гуфта, ки «дар форсии бостон миёни феълҳои замони гузашта (мутлақ) ва замони гузаштаи давомдор фарқияти сохторӣ дида намешавад ва маънии онҳоро метавон аз баррасии маънии ҷумла дарёфт» [21, с.134], шояд каме шарҳталаб бошад, зеро «созмонёбии шаклҳои гуногуни феъл дар заминаи асосҳои замонӣ ва сиғавӣ бо пайвастшавии бандакҳо ва аффиксҳо сурат мегирифт» [10, с.41] ва «системаи эронии бостон бо доштани се асоси намудӣ (видовых основ): презент (ифодакунандаи амали давомдору бисёркарата), аорист (ифодакунандаи амали яккаратаю анҷомёфта) ва перфект

(ифодакунандаи амали натиҷавӣ ва ҳолат бо алоқамандии натиҷаи амал), ки аз онҳо шаклҳои замонӣ – индикативӣ ва сифати феълӣ ба вуҷуд омаданд, махсусият дошт. Ин система, аллакай, дар давраи бостон завол ёфта, муқобилгузории асосҳо аз байн рафт ва барои ифодаи маънои натиҷавӣ сифати феъли бо -ta ва таркибҳо бо онҳо, ки вазифаи перфектро ба худ гирифтанд, истифода мешуданд. Дигар шаклҳои қадима, махсусан имперфект боқӣ монд» [11, с.404-405].

Яъне аспективияти феъл дар забонҳо гуногун аст, аммо он моҳияти ягона дорад, ки он муайян кардани вазъият аз ҷиҳати характери вуқӯи ҷараёни он дар замон (давомдорӣ, такрорёбӣ, натиҷа ва монанди инҳо) мебошад. Аспективият аз категорияи замон ва таксис бо он фарқ мекунад, ки аспект бо муносибати берунии вазъияти баамаломада, яъне «нуқтаи сарҳисоб» («точка отсчета») алоқаманд нест. Аспект вазъиятро дар дохил (дар динамикаи вазъият) нишон медиҳад. Аз ин ҷост, ки пештар муҳаққиқон аспектро маҷозан «вақти ботинӣ» номидаанд. Аспективият имкон медиҳад, ки як вазъият гуногун намудор гардад ва ин ё он марҳилаи ба гӯянда муҳим ҷудо карда шавад. Худи ҳамин имконият барои чунин интихоб на ҳамеша намоён, потенсиали модалии категорияҳои аспектуалӣ, ки фардияти мавҳумӣ, ниҳониро дороянд, падид меояд ва ин хусусиятро маънои худи истилоҳи аспект, ки «нигоҳ», «нуқтаи назар», «тариқи дид» мебошад, нишон медиҳад. Пас, маънои аспектуалӣ ҳамчун навъи маънои грамматикӣ типҳои худро дорад ва тақозо мекунад, ки барои равшан гаштану нишон додани хусусият ва мавқеи он дар низоми семантикаи грамматикӣ типҳои маънои аспектуалии феъл нишон дода шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. – С.231-235.
2. Гловинская М.Я. Семантические типы видовых противопоставлений русского глагола / М.Я. Гловинская. – М.: Наука, 1982. – 256 с.
3. Джамшедов П. Семантика видов в таджикском, русском, английском языках: монография / П. Джамшедов. - Душанбе, 1989. – 173 с.
4. Хоҷаев Д. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. Хрестоматия / Д.Хоҷаев, Н. Қурбонов, О.Додаров. – Душанбе, 2017. – 320 с.
5. Князев Ю.П. Грамматическая семантика. Учебник / Ю.П. Князев. – Москва, 2007. -702 с.
6. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. Ҷ.1.– 492 с.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. -Душанбе, 2016. -Ҷ.2.-238 с.
8. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 65.
9. Мельчук И.А. Курс общей морфологии. Т.II / И. А.Мельчук –М.: ЯРК, 1998. – С.70.
10. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. –Душанбе, 2003. – 152 с.
«Семья» в шугнанском называется «Буна», может быть использовано также в смысле «двор», дом или хозяйства и т.д. Абулкасым Фирдоуси использует это слово в том же значение. «*Чу Симург бачча шуд гурустна, Ба парвоз бар шуд баланд аз буна»*. В таком же значении оно используется и в «Таърихи Бадахшон». «*…донист, ки буна, яъне ахли аёл аз кутал гузашта ба манзил расиданд»* [20, с.174]. Кроме того, в некоторых местах Шугнана и Рушана для выражения смысла семьи используется слово «***пахли***»или *пахлав* (заимствованное из

перс.тадж.-*пахлу*-сторона). Например, «*Тар тама* ***пали*** *гал свет нисто*?» (В вашем доме пока не включили свет?». Для выражения понятие «родители» (*волидайн*-ар) используются слова– ***dodatnan-додатнан*** (в шугнанском) и pidatmod ***-пидат мод*** (в рушанском).

Если провести исторические параллели, то понятие сын, т.е. слово ***писар***(в тадж-фарси) в шугнанском выражается словом-***puts,***древнеарийском-***pudr'a,***в древнеперсидском-***putsa,***в авестийском- ***pisar,*** в среднеперсидском-***pus***-сын, а шугн. брат-**vrod** в средне персидском - ***brad,*** шугнанское слово ***yax*** (сестра) всреднеперсидском выражается как созвучное с последними как - ***xwah.***

В историко-сравнительном аспекте, английское слово ***brother - брат*** в таджикско-персидском - ***бародар*** в шугнанско - рушанском выражается как ***«vrod»*** (или***вируд***), а в горзонтальном и историческом сравнении с другими индоевропейскими языками данное значение выражается следующим образом: в старо персидском-***bratar***, авестийском - ***bratar,*** согдийском - ***br't,*** балуджском - ***bras,*** курдском - ***bera/bera'***, талышском - ***bo/boa***, осетинском - ***arvada***, пашту - ***wror,*** немецком - ***bruder***, армянском - ***eybayt***, латинском - ***frater,*** старо индийском - ***bhratar,*** греческом - ***upatar***, польском - ***brat***, чешском - ***bratz,*** русском - ***brat***, ирландском - ***brathis*** и т.д. Из приведенного списка видно, что вся предложенная терминология в своей основе одинакова и данное выражение в разных языках имеет общие корни.

Одна из проблем, поставленная и разъясненная **де Соссюром** – это какой звук должен был быть в основе индоевропейского языка, который породил все другие формы? Нужно признавать тот факт, что в процессе истории происходит фонетическое преобразование, многие звуки заменяются местами, преобразовываются, как уже было отмечено, по непонятным фонетическим правилам, П превращается в Ф или Х (ейч). Но часто корневые слова не всегда остаются в словарном запасе каждого родственного языка, часто взамен им появляются совершенно новые слова, например, слово «отец»\ в русском языке, которое имеет совершенно другое происхождение, чем, первоначальное слово «***nana***»- «***падар***» (падре), но они остаются в другой форме, в составе других слов, а иногда в говорах, или в детском лексиконе. Дело в том, что языки не остаются всегда в своей исторической форме, многие из них по различным причинам исчезают, или обогащаются за счет слов и терминологии других соседствующих языков, и это закономерный процесс. Однако, несмотря на такой динамизм языка, в нем еще можно обнаружить какие-то корневые компоненты словарного запаса определенного языка и группы языков, которые могут нам рассказать об общей истории или генетике языка и языковой семьи. Вполне возможно, что в корневых системах современных языков сохранились морфические системы прошлого. Это можно увидеть в сравнительном анализе: слово ***падар (отец)*** в языке санскрит звучит как ***pitr,*** староперсидском - ***pitar/pita***, в авестийском ***-pitar***, староиндийском-pitar-, в языке готов и английском - ***father***, в германском и шведском–***fadar, vater***, латинском-pater, в хутанско-сакском - ***pitar***, в среднеперсидском – ***pit/d***, ***pidar***, ***pita***; в армянском - ***haiz***, на курдском - ***pier*** , в пушту - ***pitar*** [10, 60-68], а в рушанском- ***pid***. В шугнанском языке слово **отец**- падарро выражается наравне с известным ***мат*** (tat)еще и как ***дод (dod***), созвучное с английским ***-dad, dady***– (дэди ё дэд), а в некоторых районах северного и южного Таджикистана – дада (***dada)***. Аналогично этому слово **"*мать*"** (мама) в индоевропейском - **mate(mater)**, во многих индоевропейских языках фонетически почти одинаково звучит: в староперсидском - ***matar/mata/mot***, в авестийском - ***matar,*** в среднеперсидском - ***mat/matar***, сакском - ***matar***, в пахлавийском - ***matar***, рушанском - ***mod***, балуджском - ***mat***, талышском - ***mo***, пушту - ***mor***, осетинском - ***mad***, албанском - ***motre***, ирланском-английском - ***mother***, в диалектах англ.яз. - ***mamy***, греческом - ***mater***, хинди - ***matar.*** Что характерно для всех этих терминов родства – это индоевропейские суффиксы ar, tar, d-t; [10, с.60-68]. Следовательно, речь идет не о простом заимствовании, а о глубоких исторических корнях этих языков и их носителей, что еще не было отмечено лингвистической наукой.

Нужно отметить, что индоевропейские языки далеко ушли от про языка в силу разных исторических условий и политических обстоятельств. В средние века таким важным фактором формирования понятий и терминов стала религия. Для европейских языков это был сначала греческий, потом латинский, а для евразийского Востока- арабский. На язык сильный отпечаток наложили военные вторжения, миграция, а также экономические и культурные отношения. По этой причине определенный процент кровнородственной терминологии таджиков и других ираноязычных этносов Центральной Азии (Мавераннахр и Хорасан) сегодня составляют арабские (***амак, ама*** и др.), а также тюркские слова (***тагои, ота***).

При изучении лексикологии или терминологии родства и вообще языка было бы правильным использовать методологию Бодуэна де Куртенэ, который в исследовании языка не замыкался в рамках лингвистики. Бодуэн де Куртенэ считал, что при анализе языка мы должны опираться на достижения психологии и социологии, что полное исследование языковых

факторов невозможно без обращения к данным этнографии, истории культуры, археологии и других наук [3, 371]. Все это правда, если применить междисциплинарный подход в исследовании памирских, ягнобских (живой диалект согдийского) и др. восточноиранских языков, которые еще живы, но находятся на гране исчезновения, и они могут быть полезны для обнаружения первоэлементов и основ «праязыка». Классифицируя лексику родства в таджикском в сравнении с английским языком и затрагивая ее этимологию, мы не ставили задачей детальное описание происхождения языков, - это дело историков языка, которые определяют родство языков, исходя из сравнительно-исторического метода. Мы фокусируем наше внимание на сравнительной лексикологии, показываем близость и различие данных языков, чтобы облегчить преподавание.

Подытоживая этот материал, можно констатировать, что изучение живых языков восточноиранских народов важно для поиска индоевропейского праязыка. Мы уже потеряли многие автохтонные древнеиранские языки в Центральной Азии, такие как согдийские, бактрийские и хорезмийские языки, поэтому надо бдительно следить за тем, чтобы не исчезли последние лингвистические языковые артефакты таджикского этноса в Центральной Азии, т.е. упомянутые восточноиранские языки. Речь идет о еще живых, но официально бесписьменных языков, таких как ягнобский и памирские языки. Нам кажется, что прав был Фердинанд де Соссюр, который говорил, что язык вне речевой деятельности индивидов не существует, «*это не организм, это не растение, существующее независимо от человека, он не имеет своей собственной жизни, своего рождения и смерти*». Тем не менее, изучение речевой деятельности следует начинать именно с комплексного изучения языка как основания всех явлений речевой деятельности (15.39).Надо фиксировать существующую фонетику живых памирских и др. языков, фиксировать их лексику и найти параллелизм с близкородственными языками независимо от того, являются ли они восточными или западноиранскими. Дело в том, что определить или восстановить языки-предки нужно комплексно, не только на основании лексического анализа родственных слов. Здесь нужно использовать и фонетику, фонологии, этнолингвистику, историю языка и т.д. Это дело неимоверно трудное, тем более, когда речь идет о таком праязыке, как индоевропейский, т.к. здесь можно говорить лишь приблизительно. Но важнее всего, так это двигаться в этом направлении, как это делают многие историки языка. Иногда народы и культуры мира имеют сходства, которые не всегда и сразу бросаются в глаза, поскольку люди под влиянием разных факторов, иногда до неузнаваемости могут менять свои языки и культуру. Языки рождаются и умирают, так же как и их носители – люди. Но при этом, возможно, каждый язык содержит в себе код культуры каждого народа, который еще предстоит расшифровать и что служит путеводной звездой для будущего поколений.

Заключение. Фердинанд де Соссюр, величайший лингвист нашей эпохи, еще в 19 веке ставил задачу перед лингвистами заниматься поиском праязыка индоевропейцев. Дальнейшие исследования показали правильность методологии де Соссюра и де Куртенэ – нужно исследовать живые языки, не только старые, письменные. Каждый язык как социальное явление существует, пока на нем говорят, язык связан с духом народа, а словарный состав языка – это и есть контур, карта этого духа, насколько широко и глубоко она простирается. Живые восточно-иранские языки Таджикистана и дух этого народа связаны, они важны для современного таджикского общества и таджикской нации: многим было бы интересно узнать, как в языке выражаются культурный код народа, необъяснимые пласты культуры. Подчеркивая связь и тождественность языка и "народного духа", эта связь "*остается для нас необъяснимой тайной*" (5:397).Язык есть «*промежуточный мир*» между человеком и природой (миром). Знание многих языков не препятствует развитию языков, развитию мышления, а наоборот, способствует всестороннему развитию молодого поколения таджикской нации. А изучение близкородственных языков может служить взаимопониманию и единству нации, а также более тесному международному сотрудничеству.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ашурмамадова У. Этимологический и фонетические аспекты сравнительного анализа лексического ряда «падар», «писар» - «бародар» с английскими эквивалентами / У. Ашурмамамадова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – Душанбе: Сино, 2014. - С.144-149.
2. Бодуэн де Куртенэ И.А. О смешанном характере всех языков / И.А. Бодуэн де Куртенэ // Избранные труды по общему языкознанию. - М., 1963. - Т.1. - 384 с.
3. Бодуэн де Куртенэ И.А. Избранные труды по общему языкознанию / И.А. Бодуэн де Куртенэ. - М., 1963. - Т.1. - 384 с.
4. Гайденко П.П. Прорыв к трансцендентному: новая онтология XX века / П.П. Гайденко. - М.: Республика, 1997. - 495 с.
5. Гумбольдт В. Избранные труды по языкознанию / В.Гумбольдт. - М.: Прогресс, 1984. - 397 с.
6. Зарубин И.И. Шугнанские тексты и словарь / И.И. Зарубин. - М.-Л., 1960. – 388 с.

7. Зарубин И.И. Бартангские и рушанские тексты и словарь / И. И. Зарубин. -М.,-Л.: Изд. АН СССР, 1937. - 95 с.
8. Зограф Г. А. Морфологический строй новых индоарийских языков / Г. А. Зограф. -М., 1976, -С. 40.
9. Общее языкознание. Формы существования, функции, история языка. -М., 1970, -С. 296-297.
10. Муродова С. Муқоисаи вожаҳои хешутабори дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, №4-6, 2014. -С.60-68.
11. Лазар Ж. Общий язык иранских земель и его диалекты по текстам X-XI вв / Ж. Лазар // Народы Азии и Африки. - 1961. - № 4. - С.65.
12. Типологическая классификация языков // Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1990. - С.511-512.
13. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. - М., 1960. - С. 262-283.
14. Фердинанд де Соссюр. Курс общей лингвистики / Фердинанд де Соссюр. - М.: Едиториал УРСС, 2004. - С.39.
15. Фердинанд де Соссюр Заметки по общей лингвистике / Фердинанд де Соссюр; пер. с фр. Б.П. Нарумова. - М.: Прогресс, 1990. - С. 44.
16. Щерба Л.В. Бодуэн де Куртенэ И.А. и его значение в науке о языке / Л.В. Щерба // Русский язык в советской школе. – 1929. - № 6. - С. 66.
17. Эдельман Д.И. Еще раз о критериях историко-генетической классификации иранских языков / Д.И. Эдельман // Забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1984. - С. 40-41.
18. Grierson G. A. "Language" and "Dialect". - In: Linguistic survey of India (ed. by G. A. Grierson) / G.A. Grierson. - Calcutta, 1927. - V.I. - Pt.1. - P.22-24.
19. Morgenstierne G. Indo-Iranian frontier languages. V. II / G.Morgenstierne. - Oslo, 1938. - 288 c.; Grierson G.A. Ishkashimi, Zebaki and Yazghulami. An account of three Eranian dialects / G.A. Grierson. - London, 1920. - P. 3-4.
20. Кабиров Ш. Хусусиятхои лексикии «Таърихи Бадахшон» / Ш.Кабиров. - Душанбе. 1984. - С.174.
21. Федоров Н.Ф. Сочинение. (Вступительная статья, примечание и составление; С.Г. Семеновой) / Н.Ф. Федоров. - М., 1982. - С. 340; Шохуморов А. Разделение Памира и судьба исмаилизма / А.Шохуморов. - М., 2008. - С. 15.
22. Говоря о вознесении Гуштоспа на царский трон, Фирдоуси пишет как он (озода тадж.) после своего отца принял царскую корону: …Чу Гуштосп бар шуд ба тахти падар, Ки Фарри падар буду бахти падар. Ба сар барниҳод он падарзода тоҷ, Ки зебанда бошад ба озода тоҷ. Шахнаме. - Душанбе, 1989. - Т. 6. - С.81.
23. Э. Рахмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Рахмон. - Душанбе, 2016. - С.78.
24. Иванов В. Индоевропейский язык и индоевропейцы. Реконструкция и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры (в двух томах) / В.Иванов, Т.В. Гамкеридзе. - Тб.: Изд-во Тбилисского ун-та, 1984. - Т.1-2. - С. 21.

ОИДИ ФАРЗИЯИ СОССЮР ДАР БОРАИ ЗАБОНИ МАБДАЪ: ТАЪРИХИ ТАҲЛИЛӢ – МУҚОИСАВИИ ЛЕКСИКАИ ҚАРОБАТИ АСЛӢ

(дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва шуғнонӣ)

Фердинанд де Соссюр, забоншиноси бузурги даврони мо аллакай дар асри 19 масъалаи машғул шудан ба ҷустуҷӯйи забони мабдаи ҳиндуаврупоиҳоро монда буд ,ки то имрӯз мубрамияти худро аз даст надодааст. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки лексикаи қаробати аслӣ дар се забони ба ҳам наздик, яъне забони тоҷикӣ, англисӣ ва шуғнонӣ бо истифодаи методологияи муқоисавӣ – семантикӣ ва таърихӣ тавсиф ва таҳлил карда шавад. Дар мақолаҳои пешин мо таҳлили муқоисавии истилоҳҳои қаробати аслидоштаро дар асоси алоқаҳои хунӣ – хешутаборӣ (*падар, модар, бародар, хоҳар, бобо, бибӣ ва г.)* гузаронида будем. Дар мақолаи мазкур чунин таҳлил дар асоси таҳлили назариявии таълимоти Фердинанд де Соссюр гузаронида мешавад, ки дар он қайд шудааст, ки забон то он вақт вуҷуд дорад, ки одамон бо он сӯҳбат менамоянд, ва маҳз забонҳои зинда барандаи маълумоти муҳимми таърихӣ оиди забони мабдаи ҳиндуаврупоиҳо мебошанд. Чунин забонҳо дар Тоҷикистон ғайр аз забони тоҷикии форсӣ, забонҳои помирӣ ва яғнобӣ мебошанд ва азбаски тоҷикон халқҳои камшумори Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбанд, онҳо бояд на танҳо ин забонҳоро амиқ омӯзанд, инчунин онҳоро ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳуввияти миллӣ ва рамзи фарҳанг тарғибу ташвиқ намоянд.Онҳо гуногуншаклӣ ва боигарии фарҳанги миллии тоҷикиро нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: Фердинанд де Соссюр, забонҳои шуғнонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, лексика,забонҳои эронӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, забонҳои помирӣ, қаробати генетикии забонҳо, луғатшиносии муқоисавӣ, раванди динамикии забон.

К ГИПОТЕЗЕ СОССЮРА О ПРАЯЗЫКЕ: ИСТОРИКО- СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ КРОВНОГО РОДСТВА (в таджикском, английском и шугнанского языках)

Фердинанд де Соссюр, величайший лингвист нашей эпохи, еще в 19 веке ставил задачу перед лингвистами заниматься поиском праязыка индоевропейцев, задача, актуальная до наших дней. В данной статье пытаемся характеризовать и анализировать лексику родства в трех близкородственных языках, т.е. в таджикском, английском и шугнанском языках, применив сравнительно-семантическую и историческую методологии. В предыдущих статьях мы проводили сравнительный анализ терминов родства на основе кровнородственных связей (*отец, мать, брат, сестра, дед, бабушка, прадед и т.д).* В данной статье такой анализ проводится на основе теоретического анализа учения Фердинанда де Соссюра, где подчеркивается, что язык существует, пока люди на этом языке разговаривают, что именно живые языки носят важную историческую информацию о индоевропейском праязыке. Такими языками в Таджикистане, кроме таджикского фарси, являются памирские и ягнобские языки и, поскольку таджики являются автохтонными народами Центральной Азии, они должны не только глубоко изучать эти языки, но и пропагандировать их как важный элемент национальной идентичности и кода культуры. Они показывают разнообразие и богатства таджикской национальной культуры.

Ключевые слова: Фердинанд де Соссюр, шугнанский, таджикский, английские языки, сравнительное языкознание, лексика, иранские языки, таджикский язык, английский язык, памирские языки, генетическое родство языков, сравнительная лексикология, динамический процесс языка.

ON THE HYPOTHESIS OF SAUSSURE ON THE PROTO-LANGUAGE: A HISTORICAL-COMPARATIVE ANALYSIS OF THE LEXICON OF BLOOD RELATIONSHIP (in tajik, english and shugni)

Ferdinant de Saussure, the greatest linguist of our era, as early as the 19th century set the task of linguists to search for the Indo-European protolanguage, the task which is essential till nowadays. This paper devoted to the historical and comparative analysis of the lexicon of blood relationship in three languages: Tajik, English and Shugnan (Pamir groups of Eastern Iranian languages). In proposed article our work can be characterized as rather semantic and historical linguistics, studying the language only genetically related languages, such as Slavic, Germanic, or Iranian languages. As it has been written by Saussure and others the real live of languages is the oral speaking and it should be fixed for the search for the mother of Indo-European common language in the past. The linguistic phenomenon is a dynamic process, moreover, language is the activity itself. This provision will show once again that the vocabulary of each language is in constant enrichment, as well as other aspects of language, structure, etc.Proceeding from this, in conclusion, that the multilinguistic approach does not prevent the development of ethnic and national language, the development of thinking, but rather contribute to the comprehensive development of the young generation of the Tajik nation.

Key words: Ferdinand de Saussure, Shugnani language, English, Tajik, Comparative studies, typology, lexicon, Language, Iranian languages, comparative study of closely related languages, linguistic phenomenon, vocabulary, development, dynamic process of languages, etc.

Сведение об автора: ***Ашурмамадова Умриджахон*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры европейских исследований, факультет международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-527-84-04**

Information about author: ***Ashurmamadova Umrijahon*** - Tajik National University, Senior Instructor of Department of European Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-527-84-04**

УДК: 492.7.09:491.550

ДАР БОРАИ САБАБУ ОМИЛҲОИ ВОРИД ГАРДИДАНИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи сабабу омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) ақидаҳо гуногунанд. Дар замони қабл аз зуҳури Ислом муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, муносибатҳои ҳамҷавории беш аз ҳазорсолаи байни мардуми эронинажоду арабҳо ва дурахшандагии нуфузи тамаддуни Эрони бостонро аз муҳимтарин омилҳое ҳисобидан мумкин аст, ки ба таъсири мутақобилаи байни забонҳои форсию арабӣ боис гардидаанд [3, с.139; 15, с.255-256; 1, с.20-21; 18, с.5]. Дар ин давра таҳти таъсири сиёсӣ ва иҷтимоии давлатдорони эронӣ қарор доштани марказҳои фарҳангии арабҳо боис гардидааст, ки забони форсӣ бар забони арабӣ таъсири бештаре дошта бошад [1, с.22]. Бар замми ин ки дар ин давра бузургтарин марказҳои фарҳангии арабҳо, аз қабили Яман, Баҳрайн ва Ҳиҷоз дар зери таъсири шоҳаншоҳони муқтадири Эрон буданд, арабҳо ба робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоративу фарҳангӣ бо Эрон ҳавасмандии зиёд доштанд ва чунин робитаҳо то замони салтанати Сосониён идома ёфтаанд. Дар дарбори Хусрави Парвизи Сосонӣ қарор доштани иддае аз шоирони мадҳиясарои араб ва ӯро мадҳ намудани ин шоирон гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад [1, с.192].

Омили дигари нуфузи забони форсӣ бар забони арабӣ дар замонҳои дури таърихӣ бартарият пайдо кардани неруҳои баҳрнавардии шоҳаншоҳии Эрон дар замони салтанати Сосониён арзёбӣ мешавад. Дар ин давра неруҳои баҳрнавардии Эрон дар уқёнуси Ҳинд бар неруҳои баҳрнавардии Рум ва Ҳабаш пирӯз гардида, дар тамоми ин уқёнус фармонраво мегардад. Ҳатто чанд садсола пеш аз зуҳури Ислом қисми зиёди уқёнуси Ҳинд «Дарёи Форс» ва Баҳри Сурх забонае аз Дарёи Форс ҳисобида мешудааст [18, с.8] ва, чунонки дар болотар низ қайд гардид, муносиботи тиҷоратии арабҳо бо Ҳинд ба воситаи киштинавардони эронӣ ба роҳ монда мешудааст [3, с.139; 15, с.256].

Таърихи ворид гардидани вожаҳои форсӣ ба забони арабӣ дар давраи пеш аз Ислом, ҳатто таърихи ворид гардидани гурӯҳи мушаххаси ин калимаҳо ба таври дақиқ маълум нест, вале донишмандон бар он ақидаанд, ки калимаҳои форсӣ дар замонҳои хеле қадим батадриҷ ва бо роҳҳои мухталиф дар маконҳое, ки ин ду халқ бо ҳам иртибот доштаанд ба забони арабӣ ворид гардидаанд [18, с.10-11].

Пас аз зуҳури Ислом ва сарзамини Эрону Мовароуннаҳрро истило кардани арабҳо дар баробари сиёсати истилогаронаи ишғолкунандагон сабабу омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ (форсӣ) мухталиф арзёбӣ гардидаанд. Аз ҷумла муҳаққиқ Н. Маъсумӣ ворид гардидани иқтибосоти арабиро

«тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ» ҳисобида онро ба *«воқеаи Осиёи Миёна ва Эронро истило кардани арабҳо ва ба афзудани нуфузи дину забони арабӣ»* вобаста медонад, ки ин ҷараён то ибтидои асри XX давом кардааст [10, с. 146]. Ба ақидаи ин муҳаққиқ *«сабабҳои инро (ба забони тоҷикӣ ворид гардидани иқибосоти арабиро – Ҷ.М.) танҳо аз сиёсати ассимиляторӣ истилогарони араб ҷустуҷӯ кардан кифоя намекунад»* [10, с.152].

Муҳаққиқ Н. Зоҳидов пас аз истилои арабҳо, аввалан, дар ғарби Эрон ва сонитар дар Хуросон ба забони арабӣ ҷорӣ намудани коргузориро яке аз омилҳои муҳимме медонад, ки ба ривоҷи забони арабӣ замина гузошта, ба тараққиёту инкишофи минбаъдаи забонҳои маҳаллии эронӣ, аз қабили паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ таъсири манфӣ расонид. Ҳамин амр боис гардид, ки ин забонҳо тадриҷан аз истифода дар корҳои сиёсиву девондорӣ берун шуданд ва ҷойи онҳоро забони арабӣ гирифт. Ба ақидаи муҳаққиқон дар ғарби Эрон соли 697 ва дар Хуросон соли 742 коргузорӣ ба забони арабӣ ба роҳ монда мешавад [9, с.11], ки дар ин бора Ҷаҳшиёрӣ чунин гуфтааст: *«Он замон бештари котибони Хуросон маҷус буданд ва ҳисобҳо ба форсӣ менавиштанд. Соли 124 ҳ. (741 м.) Юсуф ибни Умар, ки дар Ироқ ҳукумат дошт, ба Наср ибни Сайёр (волии Хуросон) номае фиристод ва ба ӯ дастур дод, ки дар корҳо ва китобаташ аз ҳеҷ як аз аҳли куфр кӯмак нахоҳад. Нахустин касе, ки коргузориро дар Хуросон аз форсӣ ба арабӣ нақл кард, Исҳоқ ибни Тулайки котиб буд»* [13, с.43]. Аҳамияти тадбири мазкур дар интишори забони арабӣ махсус арзёбӣ мегардад. Он муҳимтарин омиле ба ҳисоб мерафт, ки ҷараёни паҳн гардидани забон ва хатти арабиро дар байни мардуми эронинажод тезонида, барои аз доираи истифода баромадани хат ва забонҳои маҳаллии эронӣ замина гузошт. Ба қавли Н. Зоҳидов: *«Аз ин пас дар дарозои дусад сол забони арабӣ забони расмии Эрону Моваруннаҳр ва воситаи ягонаи нашри афкори адабиву илмиву динӣ гардид»* [9, с.12].

Тағйири алифбо ва хат низ пас аз истилои араб ва паҳн гардидани дини Ислом аз муҳимтарин омили ривоҷ ёфтани забони арабӣ дар сарзамини аҷдодии мо ба ҳисоб меравад. Бо мурури замон хатти паҳлавӣ ба мардум ноошно гардид ва тадриҷан аз байн рафт. Тағйир ёфтани хат ва сиёсати истилогаронаи арабҳо боиси ҷудо гардидани наслҳои минбаъда аз фарҳангу тамаддуни пешазисломӣ ва густариш ёфтани забони арабӣ дар ин сарзамин гардид [9, с.13].

Н. Маъсумӣ якчанд омилеро зикр менамояд, ки дар даврaҳои аввали баъди истилои арабҳо барои ворид гардидани калимаву ибораҳои арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ замина ба вуҷуд овардаанд. Омили якум майлу хоҳиши аристократияи маҳаллӣ барои наздик шудан ба табақаи ҳукмрони араб ба ҳисоб меравад. Бо ин роҳ аъёну ашрофи маҳаллӣ, аз як тараф, мехостанд, ба табақаи ҳукмрон бартарии худро нисбат ба оммаи мардум нишон диҳанд. Аз тарафи дигар, онҳо ба табақаи ҳукмрон садоқати зиёд нишон доданӣ мешуданду ҳам кӯшиш мекарданд, дар ҳукуматдории арабҳо мавқеи худро мустаҳкам кунанд [5, с.39], яъне пас аз истилои арабҳо (асри VIII) забони арабӣ дар Хуросону Моваруннаҳр мавқеи устувор пайдо намуда, на танҳо барои ҳокимони давр воситаи мукотиботи давлатӣ гардид, балки амирони маҳаллӣ низ ба хотири наздик шудан ба ҳокимони аҷнабӣ корҳои идории давлатиро бо забони арабӣ пеш мебурданд. Онҳо донистани забони арабиро як навъ нишонаи «сатҳи баланди фарҳангу маърифат» пиндошта, барои ба даст овардани мавқеъ ва пойдор намудани ҳокимияти худ «бо шавқу завқи тамом» ба омӯхтани забони арабӣ пардохтанд [12, с.249]. Чунонки маълум аст, то замони давлатдории Сомониён корҳои сиёсиву давлатӣ бо забони арабӣ бурда мешуд ва табиист, ки аъёну ашрофи маҳаллӣ барои роҳ ёфтан ба умури сиёсӣ ба омӯхтани забони арабӣ талош мекарданд. Парастиши забони арабӣ дар байни аъёну ашроф то дараҷае расида буд, ки баъзеҳо ҳатто забони модарии худро ба кӯйи фаромӯшӣ ниҳода буданд. Ин омил боиси ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидани як идда иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳуми сиёсат, умури давлатдорӣ ва маъмурӣ гардидааст [10, с.152-153; 7, с.139]. Майлу хоҳиши аъёну ашрофи маҳаллӣ ба омӯхтани забони арабӣ то дараҷае буд, ки онҳо ин забонро пурра аз худ намуда, танҳо бо он гуфтугӯ мекарданд [6, с.376]. Дар ин бора яке аз муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик Е. Э. Бертельс таъкид медорад, ки табақаи феодалон ба забони арабӣ муносибати дигар доштанд. Забони арабӣ барои онҳо як навъ имтиёзи табақавӣ ба ҳисоб мерафт. Тадриҷан дар байни табақаи ашроф забони модарӣ танҳо барои муносибат бо тобеону хизматгорон ва чокарон истифода мешуд ва забони «муқаддас»-и арабӣ ҳамчун забони адабӣ ва давлатӣ хизмат мекард [4, с.102].

Омили дуюм паҳншавии дини Ислом ба ҳисоб меравад. Ба шарофати дини Ислом арабҳо ҳам соҳиби давлати мутамарказ шуданду ҳам ҷанбаи идеологии давлати худро таъмин намуданд [1, с.29]. Сиёсати динию давлатии хилофат чунин буд, ки баъди дар сарзаминҳои ишғолшуда ҷорӣ намудани дини Ислом бо мақсади адо кардани тоату

ибодат дар баробари аҳкоми динӣ дар ин сарзаминҳо забони арабӣ низ ҷорӣ карда мешуд, то мардуми маҳаллӣ тоату ибодатро бо забони арабӣ ба ҷо оварда тавонанд. Яъне забони арабӣ ҳамчун забони дин дар байни аҳолии сарзаминҳои ишғолшуда паҳн карда мешуд. Барои ҳамчун забони дин паҳн гардидани забони арабӣ, пеш аз ҳама, рӯҳониёни Ислом кӯшиши зиёд мекарданд, зеро онҳо манфиатҳои худ ва хилофати арабро дар қувват гирифтани шариат ва зиёд шудани нуфузи забони Қуръон дар байни аҳолии сарзаминҳои ишғолшуда медиданд. Маҳз ҷорӣ гардидани дини Ислом боис шуд, ки *«то асри X як қисм ибора ва калимаҳои арабӣ дар соҳаи дин, ибодат ва расмиятҳои дини Ислом ба забони тоҷикӣ дохил шуда монданд»* [10, с.153].

Омили дигар ба он иртибот мегирад, ки дар *«асрҳои VIII-X дар байни аҳли фазду дониш ҳам омӯхтани забони арабӣ ва бо он асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ эҷод намудан ва китобат кардан расмият ёфта буд»* [10, с.153]. Дар ин давра, ба қавли аллома Б. Ғафуров, *«монанди Севабайҳӣ одамоне пайдо шуданд, ки грамматика ва сабки забони арабиро кор карда дар ин соҳа асарҳои илмӣ аз худ ба ёдгор гузоштанд»* [7, с.139]. Анъанаи бо забони арабӣ эҷод намудани асарҳои илмию адабӣ на танҳо дар ибтидои паҳн гардидани Ислом, *«балки... то асри XIX давом карда омадааст»* ва ба раванди *«ба забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ таъсири муайяне»* расондааст [10, с.154]. Муҳаққиқ А.Абдусаттор пас аз интишори Ислом ва футӯҳоти араб дар сарзамини Эрон нуфуз пайдо кардани забони арабиро ба *«забони давлату сиёсат ва дину дарбори хулафо»* будани забони арабӣ вобаста медонад. Ба адешаи ин муҳаққиқ аз давраи зуҳури Ислом то ташаккули давлати Сомониён *«дар Эрон забони расмии миллие набуд, ки ҷойи арабиро бигирад»* [1, с.35]. Сабаби аз ибтидои паҳншавии Ислом *«ба дусад сол»* давом ёфтани ташаккули забону адабиёти дарӣ низ ба ҳамин омил вобаста дониста мешавад [1, с.35].

Омили чорум, ки ба ворид гардидани унсурҳои забони арабӣ ба забони тоҷикӣ боис шудааст, тарҷума арзёбӣ мешавад. Дар ин бора забоншинос Н.Маъсумӣ чунин мегӯяд: *«Сабаби дигаре, ки протсесси ба забонамон дохил гардидани элементҳои забони арабиро тезонидааст, тарҷима мебошад. Дар асри X баъд аз ба забони тоҷикии дарӣ гузаштани тамоми корҳои давлатӣ ва маъмурӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ, маданӣ ва адабӣ як қатор асарҳои пеш аз ин ба забони арабӣ навишташудаи таърихӣ ва илмӣ ба забони тоҷикӣ тарҷима карда шуданд»* [10, с.154]. Ин муҳаққиқ тарҷума ва тарҷумониро, ки дар асрҳои VIII-X ба роҳ монда шуда буд, яке аз *«муҳимтарин сабабҳои тағйирёбӣ ва мукаммалшавии таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик»* ҳисобида чунин таъкид менамояд: *«Агар дар натиҷаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ-иқтисодӣ, давлатӣ-маъмурӣ, адабӣ-илмӣ ва тарҷима аз тоҷикӣ ба арабӣ як қатор калима ва ибораҳои тоҷикӣ ба таркиби луғавии забони арабӣ даромада «муарраб» шуда бошанд, айнан бо худи ҳамон сабабҳо, махсусан ба воситаи тарҷима калима ва ибораҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ гузашта ба таркиби луғавии он дохил шуданд. Ба ҳамин тариқ, таркиби луғавии забони... тоҷикӣ аз ҳисоби забони арабӣ як андоза бойтар гардид»* [10, с.154-155].

Донишманди Эрон доктор Забеҳулло Сафо дар асари бунёдии худ «Таърихи адабиёт дар Эрон» ду омили асосиро, ки дар ибтидои истилои арабҳо ва паҳн гардидани дини Ислом ба ворид гардидани иқтибосоти арабӣ боис гардидаанд, зикр менамояд: омили нахустин назар ба калимаҳои куҳнаи эронӣ содатар будани калимаҳои воридшудаи арабӣ мебошад, ки истеъмоли чунин калимаҳо назар ба калимаҳои архаистии эронӣ барои соҳибони забон қулаю мувофиқ буд. Омили дуюм мавридҳое ҳисобида мешавад, ки *«дар қиболи як калимаи арабӣ муодиле ёфта намешуд ва истеъмоли он ҳам лозим ба назар мерасид»* [16, с.152]. Ин донишманд дар ҷойи дигар баъди салтанат ёфтани дини Ислом ва ба ин васила дар байни эрониён ривоҷ ёфтани забони арабиро аз омилҳои умдаи таъсири забони арабӣ ба тамоми забонҳои эронӣ медонад ва таъкид менамояд, ки *«ин забон (арабӣ – Ҷ . М.) бо тасаллути Ислом ҷойи лаҳҷаи паҳлавиро гирифт, ба ин маънӣ, ки дар мароҷеъ (мақомҳо – Ҷ. М.)-и динӣ (барои мусалмонон) ва сиёсӣ мутадовил (маъмул, роиҷ – Ҷ. М.) гашт»* [16, с.154]. Ба ақидаи Забеҳулло Сафо маҳз аз боиси ҳамин омилҳо шахсоне, ки ба корҳои сиёсиву иҷтимоӣ ворид шудан мехостанд, ба омӯзиши забони арабӣ ва ёд гирифтани тарзи гуфтору навиштори он маҷбур гардиданд, ки ба ин восита *«андак-андак забони арабӣ дар миёни эрониён ривоҷ ёфт»* [16, с.154]. Сабаби дар замони баъди зуҳури Ислом ба забони арабӣ эҷод намудани қисми зиёди адибони эронитабор ва рӯ ба таназзул ниҳодани забон ва хатти паҳлавӣ низ ҳамин омилҳои диниву сиёсӣ арзёбӣ мешаванд. Сабаби дигари ривоҷи забони арабӣ ва таъсири он ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар баробари забони динӣ ҳамчун забони илму адаб нуфӯз пайдо кардани забони арабӣ арзёбӣ гардидааст. Азбаски асарҳои диниву адабӣ ва илмӣ бештар бо ин забон навишта мешуданд, барои аз худ кардан ва дастрасӣ пайдо намудан ба ин илмҳо ба омӯхтани забони арабӣ эҳтиёҷ буд, махсусан, аз замони пайдоиши мадрасаҳо, ки дар онҳо илмҳои диниву адабӣ бо забони арабӣ таълим дода мешуд [16, с.154].

Ҳамгироии забону фарҳанги арабӣ бо забону фарҳанги мардуме, ки Исломро қабул карда буданд, аз ҷумла бо забону фарҳанги мардуми эронинажод, бахусус аз давраи хилофати Аббосиён раванди нав касб намуд. Давраи хилофати Аббосиён замони густариши муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангии арабҳо бо халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон, Қафқоз ва Испания ба ҳисоб меравад [2, с.75]. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки зуҳури Ислом боис гардид, то арабҳо соҳиби империяи муқтадир, дини ягона гардиданд, забону фарҳанг ва маънавиёти онҳо ташаккул ёфт, вале то замони хилофати Аббосиён фарҳанги исломӣ пурра арабӣ буд, ки дар асоси анъанаву суннатҳои гузаштаи худи арабҳо идома меёфт ва таъсири унсурҳои бегона дар он ба назар намерасад [4, с.105]. Албатта, истилои арабҳо ва паҳн гардидани Ислом дар сарзамини Эрону Осиёи Миёна ба забони мардумони ин қаламрав бетаъсир буда наметавонист, вале дар давраи хилофати Аббосиён арабҳо мероси фарҳанги қадимаи халқҳои дигарро аз худ намуда, дар заминаи он фарҳанги нави арабию исломие ба вуҷуд оварданд, ки *«дар мақому пешравӣ аз фарҳанги халқҳои тобеи хилофат камтар набуд»* [1, с.33]. Дар ин давра маркази хилофат шаҳри Бағдод ба бузургтарин маркази тамаддуни исломӣ табдил ёфта буд. Дар ҳамин давра иштироки адибону донишмандон ва фарҳангиёни дигар халқҳое, ки дини Исломро қабул карда буданд, дар ҳаёти адабию фарҳангӣ ва маънавии хилофат ривоҷу равнақ меёбад *«ва фарҳанги муштараки оламгире»* ба камол расида, бо номи *«фарҳанги арабӣ-исломӣ»* шуҳрат меёбад, ки ин ба забону адабиёти мо бетаъсир буда наметавонист [1, с.33]. Аз ин рӯ, яке аз омилҳои таъсири забони арабӣ ба забони тоҷикӣ аз муносибатҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии байни доншмандони арабу аҷам сарчашма мегирад. Муҳаққиқи араб Маҳмуд Ғозӣ ал-Қадимӣ зимни баррасии иқтибосоти арабӣ дар забони русӣ таъкид медорад, ки маҳз муносибатҳои илмию адабӣ ва фарҳангӣ боис гардиданд, ки *«вожаҳои арабӣ то Бухорову Самарқанд рафта расанд»* [2, с.75].

Лашкаркашиҳои арабҳо ба сарзамини аҷдодии мо ва сукунат ихтиёр намудани сипоҳиёни араб дар манотиқи мухталифи ин сарзамин ва омезиш ёфтани онҳо бо мардуми маҳаллӣ, ҳамчунин муҳоҷирати баъзе қабилаҳои араб ва омезиши онҳо бо мардуми эронӣ аз омилҳои дигари таъсири забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дар ибтидои футуҳоти араб ва паҳн гардидани дини Ислом мебошад [16, с.154].

Дар асрҳои XI-XII, ки замони рӯ ба афзоиш овардани иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) мебошад, яке аз сабабҳои асосии ба таври фаровон ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони мо зиёд гардидани нуфузи дини Ислом ва забони арабӣ дар ин давра арзёбӣ мешавад. Сабаби дигар, назар ба асрҳои гузашта дар ин ду қарн ривоҷ гирифтани таълим ва омӯзиши забони арабӣ ва афзудани мактабу мадорис мебошад, ки дар онҳо забон ва адабиёти араб ҳамчун фанҳои асосӣ таълим дода мешуданд ва ҳамаи шахсони таҳсилдида ва касоне, ки дар омӯхтани илму адаб саъй мекарданд, забони арабиро хуб медонистанд. Аз ҳамин сабаб дар осори намояндагони илму адаби ин давра таъсири забони арабӣ бештар ба назар мерасад [19, с.19]. Забони арабӣ на танҳо забони дину мазҳаб, балки забони расмӣ ва илму фарҳанг гардида буд. Ин забон дар дохили кишварҳои тобеи хилофат *«тақрибан ҳамон мавқееро, ки забони лотинӣ дар Европаи Ғарбии асримиёнагӣ дошт, ...соҳиб гардида, дар байни халқҳои гуногун эътибори забони умумии илмиро пайдо мекунад»* [8, с.430], яъне ба андозаи мустаҳкам гардидани салтанати Хилофати арабҳо ва паҳн гардидани дини Ислом забони арабӣ на танҳо дар умури давлатдорӣ, балки дар дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ мақоми устувор пайдо мекард. Илова бар ин, дар давоми асрҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳум бо забони арабӣ асарҳои зиёде навишта шуданд ва ҳамчунин аз сарчашмаҳои юнонӣ, паҳлавӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ ва ғайра китобҳои бисёре тарҷума гардиданд, ки тамоми, илмҳои мухталифи замонро дар бар мегирифтанд. Ба ин восита истилоҳоти илмӣ дар ин забон ташаккул ёфта, забони арабӣ ба забони илм табдил ёфт ва табиист, ки бештари истилоҳоти илмӣ дар шакли тайёр аз арабӣ ба забони мо ворид гардиданд. Ба чунин шакли тайёр қабул намудани истилоҳоти илмҳои мухталиф аз забони арабӣ то ибтидои асри XX давом дошт. Ҳатто қисми зиёди истилоҳоти забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ низ арабӣ буданд, ки баъзеашон то ба имрӯз мавриди истифода қарор доранд, аз қабили *байт, мисраъ, шеър, ҷумла, калима* ва ғайра.

Яке аз сабабҳои зиёд гардидани эҳтиёҷ ба омӯхтани забон ва адабиёти араб дар мадрасаҳои замони давлатдории Ғазнавиён *«тавсияи улуми шаръӣ»* арзёбӣ мешавад, ки бохабар будан аз ин илмҳо ё донистани муқаддимоти онҳо яке аз шартҳои шоирӣ ва надимиву дабирӣ ба ҳисоб мерафтааст. Аз байни анвои илмҳои замон донистани улуми шаръӣ, фиқҳ, тафсир, ҳадис ва дигар илмҳо барои шоирону надимон ва дабирон ҳатмӣ ба ҳисоб мерафтааст. Ба ғайр аз ин, донистани сарфу наҳви арабӣ, илмҳои арӯзу бадеъ ва ашъору амсоли арабӣ барои шоирони давр зарур будааст ва аксари шоирони ин давра аз тамоми илмҳои замона бохабар будаанд [1, с.103].

Ривоҷ ёфтани таассуби динӣ, нуфузи бештар пайдо кардани улуми қуръонӣ ва ҳадис низ боиси нуфузи забони арабӣ ва ворид гардидани қисми зиёди калимаву ибороти он ба забони мо гардид ва дар маҷмӯъ ҳамаи ин омилҳо дар якҷоягӣ сабабгор шуданд, ки суръати омезиши иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (форсӣ) дар асрҳои XI-XII бештар шавад [19, с.19-20].

Маҳз дар замони давлатдории Маҳмуди Ғазнавӣ, ба ҷойи сиёсати миллӣ ва ифтихор аз асолати милливу нажодӣ таассуби мазҳабӣ ва ваҳдати динӣ ҳадафи давлатдорӣ қарор гирифт, ки инро маҳаққиқ А. Абдусаттор хатарноктарин натиҷаи ин сиёсат арзёбӣ намуда таъкид медорад, ки маҳз чунин сиёсат боис гардид, ки дар Эрон *«ҷойи ифтихороти миллӣ ва нажодиро ифтихороти динӣ ва таассуби диндорӣ»* гирад [1, с.84]. Зарбае, ки дар ин давра бар асари таассуби диниву мазҳабӣ бар худшиносиву маънавиёти мардуми Эрон расонд, ниҳоят бузург арзёбӣ мешавад, ки ҳатто *«тасаллути қариб сесадсолаи арабу Ислом»* бар фарҳангу маънавиёти эрониён чунин зарба *«расонида натавониста буд ва ин зарба барҳам хӯрдани гурури миллии эронӣ ва истиқлолхоҳӣ буд, ки тадриҷан аз миён рафт»* [1, с.84]. Чунин сиёсати мазҳабӣ дар замони ғазнавиён, аз як тараф, боиси таназзули рӯҳияи миллӣ дар забони асарҳои адибон ва *«оҳанги исломӣ пайдо кардан»* афкори шоирони мадҳиясарои дарбор гардида, аз тарафи дигар, боиси ривоҷ ёфтани *«улуми шаръӣ ва фиқҳи мазҳабӣ»* дар мадрасаҳои он замон шуд [1, с.89]. Ба ақидаи донишмандон ҳамин омил маҳз дар асри XI ба он боис гардид, ки фарҳанги исломӣ дар сарзамини аҷдодии мо ба таври васеъ густариш ёбад. Дар ин давра ғолибияти дини Ислом бар динҳои аҷдодии эрониён эҳсос гардид. Дигар дини зардуштӣ низ ба он муқовимат карда наметавонист ва ба таъбири донишманди Эрон Бадеуззамони Фурӯзонфар *«муқовимати зардуштиён... ба шикасти қатъӣ ва ниҳоӣ мувоҷеҳ шуд»* [14, с."ד"] ва фарҳанги эронӣ ба худ тобиши исломӣ гирифта, таълимот дар мактабу мадорис бар асоси адабиёти арабӣ ва сарчашмаҳои динӣ ба роҳ монда шуд [1, с. 90], ки ин ҳолат то ибтидои асри XX давом кард.

Яке аз сабабҳои зиёд истеъмол шудани иқтибосоти арабӣ дар осори намояндагони адабиёти аҳди Ғазнавён ба мадҳсароии шоирон ва дар қолаби қасида баён ёфтани мадҳ марбут дониста мешавад, зеро зиёд будани миқдори байтҳои қасида ва якнавохт будани қофия дар қасида шоиронро ба ҷустуҷӯйи калимаҳои нав ба нави ҳамқофия водор менамуд. Азбаски калимаҳои арабӣ аз рӯйи вазнҳои махсус сохта шуда, зуд ҳамқофия мегарданд, шоирон барои пайдо кардани калимаи мувофиқи ҳамқофия бештар ба забони арабӣ муроҷиат мекарданд. Аз ҳамин сабаб дар қасидаҳои мадҳии шоирони ин давра калимаву ибороти зиёди арабӣ дида мешавад [1, с.90]. Муҳаққиқ Н. Маъсумӣ зимни таҳқиқи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар асрҳои X-XIX нуҳ сабаби иҷтимоиву таърихиро зикр менамояд, ки пас аз асри XI боиси ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ зиёд роҳ ёфтани калимаву ибораҳои арабӣ гардидаанд ва мо ин ҷо зикри ин сабабҳоро лозим медонем: 1) суст гардидани майлу хоҳиши тоза нигоҳ доштани забон ва худдорӣ накардан аз истеъмоли калимаву ибораҳои душвору ба омма номафҳуми арабӣ; 2) аз истеъмол баромадани миқдори зиёди калимаву ибораҳои куҳнаи тоҷикӣ, ки то асри XI дар истеъмол буданд; 3) дигар шудани маънои бисёр калимаҳои тоҷикӣ ва тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардани як қатор калимаҳо; 4) расмият ёфтани омӯзиши Қуръон ва «Ҳафтяк», дар таълими мадрасагӣ асос ҳисобида шудани забони арабӣ ва ҳамчун забони дараҷаи дуюм ё воситаи шарҳ додани қоидаҳои сарфу наҳви арабӣ ба ҳисоб рафтани забони тоҷикӣ; 5) ба қоидаҳои грамматикаи забони арабӣ ва терминологияи он пойбанд гардидани олимони тоҷик, дар ин замина ба забони тоҷикӣ ворид гардидани истилоҳу калимаҳои зиёди арабӣ ва дар зери таъсири грамматикаи забони арабӣ шарҳ дода шудани қонуну қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ; 6) хос гардидани услубу тарзи баёни риторикӣ, ибораороиҳои ботантанаи ғайриодиву ғайритабиӣ дар эҷодиёти як идда шоирону адибони дарборӣ ва ба дарбор наздик, ки забони асарҳои худро ҳар чи бештар бо калимаву ибораҳои мафҳуму номафҳуми арабӣ «зебу оро» медоданд; 7) дар фаъолияти илмию эҷодии таърихнигорон ва олимони соҳаҳои гуногуни илму фанни замона фаровон истеъмол гардидани истилоҳ, вожа ва ибораҳои арабӣ, ки боиси тарзи баёни муғлақ, мушкилии услуби баён ва душвор гардидани забони асарҳои илмию таърихӣ мегардид ва ин гуна олимон на танҳо аз истифодаи чунин унсурҳои лексикӣ парҳез намекарданд, балки корбурди онҳоро айни муддао медонистанд; 8) зиёд гардидани таъсири дин ва рӯҳониёни иртиҷоӣ ва ҳимоя шудани онҳо аз тарафи давлат. Ин тоифа на танҳо ба паҳн кардани шариат ва қонуну қавоиди он маҳдуд мешуданд, балки кӯшиш менамуданд, забонро низ ба манфиати худ истифода бурда, калимаву ибора ва истилоҳоти ба худ хосро ба забон ворид намоянд. Онҳо дар баробари Ислом забони арабиро низ ҳамчун забони дину шариат муқаддас ҳисобида, барои паҳн намудани он кӯшиш ба харҷ медоданд. Дар гуфтору навиштори худ калимаву ибора ва

ҷумлаҳои арабиро зиёд ба кор мебурданд ва бо ин роҳ худро як навъ «муқаддас» меҳисобиданд. Забони арабӣ барои ин тоифа мардум як воситаи ифтихор ва канорагириву дурӣ ҷустан аз мардуми авом ба ҳисоб мерафт; 9) кӯшишу мароқи махсус доштани аҳли савод, олимону донишмандон ва аҳли санъат дар корбурди калимаву ибораҳои мухталифи арабӣ [11, с.172-175]. Ба ақидаи бархе аз донишмандон *«истеъмоли шаклҳои гуногуни калима ва ибораҳои арабӣ забонро гӯё болиғтар, зарифтар, ибораҳоро кӯтоҳу оҳангбахштар мекард ва... боиси дабдабанок ва ба дараҷае муҳташам бармадани нутқ мегардид»* [11, с.175-176].

Ҳаминро ҳам таъкид кардан бамаврид аст, ки, умуман, дар байни тамоми мусалмонони дунё дини Ислом ягона соҳае ба ҳисоб меравад, ки дар он аз давраи истилои арабҳо то ба ҳол забони арабӣ мавриди истифода қарор дорад [5, с.88]. Дар ҳамин замина аз худ намудан ва мавриди амал қарор додани фасоҳати забони Қуръон, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми ғановати лексикаи забони арабӣ мебошад, аз омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад [2, с.76].

Дар баробари ин, донишмандону аҳли дарбор, ки бо забони арабӣ унс гирифта буданд, барои истеъмоли бештари иқтибосоти арабӣ дар забони форсӣ (тоҷикӣ) омили аз ҳама муҳим дониста мешаванд. Дар ин маврид доктор Парвиз Нотили Хонларӣ чунин мегӯяд: *«Аммо таъсири донишмандон ва дарбориён... дар форсӣ ба ҷо монд ва... фаровонии луғоти арабӣ дар навиштаҳои форсӣ беш аз ҳар чиз натиҷаи кори ин ду гурӯҳ аст»* [17, с.313]. Ин донишманд бо забони расмии хилофати Ислом, яъне арабӣ навишта шудан ва сипас ба форсӣ тарҷума гардидани асарҳои диниву тасаввуфӣ ва *«улуми ақливу нақлӣ»* (илмҳои фалсафӣ ва илмҳои марбут ба ҳадису ривоятҳо – Ҷ. М.)-ро низ боиси нуфузу ривоҷ ёфтани корбурди иқтибосоти арабӣ дар забони форсӣ меҳисобад, зеро муаллифони ин гуна асарҳо ба ҷуз аз мавридҳои маҳдуд истилоҳоти арабии марбут ба ин гуна илмҳоро дар навиштаҳояшон айнан ба кор мебурданд, вале дар асарҳое, ки барои оммаи мурдум навишта мешуданд, таъсири забони арабӣ камтар ба мушоҳида мерасид. «Самаки айёр» ва «Искандарнома» аз зумраи чунин асарҳое ҳисобида мешаванд, ки бо забони нисбатан содаи тоҷикӣ навишта шудаанду дар онҳо иқтибосоти арабӣ камтар ба назар мерасад [17, с.313-314]

Муҳаққиқ Ал-Қадимӣ Маҳмуд Ғозӣ Чаллюб зимни баррасии иқтибосоти арабӣ дар забони русӣ муносибатҳои тиҷоративу фарҳангӣ, футӯҳоти исломӣ, паҳн гардидани ислом ва нақши шарқшиносонро дар омӯзиши тамаддуни исломӣ аз сабабҳои асосии ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони русӣ меҳисобад [2, с.76], ки аз байни ин чор омил сетояш – муносибатҳои тиҷоративу фарҳангӣ, футӯҳоти исломӣ ва паҳн гардидани Ислом барои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ низ боис гардидаанд.

Умуман, сабабу омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) гуногун мебошанд, вале аз байни онҳо салтанат ёфтани дини Ислом, гузаштани коргузорӣ ба забони арабӣ, пазируфта шудани алифбои арабӣ, майлу хоҳиши аристократияи маҳаллӣ барои омӯхтани забони арабӣ ба хотири роҳ ёфтан ба умури сиёсӣ ва наздик шудан ба табақаи ҳукмрон, ба роҳ монда шудани таълим бо забони арабӣ дар мактабу мадориси асримиёнагӣ, ривоҷ ёфтани таассуби динӣ, нуфузи бештар пайдо кардани улуми динӣ, майлу хоҳиши соҳибзабонон ва кӯшишу мароқи аҳли савод, олимону донишмандон барои фаровон истеъмол намудани истилоҳ, вожа ва ибораҳои мухталифи арабиро аз муҳимтарин омилҳо ҳисобидан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. – Душанбе, 2001. – 220 с.
2. Аль-Кадими, Махмуд Гази Чаллюб. Арабские заимствования в русском языке // Вестник Воронежского государственного университета. Серия лингвистика и межкультурная коммуникация. – Воронеж, 2010. – №1. – С. 75-77.
3. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Талхиси Саййидабӯтолиби Миробидинӣ; зери назари Салимов Н.Ю.; баргардони Исрофилниё Ш.Р., Саркоров Н. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
4. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс // Избранные труды. – М.: Издетельство восточной литературы, 1960. – 556 с.
5. Ваҳҳобов, Т. Вазъи амалкарди забони тоҷикии адабӣ (пеш аз Инқилоби Октябр) / Т. Ваҳҳобов. - Хуҷанд: Ношир, 2013. – К. 1. – 112 с.
6. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г.Гафуров.-М.: Наука, 1972.-658 с.
7. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Б. Ғафуров. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. – Ҷ. I. – 384 с.
8. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – Китоби якум. – 704 с.
9. Зоҳидов, Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ) / Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.
10. Маъсумӣ, Н. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX // Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Адиб, 2005. – 296 с.

11. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Адиб, 2005. – 296 с.
12. Сулаймонов, С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он / С. Сулаймонов // Чиҳил мақола. – Душанбе: Душанбе-Принт, 2017. – С. 232- 274.
13. ألجهشیاری، محمد بن عبدوس. کتاب الوزراء و الکتاب. ترجمه ابو الفضل طباطبای \ محمد بن عبدوس ألجهشیاری. – تهران، 1348. – 439 ص.
14. فروزانفر، بدیع الزمان. احادث مثنوی \ بدیع الزمان فروزانفر. – تهران، 1934 ه
15. بهار، محمدتقی (ملک الشعراء). سبکشناسی یا تأریخ تطور نصر فارسی \ محمدتقی بهار (ملک الشعراء). – تهران، 1337. – جلد اول. – 468 ص.
16. تاریخ ادبیات در ایران. تألیف دکتر ذبیح الله صفا. – تهران: انتشارات فردوس، 1338. – جلد اول. – 720 ض.
17. تاریخ زبان فارسی. به قلم دکتر ناتل خانلری. – تهران: جایخانهٔ کیهانک، 1369. – جلد اول، چاپ چهارم. – 416 ص.
18. . امام شوشتری، محمدعلی. یشگفت \ محمدعلی امام شوشتری \\ فرهنگ واژه های فارسی در زبان عربی. تألیف محمدعلی امام شوشتری – تهران: انجمن آثار ملی، 1347. – 712 ص.
19. مختصری در تاریخ تحول نظم و نثر پارسی. تألیف دکتر ذبیح الله صفا. – تهران: چاپخانهٔ دانشگاه، 1334. – 98 ص.

ДАР БОРАИ САБАБУ ОМИЛҲОИ ВОРИД ГАРДИДАНИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола сабабу омилҳои мухталифи ворид гардидани иқтибосоти забони арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таъкид карда мешавад, ки дар замони қабл аз зуҳури Ислом муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, муносибатҳои ҳамҷавории беш аз ҳазорсолаи байни мардуми эронинажоду арабҳо ва дурахшандагии нуфузи тамаддуни Эрони бостонро аз муҳимтарин омилҳое ҳисобидан мумкин аст, ки ба таъсири мутақобилаи байни забонҳои форсию арабӣ боис гардидаанд. Таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давлатдорони эронӣ қарор доштани марказҳои фарҳангии арабҳо боис гардидааст, ки забони форсӣ бар забони арабӣ таъсири бештаре дошта бошад. Пас аз зуҳури Ислом ва сарзамини Эрону Моваруннаҳрро истило кардани арабҳо дар баробари сиёсати истилогаронаи ишғолкунандагон сабабу омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ (форсӣ) мухталиф арзёбӣ гардидаанд, вале аз байни онҳо салтанат ёфтани дини Ислом, гузаштани коргузорӣ ба забони арабӣ, пазируфта шудани алифбои арабӣ, майлу хоҳиши аристократияи маҳаллӣ барои омӯхтани забони арабӣ ба хотири роҳ ёфтан ба умури сиёсӣ ва наздик шудан ба табақаи ҳукмрон, ба роҳ монда шудани таълим бо забони арабӣ дар мактабу мадориси асримиёнагӣ, ривоҷ ёфтани таассуби динӣ, нуфузи бештар пайдо кардани улуми динӣ, майлу хоҳиши соҳибзабонон ва кӯшишу мароқи аҳли савод, олимону донишмандон барои фаровон истеъмол намудани истилоҳ, вожа ва ибораҳои мухталифи арабиро аз муҳимтарин омилҳо ҳисобидан мумкин аст.

Калидвожа: иқтибос, калима, ибора, фарҳанг, тиҷорат, муносибат, забони тоҷикӣ, забони арабӣ, таъсир, таркиби луғавӣ, дин, Ислом, алифбо, хат, сабаб, омил, сиёсат, давлатдорӣ, маънавиёт, адабиёт.

О ПРИЧИНАХ И ФАКТОРАХ ВХОЖДЕНИЯ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье рассматриваются различные причины и факторы вхождения арабских заимствований в таджикский (фарси-дарийский) язык. Подчёркивается, что до возникновения Ислама основным фактором во взаимовлиянии таджикского и арабского языков можно признать факт тысячелетних добрососедских экономических и торговых взаимоотношений народов иранского и арабского происхождения и процветания культуры и цивилизации древнего Ирана. Пребывание культурных центров арабов под политическим и социальным влиянием иранских правителей также стало причиной сильного влияния таджикского языка на арабский. После возникновения Ислама и захвата Ирана и Мавераннахра арабами, наряду с захватнической политикой оккупантов, факторы ввода арабских заимствований в таджикский язык интерпритируются неоднозначно, однако, среди них важнейшими факторами можно признать господствование Исламской религии, принятие арабской графики, склонность и желание аристократии к изучению арабского языка с целью сближения с правящими кругами, установление обучения на арабском языке в школах и религиозных учреждениях, процветание религиозного фанатизма, преобладание религиозных наук, склонность обладателей таджикского языка и стремление образованных людей, ученых и мудрецов к использованию арабских терминов, слов и словосочетаний.

Ключевые слова: заимствование, слово, словосочетание, культура, торговля, отношения, таджикский язык, арабский язык, влияние, словарный состав, религия, Ислам, графика, письмо, причина, фактор, политика, управление государством, нравственность, литература.

ON THE CAUSES AND FACTORS OF OCCURRENCE OF ARABIC LOANWORDS IN TAJIK LANGUAGE

The article deals with various causes and factors of the occurrence of Arabic borrowings in the Tajik (Farsi-Dari) language. It is emphasized that before the emergence of Islam, the main factor in the mutual influence of the Tajik and Arabic languages can be recognized the fact of thousands of years of good-neighborly economic and trade relations between the peoples of Iranian and Arab origin and the prosperity of the culture and civilization of ancient Iran. The presence of the cultural centers of the Arabs under the political and social influence of the Iranian rulers also caused a strong influence of the Tajik language in Arabic. After the emergence of Islam and the capture of Iran and Movarounnahr by the Arabs, along with the aggressive policy of the invaders, the factors of the introduction of Arab borrowings into the Tajik language are interpreted ambiguously, however, among them the most important factors are the domination of the Islamic religion, the adoption of Arab graphics, the tendency and desire of the aristocracy to study the Arabic language in order to bring closer to the ruling circles, the establishment of teaching in Arabic in schools and religious institutions, the prosperity of religious fanaticism, the prevalence of religious Sciences, the propensity of the Tajik language holders and the desire of educated people, scientists and sages with the rapid use of Arabic terms, words and phrases.

Key words: borrowing, word, phrase, culture, trade, relations, Tajik language, Arabic language, influence, vocabulary, religion, Islam, graphics, writing, reason, factor, politics, government, morality, literature.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph. D кафедры истории языка и типологии. Адрес: **734025,** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: mehriob@mail.ru Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 491.550-3: 891.550-1:82

ВИЖАГИҲОИ МУРОДИФОТИ УСЛУБИЮ ЭҲСОСОТӢ ДАР ЗАБОНИ ҒАЗАЛИЁТИ БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ

Икромова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муродифот яке аз муҳимтарин категорияҳо дар забони шеър ба шумор меравад. Маҳз тавассути ин категорияи лексикӣ шоирон имконият пайдо мекунанд, ки мафҳумҳои мавриди назари худро ба таври муассир ва номуқаррар баён намоянд. Ин категорияи лексикӣ яке аз воситаҳои муҳимми пурра ва муассир тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун воситаи беҳтарини ифода намудани фикр мебошанд. Аз ин рӯ, фасоҳату балоғати сухан аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи дурусти истеъмоли калимаҳои ҳаммаъно вобастааст. Доир ба мавҷудияти ин навъи калимаҳо дар забон муҳаққиқон баҳсҳои доманадоре карда, доир ба паҳлуҳои мухталифи ин категорияи лексикӣ андешаҳои ҷолибе баён кардаанд. Аз ҷумла Франк Полмер дар китоби «Нигоҳе тоза ба маънишиносӣ» чунин таъкид кардааст: «…ҳаммаъноии воқеӣ дар миёни вожаҳо вуҷуд надорад ва ҳеҷ ду вожае дақиқан дорои як маънӣ нестанд, албатта, баид (дур) ҳам ба назар мерасад, ки дар як забон ду вожа дар як маънии воҳид битавонад дар канори ҳам ба ҳаёти худ идома диҳанд» [4, с.109]. Ин муҳаққиқ ифодаи муродифотро дар доираи ҳавзаи семантикӣ мавриди таҳлил қарор дода, ба натиҷае расидааст, ки вожаҳои ҳаммаъно бояд дар як муҳити воҳид битавонанд ба ҷойи ҳам мавриди истифода қарор гиранд ва ҳеҷ ду вожае аз як маънии воҳид бархӯрдор нестанд. Бархе аз вожаҳо танҳо дар муҳити хос метавонанд ба ҷойи якдигар ба кор раванд [4, с.110-111].

Албатта, баҳс сари мавҷудияти муродифот дар забон дар баробари ҳаммаъноӣ бо як қатор унсурҳои дигар, аз қабили сабку услуб, гуногуншаклии калимаҳо, сермаъноӣ, ҳамнишинӣ, ҷойгузинии калимаҳо дар доираи майдони семантикӣ ба ҷойи ҳамдигар ва монанди инҳо низ марбут мегардад.

Интихоби калима, дарки тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии калимаҳо аз паҳлуҳои муҳимми сабки нигориш буда, ба масъалаи синонимҳо алоқамандӣ дорад. Ҳар шахси эҷодкор мекӯшад, ҳангоми ифодаи матлаб аз байни калимаву ифодаҳои бешумори таркиби луғавии забон ҳамонеро интихоб намояд, ки ҳадафи ӯро ба хубӣ ифода карда тавонад.

Муродифот тавре ки зикр кардем, муҳимтарин воситаи луғавии муассирии сухан ба шумор мераванд. Ин категорияи лексикӣ дар забони осори манзум ҷанбаи хеле муҳимми услубӣ дорад, яъне он агар, аз як тараф, воситаи гурез аз такрори як калима, ки боиси дурушт ифода гардидани баён мегардад, бошад, аз ҷониби дигар, муҳимтарин унсури ифодаи услуби баён ва ҳунари эҷодии шоир дар истифодаи калимаҳои наздикмаъно ба шумор меравад. Яъне, агар шоир ҳар қадар бештар кӯшиш намояд, ки паҳлуҳои гуногуни маъноии як калимаро дар ашъори худ истифода намояд, ҳамон қадар муассирии сухани ӯ афзун гардида, мақбули табъи хонанда ва шунавандаи шеъри ӯ мегардад.

Мавриди таъкид аст, ки дар таснифоти семантикии муродифоти луғавӣ баъзе ихтилофоти назар ба мушоҳида мерасад. Доир ба ин масъала забоншинос Ҳ. Маҷидов таваҷҷуҳ зоҳир карда, чунин ибрози назар кардааст: «Масъалаи мубрами муродифоти луғавӣ таснифоти онҳост. Дар гурӯҳбандии онҳо бисёр вақт меъёрҳои мухталифи таснифотӣ ба ҳам омехта карда шудаанд. Дар натиҷа, гурӯҳҳои маъноии муродифҳо бо гурӯҳҳои сохторӣ, лексикиву грамматикӣ омехта карда шудаанд ва ҳатто муродифоти ҳодисаҳои нутқ ба ҳам омехта карда мешаванд. Масалан, ба ҷумлаи синонимҳои луғавӣ дохил кардани муродифоти фардӣ ё шартӣ (тан – бар, вуҷуд, назария – ақида, мафкура…), ки мансуби нутқ ё услуби нависандаи ҷудогона мебошанд, аз қабили ҳамин гуна ғалатҳо ба шумор мераванд» [3, с. 84].

Ин муҳаққиқ бар он назар аст, ки дар таснифи муродифоти луғавӣ, пеш аз ҳама, мундариҷаи маъноии онҳо, бархӯрди семантикии калимаҳои гуногун бояд ба назар

гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, муродифоти луғавиро ба гурӯҳҳои синонимҳои мафҳумӣ, услубӣ ва эҳсосотӣ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст [3, с. 84].

Дар китоби «Лингвистическая энциклопедическая энциклопедия» синонимҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардаанд: «Различаются два типа основного типа синонимия: семантическая (идеографическая) и стилистическая синонимия, выражаемая словами с одинаковой предметной отнесенностью, имеющими различные стилистические характеристику…» [2, с.446].

Дар асоси ин ду назария метавон муродифотро аз ҷиҳати ифодаи семантикӣ ба ду гурӯҳ – мафҳумӣ (семантикӣ) ва услубӣ ҷудо намуд ва навъи эҳсосотиро ба гурӯҳи услубӣ шомил кард.

Дар ҳақиқат, агар аз ин дидгоҳ ба ифодаи муродифот назар кунем, маълум мешавад, ки дар муносибати маъноии онҳо, пеш аз ҳама, маъно ва наздикии ифодаи маъноҳои як калимаю мафҳум дар мадди аввал истода, ҷиҳатҳои сохтории онҳо дар дараҷаи дуюм қарор доранд.

Забони назм бо махсусиятҳои лингвистии худ барои ифодаи ҳарду гурӯҳи синонимҳо мусоидат карда метавонад.

Муродифоти мафҳумиро, муродифоти идеографӣ низ меноманд ва онҳо мафҳумҳои аз ҷиҳати ифодаи маъно якхела ва ба ҳам наздикеро ифода менамоянд. Бояд зикр кард, ки ин навъи муродифот аз ҷиҳати теъдод хеле зиёданд, вале бо вуҷуди ин, дар ифодаи онҳо низ тобишҳои ифодаи услубӣ ба назар мерасад. Масалан, дар байти зерин Ҳилолӣ чунин муродифоти мафҳумиро мавриди истифода қарор додааст:

Мафҳуми чашм - дида, наргис

*Боғи ҳуснат тоза шуд аз **дида**и гирёни ман,*
__Чашм__и ман оби дигар дод он гули рухсорро [12, с.11].

*Ба ошиқон ситами дӯст **айн**и маслиҳат аст,*
Ки шоҳ маслиҳати кори лашкарӣ донад [12, с.132]

Аз ҳусни нимранги ту, эй соқии баҳор,
__Наззора__ сайри масти гули моҳтоб шуд [12, с. 114].

Калимаи “чашм”, ки дар забони тоҷикӣ дорои муродифҳои **дида, айн, наззора, наргис** аст, дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: “Чашм – дида, узви аслии ҳисси босира дар инсон ва ҳайвон ва он иборат аст аз ду узви қарина, ки дар тарафайни хатти васати сурат қарор гирифтаанд ва барои ҳифозат аз офтоби хориҷӣ пилкҳо рӯйи онҳоро мепӯшонад” [5, с. 1276].

«Дида – 1.рӯиятшуда, нигоҳ кардашуда, манзур; 2. дидбон; 3.чашм, айн, дидагон; 4. мардумаки чашм; 5. назар» [5, с. 1590].

*Бирав, эй **наргис**и раъно, ту бар ин **чашм** маноз,*
*Нозро **чашм**и сияҳ бояду мижгони дароз [12, с.186].*

Агар дар ифодаи муродифҳои чашм-дида, айн, наззора то андозае муносибатҳои маъноии ба ҳам наздик ба назар расад, дар муродиф шудани он бо калимаи “наргис” бештар ҷанбаи услубӣ ба назар мерасад. Яъне вожаи “наргис” бо маънои маҷозиаш бо калимаи “чашм” муносибати муродифӣ пайдо мекунад, вале дар маънои аслиаш онҳо вожаҳои гуногунмаъно ба шумор мераванд. Дар луғат ин вожаро чунин шарҳ додаанд: “Наргис – 1. гиёҳе аст аз радаи таклапаиҳо, ки сардастаи гиёҳони наргисҳо мебошад. Ин гиёҳ монанди заъфарон дорои пиёз аст ва баргҳояш тавил ва аз реша хориҷ мешаванд. Гулҳояш мунфарид ва дар интиҳои соқа қарор доранд...Дар васати гули наргис маъмулан ҳалқаи зардранг дида мешавад, ки зебоии хос ба гули ин гиёҳ медиҳад. Наргиси шаҳло, нарҷис, абҳар; 2.киноя аз чашми маъшуқ” [5, с. 4702].

Мафҳуми рӯй – чеҳра, рух, ҷамол, рухсора

Хубрӯро хӯйи бад лоиқ набошад, ҷони ман,
*Ҳамчу **рӯй**и хеш неку соз хӯйи хешро [12, с.13].*

*Чашми нопок бар он **чеҳра** дарег аст, дарег,*
Дидаи поки ман увлост тамошояшро [12, с.12].

***Рух** нуҳуфтӣ, вале ба дидаи дил*
*Дар **ҷамол**и ту ҳайрат аст маро [12, с.16].*

*Ман ҳамчу гулзори Ирам гул-гул туро **рухсор**ҳо*
В-аз орзуи ҳар гуле дар сина дорам хорҳо [12, с.34].

Мафҳуми банд –ришта, расан, таноб

Бастам ба турраи ту дилу растам аз гамат,
Оре илоҷи ошиқи бечора банд бувад [12, с.145].

Нофаи эшон ҳалим чун дили Салмо салим,
*Муҳраи дил дар маҳор **ришта**и ҷон дар **расан** [12, с.206].*

Ману Ҳилолӣ аз ин дар ба ҳеҷ ҷо наравем,
Чаро ки ҳамчу сагон бастаи таноби туем [12, с.131].

Мафҳуми бемор – озурда-мариз

*Бар мани **озурда** раҳме кун, Худоро, эй табиб,*
Марҳаме неҳ, к-аз дилам берун барад озорро.
Рӯзи ҳашр аз хотирам андешаи васлат нарафт,
*Орзуи сиҳат аз дил кай равад **беморр**о [12, с.6].*

*Табиб гӯ, ба илоҷи **маризи** ишқ макӯш,*
Ки кори ӯ дигару кори ӯ дигаргун аст [12, с.29].

Мафҳуми сухан – калом - ҳарф, гуфт

Баски мехоҳам, ки бошам бо ту дар гуфтушунуд,
*Як **сухан** гар бишнавам, сад достон гӯям туро [12, с.10].*

Моҳ ҷамоли Ҳасан гуфту камоли Ҳусейн,
*Назми Ҳилолӣ гирифт, ҳусни **калом**и Ҳасан [12, с.6].*

Он рӯз, ки таълими ту медод муаллим,
*Бар лавҳи ту нанвишт магар **ҳарф**и вафоро [12, с.3].*

Тоқати зории дил нест дигар баҳри Худо,
*Гӯш кун **гуфт**и маро, гӯш макун зории дил.*

Ҳамин тариқ, дар ғазалиёти Ҳилолӣ намунаи зиёди муродифотро, аз қабили мафҳуми Худо – Раб, Худованд, Эзид, Аллоҳ, мафҳуми булбул-ҳазор, андалеб, мафҳуми дунё – олам, гардун, чарх, даҳр, фалак, метавон пайдо намуд, ки онҳо ба ҳайси муродифи мафҳумӣ корбаст гардида, барои ифодаи маъноҳои мавриди назари шоир хизмат намудаанд.

Забоншинос Ҳ. Мачидов ба ин назар аст, ки "Муродифоти услубиро аз рӯйи нишонаҳои ба услубҳои гуногуни истеъмолии забон хос буданашон ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст... Синонимҳои услубӣ аз рӯйи андозаи истеъмол ва обуранги мухталифашон низ аз ҳам фарқ мекунанд. Бисёр вақт агар яке аз калимаҳои синонимӣ сеистеъмол бошад, дигаронаш куҳна шуда аз истеъмол баромадаанд: ситора, кавкаб, нағм, ахтар..." [3, с. 84].

Албатта, дар раванди таърихии рушди забон ин ҳодисаи луғавӣ зиёд ба назар мерасад. Дар забони назм аксаран кӯшиш мешавад, ки дар баробари вожаҳои сеистеъмоли силсилаи синонимӣ аз вожаҳое, ки бештар тобиши услубӣ доранд ва доираи истеъмолашон дар забони маъмулӣ маҳдуд гардидааст, бештар истифода намоянд, ки ин яке аз махсусиятҳои вижаи забони осори манзумро нишон медиҳад. Бадриддин Ҳилолӣ ба ҳайси шоири варзида ва суханшинос дар истифодаи муродифоти услубӣ ҳунари суханварии волое нишон додааст. Масалан, дар абёт вожаи «ёр», «маъшуқ» бо вожаҳои «гул», «моҳ», «хубон», «бут» муносибати муродифӣ пайдо намудааст, ки онро муродифоти услубӣ номидан мумкин аст, зеро онҳо дар матн ин муносибатро касб карда, берун аз он вожаҳои аз ҷиҳати ифодаи маъно ҷудогонаанд.

***Ёр**и мо ҳаргиз наёзорад диди агёрро,*
***Гул** саросар оташ аст, аммо насӯзад хорро [12, с.5].*

Шунидам ин, ки фардо моҳи ман азми сафар дорад,
Бимирам, кош, имрӯзат, набинам рӯйи фардоро [12, с.2].

*Дар сафи **хубон** ту дар ҷавлону халқе дар фиғон,*
Ҳамчу он шоҳе, ки бо хелу сипоҳе бигзарад [12, с.44].

Аз гӯшаи майхона бурун ой, Ҳилолӣ,
*Шояд ки бубинем, **бут**и ҷилвагареро.*

Гоҳо шоир дар як мисраъ якчанд вожаеро пайиҳам меорад, ки онҳо аз ҷиҳати ифодаи услубӣ байни ҳамдигар муносибати муродифӣ касб намудаанд. Яъне аломатҳои як

мафҳум тавассути вожаҳои дигар ифода меёбанд ва дар маҷмӯъ дар байни онҳо муносибати муродифӣ пайдо мегардад. Масалан, дар байти зерин вожаи «ошиқ» бо вожаҳои «девона», «маст», «майхора», «маъшуқпараст» робитаи муродифӣ пайдо кардааст, зеро аксари тобишҳои маъноии вожаҳои мазкур дар мафҳуми «ошиқ» низ ифода меёбанд:

*Ман **ошиқу девона**ву **маст**ам, чӣ тавон кард?*
***Майхора**ву **маъшуқпараст**ам, чӣ тавон кард? [12, с.45]*

Чунин тарзи муродифшавии калимаҳо, ки бештар ҷанбаи услубӣ -фарди дорад, дар забони осори манзум хеле зиёд ба назар мерасад ва аксари муҳаққиқон онро бо категорияи семантикии коннотатсия ифода кардаанд. Ин паҳлуи ифодаи семантикии муродифоти фардӣ-услубиро М. Саломов мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба чунин натиҷа расидааст: «Дар илми маъношиносӣ тасвири муассир ва ифодаи маъноҳои иловагии ба ҳам марбутро бо мафҳуми коннотатсия ифода менамоянд. Тавре ки зимни шарҳи ин мафҳум дар китоби «Лингвистический энциклопедический словарь» овардаанд, дар асоси вижагиҳои семантикӣ ва низоми луғавӣ коннотатсия марбут ба муродифот ва антонимҳо мебошад.

Бояд зикр кард, ки муносибати конотативии муродифҳо ҳамеша дар забони осори бадеӣ, махсусан забони назм зоҳир мегардад, зеро ин забон бо хусусиятҳои услубӣ ва ҷанбаҳои ҳиссию муассириаш барои ифодаи мафҳумҳои муродифии ҷолиб ва нотакрор мусоидат менамояд. Маҳз забони назм барои ифодаи муродифҳои фардию услубӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда метавонад ва эҷодкори асари адабиро маҷбур месозад, ки зимни эҷод аз овардани вожаҳои якхела канораҷӯйи кунад ва барои ҷалби бештари таваҷҷуҳи хонанда ва ифодаи муассиру обуранги бадеӣ бахшидан ба асар аз занҷираи муродифҳо истифода намояд».

Муносибати конотативӣ бештар хосси муродифоти услубӣ ва махсусан нутқи бадеӣ буда, барои обуранги бадеӣ бахшидан ба мафҳумҳо хизмат менамояд. Бояд зикр кард, ки дар ин маврид муродифоте ифода меёбанд, ки онҳо аз ҷиҳати истеъмол нотакроранд ва баъзан марбут ба ин ё он адиб мешаванд. Ифодаи ин навъи муродифҳо дар забони ғазал яке аз муҳимтарин унсурҳои таъсирбахшии сухан шуморида шуда, барои муайян кардани саҳми ҳунарии суханвар ва суханшиносию маънирасии ӯ мусоидат менамояд. Албатта, дар забони ғазал анвои гуногуни муродифоти луғавӣ хеле зиёд ба назар мерасад, вале муродифоти луғавие, ки дорои муносибати конотативианд, бо вуҷуди камтар истеъмол ёфтанашон яке аз муҳимтарин омилҳои ҳунарию эҷодии ҳар як шоир дониста мешаванд».

Вожаҳои дигаре, ки дар заминаи муродифоти услубӣ байни ҳам муносибати муродифӣ пайдо менамоянд, муродифоти эҳсосотӣ ном доранд. Ин навъи муродифот бештар хусусияти ҳиссӣ-экспрессивӣ дошта, барои ифодаи ҳолати рӯҳии инсон мусоидат менамояд.

Муродифоти эҳсосотӣ ба андозаи ифодаи эҳсосот, баҳодиҳиҳои гуногуни рангбаранги худ аз ҳам тафовут мекунанд… Маҳз дар занҷири синонимҳои эҳсосотӣ агар калимаи сарсилсила ифодагари оҳанги муътадил бошад, аъзоёни боқимонда ба тариқӣ возеҳ оҳангу ҷилваҳои мусбат ва ё манфиро ифода кардаанд, - таъкид менамояд Ҳ. Маҷидов. Аз ин андеша бармеояд, ки бори асосии маъноӣ дар силсилаи муродифоти эҳсосотӣ бар дӯши вожаи сарсилсила аст. Яъне кадом тобиши маъноиеро, ки он ифода кунад, вожаҳои дигари муродифӣ барои такмил ва ё таъкиди ҳамон бо тарз ва услуби махсус меоянд.

Бадриддин Ҳилолӣ низ чун суханвари варзида дар шинохт ва истифодаи чунин навъи муродифот саҳми назаррасе дорад.

Мурдан – *ҷон додан, вафот, марг, аҷал, ҷон супурдан*;

*Шӯхе, ки буд **мурдан**и ман коми ӯ, куҷост,*
То бар муроди хеш бубинад кунун маро? [12, с.8]

*Чанд гӯӣ зи сари нола, ки **ҷон дех** ба вафо,*
*Ҷони ман, кори дигар нест маро ғайри **вафот** [12, с.20].*

*Шаби ҳаҷр асту **марг**и хеш хоҳам аз Худо имшаб,*
***Аҷал** рӯзе чу сӯям хоҳад омад, гӯ, биё имшаб.*
Чунин дарде, ки ман дорам, нахоҳам зист то фардо,
*Биё биншин, ки **ҷон хоҳам супурд** имрӯз ё имшаб [12, с.17].*

Ашк- *оби чашм, сиришк, дида пуроб шудан, гавҳар, сели фироқ*;

*Чун абр дид **ашк**и ман, аз гусса об шуд,*
Чун барқ дид оҳи ман, аз инфиол ҷаст [12, с.21]
*Зи **оби чашм**и ман гул шуд ба роҳи ишқ манзилҳо,*

Надонам то чӣ гулҳо бишкуфад аз ин гилҳо?
*Зи тӯфони с**иришк**и ҳуд ба гирдобе гирифторам,*
Ки умри Нӯҳ агар ёбам, набинам рӯйи соҳилҳо [12, с.15]

*Ҳам сина шуд пуроташу ҳам **дида шуд пуроб**,*
Дар обу оташ аст даруну бурун маро [12, с.8]

Пой бар фарқи Ҳилолӣ неҳ, ки баҳри мақдамат,
Ҳар замон сад гавҳар аз чашми гуҳарбор оварад [12, с.47]

Ҳар қасри умеде, ки барафрохта будем,
*Аз **сели фироқи** ту ба як бор нагун шуд [12, с.52]*

Ғам – *алам, сӯз, дард, доғ*:

*Гоҳ аз дӯст **ғаме,** гоҳ зи душман **аламе,***
*Ғами он чанд кашему **алами** он то кай? [12, с.191].*

*Зи **сӯзи** сина ҳар дам чанд пӯшам **доғи** ҳичронро,*
Дигар тоқат надорам, чок хоҳам зад гиребонро.
*Бизан як ханҷару аз **дард**и ҷон кандан халосам кун,*
Чаро душвор бояд кард бар ман кори осонро? [12, с.9].

Тавре аз баррасии чунин муродифот бармеояд, дар бунёди маъноӣ ва ҳаммаъношавии онҳо таъсири категорияҳои дигари семантикӣ чун сермаъноӣ ва маҷоз низ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, муродифоти услубӣ ва эҳсосотӣ дар забони ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ мавқеи хосса дошта, аз рӯйи ифода ва вижагии маъноияшон барои муассирии сухани шоир мусоидат кардаанд. Аз ҷониби дигар, истифодаи бамавриди ин навъи муродифот аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир дар шинохти маънои вожаҳо ва ҷанбаҳои ҳиссию муассирии онҳо ҳунари волои суханшиносӣ доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В Арнольд. – М.: Книжный дом «ЛИБЕРОКОМ», 2010.–448 с.
2. Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Большая советская энциклопедия, 2002. - 707 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ. 1. - 255 с.
4. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М.Саломов. - Душанбе, 2001. - 137 с.
5. Ҳомидов Д. Сарнавишти вожаҳо / Д.Ҳомидов. - Душанбе, 2008. - 146 с.
6. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои9-10) Қисми 1 / М.Н.Қосимова. - Душанбе, 2003. - 490 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: СЭ, 1969. - 950.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М.: СЭ, 1969. - 950 с.
9. Ҷумъаев М. Хусусиятҳои лексикию семантикии “Нафаҳот–ул-унс”-и А.Ҷомӣ / М.Ҷумъаев. - Душанбе: Эҷод, 2009. – 158 с.
10. Фарҳанги мухтасари “Шоҳнома”. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 86-87.
11. Каримов Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш.Каримов. – Душанбе, 1983. – 146 с.
12. Девони Ҳилолии Чағатоӣ. – Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1375.-334 с.

ВИЖАГИҲОИ МУРОДИФОТИ УСЛУБИЮ ЭҲСОСОТӢ ДАР ЗАБОНИ ҒАЗАЛИЁТИ БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ

Муродифот, тавре ки зикр кардем, муҳимтарин воситаи луғавии муассирии сухан ба шумор мераванд. Ин категорияи лексикӣ дар забони осори манзум ҷанбаи хеле муҳимми услубӣ дорад. Баҳс сари мавҷудияти муродифот дар забон баробари ҳаммаъноӣ бо як қатор унсурҳои дигар аз қабили сабку услуб, гуногуннокии калимаҳо, сермаъноӣ, ҳамнишинӣ, ҷойгузинии калимаҳо дар доираи майдони семантикӣ ба ҷойи ҳамдигар ва монанди инҳо низ марбут мегардад. Муродифоти мафҳумиро, муродифоти идеографӣ низ мемоманд ва онҳо мафҳумҳои аз ҷиҳати ифодаи маъно якхела ва ба ҳам наздикеро ифода менамоянд. Ин навъи муродифот аз ҷиҳати теъдод хеле зиёданд. Дар ғазалиёти Ҳилолӣ намунаи зиёди муродифотро метавон пайдо намуд, ки онҳо ба ҳайси муродифи мафҳумӣ истифода шуда, барои ифодаи маъноҳои мавриди назари шоир хизмат намудаанд. Дар раванди таърихии рушди забон ин ҳодисаи луғавӣ зиёд ба назар мерасад. Бадриддин Ҳилолӣ ба ҳайси шоири варзида ва суханшинос дар истифодаи муродифоти услубӣ ҳунари суханварии волое нишон додааст. Шоир дар як мисраъ якчанд вожаеро пайиҳам меорад, ки онҳо аз ҷиҳати ифодаи услубӣ байни ҳамдигар муносибати муродифӣ касб намудаанд. Тарзи муродифшавии калимаҳо, ки бештар ҷанбаи услубӣ- фардӣ дорад, дар забони осори манзум хеле зиёд ба назар мерасад. Дар забони ғазал анвои гуногуни муродифоти луғавӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Вожаҳои дигаре, ки дар заминаи муродифоти услубӣ байни ҳам муносибати муродифӣ пайдо менамоянд, муродифоти эҳсосотӣ ном доранд. Муродифоти услубӣ ва эҳсосотӣ дар забони ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ мавқеи хосса дорад.

Калидвожаҳо: сабку услуб, сермаъноӣ, услубӣ, эҳсосотӣ, услубӣ - фардӣ, муродифоти луғавӣ, муродифоти эҳсосотӣ, вожа, ҳамнишинӣ.

СТИЛИСТИЧЕСКО-ЭМОЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ СИНОНИМОВ В ЯЗЫКЕ ГАЗЕЛЕЙ БАДРИДДИНА ХИЛОЛИ

Синонимы, как нами было уже отмечено, являются важнейшим лексическим воздействующим средством слова. Данная лексическая категория в языке поэтических произведений имеет очень важный стилистический аспект. Спор в данной статье идет о сосуществовании синонимов в языке наравне с их однозначностью с целым рядом других элементов таких как стиль и форма, различность слов, многозначность, созвучность, перемещение слов в пределах семантического поля. Понятыйные синонимы также называют идеографическими синонимами и они выражают понятия одинаковые и близкие по значению. Данный вид синонимов очень расширенный относительно количественного соотношения. В газелях Хилоли можно найти очень много примеров синонимов, которые используются в качестве понятийных синонимов и служат для выражения значений, которые хочет передать поэт. В историческом процессе развития языка данный словарный случай встречается очень часто. Бадриддин Хилоли как умелый поэт и знаток слова показал великое мастерство в использовании стилистических синонимов. Поэт в одной стихотворной строке приводит несколько слов подряд, которые по своему стилистическому выражению имеют синонимическое отношение между собой. Способы синонимизации слов, которые в большинстве своем имеют стилистически – индивидуальный аспект, очень часто встречаются в языке поэтических произведений. В языке газелей очень много разнообразных словарных синонимов. Другие слова, которые на основе стилистических синонимов между собой приобретают синонимические отношения, называются эмоциональными синонимами.Стилистические и эмоциональные синонимы в языке газелей Бадриддина Хилоли имеют особое значение.

Ключевые слова: стиль и форма, многозначность, стилистический, эмоциональный, стилистический - индивидуальный, словарный синоним, эмоциональные синонимы, слово,общение.

STYLISTIC-EMOTIONAL FEATURES OF SYNONYMS IN THE LANGUAGE OF GAZELES BADRIDDIN KHILOLI

Synonyms, as we have already noted, are the most important lexical influencing means of a word. This lexical category in the language of poetic works has a very important stylistic aspect. The dispute in this article is about the coexistence of synonyms in the language, along with their uniqueness with a number of other elements such as style and form, difference of words, polysemy, consonance, movement of words within the semantic field. Understandable synonyms are also called ideographic synonyms and they express the concepts of the same and similar in meaning. This type of synonyms is very expanded relative to the quantitative ratio. There are many examples of synonyms in ghazal of Khiloli that are used as conceptual synonyms and are used to express the meanings that the poet wants to convey. In the historical process of language development, this vocabulary case occurs very often. Badriddin Khiloli, as a skillful poet and expert on the word, showed great skill in the use of stylistic synonyms. The poet in one line of verse gives several words in a row, which in their stylistic expression have a synonymous relationship with each other. Methods of synonymizing words, which for the most part have a stylistic - individual aspect, are very often found in the language of poetic works. In the language of gazelles a lot of different vocabulary synonyms. Other words that, on the basis of stylistic synonyms, acquire synonymic relations between themselves are called emotional synonyms. Stylistic and emotional synonyms in the language of the gazelles of Badriddin Khiloli have a special meaning.

Key words: style and form, ambiguity, stylistic, emotional, stylistic - individual, vocabulary synonym, emotional synonyms, word, communication.

Сведения об авторе: ***Икромова Г.*** – Таджикский национальный университет, кафедра история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Ikromova G.*** - Tajik National University, Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.71+491.550(575.3)

ТРУДНОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ВИДОВ ГЛАГОЛА НА НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ФАКУЛЬТЕТАХ

Назаров А.
Таджикский национальный университет

Прежде чем приступить к изучению темы «Виды глагола», преподавателю русского языка необходимо сообщить основные сведения о глаголе, а именно: о значении глагола, роли глагола в предложении в функции сказуемого), изменении глаголов прошедшего времени по родам, уже известный студентам по программе общеобразовательной школы, поэтому подробно останавливаться на них нет надобности. Достаточно ограничиться краткими разъяснениями и выполнением нескольких упражнений, которые бы убедили студентов, что функции и изменение русских глаголов во многом сходны с функциями и изменением глаголов таджикского языка, т. е. что русские глаголы так же, как и таджикские, обозначают действие, в предложении являются сказуемыми, изменяются по лицам, числам и временам. Проверить, прочно ли студенты усвоили систему спряжения.

Таблица №1. Правописание личных окончаний глаголов I и II спряжения

	I спряжение		II спряжение	
	Ед. ч.	Мн. ч.	Ед. ч	Мн. ч.
1-е лицо	-у, -ю	-ем, - ём	-у, -ю	-им
2-е лицо	-ешь, -ёшь	-ете, - ёте	-ишь	-ите
3-е лицо	-ет, -ёт	-ут, - ют	-ит	-ат, -ят

Сопоставляя спряжение глагола в русском языке с изменением его в таджикском языке, преподаватель должен знать, что не во всех языках глаголы изменяются по лицам. Поэтому необходимо обратить особое внимание на личные окончания русского глагола и повторить их. Наклонения, времена глагола, согласование в роде глаголов прошедшего времени –всё это также должно быть предварительно повторено. И, наконец, необходимо напомнить студентам о чередовании согласных, так как оно часто встречается при образовании видов глагола.

Для повторения могут быть использованы упражнения:

1. Заменить в тексте «Мой день» последовательно первое лицо единственного число вторым и третьим лицом этого же числа и первым, вторым и третьим лицом множественного числа.

2. Переведите с русского на таджикский язык.

Мой день. Я студент первого курса Таджикского национального университета. Я живу в городе Душанбе. Я встаю в шесть часов утра, умываюсь, одеваюсь и завтракаю. Потом собираю книги и тетради, кладу в портфель и иду в университет.

3. В тексте «Мой день» подлежащее **я** замените подлежащим **он**, а настоящее время глагола прошедшим временем.

4. В предложении **Лето прошло** замените последовательно подлежащее **лето** подлежащими **неделя, весна, урок, осень, месяц**.

5. Образуйте первое лицо единственного число настоящего времени от глаголов **говорить**, **писать, видеть, сидеть, пахать, вязать, мазать, свистеть, учить**.

Таблица №2. Вид глагола

Время	**Несовершенный вид (НСВ)** Что делать?	**Совершенный вид (СВ)** Что сделать?
Настоящее	Он слушает радио. **Что** он **делает**? – **Слушает.**	**----------**
Прошедшее	Он слушал радио. **Что** он **делал**? – **Слушал**.	Он слушал радио. **Что** он **сделал? -Послушал**
Будущее	Он будет слушать радио. **Что** он **будет делать**?- **Будет слушать**.	Он слушает радио. **Что** он **сделает? - Послушает.**

Категория вида глаголов – одна из основных и наиболее трудных грамматических категорий русского языка. Поэтому эта тема представляет большую трудность для усвоения студентами на нефилологических факультетах.

Перед преподавателем стоит черезвычайно сложная задача – раскрыть понятие глагольного вида и добиться от студентов усвоения этой грамматической категории.

Однако, говоря о значении совершенного и несовершенного видов русского глагола, следует иметь в виду, что значение результативности действия является лишь одной из разновидностей общего значения совершенного вида, т. е. ограничения действия внутренним пределом. «Обозначение результата, - подчеркивает акад. В.В. Виноградов, - является одним из основных значений совершенного вида, но не единственным» [1].

Следует отметить также, что внутри как совершенного, так и несовершенного вида выделяются по значению отдельные группы глаголов, представляющие разновидности отмеченных выше основных видовых значений и часто называемые в научной литературе подвидами. Однако при определении важнейших из этих групп или разновидностей необходимо опираться на данные истории развития вида в русском глаголе.

Известное представление об этой истории дают исследования знаменитого русского языковеда А.А. Потебни [3].

Глаголы, обозначающие длительные или повторяемые действия, называются глаголами **несовершенного вида;** глаголы, обозначающие действие недлительное, однократное, имеющее определённый результат, называются глаголами **совершенного вида.**

Категория вида обозначает глагольное действие или в его длительности, или в его ограниченности каким-либо пределом.

Глаголы несовершенного вида обозначают действие как процесс, не ограниченный во времени.

«Обозначение действия в его течении, не стеснённом мыслью о пределе процесса в целом, - основное, общее значение несовершенного вида. Оно представляется «обычным», естественным значением глагола, его грамматической нормой».

Таково, как указывает акад. В. В. Виноградов, наиболее общее значение глаголов несовершенного вида [1].

Наибольшее количество ошибок студентов - таджиков приходится обычно на неправильное употребление глаголов с их видовыми различиями. Вместо «Я скажу» они употребляют форму «Я буду сказать», вместо «Вдруг кто-то стукнул в окно» - «Вдруг кто-то стучал в окно» или вместо «Каждый день я выходил из дому в восемь часов утра» – «Каждый день я вышел из дому в восемь часов утра».

В настоящей работе принято понимание семантики совершенного вида как семантики достижения внутреннего предела действия, как его естественный исход или результат.

Несовершенный вид глагола не обозначает предела, а выражает действие в его течении, длительности. Например: 1) Рабочие строят (несов, вид) Рагун.- Рабочие построят (сов. вид.) Рагун. 2) Преподаватель читал (несов. вид.) лекцию. - Преподаватель прочитал (сов. вид.) лекцию.

Глаголы совершенного вида, обозначая результативность, показывают действие в момент достижения ими предела в прошлом и будущем (написал- напишу), но не показывают его самом течении. Поэтому глаголы совершённого вида имеют только формы прошедшего и будущего времени; формы настоящего времени они не имеют, ибо настоящее время показывает действие, происходящие одновременно с моментом речи.

При изучении категории вида преподаватель должен выделить основные вопросы, на которых следует обратить внимание студентов.

Прежде всего необходимо отграничить от видовых глаголов глаголы определённого действия, обозначающие движение:

ходить – идти; ездить – ехать; бегать – бежать; водить – вести; носить – нести; летать – лететь; ползать – ползти.

Студенты допускают ошибки, употребляя одни формы вместо других. Например, вместо «Ребёнок поздно стал ходить» – «Ребёнок поздно стал идти», вместо «Самолёт летит над городом» - «Самолёт летает над городом».

Глаголы неопределённого движения показывают, что действие совершается вообще без какой –либо определённой направленности, они говорят об умении производить движение, о повторяемости его. Например: Я умею плавать (но не плыть): Мальчик бегает по двору (если движение неопределенно повторяется) и Мальчик бежит по двору (если движение имеет определённую направленность). Сравните так же: отец ходит за газетой (в значении повторяемости действия – каждый день, всегда) и Отец идёт за газетой (имеется в виду единичный случай – действие определённое). Иногда в контексте может быть употреблен и тот и другой глагол. Например: Посмотрите как он хорошо плавает! и Посмотрите, как он хорошо плывёт! Но значение определённости и неопределённости действия при этом не исчезает. Можно привести ряд упражнений для усвоения студентами этих глаголов.

Например:

1. В следующих парных предложениях употребите, где это необходимо, глаголы летать – лететь, плавать – плыть, ходить – идти, поставив их в нужной форме:

1) Воробышек был слишком мал и не умел ещё (летать, лететь). 2) Самолёт (летать, лететь) на юг. 3) Мальчик быстро (плывёт, плавает) к берегу. 4) Этим летом он научился (плыть, плавать). 5) Больной недавно поправился и стал (ходить, идти).

1. Проспрягайте парные глаголы: бежать – бегать, идти – ходить, летать- лететь, плыть – плавать.
2. Составьте предложения с парными глаголами возить-везти, водить – вести, ездить-ехать.
3. Укажите в следующих предложениях глаголы определённого и неопределённого действия:

1) Колхозник едет на базар. 2) Лошадка быстро бежит по узкой луговой дороге. 3) Он везёт на продажу мёд с колхозной пасеки. 4) Так он ездит каждое воскресенье.

5. Употребите в предложениях в повелительном наклонении второго лица единственного числа нужные глаголы:

1) Рустам, (идти, ходить) к доске! 2) Быстро (плавать, плыть) к берегу! 3) Срочно (вести, водить) отца к доктору!

В последнем случае следует обратить внимание студентов на то, что в повелительном наклонении обычно используются глаголы определенного движения, так как действие в данном случае имеет определённую целенаправленность.

Очень полезно на электронной доске показать таблицу таких глаголов и при спряжении их обратить внимание студентов на чередования в них согласных, например: бегу –бежит, но бегаю – бегаешь: или хожу –ходишь, но иду – идёшь.

Эти формы глаголов ещё не дают понятия о виде глаголов. Они представляют только некоторую разновидность по кратности или не кратности к глаголам несовершенного вида.

Категория вида обозначает глагольное действие или в его длительности, или в его ограниченности каким- либо пределом.

Рассмотрим лишь некоторые случаи употребления глаголов совершенного и несовершенного вида в русском языке, то есть те случаи, когда значение и употребление глагола, совершенного или несовершенного вида связано с лексическим значением других слов в предложении:

1) Употребление глаголов совершенного и несовершенного вида в связи с лексическим значением обстоятельственных слов (в пределах простого предложения).

2) Употребление глаголов совершенного и несовершенного вида в предложениях с однородными сказуемыми (в составе простого предложения).

3) Употребление видов в составном глагольном сказуемом (рассматривается употребление инфинитива в составе сказуемого).

Перечисленные случаи употребления видов глагола в русском языке представляют наибольшую трудность для таджикских студентов. Это подтверждается наличием большого количества ошибок в устной и письменной речи таджикских студентов.

Данная работа не ставит целью дать анализ употребления всех временных форм глагола. В работе не даётся исчерпывающего анализа в с е х случаев употребления глаголов совершённого и несовершенного вида в русском языке, рассматриваются лишь наиболее употребительные для современного русского языка случаи употребления глаголов совершенного и несовершенного вида в пределах простого предложения.

Глаголы, обозначающие длительные или повторяемые действия, называются глаголами **несовершенного вида**; глаголы, обозначающий действие недлительное, однократное, имеющее определенные результат, называются глаголами **совершенного вида.**

При объяснении видовых различий надо исходить из неопределённой формы глагола. Если взять два глагола стучать и стукнуть, то действие глагола стучать имеет неопределённо долгое течение и ничего не говорит о его завершении: Я стучу –действие длится в настоящем времени неопределённо долго, я стучал –действие совершалось в прошедшем времени, но как долго оно длилось – неизвестно, и наконец, Я буду стучать – означает, что действие будет происходить в будущем, но будет ли иметь результат и будет ли ограничено пределом, не указано. Действие глагола стукнуть не может длиться во времени, следовательно, глагол совершенного вида не имеет формы настоящего времени, предполагающего длительность действия: *Я стукнул-* означает, что действие происходило в прошедшем времени, имело законченный характер и ограничено временем. *Я стукну* - означает, что действие будет происходить в будущем времени, будет ограничено временем и будет иметь результат.

Наглядно можно показать разницу между глаголами *слушать и стукнуть, взяв* карандаш и постукивая им по столу, спросить: «Знаете ли вы, когда я перестану стучать?» Или же, стукнуть карандашом один раз по столу и спросить: «Продолжается ли такое действие в настоящем времени или оно уже закончились?» Многократность несовершенного вида глаголов и однократность совершенного усваиваются учащимся легче других видовых особенностей.

Результативность совершенного вида и нерезультативность несовершенного вида можно наглядно показать на таких примерах, как глаголы *решал и решил. Студент решал задачу-* ещё не значит, что он её сделал, пришёл к определённому результату, нашёл правильный ответ. Он только некоторое неопределённо долгое время сидел над ней и думал, как её сделать. *Студент* **решил** задачу- значит, что он пришёл к определенному результату, нашёл решение.

Особо следует остановиться на употреблении повелительного наклонения глаголов несовершенного и совершенного вида. Приказания отдаются для того, чтобы их исполнять совершать действия. Отсюда понятно, что и повелительном наклонении мы чаще всего имеем глаголы совершенного вида: *пойди, возьми, встань, купи, скажи, передай* и. т. п. Например, *сядьте-ка поскорей, отдохните;* посоветуйтесь с доктором; возьми папиросу да рассказывай и т. п.

Глаголы несовершенного вида в повелительном наклонении указывают на действия, которые надо совершать постоянно, всегда. В школьных правилах, например, надо употреблять

глаголы несовершенного вида: *Береги тетрадь и книги. Внимательно слушай на уроке. Следи за порядком в группе и. т. д.*

Чтобы студенты научились различать смысловые оттенки несовершенного и совершенного вида глаголов, учителю надо подобрать соответствующие упражнения. Прекрасным образцом упражнения на различение видов глаголов и на спряжение их является упражнение с заменой глаголов в тексте:

*Я **решаю** задачи, **делаю** упражнения, **отвечаю** уроки и в два часа **возвращаюсь** домой. Дома я **обедаю** и **отдыхаю**. Потом я **сажусь** за уроки. Вечером перед сном я **гуляю,** потом **ужинаю** и в десять часов **ложусь** спать.*

Задания, связанные с этим текстом, можно разнообразить, например: 1) спишите этот текст, поставив глаголы во 2-м, а потом в 3-м лице единственного числа и 1-м, 2-м, 3-м лице множественного числа; 2) спишите текст, поставив глаголы в прошедшем, а потом в будущем времени; 3) подыщите парный глагол к каждому глаголу в данном тексте.

При изучении смысловой стороны глагольных видов можно указать ещё на следующие виды упражнений:

1. В данных предложениях поставьте в прошедшем времени глаголы, выбрав их из стоящих в скобках:

*а) Преподаватель всегда (**рассказывать, рассказать**) очень интересные случаи из истории гражданской войны. б) Вчера мой брат (**перевыполнять, перевыполнить**) норму на 50 процентов.*

2. Поставьте вместо точек нужные глагольные формы.

а) *Я долго не ложился спать и … только в двенадцать часов. б) Студент два часа решал эту задачу и наконец….*

3. в данном тексте замените глаголы несовершенного вида глаголами совершенного вида.

Сверкала молния. Гремел гром. Деревья шатались от ветра. Дождь лил, как из ведра. С запада надвигались чёрные тучи.

С л о в а д л я с п р а в о к: *сверкнуть, загреметь, зашататься, полить, надвинуть.*

4. В следующих предложениях поставьте в повелительном наклонении глагол, выбрав его из стоящих в скобках:

*а) (**Приносить, принести**) мне сегодня ведерко грибов. б) **(Говорить, сказать)** Назарову, чтобы он зашёл к декану. в) **(Решать, решить)** к завтрашнему дню эту задачу.*

5. В следующем тексте замените глаголы прошедшего времени глаголами будущего времени.

Я **взял** корзину и **пошёл** в горы. Там я **набрал** много грибов и **отнёс** их матери. Она **изжарила** их и **дала** мне.

6. В следующих предложениях подчеркните одной чертой глаголы настоящего времени, двумя- глаголы будущего времени.

а) *Я беру книги в библиотеке. б) Я выберу тебе интересные рассказы. Мы идем по широкой улице. г) Мы зайдем к нашему товарищу.*

Изучая виды глаголов, преподаватель, по мере возможности, должен использовать для сравнения материал родного языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. АН СССР. - М. - Л., 1949. - 497 с.
2. Современный русский язык / Под ред. В.А. Белошапковой. - М., 1981. - 410 с.
3. Потебня А.А. Из записок по русской грамматике / А.А. Потебня. - М. - Л., 1941. - Т. IV. - С.47.
4. Земский А.М. Русский язык. Часть 1 / А.М. Земский, С.Е. Крючков, М.В. Светлаев. - М., 2003. - С. 338.
5. Крылова В.А. Коммуникативные синтаксис русского языка / В.А. Крылова. - М., 1992. - 312 с.
6. Земский А.М. Русский язык часть 2 / А.М. Земский, С.Е. Крючков, М. В. Светлаев. - М., 2003. - 398 с.
7. Мошеев И. Б. Сопоставительная типология русского и таджикского языков. Морфология / И.Б. Мошеев. – Душанбе, 1991. - С. 230.

МУШКИЛОТИ ОМӮЗИШИ НАМУДҲОИ ФЕЪЛ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ

Дар ин мақола мушкилоти марбут ба азхудкунӣ ва омӯзиши шаклҳои феъл ва хатоҳои маъмулӣ, ки хосси нутқи донишҷӯён – тоҷикон мебошад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар замони ҳозира дар усули омӯзиши забони русӣ (аз ҷумла дар азхудкунии феълҳо) чунин қоида дар бораи ҷудо намудани мушкилоти марбут ба якҷояшавии дохилизабонӣ ва байнизабонӣ қабул гардидааст. Дар мақола тавсияҳои методӣ оид ба бартарафсозии мушкилоти азхудкунии шаклҳои феъл пешниҳод шудааст. Гуногунӣ ва ҳудвижагии категорияҳои феъл ва шаклҳои он барои донишҷӯён мушкилоти зиёдро ба миён меорад. Бо назардошти ин дар назди омӯзгорони забони русӣ вазифаи мушкил истодааст ва бояд кӯшиш кунанд, ки донишҷӯён шаклҳои гуногунии феълро омехта накунанд. Қабл аз ҳама, ин хусусият ба чунин категорияҳо чун намуд ва сиға мансуб аст. Донишҷӯён бештар маврид категорияҳои намуд ва замонро бо ҳам омехта

менамоянд, ки аз ин хотир ба онҳо намудҳои феълро аз нигоҳи маънӣ ва аломати грамматикӣ шарҳу тавзеҳ дода, фаҳмонидан лозим. Пас аз фаҳмидани чунин нозукиҳо донишҷӯён метавонанд намудҳои феъл ва категорияҳои онро бо ҳам муқоиса кунанд ва бо ҳамин тартиб фарқияти онҳоро дуруст шиносанд. Дар баробари ин ҳама, онҳо метавонанд алоқаи синтаксисии феъл ва дигар калимаҳоро дуруст дарк намоянд. Фаҳмишии донишҷӯён оид ба шакл ва хусусиятҳои грамматикии феъл ва ба воситаи гузаронидани таҳлили грамматикии воҳидҳои забонӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, пайдарҳамӣ ва муназзаму мукаммал гузаронидани таҳлили грамматикӣ бояд хуб ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат донишҷӯ аломатҳои грамматикии феълро дуруст аз худ намуда, истифодаи бамавриди онҳоро хуб ба роҳ мемонад. Бо ҳамин тартиб мақсади асосии таҳияи мақолаи мазкур пешниҳод намудани ёрии методӣ ба омӯзгорони мактабиӣ олӣ дар самти ихтисосҳои ғайрифилологӣ барои афзудани дониши донишҷӯён ва инкишофи малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо дониста мешавад.

Калидвожаҳо: намудҳои феъл, тасриф, ҳамнишинии садонокҳо, намудҳои мутлақ ва ғайримутлақ, категорияи намуд, контекст, муайянӣ ва номуайянӣ, феълҳои чуфт, гуногуншаклии феъл.

ТРУДНОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ВИДОВ ГЛАГОЛА НА НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ФАКУЛЬТЕТАХ

В данной статье рассматриваются трудности, связанные с освоением видов глагола и типичные ошибки, свойственные речи студентов-таджиков: в настоящее время в методике обучения русскому языку (частности, в освоении видов глагола) утвердилось положение о выделении трудностей, обусловленных внутриязыковой интерференцией, и трудностей, обусловленных межъязыковой интерференцией. В статье предлагаются методические рекомендации по преодолению трудностей усвоения видов глагола. Разнообразие и своеобразие глагольных категорий и форм представляет для студентов большие затруднения. Перед преподавателем русского языка стоит нелегкая задача: добиться того, чтобы студенты не смешивали различные глагольные категории и формы. В первую очередь это относится к таким категориям, как вид, наклонение. Студенты нередко смешивают категорию вида со временем; необходимо научить их определять вид глагола по смыслу и по грамматическим признакам, подбирать к глаголу одного вида подходящий глагол другого вида, т.е. сознательно сопоставлять глаголы по их видовым различиям; добиться понимания синтаксической связи глагола с другими словами в предложении – при различении переходных и непереходных глаголов. Понимание студентами грамматических форм глагола закрепляется и одновременно проверяется на грамматическом разборе. Поэтому очень важно добиться последовательности, полноты и точности грамматического разбора, чтобы студенты правильно характеризовали каждую глагольную форму и те грамматические признаки, которые являются наиболее трудными и не изучались в средних общеобразовательных школах. Статья ставит своей целью помочь преподавателю русского языка в нефилологических группах вузов РТ привить студентам прочные навыки устной и письменной речи.

Ключевые слова: виды глагола, спряжение, чередование согласных, несовершенный вид, совершенный, категории вида, контекст, определённость и неопределенность, парные глаголы, разновидность.

DIFFICULTIES OF STUDYING TYPES OF VERBS ON NON-PHILOLOGICAL FACULTIES

This article discusses the difficulties associated with the development of verb types and typical mistakes inherent in the speeches of Tajik students: at present, the teaching of the Russian language (particularly in mastering the verb types) is established to highlight the difficulties caused by intralinguistic interference and the difficulties caused by interlanguage interference. The article offers methodological recommendations for overcoming the difficulties of learning verb species. The variety and originality of verb categories and forms presents great difficulties for students. The Russian language teacher has a difficult task: to ensure that students do not mix different verb categories and forms. First of all it refers to such categories as view, mood. Students often mix a category of a species over time; it is necessary to teach them to determine the type of verb by meaning and by grammatical signs, select a suitable verb of another type to the verb of one type, i.e. consciously juxtapose verbs by their species differences; to gain an understanding of the syntactic connection of the verb with other words in the sentence — while distinguishing between transitive and intransitive verbs. Students' understanding of the grammatical forms of the verb is fixed and simultaneously checked on the grammatical analysis. Therefore, it is very important to achieve consistency, completeness and accuracy of grammatical analysis so that students correctly characterize each verb form and the grammatical features that are most difficult and have not been studied in secondary schools. The article aims to help the teacher of the Russian language in the non-philological groups of universities in the RT to instill in students a strong ability to speak and write.

Key words: verb species, conjugation, consonant alternation, imperfect species, perfect, species categories, context, certainty and uncertainty, paired verbs, variety.

Сведения об авторе: ***Назаров Ахмад*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры русского языка для нефилологических факультетов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 985-04-77-89**

Information about the author: ***Nazarov Ahmad*** - Tajik National University, Associate Professor of the Russian Language Department for non-philological faculties. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel.: **(+992) 985-04-77-89**

УДК: 491.550+891.550-1

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР АШЪОРИ ФОРСӢ - ТОҶИКӢ

Исмонов К.
CATEGORY OF NUMBER OF NOUN IN SHUGNI, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article aims to analysis the category of number of noun and its quantitative classification of denotations in Shugni, Tajik and English languages. To the following category and classification we concern the ways of forming the plural form of countable nouns of Shugni, Tajik and English languages. Ways of forming plural formof simple, derivative, compound and complex nouns and noun phrases in the aspect of comparison is analyzed in the compared languages. Before covering these issues, we considered that what does the category of number of noun represents in the comparing languages and what is its function. The category of number of noun always reflects the quantitative relationship between subject and respectively the noun that it is concerned to. Nevertheless, the following category does not exist in all languages. In some languages this category does not exist at all, in others this category is expressed in different ways (morphological, syntactical, lexical and grammatical). In my researched languages this category is expressed grammatically and has category of singularity and plurality. Despite on repeated researches of the following phenomenon, this category requires more clear researches as before, continues to cause the interests of linguists more. Regarding to this arises necessity to give comparative characteristics of the following category in the languages that it belong to the same family of languages (Indo-European), but different groups of languages. In the following research the languages are differ grammatically and the similarities and differences are identified.

Key words: Noun, singular and plural form, ending, suffixes, ways of forming plural form, similarity and difference.

Сведения об авторе: ***Иматшоева М.Б.*** - Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-955-48-47**

Information about the author: ***Imatshoeva M.B*** - Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-955-48-47**

УДК: 491.155

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ НАВИНИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

(дар намунаи истилоҳоти забоншиносӣ)

Мухаббатов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳот яке аз бахшҳои муҳимми забон буда, ҷиҳати равшан баён ифода шудани матлаб ва зуд ба ҳадаф расидани гӯянда мусоидат мекунанд. Дар баробари пешравии ҷанбаъҳои гуногуни ҳаёт истилоҳот ҳам такмил меёбанд ва ҷиҳати истифодаи дуруст баррасии онҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Махсусан истилоҳоти нав дар забони форсӣ ба суръат зиёд мешавад, гоҳо аз фарҳангномаҳо берун мемонанд ва баъзан як истилоҳ ба маъноҳои гуногун истифода шуда, танҳо дар матн метавон маънои истилоҳии онро дарк намоем. Дар масъалаи истилоҳоти забоншиносии забони форсӣ низ вазъ ҳамин аст, ки дар ин гузориши кӯтоҳ бо истифода аз луғатномаҳои муътабар чанде аз онҳоро баррасӣ менамоем.

Кадом вожаҳо наванд ва чӣ чизе барои ин метавонад меъёр бошад. Яке аз роҳҳои муътамад ва дар айни замон дастрас ин муқоисаи вожаҳо дар фарҳангҳои муътамаде, ки ҳам дар Эрон ва ҳам берун аз он ба табъ расидаанд, мебошад. Аз ҷумла, дар бахши ибтидоӣ ё ташреҳии фарҳанг "فرهنگ فارسی به روسی", ки дар ду ҷилд соли 1983 дар Маскав таҳти роҳбарии Рубинчик Ю. ба чоп расидааст, омадааст: дар ҷилди 1 – «Персидско-русский словарь. Том 1, от آ до ژ , издание 2-е, стереотипное, с приложением новых слов» ва дар ҷилди 2 низ айнан ҳамин чиз оварда шудааст. Аз ин тавзеҳот чунин бармеояд, ки аз замони таълифи авали фарҳанг ва ҳатто, ҳангоми тадвини чопи дувум, пайдоиши вожаҳои нав ба гунае будааст, ки муаллифон ё мураттибони фарҳанг то остонаи чоп аз онҳо бехабар будаанд. Пас аз баррасиҳо ва таҳлили чандин фарҳангҳои машҳур ба хулосае расидем, ки ин кори мураттибони «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» ҳам монанд ба фарҳанги машҳури "لغتنامه دهخدا" ва фарҳанги тафсирии арабии "المنجید" ва соири фарҳангҳои машҳури дунё будааст.

Дар робита ба забони форсӣ метавон гуфт, ки пас аз Инқилоби исломӣ вожаҳо, истилоҳот ва иборoти истилоҳӣ хеле зиёд буда, ки қаблан дар забон ё вуҷуд надоштанд ва ё агар вуҷуд доштанд, маъмул набуданд. Аммо нуктаи ҷолиби назар ин аст, ки дар бахши вожаҳои нави забони форсӣ, ки дар замимаи фарҳанг оварда шудааст, тақрибан 90 дар сади ин вожаҳои тозазуҳур аслан форсианд. Соири вожаҳое, ки тоза зуҳур кардаанд, дар қолабҳои омехта, яъне ҳатман як ҷузваш форсӣ бошад, сохта шудаанд. Ҳамон тавре ки аз номи инқилоб ва сохтори сиёсӣ – Ҷумҳурии Исломии Эрон бармеояд, ин падида то андозае таъсири худро ба вожагони забони форсӣ гузоштааст. Яъне, вожаҳо ва таъбироти комилан арабӣ дар забони форсӣ ба таври густурда арзи ҳастӣ намудаанд. Аммо лозим ба зикр аст, ки на дар ҳама бахшҳои забон чунин як таҳаввулот, ки асосан дар қолаби вожасозии забони форсӣ сохта шудаанд, ба мушоҳида мерасад.

Бинобар ин, вожаҳои забони форсиро вобаста ба соҳаҳо ё бахшҳои мухталиф гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст. Аммо матлаби асосии мо дар ин гузориш истилоҳоти бахши забоншиносӣ аст, ки мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор хоҳем дод.

- – آغازش āgāzeš-initiator

Ин вожаи нави забоншиносӣ баёнгари ин аст:

"حرکت تلمبه ای اندام های آوایی که باعث جریان هوا در مجرای آوایی برای تولید آوایی شود"[8, c.15]. – آغازشگر - [āgāzgar]-initiator

«āgazešgar» ба ин маънӣ аст:

"هر یک از اندام های آوایی که موجب آغازش شود" [8, c.1] – آغازگر -[āgāzgar] – theme

Фарҳангистон ин вожаи навро барои баёни ин маъноҳо пешниҳод кардааст:

"در دستور نقش گرا سازهٔ آغازین پیام"[8, c.15]. Агар каме дуртар аз мавзӯи баҳс биравем, дар ҳамин як тавзеҳ боз ба чанд вожаи нав, ки қаблан дар забон корбурд надоштанд, дида мешавад, мисли «naqšgarā», «sāze» ва «āgāzgar». Вожаи «sāze» дар забоншиносӣ чун «constituent» ҳар як аз аҷзои ташкилдиҳандаи ҷумла дар сатҳҳои мухталифи синтаксисиро мефаҳмонад. Аммо ҳамин вожа, яъне «sāze» дар бахши муҳандисии имрон ва хеле бахшҳои дигар чун «structure» [8, с.396] фаҳмида мешавад ва мушоҳидот нишон медиҳанд, ки дараҷаи корбурди он хеле васеъ аст.

Аз ҳамин як вожаи «āgāz» боз ду истилоҳи нави забоншиносӣ:

آغازگرسازی «āgāzgarsāzi» - «thematization» ва «آغازه» «āgāze» - home page сохта шудааст, ки агар аввалӣ чун истилоҳи забоншиносӣ фарояндеро, ки дар он як «sāze» дар оғози паём қарор мегирад, фаҳмида шавад, пас дувумӣ чун истилоҳи роёнаӣ маънии нахустин сафҳаи иттилоотии як фард ё созмон ба рӯйи шабакаи Интернетро мефаҳмонад.

Вожаи آوا «āvā» - phon дар фарҳангҳои қаблӣ на чун воҳиди забоншиносӣ, балки чун «аваз» ташреҳ мешуд. Масалан, дар фарҳанги дуҷилдаи «فارسی به روسی» [3] дар мавриди «āvā» чунин омадааст: آوا – [ава] 1) см. آواز ; 2) и.с.м. Ава [3, с.140]. Аммо агар вожаи «аваз»-ро дар ин фарҳанг пайгирӣ кунем, ҳеҷ мафҳуми забоншиносӣ дар он дида намешавад, танҳо дар шакли آوازپذیر – «авазпäзир» чун истилоҳи забоншиносӣ ба маънии «согласный» [3, с.140] омадааст.

Дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваби Фарҳангистон» вожаи آوا – «ава» чун истилоҳи забоншиносии «phone» оварда шудааст, ки дорои маънии «кучактарин воҳиди овоии қобили тақтеи гуфтор» [8, с.21] мебошад.

Муқоисаи вожаи мазкур дар ду фарҳанг – «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» ва «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» баёнгари он аст, ки вожаи «ава» ахиран тавсеаи маъноӣ пайдо карда, табдил ба як истилоҳи забоншиносӣ шудааст. Инро дар намунаҳои дигар, аз қабили آواشناختی «авашенахти» - phonetic, آواشناس – «авашенас» - phonetician, آواشناسی «авашенаси» - phonetics метавон дид, ки имрӯз на танҳо дар Эрон, балки дар Тоҷикистон низ мавриди

корбурди фаъол қарор доранд. Гузашта аз ин, дар худи забоншиносии Эрон истилоҳи наве آواشناسی تولیدی «авашенаси-ǔe тоулиди» - articulatatory phonetic, ба маънии

"شاخه ای از آواشناسی که به مطالعهٔ نحوهٔ تولید آواها در دستگاه گفتار انسان می پردازد" [8, c. 21]

– آواشناسی زبر زنجیریавашенаси-ǔe

зäбаräзäнджири, ки калка аз suprasegmental phonetics, آواشناسی شنیداری «авашенаси-йе шенидари» - auditory phonetics, آواشناسی صوتی «авашенаси-йе соути» - acoustic phonetics, آواشناسی قانونی «авашенаси-йе гануни» - foreusis phonetics дар истеъмоланд, ки ба тадриҷ дар ҳоли тасбит шудан чун истилоҳ ҳастанд.

Вожаи آهنگ «ahang» - дар фарҳангҳо на ба маънии intonation омадааст, аммо дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» чун истилоҳи забоншиносӣ ба маънии «intonation» оварда шуда, чунин тавзеҳ шудааст: [8, c. 22] تغییرات زیر و بمی در گفتار

Ба назари мо барои ифодаи мафҳуми «интонатсия» «ahang» - хеле ба ҷо аст. Аз ин ҷост, ки ду истилоҳи ҷадид аз ин вожа барои истилоҳоти забоншиносӣ сохта шудааст, ки ҳарду табиӣ ва ҷавобгӯ, қабл аз ҳама, ба маънии калкашуда ва ҳамчунин ба меъёрҳои вожасозии забони форсӣ мебошанд:

آهنگ خیزان «ahang-e хизан» - falling intonation ва آهنگ افتان «ahang-e офtan» intonation rising.

Дар бисёре аз маворид вожаи тоза сохташуда, дар як риштаи илм маънии дигар ва дар бахши дигар комилан дорои маънии муқобил мегардад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани омонимҳо мешавад. Ба таври намуна, ба вожа – истилоҳи إسناد «эснад» назар меандозем. Вожаи мазкур дар забоншиносӣ чун «predication» пешниҳод шуда ва чунин шарҳ ёфтааст: «رابطه بین نهاد و گزاره», яъне робита байни мубтадо ва хабар, вале дар риштаи илми равоншиносӣ «эснад» ба маънии «attribution» аст, ки маънии тавзеҳи рафтори дигарон ё худ таъйини иллати он бо истинбот аз шароит ва асбоби он аст [8, c.41].

Истилоҳи «эснади» низ сохта шудааст, ки чун истилоҳи забоншиносӣ баёнкунандаи «марбут ба эснад» аст [8, c. 41].

Лозим ба зикр аст, ки тадвинкунандагони «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» саъй бар он доштаанд, ки вожа ё истилоҳи тозасохтаи онҳо ҳарчи бештар аз вожаҳои форсӣ бошад. Вале дар бархе аз маворид онҳо вожа – истилоҳоти таркибиеро пешниҳод мекунанд, ки ҳар ду ҷузъаш асосӣ ва гоҳе бештари он вожаҳои арабӣ аст. Ба таври мисол, истилоҳи اطلاع مفروض «эттела-йе мäфруз» - given information, ки ба ҷуз изофат ҳар ду вожаи арабӣ аст, ба маъниҳои зер пешниҳод шудааст:

"اطلاع مفروض در ساخت اطلاع جمله، اطلاعی که از دید گوینده یا نویسنده برای شنونده یا خواننده [زبان شناسی ناآشناست و از آن خبر ندارد". [8, c.45]

Агар истилоҳи мазкурро ба забони русӣ баргардонем ин тавр мешавад: «предполагаемые информации». Вожаи «предполагаемый» дар «Русско-персидский словарь»-и Г.А.Восканян ба сурати зер оварда шудааст:

«Предлагаемый فرضی – farzi, مفروض – mafruz; احتمالی – ehtemäli (вероятный)» [1, c.500].

Ҳамчунон ки аз тавзеҳоти ин фарҳанги муътабар дида мешавад, ҳеҷ вожаи форсӣ барои ифодаи арабии مفروض дида намешавад. Ин далолат бар он мекунад, ки на дар ҳама маврид метавон вожаҳои арабиро ба вожаҳои форсӣ иваз кард. Аммо дар мавриди вожаи «information» метавон дохили баҳс шуд. Ин вожа дар фарҳанги фавқуззикри Восканян Г.А. ба таври зер тавзеҳ шудааст:

Информ//атор – м. مخبر – mokhber, گزارشگر – gozäreshgar, خبرچین – khabarchin… //~ация. Ж. اطلاعات – ettelä’ät, اخبار – akhbar (известия); …/~ирование с. آگاهسازی – āgāhsāzi, آگاهی – āgāhi [1, c. 205].

Пас, дар ин мавриди мушаххас, ба назари мо беҳтар буд, ки дастандаркорони фарҳангистони севум ба ҷойи اطلاع مفروضی – ettlä-ye mafruzi метавонистанд истилоҳи آگاهی مقروضی -ро ба кор бибаранд, ки ин ҷавобгӯ ба усул ва завобите аст, ки худи ҳамин Фарҳангистон эълом доштааст. Аммо اطلاع نو – ettelä-ye nôu – new information чун истилоҳи забоншиносӣ ба сурати зер дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» ташреҳ шудааст:

"- در ساخت اطلاع جمله، اطلاعی که از دید گوینده یا نویسنده برای شنونده یا خواننده ناآشناست و از آن خبر ندارد" [8, c.45]

Маълум аст, ки истилоҳоте, ки аз сӯйи Фарҳангистон пешниҳод мешаванд, ғолибан ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Яъне, барои баёни вожаи бегона, ки аксаран англисӣ ҳастанд, гоҳе ду ва ҳатто бештар истилоҳ ба забони форсӣ пешниҳод мешавад. Ин далолат бар он дорад, ки кадом як истилоҳ дар ҷомеа роиҷ гардад, марбут ба худи ҷомеа аст. Масалан, барои баёни истилоҳи «articulator» ду истилоҳ ба забони форсӣ тавсия шудааст: اندام تولید، فراگو, ки ба таври зер тавзеҳ шудааст:

"هر یک از اندامهای آوایی فعال و تأثیرگذار در تولید آواها" [8, c.57]

Дар ин ду истилоҳи мусаввабаи Фарҳангистон аз ду тарзи ташаккул ва такмили забон истифода шудааст: агар истилоҳи аввалӣ اندام تولید аз роҳи омехта, яъне «форсӣ+арабӣ» сохта шуда бошад, пас истилоҳи дувумӣ ҳар ду ҷузъ комилан форсӣ аст.

Аммо барои баёни истилоҳи «speech organs» истилоҳи اندام های آوایی – «ändamhāye avayi» мусаввааб шуда ва имрӯз корбурди хеле фаъол дорад, ҳама ҷузъҳо форсианд:

همهٔ اندام هایی که در تولید آواهای زبان هستند، از پرده دیافراگم تا لب ها"]زبان شناسی["اندام های آوایی [8, c.57]

Дар саҳифаи 59-и Фарҳанги вожаҳои мусаввааб истилоҳи انسدادی – ensedädi ба ҷойи «stop» чун истилоҳи забоншиносӣ ба тасвиб расидааст, ки ба назари мо наметавонад баёнгари истилоҳи «stop» бошад. Зеро انسداد дар Фарҳанги форсӣ ба русӣ ба таври зер оварда шудааст:

1) закупорка; засорение; непроходимость; [энседад] – انسداد

2) заграждение, преграда [3, с.135].

Ба назари мо вожаи форсии «ایست» - ist – «stop» дар ин маврид хеле беҳтар аз вожаи «ensedadi» аст.

Вожаи بخش – bakhs дар истилоҳоти забоншиносӣ дорои чунин маъниҳост:

بخش"component "هر یک از قسمت های چهارگانهٔ تشکیل دهنده دستور زایش - گشتاری" "[8, c.80].

Ин дар ҳоле аст, ки بخش дар дигар риштаҳои илм дорои маъноҳои мутафовит аз маънии забоншиносии он аст. Масалан, بخش дар соҳаи маъмурӣ-идорӣ ба маънии «departament» буда, чунин тавзеҳ шудааст: department – bakhsh, goruh, گروه بخش

"بخش یا قسمتی از یک مؤسسه". [8, с. 80].

آغازگر".]زبان شناسی["آغازین پیام سازه در دستور نقش گرا [8, c.15].

Ин ҷо низ барои равшантар шудани маънии тавзеҳи боло лозим аст ба вожаи سازه – sāze тавзеҳ дода шавад:

سازه"[sāze]زبان شی constituent. "هر یک از اجزای تشکیل دهندهٔ جمله در سطوح مختلف نحوی" – [8, с. 393]

Дар мавриди ду истилоҳи ҷадиди آغازگر ва سازه , ки ҳар ду аз роҳи вожасозии вандӣ сохта шудааст, ҳаминро бояд зикр кард, ки маъноҳое, ки болотар чун истилоҳи забоншиносӣ тавзеҳ ёфтаанд, танҳо дар забоншиносӣ чунин фаҳмида мешаванд. Ҳамин вожаи آغازگر дар зистшиносӣ ба маънии «primer» аст, на ба маънии «theme» [8, с.15].

Аммо истилоҳи سازه «sāze», ки аз рӯйи қолаби «АЗҲ+е» сохта шудааст, дар муҳандисии имрон ба маънии «stucture», яъне «сохтор аст» [8, с.393].

Вожаи پایه – пайе дар фарҳанги дуҷилдаи «Персидско-русский словарь» ба бештар аз даҳ маънои луғавӣ ва маҷозӣ ташреҳ шудааст, ки ҳеҷ кадом ба маънӣ ё истилоҳи забоншиносӣ нест. Вожаи мазкур бар асари тавсеаи маъноӣ густариш пайдо карда, чун истилоҳи забоншиносӣ ба таври зер қаламдод мешавад:

واژه یا بخشی از واژه که در هر فرایند صرفی یا اشتقاقی وند جدید به آن اضافه شود".]زبان شناسی[base"پایه، [8, с.126].

Вале дар ин таърифи «Фарҳанги вожаҳои мусаввааб» метавон дохили баҳс шуд. Ин, ки вожа дар ҳар фароянди сарфӣ ё вожасозӣ метавонад ванде қабул кунад, комилан дуруст аст. Аммо бахше аз вожа дорои чунин вижагӣ нест. Ба назар мерасад, ки ин ҷо нимвандҳо бо вандҳо омехта шудаанд. Зеро дар забоншиносии Эрон то ҳол фикру назарҳои мухталиф дар бораи нимвандҳо вуҷуд дорад. Агар бархе аз забоншиносони эронӣ аз вуҷуди нимвандҳои номӣ, ки дар забоншиносии Эрон «вändваре» гуфта мешавад, ном бибаранд, вале бахши дигар онро зикр ҳам намекунанд.

Дар истилоҳоти забоншиносӣ як истилоҳи дигар бо پایه بخش bakhsh-e päye – base component дида мешавад, ки дорои маънии зер аст:

"یکی از بخشهای تشکیل دهنده دستور زایش – گشتاری که ساخت جمله در آن شکل می گیرد"[8, с.80].

Дар ин ҷо бояд دستور زایش گشتاری – тавзеҳ дода шавад:

دستور زایشgenerative grammar, дастур-е зайешӣ

"]زبان شناسی[رویکردی و نحو بنیان به زبان که چامسکی آنرا مطرح کرده است و اکنون نظریه های گوناگونی را در بر بی گیرد". [8, с.309].

Ҳамчунин вожаи بخش дар чанд таркиби дигар истилоҳи нави забоншиносӣ, аз қабили بخش گشتاری – transformational component, بخش معنایی – semantic component, بخش نحوی – sintactis component, بخش واجی – phonological component сохтааст, ки имрӯз дар забоншиносии Эрон корбурди фаъол доранд. Бидуни шак, метавон гуфт ин вожаҳо, ки аз истилоҳоти ҷадиди забони форсӣ маҳсуб мешаванд, ки қаблан дар забон корбурд надоштанд.

Истилоҳи дигари забоншиносӣ بخش پایان пайанбāхш – rheme аст, ки аз рӯйи қолаби вожасозии «қайд+АЗҲ» сохта шудааст:

Пас, аз ин таърифе, ки дар «Фарҳанги вожаҳои мусаввааб» дарҷ шудааст, чунин бармеояд, ки мураттибон ё донишмандони саршиноси риштаи забоншиносии Эрон нимвандҳоеро, ки тибқи қолаби вожасозии «исм+АЗҲ», ки аз қолабҳои доим амалкунанда

ва дар айни замон хеле бостонии қолабҳои вожасози забонҳои эронианд, на чун нимванд ё «вāндваре», балки чун «бахше аз вожа» баҳо медиҳанд.

Дар забоншиносии Эрон ду истилоҳи забоншиносӣ роҷеъ ба вожасозӣ бо номҳои мухталиф, вале моҳиятан баёнгари ҳамон як маънӣ дида мешавад, ки яке аз «АЗГ+е» «есме мäф'ул» ва дигарӣ «исм-е фаел» унвон шудаанд, ки аз рӯйи қолаби АЗҲ+анда аст. Агар истилоҳи пешниҳодкарда ва қабулшудаи «Фарҳанги вожаҳои мусаввараб»-ро дар мавриди истилоҳи ҷадид барои забоншиносӣ پذیرنده аз назари таҳқиқ баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки он аз рӯйи қолаби «АЗҲ+ände» сохта шудааст. Нахуст, бибинем, ки истилоҳи «пäзирäнде» дар забоншиносӣ ба ин маъноҳо тавзеҳ шудааст:

Theme – пäзирäнде – پذیرنده

در دستور زایش، یکی از نقش ها یا حالت های معنایی گروه های اسمی که نشاندهندهٔ کنش یا وضعیت]زبان شناسی["
تملک پذیری آن گروه اسمی در جمله است". [8, c.129]

Аммо ҳамин истилоҳ «пäзирäнде» дар бахши болотар – پذیرنده – пäзирäнде – thematic чунин омадааст:

مربوط به نقش معنایی موضوع ها در جمله.]زبان شناسی["پذیرنده" [8, c.129].

Ин ҷо мушкиле ба назар намерасад, вале ҳамин як вожа ё истилоҳ дар бахшҳои дигар дорои мафҳумҳои комилан дигар мешавад. Тавре ки аз ду мафҳум барои баёни вижагиҳои забоншиносӣ дида мешавад, ду мафҳуми дигар барои соҳаҳои дигари илм пешниҳод шудааст. Тавре ки маълум аст, қатораҳои омонимӣ на танҳо душвориҳо барои соҳибзабонон, балки барои онҳое, ки мехоҳанд забони форсиро ёд гиранд, мушкилиҳо эҷод мекунанд:

پذیرنده пäзирäнде acceptor. Ин «пäзирäнде» истилоҳи илмӣ буда, чунин тавзеҳ шудааст:

ویژگی گونه های شیمیایی که جفت الکترون می گیرد" [شیمی] "acceptor"پذیرنده – [8, c.129].

فردی کی دارای پذیرندگی است.]روان شناسی[compliantپذیرندهٔ [8, c.129].

Тавре ки аз тавзеҳот дида мешавад, пазирандаи дувум истилоҳи равоншиносӣ буда, вижагиҳои фардеро баён мекунад, ки дорои пазирандагӣ аст.

Вожаҳо ё истилоҳоти забоншиносиро таҳлил намуда мебинем, ки аксари онҳо вожаҳои нав буда, дар гузашта дар забон корбурди зиёде надоштанд. Ба ҷумлаи ин гуна вожаҳо метавон вожаҳои «вänd», «пишвänd», «пäсвänd», «ваке», «hämхан», «täкваж», «сетак», «сазе», «гуйеш», «hämгун», «намад», «нимваке», «вадж», «важ», «важеган», «нимhämхан» ва ғайраро дохил намуд, ки имрӯз дар забоншиносии Эрон, бархе аз онҳо дар Тоҷикистону Афғонистон, мавриди истифода қарор мегиранд:

صدای هر زبان را می توان به دو گروه تقسیم کرد: 1) واکه ها، 2) همخوان ها. در زبان فارسی واکه و 23 همخوان وجود دارد.[4, c.27].

Вожаи «вänd» дар «Фарҳанги вожаҳои мусаввараб» чунин шарҳ ёфтааст:

اصطلاحی فراگیر برای انواع صورت ساز هایی که فقط به تکواژ دیگری (ریشه یا ستاک) [زبتن شناسی] "affix"وند متصل شود".[8, c.702].

Гузашта аз ин як теъдоди дигар дар шакли ибораҳои истилоҳӣ ва теъдоди дигар аз роҳи тавсеаи маъноӣ сохта шудаанд. Масалан, истилоҳ-ибораи «äндамhф-йе гофтар» чун истилоҳ тасбит шуда, корбурди фаровоне дорад: "صدا به وسیلهٔ حرکت اندام های گفتار از قبیل لبها، زبان و جز آن به وجود می آیند".[9, c. 27]

Дар «Фарҳанги вожаҳои мусаввараб» ин ибора истилоҳ бо каме тағйирот اندام تولید، فراگو дида мешавад, ки ба назари мо истилоҳи «äндамhа-йе гофтар», ки аз тарафи донишманди шинохта, узви пайвастаи Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, д-р Ядуллоҳи Самара пешниҳод ва истифода мешавад, беҳтар аз «äндам-е» тӯлид аст: – "articulatorاندام تولید، فراگو هر یک از اندام های آوایی فعال و تأثیرگزار در تولید آواها". [زبان شناسی] [8, c. 57].

Дар забоншиносии Эрон ҳанӯз ҳам барои мафҳуми як истилоҳ ду ва гоҳе зиёдтар истилоҳ пешниҳод ва истифода мешавад. Масалан, барои мафҳуми «accent» ду истилоҳ тавсия шудааст: – تکیهaccent]زبان شناسی[برجستگی یک هجا یا واژه در زنجیرهٔ گفتار. [8, c.199]. – لهجه فردرا منعکس می "گونه ای از زبان که ویژگی های تلفظی آن موقعیت جغرافیایی یا جایگاه اجتماعی]زبان شناسیaccent[کند".[8, c.578].

Ҳамон тавре ки дида мешавад, вожаи «lähдже», ки шакли англисии онро «accent» овардаанд, бо вуҷуди ноқис будан чун «dialect» таълиф шудааст.

Барои дурусттар баҳо додан ба мафҳуми «lähдже» рӯ ба «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» овардем:

لهجه «lähдже» 1) говор; наречие; диалект; 2) произношение; акцент, выговор; 3) тон, выражение [9, с. 433].

Дар «Русско-персидский словарь» вожаи «диалект» ба таври зер ба форсӣ тарҷума шудааст:

Диалект м. لهجه Lahje, گویش/ ~ альный لهجه … Lahje [1, с.131].

Тавре ки аз тавзеҳоти ин ду фарҳанги маъруф бармеояд, «lähдже» дар навбати аввал чун «диалект» тавзеҳ ёфтааст. Лозим ба ёдоварист, ки асари машҳури Л.С.Пейсиков «Тегеранский диалект» чун «lähдже-йе Ҭеҳран» тарҷума шудааст. Ахиран дар забоншиносии Эрон вожаи گویش «гуйеш» комилан ба маънии «лаҳҷа»-и забоншиносии тоҷик фаҳмида мешавад, тавре ки аз тавзеҳоти «Русско-персидский словарь» дида мешавад, истилоҳи «диалект» дар навбати дувум чун گویش оварда шудааст.

Дар «Фарҳанги форсӣ-англисӣ»-и Сулаймон Ҳаим вожаи «lähдже» чунин тавзеҳ ёфтааст: لهجه – Dialect, toque, accent, tone [6, c. 884].

Дар «English-Rersian Dictionary»-и ҳамин муаллиф вожаи «dialect» чунин шарҳ дода шудааст: Dialect – (زبان محلی) لهجه [6, c. 205].

Дар «Фарҳанги навини пайвастаи форсӣ-англисӣ ва англисӣ-форсӣ»-и Аббоси Ориёнпури Кошонӣ ва Манучеҳри Ориёнпури Кошонӣ [8] вожаи «lähдже» ба забони англисӣ чунин тарҷума шудааст:

لهجه – tone, accent, dialect [7, c. 229].

Аммо дар бахши англисии ҳамин вожа вожаи «гуйеш» изофа шудааст, ки дар бахши форсӣ-англисӣ ҳеҷ кадом аз вожаҳои англисӣ муодили вожаи «гуйеш» нест:

Dialect – لهجه، زبان محل، گویش [7, c. 229].

Дар «Персидско-русский словарь»-и М.Е.Радовильский, Г.А.Восканян, А.М.Шойтов вожаи «lähдже» ба қарори зер тавзеҳ шудааст:

1. لهجه – Lahje – диалект

2. акцент, произношение [4, с.630].

Манзур аз баррасии амиқи вожаи «lähдже» ва «гуйеш» ин аст, ки номутаносибиҳоеро, ки имрӯз дар забоншиносии Эрон аст, аз назари таҳқиқ мавриди баҳс қарор бидиҳем, то маълум гардад, ки чунин як донишмандон ва эроншиносони маъруф, ки дар боло аз онҳо зикр шуд, «lähдже»-ро чун «dialekt» мешуморанду аммо дар забоншиносии Эрон онро чун «accent» медонанд, дар чист? Ҳатто, ҳамон тавре ки мулоҳиза шуд, дар тавзеҳи «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» гарчанде ки «lähдже» чун «accent» оварда шуда бошад ҳам, вале тавзеҳот комилан мухтаси «lähдже» аст. Ба назар мерасад, ки донишмандони эронӣ саъй бар он кардаанд, ки вожаи «lähдже»-ро, ки аслан арабӣ аст, ба як истилоҳи форсӣ, яъне «гуйеш», иваз кунанд. Аммо барои тафовути маъноии «lähдже» ва «гуйеш» таърифи дурустеро пайдо накардаанд:

"گویش dialect [زبان شناسی] گونه های از یک زبان که در تلفظ و واژگان و دستور با گونه معیاری همان زبان تفاوت دارد". [8, c. 586]

Тавре ки аз тавзеҳоти вожаи «гуйеш» дида мешавад, ин таъриф тақрибан ҳамон таърифи «lähдже» аст. Ба назари мо чунин ноҳамхониҳо, ки дар намунаи мушаххаси истилоҳи «lähдже» ва «гуйеш» ба мушоҳида расид, тақозо мекунад, ки дар офариниши вожа ё истилоҳи нав ба забони форсӣ ва махсусан, таърифи он бояд хеле бодиққат буд.

Дигар нуқтаи қобили баҳс дар забоншиносии Эрон ин таъйин кардани мафҳум ва вазифаҳои «мобтäдä» ва «хäбäр» бо «неһад» ва «гозаре» аст. Вожаи «мобтäдä» дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» ин тавр тавзеҳ шудааст:

"مبتدا [زبان شناسی] topik در ساخت اطلاع جمله شخص یا چیزی که خبر در بارهٔ آن است و نخستین سازهٔ اصلی جمله به شمار می رود". [8, c.589]

Таърифи «хäбäр» ба қарори зер аст:

"خبر [زبان شناسی] comment در ساخت اطلاع جمله بخشی که حاوی اطلاعاتی در بارهٔ مبتدا است". [8, c. 270]

Ҳамин ду истилоҳро, яъне «мобтäдä» ва «хäбäр»-ро Парвиз Нотили Хонларӣ чун «неһад» ва «гозаре» ба кор бурд, ки ба тадриҷ маъмул гардиданд:

"نهاد قسمتی است از جمله در بارهٔ آن خبر می دهیم گزاره خبری است که در بارهٔ نهاد گفته می شود". [5, c.14]

Аммо дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» барои баёни ин мафҳум се истилоҳ пешниҳод шудааст:

فاعل دستوری، فاعل نهاد

Grammatical subject, subject

"[زبان شناسی] آنچه گزاره در بارهٔ آن است و در زبان فارسی معمولاً فعل به آن مطابقت می کند". [8, c. 477]

Аз ин таъриф чунин бармеояд, ки дар забоншиносии Эрон феълро, ки чузви сарф (морфология) аст, ба масоили наҳвӣ низ нисбат медиҳанд. Дар забоншиносии тоҷик «мутобиқати мубтадо ва хабар» гуфта мешавад, ки комилан дуруст аст.

Истилоҳи «гозаре» дар «Фарҳанги вожаҳои мусавваб» чунин тавзеҳ шудааст:

گزاره – predicate

"[زبان شناسی] در دستور زبان اصلی ترین سازه در ساخت جمله که شامل سازه های اخباری به فاعل است" [8, c.558]

Аммо фарҳанги мазкур «гозаре»-ро барои баёни истилоҳи дигар низ тавсия кардааст:

گزاره – proposition, proposional

meaning, propositional content

[زبان شناسی] معنای تحت اللفظی / صریح جمله. [8, c.558]

Тавре ки мебинем як истилоҳ барои баёни ду мафҳум тасвиб шудааст, ки печидагиҳо ва мушкилиҳоро дар пай хоҳад дошт.

Ин масъаларо Л.С.Пейсиков баррасӣ карда, менависад, ки «термин, будучи таким же языковым знаком, что и слово (аббревиатура, словосочетание), характеризуется двумя основными признаками – однозначностью и соотносенностью с данной областью науки, техники, культуры и т.д.» [2, с.148]. Баъдан ин донишманди шинохта изофа мекунад, ки ин алоими истилоҳ нисбӣ ҳастанд, зеро бисёре аз истилоҳот дорои як маъно набуда, балки марбут ба бисёре аз бахшҳои илм ҳастанд. Пас, дар ин маврид чи коре бояд анҷом дод, ки чунин печидагиҳо ба вуҷуд наоянд. Ба назари Л.С.Пейсиков ин вазифаи он созмонҳое мебошад, ки ба низом овардани истилоҳот бар дӯши онҳост [13, с.148]. Барои созмонҳое чун Фарҳангистони забону адаби форсӣ беҳтар аз ин наметавон гуфт.

Дар маҷмӯъ, ба танзим даровардани истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ буда, ҳаматарафа омӯхтан ва ҷиҳати истифодаи умум қаринаҳои нисбатан суфташудаи онҳоро пешниҳод кардан мутобиқи матлаб аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Восканян Г.А. Русско-персидский словарь / Г.А.Восканян. – М., 1986. - 830 с.
2. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С.Пейсиков.-М., Изд.МГУ, 1975.-С. 203.
3. Персидско-русский словарь / Под ред. Ю.А.Рубинчика. – М., 1983. -Том I. - 800 с.; - Том II. – 864 с.
4. Радовильский М.Е. Персидско-русский словарь / М.Е. Радовильский [и др.]. – М., 1985. - 808 с.
5. ثمره، یدالله. آموزش زبان فارسی، دورهٔ مقدماتی، کتاب دوم، تهران، 1388، - .288 ص.
6. خانلری، پرویز ناتل. دستور زبان فارسی. تهران، 1348، 264ص..
7. فرهنگ نوین فارسی-انگلیسی و انگلیسی-فارسی، - .Lexington :USA،843.1986 ص.
8. فرهنگ بزرگ فارسی-انگلیسی، سلیمان حییم، تهران، 1348، 1113ص..
9. واژه های مصوب فرهنگستان زبان و ادب فارسی، دفتر 7، تهران، 1377، 474.ص.
10. واژه های مصوب فرهنگستان زبان و ادب فارسی. دفتر 8، تهران، 1390. در بخش فارسی-انگلیسی، ص. 312، در بخش انگلیسی-فارسی، 203ص.

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ НАВИНИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

(дар намунаи истилоҳоти забоншиносӣ)

Тавре ки маълум аст, забон як падидаи ҷамъиятӣ буда, ҳар таҳаввулоту дигаргунии ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ дар он бе таъсир намемонад. Ағлаби муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони забони форсӣ бар ин ақидаанд, ки забони форсии пас аз Инқилоби Машрута ташаккулёфта аз забони форсии қабл аз Инқилоби Машрута хеле тафовут дорад. Агар ҳаводис рухдодҳои камтар аз панҷоҳ соли Эрон ва ҷаҳонро аз назар бигузаронем, мебинем, ки чӣ қадар ҳодисаҳову пешрафтҳои бесобиқаи илмиву фановарӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Танҳо зикр аз Инқилоби исломии соли 1979, ихтирои компютеру бароҳандозии Интернет кофӣ аст қазоват кунем, ки чӣ дигаргуниҳои азиме дар зиндагии рӯзмарраи одамон иттифоқ афтодааст. Мусаллам аст, ки ҳамаи ин дигаргуниҳо дар забони форсӣ бе таъсир намондааст. Аксари пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки агар масъулин ва дастандаркорони забон даст ба иқдомоти амалӣ назананд, танҳо истилоҳоти роёнаӣ (компютерӣ) басандааст, ки забонро ба нестӣ расонад. Маълум аст, ки то Инқилоби исломӣ дар Эрон ду Фарҳангистон тайи солҳои гуногун машғул ба кору фаъолият буданд. Пас аз солҳо таваққуф дар моҳи феврали соли 1990 дар ҷаласаи Шӯрои олии Инқилоби фарҳангӣ, ки таҳти раҳбарии раиси ҷумҳурии вақти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳошимии Рафсанҷонӣ баргузор гардид, оинномаи Фарҳангистони нав, ки Фарҳангистони забону адаби форсӣ номгузорӣ шуд, ба тасвиб расид. Яке аз вазифаҳои асосии Фарҳангистон эҷоди истилоҳоти илмиву фаннии худ мебошад. Дар мақола истилоҳоти нави забоншиносӣ, ки аз сӯйи Фарҳангистон ба тасвиб расидаанд, дастовард ва норасоиҳо дар амр мавриди таҳлил ва пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: таҳаввулот, пажӯҳиш, Инқилоби Машрута, компютер, Интернет, Инқилоби исломӣ, истилоҳот, Фарҳангистон.

ИССЛЕДОВАНИЕ НОВЫХ ТЕРМИНОВ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

(на примере терминов языкознания)

Как известно, язык считается общественным явлением, и поэтому изменения и преобразования в политическо-экономической, социально-культурной жизни не могут не отразиться на нём. Большинство исследователей персидского языка придерживаются мнения, что персидский язык после Конституционной Революции (1905-1911 гг.) сильно изменился в сравнении с дореволюционным языком. Если рассмотреть события, происходившие за последние 50 лет в Иране и в мире, то можно обнаружить значительные политические, научно-технологические изменения жизни людей. К таким событиям можно отнести Исламскую революцию 1979 года, открытие компьютера и Интернета, которые коренным образом изменили жизнь в иранском обществе. Бесспорно, все эти образования не могли не повлиять на язык. Многие исследователи считают, что если компетентные органы и люди не предпримут практических действий, то только компьютерных терминов достаточно, чтобы погубить язык. Известно, что доисламской революции в Иране в разные годы функционировали две академии языка. После длительного перерыва в феврале 1990 года на заседании Высшего совета культурной революции, проходившем под председательством тогдашнего президента Исламской Республики Иран Хашеми-Расфанджани, был утвержден устав новой академии, названной Академией персидского языка и литературы. Одной из главных целей Академии является создание собственной научно-технической терминологии. В данной статье рассматриваются новые термины на примере терминов языкознания, утвержденных Академией, выявляются положительное и отрицательные аспекты.

Ключевые слова: преобразование, исследование, Конституционная революция, компьютер, Интернет, Исламская революция, терминология, академия.

THE STUDY OF THE NEW PERSIAN TERMS
(on the example of linguistics terms)

Language is a social phenomenon and every change and transformation into political, economic, social and cultural life cannot but leave their effects in the language. The majority of Persian language researchers hold such an opinion that the Persian language after the Constitutional Revolution (1905-1911) differs greatly from before the revolutionary language. If you look at the events that took place in less than 50 years in lran and the world, it turns out what tremendous political, scientific and technological changes took plase in people's daily lives. Having mention of the lslamic Revolution of 1979, the discovery of a computer and the Internet is enough to understand what tremendous changes have engulfed humanity. All these changes could not be influenced by the language. Many researchers believe that if the competent bodies and people do not take practical measures, then only computer terms are enough to destroy any language. Before the Islamic Revolution in Iran, two academies of language functioned in different years. After a long break, in February 1990, at the meeting of the Higher Council of Cultural Revolution chaired by former President of the Islamic Republic of Iran Hashemi Rafsanjani, the charter of the new academy, named the Academy of Persian Language and literature, was approved. One of the main goal of the Academy is the creation of its own scientific and technical terminology. The article analyses terms on the example of terms of linguistics approved by the "Academy" listed on their positive and negative sides.

Key words: transformation, research, Constitutional Revolution, computer, internet, Islamic Revolution, terminology, Academy.

Сведения об авторе: ***Мухаббатов Абулфазл*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-55-16-57**

Information about the authors: ***Muhabbatov Abulfazl*** **–** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Tel.: **(+992) 935-55-16-57**

УДК: 491.550:42:372.800.4

СТРУКТУРНО - СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЛИЛЕКСЕМНЫХ ТЕРМИНОВ ПРОГРАММНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Назарзода Махмуд Мирзо, Мусоямов З.М.
Таджикский национальный университет

Сложное словообразование в терминологии является наиболее продуктивным способом образования новых терминов как в английском, так и таджикском языках.

В качестве основания классификации сложных терминов с целью выявления типологических особенностей таджикского и английского языков в данном аспекте служат следующие определения: 1) морфологический состав сложного слова; 2) особенности связи между компонентами состава сложного слова; 3) характер синтаксических взаимоотношений между составными компонентами сложных слов.

По своему морфологическому составу термины программного обеспечения в исследуемых языках делятся на: а) двухкомпонентные и б) многокомпонентные.

Основную массу терминов программного обеспечения компьютерной технологии таджикского и английского языков составляют двухкомпонентные сложные слова. Двухкомпонентные сложные слова представляют собой сложение и взаимосвязь двух основ различных частей речи и служат средством образования разных частей речи, особенно имен существительных и имен прилагательных.

Как в таджикском, так и в английском языках представлены также многокомпонентные термины, которые образованы путем сложения и взаимосвязи более чем двух слов: *дастраспазирӣ – availability – работоспособность; пешбарномарезшуда – preprogrammed – предварительно запрограммированный; нармафзоргаро – software-oriented – программно-ориентированный, наворсуроккун – tape perforator – ленточный перфоратор, зернамоядор – subscripted – индексированный, зернамоянависи – subscripting – индексация, зербеҳинсози – suboptimization – субоптимизация, дурнармафзор – telesoft ware – дистанционное программное обеспечение, бозхудрохандози – reboot – повторная начальная загрузка, бозрасбарнома – browser – программа просмотра, пешколаббанди – preformatting – предварительное форматирование, худташхискунанда – self-diagnosable – самодиагностируемый, худсанадсоз – self-documentation – самодокументирование.*

Следует отметить, что словосложение на основе более чем двух лексем в исследуемых языках представляет собой сравнительно непродуктивный тип словообразования. В современном таджикском языке можно обнаружить словосложение из трех основ: *барномарезипазир, а в некоторых случаях словосложение из четырех основ как бозхудрохандози, пешбарномарезшуда.* Как мы видим в приведенных примерах сложные слова образованы от простых и сложных имен существительных (роҳ, *барнома*) и основ глагола (рез, андоз), а также при помощи вспомогательных глаголов (*шудан, кардан*), наречий (пеш, боз) и местоимений (худ).

В английском языке многокомпонентные сложные слова представлены больше в трехсоставном сложении: *digital-to-analog-converter – табдилгари рақам ба қиёсӣ – цифро-аналоговый преобразователь* [11].

Как показывает анализ собранного материала в сопоставляемых языках, аффиксальное словосложение является основным способом образования сложных слов. При этом можно выделить два способа аффиксального словообразования: 1) интерфиксальный способ; 2) сложно–суффиксальный способ.

При интерфиксальном способе образования сложных слов их основные компоненты соединяются между собой соединительной морфемой. В современном таджикском литературном языке в качестве соединительной морфемы применяется интерфикс «*-у-»,* как в следующих примерах: ***бандубастшуда*** *– blocked – заблокированный, упакованный,* ***ҷустуҷу*** *– search – поиск,* ***вурудухуруҷ*** *– input/ output – ввод/вывод,* ***сарусадо*** *–noise – шум.*

При сложносуффиксальном способе сложные слова образуются одновременно посредством сложения основ и суффиксацией. К сложносуффиксальному способу можно отнести следующие терминообразующие модели:

1. $R_1+R_2+\bar{u}$: существительные: а) от основы настояще–будущего времени глагола: ***маҳакзанӣ*** *– benchmarking – разметка,* ***моделсозӣ*** *– modeling – моделирование,* ***ислоҳпазирӣ*** *– modifiability – модифицируемость,* ***фишурдасозӣ*** *– packing – уплотнение*.

В приведенных терминах программного обеспечения стержневым словом является глагольная основа, а в качестве зависимых компонентов выступают существительные и прилагательные. В состав данной модели также входят сложные термины с местоимением «*худ»* в качестве стержневого компонента: х*удкорӣ* как в следующих примерах*: коркарди худкории додаҳо – datamation – автоматическая обработка данных.* В отличие от других приведенных сложносуффиксальных терминов, в терминах с местоимением *худ* можно выявить отношения субъекта к действиям самого субъекта. По сравнению с другими моделями, модель $R_1+R_2+\bar{u}$ в современном таджикском языке является продуктивным способом образования сложных терминов.

2. R_1+R_2+a – по данной модели образуются сложносуффиксальные термины, которые состоят из основ различных частей речи, но кроме общесуффиксального производства их объединяет наличие имени существительного как второго компонента: резанбора – микропамять – microstorage, сарнишона – header label – головная метка, думадора – double circuit – двухконтурный, думартаба – two position – двухпозиционный, сечанда – triplicate – тройной, сеченака – three dimentional – трехмерный. Следует отметить, что данная *м*одель образует термины-атрибуты программ и их компоненты, которые обозначают понятия программного обеспечения компьютерной технологии.

Соответственно и в английском языке наиболее продуктивными можно считать следующие сложносуффиксальные конструкции:

1. R_1+R_2+er - данная модель образует имена существительные типа cross-compiler – ҳамгардони мутақобил – кросскомпилятор, intercoupler – ба ҳам пайвасткунанда – устройство связи, как видим в словаре “Вожаномаи компютер” Т. Рози термин “intercoupler” переводится как “ба ҳам пайвасткунанда” [9, с. 88], по нашему мнению, данный термин можно представить в форме “ҳампайвандгар”, так как является адекватным и соответствующим эквивалентом переводимого термина.

2. R_1+R_2+ing: *backgrounding – коркарди заминаӣ – фоновая обработка*, *backtracking – бозгашт ба вазъи пешин – возврат к предыдущему состоянию, breadboarding – колабнамунасозӣ – макетирование, interfacing – мувофиксозӣ – согласование, interworking – кори байнишабакавӣ – межсетевой обмен.* В рамках данной модели термины программного обеспечения компьютерной технологии в английском языке образованы сравнительно в меньшем количестве.

3. R_1+R_2+*ation*: термины данной модели в основном обозначают внутренние процессы компьютерной технологии как *interconnection – пайванди дохилӣ – внутреннее соединение, interconverstion – табдили мутақобил – взаимное преобразование, Intermodulation – талфиқи мутақобил – взаимная модуляция, intersection – зарби мантиқӣ – логическое умножение, пересечение*. Данная модель словосложения в современном английском языке при образовании терминов употребляется достаточно продуктивно.

4. R_1+R_2+*ed*: данная модель образует имена прилагательные типа *application-oriented – корбурдӣ – прикладной, binary–valued – двузначное – дуарзиша, bit–oriented – бит ориентированный – битгаро, byte–oriented – байт ориентированный – байтгаро, byte–coded – с байтовым представлением – бо байт ироашаванда.*

Значительную группу в обоих языках составляют сложные слова, которые сочетаются без аффиксов, при помощи соположения и семантического соотношения основ. При образовании имен существительных как в английском, так и в таджикском языках можно выделить нижеследующие конструкции:

1. Аа+Кп – в данной модели в качестве ядерного компонента (К) выступает имя существительное (n), а в качестве зависимого компонента (А) выступает имя прилагательное (а) как в следующих примерах: *баландбасомад – high frequency – высокочастотный, баландрутба – high order – высокопорядочный, баландсуръат – high speed – высокоскоростной, баландсифат – qualitative – качественный, бисёраъзо – multinominal – многочленный, бисёрбурҷ – poligon – полигон, многоугольник, бисёрмаҷро – multivalued – многоканальный, бисёрунсур – multiple unit – многоэлементный, бисёрмуҳит – multimedia – мультимедиа, дурнармафзор – telesoft ware – дистанционное программное обеспечение.* Как видим, семантико–синтаксическое взаимоотношение между компонентами основано на атрибутивных отношениях составных компонентов[6].

2. Аn+Кп – в данной модели в качестве ядерного компонента (К) выступает имя существительное (n), и в качестве зависимого компонента (А) также выступает имя существительное (n) как в следующих примерах: *дастурамал – instruction – инструкция, команда, наноамал – nanooperation – нанооперация, нанодастур – nanjaddress – наноадрес, наносатх – nanolevel – наноуровень, озмунлист – checklist – контрольная таблица, озмунмила – wand – пробник, зонд, озмунсафҳа – test plan – тестовая плата, паёмдон – mail box – почтовый ящик, пажвокчоп – echo printing – эхо–печать, поярақам / пояадад – number base – базовое число, базовая цифра, поясатр / пояхат – basiline – базовая строка.*

3. Кп+Аn – данная модель является особенностью английского языка, где зависимый компонент выступает с постпозицией как в следующих примерах: *mnemocode – рамзи кутох – мнемокод, idioglossary – лугати мавзуии ракамӣ – тематический словарь, keyboard – клавиатура – клавиатура, keylock – бастани клавиатура – блокировка клавиатуры, keyline – марзхат дар намоя (дисплей)– контур на дисплее.* Составные компоненты в данной модели взаимосвязаны атрибутивными отношениями.

4. Аn+Кv – в данной модели основным компонентом является глагол, а зависимым компонентом является имя существительное как в следующих примерах: *вақфагардон – interrupt handler – обработчик прерываний, дастгоҳгардон – device driver – драйвер утройства, маҳалнамо – курсор – cursor, миқдоршумор – scaler – счетчик, наворгардон – tape drive – накопитель на магнитной ленте, наворхон – tape reader – считыватель лент, намудсоз – scope – индикатор, нутқсоз – voder – синтезатор речи, овозшинос – sceptron – скептрон.* Анализ показывает, что основными отношениями между составными компонентами являются объектные отношения.

5. Кpron+Аv – данная модель, характеризуя сложные термины, является спецификой современного таджикского языка как в следующих примерах: *худкор – self–acting– автоматический, худсозгор–self–adapting – самоприспосабливающийся, худҷурсозӣ – self–adjustment – самонастройка, худтаҳлилгар – self–awareness – самоанализ, худбаррасикунанда – self–checking – самоконтроль, худҳамгомсоз – self–clocking – самосинхронизация, худмухтор – self–contained – автономный, независимый.*

Следует отметить, что в словаре «Вожаномаи компьютер» Т. Рози приводятся 67 терминов с местоимением «худ», и определенная часть данной группы терминов относятся к терминам программного обеспечения компьютерной технологии [9].

Как уже мы отмечали, в английском языке местоимение «*self»,* будучи эквивалентом таджикского местоимения «*худ»,* выступает в роли приставки как приставочные: *self–acting– худамалкунӣ, self–adapting – худмутобиқкунӣ, self–adjustment – худҷобаҷокунӣ, self–checking*

– *худсанҷӣ*. Следует отметить, что вопреки английскому *self* в современном таджикском языке местоимение *худ* сохраняет свою лексико–грамматическую самостоятельность.

Таким образом, форма сложного слова–термина находится в зависимости от синтаксического принципа соединения. Основу большей части сложных английских терминов программного обеспечения составляют прилагательное и существительное (Adj + N) либо два существительных (N + N): ***Backbone*** *– (network used to interconnect several networks together) – сутуми асосӣ (шабака барои пайваст кардани якчанд шабакаҳои дигар истифода мешавад) – главная опора (сеть используется для соединения нескольких сетей)*. ***Shockwave*** *– (a set of programs that allow Macromedia Director animation files to be played over the internet with a web browser) – мавҷзарба (маҷмӯи барномаҳое, ки намоиши файлҳои аниматсионии Директори Макромедияро ба воситаи веб-браузери интернетӣ иҷозат медиҳад) – ударноволновая (набор программ, которые позволяют Макромидии Директора анимационных файлов играть через интернет веб-браузер)*. Для английского, а под его влиянием и русского языков, нами отмечена следующая особенность: когда тип соединения основан на подчинительной связи или связи примыкания то, как правило, сложное слово пишется вместе, если тип связи — сочленение, то термины могут быть написаны через дефис:

Work–station *(work + station) – a networked personal computing device with more power than a standard IBM PC or Macintosh - Дастгоҳи шахсӣ-шабакавие, ки қудрataш беш аз як компютери стандартии IBM PC ва Macintosh аст – Персональный компьютерный апарат, подключенный к сети, мощьность которого превышает стандартные IBM PC или Macintosh.*

Cross–platform *– refers to software (or anything else) that will work on more tham one platform (type of computer) – таалуқ дорад ба нармафзоре (ё чизи дигар), ки аз болои як платформа (навъи компютер) зиёдтар кор хоҳад кард – относится к программному обеспечению (или что-нибудь еще), которое будет работать на более чем на одной платформе (тип компьютера).*

Между тем, таджикский язык, довольно часто игнорирует форму написания через дефис: *program–accessible – бо барнома дастрасшаванда – программно-доступный; program flowchart – раванднамои барнома – блок– схема программы; software–oriented – нармафзорӣ, нармафзоргаро*. *– программно–ориентированный* По нашему мнению, для таджикского языка данный факт объясняется неадаптированностью терминологии (усечение – один из признаков адаптации) и, следовательно, описательным характером ее передачи на таджикский язык. В целом, это особая форма сочетания слов, форма слова – термина и своего рода переходное состояние от слова к словосочетанию.

В результате проведенного анализа было установлено, что принципы формирования терминологии программного обеспечения аналогичны общязыковым процессам. Простые термины чаще имеют субстантивную природу, иными словами, являются именами существительными: *The best known use of* ***Archie*** *is for scanning a database of the contents of more than 1000 Anonymous FTP sites around the world with more than 2,100,000 file names. – Самое известное использование архива для сканирования содержании базы данных –это больше чем 1000 Анонимных FTP-сайтов во всем мире больше чем с 2,100,000 именами файлов.*

Мы обнаружили, что все способы словообразования (суффиксация; префиксация; суффиксация + префиксация; сложение основ; а также аббревиация; субстантивация) проявляют себя в наименованиях компьютерных технологий. Большинство из префиксов и суффиксов среднеперсидского и греко–латинского происхождения, т.е. интернациональных аффиксов, с легкостью принимают участие в национальном терминообразовании и быстро усваиваются национальными языковыми подсистемами.

Исходя из понятий, обозначаемых терминами программного обеспечения, можно утверждать, что в рассмотренном материале преобладают термины, обозначающие процессы и предметы. Термины, обозначающие состояния, встречаются значительно реже: *Descreening – removal of halftone dot patterns during or after scanning printed matter by defocusing the image – тозакунии таруфаи навъи нуқтаҳо дар давом ё баъд аз аксгирии маводҳои суратии чопӣ бо равшанкунии акс - удаление полутонного точечного растра во время или после проведения сканирования печатной продукции, фокусируя изображение.*

По частоте употребления к редким терминам, обозначающим величины и их единицы и употребляемым в терминологии программного обеспечения относятся: *Megabit (Mb) – 106 bits of information (usually used to express a data transfer rate; as in, 1 Megabit/second = 1Mbps) – Мегабит (МБ) – 106 битов информации (обычно раньше выражал скорость передачи данных; как в, 1 мегабит/секунду = 1 Мбит/с),* который в определенных случаях применяется в составе аббревиатур.

Большинство мотивированных терминов имеет «добавленный смысл», придающий термину специфическое специализированное значение. Например, импорт в общепризнанном

значении означает «ввоз или же просто перемещение товара – *Import – to bring data into a document from another document, often generated by a different application». Импорт – переобразовать данные в документ из другого документа, часто производимого различным применением».*

Частично мотивированные термины – многоэлементные термины, часть элементов которых объяснена, а другая нет: *Firewall – девори оташнок (байни шабакаҳои компютерӣ) – a mechanism that isolates a network from the rest of the Internet, permitting only specific traffic to pass in and out*. Если *wall – девор кашидан* объясняет назначение программы для защиты компьютера, то *fire – оташ* приводит в недоумение.

Ложномотивированные термины – термины, для которых характерна неверная или устаревшая дефиниция: *Gopher – гуфер (наъви санҷоби заминӣ) – a consistent user interface and gateway into many on–line white pages and other address databases*. *Гофер – непротиворечивый пользовательский интерфейс и шлюз во многие онлайновые белые страницы, и другие базы данных адреса.* В основном значении слово переводится как «гофер» и полностью мотивировано, однако оно имеет и иное значение: «пользовательский интерфейс для одновременной работы с несколькими базами данных». В этом случае это ложномотивированный термин.

Исходя из анализа морфемной структуры рассмотренных терминов, следует отметить, что терминосистема компьютерных технологий, а также подсистема программного обеспечения не является исключением, в силу своего динамизма и с легкостью использует большинство из терминообразовательных моделей, характерных для сложных терминов как в таджикском, так и в английском языках.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Амонова, Ф.Р. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках. Учеб. пособие / Ф.Р. Амонова. – Душанбе, 1982. – 55 с.
2. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Просвещение, 1995. – 328 с.
3. Джураев, Т.К. Пути становления и развития технической терминологии на таджикском языке: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.02 / Джураев Тухта Кадырович. - Душанбе, 1985. - 22 с.
4. Лобанова, М.А. Структурно - семантические особенности современной компьютерной терминологии (на материале испанского языка): авт... дис... канд. филол. наук: 10.02.19/ М.А. Лобанова. - Екатеринбург, 2009. -19 с.
5. Лотте, Д.С. Как работать над терминологией / Д.С. Лотте // Основы и методы изучения терминологии. - М., 1968. - С. 39-48.
6. Мамадназаров, М. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / М. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2015. - 1016 с.
7. Мусоямов З. М. Заимствование как основной способ пополнения национальной компьютерной терминологии / З.М. Мусоямов // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: Сино, 2017. - №4/1 (16). - 313 с.
8. Мухторов, З.М. Структура и семантика текста (на материалах таджикского и русского языков) / З.М. Мухторов. - Душанбе, 2013. - 242 с.
9. Розӣ Т. Вожаномаи компютерӣ. – Душанбе, 1995. – 225 с.
10. A collection of Terms. The Academy of Persian Language and Literature. – Tehran, 2009. - 203 p.
11. Micrisoft computer dictionary. - Microsoft Press, 2002. - 652 p.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ БИСЁРРЕШАГИИ НАРМАФЗОРИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ-сохтории истилоҳоти бисёррешагии нармафзори технологияи компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Боиси ёдоварист, ки масъалаҳои истилоҳ ва истилоҳот дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамзамон масъалаи актуалӣ боқӣ монда, дар шароити кунунӣ муносибати байнифарҳангию воридшавии он аз аҳамият берун монда, то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Бояд зикр намуд, ки нишонаи асосии муайянсозии истилоҳ танҳо системаи сохтории он ҳисобида мешавад, ки пайдоиши он низ ба маънои муайяни системаи истилоҳот вобаста мебошад. Масъалаҳои истилоҳоти соҳаи технологияи компютерӣ дар айни замон мавриди омӯзиш қарор дорад ва яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар пурра мавриди таҳқиқ нагирифтааст.

Калидвожаҳо: сохтор, забон, истилоҳ, система, забоншиносӣ, компютер, система, муқоиса, семантика.

СТРУКТУРНО - СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЛИЛЕКСЕМНЫХ ТЕРМИНОВ ПРОГРАММНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Статья посвящена вопросам структурно–сопоставительного анализа полилексемных терминов программного обеспечения компьютерных технологий таджикского и английского языков. Отмечается, что вопросы термина и терминологии в современном таджикском литературном языке и в настоящее время остаются нерешенными и актуальными, что в условиях межкультурной коммуникации это еще раз говорит нам о скрупулёзной и всесторонней дифференциации накопленных терминов. Следует отметить, что основным свойствам термина признается его системность, поскольку существование термина имеет смысл только внутри определенной терминологической системы. Основной лексической единицей текстов по программному

обеспечению компьютерной технологии является термин данной отрасли. Поэтому проблема терминологии компьютерных технологий, в силу несистематизированности терминосистемы в таджикском языкознании, находится на стадии становления и изучения.

Ключевые слова: структура, язык, термин, система, лингвистика, компьютер, сопоставление, семантика.

STRUCTURAL - COMPARATIVE ANALYSIS OF POLYLEXEMIC TERMS OF COMPUTER SOFTWARE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article analyses the problems of structural-comparative analysis of polylexemic terms of computer software in Tajik and English languages. It is noted that the issues of term and terminology in the modern Tajik literary language for the time being remain unresolved and urgent, that all this in the contex of intercultural communication of the accumulated terms. It is noted that term and terminology problems aren't solved and actual in modern Tajik literary that all of these tell us about scrupulous and all-around differences collected terms in intellectual communication. The formation problem of terminus in computer technology in English and Russian languages become an object of many scientific works results which testify to a big system of this field in English and Russian in compose to other languages. Science style of software's materials is considered less learn science-technical and to computer discourse. The lexical bases units of text in software considers the term of this field. That's why, the problem of terminology of computer terminology in Tajik linguistic is still forming and researching.

Key words: stricture, language, term, system, linguistic, computer, comparison, semantic.

Свидения об авторе: ***Назарзода Махмуд Мирзо*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17
Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры английского языка и сопоставительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **zubaidullo@gmail.com**. Тел.: **(+992) 918-20-23-94**

Information about the authors: ***Nazarzoda Mahmud Mirzo*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17
Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of English and Comparative Typology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **zubaidullo@gmail.com.** Tel.: **(+992) 918-20-23-94**

УДК: 41+491.550+42

ОБОЗНАЧЕНИЕ КАТЕГОРИИ МНОЖЕСТВЕННОГО ЧИСЛА ПРИ ПОМОЩИ СУФФИКСА «–ОН» («–ГОН», «–ВОН», «–ЁН») И ЕГО ФРАНЦУЗСКИЕ АНАЛОГИ

Назарова М.О.
Таджикский национальный университет

Суффикс «–он» является одним из базовых элементов в процессе образования множественного числа таджикского языка. Эта морфема еще в древнейших источниках упомянута как выражающая множественное число одушевленных предметов [3], а суффикс «–ҳо» как образующий множественное число неодушевленных существительных. Суффикс «–он» и его грамматические варианты в литературном таджикском языке часто используются в книжном стиле. Названия «предметов, которые исторические образованы суффиксом «–он» и его вариантами, в современном таджикском языке выражают номинации кварталов, местностей и деревень, Например, деревни Кубодиён, Харангон и т.д., – отметчает Джалолов О. [4].

Использование суффикса «–он» можно рассматривать как традицию классической литературы. В некоторых источниках упомянуто, что суффикс «–он» выражает одушевленные существительные [3]. Однако мы полагаем, что это неправильное мнение, так как анализ примеров показывает, что данный суффикс используется и в неодушевленных существительных, таких как лабон*, дарахтон* и т.д., в романе «Дочь огня» суффикс «–он» и его грамматические варианты часто встречаются с одушевленным существительным:

а) Существительные родства:

*–**Падарон** ва **модарон**и мо ҳеҷ гоҳ аз дилимо хабар намегиранд, ҳеҷ гоҳ розиги имаро намепурсанд! [6, с.274].*

*–No s**parents** ne nousdemandentjamaisnos sentiments. Jamais! [10, с. 348].*

*Мардум ҳамдигарро мехӯранд, ҳатто **падарон писарон**и худро дидаю дониста ба зери наъли мӯзаашон гузашта маҷақ мекунанд ва баъд дилу ҷигари ӯро канда канда...[6, с.254].*

Leshommess'entredévorentlepèretuelefils, illuidéchirelecœur… [10, с.324].

В вышеприведенных примерах существительные *падарон, модарон, писарон,* выраженные посредством суффикса образования множественного числа –переведены (*волидон*– родители) как nosparents, хотя точным переводом является волидонимо –наши родители, которое

представлено притяжательными местоимением nos для обоих родов. Во втором предложении *падарон*(отцы) и*писарон* (сыновья) переведены в единственном числе – lepèretuelefils в то время, как правильным вариантом указанных существительных является – lespères, lesfils.

Должен отметить, что во французском языке если существительное или прилагательное в единственном числе оканчивается согласным «–s», то во множественном числе он не изменяется, для понимания множественного числа используются определенные и неопределенные артикли для обоих родов во множественном числе, указательные местоимения в множественном числе для обоих родов или притяжательные местоимения для обоих родов.

Пас аз ин ***дӯстон*** *бо завқу шавқ ошро хӯрданду дастурхонро ғундоштанд [6, с.189].*

*Et**tous**se mirent à manger le pilaf avec bon appetite. Ilsnettoyèrentensuite la vaisselle [10, с.242].*

Гумон кард, ки боз муфаттиш пурсидан мехоҳад; не, бадидани ӯ ёру ***бародарон****аш Смирнов, Умарҷон ва Амонҷонҳо омада буданд [6, с.366].*

*Ilpensaitqu'onallait à nouveau le questionner, maisc'étaientses**amis**qui étaientvenus le voir: Smirnov, Oumar–djan et Amon [10, с.456].*

В первом предложении существительное *дӯстон* переведено устанавливающим местоимением *ҳама–* tous, что является ошибочным, так как корректная форма существительного *дӯстон* это lesamis. Во втором предложении существительное д*ухтарон* переведено правильно: les jeunesfilles.

б) Существительные, выражающие личности, профессию, работу и занятия. Необходимо отметить, что большинство слов данной категории стали существительными, трансформировавшись из других частей речи. Например, *одамони роҳгузар* (пешеходы, прохожие).

Ин дафъа дар назди мадрасачаи лабиҳавзи Арбоб Ашрафҷонро дид, ки нишастааст ва чашмаш ба ***роҳгузарон*** *аст [6, с.214].*

*Cettefoisilétaitassis à sa place et examinaitattentivement**les passants** [10, с.273].*

– Шӯхӣ не, – гуфтбой. –Ман фахр мекунам, ки шуморо аз дасти ***рақибон*** *бо қуввати бозу, хун рехта гирифтам [6, с.149].*

–Je ne plaisante pas. Je suisfier de l'avoiremportésurmes rivaux, je verse mon sang pour vous [10, с.193].

Существительное *роҳгузарон* – lespassants, представлено во множественном числе с определенным артиклем множественного числа les. Но при переводе существительное *раќибон* не было учтено, аего правильным переводом является concurrent.

В следующих примерах существительные *лаблабу фурӯшон, обфурӯшон, гуломон, канизакон* (продавцы свеклы, воды, рабы, наложницы) выражены во множественном числе:

Дар пеши дарвозаи ин ҳаммом ва атрофи он ҳамеша гадоён, рамолон, ***лаблабу фурӯшон,*** *агар тобистон бошад,* ***обфурӯшон*** *менишастанд ва ҳамеша онҳо толибони худро дар ин ҷо меёфтанд [6, с.228].*

*Devant la porte de l'établissementgrouillaittoujoursunefoule de mendiants, de diseurs de bonne aventure, de **marchands de betterave**cuite et, l'été, **des porteursd'eau**[10, с.290].*

– Ҳозир-ку ғулом ҳам несту каниз ҳам нест, – гуфт Оймулло,–лекин пештар, дар вақти будани бозори ***ғуломон*** *ҳам,* ***канизаконро*** *мехондаанд ва аз байни онҳо чунон* ***олимаҳо*** *мебаромадаанд, ки ҳамаро ҳайрон мекардаанд [6, с.25].*

*– Grâce au ciel, iln'y a plus **d'esclaves** chez nous, réponditOïmoullo. D'ailleursmêmeavant, lorsqu'ilexistant un marché**aux escalaves**, on faisaitparfoisétudiercelles–ci et il y en avait de sisavantesqu'ellesétonnaient tout le monde…[10, с.33].*

Существительные *лаблабуфурўшон, обфурўшон,* номинирующие профессию и работу, переведены на французский язык следующим образом: machandsdebetterave, desporteursd'eau. Нужно отметить, что существительные marchand продавец, marchandsdebetterave – *лаблабуфурӯшон* (продавцы свеклы) –представлены адекватно, но *обфурӯшон* (продавцы воды) – переведено как desporteursd'eau. Точным его эквивалентом является marchandsd'eau, но переводчик для существительного *обфурӯшон* выбрал слово–desporteursd'eau, смыслом которого является –*машкоб* (водонос, разносчик воды) или люди, которые таскают воду.

Существительные *гуломон, канизакон* (рабы, наложницы) на французский язык переведены, как lesesclaves. Слово *канизакон* –esclaves в первом существительном выражено предлогом краткой формы d' и суффиксом «–s», во втором существительном (esclaves) использовано во множественном числе со слитным артиклем aux и суффиксом «–s».

Слово *бузургон* (великие, знатные), которое по сути является прилагательным, но выполняя функцию существительного, приняло его грамматическую категорию и в следующем примере выражено во множественном числе.

…бисёрии ***бузургон*** *ва аркони давлати амир аз ҳар ҷиҳат мадюни ӯ буданд [6, с.508].*

… laplupart des ***fonctionnaires*** *et des dignitairesétaientsesdébiteurs[10, с.589].*

Существительное *бузургон* также выражено во множественном числе при наличии суффикса «–он» и переведено на французский язык при помощи суффикс «–s». Таким образом: fonctionnaires в значении *давлатманд* (богатый), *коркунидавлат* (государственный работник), *мансабдор* (чиновник).

Ё он моҳиён камустухон буданд, ё ки ***моҳипазон*** *моҳир ва устоди кори худ будандва ё ҳарду [6, с.79].*

*Peut–êtreétait–ceun****poisson****faitainsi, sansarêtesoupeut–être****lescuisiniers****étaient–ilsvraimenthabilésàlepréparer, jenesais, peut–êtreétait – ceetl'unetl'autre [10, с.104].*

Существительное моҳипазон (готовящие рыбу), выраженное суффиксом «–он», образующим множественное число, переведено на французский язык как lescuisiniers, которое образовано посредством определенного артикля les, для обоих родов и суффикса «–s».

В следующем предложении слово *равгангарон* (маслобойщики) является именем собственным. Именем, представленным во множественном числе в значении месторасположения.

Чӣ тавре ки тахмин кард, он ҷо Сари Пули ***Равгангарон*** *буд [6, с. 159].*

*Il regardaautour de lui et compritqu'il se trouvaitdans le quartier de Sari Pouli****Ravgangaron…*** *[10, с.207].*

Равгангарон, будучи именем собственным, на французский язык переведено буквально ravgangaron.

В романе однородные существительные, выражающие профессию и работу, представлены во множественном числе:

*Дар рӯзҳои сайр ба назди дарвозаи Чашмаи Айюб фурӯшандаҳои бисёре –****ҳалво фурӯшон****, оби дандон, ва ҳалвои* ***бакколӣ фурӯшон****,* ***писта*** *ва* ***донакишӯрак фурӯшон****,* ***мева фурӯшон, обфурӯшон****,* ***нон фурӯшон, аттор*** *ва* ***чарчин фурӯшон*** *ва ғайра* ***фурӯшандагон зочабозу масхарабозу фолбину раммолу гадою сақҚои*** *бисёре ҷамъ мешуданд [6, с.409].*

*En cesjours – là, unefoule****bigarrée de marchands*** *de khalva,* ***de pistaches, d'abricotssecs, de galettes, des vendeursd'eauetdépices****entouraient avec bruit la porte du cimetière.* ***Des acteurs du théâtre des marionettes, des saltimbanques, des diseurs de bonne aventure, des devins, des mendiants, des mutilés****s'yrendaientaussi [10, с.494-495].*

Данный ряд существительных переведены таким образом: ҳалво фурӯшон (продавцы халвы) –bigarrée de marchands, *писта*вадонак фурӯшон (продавцы фисташеки косточек) – depistaches, *мева*фурӯшон (продавцы фруктов) – d'abricotssecs, *обфурӯшон* (продавцыводы, водоносы) – des vendeursd'eau, *нонфурӯшон* (продавцы хлеба) – de galettes, *аттор*вачарчинфурӯшон (парфюмеры, галантерейщик) – et dépices. Правильным французским аналогом слова *фурӯшандагон* являетсяlesmarchands или lesvendeurs.

Рӯзи дигар… бойбача… ***қарздорҳо****, гурезаҳо ва* ***даъвогарони*** *худро талаб кардан гирифт [6, с.81].*

Mais le lendemain…baïbatcha…exigeaqueses ***débiteurs*** *luipaientleursdettes [10, с. 106-107].*

Слово қарздорҳо (*должники) – débiteurs* во множественном числе таджикского языка образовано с помощью суффикса «–ҳо», а во французском языке с помощью суффикса «-s». Ссуществительное даъвогарон в русском и французском вариантах отсутствует.

в) Имена собственные. Известно, что в таджикском языке имена собственные образуются посредством суффикса «–он». Однако в романе практически все они использованы в названиях местностей, зданий построек, площадей и т.д.

Роҳи онҳо аз растаи Қӯшмадраса, таги тоқи ***Аллофон*** *ва тоқи* ***Мисгарон*** *ва Регистони Бухоро мерафт [6, с. 281].*

*La voituresuivaitunchemin qui passait sous les arcades d'****Allofon****et de* ***Mizgaron*** *pour se diriger tout droit vers Réghistan [10, с. 357].*

Следующие существительные были буквально переведены как существительные места: *Аллофонва Мисгарон* – Allofonet Misgaron.

В таджикском языке суффикс «–он» имеет три варината: «–гон», «–ён», «–вон», позиция их использования зависит от звуковой структуры слов. Если существительное заканчивается на согласную букву, тогда он используется суффикс «–он». В случае окончания слова гласной – а, используется суффикс множественного числа «–гон».

…муйҳояш парешон ва афташ ба ***девонагон*** *монанд буд, ҷег зада баровард [6, с. 310].*

… lescheveuxdénoués, elleétaitl'incarnationdel'horreuretduchagrin [10, с.392].

Бобои машкоб… гаранг ба мисли ***девонагон*** *бо худ пичир–пичиркунон гап зада, дар суфаи канори ҳавзи Мир дӯстим менишаст [6, с.499-500].*

Lechefdesporteursd'eau… Ilfixaitl'eau et parlait tout seul [10, с.585].

Существительное *девонагон* образовано при помощи суффикса«–гон», но оно не переведено на французский язык. Хотя это слово *девонагон* на французский язык может быть переведено несколькими существительными: lesfous, lesidiots.

Вақте ки миршаб ба ҳавлиаш расид, ***хонабудагон*** *ҳама хобида буданд [6, с. 224].*

Chezlemirchab, ***toutlemonde*** *dormait [10, с. 286].*

Таким образом, становится очевидным, что существительное *хонабудагон* в предыдущих примерах переведено посредством различных существительных, а в следующем представлен фразой toutlemonde, что означает местоимение tout – все и существительное lemonde – мир, общим смыслом которого является местоимение *все*.

– Чӣ хел ***кушташудагон****? – пурсид Ҳайдақул. – Ман нафаҳмидам– ку? [6, с.348].*

– ***Quiestmort****? De quoi?Demande–t–il, étonné[10, с.440].*

Существительное кушташудагон (казненные) представлено как Quiestmort (Кто умер?), что означает кї*мурдааст*. Следует подчеркнуть, что вопросительное местоимение киҷо во французском языке передано единственным числом, и поэтому глагол mourir в форме прошедшего времени представлен как estmort в единственном числе.

Дастаи ***созандагони*** *Мукаррам чаяк пайтбозии худро тамом накарда дастаи созандаи Тилло омада расид [6, с.127].*

Les musiciennes*de Moukarramtchan'avaient pas encore fini de jouerque déjà arrivaientd'autresmusiciennes qui accompagnaient la danseuse Tillo [10, с.163].*

Слово созандагон состоит из существительного *созанда* суффикса «–гон». Французским эквивалентом его является lesmusiciens, образованное посредством артикля множественного числа для обоих родов les и суффиксом «–s».

Дар ошхона ***будагон*** *ба суҳбат ва ханда машғул шуда, аз омадани он зан бехабар монданд… [6, с.21].*

Ceuxquisetrouvaient *danslacuisinen'avaientpasremarquésavenue [10, с.28].*

Здесь существительное *будагон* переведено на французский язык как ceuxquisetrouvaient, состоящее из указательного местоимения множественного числа ceux, местоимения qui и глагола setrouver, которое является причастием прошедшего продолжительного времени.

Ҳама ***бошандагон*** *низ ба рӯйи ҳамдигар нигоҳ мекарданд, вале дар равшании лампаи даҳуми овеза чизи казоиеро дида наметавонистанд [6, с.462].*

Les autres *se regardaient en silence. Mais la lumière était trop faible pour qu'onpuisseremarquer quoi quecesoit [10, с.553].*

Существительное *бошандагон* переведено *lesautres,* смысл которого, однако, не соответствует самому слову и контексту.

Мо фуқаро бошем, бо ***калоншавандагон*** *ва пошшобибиҳо рӯ ба рӯ нашуда бошем… [6, с. 278].*

*Je suisune femme simple et modeste, je n'aijamaiseul'occasion de rencontrer****des notables****… [10, с. 354].*

Калоншавандагон на французский язык переведено как desnotables, что является аналогичным со значеним *мансабдорон* (чиновники).

При выражении категории множественного числа суффикс «–он» с его другими его вариантами наблюдается сравнительно в меньшей степени чем суффикс «–ҳо». Во французском языке понятие множественного числа выражается при помощи артикля и суффикса. Все существительные французского языка имеют артикли (определённый, неопределённый, мужской род и женский род). Понятие множественного числа выражается в основном с помощью суффикса «–s», но некоторые существительные (на – al) имеют окончание «– aux» (travail – travaux, journal – journaux).

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гак, В.Г.Теоретическая грамматика французского языка: учебник / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2004. – 862 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. Фонетика, морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 314 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
4. Джалолов, О.Дж. Категория множественного числа и некоторые вопросы современного таджикского языка. Издательство академия наук. Таджиской ССР / О.Дж. Джалолов. – Сталинабад, 1961. – 160 с.
5. Илия, Л.И. Пособие по теоретической грамматике французского языка / Л.И. Илия. – М., 1979. – 359 с.
6. Икромї, Љ. Духтари оташ: Роман. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 528 с.
7. Brunot, F. La pensée et la langue / F. Brunot. – P.: Presses Universitaires, 1965. - 1000 p.

8. Damourette J. De mot à la pansée. Essai de grammaire de la langue française / J.Damourette, E.Pinchon. – P., 1951. – T.1. - 468 p.
9. Dubois J. Grammairestructurale du français. Nom etpronom / J. Dubois. – Paris: Librairie Larousse, 1965. – 500 p.
10. Ikrami, Dj. La fille du feu. (roman traduit du russe par Antoinette Mazzi) Editions du Progrès. – Moscou, 1966. – 612 p.

ИФОДАИ КАТЕГОРИЯИ ҶАМЪ БО ЁРИИ ПАСВАНДИ «-ОН» («-ГОН», «-ВОН», «-ЁН») ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФРАНСАВӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи ифодаи категорияи ҷамъ бо ёрии пасванди «-он», вариантҳои грамматикии он ва тарҷумаи онҳо дар забони франсавӣ дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ меравад. Пасванди «-он» ва вариантҳои грамматикии он дар забони адабии тоҷик бештар дар услуби китобӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Чунонки муаллиф қайд мекунад, пасванди «-он» ва вариантҳои грамматикии он бештар бо предметҳои ҷондор, яъне исмҳои ифодакунандаи муносибати хешутаборӣ, шахсият, касб, шуғл ва исмҳои хос ба назар мерасад. Вай инчунин қайд мекунад, ки ҳангоми ифодаи категорияи ҷамъ пасванди «-он» ва вариантҳои грамматикии он нисбат ба пасванди «-ҳо» дар асар камтар истифода шудаанд. Дар забони франсавӣ мафҳуми шумораи ҷамъ бо ёрии артикл ва пасванд ифода меёбад. Шумораи ҷамъ асосан бо ёрии пасванди «–s» сохта мешавад, аммо баъзе исмҳо (бо – al) дар шумораи ҷамъ пасванди «– aux» (travail – travaux, journal – journaux) мегиранд. Қайд кардан лозим аст, ки номи халқияту миллатҳо ба забони франсавӣ на танҳо бо пасванди «–s», балки бо артикли шумораи ҷамъ ифода гардидаанд. Инчунин номҳои халқият ва миллат нисбат ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Калидвожаҳо: категория, шумораи ҷамъ, пасванд, забони тоҷикӣ, забони франсавӣ, исм, артикл.

ОБОЗНАЧЕНИЕ КАТЕГОРИИ МНОЖЕСТВЕННОГО ЧИСЛА ПРИ ПОМОЩИ СУФФИКСА «-ОН» («-ГОН», «-ВОН», «-ЁН») И ЕГО ФРАНЦУЗСКИЕ АНАЛОГИ

В данной статье речь идёт об обозначении категории множественного числа при помощи суффикса«–он»,его грамматические вариантыи их переводы на французский язык на основе романа Дж. Икрами «Дочь огня». Суффикс «–он» и его грамматические варианты в литературном таджикском языке часто используются в книжном стиле. Как отмечает автор, суффикс «–он» и его грамматические варианты часто встречаются с одушевленными существительными, т.е. существительными, выражающими родство, личности, профессию, работу и занятия, имена собственные. Он также отмечает, что при выражении категории множественного числа суффикс «–он» с другими его вариантами наблюдается сравнительно в меньшей степени, чем суффикс «–ньо». Во французском языке понятие множественного числа выражается при помощи артикля и суффикса. Понятие множественного числа выражается в основном с помощью суффикса «–s», но некоторые существительные (на – al) имеют окончание «– aux» (travail – travaux, journal – journaux). Следует отметить, что французские названия наций представлены не только со суффиксом «–s», но и с артиклем множественного числа. Также необходимо подчеркнуть, что названия народов и наций, в отличие от таджикского и русского языков, во французском языке пишутся только заглавными буквами.

Ключевые слова:категория, множественное число, суффикс, таджикский язык, французский язык, существительный, артикль.

THE DEFINITION OF THE PLURAL CATEGORY OF THE SUFFIX "-ON" ("-GON", "-VON", "-YON") AND ITS FRENCH EQUIVALENTS

This article points out the plural category of the suffix "-on" and its grammatical versions and their translations into French on the basis of J. Ikrami's novel “The Daughter of Fire”. The suffix "-on" and its grammatical variants in literary Tajik are often used in book style. As the author notes, the suffix "-on" and its grammatical variants often are used with animate nouns, that is, nouns that express kinship, personality, profession, work and occupation, proper names. He also notes that expressing the plural category of the suffix "-on" and its other variants are not observed so much as the suffix "-њо" in the work. In French, the concept of the plural is expressed with the help of the article and the suffix. The concept of the plural is expressed mainly with the suffix "-s", but some nouns (on-al) have the ending "-aux" (travail-travaux, journal-journaux). It should be noted that the French names of nations are represented not only with the suffix "-s", but also with the article of the plural. It is also necessary to emphasize that the names of people and nations, unlike Tajik and Russian languages, are written in French only in capital letters.

Key words: category, plural, suffix, Tajik, French, noun, article.

Сведения об авторе: ***Назарова Мунира Ортукалиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры европейских исследований факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-409-46-15**

Information about the author: ***Nazarova Munira Ortuqalievna*** – Tajik National University, Assistant, Department of European Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-409-46-15**

УДК:491. 550-54

НАҚШИ ПАСВАНДГУНАИ –ДОР ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР НАСРИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Низомова С.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозӣ яке сарчашмаҳои асосии дохилии ташаккули таркиби луғавии забон буда, тавассути он ҳодисаву воқеаҳо, мафҳум ва ашёҳо номгузорӣ карда мешаванд. Калимасозӣ талаботи рӯзмарраи одамонро барои муошират таъмин меномояд. Ҳамин тариқ, дар забон тарзу усулҳо, воситаҳои гуногуни калимасозӣ мавҷуд аст, ки тавассути онҳо калимаҳои нав офарида мешаванд, талаботи иртиботии омма таъмин мегардад.

Яке аз роҳҳои маъмули калимасозӣ ин васлшавии калимаҳо мебошад. Калимаҳои мураккаб бо роҳу воситаҳои мухталиф бунёд мегарданд. Дар бунёди калимаҳои мураккаб мавқеи пасвандгунаҳо басо намоён аст. Доир ба хусусияти калимасозии пасвандгунаҳо дар сарчашмаҳо маълумоти мукаммал дода шудааст [4, с.3, 2, 6, 5].

Аммо гурӯҳи дигари калимаҳои мураккабе ҳастанд, ки ҷузъҳои таркиби онҳо аз ҷиҳати маъно ва вазифа аз ҳам фарқ доранд: дар онҳо як ҷузъ мустақилияти маъноии худро нигоҳ медорад, ҷузъи дигар воҳидест, ки дар асоси маънои аслии худ вазифаи унсури ёридиҳандаро адо мекунад. Масалан, дар таркиби калимаҳои мураккаби навъи оташкада, гамхона, номнома, арабшинос, обдор, оболуд ва г. унсурҳои –када, -хона, -нома, -нигор, шинос,-боб, -дор, -олуд ва монанди инҳо бо асосҳои аввал дар ҳамин гуна муносибат қарор доранд [5, с.101].

Сермаҳсултарин пешвандгунаи калимасоз дар насри бадеӣ ва публитсистии устод Садриддин Айнӣ пешвандгунаи -дор буда, дар сохтани калимаҳои мураккаб мавқеи махсус дорад. Ин пешвандгуна бо исмҳои маънӣ омада, амал ва мансабҳоеро ифода мекунад, ки дар замони пеш, дар аморати Бухоро истифода мегардиданд: ***ҳукуматдорон, амлокдор, сардор, дафтардор, кутубхонадор, шарбатдор, мулкдор*** ва ғайра. Калимаи ***дафтардор*** аз исми мушаххаси ***дафтар*** ва пасвандгунаи-***дор*** бунёд гардида, ба маънии ҳисобчӣ, бухгалтер истифода мегардид, ки имрӯз ***дафтардор*** он шуъбаеро меноманд, ки бо ҳуҷҷатҳое, ки дар корхона воридоту содирот мешаванд, сару кор доранд: *Олимони бузурги араб дар он вақтҳо донандагони Қуръон ва ҳадис ҳисоб меёфтанд ва ба ҳамин сабаб дабирон (котибон),* ***дафтардорон*** *(ҳисобчиён) ва вазирони халифаҳои аббосӣ ҳамеша аз халқҳои форс-тоҷик таъйин мешуданд [10, с.145].*

Дар мисолҳои зерин калимаҳои ***шарбатдор*** аз исми ***шарбат*** ва пешвангунаи ***-дор*** бунёд гардида, амалест, ки дар замони пеш дар аморати Бухоро мавҷуд буд: *Ин одам* ***шарбатдор*** *аст ва косае, ки дар он рӯймол аст, пуршарбат аст, агар баногоҳ ҳаваси ҷаноби олӣ ба шарбат равад, шарбатдор дарҳол он косаро ба пеши ҷаноби олӣ медорад [9, с.32].*

Калимаи ***сардор*** аз исми ***сар*** ва пешвандгунаи -***дор*** бунёд гардида, шахсест, ки ба гурӯҳе сарварӣ мекунад: *Ясавул бо нигоҳи пурсиш ба Қатағанӯғлон чашм дӯхт, ки* ***сардор*** *дар ҳаққи ин «беодоб» чӣ мефармуда бошад [10, с.93].*

Калимаи ***китубхонадор*** аз исмҳои мушаххаси ***китуб***, ***хона***, пешвандгунаи -***дор*** таркиб ёфта, исми касбу машғулиятро мефаҳмонад, яъне соҳиби китобхонаро гӯянд: *Дар замони пеш баъзе мадрасаҳо кутубхонаи махсус ҳам доштааст, ки бойҳо китобҳои даркориро харида, дар он ҷо гузошта, ба* ***кутубхонадор*** *ҳам аз вақфи мадраса саҳме таъйин кардаанд [8, с.223].*

Калимаи ***мулкдор*** аз исми ***мулк*** ва пасвандгунаи -***дор*** бунёд гардида ба маъноҳои малик, мамлакатдор, подшоҳ, дорои мулк, заминдор [15, с.726] ба кор бурда мешавад: *...инчунин Муқаннаъ шоҳиди зиндаи он зулму бедодҳо ҳам буд, ки аз тарафи истилогарони араб ва аз тарафи феодалон ва* ***мулкдорони*** *маҳаллӣ ба аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр мерафт [4, с.139].*

Пасвандгунаи -***дор*** бо исми маънии ***нигоҳ*** васл шуда, ба маънии назораткунанда омадааст: *Бинобар ин, Чингиз* ***нигаҳдории*** *қонуни ваҳшиёнаи худро ба ӯ супурда буд [10, с.90].* Калимаҳои ***қарздор***, ***ҷондор***, ***кордор***, ***тарафдор*** аз исмҳои ***қарз, ҷон, кор, тараф*** ва пасвандгунаи -***дор*** бунёд шуда, умумиистеъмоланд: *...инчунин тарзи истилои арабҳо Хуросон ва Мовароуннаҳрро ва таври идора ва* ***кордории*** *онҳоро дар ин сараземинҳо мухтасаран бошад ҳам, гуфта гузарем [10, с. 97]. Бинобар ин, кори осон* ***тарафдории*** *як хонадони арабҳоро карда, хонадони дигари онҳоро, ки дар ҳокимият реша давондаанд [10, с.121].*

Пасвандгунаи -*дор* бо исмҳои ***вафо дӯст, заҳр, об, миннат,*** *иззат* васл гардида муносибатҳои гуногунро мефаҳмонанд. Калимаи заҳрдор ба ду маънӣ фаҳмида мешавад:1.

Чизе, ки хӯрдани он хавфнок аст, заҳролуд; 2. Ба маънии маҷозӣ-сухани талх, сухани нешдор [13, с.516]; *Ясавул бо шунидани ин суханони рости* ***заҳрдор*** *чун мори саркӯфта ба худ мепечид, лекин ҷавобе намеёфт, ки гӯяд [12, с.13]; ...ин Гулнори* ***вафодор*** *буд, ки ба дастгир шудани ошиқи худ тоб оварда наметавонист [12,с.15]; ...ҳамагӣ аз ҷоҳо бархоста бо* ***иззатдории*** *тамом дастҳоро пеш гирифта салом доданд [12, с.25]; .. имрӯз ба шумо кори ман афтодааст, агар* ***миннатдор*** *кунед, изҳори миннатдорӣ мекунам...[12, с.30].* Ин пасвандгуна бо исми ***хона*** васл гардида, исми ***хонадор*** сохтааст, ки маънии оиладор шуданро ифода кардааст*: Ёдгор! Дониста бош, ки ҳар гоҳ ту* ***хонадор*** *шудан шавӣ, ман тӯй шуданро ба гардан мегирам [12, с.10].*

Калимаи ***обдор*** дар асар серистеъмол буда, бо маъниҳои мухталиф корбаст шудааст. Дар ҷумлаи аввал ба маънии ***сероб***, дар ҷумлаи дуюм ба маънии маҷозии ҳақоратҳои гӯшношунид кор бурда шудааст. Дар мисоли зерин калимаи ***обдор*** аз исми муштараки ***об*** ва пасвандгунаи ***-дор*** бунёд гардида ба маънии маҷозӣ кор бурда шудааст. Сифати мураккаби ***обдор*** бо исми сухан таносуби маъноӣ дорад ва серистеъмол аст. Аммо дар мисоли зерин бо калимаи дуо робитаи маъноӣ пайдо кардааст: дуои ***обдор***: *"-Нафаси хушк аз най садо намебарорад" гуфтаанд, дуои* ***обдор*** *мекунам, гуфт хӯҷаин [12, с.30]. Ин қурутат* ***обдори*** *хуб будааст [12, с.264]. Ятим ҳам баъд аз пешпо хӯрдан ба сару тани як-ду нафари онҳо ва шунидани ҳақоратҳои* ***обдор*** *гӯшаи холие ёфта дароз кашид [9, с.18].*

Бо калимаҳои тақлидӣ омада калимаи нав сохтааст: *...ниҳоят ба миёнаҷойи дара мерасед, ки дар он ҷо аз як чашмаи равони* ***шаршарадоре****, ки аз камари кӯҳ шарроб зада мефарояд...[12, с.5]. ... партави офтоб ҳеҷ гоҳ ба замини ин роҳ наафтода бошад ҳам, дар нимрӯзӣ сари деворашро* ***шаъшаадор*** *мекунад [12, с.3].*

Аз баррасии маводи гирдоварда маълум гардид, ки пасвандгунаи ***-дор*** дар сохтани сифатҳои мураккаб серистеъмол аст. Дар ин қолаб сифатҳои мураккаби ***паррадор, рахдор, ишкелдор, ҳангомадор*** корбаст гардида, ки баъзеи ин гурӯҳи сифатҳои мураккаб имрӯз дар истеъмол нестанд. Калимаҳои ***ишкелдор*** ва ***ҳангомадор*** барои нишон додани аломати ашё ба кор бурда шудаанд. Имрӯз ба ҷойи кори ***ишкелдор***, кори проблемавӣ, кори мушкил, баҳснок, пурмоҷаро; ба ҷойи ҳавлии ***ҳангомадор*** // ҳавлии бошукӯҳ истифода мегарданд. Ишкел –занҷири оҳанин аст, ки дар даври амирӣ ба пойи бандиён мезаданд [7, с.138]*: ...ба ҳамин сабаб ҳар кори ишкелдорро ба ман мефармояд ва хоҳ хушк кунам, хоҳ тар, кор надорад, зеро як дараҷа дилаш аз ман пур шудааст...[12, с.29].*Калимаи ***ҳангомадор*** ба маънии бошукӯҳ, боазамат омадааст: *Як ҳавлии дарун-беруни* ***ҳангомадор****, дар ҳавлии дарун чор хона, як ошхона ва танӯрхона...[12, с.19].*

Академик М. Шакурӣ дар мавриди истифодаи бемавриди пасвандгунаи ***-дор*** дар забони матбуот изҳори нигаронӣ намуда, чун ҷузъи сеюми калимаи мураккаб омадани онро нолозим медонад. Дар маводи мо низ калимаи *ҳафтсардор* кор бурда шуда, ки ҷузъи *–****дор*** дар ин ҷо бемавқеъ омадааст *: – Чӣ шуд, чӣ шуд? – гӯён овози падарам баромад ва бо шунида шудани овози вай он одами сиёҳи* **ҳафтсардор** *якбора аз назарам гойиб гардид[8, с.62]// – Чӣ шуд, чӣ шуд? – гӯён овози падарам баромад ва бо шунида шудани овози вай он одами сиёҳи* ***ҳафтсар*** *якбора аз назарам гойиб гардид [8, с.62].*

Бо исмҳои маънии ***роз, дӯст, тараф,*** васл гардида, калимаҳои мураккаб сохтааст. Дар ҷумлаи зерин калимаҳои ***дӯст+дор*** ва ***тараф+дор*** истифода гардидааст, ки калимаи дӯст бе васл шудани ҷузъи –дор матлабро ифода карда метавонад, аммо ин ҷо ба маънии таъкид омадааст: *...ба Абӯмуслим на танҳо аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр садоқат доштанд, балки инро ҳам нишон медиҳад, ки аҳолии Ироқу Эрон ҳам* ***дӯстдор*** *ва* ***тарафдори*** *ӯ будаанд [10, с.126].*

Калима ***роздор*** дар мисоли зерин ба маънии нигоҳдорандаи роз, сирри касеро нигоҳ доштан корбаст шудааст: *Аммо ба касоне, ки барои ба даст даромадани мақсади вай нақшҳои асосиро бозӣ мекунанд ва дар матонату* ***роздории*** *онҳо эътимод дорад, рози худро ба дараҷаи даркорӣ мекушод [12, с.127].*

Калимаҳои ***сарватдорон, заминдорон*** корбаст шудаанд, ки калимаи ***сарватдор*** аз исм маънии ***сарват***, пасвандгунаи ***-дор*** ва пасванди ***-он*** бунёд гардида, ба маънии шахсони ***сарватманд*** омадааст. ***Заминдорон*** ба маънии ***соҳиби замин*** ба кор рафтааст: *Инчунин дар ин хусус ҳам мисолҳо гузашт, ки* ***сарватдорони*** *маҳаллӣ ва деҳқонон (соҳибдеҳаҳо ва* ***заминдорони*** *калон) дар ихтилолҳо ба муқобили оммаи мардум ёрӣ мededоанд [10, с.152]*

Муқаннаъ ***зандор*** *ва соҳибоила буд ва мувофиқи одати ҳамон замон аҷаб нест, ки якчанд нафар канизак ҳам дошта бошад [10, с.176]. Ман қабул кардам ва навохтан гирифтам, дар ҳақиқат, лаълича садоҳои* ***зангӯладор*** *мебаровард [8, с.21]. Баъд аз он ҷавони* ***белдор*** *ба рӯйи он ҳалқаи хамирин қадаре орд пошид…[8, с.31]. –* ***Хабардор*** *шавед, мабодо ӯ занбӯругҳои* ***заҳрдор*** *чида наомада бошад,– гуфт ба модарам [8, с.37].*

Дар мисоли зерин калимаи мураккаби ***миёнсукундор,*** ки аз се ҷузъ- ***миён+сукун+дор*** иборат аст, истифода гардидааст, ки дар луғатномаҳо шарҳ наёфтааст. Калимаи мазкур аз

истифода баромадааст: *...дар ҳавлии берун як меҳмонхонаи чоркунҷаи* ***миёнсукундори*** *масҷидшакл дошт, ки дар вай худаш истиқомат мекард [8, с.45].* Калимаи ***мадондор*** низ хосси замони амирист:*...аз сари нав як хонаи мадондор, як айвонча барои ошпазӣ, як оғил ва як коҳхонаи похсагӣ сохт [8, с.48].*

Дар ин қолаб калимаҳои ***боғи девордор, тарафи паррадор, тарафи чокдор, ҷангали хордор, офтоби шаъшаадор, дӯкондор, амлокдор, сарҳавздор, дилдор, мактабдор, рӯзадор, ҷомаи пахтадор, раққосисарони амради кокулдор, бемордор, милтиқи шохдор, базмҳои хонагии рақсдор, ҳарфи «с»-и сенуқтадори арабӣ, буттаҳои ҳосилдор, оиладор ва ҳавлидор, асои ғафси харротии сарнайзадор, фӯтадорон, обдор, қаландарбачаи чилимдор, як болохонаи айвончадор, иҷорадор, яроқдор, ҷавонони ҷилавдор, шабгардони себанддор, шогирдпешагони шамшердор, ҷаллоди калтакчадор, мехи чӯбини калладор, погондор, духтараки соданамои дарундор, занони тифлдор, чалвори канораи борикдор, зани ҷавони фаранҷидор, тақводор, иззатдор, бачадор, дасти пашмдор, гулгулаи воҳимадор, он мӯйҳои маргуладор, борони барфрезадор, аробаи каппадор, аспони давриву абзоли тиллодор, ҳақоратҳои обдор*** *ва г.* дар осори нависанда серистеъмоланд.

Бояд зикр кард, ки калимаҳои дар ин қолаб сохташуда, маънӣ ва мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд. Қисми бештари онҳо ба ҳодисаву воқеаҳои замони амирӣ алоқаманданд. Мисли калимаҳои ***мактабдор, сарҳавздор, себанддор, рақсдор, чилимдор, фӯтадор ва*** *г.* Калимаи ***мактабдор*** аз исми ***мактаб*** ва пасвандгунаи ***-дор*** сохта шуда, ба маънии ***соҳиби мактаб***; ***себанддор*** аз шумораи аслии ***се,*** асоси замони ҳозираи ***банд*** ва пасвандгунаи ***-дор*** таркиб ёфта, ба маънии *"чӯбдасти дарози се банди мисин ё биринҷидор, ки аз заранги кӯҳӣ сохта мешуд, дарозиаш се газ ва гафсиаш ба гафсии каланддаста меомад. Ин силоҳ махсуси шабгардони (политсия)амирӣ буд, ки ба ҷойи яроқ кор мефармуданд"* [7, с.344] кор фармуда мешуданд: *Қозиҳо ин гуна талабаҳоро ба ягон деҳае, ки имом ва* ***мактабдор*** *надошта бошад, ба унвони "муаллим" мефиристоданд [8, с.158]. Шабгардони* ***себанддор*** *ба тарафи пойини бандиҳо дар рӯйи Тахтапул қаровул истоданд [8, с.352].*

Калимаи ***чилимдор*** дар ин қолаб сохта шуда, *чилим –зарфест найнӯл, ки дар дарунаш об андохта, ба сараш тамоку даргиронда аз нӯлаш дуди тамокуро мекашанд* [7, с.455]. ***Чилимдор*** тайёркунандаи чилим аст: *Ҳар гурӯҳ баъд аз кашидани банг ба андозаи калон ё хурд будани гурӯҳашон ба қаландарбачаи* ***чилимдор*** *аз ду танга (30 тин) то панҷ танга медоданд [8, с.276].* ***Фӯтадорон*** дар фарҳангномаҳо зикр нашудааст, аммо вожаи фӯта дар луғатномаи устод Айнӣ чунин шарҳ ёфтааст: *"Фӯта парчаи дарози сербар аст, ки ба миён печонда мебанданд. Лӯнгии ҳаммом ва сартарошон* [7, с.421]". *Дар дафъаи сеюм* ***фӯтадорон*** *фӯтаро баробари синаи худ доштанд [8, с.286].*

Як услуби Айнӣ серистеъмолии пасвандгунаи -дор аст, ки он ба маъниҳои мухталиф истифода гардидааст. Дар калимаҳои ***роздор, бемордор*** ба маънии ***нигоҳдор***, дар калимаҳои ***ҳавлидор***, ***заминдор, кокулдор*** ва ***сарватдор*** ба маънии ***соҳиби замин, кокул ва сарват*** омадааст: *Аммо ба касоне, ки барои ба даст даромадани мақсади вай нақшҳои асосиро бозӣ мекунанд ва дар матонату* ***роздории*** *онҳо эътимод доранд...[10, с.127]. Аз вақте ки ман* ***бемордор*** *шуда дар хона мондам, ӯ ҳам аз пеши дари хона намечунбид [8, с.188]. ...қариб 20 нафар раққосисарони амради* ***кокулдор*** *дар пеши доирадастон сурудхонӣ ва раққосӣ мекарданд...[8, с.169]. Як қисми дигари он гуна калонсолон* ***оиладор*** *ва* ***ҳавлидор*** *буда, ба имоматии маҳаллае ё ба мударрисии мадрасае ҳам мансуб буданд [8, с.250]. ...сарватдорони маҳаллӣ ва деҳқонон (соҳибдеҳаҳо ва заминдорони калон) дар ихтилолҳо ба муқобили оммаи мардум ёрӣ медоданд [10, с.152].*

Пажӯҳиши пасвандгунаи -дор нишон дод, ки як қисми калимаҳои дар ин қолаб сохташуда, ифодакунандаи ашё ва мафҳумҳои замони гузашта мебошанд: милтиқи ***шохдор, ҷавони ҷилавдор,*** ҷаллоди ***калтакчадор,*** аробаи ***каппадор, ****….аз сари хирман дучанд карда ба ӯ додем, молиёти замин (андоз) ва даҳяки вақфро* ***амлокдори*** *хонасӯхта ва* ***иҷорадори*** *худобехабар сечанд карда гирифтанд [8, с.312]. ... дар вақти набудани* ***тарозудор*** *тарозудорӣ ҳам аз дасташ меомад [8, с.360]; аз ду тарафи ин даста шогирдпешагони шамшердори қушбегӣ ва миршаб ва ясавулони чӯбдастдори амир саф кашиданд [8, с.370]; Ҷаллоди* ***калтакчадор*** *пеш гузашта бо калтакчаи худ аз пеш ба соққои пойи бандӣ чунон сахт зад [8, с.372]; Дар қатори аробаҳо як аробаи* ***каппадоре*** *намуд, ки бар рӯйи каппаи вай намади калонеро партофта, ҳама ҷойи аробаро маҳкам пӯшонда буданд [8, с.32]; Дар он вақтҳо дар деҳаи мо шикорчиён бисёр буданд, ки милтиқи* ***шохдори*** *қадимӣ кор мефармуданд [8, с.195].*

Пасвандгунаи -дор бо дигар воситаҳои калимасоз метавонад хусусияти муродифӣ пайдо кунад. Дар мисоли зерин бо пасванди –ӣ муштараквазифа шудааст: *...инҳо махсуси базмҳои хонагии* ***рақсдор*** *буда, ҷуфтронон ба асл ва асоси ҳавоҳои шашмақом, ки ба ҳоли худашон мувофиқ буд, қаноат мекарданд [8, с.200] // инҳо махсуси базмҳои хонагии* ***рақсӣ*** *буд... Дар дасти инҳо чӯбдастҳои сартиллои заркӯб буда, ба аспони давриву абзоли* ***тиллодор***

савор буданд [9, с.32]// Дар дасти инҳо чӯбдастҳои сартиллои заркӯб буда, ба аспони давриву абзоли ***тиллоӣ*** *савор буданд [3, с.32]. ...ба сари гӯсфанд рафта дид, ки ду пойи пешаш шикаста, дунбааш дарида ва чанд ҷойи дигари баданаш низ* ***захмдор*** *шудааст [11, с.8]// ...ба сари гӯсфанд рафта дид, ки ду пойи пешаш шикаста, дунбааш дарида ва чанд ҷойи дигари баданаш низ* ***захмӣ*** *шудааст [11, с.8].*

Бо пешванди бо- // ба- муродиф шуда метавонад: *... бинобар ин, ҳар гоҳ судхӯрони тақводори Бухорои шариф барои "ҳоҷатбарории мардум" фоида хӯрданӣ шаванд, номашро "танзил" меноманд [11, с.16] // ... бинобар ин, ҳар гоҳ судхӯрони* ***ботақвои*** *Бухорои шариф барои "ҳоҷатбарории мардум" фоида хӯрданӣ шаванд, номашро "танзил" меноманд .*

Бо пасванди -нок муродиф шуда метавонад: *Лекин, аввалан, ин гуна донишмандон, монанди буттаҳои* ***ҳосилдори*** *дар замини шӯразор расидагӣ, дар гояти камӣ буданд… [8, с.236] // буттаҳои* ***ҳосилнок;*** *... гурриши шамол, гулдурроси абру ҳаво бо шалдарроси борон ҳамроҳ шуда як гулғулаи* ***воҳимадоре*** *пайдо карда буданд [9, с.340] // гулғулаи* ***воҳиманок****.*

Калимаи ***дарундор*** ба маънии ***бадкина, бадтинат*** истифода мегардад: *Ман дар дили худ гуфтам: "ана омад он духтараки соданамои* ***дарундор****, ки имрӯзу имшаб бо дурӯғҳои худ маро фиреб дода дар азоби интизорӣ гузошта буд [8, с.416].*

Як хусусияти пешвандгунаи –дор ба калима таъкид бахшидан аст. Калимаи ***борикдор*** бидуни пешвандгунаи ***-дор*** ҳам маъниро ифода карда метавонад, аммо дар мисоли зерин барои таъкид корбаст шудааст: *Як юзбоши ҷавон, ки тахминан 25-сола буда, дар тан кулучаи моҳути осмониранг ва аз ҳамин моҳут чалвори канораи* ***борикдор*** *пӯшида буд [8, с.377] // чалвори канораш борик. Моҳи феврал буд, аз ҳаво борони* ***барфрезадор*** *меборид, гоҳо аз ҳар тараф бодҳои сахт ва тунд мевазиданд [9, с.30]. Дар тани ин одам кулучаи (кител) моҳути сурмагии бисёр аъло, бар болои китфҳояш погонҳои тилло, ба сараш телпаки савсори қиматбаҳо ва дар пояш аз рӯйи мӯзаи амрикоӣ –локи чалвори моҳути сурмагии канораи* ***сурхдор*** *буд.*

Аз таҳлилу баррасии маводи пажӯҳиш маълум гардид, ки пасвандгунаи *-дор* дар осори насрии нависанда серистеъмол буда, ба вазифаи ҷузъи дуюми калимаҳои мураккаб, дар сохтани исм, сифат истифода гардидаст. Қисме аз калимаҳои дар ин қолаб сохташуда, аз истеъмол баромадаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев С.А. Полуаффиксация в системе словообразования современного персидского языка / С.А. Алиев. АКД. - М., 1985. - 195 с.
2. Байзоев А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар "Донишнома"-и Абӯалӣ Ибни Сино / А.Байзоев. - Душанбе: "Андалеб Р", 2016. - 196 с.
3. Бобомуродов М. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст. Ҷ. 1 / М. Бобомуродов. - Душанбе: Эр-граф, 2012. - 241 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика, Морфология.-Душанбе: Дониш, 1985.-Қ І.-356 с.
5. Зоҳидов А. Пасвандоидҳои номӣ дар забони адабии тоҷикӣ / А.Зоҳидов // Сунъи беҳин. – Хуҷанд: Ношир, 2017. - С. 100-117.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1972. - 79 с.
7. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 12. Китоби 2. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 436 с.
8. С. Айнӣ Ёддоштҳо. - Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2013. - 464 с.
9. С. Айнӣ Осори баргузида. Акнуну навбати қалам аст. Ҷ. 2. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 463 с.
10. С. Айнӣ Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Очеркҳои адабию таърихӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 176 с.
11. С. Айнӣ Одина (повест). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 176 с.
12. С. Айнӣ. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1960. - 464 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М., 1969. - 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М., 1969. - 949 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. - 950 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. - 945 с.

НАҚШИ ПАСВАНДГУНАИ –ДОР ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР НАСРИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Дар мақола мавқеи калимасозии пасвандгунаи -дор дар сохтани калимаҳои мураккаб баррасӣ мегардад. Муаллиф дар асоси маводи фаровон аз осори насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ калимаҳои дар ин қолаб сохтаро аз ҷиҳати сохтор ва таркиби морфологӣ таҳлил намудааст. Ин пасвандгуна дар насри бадеӣ ва публитсистии С.Айнӣ дар сохтани калимаҳои мураккаб сермаҳсул аст. Калимаҳои бо ин пешвандгуна сохташуда ба ҷараёни ҳодисаҳои замони пеш аз Инқилоби Октябр вобастагӣ дорад. Хонанда бо калимаҳое дучор меояд, ки мансаб, касбу машғулият, мафҳумҳои он замонро ифода мекунанд ва ба гурӯҳи калимаҳои архаисти дохиланд: амлокдор, шарбатдор. Калимаи мураккаби бо ин пасвандгуна сохташуда маънӣ ва мафҳумҳои мухталифро ифода мекунанд. Ин гурӯҳи калимаҳои мураккабро ба чанд гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Як гурӯҳи онҳо мансаб, касбу машғулиятро ифода мекунанд ва онҳо аслан исманд. Чунин исмҳои мураккаб дар насри бадеӣ ва публитсистии устод Садриддин Айнӣ хеле пурмаҳсул аст. Гурӯҳи дигари онҳо барои ифодаи мафҳумҳои мухталиф ба кор бурда мешуданд, ҳоло дар истеъмоланд. Гурӯҳи сеюми калимаҳои мураккаби бо ин пасвандгуна сохташуда ҳам ба маъни аслӣ ва ҳам маҷозӣ

истифода мегарданд. Як гурӯҳи калимаҳои бо ин пасвандгуна сохташуда сифатҳои мураккабанд, ки аломати ашёро ифода мекунанд. Қисми бештари чунин калимаҳои мураккаб ба ҳодисаву воқеаҳои замони амирӣ алоқаманданд. Калимаҳои ***мактабдор, сарҳавздор, себанддор, рақсдор, чилимдор, фӯтадор ва г.*** Муаллифи мақола ба муродифшавии воситаҳои калимасоз дахл намуда, муродифшавии пасвандгунаи -дор -ро бо дигар воситаҳои калимасоз бо мисолҳо зикр намудааст. Як хусусияти пасвандгуна ва пешвандгунаҳо муродифи калимасоз доштани онҳост. Аз баррасии мавод маълум гардид, ки ин пасвандгуна асосан дар сохтани исм ва сифатҳои мураккаб серистеъмол аст. Дар мақола барои тақвияти фикр маводи фаровоне таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, пешвандгунаи -дор, калимаҳои мураккаб, семантика, маънои аслӣ ва маҷозӣ, таркиби луғавӣ, насри бадеӣ, публитсистӣ, калимаҳои архаистӣ.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ РОЛЬ СУФФИКСА –ДОР В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ И ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОЙ ПРОЗЕ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье рассматривается словообразовательная роль суффикса – дор в образовании сложных слов. Автор на основе богатого фактологического материала из художественной и публицистической прозы Садриддина Айни проанализировал слова, производные с помощью суффикса – дор, с точки зрения структуры и морфологического состава. Этот суффикс является очень продуктивным в производстве сложных слов в художественной и публицистической прозе С. Айни. Слова, производные с помощью этого суффикса, относятся к событиям времен дооктябрьской революции. В произведениях Айни читатель может найти слова, которые обозначают должность, вид работы, и слова, выражающие явления того периода, - относящиеся к архаизмам: амлокдор (крупный землевладелец), шарбатдор (человек, который готовит сладости). Сложные слова, образованные с помощью этого суффикса, выражают различные понятия. Сложные слова, образованные с суффиксом - дор можно разделить на несколько групп: слова, обозначающие должность, вид профессии; это в основном существительные, которые являются очень продуктивными в художественной и публицистической прозе С. Айни; слова, обозначающие различные понятия, которые употребляются и по сей день; эти слова употребляются как в прямом, так и в переносном значении; слова, образованные с этим суффиксом являются прилагательными, обозначающими признак предмета; преобладающее количество таких слов обозначают события и явления времен эмирата: мактабдор, сарҳавздор, себанддор, рақсдор, чилимдор, фӯтадор. Автор, касаясь вопроса синонимии словообразовательных средств, на конкретных примерах утверждает синонимичность суффикса – дор с другими словообразовательными средствами. Одной из особенностей суффиксов и префиксов заключается в том, что они имеют словообразовательные синонимы. Из проведенного анализа вытекает, что суффикс - дор в основном является продуктивным при образовании существительных и прилагательных. Суждения автора закреплены многочисленными примерами.

Ключевые слова: словообразование, суффикс – дор, сложные слова, семантика, прямое и переносное значение слова, словарный состав, художественная проза, публицистическая, архаические слова.

THE DERIVATIONAL ROLE OF SUFFIX -ДОР OF THE LITERAL AND PUBLICISTICS POETRIES OF SADRIDDIN AYNI

In this article most of all were considered the derivational role of suffix –дор . The author analyzed the words on the bases of progressive factual materials from the literal and publicistic poetries of Sadriddin Ayni of derivative of suffix like –дор from the point of view of structure and morphological composition. This suffix is very productive in the production of complex words in artistic and publicistics poetries of Sadriddin Ayni. The words, that productive of the complex words depends on pre-October revolution. In S. Ayni's legacy the readers can find the words, which denote the beings of that period – depended on the archaism as a big landowner and a sweet maker. The compound nouns made of suffix expresses the various concepts. The compound nouns forms the suffix –дор, which divided into several groups: - the words describing the kinds of professions. They are mainly the nouns, which are very productive in literal and publicistic Sadriddin Ayni's poetry; - the words describing of the different notions, which are common usable; - these words use as in direct as in portable value; - the words using with the suffixes are mostly the adjectives of the feature item; - the prevailing number of such words denoted the events and phenomens of the emirate like: мактабдор, сарҳавздор, себанддор, рақсдор, чилимдор, фӯтадор and etc. The author, referring to the question of the synonymy of word-building means, on concrete examples, affirms the synonyms of the suffix -дор with other derivational means. One of the features of suffixes and prefixes is that they have word-building synonyms. From the analysis it follows that the suffix -дор is basically productive when forming nouns and adjectives. The author's judgments are numerous examples.

Key words: word formation of the suffix –дор, complex words, semantics, direct and figurative meaning of the word, vocabulary, artistic prose, publicist, archaistic.

Сведения об авторе: ***Низомова Санавбар Фахриевна*** - Таджикский национальный университет, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-515-40-29**

Information about the author: ***Nizamova Sanavbar Fakhrievna*** - Tajik National University, doctoral student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-515-40-29**

УДК: 808.2 (075.8)

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СТИЛИСТИЧЕСКИХ ПРИЁМОВ В СОВРЕМЕННОЙ РУССКОЙ МАЛОЙ ПРОЗЕ

Султанова Р.М.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

В современной лингвистике различным аспектам выразительных средств русского языка посвящен целый ряд исследований как теоретического, так и практического характера. Актуальность нашего исследования обусловлена необходимостью изучения особенностей использования стилистических приёмов в современной русской малой прозе. В качестве иллюстративного материала были использованы рассказы современной русской писательницы Натальи Шумак.

На наш взгляд, выразительные средства языка-это такие единицы языка лексического, морфологического и синтаксического уровня, которые призваны обеспечить эмоциональное или логическое усиление речи. Эти единицы языка сформированы общественной практикой, признаны с точки зрения их функционального назначения и зафиксированы в грамматиках и словарях. По истечении времени при частом употреблении они переходят в нормированную лексику, поскольку вырабатываются правила функционирования таких выразительных средств языка. Однако подобные языковые средства несут в себе определенную дополнительную черту, которая противопоставляется синонимичным «нейтральным» средствам выражения.

На современном этапе в лингвистике бытуют различные точки зрения относительно природы и сущности выразительных средств языка, их соотнесенности с таким понятием, как «стилистический приём». Так, Гальперин И.Н., характеризуя стилистический приём как «обобщенное, типизированное воспроизведение нейтральных и выразительных фактов языка в различных стилях речи», отмечает такой его дифференциальный признак: «Стилистический прием, прежде всего, выделяется и тем самым противопоставляется выразительному средству сознательной литературной обработкой языкового факта» [1, с.46].

В данной статье хотелось бы остановиться на таких разновидностях стилистических приёмов, которые основаны на взаимодействии словарных и контекстуальных предметно-логических значений.

Используемые в стилистических целях различные типы лексических значений можно разделить на следующие виды:

1) Отношения, основанные на прямом и обратном значении слова (ирония).

2) Отношения по сходству признаков (метафора),

3) Отношения по смежности понятий (метонимия).

Ирония — это стилистический прием, посредством которого в каком-либо слове появляется взаимодействие двух типов лексических значений: предметно-логического и контекстуального, основанного на отношении противоположности (противоречивости). Таким образом, эти два значения фактически взаимоисключают друг друга. Например, *То ли костюм растворился в воздухе, то ли* ***был украден и пропит тетей - честнейшей трезвенницей.*** В данном контексте мы можем наблюдать противопоставление взаимоисключающих понятий: *украденный честнейшим (человеком) и пропитый трезвенницей.* Или *после визита домушников, вычистивших квартиру на совесть,*- противопоставление понятий (вор, занимающийся квартирными кражами) и совесть…

В некоторых случаях возможно использование скрытой иронии, когда отношение контекстуального значения слова к предметно-логическому не реализуется не прямолинейно и оттенки модальности едва уловимы. К примеру, *Вывел нечитабельно скрюченную букву последнего слова в последней истории болезни на сегодня.* При первом прочтении едва заметно противопоставление таких понятий, как *выводить* и *нечитабельно скрюченную (букву)*. Лишь при вдумчивом чтении данного контекста и обращении к толковым словарям можно обнаружить явление оксюморона, то есть сочетании взаимоисключающих понятий: *выводить – «старательно изобразить» [13, с.267], нечитабельно – «трудно или невозможно прочитать»[15], скрюченный – скрючить – корчить – «сводить корчами, судорогой» [13, с.256]*. При буквальном изложении данная фраза имеет следующий вид: *Старательно изобразил искореженную букву, которую невозможно было распознать.*

Для стилистической иронии иногда необходим широкий контекст. К примеру, чтобы в полной мере выразить абсурдность описываемых положений автору понадобилось

несколько предложений: *Тетушка бережно нашпиговала его апельсиновыми и лимонными корочками, дабы отпугивать моль. Совершенно бесполезное средство. Но, по какой-то таинственной причине, прожорливые насекомые, уничтожавшие массу необходимых вещей, не полакомились парижским изделием. И чем объяснить столь "патриотичное" поведение?*

Или: *Похвалила она послушный механизм. Некоторые женщины, Лариса была из их числа, разговаривают с компьютерами, электрическими чайниками, кофеварками и телефонами. Точно эти агрегаты вполне разумны. Ругают, хвалят, а иной раз запугивают технику. И, как ни странно, добиваются взаимопонимания.*

Ирония способствует восприятию обсуждаемого предмета в иной форме, то есть показывает, что рассматриваемый предмет не таков, каким он кажется. Ирония, другими словами, это употребление слов в отрицательном смысле, прямо противоположном буквальному, где положительное высказывание имеет отрицательную коннотацию. Пример: «Ну, ты храбрец!», «умён-умён…». Притворное и искаженное отображение отрицательного явления в положительном виде, когда посредством доведения до абсурда самой возможности положительной оценки осмеивается и дискредитируется данное явление, акцентируется внимание на те его недостатки, которые в насмешливом представлении заменяются соответствующим достоинством.

-Ох, какая ты у меня красотка. Ну, иди, иди. А то жадничать стану. Передумаю, и пойдешь отсюда в моих дачных рейтузах.

Зачастую иронию путают с юмором. Однако юмор представляет собой качество действия или речи, обязательно возбуждающее чувство смешного. Более того, юмор — явление психологического уровня. Ирония не обязательно вызовет смех, она может вызвать чувство раздражения, недовольства, сожаления и др., как в приведенных ниже примерах:

Ее мать работала продавщицей в универмаге. Наиблатнейшая должность по совковым меркам.

А результат? Нужна ему моя рука, как акуле зонтик!

Баба Лена поправила очки и проглотила два десятка вопросов.<…> Она выплюнула грубое слово. И подытожила.

Нередки случаи употребления иронии в сочетании с другими средствами выразительности, такими как, например, аллегория. *На простого хорошего парня без машины крупная рыба не клевала<…> Неужели конь привлекал благосклонное внимание, а не всадник?*

Юмор может использовать иронию как один из своих приемов, и в этом случае ирония, естественно, будет вызывать смех.

Смешное обычно является результатом неоправданного ожидания, некоторого столкновения положительного и отрицательного. В этом смысле ирония как языковый прием имеет много общего с юмором. Использование контекстуальных значений, обратных основным предметно-логическим, также есть своеобразное сталкивание положительного и отрицательного, причем это столкновение всегда бывает неожиданным. Вот почему чаще всего ирония вызывает чувство смешного. Таким образом, основная функция иронии (хотя, как было указано выше, и не исключительная) — вызвать юмористическое отношение к сообщаемым фактам и явлениям [1, с.134].

Другим видом, основанном на взаимодействии словарных и контекстуальных предметно-логических значений, является метафора.

Метафора, будучи важнейшей опорной категорией эстетики, представляет собой скрытое сравнение, при котором одна часть выступает вместо другой, то есть словарное значение заменяется контекстуальным. Другими словами, метафорой называется отношение предметно-логического значения и значения контекстуального, основанное на сходстве признаков двух понятий.

Машу не заметили. Серая женщина на фоне серой стены.

Эта строка из рассказа Н.Шумак, в котором в слове *серая* реализуется отношение двух значений - предметно-логического *цвет пепла* (конкретный образ) и контекстуального — *посредственный, ничем не замечательный*. В контексте дается возможность сопоставления таких понятий, как «Ничем не примечательная женщина, сливающаяся с серым фоном, цветом стены» и «неяркий цвет», который не может привлечь внимание. Метафора выражена прилагательным в синтаксической функции определения.

В предложении: *-Я убиваюсь целый день, реву белугой* метафора выражена глаголом, который выступает в функции сказуемого в предложении. Опять мы видим, что в глаголе *убиваться* (в форме убиваюсь) реализуется отношение двух значений. Первое значение предметно-логическое - *разбиваться насмерть*; второе значение контекстуальное *–сильно*

горевать, быть в отчаянии (доводить себя до состояния, когда чувствуешь себя безжизненным). Образность в данном случае достигнута за счет взаимодействия предметно-логического значения с контекстуальным; причем, основа образности состоит именно в предметно-логическом значении.

Метафора может быть выражена любой значимой частью речи.

Так, например, в приведенных ниже предложениях метафора выражена существительным: *Не иначе, как* ***разжижение мозгов*** *началось в сорок лет.* ***Поток*** *спокойной* ***уверенности*** *в себе, щедро сдобренный озорством, заструился, переливаясь, вместо растаявшего отчаяния.*

Реализация метафоры возможна лишь в контексте, где компоненты метафоры представлены в своем предметно-логическом значении, поясняя метафору - слово, несущее двойное значение.

Зачастую метафора распространяется и реализуется в нескольких образах, объединенных центральной, стержневой единицей. Такую метафору называют развернутой, например: *А бабочки на платье били крылышками, пытаясь взлететь. И приподнять свою хозяйку над землей.* Стержневой образ – образ бабочек, изображенных на ткани, из которой сшито платье героини, расширяется за счет дополнения других образов: *бабочки бьют крылышками, пытаются взлететь, приподнять свою хозяйку*. Развернутая метафора, использованная автором, очень экспрессивно передаёт образ счастливой, окрыленной женщины, чья «лукавая и счастливая улыбка танцевала на губах».

В предложении *Высокомерный лунный овал серебрился в раме форточки.* Мы можем наблюдать значительно распространенную метафору, реализованную несколькими образами, связанных между собой центральным образом - *лунный овал, высокомерный овал, овал серебрился, овал серебрился в раме форточки.* Стержневой образ - образ овала – очертания чего-н., напоминающего по форме яйцо в продольном разрезе [13, с.453].

Или в предложении *Песочные часы ее жизни встряхнула и перевернула невидимая рука* метафоричными являются сочетания *часы жизни, невидимая рука.*

Как известно, метафора является одним из способов образования новых значений слов и новых слов. А любая модификация семантики слова относится к области лексикологии. Но в процессе изменения значения слова выявляются промежуточные стадии, когда новое значение еще не сформировалось, но стало популярным и даже нормированным. Таким образом на фоне речевой метафоры возникает языковая метафора [1, с.128].

Речевая метафора - результат поисков меткого адекватного образного формулирования мысли. Речевой метафоре свойственна оценочность момента высказывания. Поэтому по своей природе она модальна.

Таким образом, речевая метафора как продукт творческого воображения автора всегда оригинальна и свежа в отличие от языковой метафоры, приобретающей оттенок штампованности и служащей для более эмоциональной и образной экспликации описываемых явлений. Следует иметь в виду, что сохранение отношений между двумя типами значений — предметно-логического и контекстуального — обязательное условие как для оригинальной метафоры, так и для метафоры обычной, штампованной. Безусловно, использование того или иного типа метафоры имеет различный эффект.

Например, в предложении *Ситуация отдавала ароматом дешевого мыла - словно сцена из сериала, бытовая трагедия, фарс* сочетание *отдавать ароматом,* на наш взгляд, является речевой метафорой, поскольку является результатом творческого воображения писателя и достаточно оригинальна и свежа. Данное сочетание построено по аналогии с языковыми метафорами *издавать вонь – вонять* [13, с.92], *издавать (испускать) запах – пахнуть* [11, с.234], *отдавать – иметь какой-нибудь привкус, запах (бочка отдает рыбой)* [13, с.427].

Примечателен в этом плане и следующий случай использования автором одновременно нескольких речевых метафор *Она вынырнула из ледяной глубины (воспоминаний о вчерашнем кошмаре) и переспросила. -Автограф???* Налицо использование оригинальных свежих метафорических сочетаний *– глубина воспоминаний, ледяная глубина, вынырнула из глубины.*

В используемом нами иллюстративном материале было выявлено большое число так называемых штампованных метафор, таких как *спасительная тень, носок туфельки, разбитая жизнь, ворошить память, устраивать сцену, в глазах зажглись огни, черные мысли, дышать в унисон, наставить на путь, едва не хватил удар, набрать номер,* которые являются языковыми метафорами. Они довольно употребительны как в устной речи, так и в художественной литературе. В этих метафорах не отмечается то индивидуальное и оценочное, что характерно и типично для оригинальной метафоры.

Штампованные и оригинальные метафоры представляют собой предмет стилистического анализа. Несмотря на то, что им присуща одна и та же лингвистическая природа, их стилистическая роль различна.

Следующим, представленным на наше рассмотрение видом, основанном на взаимодействии словарных и контекстуальных предметно-логических значений, является метонимия.

Метонимия, так же как и метафора, является стилистическим приёмом и служит для образования новых слов, вследствие чего делится на «языковую и речевую» [1, с. 130].

В лингвистике метонимию определяют по-разному. В узком смысле метонимия - перенос названия по смежности понятий. В широком - замена одного названия предмета другим названием по отношениям, которые существуют между этими двумя понятиями. Второе определение даёт возможность подвести под метонимию различные случаи замены одного понятия другим, например, замену причины следствием или целого частью, или конкретного абстрактным.

Как было указано выше, метонимия основывается на отношении между двумя типами лексических значений - предметно-логического и контекстуального, выявляющем конкретные связи между предметами.

Так же, как и метафора, метонимия может быть речевой – оригинальной и языковой - штампованной. Метонимии *выпью стакан* в место *стакан воды*, *город спит* вместо *население города спит*, *хрусталь в шкафу* вместо *хрустальная посуда*, *слушаю Чайковского* вместо *оперу Чайковского* - языковые метонимии.

Речевые метонимии могут быть художественно-осмысленными или случайными. При этом, как и в языковой метонимии, перенос номинации с одного предмета на другой на основе отношения части к целому или целого к части. В таком предложении, как *Ее перехватила сильная рука. - Ну-ка постой.* Слово *рука (*часть) употреблено вместо *человек* (целое), то есть *человек с сильной рукой.* В предложении *Баба Лена встретила его пирогами и борщом* слова *пирог и борщ,* будучи частью ужина, устроенного в честь гостя, выступают в качестве речевой метонимии.

Другим типом отношений, выявляемым в метонимии, является отношение, основанное на смежности помещения и того, что в нем находится: *Влез в душ, с наслаждением смывая дорожную пыль.* Слово *душ,* согласно словарю русского языка, «приспособление для обливания мелкими струйками воды, а также самое обливание из него», а «помещение, где находится душ», куда влез персонаж, называется *душевой.*

Метонимия может выражать отношение между содержимым и содержащим, как, например, в предложении *Умойтесь, деточка. Я пока* ***поставлю чай****.* Слово *чай* используется вместо слова *чайник.* Имя автора может обозначать его произведения: *Протянул тяжелый пакет полный книг. -Говорила,* ***Дали любишь.*** *Она кивнула.*

Для выделения какого-либо явления или предмета в качестве метонимии может быть использована одна его черта или признак, например, название модели устройства или аппарата, а также название газеты или журнала: *Папа ему* ***девятку*** *купил, синюю.В углу под занавеской прятался корейский телевизор, дистанционный пульт, заботливо прикрытый от пыли целлофановым чехлом, лежал на столе поверх* ***программы передач****.*

Как и метафора, метонимия зачастую используется для более образного изображения фактов действительности, более эмоциональной характеристики и зрительно более воспринимаемого представления о предмете или явлении, одновременно передавая субъективное отношение автора к описываемому предмету. Однако, в отличие от метафоры, метонимия создает образ и при его расшифровке сохраняет его, тогда как метафора разрушает созданный им образ.

В действительности, выделение и усиление какой-то одной черты явления или предмета, позволяет передать больше о самом явлении, чем его сопоставление с другими объектами или даже непосредственное выражение отношения автора к описываемому явлению. Метонимия, как стилистический приём, представляет собой косвенную характеристику явления путем дифференциации одной из особенностей этого явления, при этом художественная метонимия в большинстве случаев основывается на выделении случайного наиболее существенного для автора признака.

Анализ стилистических фигур в рассказах Натальи Шумак, как яркой представительницы современной малой прозы, показал, что данный иллюстративный материал насыщен разнообразными стилистическими средствами. Ирония как эффективное средство создания комичности представлена весьма богатыми и разнообразными языковыми средствами. Наиболее используемым автором, конструирующим контекст и определяющим его оценочное поле средством выразительности, является метафора. Нередки случаи использования метонимии. Помимо

отмеченных нами приёмов широко использует и другие средства выразительности лексического и синтаксического уровней.

Таким образом, подводя итоги нашего исследования, можно заключить, что сущность рассмотренных нами стилистических приемов заключается не в отклонении от общеупотребительных норм. Напротив, стилистические приёмы используют норму языка, но в ходе ее использования реализуют самые характерные и особенные черты данной нормы, обобщают, концентрируют и типизируют ее. Из этого следует, что стилистический прием является обобщенным, типизированным воспроизведением в художественной литературе нейтральных и выразительных фактов языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гальперин И.Р. Текст как объект лингвистического исследования. Монография / И.Р. Гальперин. – М., 1981. – 128 с.
2. Кожина М.Н. Стилистика русского языка. Монография / М.Н. Кожина. – М.: Просвещение, 1993. – 223 с.
3. Максимов В.И. Русский язык и культура речи. Монография / В.И. Максимов. – М.: Гардарики, 2001. – 411с.
4. Николаева В.В. Эстетика языка и речи. Монография / В.В. Николаева. - Л.: Знание, 1979. – 40 с.
5. Розенталь Д.Э. Секреты стилистики, правила хорошей речи. Монография / Д.Э. Розенталь. – М.: Айрис-пресс, 2005. – 200 с.
6. Приходько В.К. Выразительные средства язка. Учебные пособие для студ.высш.учеб. заведений / В.К. Приходько. –М.: Издательский центр Академия, 2008. – 256 с.
7. Султанова Р.М. Эстетика в языке. Рабочая тетрадь. Учебное пособие / Р.М. Султанова. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 117 с.
8. Арутюнова Н.Д. Метафора и дискурс / Н.Д. Арутюнова // Теория метафоры. - М., 1990. - С. 5-32.
9. Султанова Р.М. О некоторых особенностях стилистических приёмов перевода / Р.М. Султанова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. - № 4/5. - С.120-124.
10. Голуб И.Б. Новый справочник по русскому языку и практической стилистике. Словарь / И.Б. Голуб. - М.: Эксмо, 2007. – 460 с.
11. Абрамов Н.А. Словарь русских синонимов и сходных по смыслу выражений. Словарь / Н.А. Абрамов. - М.: Русские словари, 1999. - 433 с.
12. Москвин В.П. Выразительные средства современной русской речи: тропы и фигуры. Общая и частные классификации. Терминологический словарь / В.П. Москвин. - М.: Ленанд, 2012. - 376 с.
13. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И.Ожегов. - М.: Русский язык, 1986. - 797 с.
14. Розенталь Д.Э. Справочник по стилистике русского языка / Д.Э. Розенталь. - М.: Айрис-Пресс, 2013. - 496 с.
15. Вики словарь // https://ru.wiktionary.org/wik [Электронные ресурс].
16. Шумакова Н.Н. Lib.Ru / Современная литература / Н.Н. Шумакова. Современная литература [Электронные ресурс] WWW: http://www.prodesign.ru/shumak/

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ ТАРЗҲОИ УСЛУБИИ ЗАБОН ДАР НАСРИ МУОСИРИ РУС

Дар мақола хусусиятҳои истифодаи тарзҳои услубӣ дар насри муосири рус дар мисоли ҳикояҳои нависандаи ҳамасри рус Наталия Шумак баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, муаллиф чунин воситаҳои фасоҳат, чун киноя, маҷоз, истеҳзоро зери таҳқиқ қарор медиҳад. Ӯ диққати хонандагонро ба баҳснокии масъалаи шабоҳати истилоҳҳои «тарзҳои услубӣ» ва «воситаҳои санъати бадеӣ» ҷалб мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки тарзҳои услубӣ дар байни нависандагони муосири рус бисёр маъмул буда, яке аз воситаҳои муҳимми интиқоли образнокӣ ва тақвият додани фасоҳати баён мебошанд. Дар мақола инчунин тазаккур дода мешавад, ки истеҳзо яке аз воситаҳои таъсирноки эҷодкунии образҳои хандаовар ба шумор рафта, дар ҳикояҳои Н.Шумак бо воситаҳои ғаниву гуногунхел нишон дода шудааст. Истеҳзо дар шакли дигар ба дарк намудани мавзӯи дар муҳокимабуда мусоидат мекунад. Муаллиф зикр менамояд, ки яке аз сермаҳсултарин воситаҳои санъати бадеӣ, ки нависандаи рус онҳоро бо мақсади муайян намудани заминаи мулоҳиза истифода мебарад, маҷоз ва киноя мебошад. Ин ду тарзи услубӣ бештар барои тасвири боз ҳам образноктари воқеият, муассирии тавсиф истифода бурда мешаванд. Ба хулосаҳои назариявие, ки муаллиф ба муҳокимаи хонандагон пешниҳод мекунад, мисолҳо ҳамчун далел оварда мешаванд. Ин мисолҳо аз ҳикояҳои Н.Шумак ҷамъоварӣ шудаанд. Дар охири мақола муаллиф ба хулосае меояд, ки моҳияти тарзҳои услубии баррасишуда маънои аз меъёрҳои маъмул дур шуданро надорад. Тарзҳои услубии забон барои аз нав ба вуҷудоварии хулоса ва ҷамъбасти воқеияти муассир дар адабиёти бадеӣ хизмат мекунанд.

Калидвожаҳо: тарзҳои услубӣ, воситаҳои санъати бадеӣ, киноя забонӣ, киноя нуткӣ, маҷоз, истеҳзо, насри муосири рус, маънои луғавӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СТИЛИСТИЧЕСКИХ ПРИЁМОВ В СОВРЕМЕННОЙ РУССКОЙ МАЛОЙ ПРОЗЕ

В статье рассматривается специфика использования стилистических приёмов в современной русской малой прозе на примере рассказов нашей современницы, русской писательницы Н.Шумак. В частности, исследованию подвергаются такие средства выразительности, как ирония, метафора и метонимия. Автор обращает внимание читателей на дискуссионность вопроса о тождественности терминов «стилистический приём» и «средства выразительности». Отмечается, что стилистические приёмы весьма востребованы современными русскими писателями и являются одним из важнейших средств передачи образности и усиления выразительности повествования.Автор отмечает, что ирония как эффективное средство создания комичности в рассказах Н.Шумак представлена весьма богатыми и разнообразными языковыми средствами. Ирония способствует восприятию обсуждаемого предмета в иной форме, то есть показывает, что рассматриваемый предмет не таков, каким он

кажется. По мнению автора, наиболее используемым писателем, конструирующим контекст и определяющим его оценочное поле средством выразительности, является метафора. Нередки случаи использования метонимии. Метонимия зачастую используется для более образного изображения фактов действительности, более эмоциональной характеристики и зрительно более воспринимаемого представления о предмете или явлении. Теоретические положения, выносимые автором на обсуждение, аргументируются иллюстративным материалом, почерпнутым из рассказов Натальи Шумак. В завершении автор приходит к заключению, что стилистический прием является обобщенным, типизированным воспроизведением в художественной литературе нейтральных и выразительных фактов языка.

Ключевые слова: стилистические приёмы, средства выразительности, ирония, речевая метафора, языковая метафора, метонимия, современная русская проза, лексическое значение.

FEATURES OF THE USE OF STYLISTIC RECEPTIONS IN THE MODERN RUSSIAN SMALL PROSE

The article discusses the specifics of using stylistic techniques in modern Russian small prose on the example of the stories of our contemporary, Russian writer N. Shumak. In particular, such expressive means as irony, metaphor and metonymy are exposed to research. The author draws the attention of readers to the debatable question about the identity of the terms “stylistic device” and “means of expression”. It is noted that stylistic techniques are in great demand by modern Russian writers and are one of the most important means of transmitting figurativeness and enhancing the expressiveness of narration. The author notes that irony as an effective means of creating comedy in the stories of N. Shumak is represented by very rich and diverse language means. The irony contributes to the perception of the subject under discussion in a different form, that is, it shows that the subject under consideration is not as it seems. According to the author, the most used writer, constructing the context and defining its assessment field means of expressiveness, is a metaphor. Frequent use of metonymy. Metonymy is often used to more figuratively portray facts of reality, more emotional characteristics and a visually more perceptible view of an object or phenomenon. The theoretical positions submitted by the author for discussion are based on illustrative material drawn from the stories of Natalia Shumak. In conclusion, the author comes to the conclusion that the stylistic device is a generalized, typed reproduction in fiction of neutral and expressive facts of language.

Key words: stylistic techniques, means of expression, irony, speech metaphor, language metaphor, metonymy, modern Russian prose, lexical meaning.

Сведения об авторе: ***Султанова Р.М.*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Турсун-заде 30. Тел.: **(+992) 93-760-70-58**

Information about the author: ***Sultanova R.M.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological sciences, associate professor, head of the Russian language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Tursun Zade 30. Tel.: **(+992) 93-760-70-58**

УДК: 809.155.0

ПЕШОЯНДИ АСЛИИ «АЗ» ДАР ТАШАККУЛИ ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Темурова М.Қ, Шарифова Ҳ.Қ.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ

Дар забони тоҷикӣ ибораи сифати феълӣ монанди дигар ибораҳо муносибатҳоеро ифода менамояд, ки таҷассуми ҳодисаҳои дар ҳаёт санҷидашудаи воқеӣ мебошанд.

Вобаста ба табиати забони тоҷикӣ ибораҳои сифати феълӣ хусусиятҳои хос доранд. Маълум аст, ки алоқаи грамматикӣ дар сохтани ибораҳои синтаксисӣ аз ҷумла ибораҳои сифати феълӣ роли муҳим мебозад. Ба сабаби ба назар нагирифтани чунин аломати мушаххаси ин намуди ибора баъзе муҳаққиқон дар шинохти ибораи сифати феълӣ хато низ кардаанд [8, с.139-141].

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи хос дошта, яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи муносибати синтаксии калимаҳо ба шумор мераванд. Пешояндҳо, қабл аз ҳама, барои барқарор намудани робита ва нишон додани муносибати аъзои ҷумла, конкреттар ва равшану барҷаста ифода намудани фикр истифода мешаванд [7, с.137].

Дар ташаккули ибораҳои сифати феълӣ пешояндҳо мақоми хос дошта, устод Айнӣ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар сабки нигориши устод Айнӣ бахусус, “Ёддоштҳо” маънои ҳар як узви ибора ҳам калимаи тобеъкунандаву ҳам тобеъшаванда, инчунин воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла пешояндҳо, маҳз дар алоқамандӣ ва муносибати онҳо пурра зоҳир мешавад.

Маълум аст, ки алоқаи калимаҳо дар ҳайати ибора ба ҷуз изофат бо ёрии пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда низ сурат мегиранд. Ин намудҳои алоқа на танҳо дар ифодаи байни калимаҳо ёрӣ мерасонанд, балки дар пайванд намудани калимаҳо дар ҷумла низ ҷойгоҳи муҳим доранд. Дар ин тарзи алоқа ҷузъи тобеъ ба тақозои калимаи асосӣ пешоянд гирифта ба калимаи асосии ибора пойбанд мегардад [1, с.133].

Ҳангоми таҳлили ибораҳои сифати феълӣ ба маънои пешояндҳо эътибор додан ниҳоят муҳим аст, зеро ба эътибори мақоми грамматикиашон дар забони тоҷикӣ пешояндҳо яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи синтаксисии байни ҳиссаҳои номӣ, аз ҷумла сифати феълӣ мебошанд.

Аз ин мавқеъ, мақоми пешояндҳо дар сохтани ибораҳои сифати феълӣ калон буда, бештарини чунин ибораҳо ба воситаи пешояндҳо сохта мешаванд.

Вазифаи пайвандгарии пешояндҳо аз моҳияти онҳо сар мезанад. Зеро пешояндҳо ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пешояндҳо ҳамеша бо исмҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо пайваст шуда, муносибати синтаксии онро нисбат ба дигар калимаҳо (феъл, исм, сифат, ҷонишин ва зарф) нишон медиҳанд. Мулоҳизаи зерини забоншинос А.Мирзоев дар шинохти муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақили ибораҳо муҳим аст: “Пешояндҳо калимаҳои ёридиҳандаанд. Онҳо муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақилро дар таркиби ибора нишон дода, якҷоя ба онҳо дар забон муносибатҳои гуногун (масоҳат, замон, макон, сабаб, мақсад, объект, сӯй ва ғайра)-ро ифода мекунанд” [8, с.34].

Пешояндҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин намуда, худашон дар ибора мақоми мустақил надоранд. Ба ин далел ҷузъи ибора шуда наметавонанд. Маънои луғавии пешояндҳо асосан дар ибора равшан мегардад.

Дар ибораҳои сифати феълӣ низ мисли дигар ибораҳо ифодакунандаи маъно калимаи асосӣ буда, пешояндҳо танҳо вазифаи вобастагиро иҷро менамоянд.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ миқдоран зиёд буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ифода ёфтани ин ё он маънои ҷудогона ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора ва вазифаи грамматикии пешоянд алоқаманд мебошад.

Мавқеи пешоянд дар ибораҳои сифати феълӣ устувор буда, пеш аз ҷузъи тобеъ ва асосӣ меояд.

Тартиби ҷузъҳои ибораҳои сифати феълии пешояндӣ асосан монанди дигар намуди ибораҳо буда, ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ меояд.

Қолаби ибораҳои сифати феълии пешояндӣ дар ҷумла чунин аст: -(исм) – пешоянд – ҷузъи тобеъ – ҷузъи асосӣ.

Дар сабки нигориши устод Айнӣ чунин тарзи ҷойгиршавии ҷузъҳои ибораҳои сифати феълӣ маъмул аст. Масалан: Чун ба ман маълум шуд, ки донишмандони мазкур сабаби пайдо шудани риштаро муайян кардаанд, ман дар дили худ фикр кардам, ки шояд он донишмандон барои **риштаи дар бадани одамӣ пайдошуда** давое ҳам ёфта, ба доктори беморхона таълимот дода рафта бошанд [2, с.553-554].

Бинобар ин, дастурхонеро, ки бо нонбурдаҳо дар он ҷо истода буд, кушода пеши ӯ кашидам ва **аз чойники бо рӯймол печондагӣ** як пиёла чойи гарм кашида, ба ӯ дароз кардам [2, с.161].

Чунин сохтори ибораҳои сифати феълӣ дар осори устод Айнӣ фаровон буда, то ҷое сабки нигориши ӯро муайян намудаанд.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ вобаста ба хусусият, вазифа ва маънои грамматикии ин воситаи алоқа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки яке ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ ва дигаре бо пешояндҳои номӣ таркибёфта мебошанд. Пешояндҳои аслӣ ва номӣ аз рӯйи истеъмол, маънои луғавии сохти морфологӣ ва вазифаи синтаксисиашон аз ҳам тафовут доранд.

Ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ таркибёфта, дар навбати худ хусусияти хосси маънооафаринӣ дошта, аз рӯйи сохтор ва маъно навъҳои гуногун доранд. Ба ин далел пешоянди аслии – **аз-**ро дар таркиби ибораҳои сифати феълӣ ба таври ҷудогона аз назар мегузаронем.

Пешоянди **-аз** воситаи маъмули алоқаи грамматикии байни калимаҳо буда, ба воситаи он ибораҳое ташаккул меёбанд, ки муносибатҳои гуногунро ифода мекунанд ва ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, ба маънои луғавии ҷузъҳои асосии ибора вобастагӣ дорад.

Назар ба мушоҳидаи забоншинос Р.А. Неменова ин пешоянд барои пайванд намудани калимаҳо нисбат ба дигар пешояндҳо серистифода буда, ибораҳои бо ин пешоянд таркибёфта, аз ҷумла ибораи сифати феълӣ низ серистеъмол ва ҳамчунин сермаъноянд [9, с.24].

Бояд гуфт, ки доираи истеъмоли пешоянди –аз дар ибораҳои сифати феълӣ нисбат ба дигар ибораҳо васеътар аст, зеро имкони фарогирии сифати феълӣ дигар калимаҳоро дар роҳи ба вуҷуд овардани ин навъи ибораҳо фаровон аст.

Ибораҳои сифати феълии бо пешоянди **–аз** сохташуда, дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар осори бадеии устод Айнӣ серистеъмол ва сермаъно мебошанд. Пешоянди **–аз** дар бунёди ибораҳои сифати феълӣ ҷойгоҳи хос дошта, доир ба тобишҳои гуногуни он

муҳаққиқони забоншинос, аз ҷумла Б.Ниёзмуҳаммадов, Р.А.Неменова, В.С.Расторгуева, Н.Бозидов, А.Мирзоев ва дигарон изҳори назар намудаанд.

Ибораҳои сифати феълие, ки дар заминаи осори бадеии устод Айнӣ, бахусус, “Ёддоштҳо” ба мушоҳида гирифтем, муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунанд:

1. Муносибати объект. Ин навъи ибораҳои сифати феълӣ муносибати объектро бо тобишҳои ҷузъу кулл мефаҳмонанд.

Ҷузъи асоси қисми амалро, ки онро калимаи тобеъ номбар менамояд, ифода мекунад.

Ибораҳои сифати феълии бо пешоянди **–аз** сохташуда аз ҷиҳати ифодаи муносибати объект ва тобишҳои он серистеъмол мебошанд. Онҳо муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ, аз ҷумла сарчашмаи амал ё андеша, муносибати қиёсӣ, вазъу ҳолати ашёи дигар, объекти муҳокима, андеша, объекти сабаб, восита ва ғайраро нишон дода метавонанд. Дар бунёди ин гуна ибораҳо исмҳои шахс, ғайришахс, ҷонишинҳои гуногун, масдар ва дигар ҳиссаҳои нутқ ҳамчун ҷузъи тобеъ иштирок мекунанд.

Дар осори устод Айнӣ ибораҳои сифати феълии бо пешоянди аслии **–аз** сохташуда аз ҷиҳати муносибат ба объект ва тобишҳои он сермаъно ва серистифодаанд. Мисолҳо: Маълум мешуд, ки **хурсандии аз ин хабар пайдошуда** ба дилаш нағунҷид ва сандуқи синааш васеъ шуданро мехост [2, с.82].

Аммо афсӯс, ки ӯ кори фоиданоке карда натавонист; **пулҳои аз андоз чамъшудаи** амирро дуздида ва хонаи бойҳоро зада, ба фақирон тақсим карда додани ӯ кор набуд [2, с.363].

Ба ин маслиҳат ва башорати Ашрафҷон умедҳои мурдаи мо гашта зинда гардиданд ва **дилҳои аз маъюсӣ пажмурдашуда** дубора сабзиданд [2, с.327].

2. Муносибати масоҳа. Ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи муносибати масоҳа вобаста ба маънои ҷузъҳо тобишҳои фаровони маъноӣ мегиранд, ки баромади амал, гузаргоҳи ашё ва ғайра аз ҷумлаи онҳост. Дар ибораҳои ифодакунандаи маънои масоҳа, ҷузъи тобеъ аз ҷиҳати луғавӣ нисбат ба ҷузъи асосӣ маҳдуд мебошад. Дар ин ибораҳо исмҳои ифодакунандаи масоҳа (макон, сӯй, тараф, ҷой), номҳои маҳал ва баъзе исмҳои амал, қитъа, мамлакат ва ғайраҳо иштирок мекунанд”. Чунин муносибатҳои ибораи сифати феълии муносибати масоҳа вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо ва инчунин вазифаи грамматикии пешоянд шакл мегирад.

Мисолҳо: Зиндагии мо дар он ҳуҷра бисёр сода буд, пагоҳонӣ **нони қоқи аз саҳро овардашударо** бо чой мехӯрдем [3, с.155-156].

Ноумедона дидам, ки **каси аз дар баромада** як каси қадпаст буд ва ҳол он ки ороми дилу ҷони ман “болобаланду ишвагару сарви ноз” буд [7, с.37].

Ман бо ин суханони падарам хеле шердил шудам, бо вуҷуди ин воқеаи ғор, аждаҳо ва аҷинахона будани ҷангали Ғарибмазор дар дилам шубҳа меандохт, чунки ғурриши ғор ва **нӯлаи аз ҷангал баромадаро** худам ба гӯши худ шунида будам [3, с.53].

3. Муносибати замонӣ. Ибораҳои сифати феълии бо пешоянди аслии **аз**, ки ҷузъи тобеашон шакли замон ва ё ҷонишину зарфи ифодакунандаи маънои замон аст, амалу ҳолатро нишон медиҳанд, ки ибтидои онҳо ба ягон муддати (ҳиссаи) вақти муайян рост меояд ва ё аз лаҳзаи ягон муддати вақт оғоз меёбад: аз он пеш надида, аз ин пеш диданашуда, аз панҷ сол пеш иморат карда ва ғайра.

Бояд таъкид кард, ки дар асарҳои Садриддин Айнӣ ибораҳои сифати феълии бо пешоянди аслии **аз**, ки муносибати замон доранд, нисбат ба ибораҳои ифодакунандаи муносибати масоҳа кам истифода шудаанд.

Масалан: Шумо **ҳавлии аз ин панҷ сол пеш иморат кардаатонро** вайрон карда, сад ҳазор танга (15 ҳазор сӯм) харҷ намуда, аз сари нав иморат кардаед [2, с.172].

Дар рафтуомад бо дӯстони серкитоб ҳам ӯ дарав як **китоби аз он пеш надидаашро** ёфта гирифта, дар гӯшае нишаста, ба мутолиа машғул мешуд [2, с.232-233].

4. Муносибати тарз ва миқдору дараҷа. Ибораҳои сифати феълие, ки маънои тарз ва миқдору дараҷаро ифода мекунанд, нисбат ба ибораҳое, ки дар боло аз назар гузаронидем, доираи истифодаашон маҳдуд аст. Дар ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи маънои тарз, ҳамчун ҷузъи тобеъ шакли ғайришахс ва ҳиссаҳои субстантиватсияшудаи нутқ меоянд. Дар нишон додани муносибати миқдору дараҷа бошад, таркибҳои аз ҳама зиёд, аз ҳад бисёр истифода мешаванд.

Қисме аз ин гуна ибораҳо вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибати тарзи иҷрои амалро бо тобиши восита ифода менамоянд. Дар ин навъ ибораҳо сифати феълӣ аксар бо эзоҳдиҳанда меояд ва ба ин васила муносибати синтаксисии ибора равшантар намоён мегардад [6, с.194].

Дар осори бадеии устод Айнӣ истифодаи ибораҳои сифати феълие, ки муносибати тарз ва миқдору дараҷаро ифода кардаанд, нисбатан маҳдуданд.

Мисолҳо: Инҳо аввал лафзбозиҳо, муаммоҳо, қоидаҳои тамомтаърих, **қасидаи аз ҳарфи бенуқта тамомшаванда** барин корҳоро, ки дар замони пӯсиши феодализм “санъат” ба шумор мерафт, ба даст даровардаанд [2, с.372].

Ӯ худ худро хароб накарда буд, балки ӯро **муҳити пӯсидаи феодалии аз ҳад зиёд разилшудаи** Бухорои амирӣ хароб карда буд [2, с.515].

5. Муносибати сабаб. Ибораҳои сифати феълие, ки бо пешоянди аслии **аз** таркиб ёфтаанд, муносибати сабабро ифода карда, доираи истифодаашон васеъ аст. Дар ин навъ ибораҳо ҷузъи тобеъро асосан исмҳои абстракт ташкил дода, муносибати сабаб ё мақсади рӯй додани амалро бо тобиши тарз ифода менамоянд.

Муаллифони китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” баъзе муносибатҳои ин гуна ибораҳоро баён карда, дар онҳо бо мафҳуми сабабу мақсад пайванд доштани ҷузъи асосиро таъкид намудаанд [5, с.196].

Мисолҳо: Ӯ чӯбчаеро гирифта бо вай заминро кофт ва аз таги хок як **решаи аз нами баҳорӣ ҷонгирифтаи** алафро ёфта ба даҳонаш андохта хоид [3, с. 235]. Вай ба **меъдаи аз гушнагӣ бетоқатшудаи** ӯ ором, ба дили дар тарсафтодаи ӯ осоиш ва ба **бадани аз сардӣ ларзидаистодаи** ӯ гармӣ дод [4, с.289].

Рӯзимурод баъд аз он ки ба хоинон ин гуна як тарҷумаи ҳоли кӯтоҳ, валекин пуррае дод муштҳои худро гиреҳ карда ва **дастони аз ғазаб ба худ кашидашудаашро** ба ду тараф ёзонда худ ба худ гапзаниашро давом кунонид [4, с.309].

Аз таҳлил ва арзёбии ибораҳои сифати феълие, ки бо пешояндҳо таркиб ёфтаанд ба чунин натиҷа расидем, ки пешоянд дар ин навъи ибораҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин карда худаш ба танҳоӣ дар ибора мақоми мустақил надорад. Маънои грамматикӣ ва луғавии онҳо асосан дар ибора равшан мешавад.

Дар ибораҳои сифати феълӣ маънои пешоянд ҳам вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст, ҳам ба маънои он ҷузъи асосие, ки тавассути пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, ифода меёбад. Дар ибораҳои сифати феълӣ низ монанди дигар ибораҳо ифодакунандаи маъно калимаи асосӣ буда, пешояндҳо танҳо вазифаи вобастагиро иҷро менамоянд.

Ҳамин тариқ, доираи истеъмоли пешоянди аслии **аз** дар ибораҳои сифати феълӣ нисбат ба дигар навъҳои ибора васеътар аст, зеро имкони дигар калимаҳоро дар роҳи ба вуҷуд овардани ин навъи ибораҳо фарогирии сифати феълӣ фаровон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик. Монография / С.Абдураҳимов. - Душанбе: Дониш, 1979. - 323 с.
2. С.Айнӣ. Куллиёт. - Сталинобод: Нашриёти давлатии тоҷик, 1961. - Ҷ.4. - 356 с.
3. С.Айнӣ. Куллиёт. - Сталинобод: Нашриёти давлатии тоҷик,1962. - Ҷ.7. - 556 с.
4. С. Айнӣ Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1981. - Ҷ.8. - 552 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Васоити таълимӣ. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
6. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди дувум. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. Васоити таълимӣ. - Душанбе: Дониш, 1986. - 280 с.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод: Нашриёти давлатии тоҷик, 1959. - 294 с.
8. Мирзоев А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ. Монография / А.Мирзоев. - Душанбе: Деваштич, 2002. – 306 с.
9. Неменова Р.Л. Предлоги в таджикском языке / Р.Л.Неменова. - Изд. АН Тадж.ССР. - Душанбе, 1954. - 64 с.

ПЕШОЯНДИ АСЛИИ “АЗ” ДАР ТАШАККУЛИ ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи хос дошта, яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи муносибати синтаксии калимаҳо ба шумор мераванд. Пешояндҳо, қабл аз ҳама, барои барқарор намудани робита ва нишон додани муносибати аъзои ҷумла ва конкреттар ва равшану барҷаста ифода намудани фикр истифода мешаванд. Пешояндҳо дар ин навъи ибораҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин карда худашон ба танҳоӣ дар ибора мақоми мустақил надоранд. Маънои грамматикӣ ва луғавии онҳо асосан дар ибора равшан мешавад.Дар ташаккули ибораҳои сифати феълӣ пешоянди **аз** мақоми хос дорад. Алоқаи калимаҳо дар дохили ибора ба ҷуз изофат инчунин бо ёрии пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда низ сурат мегирад. Алоқаи пешояндӣ дар пайванд намудани калимаҳо дар ҷумла ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар ин тарзи алоқа ҷузъи тобеъ бо тақозои калимаи асосӣ пешоянд гирифта ба калимаи асосии ибора пайванд мегардад. Доираи истеъмоли пешоянди аслии **аз** дар ибораҳои сифати феълӣ нисбат ба дигар навъҳои ибора васеътар аст, зеро имкони фарогирии сифати феълӣ дигар калимаҳоро дар роҳи ба вуҷуд овардани ин навъи ибораҳо фаровон аст.

Калидвожаҳо: ибора, пешоянд, пешванд, ҷумла, калимаҳои ёридиҳанда, сифати феълӣ, маънои грамматикӣ.

ПЕРВООБРАЗНЫЙ ПРЕДЛОГ *“АЗ”* В ФОРМИРОВАНИИ ПРИЧАСТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ

Предлоги в таджикском языке имеют особое положение и являются важнейшим средством выражения синтаксических отношений слова. . Предлоги, прежде всего, используются для восстановления связи и показа отношения члена предложения, конкретизации и ясного и чёткого выражения мысли. Предлоги в

данном виде словосочетаний обеспечивают синтаксическую связь между частями словосочетаний, но при этом не имеют самостоятельного статуса в них. Их грамматическое и словарное значение приобретает четкость только в словосочетании. В формировании причастных словосочетаний предлог *"аз"* имеет особый статус. Связь слов внутри словосочетаний, кроме изафетной связи, также происходит с помощью префиксов, суффиксов, и вспомогательных слов. Предложная связь имеет важное значение в соединении слов в предложении. В данном виде связи подчинительная часть посредством основного слова приобретает предлог и связывается с основным словом словосочетания. Пределы использования первообразного предлога ***аз*** в причастных словосочетаниях относительно других типов словосочетаний шире, так как возможность охвата других слов причастиями в деле формирования данных типов словосочетаний огромна.

Ключевые слова: словосочетание, предлог, префикс, предложение, вспомогательные слова, причастие, грамматическое значение.

PRIMARY FOREQUALITY "AZ" IN THE FORMATION OF PARTICULAR MESSAGEMENTS

The prepositions in the Tajik language have a special position and are the most important means of expressing the syntactic relations of a word. . Prepositions are primarily used to re-establish communication and to show the relation of a member of a sentence, to concretize and to make a clear and precise expression of thought. Prepositions in this type of phrases provide syntactic connection between parts of phrases, but they do not have independent status in them. Their grammatical and vocabulary meaning becomes clear only in the phrase. In the formation of participial phrases, the preposition "az" has a special status. The connection of words within phrases, in addition to isaphet communication, also occurs with the help of prefixes, suffixes, and auxiliary words. The prerequisite relationship is important in combining words in a sentence. In this type of connection, the subordinate part acquires a preposition by means of the main word and is associated with the main word of the phrase. The limits of using a primitive preposition in participatory phrases with respect to other types of phrases are wider, since the possibility of covering other words with participles in the formation of these types of phrases is enormous.

Keywords: word combination, preposition, prefix, sentence, auxiliary words, participle, grammatical meaning.

Сведения об авторах: ***Темурова Момагул*** – Таджикский технический университет им. М.С. Осими, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикских языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10. E-mail: **momagul@List.ru.** Тел.: **(+992) 907-68-68-70**
Шарифова Х.К. - Таджикский технический университет им. М.С. Осими, ассистент кафедры языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10

Information about the authors: ***Temurov Momagul*** - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Tajik Languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, etc. Acad. Radjabovs 10. E-mail: **momagul@List.ru.** Tel.: **(+992) 907-68-68-70**
Sharifova H.K. - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Assistant Department of Languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, etc. Acad. Radjabovs 10

УДК: 491.550+42

ВИЖАГИҲОИ СЕМАНТИКИИ ИХТИСОРАҲОИ ҲАРБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳасанзода Ислом Эҳсон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ихтисора ин калимаи мураккаби ихтисоршуда (кӯтоҳшуда) аст, ки аз ҳарфи аввал ё унсурҳои аввали калимаҳои таркиби ибора сохта шудааст ва ин омил дар истилоҳоти ҳарбии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ серистеъмол ба назар мерасад.

Ихтисора ва истилоҳоти муосири ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз қабили мавзӯъҳои актуалии забоншиносии муосир ва истилоҳотшиносӣ ба шумор меравад. Ин моҳият дер боз мавриди таҳқиқ ва баррасии қарор дода шудааст, вале аз сабаби серистеъмол будани ихтисораҳо ва истилоҳоти ҳарбӣ ниёз ба омӯзиши онҳо ба вуҷуд меояд. Ихтисораҳо қисми таркибии калима ва истилоҳоти махсус мебошанд (аз ҷумла калима ва истилоҳоти ҳарбӣ) ва инчунин сарчашмаи муҳимми такмил шуморида мешаванд. Мавҷудияти ихтисораҳои мухталиф дар фонди луғавӣ ва лексикӣ, яке аз хусусиятҳои хосси забони муосири адабии англисӣ мебошад [5, с. 89].

Оини кӯтоҳкуни, яъне ихтисоркунӣ ба тариқи васеъ дар забони муосири ҳарбӣ истифода мешавад, бахусус хизматчиёни ҳарбӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии худ ҳангоми муошират ва пур намудани ҳуҷҷатҳо мавриди истифода қарор медиҳанд. Ихтисора дар забон объективона вуҷуд дорад ва ҳамаи амалҳо объективона қонуниятҳои худро доро нестанд. Барои ҳамин зарур аст, ки кор дар мавриди барқарорсозии қонуниятҳои омӯзиш ва рушди ихтисораҳо ва мавқеи онҳо дар системаи забонӣ ҷоннок карда шавад [4, с.117].

Дар маҷмӯъ, раванди ташаккулёбии ихтисораҳо (аббревиация) ҳамчун барои муайян ва иваз кардани ягон унсури забонӣ (калимаҳо, ибораҳо) дар нутқи шифоҳи ва хаттӣ бо тариқи кӯтоҳ ифода меёбанд. Мафҳум ва ё худ раванди омӯзиши ихтисораҳо иборат аст аз такмил додани ҳадафҳои нутқи коммуникатсионӣ.

Истилоҳот ва ихтисораҳои ҳарбӣ ҷузъи хосси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошанд ва дар ҳарду забон ба тариқи фарох истифода мешаванд.

Барои мисол ихтисораҳои ифодакунандаи созмон ва ташкилотҳои ҳарбӣ чунин мебошанд: **NATO-** North Atlantic Treaty Organisation-Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, **OSCE-** Organization for Security and Cooperation in Europe-Созмон барои амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо.

BBC- British broadcasting corporation-Ширкати радиошунавии Британия.

AFCEC- Air Force civil Engineering centre-Маркази муҳандисии қувваҳои ҳавоии шаҳрвандӣ [7, с.162].

DOD US-department of defense, United States-Вазорати мудофиаи Иёлоти Муттаҳида (ё худ шуъбаи мудофиаи Иёлоти Мутаҳида). **MOD**-Ministry of defense-Вазорати мудофиа.

USA-(USAR) United States Army-Артиши Иёлоти муттаҳидаи Амрико, **USAF**- United States Air Force-қувваҳои ҳавоии Иёлоти муттаҳидаи Амрико, **USN -United States Navy**-флоти ҳарбии Иёлоти муттаҳида, (қувваҳои баҳрии Иёлоти муттаҳида) [8, с.201].

Ва инчунин ихтисораҳо дар мавриди ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва яроқу аслиҳаҳо низ зиёд ба назар мерасанд ва онҳо чунин шарҳу тафсир ёфтаанд**: Svc Pit- service platoon**-взводи хизматӣ, **sub**- submarine-киштиии зериобии ҷангӣ, ё худ submarine- gun- милтиқи киштии зериобӣ.

BOSS- biological orbiting satellite station-стансияи биологии орбитӣ (мадорӣ) , **WS** - weapon system-системаи аслиҳавӣ.

CBW- chemical and biological warfare-ҷангҳои кимиёӣ ва биологӣ, ҷанг ва ё худ таҷовузе, ки дар он яроқ ва аслиҳаи биологӣ ва кимиёӣ мавриди истифода қарор мегирад, **NBC** -nuclear, biological and chemical-яроқҳои биологӣ ва кимиёӣ, **NCO**- non-commissioned officer- сержант.

AAA-anti-aircraft artillery-тӯпи (артиллерия) зиддиҳавопаймоӣ, **AC**- aircraft-ҳавопаймои ҳарбӣ, **AAM**-air to air missile- мушаки ҳавоӣ ба ҳавоӣ, **ADM-**admiral-адмирал, **AFV**- armoured fighting vehicle-нақлиёти зиреҳпӯши ҷангӣ, **AGM-** air to ground missile-мушаки ҳавоӣ ба заминӣ

(мушаке, ки ҳангоми истифода аз ҳаво ба замин партофта мешавад), **ARM**-anti- radar missile-мушаки зидди радарӣ, **AT**-anti-tank-зиддитанкӣ, **ATGM**-anti-tank guided missile-мушаки роҳпаймои зиддитанкӣ, **ATGW-** anti -tank guided weapon-аслиҳаи роҳпаймои зиддитанкӣ, **BAA-**brigade administration area-маъмурияти бригадаи минтақавӣ, **DMZ-**demilitarized zone- минтақаи ғайри ҳарбикардашуда [8, с.63].

IED-improvised explosive device-бомб ё минаи дастсоз, **IFV** infantry fighting vehicle-машинаи ҷангии пиёданизом, **INF**-infantry-пиёданизом, қувваҳои ҳарбии хушкигард, **LHD**-landing helicopter assault-киштие, ки дар рафти амалиёти ҳарбӣ ҳавопаймо ва чархболро интиқол медиҳад, **MG**- machine gun тӯп, **MAW-** medium anti-tank weapon-василаи зиддитанкии аслиҳа [7, с.151].

MBA- main battle area-минтақаи асосии муҳорибавӣ, **MBT**-main battle tank-машинаи зиреҳпӯши (танк) асосӣ, **MIL**-military-ҳарбӣ, **OR-** other rank-рутбаи навбатӣ, **OTB-**order of battle-фармони ҳуҷум, **MP-** military police-полиси ҳарбӣ**, WAC**- women Army corps-қисми ҳарбӣ барои занон [8, с.227].

Хусусиятҳои ихтисораҳои зикршудаи ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳанд, ки онҳо як ҷузъи илми забоншиносии муосирро дар бар гирифта, таҳқиқу баррасии онҳо мавзӯест муҳим. Ба вуҷуд омадани калима ва истилоҳоти ҳарбӣ боиси афзун шудани ихтисораҳо низ мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеев Д.И. Сокращения благозвучные и неблагозвучные / Д.И. Алексеев // Вопросы культуры речи. - М.: Наука, 1965. – Вып. 6. - С. 33-45.
2. Борисов В.В. Аббревиация и акронимия / В.В. Борисов // Военные и научно-технические сокращения в иностранных языках. - М.: Военное изд-во МО СССР, 1972. – 320 с.
3. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: ЭР-граф, 2011. - 1015 с.
4. Саидов Ҳ.А. Сопоставительный анализ военной лексики в таджикском и английском языках / Ҳ.А. Саидов. –Душанбе, 2006. - 144 с.
5. Саидов Ҳ.А. Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Ҳ.А. Саидов. - Душанбе, 2013. - 335 с.
6. Татаринов В.А. Теория термина: история и современное состояние / В.А. Татаринов. - М., 1996.
7. Richard Bower. Campaign, Dictionary of Military terms / Bower Richard. - L.: Macmillan, 2004. - 259 p.
8. Richard Bower. Dictionary of military terms / Bower Richard. -L.: Peter Collin Publishing, 2007. - 214 p.

ВИЖАГИҲОИ СЕМАНТИКИИ ИХТИСОРАҲОИ ҲАРБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи илмии мазкур баъзе самтҳои асосии ихтисораҳои ҳарбиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар мегирад. Ва инчунин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки хусусиятҳо ва вижагиҳои ихтисора ва истилоҳоти ҳарбиро бо тариқи шарҳ ва тафсир дар ҳарду забон нишон диҳад. Ихтисораҳо қисми таркибии

калима ва истилоҳоти махсус мебошанд (аз ҷумла калима ва истилоҳоти ҳарбӣ) ва инчунини сарчашмаи муҳимми такмил шуморида мешаванд. Мавҷудияти ихтисораҳои мухталиф дар фонди луғавӣ ва лексикӣ, яке аз хусусиятҳои хосси забони муосири адабии англисӣ мебошад. Раванди кӯтоҳкунӣ, яъне ихтисоркунӣ, ба тариқи васеъ дар забони муосири ҳарбӣ истифода мешавад, бахусус хизматчиёни ҳарбӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии худ ҳангоми муошират ва пур намудани ҳуҷҷатҳо ихтисораҳоро мавриди истифода қарор медиҳанд. Барои ҳамин зарур аст, кор дар мавриди барқарорсозии қонуниятҳои омӯзиш ва рушди ихтисораҳо ва мавқеи онҳо дар системаи забонӣ ҷоннок карда шавад. Дар маҷмӯъ, раванди ташаккулёбии ихтисораҳо (аббревиация) ҳамчун барои муайян ва иваз кардани ягон унсури забонӣ (калимаҳо, ибораҳо) дар нутқи шифоҳи ва хаттӣ ба тариқи кӯтоҳ ифода меёбанд. Барои мисол: **NATO-** North Atlantic Treaty Organisation- Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, **OSCE-** Organization for Security and Cooperation in Europe-Созмон барои амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ғайраҳо.

Калидвожаҳо: ихтисора, истилоҳот, калима, муқоиса, мудофиа, қувва, ҳарбӣ, аслиҳа, муосир, забони англисӣ ва забони тоҷикӣ.

НЕКОТОРЫЕ СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВОЕННОЙ АББРЕВИАТУРЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная научная статья посвящена некоторым ключевым направлениям военной аббревиатуры в таджикском и английском языках. И автор также стремится показать характеристики и особенности сокращения военных терминов путем интерпретации и перевода на оба языка Аббревиатура является неотъемлемой составной частью любой специальной терминологии (в том числе военной) и важным источником ее пополнения. Наличие чрезвычайно большого количества сокращенных терминов различного рода является одной из особенностей черт современной английской военной терминологии. Аббревиатура широко распространена как в устной речи военнослужащих, так и в различных письменных документах. В отдельных документах в несокращенной форме даются только имена собственные, включая географические названия. Аббревиатура существуют в языке объективно, а любой объективный процесс не может не иметь своих закономерностей. Поэтому необходима работа по установлению закономерностей образования и развития сокращений, их места в системе языка. Например: **NATO-** North Atlantic Treaty Organisation - Организация Североатлантического договора - Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, **OSCE-** Organization for Security and Cooperation in Europe-Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе-Созмон барои амният ва ҳамкори дар Аврупо ва ғайраҳо и другие.

Ключевые слова: аббревиатура, термин, слова, сравнения, оборона, сила, военный, оружие, современный, английский, таджикский, язык.

SOME SEMANTIC PECULIARITIES OF MILITARY ABBREVIATION IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This scientific article covers some main points of military abbreviation in Tajik and English languages. And the author also tried to show some characteristics and peculiarities of military terms and abbreviation by definition and interpretation in both given languages. Abbreviations are an integral part of any special word (including military word) and an important source of its replenishment. The presence of an extremely large number of abbreviated words of various kinds is one of the characteristic features of modern English military terms. Abbreviations are widespread both in the oral speech of servicemen and in various written documents. In individual documents, in an uncut form, only proper names are given, including geographical names. Abbreviations exist in the language objectively, and any objective process can not but have its own laws. For instance**, NATO-** North Atlantic Treaty Organisation Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, **OSCE-** Organization for Security and Cooperation in Europe Созмон барои амният ва ҳамкори дар Аврупо and others.

Key words: abbreviation, term, word, compare,defense, force, military, weapon, modern, English, Tajik, language.

Сведения об авторе: ***Хасанзода Ислом Эхсон*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Mulloislom91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-808-77-17**

Information about the author: ***Hasanzoda Islom Ehson*** - Tajik national University, doctorate of Ph.D, general Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Mulloislom91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-808-77-17**

УДК: 491.550+891.550

ШАРҲИ МАФҲУМИ *КАЛИМА* ВА *МАЪНО* АЗ НАЗАРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ҷалилов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калима дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрамест, ки аз замонҳои қадим назари муҳаққиқони улуми гуногунро ба худ ҷалб кардааст. Зеро аз замоне, ки инсоният соҳиби забон гардидааст, муошрати ӯ бо якдигар тавассути калима сурат гирифтааст. Бинобар ин мафҳуми калима ба ҳайси воҳиди маънодори илми забон ҳамеша мавриди баҳси аҳли илм қарор дошт ва ин баҳс то имрӯз идома дорад.

Дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик масъалаи мафҳуми калима аз ҷониби муҳаққиқони зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти муҳаққиқи афкори забоншиносии тоҷик – Д. Хоҷаев, дар атрофи масоили мазкур баҳсҳои доманадоре карда шудааст [3]. Ин муҳаққиқ дар асоси омӯзиши осори илмии олимони пешин то андозае манзараи умумии илми забоншиносии тоҷикро дар асрҳои миёна ва назари муҳақиқони гуногунро доир ба масоили мухталифи савтию луғавӣ ва сарфию наҳвии забони тоҷикӣ тасвир намудааст. Мавриди зикр аст, ки аксари осори илмие, киД. Хоҷаев таҳқиқ кардааст, чун осори илмии Абунасри Форобӣ, Абуали ибни Сино, Носири Хусрав, Шамс Қайси Розӣ, Насираддини Тӯсӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва дигар он аксаран бо забони тоҷикӣ навишта шудаанд. Муҳаққиқи мазкур ба ин назар аст, ки дар асрҳои миёна зимни тадрис дар мадрасаҳо ва таълифи осори илмии забоншиносӣ ва улуми дигар забони арабӣ нуфузи бештаре касб кардабуд. Дар ин маврид ӯ чунин ишора мекунад: “Аз таърихи ташаккулу таҳаввули низоми грамматикии араб маълум мегардад, ки дар зинаи аввали он, асрҳои VII-VIII забоншиносии форсу тоҷик мустақиман амал на мекард ва он уламои форсу тоҷик ҳам, киоид ба масъалаҳои забоншиносӣ таҳқиқот мебурданд, ҳадафи таълимашон таҳким бахшидан ба афкори забоншиносии араб будааст” [4, с.45]. Дар ҳақиқат, ин раванд дар низоми забоншиносии форсу тоҷик то замони нав идома ёфт, зеро дар тӯли зиёда аз ҳазор сол забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳайси забони илму таълим амал мекард. Дар тамоми мадрасаҳо таълим тибқи талаботи дини ислом бо забони арабӣ сурат мегирифт. Маҳз ҳамин аст, ки муҳаққиқони тоҷик низ ба таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни забони арабӣ машғул гардидаанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз он муҳаққиқонест, ки асари машҳури худ–“Фавоиди зиёия”-ро ба таҳлилу баррасии вижагиҳои хосси наҳвиизабони арабӣ бахшидааст. Ин асари баландарзиш асосан шарҳест бар асари наҳвии “ал-Кофия”-и Ибни Ҳоҷиб. Китоби мазкур дар мадрасаҳо ба ҳайси китоби дарсии илми наҳв таълим дода мешуд. Чун Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ин асари таълимӣ огоҳии комиле дошт, хуб дарк мекунад, ки баъзе мафҳумҳо ва қоидаҳои наҳвии он барои донишомӯзони тоҷик ва толибилмони мадрасаҳо то андозае мушкил буд. Бинобар ин, ӯ ба шарҳу тафсири ин асар мепардозад.

Ибни Ҳоҷиб дар асари худ доир ба паҳлуҳои гуногуни наҳви арабӣ баҳсҳои доманадоре карда, ҳамзамон баъзе истилоҳоти муҳимми лингвистиро шарҳу эзоҳ додаст. Баҳси ӯ доир ба мафҳуми калима хеле ҷолибаст. Ӯ калимаро чунин таъриф додааст: **«Алкалимату лафзун вузиъа ли маънан муфрад» [**6, с. 5] (Калима лафзест, ки барои маънои муфрад вазъ шудааст). Абдурраҳмони Ҷомӣ тибқи таснифоти Ибни Ҳоҷиб шарҳи худро аз муҳимтарин воҳиди забон – калима, шурӯъ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки Ибни Ҳоҷиб калимаро аз ҷумла муқаддам медонад, зеро калима ҷузъе аз калом аст ва мафҳуми калима ҷузъе аз мафҳуми калом аст [7, с.19]. Шореҳ зикр мекунад, ки вожаи «калима» ва «калом» муштақ аз решаи «клм»-анд, ки он дар забони арабӣ маънои «ҷарҳ» (захм)-ро дорад, зеро таъсири маънои баъзе калимаҳо ва калом дар нафс мисли ҷарҳ (ҷароҳат) аст. Дар ҳошияи ҳамин саҳифа Ҷомӣ чунин овардааст: Масалан, Ҳассон ибни Собит дар ин маврид чунин фармудааст:

جراحاتالسنانلهاالتيام،ولايلتاممماجرحاللسان.

Ҷироҳот-ус-синони лаҳо илтиёмун,
Ва ло ялтому мо ҷараҳа ал-лисону.
Ҷароҳоти синонро ҳаст дармон,
Вале ҷарҳи лисонро нест дармон» [7, с.19].

Ба ҳамин маъно профессор Сайидраҳмон Сулаймонӣ дар“Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ”чунин таъкид мекунад: كَلْمًا,كَلَمَ يَكْلِمُ 1) захмӣ (мачруҳ) к. (касеро); 2) андуҳгин сохт, хафак. (касеро); II كَلَّمَ 1) (бо касе) гап зад; (бо касе) гуфтугӯк., сухангуфт; ~ه بالتليفون бо касе ба воситаи телефон гап зад; 2) озор (ранҷ) дод, хастак. (касеро) [5, с. 1081].

Абдурраҳмони Ҷомӣ бар пояи андешаҳои Ибни Ҳоҷиб дар мавриди таърифи калима чунин мегӯяд: «Калима лафз аст ва лафз дар луғат ба маънои партофтан аст (масалан, тавре ки арабҳо мегӯянд: (أكلتالتمرةولفظتالنواةأرميتها) «Акалту тамрата ва лафазту навота ай рамайтуҳо») (тарҷ. Хурморо хӯрдам ва донаашро партофтам). Яъне лафз низ мисли донаи хурмо аз даҳон ба берун мебарояд.

ثمنقلفيعرفالنحاتابتداءأوبعدجعلهبمعنىالملفوضكالخلقبمعنىالمخلوقالمايتلفظبهالانسانحقيقتاأوحكما)[7, с.19]. (тарҷ. Сипас дар урфи наҳвиён лафз нақл шудааст аввалан ё баъди баргардонданаш ба маънои малфуз мисли халқ, ки махлуқ аст ба сӯйи он чизест, ки инсон ҳақиқатан ё аз рӯйи ҳукм онро талаффуз мекунад). Яъне дар истилоҳи наҳвиён калима лафзест, ки он аз ҷониби инсон талаффуз карда мешавад. Бинобар ин, аз нигоҳи Ҷомӣ калима лафзе аст, ки он мансуб ба инсон аст ва садоест, ки аз даҳони инсон берун мебарояд. Дар ин замина ӯ лафзро ба ду навъ – 1) лафзи ҳақиқӣ, 2) лафзи ҳукмӣ, ҷудо менамояд:

(واللفظالحقيقىكزيدوضرب..... والحكمىكالمنوىفزيدضربواضرب.) Ба навъи аввал ҳамаи калимаҳоро аз қабили Зайдун, зараба, ило… дохил карда, таъкид мекунад, ки лафзи ҳукмӣ дар асоси истиораи лафзи мунфасил (бо овардани замир (ҷонишинҳо, бандакҷонишинҳои шахсӣ, бандакҳои феълию хабарӣ) ба вуҷуд меояд. Масалан: Зайдун зараба. Зарабту.

Дар мавриди дигар ӯ зикр мекунад, ки далелҳои чоргона – хат, акд (гирех), нусуб (аломатҳои насбшуда) ва ишоратҳо ба маъно далолат кунанд ҳам, лафз нестанд, зеро онҳо талаффуз намешаванд. Яъне аз нигоҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ танҳо ифодаи маъно барои калима будан кифоя нест. Азбаски калима хосси инсон аст, он дар баробари ифодаи маъно бояд малфуз бошад.

Ҷанбаи дигари калима, аз нигоҳи ин муҳаққиқ вазъ аст. «Вазъ хос кардани чизе бар чизе аст» [7, с.20]. Ҳар гоҳе, ки шайъи (чиз) аввал гуфта шавад, шайъи дуюм аз он фаҳмида мешавад. Масалан, китоб лафз аст ва шайъи дуюмро тақозо мекунад. Яъне, китоб шайъест, ки аз авроқи навишта ва муқова иборат аст. Ин тарзи ифодаро дар забоншиносии муосир маънои луғавӣ меноманд. Аз дидгоҳи Ҷомӣ калимаи китоб аввалан лафз аст, зеро аз ҷониби инсон талаффуз карда мешавад ва сониян, он вазъ аст, яъне ин калима барои ифодаи маънои шайъи авроқи навишта ва муқовадор вазъ шудааст.

Ҷанбаи дигар ё сеюми калима маъно аст. (المعنىمايقصدبالشئ) «Ал-маъно мо юқсаду бишшайъин» (тарҷ. Маъно он чизест, ки қасд бар шайъ шудааст). Муҳаққиқи мазкур бар он андеша аст, ки агар вазъ бошаду маъно набошад, калима ҳисобида намешавад. Бинобар ин, ӯ калимаҳои далолаткунандаи табъ (ҳолатҳои гуногуни равонии инсон)-ро аз қоидаи калима ё аз мафҳуми калима хориҷ менамояд, зеро вазъ барои ин гурӯҳ калимаҳо ташхис нашудааст. Алфози далолаткунанда ба ақл низ калима нестанд (масалан, ҳуштак кашидан). Алфози далолаткунанда ба табъ мисли садои сулфа, нолиш, нидоҳои *аҳ, уҳ* ва монанди инҳо калима шуморида намешаванд, вале лафз ҳастанд, зеро вазъи ин калимаҳо барои ифодаи маъноии онҳо нест, чунки шахси солим низ метавонад, ки сулфа кунад ва ё мисли бемор нолиш намояд.

Калима дорои сифатест, ки ба маънои вазъшуда, бе зам кардани калимаи дигар аз ҷиҳати мустақил будан ба мафҳум далолатмекунад, яъне дар шакли муфрад (мустақил) ба маъно далолат мекунад. Хусусияти дигари он инаст, ки бамаъное, кидар ниҳодаш (нафсаш) ҳаст бидуни замми калимаи дигар далолат намекунад, яъне он ба калимаи дигар эҳтиёҷдорад, зеро аз ҷиҳати надоштани мустақилият ба мафҳум далолат намекунад, таъкид менамояд Ибни Ҳоҷиб. Дар асоси ин андешаҳо Абдурраҳмони Ҷомӣ чунин андешагирӣ кардааст:

1.Калимаҳое, ки мустақилан ба маъно далолат мекунанд, вале замон надоранд.

2.Калимаҳое, кибамаъномустақиландалолатмекунандвадороизамонанд.

3.Калимаҳое, ки ба маъно мустақилан далолат намекунанд.

Ҳамин тариқ, мавлоно Ҷомӣ ба хулосае меояд, ки калимаҳое, ки ба маъно далолат карда, замон надоранд, исманд (мисли асп, инсон), калимаҳое, ки ба маъно далолаткарда, дорои се замонанд феъланд (мисли рафт, гирифт) ва калимаҳое, ки мустақилан ба маъно далолат намекунанд ва замон ҳам надоранд (мисли ба, аз) ҳарф ном доранд.

Аз муҳокимаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ва шарҳи ӯ доир ба калима бармеояд, ки калима дорои се ҷанбаи асосӣ аст ва агар онро дар секунҷа тасвир намоем, чунин шаклро мегирад:

А-лафз



В –вазъ С-маъно

Бояд зикр кард, ки хусусияти сеҷанбаинаи калима минбаъд мавриди баҳси мактабҳои забоншиносӣ гардидааст. Аз ҷумла дар бузургтарин мактабҳои илмии забоншиносии Америкаю Аврупо ва Русия доир ба калима ва мафҳуми маъно ва ҷанбаҳои шаклию семантикии калима баҳсҳои доманадоре дар қарнҳои минбаъда доир мегардад. Минбаъд дар тамоми пажӯҳиш ва баррасии масоили илмии маъно ва маъношиносӣ воҳиди асосии забон – калима, ҳамчун ифодакунандаи маъно мавриди тадқиқи васеъ қарор мегирад. Дар ин мавриддар осори илмии забоншиносони рус [1] маълумоти боарзише дода шудааст.

Ҳамин тариқ, Абдурраҳмони Ҷомӣ андешаҳои Ибни Ҳоҷиб ва афкори донишмандони то замони худро доир ба мафҳуми “калима” ва “маъно” то андозае ҷамъбаст карда, ба натиҷае расидааст, ки калима мафҳумест, ки аз нигоҳи семантикӣ маънои ҷароҳат (таъсири сухан)-ро дорад ва аз нигоҳи истилоҳӣ мафҳумест, ки аз ҷониби инсон талаффуз шуда, ба маънои муфрад далолат мекунад ва ҳар он чи ки талаффузшаванда нест, бо вуҷуди ба маъно далолат карданаш калима буда наметавонад.

Маъно, аз нигоҳи ин донишманд, мафҳумест, ки барои ифодаи шайъ вазъ шудааст ва он тавассути калима ифода меёбад. Аз ин пажӯҳиш метавон ба хулосае омад, ки зимни баҳси лингвистию мантиқӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ ба натиҷае расидааст, ки *калима* ва *маъно* аз ҷиҳати шакл ва ифода ба ҳам марбут буда, ба ҳайси истилоҳи лингвистӣ дар ягонагӣ қарор доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Кобозева И.М. Лингвистическая семантика / И.М. Кобозева.-М.: Кн.дом «ЛИБРОКОМ», 2009.-352 с.
2. Саломов М. Маънои калима дар низоми улуми филологии классикӣ / М. Саломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - №4/4 (171). - С.3-6.
3. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2003. - 109 с.
4. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X–XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. - 345 с.
5. Сулаймонӣ С. Фарҳанги тоҷикӣ-арабӣ / С.Сулаймонӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2010. - 1563 с.
6. علامةابنحاجب. كافيه.- كراتشباكستان:مكتبةالبشرى, 2015. -208ص.
7. عبدالرحمنجامى.شرحملاجامى.- پيشاور:مكتبةالحقانية، 1417. -392 ص.

ШАРҲИ МАФҲУМИ КАЛИМА ВА МАЪНО АЗ НАЗАРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар ин мақола доир ба мафҳуми маъно ва калима аз нигоҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар асари машҳураш “Фаводи зиёя”таҳқиқот анҷом дода шудааст. Абдурраҳмони Ҷомӣяке аз он муҳаққиқонест, ки асари машҳури худ–“Фавоиди зиёя”-ро ба таҳлилу баррасии вижагиҳои хосси наҳвии забони арабӣ бахшидааст. Ин асари баландарзиш асосан шарҳест бар асари наҳвии “ал-Кофия”-и Ибни Ҳоҷиб. Чун Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ин асари таълимӣогоҳии комиле дошт, хуб дарк мекунад, ки баъзе мафҳумҳо ва қоидаҳои наҳвии он барои донишомӯзони тоҷик ва толибилмони мадрасаҳо то андозае мушкил аст. Бинобар ин, ӯ ба шарҳу тафсири ин асар мепардозад. Ҳамин тариқ, Абдурраҳмони Ҷомӣ андешаҳои Шайх ибни Ҳоҷиб ва афкори донишмандони то замони худро доир ба мафҳуми “калима” ва “маъно” то андозае ҷамъбаст карда, ба натиҷае расидааст, ки калима мафҳумест, ки аз нигоҳи семантикӣ маънои ҷароҳат (таъсири сухан)-ро дорад ва аз нигоҳи истилоҳӣ мафҳумест, ки аз ҷониби инсон талаффуз шуда, ба маънои муфрад далолат мекунад ва ҳар он чи ки талаффузшаванда нест, бо вуҷуди ба маъно далолат карданаш калима буда наметавонад. Маъно, аз нигоҳи ин донишманд, мафҳумест, ки барои ифодаи шайъ вазъ шудааст ва он тавассути калима ифода меёбад. Дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ дар китоби “Фавоиди зиёя” *калима* ва *маъно*ро ҳамчун мафҳумҳои лингвистию мантиқӣ таҳлил карда, мавқеи онҳоро дар забон муайян кардааст. Аз таҳлили афкори ӯ бармеояд, ки *калима* ва *маъно* муҳимтарин воҳиди забон буда, мавҷудияти онҳо ба ҳам марбут аст ва ин ду мафҳум дар ягонагию алоқамандӣ ба инсоният барои баёни нутқи бомаънию мантиқӣ хизмат менамоянд.

Калидвожаҳо: забон, калима, мафҳум, маъно, афкори забоншиносӣ, вазъи забон, мақсад, воҳидҳои забон, сарф, наҳв, шайъ.

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ПОНЯТИЙ *«СЛОВО»* И «*СМЫСЛ»,* С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБДУРРАХМОНА ДЖАМИ

В данной статье на основе знаменитой книги Абдурахмона Джами “Фаводи зиёя” анализируется понятие ”слово” и “смысл”. Знаменитый таджикский ученый и поэт Абдурахман Джами посвятил свою знаменитую книгу “Фавоиди зиёя» анализу грамматических особенностей арабского языка. Эта выдающаяся работа является комментарием к книге Ибн Хаджиба “аль-Кафия”, которая посвящена арабской грамматике. Так как Абдурахман Джами хорошо был знаком с этой учебной книгой и знал некоторые её сложности для таджикского студента в религиозных школах (медресе) того времени относительно понимания сложных словосочетаний и грамматических правил, решил написать комментарии к данной книге. Таким образом, Абдурахман Джами, обобщая взгляды Шейха ибн Хасиба и других ученых своего времени относительно понятий «слово» и «значение», заключает, что слово - это понятие, которое, с точки зрения семантики, означает “ранение” («влияния речи»), а как термин это понятие, которое произнесено человеком и указывает на слово в единственном числе и любое, что является непроизнесенным, несмотря на то, что имеет смысл, не может быть словом. С точки зрения ученого, «*смысл»* это термин, используемый для описания предмета и выражается через слово. Как видим, в книге «Фаводи зиёя» Абдурахмона Джами “слово” и “смысл” анализируются как лингвистические и логические понятия (концепции) и определяются их положение в языке. Из анализа точки зрения ученого становится ясно, что «слово» и «смысл» являются наиболее важными элементами языка, и их существование тесно связано между собой. Эти два понятия в единстве и связи служат человечеству для содержательного и логического повествования.

Ключевые слова: язык, слово, понятие, значение, лингвистика, языковая ситуация, цель, языковые единицы, морфология, синтаксис, предмет.

INTERPRETATION CONCEPT OF "WORD" AND "MEANING" FROM THE POINT OF VIEW OF ABDURRAKHMAN JAMI

The article analyses the concept of "word" and "meaning" on the base of the famous book by Abdurahmon Jami "Favodi Ziyoya". The famous Tajik scientist and poet Abdurakhman Jami dedicated his famous book "Favoidi Ziyoya" to the analysis of grammatical features of the Arabic language. The present work is a commentary to Ibn Hajib's book "al-Kafia", which is devoted to Arabic grammar. As it is noted, Abdurakhman Jami was well familiar with study of this book and knew some of its difficulties for a Tajik student in religious schools (madrassas) of that time regarding the understanding of complex word combinations and grammatical rules, I decided to write a commentary to this book. Thus, by summarizing the views of Sheikh Ibn Hasib and other scholars of his time on the concepts of "word" and "meaning", Abdurakhman Jami concludes that the word is a concept that, from the point of view of semantics, means "wounding" ("influence of speech"), but as a term this is a term that is pronounced by a person and indicates a word in the singular and any that is undefined, not looking at what makes sense, can not be a word. On the scientist's point of view, "meaning" is a term used to describe an object and is expressed through a word. As we know, in the book “Favite Ziyoya” by Abdurahmon Jami, the "word" and "meaning" are analyzed as linguistic and logical concepts (concepts) and their positions in language are determined. From the analysis of the scientist's point of view, it becomes clear that "word" and "meaning" are the most

important elements of language, and their existence is closely related. These two concepts in unity and connection serve humanity for a meaningful and logical narrative.

Key words: language, word, concept, meaning, linguistics, language situation, goal, language units, morphology, syntax, subject.

Сведения об авторе: ***Джалилов Ибодулло*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10.E-mail: **Jalilov-1988@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 93-720-33-33**

Information about the author: ***Jalilov Ibodullo*** - Tajik National University, Ph.D. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, etc. Acad. Radjabovs 10. E-mail: **Jalilov-1988@bk.ru.** Tel.: **(+992) 93-720-33-33**

УДК: 42: 491.550-3

ИНТЕРНЕТ: АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ТО МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ОН

Шайдуллои Ҳоҷӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асри XXI ҳаёти башарро ҷудо аз техникаву технологияи муосир тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ҳамин дастовардҳои илмӣ-техникӣ аст, ки ҳоло инсоният ба кашфу тасхири фазо пардохта, ба таъбири Ибни Сино “аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал”-ро имрӯз ба таҳлилу баррасӣ мекашад. Пешрафти бесобиқаи илмӣ-техникӣ боис гашт, ки гӯшаҳои дури ин сайёра ба ҳам наздик шаванд ва ҷаҳон чун деҳкадае гардад, ки сокинонаш аз хурдтарин рӯйдод, сарфи назар аз вуқуаш дар кадом минтақа, дар зудтарин фурсат огоҳ шаванд. Бе тардид, чунин “деҳкадашавии ҷаҳон” дар густурда гаштани ҷаҳонишавӣ ва омехташавии фарҳангҳои гуногунранги таърихи мухталифдошта сабаб гардидааст.

Агар омилҳои суръат бахшидани ҳамгироии сокинони сайёра ва густариш бахшидани ҷаҳонишавиро ба баррасӣ кашем, шоҳиди он мешавем, ки дар саргаҳи он шабакаи ҷаҳонии Интернет қарор дорад. Имрӯз дар байни ҷомеаи башарӣ, хусусан, дар қишри ҷавони он шояд ангуштшумор нафароне пайдо карда шаванд, ки аз ин падидаи муҳимми аср маълумот ва ё бо он бархӯрд надошта бошанд.

Аз нигоҳи таърихӣ шабакаи ҷаҳонии Интернет аввалин маротиба дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 1969 аз тарафи Департаменти ИМА «United States Department of Defense Advanced Research Projects Agency», ки АРПА ном дошт, сохта шуда, ҳамчун воситаи алоқаи ҳарбӣ истифода бурда мешуд.

Таърихи пайдоиш ва тараққиёти шабакаи Интернет зиёда аз 40-солро дар бар мегирад. То миёнаи солҳои ҳафтодум бисёре аз созмонҳои ҳукуматӣ, лабораторияҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои мухталиф, аллакай, ба шабакаи компютерие, ки номи ARPAnet-ро гирифта буд, пайваст шуда буданд, аммо шабакаҳои маҳаллии созмонҳо дар платформаҳои гуногун кор мекарданд ва ба иҷрои вазифаҳои махсус равона шуда буданд. Ҳамин тавр, шабакаи барои артиши ИМА тавассути ширкати DEC, шабака барои неруҳои ҳавоӣ тавассути ширкати IBM махсус гардонида шуда буд. Тамоми шабакаҳо фаъолиятро оғоз карданд, аммо ба забонҳои мухталиф «гуфтугӯ» мекарданд. Барои он ки шабакаҳои маҳаллӣ бо якдигар якҷоя амал кунанд, лозим шуд, ки қарордодҳои байнишабакавӣ, яъне забонҳое таҳия ва ба кор бурда шаванд, ки компютерҳо дар вақти табодули иттилоот аз онҳо истифода кунанд.

Соли 1974 Винт Серф (VintCerf) ва Боб Кан (BoB Kahn) мақолаеро бо номи «Қарордоди байнишабакавии интиқоли бастаҳои иттилоот» нашр карданд, ки дар он роҳҳо барои ҳалли ин масъала тафсил дода мешуд. Соли 1982 бо таҳия шудани қарордоди TCP/IPин масъала ҳалли худро пайдо кард. TCP қарордоди идоракунии интиқол (Transmission Contro IP protocol) ва IP қарордоди Internet (Internet Protocol) мебошад. Бо пайдо шудани TCP/IP калимаи Internet, ки мухтасари калимаҳои Inter connected Network (шабакаҳои бо ҳам пайвасткунанда) маъмул гардид. Вазорати мудофиаи ИМА баъдтар TCP/IP-ро (ба унвони) қарордоди стандартӣ барои шабакаҳои компютерҳои ҳарбӣ эълон кард. Ин қарордод дар системаҳои компютерии зиёд кор карданро шурӯъ кард, аз он ҷумла дар компютерҳои фардӣ барои интиқоли байнишабакавии иттилоот мубаддал шуд.

Бояд таъкид дошт, ки шабакаи Интернетие, ки имрӯз ба кор меравад, мадюни эҷоднамоӣ ва ихтироъкории Том Бернер-Ли мебошад, ки соли 1990 бо номи World Wide Web рӯйи кор овардааст.

Шабакаи байналмилалии Интернет имрӯз тамоми намуди мубодилаи ахборро дар бар гирифта, барои пешравии фаъолияти кории одамон асоси ҳаётан муҳим ва такмилдиҳандаи системаи идоракунии ҳукуматҳо гаштааст. Воридшавии технологияҳои шабакавӣ ба ҳаёти ҷомеаи башарӣ дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ муассир гашта, дар зимн ба вусъатёбии васеи лексикаи соҳаи илмӣ-техникӣ оварда расонид. Дохилшавии Интернет ба муносибатҳои забонии на танҳо шахсони ба ин масъала сарукордошта, балки ба шахсони алоҳида, яъне истифодабарандагони шабакаҳои Интернетӣ хеле зиёд шудааст.

Ба ин тартиб, омӯзиш ва корбурди шабакаи ҷаҳонии Интернет зарурати рӯз бошад, пас, пайдо намудани муодилҳои мувофиқу барои оммаи корбарон фаҳмо аз мушкилоти он гаштааст, зеро таҳқиқи истилоҳот дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеаи кунунии башарӣ, пешрафти пурҷӯшу хурӯши муносибатҳои илмию фарҳангӣ беш аз пеш аҳамияти фавқулода касб карда истодааст. Зарурати ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани истилоҳоти соҳаҳои гуногун, хусусан, истилоҳоти Интернетӣ дар он аст, ки он муҷиб мегардад, то робитаи мо бо донишҳои ҷаҳонӣ, ки пайваста дар ҳоли пешрафт ва тараққиёт ҳастанд, канда нашавад. Гузашта аз ин, “барои он ки соҳаҳои гуногуни илму маданият дастраси мо гардад, лозим аст, ки муҳимтарин қисми он ҳама истилоҳот дар забони тоҷикӣ низ вуҷуд дошта бошад. Истилоҳот забони илму техника мебошад ва онро донистани ҳар донишҷӯ зарур мебошад” [5, с.199].

Ҳарчанд омӯзиши истилоҳ ва истилоҳофаринӣ дар забоншиносии тоҷик падидаи тоза нест ва забоншиносони саршиносе, аз қабили Шукуров М., Саймиддинов Д., Қосимова М. Н., Сулаймонов С., Маҷидов Ҳ., Назарзода С. Мирзо Ҳасан Султон ва дигарон атрофи истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар шакли монографияву мақолаҳо пажӯҳиш анҷом дода бошанд ҳам, ҳанӯз ҳам бахшҳои ноомӯхтаву ношинохтае дар бахши истилоҳшиносӣ, хусусан, истилоҳоти Интернетӣ ниёз ба омӯзишу баррасӣ дорад. Дар самти истилоҳшиносии компютерӣ-Интернетӣ Толиб Шарипов фарҳанги “Вожаномаи компютерӣ”-ро соли 1995 тартиб дода, истилоҳоти интренетиро дар рисолаи илмиаш ба чор навъ 1) истилоҳоти умумии пайвандӣ; 2) истилоҳоти бахши электронӣ ва хабарӣ; 3) истилоҳоти www; 4) истилоҳоти таъсиррасон [7, с.26] гурӯҳбандӣ намуда бошад ҳам, вале на ҳамаи истилоҳоти самти Интернетӣ дар ин фарҳанг ба чашм мерасад.

Аз донишмандони ҷавоне, ки ба истилоҳоти ин соҳа таваҷҷуҳ намудаву дар робита ба дигаргунии бахшҳои сохториву семантикии барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла истилоҳоти Интернетӣ пардохтааст, Мусоямов З. мебошад.

Ҳангоми баррасии мавзӯи мазкур мушоҳида намудем, ки мушкилоти асосӣ дар истилоҳоти Интернетии тоҷикӣ вомгирии бебанду бо ва носуфтагиву духӯрагӣ дар он мебошад. Воқеан, “дар ҳар забоне ахзу иқтибос ва ориятгирӣ ногузир аст ва дар баъзе шохаҳои истилоҳ фаровон роҳ меёбад. Ин ҳақиқат бебаҳс аст ва дар бисёр ҷойҳоаз онҳо ҷойи гурез нахоҳем ёфт” [11, с.267]. Вале истилоҳи ориятгирифта бояд дақиқ, шаффоф, тасрифпазиру иштиқоқпазир, кӯтоҳ, фаҳмо ва дар чорчӯбаи дастурии забони ориятгиранда бошад. Ва аз ҳама муҳим, аз ҳама гуна духӯрагиву печидагӣ орӣ бошад, зеро “ваҳдати истилоҳ барои пешрафти илм ва иртибот миёни аҳли он шарти нахустин аст” [7, с.262]. Ба таъбири М.Шукуров “истилоҳ бояд чунон бошад, ки ба густариши робитаҳои илмии байни кишварҳо монеъ нагардад, балки мусоидат кунад. Ҷанбаи байналмилалии истилоҳот бо рисолати миллии он зид нест. Агар истилоҳот чунон бошад, ки рисолати миллии худро бо хубӣ адо карда тавонад, вазифаҳои байналмилалии худро низ ичро хоҳад кард” [4, с.246].

Барои таъйиди ин гуфтор метавон дар зер бархе истилоҳоти маъмули Интернетиро ҳамчун намуна оварад. Сараввал истилоҳи “компютер” дар забони англисӣ ҳамчун мошинаи ҳисоббарор истифода мешуд. Дар асл ин истилоҳ аз феъли “to compute” яъне “***ҳисоб кардан”*** гирифта шудааст. Ин калимаи овардашуда таърихан аз калимаи лотинии «computāre» бо мафҳуми ҳисоб намудан, гирифта шудааст [4, с.24]. Дар забони тоҷикӣ муодили ин истилоҳ ибораи истилоҳии “мошинаи электронии ҳисоббарор” оварда шудааст, ки бинобар носуфтагӣ ва тӯлонӣ будан аз ҷониби соҳибзабонон корбурди кам дорад.

World Wide Web истилоҳи муҳимме дар шинохти Интернет мебошад. Муодили тоҷикии истилоҳи «World Wide Web» «Анкабутхонаи васеи умумиҷаҳонӣ» мебошад. Ҳарчанд бисёре аз корбарон истилоҳи Internet ва Web-ро синоним шуморанд ҳам, вале чунин нест, чун вазифаи шабакаи Internet таъмини техникии кори шабакаи Web мебошад. Дар сурати муродиф шуморидани Internet ва Web маънои истилоҳии ин вожаҳо зери суол меравад, зеро яке аз шартҳои усулии истилоҳ ин муродифнопазирии он ба шумор меравад. Дар баробари ин? истилоҳ дар забони тоҷикӣ ибораҳои “шабакаи анкабутии ҷаҳонӣ” ва “шабакаи ҷаҳонии Интернет” истифода мешавад, ки ба гунае ифодагари истилоҳи «анкабутхонаи васеи умумиҷаҳонӣ» мебошад. Маҳз ҳамин муродифпазириву духӯрагӣ дар

муодилҳои тоҷикии World Wide Web сабаби ба таври хуб пазируфта нашудани онҳо аз ҷониби корбарони тоҷик гаштааст.

Бо таҳлили мавзӯъ метавон натиҷагирӣ намуд, ки мушкилии асосии истилоҳсозии Интернетӣ дар мо ин ба таври бояду шояд истифода нагардидани имкониятҳои калимасозии забони тоҷикӣ мебошад. “Ҳангоме ки китобҳои истилоҳотро аз назар мегузаронем, мебинем, ки танҳо се-чор навъи калимасозии тоҷикӣ истифода шудааст, аммо имкониятҳои бепоёни забони мо аз доираи диққат берун мондааст” [9, с.203].

Мушкилии дигар ин пойбандӣ ба маънои калкавии истилоҳот мебошад, дар ҳоле ки дар истилоҳсозӣ метавон на ба маънои ҳарфии он, балки ба яке аз хусусиятҳои предмет ишора ва онро номгузорӣ намуд. Масалан, дар англисӣ ҷиҳати ҳисобнамоии компютерро ба инобат гирифта, ба он “компютер” ном ниҳодаанд, дар ҳоле ки дар забони фаронсавӣ ба компютер “l’ordinateur” гуфта мешавад, ки он на ба хусусияти шумориш, балки ба сифати батартибдарорӣ ва батанзимории компютер ишора мекунад.

Хулоса, истилоҳшиносии Интернетӣ дар забони тоҷикӣ яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта, ба тадқиқоти сохторӣ ва маъноиву лексикӣ зарурат дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Как работать над терминологией // Основы и методы. – М.: Наука, 1968. – 124 с.
2. Калонтаров Я.И. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Дониш, 1971. – 63 с.
3. Мирзоев С. Сохтани Web – сайтҳо дар муҳити HTML, JavaScript / С. Мирзоев, С.А. Одинаева. – Душанбе: ДМТ, 2012. – 163 с.
4. Мусоямов З.М. Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера / З.М. Мусоямов. – Душанбе, 2017.
5. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2014. – 370 с.
6. Рыбакова А.С. Структурно-семантические особенности компьютерной терминологии в современном английском языке: дис. … канд. фил.наук: 10.02.04 / А.С. Рыбакова. – Коломна, 2012. – 222 с.
7. Усул ва завобити вожагузинӣ. – Теҳрон: Чопи фарҳангистони забони форсӣ, 1378.
8. Шарипов Т. Компьютерная лексика таджикского языка: дис. канд. филол. наук: 10.02.22 / Т. Шарипов. - Душанбе, 2003. - 160 с.
9. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост / М.Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. - 232 с.
10. Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо / М.Шукуров. – Душанбе, 1997.
11. Энсиклопедияи советии тоҷик дар ҳашт ҷилд. Ҷ. 3. – Душанбе, 1981.
12. A collection of Terms. The Academy of Persian Language and Literature. – Tehran, 2009. – 203 p.

ИНТЕРНЕТ: АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ТО МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ОН

Дар мақола яке аз бахшҳои муҳимми забоншиносӣ-истилоҳшиносӣ дар намунаи истилоҳоти Интернетӣ ба риштаи баррасӣ кашида шудааст. Шабакаи ҷаҳонии Интернет дар таърихи нимасраи худ тавониста як ҷузъи ҷудонопазири зиндагии мардум гардад ва дар пешрафту дигаргунии тамоми ҷанбаҳои ҷомеаи башарӣ таъсиргузор бошад. Дар ин раванд, чӣ тавре дар мақола ишора мешавад, забон канора намондааст. Шабакаи ҷаҳонии Интернет, аз як тараф, муҷиби бархӯрди забони миллӣ ба вижагиҳои дигар забонҳои олам гардида бошад, аз тарафи дигар, вуруди сели истилоҳоти Интернетӣ зарурати баррасии истилоҳоти онро дар забони тоҷикӣ ба миён овардааст. Бо баррасии мавзӯъ маълум гашта, ки забоншиносони тоҷик тӯли ду даҳсолаи охир ба истилоҳоти Интернетӣ таваҷҷуҳ намудаву ба гунае ба муодилофаринии он дар забони тоҷикӣ муваффақ ҳам гаштаанд. Вале то ҳанӯз мушкилоти зиёде дар эҷоди истилоҳоти тоҷикии Интернет ба назар мерасад. Муаллифи мақола ишора ба он менамояд, ки мушкилии хуб пазиро нашудани истилоҳоти тоҷикии Интернет дар байни корбарони он, пеш аз ҳама, ба носуфтагиву духӯрагӣ ва ба таври бояду шояд истифода нагардидани имкониятҳои калимасозии забон мебошад.

Калидвожаҳо: Интернет, компютер, истилоҳот, забоншиносии компютерӣ, технологияи муосир, иттилоот, шабакаи Интернетӣ,

ИНТЕРНЕТ: ИЗ ИСТОРИИ ПОЯВЛЕНИЯ И ТРУДНОСТЯХ ПЕРЕВОДА ТЕРМИНОЛОГИИ

В статье рассматривается одна из важных тем языкознания и терминологии на примере Интернет - терминов. Всемирная сеть Интернета за свое полувековое существование смогла стать неотъемлемой частью жизни людей и в настоящее время играет большую роль в развитии всех сфер жизни общества, в том числе языковой сферы. С появлением Интернета возникают проблемы соответствия новой языковой терминологии, связанной с Интернетом и национальными языками, в частности, таджикским. Последние два десятилетия таджикские учёные – языковеды проявляют большое внимания к этой проблеме и в определенной степени достигли заметных успехов. В статье указывается на некоторые трудности внедрения Интернет – терминологии в таджикском языке, по причине недостаточного использования потенциалов языка в области словотворчества.

Ключевые слова: Интернет, компьютер, терминология, компьютерная лингвистика, современная технология, информация, сеть Интернета.

INTERNET: FROM THE HISTORY OF APPEARANCE TO DIFFICULTIESOF TERMINOLOGY TRANSLATION

The article considers one of the important themes of linguistics and terminology on the example of Internet terms. The world Internet network for its half-century existence could become an integral part of people's life and currently plays a big role in the development of all spheres of society, including the language sphere. Since the advent of the Internet, there are problems with the correspondence of a new language terminology which is connected with the Internet and national languages, in particular, the Tajik language. The last two decades, Tajik scholars - linguists

have shown great attention to this problem and to a certain extent have achieved notable successes. The article states to some difficulties in the introduction of Internet terminology in the Tajik language, due to the insufficient use of language potentials in the field of word-making.

Key words: Internet, computer, terminology, computer linguistics, modern technology, information, Internet network.

Сведения об авторе: ***Шайдуллои Ходжи*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shaydullo-91@mail.ru**. Тел.: **(+992) 988-94-05-00**

Information about the author: ***Shaidulloi Hoji*** - Tajik National University, applicant for the Department of English and Comparative Typology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shaydullo-91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-94-05-00**

УДК: 491.550:372.800.4

ДИСКУРСИ КОМПЮТЕРӢ ВА НАВЪҲОИ МУХОБИРОТИ ИНТЕРНЕТӢ

Шамсов Б.С. Мухторов З.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳуми «дискурс» дар солҳои охир аз назири истилоҳоти махсус ва мавриди бештари таъкиду таҳқиқ дар сафҳаҳои муншаоти илмӣ қарор гирифтааст. Махсусан, дар забоншиносии муосир дар аксари осори илмӣ масъалаи дискурс ва таҳлили дискурсивӣ аз нуктаҳои баҳснок ба шумор меравад. Назарияи дискурс дар давраи ҳозира мақоми соҳаи мустақили таҳқиқоти байнифанниеро касб кардааст, ки он ба сифати мафҳуми ҳамгироии соҳаҳои мухталифи илми муосир мавриди истифода қарор гирифтааст. Бояд таъкид кард, ки бори нахуст истилоҳи «дискурс» дар кори забоншиноси америкоӣ Зелиг Ҳарис дар соли 1952 истифода бурда шудааст, ки баъд аз он то имрӯз ин мафҳум ба сифати як истилоҳи мушаххаси илмӣ мавриди баҳсҳои гуногун қарор мегирад. Мафҳуми «дискурс» на танҳо матн, балки амалҳои дигари фаролингвистиро ҳам дар бар мегирад. Забоншиноси шинохта Н.Д. Артунюнова исбот менамояд, ки дискурс ин матни мураттаби дорои ҳамаи амалҳои фаролингвистӣ - корбуди амалӣ ё худ прагматикӣ, иҷтимоию равоншиносӣ дониста мешавад. Маъмулан дискурс ҳамон намуди гуфтор дониста мешавад, ки ҳамчун амал ва ё рафтори иҷтимоӣ дар ҳамкорӣ бо афроди дигар зоҳир мегардад ва аз ин хотир, гуфтан мумкин аст, ки «дискурс ин нутқе шомили ҳаёт аст» [1, с.136]. Тибқи таърифи профессори донишгоҳи Вена Р. Водак, дискурс аз як тараф ҳамчун матни мураттаб ва аз тарафи дигар ҳамчун маҷмӯи матнҳо маънидод мешавад [2, с.15]. Дар консепсияи олими забоншиноси аврупоӣ Т. Ван Дейк, дискурс ҳамчун амале инъикос мешавад, ки ҷузъи муҳимми ҳамкории иҷтимоию фарҳангии дорои хусусияти хос ва мутаносиб ба мақсаду услуб мебошад ва муҳаққиқ дискурсро ҳамчун шакли махсуси истифодаи забон ва ҳамчун шакли махсуси ҳолати иҷтимоӣ баррасӣ менамояд [4, с.345].

Ҳамин тавр, зери мафҳуми «дискурс» ҳолати гуфтор ва муошарат фаҳмида мешавад, яъне мубодила ахбор аст, ки дар ҳолати воқеии муошират сурат мегирад. М.Ю. Олешков таърифи Т. Ван. Дейкро ҳамчун асос қарор дода, рисолаи доктории худро, ки ба моделсозии системаноки дискурс бахшида, мафҳуми мазкурро нисбатан васеътар тафсир кардааст. Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки дискурс дар ҳолати муайяни муошират мавриди истифода қарор гирифтааст. Бештари муҳаққиқон дар нигоштаҳои илмии худ оид ба дискурс сухан ронда, типологияи дискурсро то андозае маълум намудаанд ва дар баробари ин, дар гурӯҳбанди кардан ва таълифи вижагиҳои дискурс пажӯҳишгарон дидгоҳҳои мухталиф доранд. Дар давраи ҳозира се равияи асосии типологияи дискурсҳо фарқ карда мешаванд, ки шартан бо номҳои зерин унвон мешавад:

1. Дискурси прагмалингвистӣ - дар ин равия хусусиятҳои амалӣ ва мухобиротии дискурс бартарият доранд ва муҳаққиқон ба монанди А.Н. Баранов В.И. Карсик, И.В. Пешков Н.И. Теплиская Т.И. Олейник, Л.С. Маркина В.Г. Борботко, Е.В. Падучева, Т.М. Дридзе, М.Л. Макаров маҳз дар ҳамин самт пажӯҳишҳои худро анҷом додаанд.

2. Дискурси фарҳангшиносӣ - дар ин равия асоси муоширатро салоҳияти иртиботгирӣ ва ё худ мухобиротӣ (коммуникативӣ) ташкил медиҳад ва муҳаққиқон Ю.А. Сарокин, Е.М. Верашагин, Е.П. Сеничкина, В.Г. Гак дар ин самт ибрози назар намудаанд [7, с.6-7].

3. Навъи дигари дискурс дар асоси шакли корбурди забон, яъне дискурси хаттӣ ва ё шифоҳӣ дониста мешавад. Дар баробари ин, чунин типи дискурс аз нигоҳи тарзи

муошират (оммавӣ ва ё инфиродӣ), лаҳн ва нутқ (баланд муътадил, паст), дараҷаи ҳисиёт аз қабили дараҷаи беихтиёр, дараҷаи меъёрӣ ва аломатҳои дигар фарқ кард мешавад. Мавриди зикр аст, ки яке аз меъёрҳои муҳимми аз ҳам фарқ кардани навъҳои дискурс ба воқеият равона гардидани он ба шумор меравад. Дар забоншиносии муосир матни баёншуда ҳамчун маҳсули фаъолияти коммуникативии одамон фаҳмида мешавад ва модели муташаккили рафтор, ки дорои мақсади мубоҳисагарон, инчунин хусусияти ҳолате, ки дар он муошират сурат мегирад, инъикос меёбад. Бо назардошти ин матн ва дискурс ба таври зайл аз ҳам фарқ карда мешаванд: матн - ин асари ба итмом расида ҷудо ва вобаста ба ҳолат эҷодшудаи нутқ мебошад, ки дар шакли аломатҳои махсус таҳия ва сабт гардидааст. Дискурс ҳам матн аст, вале ин дар ҳолати воқеии муошират гузориш меёбад ва матнест, ки дар раванди мураттабсозӣ ва густариши худ қарор дорад.

Фаҳмиши нисбатан умумии дискурс имкон медиҳад, то ки дар давраи ҳозира фазои нави мухобироти байни одамон ташаккул ёфтааст ва он намуди нави худ - дискурси компютериро ба вуҷуд овардааст. Ба таҳлили дискурси компютерӣ бисёре аз забоншиносон ба мисли О.Ворон [1999] Е. Вавилова [2001] Е. Галичкина [2006] Н. Моргун [2003], Л. Ковалская [2003], Е. Горошка [2004], П. Кондрашов [2004] В. Михайлов ва С. Михайлов [2004], А. Кунтузов [2006] машғул шуданд. Дар корҳои забоншиносони ватанӣ «дискурси компютерӣ» бештар вақт ба таври зайл таъриф карда мешавад: нутқи монологию диалогии бисёржанра, ки аз ҷиҳати амалкард мутанаввеъ, ки дар раванди муоширати компютерии байни одамон арзи ҳастӣ мекунад [3, с.6]. Инчунин ҳамагуна маҷмӯи матнҳое, ки мавзӯи умумӣ доранд ба технологияи муосири информатсионӣ алоқаманд мебошанд. Бо назардошти мулоҳизоти дар боло баёншуда, ба андешаи мо зери мафҳуми дискурси компютерӣ бояд мухобироти тавассути воситаҳои электронии иртибот ва ё ба ибораи дигар мухобироти компютерӣ фаҳмида шавад. Сарфи назар аз гуногунии истилоҳоте, ки забони мухобироти компютериро ифода мекунад (дискурси компютерӣ, дискурси электронӣ, интернет-дискурс ва ё худ дискурси интернетӣ ба таври умум мафҳумҳои мушобеҳанд, ки ҳам мубодилаи ахбор ва ҳам мухобироти байни одамон тавассути компютерро инъикос мекунад, яъне дискурси компютерӣ муошират байни одамон дар шабаки интернетӣ мебошад. Муошират компютерӣ ин мухобирот дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) аст, ки дорои аломатҳои ба худ хос ва фарқкунанда мебошад. Хусусияти хосси ин навъи мухобирот аз истифодаи сигналҳои электронӣ барои мубодилаи ахбор иборат аст. Дар давраи ҳозира якчанд имконияти муошират ба воситаи компютер дар шабакаи дохилӣ ва ё дар шабакаҳои нисбатан васеътар аз қабили шабакаи миллӣ ва ё ҳатто дар шабакаи глобалӣ мавҷуданд. Туфайли интернет фазои нави мухобираи электронӣ, ки дар нутқи хаттию шифоҳӣ бо ҳам тавъам меоянд, ташаккул ёфтааст. Дар навбати худ, густариши технологияи иттилоотӣ ба ҳаёт мафҳумҳои наверо ворид менамояд, ки ҳар яки он ифодаи махсусу мушаххаси худро талаб мекунад. Дар давоми солҳои охир мафҳуми дискурси компютерӣ ҳар чӣ бештар густариш меёбад. Вале фаҳмиши он аз тарафи одамон як хел нест ва то охир аломатҳо ва хусусиятҳои хосси он ҳанӯз муайян нашудааст. Инчунин, ба он бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки ҷорӣ намудани дискурси компютерӣ ҳатман мавҷудияти воситаҳои техникӣ (компютерӣ, инфиродӣ), омилҳои фаролингвистӣ (фосилаи фазоӣ ва замони мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ва монанди ин) доштани малакаҳои муайянро, ки табиист, дар истифодаи технологияи дахлдор истифода мешавад, талаб менамояд. Лексикаи компютерӣ “воситаҳои худнишондиҳии иштирокчиёни мухобирот гардида, ба таҳкими дискурси компютерӣ, ваҳдати корпоративӣ хизмат менамояд” [5, с.27]. Е. Н. Галичкина мухобираи интернетиро ҳамчун таркиби мураккаби дискурсҳо маънидод мекунад, ки “дар худ аломатҳои ҳамаи навъҳои дискурсро бидуни мансубияти пурра ба ҳеҷ кадоме аз онҳо фаро гирифтааст” [3, с. 10]. Барои ин мисол овардан мумкин аст, ки интиқоли почтаи шахсӣ (дискурси маишӣ), мубодилаи расмӣ ва талаби иттилоот (дискурси корӣ), баррасии масъалаҳои илмӣ дар гурӯҳҳои ахбор ва ё конфренсияҳо (дискурси илмӣ), банерҳои таблиғотӣ (дискурси реклама) ва монанди ин дониста мешавад. Муошират электронӣ ҳам дар корҳои олимони ватанӣ ва ҳам дар корҳои олимони хориҷӣ, аз қабили Ю. Д. Бабаева А. Е. Войскуниски ва О. В.Смислова, мавриди барраси қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, дар байни ин корҳо таҳлили мухобироти интернетӣ, ки олими англис Девид Кристал анҷом додааст, аз пажӯҳишҳои ҷолиби диққат аст. Дар асоси назари муҳаққиқони гуногун мо дар кори худ навъҳои зерини дискурси компютериро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. 1) веб-дискурс; 2) дискурси почтаи электронӣ; 3) дискурси муошират ғайрисинхронӣ; 4) дискурси муошират синхрони (чатҳо ва бозиҳо) дар интернет. Набояд аз мадди назар дур монд, ки веб-дискурс дискурси почтаи электронӣ ба нутқи хаттӣ рақобат доранд, вале ҳамзамон дар фазои маҷозӣ хусусиятҳои намуди нави дискурс, ки

дар худ аломатҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттиро муттаҳид намудааст, равшантар зоҳир мегарданд. Ин навъи дискурс намуди нави нутқи бисёрпаҳлу ба шумор меравад. Бори нахуст аломатҳои асосии дискурси компютерӣ дар кори рисолаи диссертатсионии Е.Н. Галичкина [3, с.15], ки ба дискурси форумҳои интернетӣ бахшида шудааст, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Аломатҳои хосси ин намуди дискурсро ба таври зайл баррасӣ кардан мумкин аст: 1) ба канали муошират табдил ёфтани сигнали электронӣ; 2) маҷозӣ ва ё худ виртуалӣ будани муошарат; 3) мавҷуд будани фосила ва вақти муайян; 4) бавосита будан ва ё худ тавассути воситаҳои техникӣ сурат гирифтани муошарат, дискурс; 5) доштани дараҷаи баланди нуфузпазирӣ; 6) мавҷудияти фароматн; 7) дар маҷмӯъ фаро гирифтани унсурҳои ҳарфӣ, аломатҳои рамзии биноӣ ва рамзии шунавоӣ; 8) баробарҳуқуқ будани иштирокчиён аз ҷиҳати мақом; 9) интиқоли эҳсосот тавассути қиёфабозӣ ва “смайликҳо”; 10) муттаҳид намудани навъҳои мухталифи дискурс; 11) истифодаи ахлоқу рафтори хосси муошарати компютерӣ.

Дар асоси ҳамин гуна таснифи хусусиятҳои дискурси компютерӣ мафҳумҳои дигаре, ки мутаносибан ба ҳамин раванд истифода мешаванд, дар илми муосир ба андозаи кофӣ маънидод карда мешавад. Дар ин росто гуфтан мумкин аст, ки аз як тараф, он ҳаргуна муошират дар шабакаҳои интернетӣ, муошират ба истифодаи сигналҳои махсус ва ё худ сигналҳои электронии мухобирот буда, аз тарафи дигар, дискурси компютериро метавон ҳамчун муошират дар мавзӯъҳои алоқаманд ба компютер ва мафҳумҳои хосси он фаҳмид. Муҳаққиқон Е.Н. Галичкина, Н.Л. Моргун, Е.И. Горшоко дар корҳои худ, ки ба муайян кардани аломатҳои дискурси компютерӣ бахшида шудаанд, хусусиятҳои зерини мухобироти компютериро мушаххас кардаанд: канали рақамии интиқоли сигнал; мавҷудияти фосила; махфӣ будан; амалан бевосита будан ва ё сохтори шабакавӣ; дорои фороматн будан; дорои мултимедия будан; шакли шифоҳию хаттӣ доштани мухобирот.

Хусусиятҳои мазкур вижагиҳои ҷудогонаи муоширатро дар чаҳорчӯбаи дискурси компютерӣ муайян ва онро аз дигар фазоҳои мухобирот фарқ мекунанд. Интернет ҳамчун канали махсуси алоқа ба хусусияти мухобирот дар фазои маҷозӣ ва ё худ виртуалӣ таъсири нақши махсус дорад. Муҳаққиқони хориҷӣ ин навъи мухобиротро, ки мухобираи байни одамон тавассути канали компютерӣ сурат мегирад, бо истилоҳоти «computer mediated communication» [14] ба маънии мухобирот тавассути компютер ном мебаранд ва бо ин тарз онро аз мафҳуми «human computer interaction», ки ҳамкории инсон ва компютер ва раванди барномасозии компютериро ифода мекунад, фарқ мекунанд. Маъмулан истилоҳи «computer mediated communication», ки мухобира тавассути компютер аст ба ду маъно кор фармуда мешавад. Дар як маврид истилоҳи мазкур ба маънои шакли мақсадноку аз ҷиҳати мавзӯъ ба ҳам алоқаманди мубодилаи афкор, маълумот, идеяҳои ду ва зиёда тарафҳо ва бештар вақт дар раванди муошарати инсонҳо дониста шавад, дар мавриди дуюм ба маънои воситаҳои махсуси барномавӣ муаррифӣ мешавад, ки ин воситаҳои барномавӣ навъи муошарати компютериро имконпазир мегардонанд [10, с. 394].

Ин намуди мухобирот бо ёрии воситаҳои электронии алоқа, ки ба туфайли намудҳои мухталифи хизматрасонӣ дар интернет дастрас мегарданд, сурат мегирад. Мо имкон пайдо кардем, ки намуди мухобиротро ба истилоҳоти мухобироти электронӣ ва ё “мухобироти интернетӣ” ном барем, вале зери ҳар ду истилоҳот моҳиятан ҳамон як раванд ва ё ҳодиса, яъне муошират байни ҳамон одамоне, ки ба забони табиӣ ва тавассути канали компютерии алоқа - интернет сурат мегирад, дар назар гирифта мешавад. Таснифоти мухобироти байни одамон дар фазои маҷозӣ ва ё худ виртуалӣ имрӯзҳо дар тамоми дунё, қариб ба аксари забонҳои олам ба таври васеъ густариш пайдо кардааст. Таснифоте, ки дар боло вобаста ба вижагиҳои мухобироти компютерӣ, яъне ба сифати дискурси компютерӣ оварда шудааст, маъмулан барои ҳар забоне, ки дар интернет истифода мешавад, қобили қабул дониста мешавад. Таснифоти вижагиҳои дискурси компютериро ба тариқи дигар низ баррасӣ намудан мумкин аст: 1) мухобироти муколамавӣ off-Line (автономӣ) ва on-Line (мустақим); 2) дар вақти воқеӣ (тавассути почтаи электронӣ ICQ); 3) мухобироти байни одамони зиёд аз қабили off-Line ва on-Line конфронсияҳо ва чатҳо). Шаклҳои дар боло номбаршудаи муошарати шабакавӣ (on-Line ва off-Line), равияи мухобирот (монологӣ, диалогӣ ва полилогӣ - бисёрнафара) аз рӯйи дараҷаи густурдагӣ ва маҳдудият ҳам фарқ мекунанд. Яъне ин шаклҳоро ба навъ ва намудҳои “ошкор” (барои аз назар гузарондан ба ҳамаи истифодабарандагон дастрас) ва “хусусӣ” (барои муошарати байниҳамдигарии ашхоси маҳдуд бо хусусияти ҳифзи махфият) метавон ҷудо кард. Муҳаққиқи дигар Д. Кристал панҷ жанри мухобироти электрониро ҷудо намудааст ва онҳоро “ҳолатҳои истифодаи интернет” (broad internet using situations) номидааст. Он жанрҳоро ба таври зайл тасниф намудан мумкин аст: а) почтаи электронӣ; б) чатҳои синхронӣ ва ғайрисинхронӣ ва воситаҳои гуногуни хизматрасонии компютерӣ, аз қабили

нашри эълонҳо; в) оламҳои виртуалӣ (MOOS, MUDS ва монанди ин); г) веб-матнҳо, ки матнҳои электронии мутолиотиро ташкил медиҳанд, масалан матнҳо дар шакли pdf аз қабили ин гуна сарчашмаҳои иттилоотӣ дониста мешавад.

Намояндаи мактаби таҳқиқотии Донишгоҳи техникии Дортмунд - Михаэл Бойссвенер, шаклҳои зерини мухобиротро дар интернет ҷудо мекунад: 1) шакли ғайрисинхронӣ - почтаи электронӣ (Mailinglisten; Newsletter), форумҳо; 2) шакли махсус - китобҳои меҳмонон, блогҳо 3) шакли синхронӣ – чатҳо, ICQ.

Албатта, ҳар кадоме аз ин шаклҳо анъанаҳои бемисли муошират худро дорад ва нисбат ба забоне, ки бо он муошират роҳандозӣ мешавад, талаботи махсус пешниҳод мегардад. Ин талабот аз он иборат аст, ки забони табиӣ дар шабакаҳо бештар дар шакли хаттӣ ва бо истифода аз аломатҳо ба кор бурда мешавад. Вале агар веб-текстҳои жанрҳои мухталиф (коргузорӣ, тиҷоратӣ, бадеӣ ва амсоли ин), ки сомонаҳоро пур мекунанд, ба ин талаботи тартиб додани нутқи хаттӣ ҷавобгӯ бошад, таъсирбахшии тарафайни нутқи шифоҳию хаттӣ дар мухобироти интернетӣ имкон медиҳад, ки ҳодисаи махсуси лингвистӣ, яъне мавҷудияти нутқи шифоҳӣ чун навъи махсуси мухобироти интернетӣ ва ё худ дискурси компютерӣ муаррифӣ карда шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Арутюнова Н.Д. Дискурс / Н.Д. Арутюнова // Лингвивистический энциклопедический словарь. - М., 1990. - 136 с.
2. Водак Р. Язык. Дискурс. Политика; пер. с англ. и нем / Р.Водак. - Волгоград: Премена, 1997. - 15 с.
3. Галичкина Е.Н. Специфика компьютерного дискурса на английском и русском языках: автореф. дис. канд филол наук / Е.Н. Галичкина. - Астрахань, 2001. – 22 с.
4. Дейк Т. Ван. Язык. Познание. Коммуникация; пер. с. Англ / Дейк Т. Ван. - М., 1989. - 67 с.
5. Долуденко Е.А. Англицизмы в русскоязычном компьютерном жаргоне/ Е.А. Долуденко // Лингвистика. Перевод. Межкультурная коммуникация. – Пятигорск, 1999. – 25 с.
6. Моргун Н.Л. Научний сетевой дискурс как тип текста: автореф. дис… канд, филол. наук / Н.Л. Моргун. - Тюмень: Изд-во Тюмен. гос. ун-та, 2003.
7. Мухторов З.М. Социальный компьютинг в исследовании вопросов интернет-толерантности / З. Мухторов // Исследование толерантности в молодежной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): коллективная монография. - М., 2016. – 94 с.
8. Мухторов, З.М. Дискурсивный анализ и социальный компьютинг / З. Мухторов // Вестник Худж. Гос. ун.-та имени академик Б. Гафурова. №3(44). - Худжанд, 2015. - 190 с.
9. Олешков М.Ю. Системное моделирование институтционального дискурса (на материале устных дидактических текстов): автореф. дис… док. филол. наук / М.Ю. Олешков. - Нижний Тагил, 2007. - 23 с.
10. Розина И. Н. Интернет-сообщество специалистов в области коммуникации / Н.Л. Моргун. Новоинфокоммуникационные технологии в социально-гуманитарных науках и образовании: современное состояние, проблемы, перспективы развития; под общ. ред. А.Н. Кулика. -М.: Логос, 2003. – 392 с.

ДИСКУРСИ КОМПЮТЕРӢ ВА НАВЪҲОИ МУХОБИРОТИ ИНТЕРНЕТӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи хусусиятҳои дискурси компютерӣ ва навъҳои мухобироти интернетӣ дар шароити ҳозира ва рушди технологияи информатсионӣ меравад. Қайд карда мешавад, ки ҷорӣ намудани дастовардҳои технологияи информатсионӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз муҳим будани таҳқиқот дар соҳаи робитаи байни технологияи интернетӣ ва илмҳои дигар равияи иҷтимоию гуманитарӣ, аз ҷумла забоншиносӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, илмҳои равияи иҷтимоӣ-гуманитарӣ асосан, аз ҷиҳати иҷтимоӣ рушд мекунанд, инчунин барои ин илмҳо як фазои хосси виртуалии бисёрҷиҳата зарфияти кофии муҳтавои иҷтимоию гуманитарӣ дар олами рақамӣ ва маҳз дар шабакаҳои интернет ташаккул меёбад. Аз тарафи дигар, дар соҳаи технологияи информатсионӣ аз лиҳози татбиқи онҳо соҳаи иҷтимоӣ-ҷудошавии босуръати равияҳо сурат мегирад, ки дар натиҷаи ин равияҳои нави илмӣ ба вуҷуд меоянд ва дар ин миён дискурси компютерӣ бешубҳа, равияи муҳимми илмӣ ба шумор меравад. Дар ин пажӯҳиш мо тасмим гирифтем, ки масъалаи дискурси компютериро ҳамчун навъи илмӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки дар солҳои охир ба вуҷуд омадааст ва дар давраи ҳозира равияи ҷудогонаи илм босуръат инкишоф ёфта истодааст, асосҳои метадологии он коркард карда шудаистодаанд, предмет ва объекти омӯзиш, инчунин доираи проблемаҳои он муайян карда мешавад. Дар сарчашмаҳои мухталиф дискурси компютерӣ ҳамчун рафтори мухобироти инсон дар олами маҷозӣ (виртуалӣ) барраси мешавад, ки дар пешрафти иҷтимоӣ мухобироти инсон бо назардошти истифодаи технологияи информатсионӣ зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, дискурси компютерӣ дар солҳои охир яке аз мавзӯъҳои муҳим гардид ва таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҳам илмҳои компютерӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ҳам таваҷҷуҳи олимоне, ки ба сохтани барномаҳои компютерӣ машғуланд, инчунин таваҷҷуҳи таҳиягарони шабакаҳои иҷтимоӣ, соҳибкорон сиёсатмадорон, забоншиносон ва равоншиносонро ба худ ҷалб кардааст. Қобили зикр аст, ки дар давраи ҳозира дискурси компютерӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва воситаи қобили қабул ва созгорӣ мухобирот барои инсон маҳсуб мешавад. Ин воситаи мухобирот барои муошрати шифоҳию робитаи биноии инсон дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) шароит фароҳам меорад.

Калидвожаҳо забон, муошират, мухобирот, виртуаликунонӣ, дискурс, дискурси компютерӣ, фаъолияти нутққунӣ, технологияи иттилоотӣ, фазои маҷозӣ (виртуалӣ).

КОМПЬЮТЕРНЫЙ ДИСКУРС И РАЗНОВИДНОСТИ ИНТЕРНЕТ-КОММУНИКАЦИИ

В статье речь идет об особенностях компьютерного дискурса и разновидности данной интернет-коммуникации в современных условиях развития информационных технологий. Отмечается, что внедрение достижений информационной технологии во все сферы общественной жизни указывает на актуальность исследований в области взаимосвязи интернет-технологий и других наук социально-гуманитарного

направления, в том числе и лингвистики. Наряду с тем, что социально-гуманитарное направление науки больше развивается в своем, так называемом социальном аспекте, также для них создается некая виртуальная среда, формируется достаточно емкое и многоаспектное виртуальное пространство социально-гуманитарного содержания в ином цифровом мире, а именно в Интернет-ресурсах. С другой стороны, происходит очень быстрая дифференциация научных направлений в отрасли информационных технологий в аспекте их реализации в социальной сфере и, следовательно, появляются новые научные направления, где компьютерный дискурс несомненно является весьма соответствующим и важным научным направлением. В данной статье мы попытаемся рассмотреть вопросы компьютерного дискурса как нового научного направления, которое появилось в последние годы и в настоящее время достаточно быстро развивается как отдельное научное направление, разрабатываются новые методологические основы данного направления, определяются предмет и объект изучения, а также охват научных проблем. В различных источниках компьютерный дискурс рассматривается как коммуникативное поведение человека в виртуальном мире, где выявляется социально-коммуникативная динамика человека с учетом использования информационных и коммуникационных технологий. Таким образом, компьютерный дискурс в последние годы стал одной из важных тем и привлек интерес исследователей как в области компьютерных, социальных и политических наук, так и интерес ученых, занимающихся программным обеспечением, разработчиков социальных сетей, предпринимателей, политиков, лингвистов и психологов. Следует особо отметить, что в настоящее время компьютерный дискурс распространяется достаточно широко и становится более приемлемым и удобным средством коммуникации для современного человека, заменяя его вербальными и визуальными возможностями в виртуальном пространстве.

Ключевые слова: язык, общение, коммуникация, виртуализация, дискурс, компьютерный дискурс, речевой акт, речь, информационные технологии, виртуальное пространство.

COMPUTER DISCOURSE AND VARIETIES OF INTERNET COMMUNICATION

The article deals with the peculiarities of computer discourse and the variety of this Internet communication in the current conditions of the development of information technologies. It is noted that the introduction of advances in information technology in all spheres of public life indicates the relevance of research in the field of interconnection of Internet technologies and other sciences of the social and humanitarian direction, including linguistics. Along with the fact that the social and humanitarian direction of science is developing more in its so-called social aspect, a virtual environment is also created for them, a rather capacious and multifaceted virtual space of social and humanitarian content in another digital world is being formed, namely, in Internet resources. On the other hand, there is a very rapid differentiation of scientific directions in the field of information technologies in the aspect of their implementation in the social sphere and, consequently, new scientific directions appear where computer discourse is undoubtedly a very relevant and important scientific direction. In this article, we will try to address the issues of computer discourse as a new scientific trend that has emerged in recent years and is now developing quite rapidly as a separate scientific direction, developing new methodological foundations for this direction, determining the subject and object of study, as well as the coverage of scientific problems. In various sources, computer discourse is viewed as a communicative behavior of a person in a virtual world, where social and communicative dynamics of a person are identified, taking into account the use of information and communication technologies. Thus, computer discourse in recent years has become one of the important topics and attracted the interest of researchers in the field of computer, social and political sciences, as well as the interest of software scientists, developers of social networks, entrepreneurs, politicians, linguists and psychologists. It should be specially noted that at present the computer discourse spreads quite widely and becomes more acceptable and convenient means of communication for a modern person, replacing it with verbal and visual possibilities in the virtual space.

Key words: language, communication, virtualization, discourse, computer discourse, speech act, speech, information technology, virtual environment.

Сведения об авторах: ***Шамсов Бахтоввар*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, соискатель кафедры таджикского языка и теории языкознания. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухамадиев 17/6. E-mail**: Salmon_199@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-32-48-09**
Мухторов Зайнидин - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors: ***Shamsov Bakhtovar*** - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, the applicant of the Tajik language and theory of linguistics department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Muhamadiev 17/6. E-mail: **Salmon_199@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-32-48-09**
Mukhtorov Zainidin - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 81.42

ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХӢ ВА ЛИНГВИСТИИ ЛУҒАТИ ВИЖАИ ГӮЙИШҲОИ КӮЛОБ

Шодиев Р.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, аз ҷумла гӯйишҳои Кӯлоб як теъдод вожа ва истилоҳоти куҳани порсии дарӣ, ки дар осори давраи аввал ба кор рафта, ҳамчун намунаи забони муштараки манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр шинохта шудаанд, мавриди истифода қарор доранд. Дар бораи бархе аз чунин вожаҳои ба истилоҳ классикӣ, ки дар

гӯйишҳои дигари ҷанубии забони тоҷикӣ то ҳол ҳамчун луғати вижаи ин гӯйишҳо мустаъмаланд, муҳаққиқони лаҳҷашинос дар таълифоти худ то андозае тавзеҳот ва тафсилоти қобили мулоҳиза додаанд [2; 6; 7; 9].

Дар бахши лексикаи китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ”, ки аз ҷониби Ғ.Ҷӯраев таълиф шудааст, фасли махсусе таҳти унвони “Тараққиёти таърихии лексикаи шеваи ҷанубӣ” мавҷуд аст, ки доир ба баъзе масъалаҳои истеъмоли теъдоде аз луғати куҳан дар ин лаҳҷаҳо маълумот медиҳад [6, с.252-263].

Дар ин бахши лексика дар бораи иддае аз вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ корбурд ва вижагиҳои маъноии онҳо дар муқоиса ба забони классикӣ тавзеҳот дода шудааст. Ин луғот дар маҷмӯъ иборатанд аз ин вожагон: чакал, бъна//бунна, испор//сипор, хамирмо, кола, тагит, девлох, тута, хинг, анбу, путк, тундар//тундър, кадхудо, пича, полидан, шероза, коч//кочала, килк, пийандар, мойиндар, зре(х), каманд, карсон//корсун, кос, килк, крочидан, дърафш ва ғ. (с. 254) Дар идома дар иртибот ба чанд луғати дигари муштарак дар забони классикии форсӣ-тоҷикӣ аз қабили ҳанг, туридан, бора, ташт(ак), нъқроз миқроз, ғълба ва ғайра низ сухан рафтааст. Аммо феҳристи ин гуна вожаҳо дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, бавижа гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ - гӯйишҳои Кӯлоб бо ин теъдод маҳдуд намегардад. Дар гӯйишҳои Кӯлоб (гурӯҳҳои шимолӣ ҷанубӣ ва ғарбӣ) мисли гӯйишҳои дигари ҷанубӣ метавон луғоти дигареро низ пайдо кард, ки бо доштани вижагиҳои таърихии овоӣ ба мероси забони муштараки порсии дарӣ ва забонҳои портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва забон ва лаҳҷаҳои дигари ин манотиқ иртибот мегиранд.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки манбаъ ё сарочаи ин ҳама луғоти куҳан дар гӯйишҳои Хатлони таърихӣ ҳамон забони порсии дарӣ мебошад. Аз эҳтимол дур нест, ки бештар луғати забонҳои эронии шимоли ғарбӣ (дар мисоли портӣ) ва забонҳои эронии шарқӣ (дар мисоли суғдӣ, бохтарӣ) дар ин лаҳҷаҳо аз тариқи забони порсии дарӣ дар ин сарзамин роиҷ гардидаанд. Забони порсии дарӣ, ҳамчунонки аз осори садаҳои X-XI пайдост, дар ҳифзи луғоти истилоҳоти лаҳҷаҳои маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр, бавижа Суғду Бохтар нақши муҳим дорад.

Чуноне ки муҳаққиқони осори давраи аввали порсии дарӣ ё форсии нав бар асоси дастнависҳои куҳани ин забон аз сарзаминҳои таърихии Хуросону Мовароуннаҳр таъйид медоранд, дар ин осор воқеаю вижагиҳои овоӣ, дастурӣ ва луғавии лаҳҷаҳои маҳаллии ин манотиқ дар баробари забони меъёр дарҷ гардидаанд, ки ин масоил дар яке аз пажӯҳишҳои бунёдии Ж.Лазар ҳанӯз дар солҳои 60-уми садаи XX мавриди таҳлилу таҳқиқи лингвистӣ қарор гирифтааст (Lazard, 1963). Дар иртибот метавон аз як навиштаи донишманди эронӣ Муҳаммадтақии Баҳор ёдовар шуд, ки чунин аст: “Ин маънӣ, яъне зуҳури назму насри дарӣ, ки осори Рӯдакӣ ва Шаҳид ва Фирдавсӣ ва Балъамӣ ва Абулмуайид ва “Таърихи Систон” намунаи зебоӣ он аст, мерасонад, ки ин забон лаҳҷаи хосси мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва Нимрӯзу Зобулистон будааст [13, с.22]. Бинобар хулосаи дигари М.Баҳор “...забони дарӣ худ яке аз шохаҳои забони Эрон ва лаҳҷае аз бохтарии махлут ба суғдӣ буда, ки бо лаҳҷаҳои дигар омехтааст ва бо ин сурат даромада” [13, с.26].

Дар робита бо густариши забони дарӣ дар аҳди Сосониён ва оғози даврони исломӣ дар шимол ва шарқи Эронзамин дар яке аз мақолаҳои Ж. Лазар бар пояи матни дастнависҳои куҳани порсии дарӣ хулосаҳо ва андешаҳои ҷолиб баён шудааст. Ж. Лазар дар ин мақолаи хеш ин андешаро таъйид мекунад: “Известно, что по мере распространения этот язык выбрал в себя много элементов. Заимствованных из иранских языков севера и запада, особенно из парфянского и согдийского. В то же время он, без условно делился на большое число диалектов, в той или иной мере отличавшихся друг от друга. Это подтверждается и данными современных диалектов. “Дар идома Ж.Лазар чунин афзудааст: “Новейшие исследования дают возможность сопоставить таджикские диалекты между собой, а также с кабули и тегеранском диалектом персидского языка” [5, с.176]. Бинобар вижагиҳои гӯйишӣ муҳаққиқон дар осори садаҳои X-XI аз сарзамини Мовароуннаҳр ба ин натиҷа расидаанд, ки ҳанӯз дар он даврон дар ин манотиқ лаҳҷаҳои тоҷикӣ шакл гирифта будаанд.

Ба назари мо, луғати куҳани маҳфуз дар гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб бояд бо истифода аз манобеи хаттӣ, фарҳангномаҳои классикӣ ва ҷалби осори забонҳои ғарбӣ ва шарқии эронии бостон ва миёна мавриди таҳлилу таҳқиқи лингвистӣ қарор дода шавад. Чунин шеваи таҳқиқ дар шинохти ин бахши муҳимми луғати лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ ва мақоми онҳо дар ташаккули забони тоҷикӣ дар ин ҳавзаи таърихии рушди забон дорои арзиши лингвистӣ ва экстралингвистӣ мебошад.

Вожаҳои куҳани махсуси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб ва дар маҷмӯъ гӯйишҳои ҷанубӣ ба ду даста тақсим мешаванд: а) вожаҳое, ки дар осори порсии дарӣ мавриди истифода будаанд ва пешинаи таърихӣ доранд; б) вожаҳое, ки дар осори хаттии пешин ва ё фарҳангномаҳои классикӣ зикр нашудаанд.

Дар ин мақола намунаи вожаҳо бо овардани манобеи хаттӣ ва лаҳҷавӣ бори нахуст мавриди таҳлилу таҳқиқи таърихӣ ва лингвистӣ қарор мегирад, ки чунин равиши таҳқиқ дар шинохт ва баррасии луғати мазкур дар гӯйишҳои Кӯлоб ва дигар гӯйишҳои ҷанубӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

1. Ҳанг (hang) дар гӯйишҳои Кӯлоб мисли дигар гӯйишҳои ҷанубӣ ба маънои неру, тавон, қувва ва дармон маълум аст. Ин вожа, асосан бо чанде аз феълҳо истифода шуда, дар ташкили феълҳои таркибии номӣ бо маънои маҷозӣ қолаб зада мешавад. Барои мисол: ҳанг доштан-ҳанг надоштан. Ҳанг кандан, аз ҳанг рафтан (бемадор шудан, хаста шудан), ҳангъ дъранг мондан (сахт дар тааҷҷуб шудан). Вожаи мазкур дар китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” ва “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” бо овардани намунаи шоҳидҳо аз лаҳҷаҳои ҷануб ба таври мухтасар шарҳ гардидааст [6, с.255; 9, с.795]. Дар иртибот ба ин вожа Ғ. Ҷӯраев дуруст тазаккур дода, ки ҳанг бо калимаи фара иваз шуда дар баробари муродифи фара маҳдуд гардидааст [6, с.225].

Вожаи ҳанг (hang) дар ин гӯйишҳо мероси забони порсии дарӣ буда, он ҳамчун калимаи нодир дар “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ бо овардани шоҳид аз Кисоӣ ёд мешавад [4, с.158]. Дар “Бурҳони қотеъ” аз ёздаҳ маънӣ هنگзикр гардидааст, ки ин ду маънои дар “Луғати фурс” баёншуда низ ба онҳо шомиланд. Маънои нахусти ҳанг, дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ маҳфуз мондааст, бинобар “Луғати фурс” аз маъниҳои асосӣ ва бунёдӣ маҳсуб меёбад. Ин маъно, яъне “зӯр, қувват ва қудрат” дар ҳавзаҳои забонии Хуросону Мовароуннаҳр қабл аз забони Асадии Тӯсӣ аз маъниҳои асосии вожаи ҳанг буда ва он дар мисоли чанде аз лаҳҷаҳои маҳаллии ин манотиқ роиҷ гардидааст.

Дар фарҳангҳои пешин маъниҳои дигари ҳанг низ ёд шудааст: “зирак ва оқил” (Бурҳон), “тезфаҳм ва доно ва ҳушёр” (Нозим-ул атиббо) ва ғ.

Дар “Бурҳон” маънои дигари “ҳанг”, ки “Луғати фурс” аз он ҳамчун маънои нахуст ёд мекунад, яъне “зӯр ва қуввату қудрат” низ дарҷ шудааст.

Дар ҳошияи Муҳаммад Муин ба “Бурҳони қотеъ” (ч.4,с.2381) омада, ки дар паҳлавӣ ҳанг (фаҳм, маърифат), дар авроқи монавӣ ба портӣ hnng (hang), яъне “безорӣ, нафрат” будааст. Дар феҳристи вожаҳои форсии миёна ва портӣ hang хонда ва ба таври тахмин онро *aversion, яъне “безорӣ, нафрат, мухолифат, носозгорӣ” маънӣ кардааст [15, с.83].

Ҳарчанд дар поварақи “Бурҳони қотеъ” ва баъдан дар “Луғатнома”-и Деҳхудо [20, с.23570] hang дар забони паҳлавӣ “фаҳм ва маърифат” маънӣ шудааст, аммо вожаи ҳанг дар осори форсии миёна ё паҳлавӣ, бинобар вожаномаҳои нашршудаи ин забон мушоҳида намешавад. Дар осори форсии миёна (паҳлавӣ) вожаи franang ба маънои “омӯзиш, таълим, дониш”, форсии нав farhang ва феъли frahixtan “фархихтан, дониш омӯхтан, тарбият кардан, таълим додан” аст [18, с.74-75; 17, с.32].

Аз бунёди ҳанг бо замимаи пешванди a- дар форсии нав ahang, ҳамчунин ahanj ва феъли anixtan (асоси замони хозира ahang-дар форсии миёна) шакл гирифта ва ин феъл бо гунаи дигари он ahangidom аз паҳлавӣ ба форсии нав идома кардааст [17, с.6].

Ҳамчунон ки мебинем ҳанг (hang) дар ин гурӯҳи гӯйишҳо тибқи меъёри забони форсии дарӣ ҳамчун унсури мустақил ба ҳайси ҷузъи номии чанд феъли таркибии номӣ истифода мешавад ва он дар ин мақом муродифи вожаи фара (fara), классикӣ farra, мебошад.

Вожаи ҳанг ба ҳайси ҷузъи асосӣ дар вожаҳои оҳанг ва фарҳанг ҳамчунин поҳанг ба кор рафта, дар осори пешин аз луғоти мутадовил дар ташкили чанд истилоҳот истифода шудааст.

2. Поҳанг (Pohang). Ин вожа дар ФГҶЗТ [17, с.554] махсуси гӯйишҳои вахиёӣ-қаротегинӣ (раштӣ) зикр шудааст. Аммо поҳанг дар ҳамон як маъно, яъне “бузургҷусса, тануманд, қавипайкар” хосси гӯйишҳои Кӯлоб низ мебошад. Вожаи поҳанг дар нисбати инсон ба кор бурда мешавад ва он яке аз сифати бузургии пайкар ва ё ҷуссаи инсон аст. Вожаи мазкур аз ду ҷузъ: по+ҳанг (Po+hang) иборат буда, дар ин қолаби мураккаби вожасозӣ ҳамон маънои асосии он, яъне “зӯр, неру, қуввату тавоноӣ” ҳифз гардидааст. Қолаби поҳанг мисли қолаб ё сохтори почамбар дар гӯйишҳои ҷанубӣ ба маънои “маҳкам, устувор, побарҷо” шакл гирифтааст.

Дар фарҳангҳои куҳани порсии дарӣ вожаи поҳанг (پاهنگ-pāhang) дар вазну маънии посанг (پاسنگ- pāsang) омада ва он “чизе бошад, ки дар як паллаи тарозу овезанд то бо паллаи дигар баробар шавад ва бо посанг ва почанг мутародиф аст” [3, с.361]. Дар

“Бурҳони қотеъ” [3. ҷ.1, с.346) дар шарҳи почанг (پاچنگ- pāčang) аз ду муродифи он, яъне пошанг (پاشنگ- pāšang) ва поҳанг (پاهنگ-pāhang) зикр шудааст. Ҳамин тариқ, вожаи поҳанг, ки дар гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мутадовил аст, дар фарҳангҳои пешин аз ҷумлаи луғати маъмул шинохта шуда ва муродифоти дигари он дар ин чанд гунаи овоӣ-посанг, почанг ва пошанг низ муаррифӣ гардидаанд [3, с.346, 354, 355].

3. Фара (fara) = шакли адабии меъёри классикӣ farra (فره-бо фатҳи аввал ва ташдиди сонӣ) ба маънии шаъну шавкат ва шукӯҳу азамат [3, с.1479]; форсии миёна farr = xwarrah, форсиb миёнаи монавӣ prh [farrah] [Boyce 1977, 72]; форсии нав farra-шаъну шавкат ва шукӯҳ. Дар “Бурҳон” [3, с.1443] дар баробари ин маъниҳо farr “сангу ҳанг” низ маънӣ шудааст. Дар паҳлавӣ farr (= xwarrah) маънои “бахт, шукуҳ ва нур”-ро дорад [17, с. 96].

4. Хурова\\хърова (xurova) – оби каме, ки дар ҷӯйбори асосӣ барои хӯрдан равон мебошад. Дар Бурҳон (ҷ.2, 787) хӯроба (خورابه) чунин маънӣ шудааст: “оби камеро гӯянд, ки аз банде, ки дар пеши оби бисёр бошад, таровиш кунад ва оберо низ гӯянд, ки аз барои хӯрдан бошад”. Вожаи хурова дар “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” зикр нашудааст. Ин вожа дар бештари гӯишҳои ҷанубӣ маълум буда, аслан дар ҳамон маъное, ки фарҳангномаҳои пешин овардаанд, ба кор меравад. Вожаи хӯроба (xūrāba) дар қолаби xūr-āb-a (пасванд) бар вазни nūš-āb-a (нӯшоба)-оби ошомиданӣ, оби гуворо, маҷозан оби ҳаёт. Муқоиса шавад: дар ҳамин қолаб номи маъруфи Рӯдоба (رودابه).

Ҷузъи нахусти хӯроба (=хурова, хърова)-хӯр (خور) ба маънои хӯрдан буда, дар ҳамин қолаб нӯш (نوش) низ дар нӯшоба ба маънои “нӯшидан” ва “ошомидан” омадааст. Барои намуна: да ҷувор хърова ҳам нест. Оби хъровара қоқ накънен.

5. Тур ва тул (تور، تول) бинобар фарҳангномаҳои форсӣ (тоҷикӣ) ба рам ва ваҳшат низ ёд мешавад [3, 530, 535]. Бунёди ин вожа дар эронии бостон * tūra- “зуд, тунд, фаврӣ”, ҳиндии бостон tura- “зуд, тунд, фаврӣ”, авестоӣ tūra-, дар Авесто ҳамчун номи мардуми скиф бо доштани сифати āsuaspa – дорандаи аспони зуддав” [14, с.656; 18, с.195; 1, с.319]. Туридан (turidan), дар меъёри имлои адабӣ – туридан (= توريدن) – рамидан, ҳаросидан, ба як сӯ рафтан (Дар бораи шарҳи ин феъл дар забони форсии нав ниг.: Бурҳон, ҷ.1, 532). Дар осори форсии нав гунаи дигари овоии он, яъне тулидан (توليدن) низ якҷо бо туридан маълум аст. Дар гӯйишҳои ҷанубӣ феъли мазкур дар ҳамин як маънои ушьарак, аслан дар мавриди чаҳорпоён ва парандагони хонагӣ ва ваҳшӣ ба кор меравад. Дар маънои маҷоз ин феъл дар нисбати инсон низ метавонад истифода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки шакли тӯлидан, ки дар фарҳангҳои пешин аз он ёд мешавад, на дар лаҳҷаҳо ва на забони адабӣ ба кор намеравад. Ҳол он ки ин шакл мисли девор ва девол (табдили р ва л) гунаи туридан буда ва ҳамчун варианти он маънӣ мешавад. Дар лаҳҷаҳо феъли туридан дар шаклҳои каузатив (турондан, туронидан) ва феъли таркибии номии тур гирифтан низ ба кор бурда мешавад. Ин феъл дар чанд манбаи лаҳҷашиносӣ бо овардани намунаи мисолҳо зикр гардидааст [6, с.255; 9, с.700].

6. Мухидан// мъхидан – пинҳон шудан, дар забони форсӣ-тоҷикии классикӣ maxīdan. Бинобар фарҳангномаҳои пешин дар ин маъниҳо ба кор мерафтааст: хазидан, лағзидан, ҷунбидан, ҳаракат кардан, часбидан, нофармонӣ кардан ва оқу осӣ шудан [3]. Дар “Луғати фурс” (чопи Аббос Иқбол 1319, 114) maxīd (مخيد) (асоси замони гузаштаи феъли maxīdan), яъне biǰunbīd бо овардани шоҳид аз Абушакури Балхӣ маънӣ шудааст. Дар “Бурҳони қотеъ” аз шакли “маханда” (сифати феълӣ аз масдари махидан) ба маънои “ҷунбанда” ва “хазанда” низ ёд шудааст.

Феъли maxīdan бинобар “Луғатнома” (ҷ.13, 20513) дар ашъори чанд тан аз шуарои Хуросону Мовароуннаҳр, бавижа ҳавзаи забонии Балх, мисли Абӯшакури Балхӣ ва Носири Хусрав ба кор рафтааст ва беҳуда нест, ки ин феъл дар гӯйишҳои ҳамин ҳавзаи забони тоҷикӣ то ба имрӯз маҳфуз мондааст. Ҳамчунон ки мебинем, феъли мъхидан//мухидан имрӯз дар ин гӯйишҳо танҳо дар маънои “пинҳон шудан” ё “нопадид шудан” истифода мешавад. Феъли “мъхидан” дар шакли таркибии “мъх задан” бо феъли ёвари задан низ дар бештар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мавриди истифода мебошад. Феъли таркибии номии мъх задан муродифи шакли садаи мъхидан (мухидан) буда, аммо дар гуфтор бештар мутадовил гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки чун қоида ҳамаи феълҳои таркибии номӣ бар пояи феълҳои сода ҳамчун муродифи таркибии онҳо амал мекунанд ва бо мурури замон ҷойгузини шаклҳои сода мегарданд. Чунин равиши таърихӣ дар иртибот ба пайдоиши феълҳои таркибии номӣ аз забони форсии миёна оғоз гардида ва дар форсии нав тавсиаи бештар пайдо кардааст. Ҳамин равиши таърихӣ дар мисоли феъли мъх задан (= мъхидан) ва чандин намунаҳои дигар дар гӯйишҳо идома ёфтааст.

Дар забони омиёнаи дарии Афғонистон mux (مخ) – одами карахт ва беэътино, mux māndan (مخ ماندن) – сокит ва мутаҳайир шудан, mux-mux didan (مخ مخ دیدن) – ба тарафи касе дидан ва эътино накардан [Афғонинавис 1337, 531].

Вуҷуди чунин луғоти муштарак дар гӯйишҳои тоҷикӣ, бавижа гӯишҳои ҷанубӣ, ҷануби шарқӣ ва гӯйишҳои тоҷикии Бадахшон ва Афғонистон далели пайвандҳо ва робитаҳои таърихии онҳо дар масири таърих ба шумор меояд.

7. Ҳуч//уч – боло, ба боло; рост; ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибӣ бо феълҳои кардан ва истодан истифода мешавад. Феъли таркибии “ҳуч//уч кардан” дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, аз ҷумла гӯйишҳои Кӯлоб, ба маънои “бардоштан”, “боло кардан”, “боло намудан” ба кор меравад. Дар ҳама маврид маънои феъли таркибии “ҳуч//уч кардан” тибқи қоидаи маъмул ба ҷузъи номӣ, яъне вожаи “ҳуч//уч” бастагӣ дорад. Дар ФГҶЗТ [с.808] шоҳиде чанд аз гӯйишҳои ҷанубӣ дар шарҳи ин феъли таркибӣ оварда шудааст. Аммо дар ҳамин ҷо дар гурӯҳи вахиёӣ – раштӣ “ҳуч кардан” ҳамчун “баровардан” маънӣ шуда ва ин мисол ҳамчун шоҳид дарҷ гардидааст: “каҳо-ра бай руй бънг-а ҳуч кардем”. Дар ин намуна ҳадаф на баровардан, балки бардоштан (ҳуч кардан) аст. Дар гурӯҳи гӯйишҳои шимолии Кӯлоб, ҳамчунон ки таҳиягарони фарҳанг тазаккур медиҳанд, ҳуч истодан маънои рост истоданро дорад. Дар ин феъли таркибии номӣ ҷузъи “ҳуч” муродифи вожаи “чъхт//чухт”, яъне чъхт истодан =ҳуч истодан: ҳуч наест, биё ичa бъшӣн = чъхт наест, биё ичa бъшӣ, буда, феъли таркибии “ҳуч истодан (ба маънии рост истодан)” бори нахуст аз ҷониби Р.Л. Неменова бо овардани як шоҳид аз лаҳҷаҳои Кӯлоб зикр шудааст [6, с.167]. Ҳамин шоҳид (ҳуч мести пеши дар-да, йа чо-да бъши) дар ФГҶЗТ низ такрор шудааст. Феъли “ҳуч истодан” мисли феъли “ҳуч кардан” дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ аз феълҳои мутадовил ва фаъол маҳсуб мешавад.

Дар идома дар фарҳанг дар шарҳи вожаи ҳучпо дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ ба маънои “холӣ, бекор, фориғ” ҷойи суол мебошад. Чунки вожаи мураккаби ҳучпо дар гӯйишҳои ҷанубӣ бинобар муҳтавои ҳуч маънои “ба по хестан”, “сари по шудан”, “ба пойи худ роҳ рафтан”, яъне “бо по ҳуч истодан”-ро дорад ва он шоҳид, ки оварда шудааст, ба ҳамин маъно далолат мекунад.

Ҳуч дар маънои “боло” дар муқобили “паст” қарор дорад: ҳучу паст кардан, яъне болову поин кардан, бардоштан ва фаровардан.

Ҳуч (huč) бо h-и ғайри решавӣ ё этимологӣ дар оғози вожаи uč дар шакли huč дар пояи лаҳҷа шакл гирифтааст. Дар забони вахонӣ (w)uč “боло”< эронии бостон *usča, авестоӣ usča- “боло”, ҳиндии бостон ucca- “баланд, боло”. Дар мавриди этимологияи ин вожа ва корбурди он дар феъли uč kardan дар чанде аз гӯйишҳои тоҷикӣниг.: Стеблин – Каменский 1999, 392. Ҳамчунин дар мавриди huč, wuč, uč дар чанде аз гӯйишҳои тоҷикӣ ва забонҳои помирӣ дар феъли таркибии номии uč (huč, wuč) kardan муроҷиа шавад ба мақолаи И.М.Оранский [10, с.169-170].

Вожаи huč (هچ) ҳамчун луғати нодир дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ хеле дақиқ ташреҳ шудааст: “ҳус (هچ) – рост боз кардан бувад чизе (ро) чун алам ё найза ва монанди он: гӯянд “ҳуч кард” ва агар бар замин афканӣ рост биистад гӯянд “ҳуч кард” [4, с.149]. Ҳуч (هچ) бо вариант ҳуч (هج) дар нусхаҳои дигари «Луғати фурс» дар поварақи чопи Аббос Иқбол оварда шудааст. Дар ҳамин нашри “Луғати фурс” дар ҳошияи яке аз нусхаҳо дар охири “боб ул-чим” هج ин тавр маънӣ шудааст: هج – рост бувад, яъне ба пой карда [4, с.74].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ таркиби “ҳучу паст кардан” ба маънои “боло ва поин кардан” аз таркибҳои мустаъмал ба шумор меравад, ки таркиби зидмаъно ё антонимии дигари муродифи он “пасту баланд кардан” аст. Таркиби зидмаънои “ҳучъ паст” (=ҳучу паст) дар пояи лаҳҷа қолабрезӣ шуда, дар ин қолаб вожаи ҳуч ҳамчун унсури фаъоли луғавӣ дар баробари унсури дувум, яъне паст, қарор дорад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки аксари луғоти вижаи гӯйишҳои Кӯлоб реша дар забонҳои давраи миёна ва нави эронӣ доранд ва таҳқиқ дар ин замина аз асолати забонҳои эронӣ дар ин марзу бум аз рӯзгори пешин дарак медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. Т. III / В.И. Абаев. Наука. - Ленинград, 1979. - 358 с.
2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. Вып.2. - Сталинабад, 1958.
3. Бурҳони қотеъ. Таълифи Муҳаммад Ҳусайн бини Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон; бо эҳтимоми М.Муин, Ҷ.2, 3. - Теҳрон, 1342. -1923 с.
4. Капранов В.А. «Луғати фурс» Асади Туси и его место в истории таджикской (фарси) лексикографии / В.А. Капранов // Академии наук таджикской ССР. – Душанбе, 1964. – 213 с.
5. Лазар Ж. Общий язык иранских земель и его диалекты по текстам X-XI вв. н.э / Ж.Лазар // Народы Азии и Африки. История, экономика, культура. – 1961, №4. – 180 с.

6. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (фонетика, лексика) / Р.Л.Неменова, Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе, Дониш, 1980. – 328 с.
7. Розенфельд А.З. Говоры Каратегина / А.З.Розенфельд. – Сталинабад, 1960. – 107 с.
8. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А.З.Розенфельд. – Л., 1971. – 192 с.
9. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 946 с.
10. Оранский И.М. Indo-iranica. 1-4 / И.М. Оранский // Этимология 1974. – М., Наука, 1976. – С. 158-171.
11. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь ваханского языка / И.М. Стеблин -Каменский. – Санкт-Петербург, 1999. - 478 с.
12. Стеблин-Каменский И.М. Новые материалы по ваханской лексике / И.М. Стеблин-Каменский // Иранское языкознание. Ежегодник 1980. – М.: Наука, 1981. – С. 178-185.
13. Bahār M. Sabkšenāsi. J.1 / M.Bahār. – Tehran, 1375. – 467s.
14. Bartholomae Chr. Altiranisches Wörterbuch.-Strassburg / Chr.Bartholomae. -Berlin, 2-ed. 1961. 1904 p.
15. Henning W.B. Sogdian Loan-words in New Persian//BSOS / W.B. Henning, 1939. - C.93-106.
16. Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose Persane / G.Lazard. -Paris, 1963. -536 c.
17. MacKenzie D.N. A Concise Pahlavi Dictionary / D.N. MacKenzie. -London, 1971. -236 c.
18. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt.2 / H.S. Nyberg. -Wiesbaden, 1974. -284 c.
19. Compendium Liguarum Iranicarum. Edited bu R. Schmitt. – Wiesbaden, 1989; тарҷумаи форсӣ: «Раҳнамои забонҳои эронӣ». Ҷилди аввал. Зери назари Ҳасан Ризоии Боғбедӣ. – Теҳрон, 1382.-408 с.
20. Dehkhoda. Loghatnāme. J.10 Tehran / Dehkhoda. University Publication.-Tehran, 1998.-16125 pp.
21. Gerhevitch I.A Grammar of Manichean Sogdian / I.A Gerhevitch. -Oxford, 1954.
22. Gharib B. Farhang-e Sogdi / B.Gharib - Tehran: Farhang-ān, 1995.-517 p.

ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХӢ ВА ЛИНГВИСТИИ ЛУҒАТИ ВИЖАИ ГӮЙИШҲОИ КӮЛОБ

Дар мақолаи мазкур дар бораи як қатор вожа ва истилоҳоти куҳани порсии дарӣ, ки дар осори давраи аввал ба кор рафта, ҳамчун намунаи забони муштараки манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр шинохта шудаанд ва дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, ба вижа гӯйишҳои Кӯлоб мавриди истифода қарор доранд, маълумот дода шудааст. Инчунин оид ба корбурди вожаҳои куҳан ва вижагиҳои маъноии онҳо дар муқоиса ба забони классикӣ тавзеҳот дода шудааст. Дар рафти таҳқиқи масъалаи мазкур муайян гардид, ки дар гӯйишҳои Кӯлоб (гурӯҳҳои шимоли ҷанубӣ ва ғарбӣ) мисли гӯйишҳои дигари ҷанубӣ метавон луғоти дигареро низ пайдо кард, ки бо доштани вижагиҳои таърихии овоӣ ба мероси забони муштараки порсии дарӣ, забонҳои портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва забону лаҳҷаҳои дигари ин манотиқ шабоҳат доранд. Бинобар ин, муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки вижагиҳои гӯйиши осори садаҳои X-XI дар сарзамини Мовароуннаҳр аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанез дар он даврон дар ин манотиқ лаҳҷаҳои тоҷикӣ шакл гирифта будаанд. Ба назари мо, луғати куҳани маҳфуз дар гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб бояд бо истифода аз манобеи хаттӣ, фарҳангномаҳои классикӣ ва ҷалби осори забонҳои ғарбӣ ва шарқии эронии бостон ва миёна мавриди таҳлилу таҳқиқи лингвистӣ қарор дода шавад. Чунин шеваи таҳқиқ дар шинохти ин бахши муҳимми луғати лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ ва мақоми онҳо дар ташаккули забони тоҷикӣ дар ин ҳавзаи таърихии рушди забон дорои арзиши лингвистӣ ва экстралингвистӣ мебошад.

Калидвожаҳо: вожа, забони классикӣ, таҳлили лингвистӣ, шаклҳои таърихӣ, вижагиҳои овоӣ, забони порсии дарӣ, забонҳои суғдию бохтарӣ.

ИСТОРИЧЕСКИЙ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СПЕЦИФИЧЕСКИХ СЛОВ КУЛЯБСКОГО ДИАЛЕКТА

В данной статье выяснены особенности некоторых древних слов и терминов персидского языка, которые были употреблены в произведениях первых периодов и признаны в качестве примеров, совместного языка регионов Хорасана и Мавераннахра и по сей день используются в южном диалекте таджикского языка, особенно в Кулябском диалекте. В статье также раскрываются использование древних слов и их специфические значения, по сравнению с классическим языком. В ходе анализа данного вопроса было выявлено, что в Кулябском диалекте (северо-южных и западных групп), как и в других диалектах юга страны можно найти и другие слова, которые со своими специфическими чертами исторической фонетики совпадают с совместными языками: персидско-дари, портский, бактрийский, согдийский и другими диалектами региона. Поэтому исследователи убеждены в том, что диалектическая специфика произведений 10-11 вв. на территории Мавераннахра подтверждает данные о формировании таджикских диалектов в этом регионе. С нашей точки зрения, следует произвести лингвистический анализ древних слов Кулябкого региона с письменными источниками классических словарей и привлечь к этому рассмотрению произведения западных и восточных древних иранских языков. Такой способ анализа имеет ценное лингвистическое и экстралингвистическое значение в познании этой важной части диалектных слов и их роли в развитии таджикского языка в определенный исторический период.

Калидвожаҳо: слово, классический язык, лингвистический анализ, исторические формы, фонетические особенности, персидско-дарийский язык, согдийский и бактрийский язык.

HISTORICAL AND LINGUISTICALLY RESEARCH OF SPECIAL VOCABULARIES OF KULOB DIALECTS

This article informs us about a number of words and ancient terms of Old Persian language which were used in the first period of the classical literary works. They are known as the sample of joint language being spoken in Khurasan and Maverannahr regions and are generally used in southern dialects of Tajik language, particularly in Kulob dialects. Explanation is also given on old words usage and their features in comparison with classical languages. While researching it became clear various vocabularies having historical phonetically characteristics can be found in Kulob (northern, southern and western groups) as well as in other southern dialects that resemble the heritage of Old Persian, Bactrian, Sagdian and other languages of this region. For this reason researchers think the dialectic features of X-XI centuries' works compiled in M refer to the fact that different dialects of Tajik language had already been shaped at the time in this region. In our view the ancient vocabulary preserved in dialects of Kulab

region should be linguistically analyzed taking into account the written sources, classical dictionaries, works of ancient Iran's southern and eastern languages. Such type of research is of great linguistically and extralinguistical significance in recognition of important vocabulary section of the dialects and their role in the rise of Tajik language.

Key words: word, classical language, linguistic analyzes, historical forms, phonetically features, Old Persian language, Sagdian and Bactrian languages.

Сведения об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК: 491.550-3:2+891.550

ЛЕКСИКАИ ДИНИИ ИФОДАКУНАНДАИ ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ИСЛОМ ВА НОМУ СИФАТҲОИ ХУДОВАНД ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лексикаи динӣ ҳамон қисми таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он мазмуну маъноҳои мухталифи динӣ ифода меёбанд. Чунонки маълум аст, забони арабӣ дар байни мардуми аз тарафи арабҳо истилогардида, бахусус дар байни мардуми Мовароуннаҳру Хуросон бештар ба шарофати забони дини Ислом буданаш нуфуз ёфт. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон фасоҳати забони Қуръон ва ғановати луғавии забони арабиро яке аз сабабҳои таъсири он ба забонҳои мардуми халқҳои Шарқи мусулмон арзёбӣ мекунанд [2, с.76]. Аз ин рӯ, дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс таъсири забони арабӣ ва таъсири Қуръон ниҳоят назаррас мебошад.

«Нафаҳотулунс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҳаёту рӯзгори сӯфиёну орифон нақл мекунаду дар таърихи тасаввуфи исломӣ яке аз манбаъҳои муътамаду муътабар шинохта шудааст. Нақши асари мазкур дар баёни аҳволу осори аҳли тасаввуф ниҳоят калон буда, аз он дар бораи бештар аз 600 нафар бузургони аҳли тасаввуф ва зиндагиву рӯзгори эшон маълумоти муфид пайдо кардан мумкин аст. Боб ё равзаи нахустини «Баҳористон» низ ба зиндагиву рӯзгори *«дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят»* (таъбири нависанда) бахшида шудааст. Яке аз сарчашмаҳои асосии тасаввуф дини Ислом мебошад [4]. Аз ин рӯ, як гурӯҳи калони таркиби луғавии ин асарҳоро калимаҳои динӣ ташкил медиҳанд.

Аслан, лексикаи динӣ ва ирфониро якҷоя баррасӣ намудан ҳам мумкин аст, аммо бо мақсади равшану возеҳтар ошкор сохтани ин гурӯҳи калимаҳо мо ҷудо намуданро ба ин ду қисмат авлотар донистем. Лексикаи динӣ нисбат ба истилоҳоти орифона хусусияти оммафаҳмии бештар дорад, истилоҳоти ирфонӣ бошанд, аз чунин хусусият маҳруманд.

Калимаҳое, ки ба истилоҳоти динӣ нисбат дода мешаванд, ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни динӣ мебошанд, ки дар байни онҳо боз гурӯҳҳои зиёдро фарқ кардан мумкин аст. Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, танҳо дар бораи ду категорияи истилоҳоти динӣ дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ – дар бораи вожаҳои ифодакунандаи принсипҳои асосӣ ва умдаи Ислом ва калимаву таъбироти ифодакунандаи ному сифатҳои Худованд сухан ронем.

1. Калимаҳое, ки принсипҳои асосӣ ва умдаи Исломро ифода менамоянд:

Ислом – номи дини яккахудоӣ, ки сарчашмаҳои он ба даврaҳои ниҳоят қадим мерасад. Ин дин дар шакли ниҳоӣ ва комил дар вазъу хитобаҳои паёмбар Муҳаммад (с), ки дар шакли ваҳй ба ӯ мерасиданд, пешниҳод гардидааст. Маънои вожаи ***Ислом*** *«худро ба Худо таслим кардан, фармонбардорӣ ва итоаткорӣ ба худо мебошад»*. Ба ҳамин маъно Ислом динест, ки тамоми паёмбарони Худо ва пайравони онҳо ба он эътиқод доштанд. Боз як маънои дигари Ислом, ки аз решаи سلم гирифта шудааст, дар калимаи ***салом*** سلامифода меёбад, ки маънои *«сулҳ»*-ро дорад. Шахсоне, ки ба Худо мутеъ гардидаанд, муслим (мусалмон) номида мешаванд. Мусалмонҳо вазифадоранд, ки байни ҳам, дар ҷамъият ва бо олами атроф дӯстона зиндагӣ намоянд, бо тамоми қувва ба сулҳу осоиш кӯшиш намоянд ва сулҳу осоиш хоҳанд [1, с. 290].

Ҷунайд гуфт: Соате сар дар пеш афкандам, пас сар баровардам ва гуфтам: ***Ислом*** *овар, ки вақти* ***исломи*** *ту расидааст* [10, с.120].

Шариат – маънои *«роҳи рост ва дуруст»*-ро дорад. Ҳамчун истилоҳ маҷмӯи амру фармон ва ҳукмҳои Худованд ва корҳои аз тарафи Худованд манъгардидаро ифода менамояд, ки бар оятҳои Қуръон ва Суннати паёмбар ҳамчун Қонуни илоҳӣ асос ёфтаанду ба фаъолияти амалии мусалмонон ҳамчун нишондоди динӣ ва умуман дин тааллуқ доранд. Шариат аз тарафи Худованд асос ёфта, тавассути ваҳйи паёмбар Муҳаммад (с) (ҳамчунин ба баъзе паёмбарони қаблӣ) ба дин ирсол гардидааст. Муассиси бавоситаи шариат паёмбар мебошад, ки амру фармонҳои аз тарафи Аллоҳ писандидаро ба мардум мерасонд. Агар ӯ дар ягон чиз хато мекард, Аллоҳ фавран тавассути ваҳй ӯро ислоҳ менамуд. Қуръон, Суннат, Иҷмоъ ва Қиёс сарчашмаҳои шариати Ислом ба ҳисоб мераванд [1, с.849-851]:

Маломат на он бувад, ки касе ба беҳурматии ***шариат*** *коре кунад, то ӯро маломат кунанд* [10, с.95].

Вожаҳои ***«шаръ»*** ва ***«ташриъ»*** низ синоними ***шариат*** мебошанд, ки на танҳо нисбат ба арзишҳои исломӣ, балки умуман нисбат ба қонуни аз замонҳои қадимтарин маълум истифода мешаванд. Боз як муродифи ***шариат*** вожаи ***«ширъа»*** мебошад, ки маънои *«роҳ, мазҳаб, тарз, усул, анъана»*-ро дорад [1, с.849-850]. Аз байни синонимҳои ***шариат*** дар насри Ҷомӣ танҳо ***шаръ*** ба назар мерасад:

…аксари эшон аз рабқаи дину Ислом хориҷ будаанд ва доираи ибоҳату таҳовун ба ***шаръу*** *суннат дохил* [8, с.728].

2. Калимаҳое, ки ному сифатҳои Худовандро дар дини Ислом ифода мекунанд:

Аллоҳ (الله) – офаранда ва идоракунандаи тамоми мавҷудоти олами ҳастӣ. Ба ҷуз Ӯ каси дигар чунин сифатҳоро надорад. Мавҷуд будани Аллоҳ барои олам зарур ва мавҷуд набудани Ӯ ғайриимкон аст. Ӯ бениёз аст, назир надорад ва ягонагии мутлақи Ӯ дар ҳамин ифода меёбад. ***Аллоҳ*** исми хоссе мебошад, ки бо ***Худои барҳақ, Холиқ, Офаридагор*** ва ***Худованд***и тамоми мавҷудот, ки дорандаи тамоми исму сифатҳои олӣ, Ягона ва Беназир мебошад, мувофиқат мекунад. Исми ***Аллоҳ*** аз артикли муайянии ***«Ал»*** (ال) ва калимаи ***«Илоҳ»*** (إله), сохта шудааст, ки маънои *«оне ки ба ӯ ибодат мекунанд, қобили ибодату парастиш»*-ро дорад. Артикли ***«Ал»*** (ال) Ягонагии Худои барҳақи қобили ибодату парастишро ифода менамояд. Вожаи ***Аллоҳ*** ба мисли дигар исмҳои арабӣ шакли ҷамъ надорад ва ҳамеша дар шакли танҳо ба кор бурда мешавад. ***Аллоҳ*** бо номҳои мухталиф ёд мешавад ва ин номҳо танҳо ба Ӯ тааллуқ доранд. ***Аллоҳ*** ҷовид аст ва аввалу охир надорад. Дарку фаҳми Ӯ бо шуури инсон имконнопазир мебошад. Бо вуҷуди ин, баъзе сифатҳои атрибутивии Ӯро дастгоҳи дарку фаҳми инсон тақрибан қобилияти тасаввур кардан дорад. Масалан, дар бораи мавҷуд будан ё ғояти камоли Ӯ сухан рондан мумкин аст. Дар анъанаи исломӣ мафҳуми номҳои атрибутивии Аллоҳ вуҷуд дорад. Тамоми ин номҳо сифатҳои Аллоҳро, ки мавҷудияти Ӯро дар олами офарида ифода менамоянд, баён медоранд, яъне сарфи назар аз он ки номҳои Аллоҳ зиёданд, ҳамаи ин номҳо танҳо ба Ӯ тааллуқ доранд. Онҳоро ба сифати мавҷудоту махлуқот монанд кардан мумкин нест. Дар ин бора чунин ҳадиси паёмбар Муҳаммад (с) мавҷуд аст: *«Аллоҳ наваду нуҳ, як кам сад ном дорад. Ҳар касе, ки ин номҳоро як-як бармешуморад, ба биҳишт медарояд».* ***Ар-Раб(б)*** *(Парвардигор),* ***Ар-Раҳмон*** *(Бахшоянда),* ***Ар-Рахим*** *(Меҳрубон),* ***Ал-Ҳай(й)*** *(Абадзинда),* ***Ал-Аҳад*** *(Ягона)* ва ғайра аз ҷумлаи номҳои Аллоҳ мебошанд, ки дар Қуръон оварда шудаанд ва ин номҳоро ***«Асмо-ул-ҳусно»*** *(«номҳои беҳтарин, номҳои зеботарин»)* меноманд. Вале номҳои Аллоҳ ба наваду нуҳ маҳдуд намешаванд, зеро Аллоҳ боз номҳое дорад, ки дар Қуръону Ҳадис оварда нашудаанд [1, с.53-61].

Дар асарҳои Ҷомӣ исми ***Аллоҳ*** ҳамеша бо яке аз сифатҳое, ки хосси Худованд мебошанд, истеъмол мегардад. Ба монанди ***Аллоҳ таоло***:

Аллоҳ таоло *худ маро ба он наёзмуд* [12, с.178]; *Шайхулислом гуфт, ки аз қурби* ***Аллоҳ таоло*** *ба худ андешидан ҳайрат аст ва наяндешидан ҷиноят* [10, с.156].

Сифати ***таоло***, ки дар мисолҳои боло кор фармуда шудааст, маънои *«аз ҳама баланд, муқтадиру волост, аз ҳама бартар аст»*-ро дорад ва пас аз номҳои ***Аллоҳ, Худо, Худованд*** ба кор бурда мешавад [3, с.536; 7, с.325; 11, с.246]. Сифати ***таоло*** дар насри Ҷомӣ беш аз 100 маротиба ҳамчун муайянкунандаи исми ***Аллоҳ***, бештар аз 180 маротиба ҳамчун муайянкунандаи исми ***Худо*** ва ҳамагӣ 11 маротиба бо исми ***Худованд*** кор фармуда шудааст:

…Рӯзе миёни Абуладён ва миёни маҷусе сухан мегузашт. Абуладён гуфт, ки оташ ба изни ***Худои таоло*** *кор мекунад ва маҷусӣ гуфт:*

– На чунин аст, ки ба табъи худ кор мекунад… [12, с.225]; *Ба даргоҳи* ***Худованди таоло*** *бинолид* [10, с.464].

Аз ин бармеояд, ки калимаҳои тоҷикии ***Худо*** ва ***Худованд*** ҳанӯз дар замони зиндагии нависанда нисбат ба вожаи арабии ***Аллоҳ*** серистеъмол будаанд. Шояд ин калимаҳо дар

даврањои аввали пањн гардидани Ислом ҳамчун истилоҳи динӣ ташаккул ёфта, ба дини нав мутобиқ гардида бошанд.

Аз байни номҳои Худованд пас аз вожаи ***Аллоҳ*** дар насри Ҷомӣ вожаи ***Ҳақ*** ниҳоят серистеъмол аст. ***Ҳақ*** ё ***Ал-Ҳақ*** низ яке аз 99 номи Худованд мебошад, ки дар Қуръон зикр гардидааст. Ин вожа дар моддаи *«Асмо-ул-ҳусно»*-и «Исламский энциклопедический словарь» дар зери рақами 53 ҷой дода шудааст [1, с.75]. Шояд сабаби дар насри Ҷомӣ серистеъмол будани вожаи ***Ҳақ*** ба тасаввуф иртибот дошта бошад, зеро он яке аз истилоҳҳои асосии тасаввуф буда, дар ашъори тасаввуфӣ ниҳоят серистеъмол аст. Дар тасаввуф ибораҳои рехтаи ***«ба ҳақ расидан, дил ба ҳақ овардан»*** ва ғайра ниҳоят зиёд ба назар мерасанд. Дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ вожаи ***Ҳақ*** ба танҳоӣ ҳамагӣ 6 маротиба ба назар расад ҳам, вале он бо калимаи нидоии ***субҳонаҳу*** ва сифати ***таоло*** ниҳоят серистеъмол аст. Умуман, бо чунин нидо ва сифатҳо якҷоя истеъмол шудани вожаҳои ***Аллоҳ, Худо, Худованд, Ҳақ*** нишони эҳтироми баланд ба Худованди ягона мебошад. ***Ҳақ, субҳонаҳу*** маънои *«мадҳу сано ба Худо»*-ро дошта, ***Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло*** ба маънои *«мадҳу сано ба Худои муқтадиру тавоно»* аст:

Ва чун аз иноятиҲақ, субҳонаҳу, фарду муҷаррад шавам ва олами таҷриду тафрид рӯй намояд, он тааллуқ низ аз они шумо ҳоҳад шуд [12, с.464]; *Ҳар ки вайро бидидӣ, пиндоштӣ, ки чаҳордаҳсола аст ва вайро бо ҳазрати **ҳақ субҳонаҳу Таоло** ҳоле аҷаб буд* [12, с. 628].

Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ феъли содаи ***намудан*** ба маъное, ки дар мисоли боло кор фармуда шудааст, қариб аз истеъмол баромада, ҷойи онро феъли таркибии номии ***нишон додан*** гирифтааст, вале маълум мешавад, ки дар забони адабиёти классикӣ ин феъл ниҳоят серистеъмол будааст: ***рӯй намудан*** [12, с.464] – ***рӯй нишон додан.***

Дигар сифате, ки ба Худованд нисбат дода мешавад, ***таборак*** мебошад. Ин вожа аслан феъли навъи шашуми забони арабӣ تَبَارَكَ буда, маънояш *«шоистаи мадҳу ситоиши ниҳоят зиёд будан аст»* [3, с.67]. Ояти якуми сураи 67-уми Қуръони Маҷид – سُوْرَةُ الْمُلْكِ (Сураи мулк) бо он сар мешавад: تَبَارَكَ الَّذِى بِيَدِهِ الْمُلْكُ وَ هُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ (Шоистаи мадҳу ситоиши ниҳоят зиёд аст Оне, ки тамоми мулки дунё дар дасти Ӯст ва Ӯ ба тамоми чиз қодир аст) [5, с.581-582]. Пас, вожаи ***таборак*** ҳамчун сифати Худованд низ маънои *«шоистаи мадҳу ситоиши ниҳоят зиёд, пок, ниҳоят бобаракат, фаровонидиҳанда»*-ро дорад [3, с.67; 7, с.295; 11, с.218]. Ин сифат дар «Нафаҳот-ул-унс» ҳамагӣ як маротиба якҷоя бо сифати ***таоло*** кор фармуда шудааст:

*Пас ба дилаш бигзашт, ки оё Худованди **таборак** ва **таоло**ро имрӯз дар замин ҳеҷ бандае аст бузургвортар аз ин ҳар ду шахс* [12, с.313].

Сифатҳои ***ҳозир ва нозир*** низ ба Худованд нисбат дода шудаанд: ***ҳозир*** ба маънои *«Худованде, ки дар ҳама ҷо мавҷуд аст»* ва ***нозир*** ба маънои *«Худованде, ки ҳамаро мебинад ва назорат мекунад»*:

*Дил кай хуш бувад, ки Ӯ **нозир** бувад, кай хуш бувад, ки Ӯ **ҳозир** бувад* [12, с.178].

Сифатҳои дигари Худованд, ки дар насри Ҷомӣ ба назар мерасанд, ***азза ва ҷалла*** мебошанд. Ин сифатҳо низ аз феълҳои музоафи عَزَّ ва جَلَّ гирифта шудаанд. Феъли عَزَّ ба маънои *«пурзӯр будан, муқтадир будан, тавоно будан, қудратманд будан, пуршараф будан»* [3, с.512] ва феъли جَلَّ ба маънои *«бузург будан, соҳибҷалол будан, пуриқтидор будан»* меояд [3, с.132]. Ҳамчун сифати Худованд низ ***азза ва ҷалла*** маънои *«муқтадиру қудратманд ва соҳибҷалолу пуршараф»*-ро ифода менамоянд:

*Ва агар мурод аз вилоят он аст, ки ман медонаму авлиёи Худованди **азза ва ҷалла** медонанд, фардо бо эшон намоям, ки кори вилоят чист ва чун аст!* [12, с.332].

Феъли ***намудан*** ба маънои боло имрӯз дар истеъмол набуда, ҷойи онро феъли таркибии ***нишон додан*** гирифтааст. *«Ман ба ту нишон медиҳам»* ё *«онаи зоратро нишон медиҳам»,* имрӯз дар забони мардум ниҳоят серистеъмол аст, вале касе *«ман ба ту менамоям»* ё *«онаи зоратро менамоям»* намегӯяд.

Чунонки аз мушоҳидаҳо бармеояд, Ҷомӣ дар ҳангоми зикри номҳои Худованд агар бештар калимаҳои тоҷикии Худо, Худованд ва арабии Аллоҳро ба кор барад, ҳангоми зикри сифатҳои Худованд асосан калимаҳои арабиро истифода мебарад. Ин гувоҳи ду далел аст: яке он, ки худи Ҷомӣ дар тариқате аз тасаввуф қарор дорад ва эътиқоди ӯ сабаби эҳтироми ному сифатҳои Худованд аст, дигар ин ки услуб, мавзӯъ ва мундариҷаи асар инро тақозо мекунад. Ба андешаи мо, таъсири услуби асар ба ин чиз бештар аст, зеро Ҷомӣ дар осори назмии худ калимаҳои тоҷикии ***«Худо(й), Худованд»***-ро бидуни зикри сифатҳо ниҳоят зиёд истифода мекунад:

Худой *хайр диҳад он ҷавони раъноро,*
Ки вораҳонд зи пиронасар зи мо моро [8, с.112].

Ё ин ки:

Ба каф з-Исҳоқ будаш як камарбанд,
*Ба хидмат суд дар роҳи **Худованд** [9, с.155-156].*

Хулоса, дар байни истилоҳоти динии насри бадеии Ҷомӣ калимаҳои ифодакунандаи принсипҳои асосӣ ва умдаи Ислом ва вожаҳое, ки ному сифатҳои Худовандро ифода менамоянд, мавқеи хос доранд. Агар калимаҳои ифодакунандаи принсипҳои асосӣ ва умдаи Ислом баёнгари паҳлуҳои мухталифи дини мубини Ислом ва шариати он бошанд, ному сифатҳои Худованд баёнгари эҳтиромии баланди нависанда нисбат ба офаридгори ягонаи оламу одам мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь. – М.: Ансор, 2007. – 922 с.
2. Аль-Кадими, Махмуд Гази Чаллюб. Арабские заимствования в русском языке // Вестник Воронежского государственного университета. Серия лингвистика и межкультурная коммуникация. – Воронеж, 2010. – № 1. – С. 75-77.
3. Баранов, Х. К. Арабско-русский словарь / Х. К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
4. Зарринкӯб, А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Душанбе, 1992. – 397 с.
5. Коран. Перевод смыслов и коментарии Иман В. Пороховой. – Дамаск: Центр Ал-ь-Фуркан, 1420 по Хиджра. Изд. четвертое. – 800 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. –М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
8. 8 Ҷомӣ, Нуриддин Абдурраҳмон. Фотиҳатушшубоб. Девони аввал // Осор. – Душанбе: Адиб, 1986. – Ҷ.1. – 560 с.
9. Ҷомӣ, Нуриддин Абдурраҳмон. Юсуф ва Зулайхо // Осор. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4. – 384 с.
10. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс; таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
11. Moshiri, Doktor Mahshed. Farhangi fishurdai zaboni forsi– Tehron: Nashr-al-Burz, 1371. – 1056 s.
12. Nafahot-al-uns min hazarot al-quds; ta'lifi Nur-ad-din Abdurahmoni Jomi. Muqaddima, tashih va ta'liqoti doktor Muhammad Ibodi. -Tehron, 1370. – 1214 s.

ЛЕКСИКАИ ДИНИИ ИФОДАКУНАНДАИ ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ИСЛОМ ВА НОМУ СИФАТҲОИ ХУДОВАНД ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Дар мақола лексикаи динии насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки ифодакунандаи принсипҳои асосии Ислом ва ному сифатҳои Худованд мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Таъкид мегардад, ки дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс таъсири забони арабӣ ва таъсири Қуръон ниҳоят назаррас мебошад. Асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ, махсусан «Нафаҳотулунс» ва «Баҳористон» низ аз ин истисно нестанд ва як гурӯҳи калони таркиби луғавии ин асарҳоро калимаҳои динӣ ташкил медиҳанд. Калимаҳое, ки ба истилоҳоти динӣ нисбат дода мешаванд, ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни динӣ мебошанд, ки дар байни онҳо боз гурӯҳҳои зиёдро фарқ кардан мумкин аст. Баъдан муаллиф дар истинод ба фарҳангу луғатҳо вожаҳои ифодакунандаи принсипҳои асосиву умдаи Ислом ва ному сифатҳои Худовандро, ки дар насри бадеии Ҷомӣ истифода гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Зимни таҳлили ному сифатҳои Худованд, таъкид карда мешавад, ки нависанда дар баробари калимаи арабии Аллоҳ вожаҳои Худо ва Худовандро низ зиёд истеъмол мекунад, ки ин баёнгари ба дини Ислом мувофиқ шудани калимаҳои тоҷикӣ мебошад. Чунин калимаҳои тоҷикӣ эҳтимол ҳанӯз дар даврaҳои аввали паҳн гардидани Ислом ҳамчун истилоҳи динӣ ташаккул ёфта, ба дини нав мутобиқ гардида бошанд. Дар охир муаллиф чунин натиҷагирӣ менамояд, ки Ҷомӣ дар ҳангоми зикри номҳои Худованд агар бештар калимаҳои тоҷикии Худо, Худованд ва арабии Аллоҳро ба кор барад, ҳангоми зикри сифатҳои Худованд асосан калимаҳои арабиро истифода мебарад ва сабаби ин, аввалан, ба эътиқоди нависанда ва, сониян, ба услуби асарҳои насрии Ҷомӣ марбут дониста мешавад.

Калидвожа: калима, истилоҳ, дин, Аллоҳ, лексикаи динӣ, Ислом, шариат, мусалмон, Қуръон, ҳадис, тасаввуф, сифат, услуб, мундариҷа, асар.

РЕЛИГИОЗНАЯ ЛЕКСИКА, ВЫРАЖАЮЩАЯ ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ ИСЛАМА, ЭПИТЕТЫ И КАЧЕСТВА БОГА В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ ДЖАМИ

В статье рассматривается религиозная лексика художественной прозы Абдурахмона Джами, выражающая основные принципы Ислама, эпитеты и качества Бога. Подчёркивается, что в произведениях классиков таджикско-персидской литературы весьма ощутимо влияние арабского языка и влияние Корана. Художественные произведения, в особенности "Нафахот-ул-унс" и "Бахористон", – не исключение и содержат огромное количество религиозной лексики. Лексика, приписываемая к религиозным терминам, означает различные религиозные понятия, среди которых можно различить множество групп. Кроме того, автор, опираясь на толковые словари, анализирует лексику, отражающую важнейшие принципы Ислама и эпитеты и качества Бога, использованную в художественной прозе Джами. В ходе анализа эпитетов и качеств Бога подчёркивается, что писатель, наряду со словом Аллах, очень часто применяет слова Худо и Худованд, что свидетельствует о соответствии таджикской лексики Канонам Ислама. Подобная таджикская лексика, вероятно, ещё в начале распространения Ислама сформировалась и устоялась, как религиозная терминология и приспособилась к новой религии. В итоге автор приходит к выводу, что если Джами при употреблениии эпитетов Бога больше всего использует таджикские Худо, Худованд и арабское Аллах, то при описании Божественных качеств употребляет в основном арабские слова. Причину этого автор видит, прежде всего, в приверженности писателя, принципами Ислама, во-вторых, в стиле прозаических произведений Джами.

Ключевые слова: слово, термин, религия, Аллах, религиозная лексика, Ислам, шариат, мусульманин, Коран, хадис, суфизм, качество, стиль, содержание, произведение.

RELIGIOUS VOCABULARY THAT EXPRESSES THE BASIC PRINCIPLES OF ISLAM, THE EPITHETS AND ATTRIBUTES OF GOD IN PROSE JAMI

The article deals with the religious vocabulary of the artistic prose of Abdurahmon Jami, expressing the basic principles of Islam, epithets and qualities of God. It is emphasized that in the works of the classics of Tajik-Persian literature is very noticeable influence of the Arabic language and the influence of the Koran. Art proizvedeniia, especially the "Nafahat-ul-uns" and "Bahoriston" – is no exception and contain a great number of religious terminology. The vocabulary attributed to religious terms means different religious concepts, among which many groups can be distinguished. In addition, the author based on explanatory dictionaries, analyzes the vocabulary that reflects the most important principles of Islam and the epithets and qualities of God used in the artistic prose of Jami. The analysis of the epithets and attributes of God emphasized that the writer along with the word Allah very often uses the words Evil and Hudovand that evidence of conformity with Tajik vocabulary to the Canons of Islam. Such Tajik vocabulary, probably at the beginning of the spread of Islam, was formed and established as religious terminology and adapted to the new religion. In the end, the author comes to the conclusion that if Jami if upotreblenii of the epithets of the God is using Tajik Evil, Hudovand and Arabic Allah, in describing the Divine qualities uses mostly Arabic words. The author sees the reason for this, first of all, in the writer's commitment, and secondly, in the style of Jami's prose works.

Key words: word, term, religion, Allah, religious vocabulary, Islam, Sharia, Muslim, Quran, hadith, Sufism, quality, style, content, work.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru** .Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 491.550-54

АСРОРИ ҶИНСИЯТИ ДАСТУРӢ (ГРАММАТИКӢ)

Муродзода Мукаррама
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар маҷмӯаи «Сефея» оварда шудааст: «Забоншиносони мо ба иштибоҳи ҷиддӣ роҳ доданд, вақте ки онҳо калимаҳои меҳрубонӣ, латофат ва нармдилиро ба ҷинси занона ва калимаҳои ифодагари қаҳр, ғазаб, девонагӣ ва монанди инҳоро ба ҷинси мардона ва миёна нисбат додаанд».

Суханони боло мумкин ҳазл ё як навъ шӯхӣ намоянд, аммо, дар ҳақиқат, ҷолиб аст, ки чаро баъзе калимаҳо, масалан дар забони русӣ, мардонаанду дигар калимаҳо ба гурӯҳи занона ва ё миёна тааллуқ доранд. Ё барои чӣ дар баъзе забонҳо (забони франсавӣ) ду ҷинс бо аломатҳои дастуриашон мавҷуданд, аммо дар дигар забонҳо (*мас*. тоҷикӣ) ҷинсияти грамматикӣ дар асл вуҷуд надорад.

Аз ин гуфтаҳо масъалаҳои баҳсноки зиёде пайдо мешаванд, ки нақши ҷинсияти грамматикӣ дар забон яке аз онҳост. Яъне барои соҳибони худ кадом навъи забон муносиб ва бароҳаттар аст: забонҳое, ки категорияи ҷинсиятро соҳибанд ва ё забонҳое, ки аз ин категория маҳруманд?

Ба назар чунин менамояд, ки таҳти зовияи ин қазия, забонҳои гурӯҳи аввал комилтар ва беҳтаранд, зеро дар ҷумла, пеш аз ҳама, мард ё зан будани оне, ки дар борааш сухан меравад ва ҳатто бо ҷонишин ифода шудааст, маълум мегардад. Барои мисол дар ҷумлаи русии «Она пришла» на танҳо ҷонишини «она», балки феъли «пришла» ҳам ҷинсияти занонаро далолат мекунад, дар ҳолате ки дар тарҷумаи тоҷикии ин ҷумла «Вай омад» кадом ҷинс будани соҳиби амал ҳамоно номаълум боқӣ мемонад. Нақши категорияи ҷинсият дар мутолиаи асари бадеӣ ё шеър назаррастар аст. Таваҷҷуҳ шавад:

– Да! Я была ребёнком, но всё помню. Он уехал и бросил нас [2, с.77]. Дар ин мисол мушаххас аст, ки духтар дар бораи падараш суҳбат мекунад ва хонанда мутолиаи давоми маводи хондашударо баъди чанд вақт агар аз ин сатр оғоз кунад, бе душворӣ мефаҳмад, ки ин суханонро кадоме аз қаҳрамонони асар мегӯяд.

Инак, тарҷумаи тоҷикии ҷумлаҳои мазкурро аз назар мегузаронем:

– Бале! Ман кӯдак будам, аммо ҳама чиро дар хотир дорам. Ӯ моро партофта рафта буд. Хонандаи асар барои ба хотир овардани соҳиби нутқ маҷбур аст, ки ба сатрҳои пешин муроҷиат кунад. Маълум аст, ки ягон овозхони русзабони мардина суруде ба монанди «Я гуляла по полянку»-ро намехонад, аммо овозхони тоҷик – чи марду чи зан «Дар гулзоре сайр кардам»-ро бо камоли майл месарояд ва ин дуруст ҳам мебошад. Ба

истиснои сурудҳое, ки сирф занона ва ё мардонаанд, дар ин ҳолат ҳофиз бояд маъноияшро дарк карда, онро вобаста ба ҷинсияташ интихоб кунад. Масалан, як ҳофизи ҷавонмарди тоҷик чунин суруде, ки як хонуми афғон месарояд, мехонад:

Кам биё кам-кам, кам биё думболи ман...
Агар мехоҳӣ маро, ба хостгорим биё.

Дуруст аст, ки ин, пеш аз ҳама, ба фаросату дарккунии ҳунарпеша вобастагӣ дорад (ба хостгории домод рафтан!), аммо, боварӣ аст, ки чун забони русӣ категорияи ҷинсият дорад ва он нишонаҳои мушаххаси грамматикӣ дорад, ҳеҷ як ҳунарманди русзабон, маъниро дарк накунад ҳам, ба чунин иштибоҳи нораво роҳ намедиҳад.

Ба ҳамин мисолҳо монанд далелҳои зиёдеро метавон оварда, ки бартарияти забонҳои категорияи ҷинсиятдоштаро аз забонҳои муқобил исбот созанд. Аммо ин ҳама маънои онро надорад, ки забонҳои категорияи ҷинсиятдошта аз мушкилот орианд. Баъзе далелҳоеро, ки мо аз нигоштаҳои забоншиносони хориҷӣ робита ба масъалаи мазкур дар зер меорем, мумкин аст, яке аз сабабҳои аз байн рафтани категорияи ҷинсият дар забонҳои форсии тоҷикӣ гардида бошанд. Маълум аст, ки дар гурӯҳи забонҳои эронӣ то аҳди форсии миёна категорияи грамматикии ҷинсият вуҷуд доштааст, ки исботи ин қазия мавҷудияти ин категория дар баъзе аз забонҳои помирӣ шуда метавонад. Масалан, дар забони шуғнонӣ ду ҷинс – мардона ва занона аломатҳои дастурии ба худ хосро соҳибанд, ки дар исм, ҷонишин, феъл ва гоҳо дар сифатҳо ҳам ба назар мерасанд. Аммо мавзӯи баҳси мо мушкилоте мебошад, ки забонҳои категорияи ҷисиятдошта ба он мувоҷеҳ шудаанд. Масалан, дар забони русӣ, ки соҳиби се ҷинси дастурӣ мебошад, фаҳмидан душвор нест, ки калимаҳои **мать – модар, женщина – зан, сестра – хоҳар** ба ҷинси занона, **муж – шавҳар, отец – падар, брат –бародар** ба ҷинси мардона мутааллиқанд. Аммо аз чӣ сабаб калимаҳои **баҳор (весна)** ба ҷинси занона ва **тобистон (лето)** ба ҷинси миёна гузаштаанд? Оё, аз рӯйи мантиқ, ҳар ду мафҳум як ҷинс нестанд? Ё чаро вожаи **дар** (дверь) ба ҷинси занона, лекин **тиреза** (окно) ба ҷинси миёна тааллуқ дорад? Ба монанди инҳо мансубияти ҷинсии садҳо ва ҳазорҳо вожаи дигарро мантиқан шарҳ додан ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, калимаҳое, ки шаклан ҷинси занонаанд ва мувофиқи қоидаи грамматикӣ бо анҷомаи «-а» ба охир мерасанд, метавонанд ҷинсияти мардонаро низ ифода кунанд: **лиса – рӯбоҳ, обезьяна – маймун, акула – наҳанг, белка – санҷоб**. Ё, баръакс, вожаҳое, ки аз ҷиҳати нишондоди дастурӣ бояд мардона бошанд, ҳамчун занона ном мебаранд: **врач – духтур, директор, педагог, секретар – котиб**...

Инчунин, дар баъзе ҳолатҳо ба назар мерасад, ки вожаҳои ифодакунандаи як мафҳум (муродифот), дар ҷинсҳои гуногун қарор мегиранд, ки ин ҳодиса ҳам хеле аҷиб аст. Масалан, дар забони русӣ **живот – шикам** ба гурӯҳи вожаҳои ҷинси мардона, вале **брюхо**, ки айнан ҳамин маъноро дорад, ба ҷинси миёна гузаштааст. Чаро? Ягон забоншиноси рус ин ҳодисаро шарҳ дода наметавонад.

Ин проблема фақат ба забони русӣ хос нест, дар дигар забонҳо, масалан, дар олмонӣ ҳатто калимаҳои **das Weib - зан ва das Madchen духтар** шомили ҷинсӣ миёнаанд. Бо дарназардошти ин ҳама далелҳо, саволе ба миён меояд: вақте, ки калимаҳо аз лиҳози таснифоти ҷинсият мантиқан ба ҷинси мувофиқ гузошта нашаванд, пас мавҷудияти категорияи ҷинсият чӣ маъно дорад? Саволи дигар: забонҳое, ки рӯзашон бе ин категорияи грамматикӣ ба осонӣ мегузарад, пас чӣ зарурат аст ба он ва умуман, ин категория чӣ тавр пайдо шудааст? Ҳамин тавр, зарурати таваҷҷуҳ кардан ба ҳақиқати ин масоил бархост ва мо ба маъхазҳое, ки ба ин масъала каму беш равшанӣ меандозанд, рӯ меорем. Маълум аст, ки бостоншиносон мадфанҳои сокинони қадимаеро пайдо карда, аз он ҷо бозёфтҳои таърихӣ, устухонҳои одамони он давр ва ашёҳоеро, ки дар он вақт ба одамон хизмат карда буданд, берун меоранд ва меомӯзанд. Ин ашёҳо мушаххасанд, онҳоро дидан, ламс кардан ва омӯхтан мумкин аст. Вале забонро чӣ тавр ва дар куҷо «кофтан» мумкин аст?Дуруст аст, ки дар забоншиносӣ ҳам чизҳои қадима, ба монанди дастхатҳо, мавҷуданд, аммо хат, чунонки маълум аст, аз пайдоиши инсоният дида хеле дертар ба миён омадааст. Чӣ тавр мо метавонем ба зулмоти асрҳо дохил шуда, ба даврае, ки одамон ҳанӯз навиштанро намедонистанд, бингарем? Агар маводи омӯзишӣ бевосита вуҷуд надошта бошад, пас маводи ғайримустақимро бояд ҷуст... Масалан, шахси калонсол гапзании кӯдаконро дида, кӯдакиашро тасаввур мекунад. Ба ҳамин монанд, забоншиносон забонҳои мухталифи муосиру қадимаро муқоиса карда, маълум кардаанд, ки бисёре аз онҳо монандӣ доранд ё ба ҳамдигар хешанд (ба мисли забони русиву украинӣ ё забони қадими санскрит бо ҳиндӣ ва форсии тоҷикӣ).Асрори ҷинсияти грамматикиро аз омӯзиши забонҳои хешу бегонаи гуногун ифшо кардан мумкин аст.

Забоншиноси маъруфи охири асри XIX ва аввали асри XX-и фаронсавӣ Антирон Мейе бо истифода аз тадқиқоти забоншиносони дигар таваҷҷуҳи худро ба он равона кард, ки дар баъзе забонҳои кишварҳои Аврупо, Ҳинд ва Эрон (ҳиндуаврупоӣ) вожаҳо ба таври

гуногун ташаккул ёфтаанд, яъне ашё ва ҳодисот вобаста ба ҷондор ва бечон буданашон ба ҷинсҳо ҷудо шудаанд [3, с.57]. Таҳқиқашро давом дода, ӯ муайян мекунад, ки ҳатто як шайъ метавонад номи мутафовут дошта бошад: исми бечон ба ҷинси миёна ва исми ҷондор ба ҷинси мардона ё занона дохил мешаванд. Ва ин ҳодиса ҳукми қонунӣ ҳам касб кардааст.

Барои дурусттар фаҳмидани қазияи мазкур Мейе аз китоби муқаддаси қадимаи ҳиндӣ – «Ригведа» вожаи «об»-ро мисол меоварад. Ин калима барои ифодаи мафҳуми бечон (Киштӣ дар рӯйи **об** шино мекард) дар Ригведа бо калимаи «udan», ки ба ҷинси миёна мутааллиқ аст, ном бурда шудааст. Вале вақте вожаи **об** ҳамчун як мафҳуми ҳаракаткунанда баён мешавад (**Об**и гапдаро аз роҳ бозистод), бо калимаи «apaḥ» ифода гардидааст, ки он ба шакли ҷамъи ҷинси занона дахл дорад.

Дар асари «Илиада» - и Ҳомер низ бо ҳодисаи дар боло қайдгардида монанд зиёд дучор омадан мумкин аст. Масалан, Гектор, қаҳрамони асари мазкур, вақте ба майдон медарояд, адиб ӯро ба ситораи муҳаррик монанд мекунад. Ситора ба маънои асл, яъне ҷирми осмон, дар забони юнонӣ бо вожаи ***astron*** ифода мегардад ва аз рӯйи мансубияти ҷинсӣ ба ҷинси миёна тааллуқ дорад. Аммо Ҳомер дар ҳолати зикршуда аз калимаи ***aster***, ки ҷинси мардона аст, истифода намудааст. Маълум аст, ки мардуми давраи атиқа ҳангоми сафари дур, махсусан аз роҳи баҳрӣ барои роҳгум назадан аз ситораҳо истифода менамуданд, инчунин, ақида доштанд, ки ситораҳо ба ҳаёту сарнавишти одамон таъсири бевосита доранд. Аз ин рӯ, ситорагонро чун ҷисми зинда эътироф намуда, онҳоро парастиш мекарданд. Чунин эътиқод дар мардуми тоҷик низ аз қадимулайём вуҷуд дорад, аммо, азбаски дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ҷинсияти грамматикӣ мавҷуд нест, ба кадом ҷинс мутааллиқ будани ситора чандон маълум нест. Дар баъзе забонҳои аврупоӣ вожаи ситора ба ҷинси мардона, аммо дар бархои дигари забонҳо, масалан русӣ, он ба ҷинси занона дохил мешавад. Ва дар ин ҷо боз ҳамон саволи таҳти шубҳа пайдо мешавад: чаро осмон (небо), офтоб (солнце) ҷинси миёнаанду ситора (звезда) ва замин (земля) ба ҷинси занона гузаштаанд?

Аҷиб аст, аммо дар забони тоҷикӣ, ки орӣ аз категорияи грамматикии ҷинсият мебошад, ҳодисае ба мисли гуфтаҳои фавқ ба назар мерасад. Масалан, барои номгузорӣ вожаи ***хуршед*** мардона ҳисоб меёбаду ***ситора*** ва ***моҳ*** (албатта, дар калимасозӣ: Саидмоҳ) занона шумурда мешаванд.

Дар баъзе забонҳо, аз ҷумла забони русӣ, баъзе аз мутазодҳои ҷуфт аз ҷиҳати мансубияти ҷинсӣ низ бо ҳамдигар антоним шудаанд: рӯз (день) – мардона, шаб (ночь) – занона, об (вода) – занона, оташ (огонь) – (мардона) ва ғайра.

Дар забони русӣ ҳатто баъзе аз анвои дарахт аз рӯйи ифодаи ҷинсӣ муқобили ҳам меистанд: ***сосна*** – занона, ***кипарис*** – мардона… Ҳатто дарахти самардор бо меваш дар як ҷинс қарор надоранд: ***яблоко*** – ҷинси миёна, ***яблоня*** – занона ва ғ.

Дар нутқ ва гуфтугӯи муқаррарӣ ин ҳодиса ба маъно ва мазмуни фикр таъсир намерасонад, аммо дар тарҷимаи осори бадеӣ, хусусан дар назм, гоҳо душворӣ ба миён меорад. Масалан, адибони классик ва муосири тоҷик аз вожаи **сарв**, ки номи дарахти сӯзанбарги ҳамешасабзи росту баланд аст ва маҷозан ба маънои «қади рост ва мавзуни ёр» истеъмол мегардад, зиёд истифода мекунанд. Дар луғатномаи «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» тарҷимаи вожаи мазкур чунин омадааст: «*бот.* кипарис; сарви равон, *пер.* красавица; возлюбленная; сарви сиҳӣ а) стройный кипарис; б) *пер.* красавица со стройным станом; в) *пер.* возлюбленная» [9, с.523]. Чунонки гуфта шуд, ***сарв*** дар русӣ ҷинси мардона мебошад, аммо маъшуқа ва қадди мавзуни ӯ дар адабиёти мо ҳам бо роҳи ташбеҳ ва ҳам истиора бо сарв ифода мегардад. Аз ин ҷиҳат, дар тарҷима аз тоҷикӣ ба русӣ барои далолати «қад» истеъмол шудааст, вале дар ифодаи худи маъшуқамо то ҳол дучор наомадем:

Я однажды сравнил ее стан с кипарисом,
Возгордился теперь кипарис до корней!

Дар байти боло «кипарис» дар ташбеҳи «қомат» кор фармуда шудааст, аммо хандаовар мешуд, агар мисраи «Сарви равони ман биё» «Иди ко мне, мой ходящий кипарис» тарҷума шавад. Ин аз ду ҷиҳат номумкин аст: аввалан, ифодаҳои маҷозӣ ба забони дигар айнан (таҳтутуллафзӣ) ба нудрат тарҷима мешаванд; баъдан, «кипарис», ки ба ҷинси мардона тааллуқ дорад, наметавонад бар ифодаи маъшуқа ба кор равад.

Ҳамин тавр, шоҳиди он шудем, ки забонҳои «соҳибҷинс» ҳам аз мушкилоти грамматикӣ орӣ набудаанд, аз ин рӯ, барои мо – тоҷикон ҳамин забони ноби бе категорияи ҷинсияти грамматикиамон мувофиқу бароҳаттар будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Дандамаев М.А. Культура и экономика Древнего Ирана / М.А. Дандамаев, В.Г. Луконин.-М., 1980.-212 с.
2. Кристи Агата. Третья девушка / Кристи Агата. - М.: Э., 2018. - 352 с.
3. Мейе А. Сравнительный метод в историческом языкознании / А. Мейе. - М., 1954. - 213 с.

4. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М.Оранский. - М., 1988. - 344 с.
5. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки: северо-западная группа. - М., 1997. - 370 с.
6. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - 358 с.
7. Основыиранскогоязыкознания. Новоиранскиеязыки:восточнаягруппа. - М., 1987. - 376 с.
8. Рубинчик Ю.А. Грамматикасовременногоперсидскоголитературногоязыка / Ю.А.Рубинчик.-М., 2001.-600 с.
9. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ (Таджикско-русский словарь). – Душанбе, 2006. - 784 с.
10. Эдельман Д.И. К истории язгулямских и шугнано-рушанских указательных местоимений / Д.И. Эдельман // Иранское языкознание. История, этимология, типология (к 75-летию проф. В. И. Абаева). - М., 1976. -С. 47-52.

АСРОРИ ҶИНСИЯТИ ДАСТУРӢ (ГРАММАТИКӢ)

Дар мақола баҳс дар бораи категорияи ҷинсияти грамматикӣ меравад. Маълум аст, ки дар забони тоҷикии муосир категорияи мазкур вуҷуд надорад, аммо соҳибони забон дар баёни фикрашон кам ба мушкилӣ дучор меоянд ва баръакс, забонҳое, ки соҳиби ҷинсияти грамматикианд, гоҳо ба масъалаҳои баҳсбарангезе мувоҷеҳ мешаванд, ки барои ташреҳи он худашон мушкилӣ мекашанд. Масалан, чаро дар забони русӣ баъзе калимаҳо мардонаанду дигар калимаҳо ба гурӯҳи занона ва ё миёна тааллуқ доранд. Ё барои чӣ дар баъзе забонҳо (забони франсавӣ) ду ҷинс бо аломатҳои дастуриашон мавҷуданд, аммо дар дигар забонҳо (*мас*. тоҷикӣ) ҷинсияти грамматикӣ дар асл вуҷуд надорад. Масъалаи номувофиқии мантиқии ифодаи ҷинсият дар баъзе забонҳо низ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Масалан, дар забони русӣ аз чӣ сабаб калимаҳои **баҳор (весна)** ба ҷинси занона ва **тобистон (лето)** ба ҷинси миёна гузаштаанд? Оё, аз рӯйи мантиқ, ҳар ду мафҳум як ҷинс нестанд? Ба моҳанди инҳо мансубияти ҷинсии садҳо ва ҳазорҳо вожаи дигарро мантиқан шарҳ додан ғайриимкон аст. Ё вожаҳои ифодакунандаи як мафҳум дар ҷинсҳои гуногун қарор мегиранд, масалан, дар забони русӣ **живот – шикам** ба гурӯҳи вожаҳои ҷинси мардона вале, **брюхо**, ки айнан ҳамин маъноро дорад, ба ҷинси миёна гузаштааст. Ҳамин тавр, зарурати таваҷҷуҳ кардан ба ҳақиқати ин масоил бархост ва бо истифода аз маъхазҳои марбута доир ба ин масъала фикрҳои муаллиф иброз гардидаанд.

Калидвожаҳо: забонҳо, ҷинсияти грамматикӣ, категорияи ҷинсият, мардона, занона, миёна, забони русӣ, тоҷикӣ.

СЕКРЕТЫ ГРАММАТИЧЕСКОЙ КАТЕГОРИИ РОДА

Грамматическая категория рода является одной из самых сложных для понимания и интерпретации языковых категорий. Статья посвящена проблеме содержательности грамматической категории рода. Легко сообразить, что слова **жена, мать, сестра** или **муж**, **отец, брат** распределяются по родам в зависимости от пола, т. е. от того, женщина или мужчина имеется в виду. Но почему **весна** - женского рода, а **лето** - среднего? Почему **дверь** женского, а **окно** - среднего? Род сотен, тысяч слов логически необъясним. Множественность точек зрения на грамматический род и его содержательные свойства не подвергает сомнению значимость данной категории и тех признаков, на которых она базируется, для сознания человека. Наблюдая многие факты, несоответствующие категории рода в большинстве языков, появились вопросы: если слова распределяются по родам так нелогично и так непоследовательно, то какой смысл имеет категория грамматического рода? И другой вопрос: если некоторые языки легко обходятся без этой категории (таджикский язык), то зачем она вообще нужна, как она образовалась? Так возникла необходимость обратиться к истокам и по мере возможности выразить, своё мнение относительно данной проблемы.

Ключевые слова: категория рода, мужской, женской, средней, языки, русский, таджикский.

SECRETS GRAMMATICAL HOMOGENEOUS GENDER CATEGORY

The grammatical category of homogeneous gender is one of the most difficult for understanding and interpretation of language categories. Article is devoted a problem of pithiness of a grammatical category of homogeneous gender. It is easy to think that words the wife, mother, the sister or the husband, the father, the brother are distributed on sorts depending on a floor, i.e. from that, the woman or the man means. But why spring - a feminine gender, and summer - an average? Why a door female, and a window - an average? The sort of hundreds, thousand words is logically inexplicable. Plurality of the points of view on a grammatical gender and its substantial peculiarity does not call in question the importance of the given category and those signs on which it is based, for consciousness of the person. Observing many facts inappropriate to homogeneous gender category in the majority languages, there were questions: if words are distributed on sorts so illogically and so inconsistently what sense the grammatical gender category has? And other question: If some languages easily do without this category (the Tadjik language) what for it in general is necessary how it was formed? So there was a necessity to address to sources and as far as possible to express the opinion concerning given to a problem.

Key words: a category of homogeneous gender, man's, female, average, languages, Russian, Tadjik.

Сведения об авторе: ***Муродзода Мукаррама*** - Таджикский национальный университет, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 933-99-05-05,938-36-56-92**

Information about the author: ***Murodzoda Mukarrama*** - Tajik National University, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 933-99-05-05, 938-36-56-92**

УДК: 491.550-3:43

СЕМАНТИКА НОМИНАТИВНЫХ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

Раджабов Н.
Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава

Цель настоящего исследования состоит в том, чтобы рассмотреть и сравнить номинативные односоставные предложения в немецком и таджикском языке. Объектом исследования стали односоставные предложения в немецкоязычном художественном произведении и их переводы на таджикский язык. Материалом исследования стали произведения И.В. Гете и их переводы на таджикский язык [37, с.38].

Актуальность сопоставительного исследования немецкого и таджикского языков в первую очередь связана с высоким положением немецкого языка в Таджикистане. На данный момент немецкий язык является третьим по популярности иностранным языком среди изучаемых таджикской аудиторией (после русского языка, имеющего официальный статус языка межнационального общения и английского языка). Сопоставительным исследованием немецкого и таджикского языков занимались такие ученые, как А.Р. Хайзер [28], А Шарипов [31], К.Т. Гафарова [6], Д.М. Кенжаева [12].

Современный этап развития сопоставительных исследований немецкого и таджикского языков показывает высокую актуальность в Таджикистане. Однако существующие исследования на базе таджикского и немецкого языков изучают преимущественно фразеологию двух языков, в то время, как синтаксис двух языков не имеет глубокой сопоставительной изученности. На данный момент уже накоплен достаточно обширный материал по исследованию синтаксиса таджикского языка в сопоставлении с различными близко- и неблизкородственными языками.

Сопоставительным изучением грамматики таджикского языка на фоне грамматики других языков занимались такие ученые, как А.И.Королева [14], Х.А.Артыкова [2], М.Б. Нагзибекова [20], Г. Рустамзода [24], Н.М. Азимова [1], Н.М. Кузиева [16], Ш.А. Сангинова [26] и др.

Изучением семантики и структуры односоставного предложения занимались такие ученые, как В. В. Бабайцева [3], П. А. Лекант [17], Т. Е. Шаповалова [30] и многие др. Спецификой односоставных предложений в таджикском языке занимались такие исследователи, как М.Н. Касымова [11], Р.Д. Салимов [25], Г.Г. Шосафарова [34] и др.

В.В. Бабайцева определяет односоставные предложения как один из продуктивных типов простого предложения, который отвечает потребностям человеческого мышления и общения [3].

По мнению С.А. Кабановой, давая характеристику односоставному предложению, исследователь должен учитывать в первую очередь его глагольный либо неглагольный характер [18, с. 222].

Грамматическую основу односоставных предложений составляет один главный член посредством которого выражена предикативность. Основой для выделения типов односоставных предложений являются различия в форме главного члена предложения.

Так, можно выделить два базовых типа односоставных предложений - глагольные и именные. Глагольных односоставные предложения обладают независимым признаком (действием): *Erklaren Sie sich. [38, с.79]. Охир ба ман фаҳмонед! (Й. В. Гӯте. с. 90)*. Именные (субстантивные) односоставные предложения утверждают или отрицают бытие предмета: *Nur noch ein wort. [38, с.134]. Фақат боз як калима. (Й. В. Гӯте. с. 152).*

На данный момент есть несколько точек зрения, которые связаны с вопросом определения номинативных предложений. Так, такие ученые, как Н.С. Валгина, Д.Э. Розенталь, М.И. Фомина считают конструкцию номинативной, только в случае, когда она содержит значение бытия и утверждает существование называемого явления или предмета [5, с.371].

Также нет единого мнения по поводу синтаксического функционирования именного предложения, которое состоит из главного члена. Часть ученых относят его к подлежащему [4, с.49]. Другие исследователи утверждают, что главный член предложения, из которого состоит именное предложение, не является ни подлежащим, ни сказуемым [13, с.466-496]. Отдельные исследователи говорят о главном члене номинативного предложения как о некоем единстве подлежащего и сказуемого [9, с.112].

Во взглядах на классификацию номинативных предложений в данном исследовании, опираясь на мнение П. А. Леканта, можно выделить два типа, различающихся по структуре - нерасчлененный и расчлененный [17].

В данной статье мы рассматривали предложения, найденные в текстах произведений И.В.Гете и их переводах на таджикский язык. Найденные номинативные предложения можно разделить на несколько групп по семантическому признаку.

Так, наиболее многочисленной группой стали **предложения с оценочной семантикой** (8 единиц)*: Эй бахтбаргашта! Й. В. Гӯте. с. 68.Ungluklicher! J. W. Goethe. c.61; Девона! Й. В. Гӯте. с. 62. Die Torin! J. W. Goethe. c.55; Мастӣ! Й. В. Гӯте. с. 58. Trunkinheit! J. W. Goethe. c.51; Девонагӣ! Й. В. Гӯте. с. 58. Wahnsihn! J. W. Goethe. c.51; Ҳудоё, чӣ суҳбате! Й. В. Гӯте. с. 70. Und Gott, Welch ein Gesprach! J. W. Goethe. c.62;* Хуб! *Й. В. Гӯте.* с. 50. Also gut! *J. W. Goethe.* с. *59. Вах, вах, дастакам! Й. В. Гӯте. с. 55. Au, meine arme Hand! J. W. Goethe. c. 66.*

Неудивительно, что предложения с оценочной семантикой стали самой многочисленной группой, ведь умение оценивать – это имманентное свойство человеческого характера. В рамках разговорной речи данное свойство реализуется посредством оценочных предложений, в большинстве случаев являющихся односоставными конструкциями с субстантивным ядром.

Оценочные номинативные предложения – предмет постоянного внимания лингвистов. На данный момент существует множество исследований, рассматривающих оценочные номинативные предложения на материале различных языков [7, с.15, 23, 27, 36].

Подобный интерес вызван тем, что оценочные номинативные предложения позволяют неоднозначную интерпретацию. Они могут рассматриваться 1) в качестве номинативных предложений; 2) в качестве неполных двусоставных предложений; 3) в качестве сегментов, не обладающих статусом предложения. Также интерес исследователей объясняет тем, что анализ номинативных предложений, как правило, проводится на базе критериев книжно-литературного языка (как и в настоящей статье).

Второй по количеству примеров группой стали **предложения с этикетными формулами** (7 единиц), наиболее частотная семантика – это пожелание и благодарность: *Шабат хуш! Й. В. Гӯте. с.44. Gutte Nacht! J. W. Goethe. c.40.; Ман тақсир! Й. В. Гӯте. с. 132. Ja, Herr. J. W. Goethe. c.175; Андаке! Й. В. Гӯте. с. 69. Was. J. W. Goethe. c.61; Раҳмат ба ту, Али бобо. Й. В. Гӯте. с. 14. Danke dir Ali Baba. J. W. Goethe.c. 18; Илоҳи саломат бошед! Й. В. Гӯте. с. 22. Möge Gott Sie dafür segnen. J. W. Goethe. c. 19; Ассалому алейкум! Й. В. Гӯте. с. 41. Salam aleikum! ! J. W. Goethe. c . 45.*

Третью группу составили **предложения с семантикой вопроса** (6 единиц): *Ҳамин чанд пул? Й. В. Гӯте. с. 19. Was koste sie? J. W. Goethe. C.25; Шумо кӣ? Й. В. Гӯте. с. 38. Wer ist dort? ! J. W. Goethe. c.41; Кист вай? Й. В. Гӯте. с. 51. Halt wer da? J. W. Goethe. c.61; Вай кист? Й. В. Гӯте. с. 52. Wer ist da ? J. W. Goethe. c. 61; Ман ошноятон? Й. В. Гӯте. с.52. Ich bin es Ihr Bekannter? J. W. Goethe. c.61; Ин чи кор? Й. В. Гӯте. с. 53. Was hat das zu bedeuten? J. W. Goethe. c.64.*

Также были обнаружены **предложения со значением указывания на какой-либо факт** (5 единиц): *Ман – шавҳари вай. Й. В. Гӯте. с. 96. Ich – ihr Mann. J. W. Goethe. c.85; Боз як дӯсти нави ман. Й. В. Гӯте. с. 103. Einen neuen Freund. J. W. Goethe. c.91; Ана боз хат. с. 18. Hier ist aber noch ein Kreuz. ! J. W. Goethe. c. 24; Пули нақд. с. 22. Ware in bar. ! J. W. Goethe. c. 20. Ман як муллобача. с. 38. Ich ein student der Medresse. ! J. W. Goethe. c. 41.*

Были найдены также **предложения с обращением** (4 единицы): *Эй Худои накӯкор! Й. В. Гӯте. с. 82. Gutter Got! J. W. Goethe. c.73; Вилҳелми азиз! Й. В. Гӯте. с. 97. Leiber Wilhelm! J. W. Goethe. c.86; Маҳбуби ман Армар. Й. В. Гӯте. с. 149. Armar, mein Lieber. J. W. Goethe. c.132.; Даура, духтари зебои ман. Й. В. Гӯте. с. 148. Daura, meine Tochter. J. W. Goethe. c.131.*

Наименьшую по количеству примеров группу составили **предложения с призывом** (2 единицы): *Сабр! Боз ҳам сабр! Й. В. Гӯте. с. 76. Gedult! Gedult! J. W. Goethe. c.68; Кӯрнамаки накун! Й. В. Гӯте. с.35. Ach du undankbarer! J. W. Goethe. c.36.*

Таким образом, по результатам проведенного анализа было обнаружено, что:

1) в произведениях И.В. Гёте активно используются номинативные предложения (было обнаружено 32 единицы);

2) в переводах произведений И.В. Гёте на таджикский язык также активно употребляются номинативные предложения; в большинстве случаев немецкие номинативные предложения в таджикском переводе остаются номинативными и сохраняют свою структуру и семантику;

3) наиболее частотными номинативными предложениями в произведения И.В. Гёте стали предложениями с оценочной семантикой; на втором месте по частотности оказались

предложениями с этикетными формулами, преобладали предложения с семантикой пожелания; остальные группы составили предложения с вопросом, предложения с обращением, предложения с указыванием на какой-либо факт, предложения с призывом.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Азимова М. Н. Структурно-семантические особенности сложных существительных в современном английском и таджикском языках/ М. Н. Азимова // Вестник ТГУПБП. 2012. №1. -С.44-47.
2. Артыкова Х. А. Пространственные и временные значения, выражаемые первообразными предлогами русского языка и их эквиваленты в таджикском языке: автореф. канд. филол. наук / Х. А. Артыкова. - Душанбе, 1969. -18 с.
3. Бабайцева В. В. Система односоставных предложений в современном русском языке. Учебник / В.В. Бабайцева. - М., 2004. -512 с.
4. Беловольская Л.А. Синтаксис словосочетания и простого предложения / Л.А. Беловольская. - Таганрог, 2001. - 248 с.
5. Валгина Н.С. Современный русский язык / Н.С. Валгина, Д.Э. Розенталь, М.И. Фомина. - Москва: Логос, 2002. - 528 с.
6. Гафарова К.Т. Функционально-семантическая характеристика фразеологизмов с зоонимами и фитонимами в русском языке в зеркале немецкого языка / К.Т. Гафарова // Вестник современной науки, 2016. №2 (13). -С.13-20.
7. Гофман О.В. Односоставные предложения в русском, английском и немецком языках в сопоставительном аспекте: дисс. к.ф.н / К.Т. Гафарова. -Уфа, 2006. -171 с.
8. Долин Ю. Т. К вопросу о грамматическом статусе односоставных предложений в русском языке / Ю. Т. Долин // Вестник ОГУ. 2001. №1. -С.54-56.
9. Золотова Г.А. Синтаксический словарь: репертуар элементарных единиц русского синтаксиса / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 2011. -440 с.
10. Касаткин Л. Л. Краткий справочник по современному русскому языку / Л. Л.Касаткин, Е. В.Клобуков, П. А.Лекант. - М., 1995. -С. 306.
11. Касымова М.Н. Синтаксис простого предложения прозы XI века: автореф. дис. докт.филол. наук / М.Н. Касымова. - Душанбе, 1979. -41 с.
12. Кенжаева Д.М. Семантико-словообразовательный анализ наречий немецкого и таджикского языков: дисс. к.ф.н / М.Н. Касымова. - Душанбе, 2011. -150 с.
13. Кобрина Н.А., Корнеева Е.А., Оссовская М.И., Гузеева К.А. Грамматика английского языка: Морфология. Синтаксис / Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, М.И. Оссовская. СПб.: Союз, 2006. -496 с.
14. Королева А. И. Имя прилагательное в русском и таджикском языках (сопоставительная характеристика): автореф. дисс. канд. филол. наук / А. И. Королева. - Душанбе, 1966. -18 с.
15. Косоножкина Л.В. Эллиптические предложения - норма английской разговорной речи / Л.В. Косоножкина // Актуальные проблемы филологии и методики преподавания. -Ростов н/Д, 2001. Ч. 1. -С. 130-133.
16. Кузиева Н.М. Сопоставительный анализ категории числа имен существительных в таджикском и арабском языках / Н.М.Кузиева // Вестник ТГУПБП. 2014. №2 (58). -С.215-220.
17. Лекант П. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.Лекант . -М., 2004. -С. 159.
18. Кабанова С. А. Типы односоставного предложения в славянских языках / С. А. Кабанова // Вестник ННГУ. 2011. №6-2. -С.222-226.
19. Лаврентьев В. А. Односоставные предложения с дезагенсным значением синтаксического лица / В. А. Лаврентьев // Вестник Таджикский государственный университет. 2011. №5.-С. 272-278.
20. Нагзибекова М.Б. Способы передачи русских глагольно-именных конструкции с объектным значением в таджикском языке / М.Б. Нагзибекова. - Д.: 1999. -115 с.
21. Нагорный И.А. Модально-персуазивные частицы и субъектная перспектива односоставных предложений / И.А. Нагорный // Научный результат. Серия «Вопросы теоретической и прикладной лингвистики». 2014. №2. -С.174-179.
22. Нагорный И. А. Субъектная сфера односоставных предложений с модальными частицами / И. А. Нагорный // Научные ведомости БелГУ. Серия: Гуманитарные науки. 2009. №6 (61). - С.22-26.
23. Осипова Э.Н. К системности синтаксиса: односоставность предложения / Э.Н. Осипова // Вестник Поморского университета. Сер. «Гуманитарные и социальные науки». Архангельск, 2006. Вып. 1. - С. 79-82.
24. Рустамзода Г. Предложения с присловным объектным распространением в русском и таджикском языках. Диссертация к.ф.н. Душанбе, 2007. -141 с.
25. Салимов Р.Д. Структура и семантика односоставных предложений в русском и таджикском языках / Р.Д. Салимов. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 404 с.
26. Сангинова Ш.А. О статусе категории посессивности в системе таджикского и английского языков / Ш.А. Сангинова // Вестник ТГУПБП. 2016. №3 (68). - С.89-101.
27. Фомина Ю.А. Функциональный потенциал номинативных оценочных высказываний в современном русском языку: автореф. дис. ... канд. филол. наук / Ю.А. Фомина. -Нижний Тагил, 2009. -20 с.
28. Хайзер (Гейзер) А. Р.Рудаки на языке Горация / А.Хайзер (Гейзер) // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2015. №1 (42). - С.56-61.
29. Хуснетдинова Р. Я. Односоставные предложения с главным членом, выраженным глаголами в форме понудительного залога / Р. Я. Хуснетдинова // Вестник Башкирск. ун-та. 2011. №3-1. -С.101-102.
30. Шаповалова Т. Е. Категория синтаксического времени в русском языке. Монография / Т. Е. Шаповалова. -М.: МПУ, 2000. -421 с.
31. Шарипов А. О тесносплетениях языка и культуры (на примере немецких и таджикских пословиц и поговорок) / А.Шарипов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2015. №4 (45). -С.194-198.

32. Шарманов В. В. Соматизм как компонент фразеологической единицы русского и немецкого языков / В. В. Шарманов // Universum: филология и искусствоведение. 2014. №10 (12). -С.1-5.
33. Шахматов А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. -М., 3-е изд.2001. -624 с.
34. Шосафарова Г.Г. Простые двусоставные повествовательные предложения в таджикском и русском языках: дисс.. к.ф.н / Г.Г. Шосафарова. -Душанбе, 2013. -147 с.
35. Царикаева Ф. А. Теоретические основы изучения сложноподчиненного предложения в немецком языкознании / Ф. А.Царикаева // Вестник Чел ГУ. 2014. №23 (352). -С.93-97.
36. Якушева О. В. Предложения с компонентом es в функции номинативного грамматического подлежащего в немецком языке и их синтаксические эквиваленты в русском языке / О. В. Якушева // Вестник ЧГПУ. 2009. №11-1. -С.300-308.
37. Йохан Волфганг Гуте. "Нокомиҳои Вертери ҷавон" Тарҷумаи Ш. Раҳим. - Душанбе: Адиб, 1996
38. J. W. Goethe "Die Leiden des Jungen Werthers". Roman. Moskau 1958.

МАЪНОИ ҶУМЛАҲОИ ЯКТАРКИБАИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи маъноии (семантики) ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ дар забони олмонӣ ва баёни онҳо дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар мақола ҳам сохтори моддӣ ва мазмуни онҳо, инчунин шакли тафаккур (шаклҳои тафаккури маъноӣ, ки бо хусусиятҳои сохтори грамматикии забон алоқамандӣ доранд) дар ин таълимоти гуногуни грамматикӣ дар амал татбиқ шудаанд. Чи хеле ки қайд карда шуд, мақола ба ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ дар низоми гуногунии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шудааст. Ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ дар ҳардуи ин забонҳо васеъ паҳн гаштаанд ва барои ба даст овардани муоширати нуткӣ воситаҳои муҳимми синтаксисӣ ба шумор мераванд. Дар мақола моҳияти омӯзиши падидаҳои забони олмонӣ дар умум ва махсусан синтаксиси забони олмонӣ аз тарафи олимони тоҷик омӯхта шудааст. Муаллифи мақола ба он ишора мекунад, ки тадқиқоти муқоисавии забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ, пеш аз ҳама, бо мавқеӣ баланди забони олмонӣ дар кишвари омӯхташаванда алоқамандии зич дорад, чунки забони олмонӣ дар байни забонҳои хориҷии омӯхташавандаи машҳур дар байни хонандагони тоҷик баъд аз забонҳои русӣ ва англисӣ ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Дар мақолаи мазкур муаллиф инчунин ҷумлаҳоеро, ки дар матнҳо аз асарҳои И.В. Гёте гирифта шудаанд тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикӣ дида баромадааст. Ҷумлаҳои яктаркибаи унвонии гирифташударо вобаста ба аломатҳои семантикияшон ба якчанд гурӯҳ метавон тақсим кард. Инчунин муаллиф сермаъноии ҷумлаҳои яктаркибаи унвониро дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ таҳлил намудааст.

Калидвожаҳо: ҷумлаи яктаркиба, ҷумлаи унвонӣ, забони олмонӣ, забони тоҷикӣ, синтаксис, таҳлил, сохтор, сермаъноӣ, сараъзо, аъзои пайрав, мазмун.

СЕМАНТИКА НОМИНАТИВНЫХ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящена исследованию семантики номинативных односоставных предложений в немецком языке и их передачи в таджикском языке. В статье анализируется как их материальная структура и смысловое содержание, так и форма мысли (семантические формы мышления, обусловленные особенностями грамматического строя языка), воплощённые в этих различных грамматических построениях. Как отмечено, статья посвящена номинативным предложениям в разносистемных языках, таджикском и немецком. Номинативные предложения в данных языках широко распространены и являются важными синтаксическими средствами для достижения речевой коммуникации. В статье изучается актуальность изучения явлений немецкого языка в целом и немецкого синтаксиса в частности таджикскими учёными. Автор указывает, что сопоставительные исследования немецкого и таджикского языков в первую очередь связаны с высоким положением немецкого языка в изучаемой стране. Так как немецкий язык является третьим по популярности иностранным языком среди изучаемых таджикской аудиторией, после русского и английского языков. В данной статье автор также рассматривал предложения, найденные в текстах произведений И.В.Гёте и их переводах на таджикский язык. Найденные номинативные предложения можно разделить на несколько групп по семантическому признаку. Также он проанализировал семантику номинативных предложений немецкого и таджикского языков.

Ключевые слова: односоставное предложение, номинативное предложение, немецкий язык, таджикский язык, синтаксис, анализ, структура, семантика, функционирование, главный член, контекст.

THE SEMANTICS OF NOMINATIVE SINGLE-COMPONENT (ONE-COMPONENT) SENTENCES IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article is devoted to the study of the semantics of nominative single-component sentences in the German language and their transmission in the Tajik language. The article analyzes both their material structure and semantic content, as well as the form of thought (semantic forms of thinking, conditioned by the peculiarities of the grammatical structure of the language) took shape in these various grammatical constructions. As it is noted, the article is devoted to nominative sentences in different system of languages, Tajik and German. Nominative sentences in these languages are widely spread and are important syntactic means for achieving of verbal communication. The article studies the relevance of learning the phenomena of German language in general and German syntax particularly by Tajik scientists. The author points out that a comparative study of the German and Tajik languages are primarily related to the high position of the German language in the country under study. As German is the third most popular foreign language among those studied by Tajik audiences, after Russian and English languages. In this article, the author also considered the proposals found in the texts of the works of I.V. Goethe and their translations into Tajik language. The found nominative offers can be divided into several groups according to the semantic feature. He also analyzed the semantics of the nominative sentences of the German and Tajik languages.

Key words: one-part sentence, nominative sentence, German, Tajik, syntax, analysis, structure, semantics, functioning, main term, context.

Сведения об авторе: ***Раджабов Нематулло Файзалиевич*** - Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, кандидат филологических наук, преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Курган-тюбе, ул. Айни, 67. E-mail: **nematullo1@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-441-40-74**

Information about the author: ***Rajabov Nematullo Faizalievich*** **-** Bokhtar State University named after N.Husrav, Candidat of Science Philological Science of the Department of method of teaching foreign languages. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kurgan-Tube, ul. Aini, 67. E-mail: **nematullo1@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-441-40-74**

УДК: 491.550+491.55

ОМИЛҲОИ ДАРУНМАТНӢ ВА ИШТИБОҲОТИ ЭҲТИМОЛӢ ЗИМНИ ТАРҷУМА

(бар асоси тарҷумаи матнҳои арабӣ ба форсӣ)

Алҷуанӣ Султон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равшан аст, ки амри тарҷума бо гузашти замон ва махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди сарсомовари фанноварӣ, густариши равобити миёни кишварҳо дар абъоди мухталиф аҳамияту зарурати бештаре пайдо мекунад. Тарҷума аз як забон ба забони дигар ё истилоҳан аз забони мабдаъ ба забони мақсад аз мутарҷим доштани сифоти пуршумореро тақозо мекунад. Қабл аз ҳама, донистани забони мақсад ва ҳамзамон забони мабдаъ. Гузашта аз ин, мутарҷимро лозим аст, бо мушаххасоти матне, ки мавриди тарҷума аст, ошно бошад. Ба навиштаи Нодир Ҳаққонӣ «Ҳар матн аз як забон ба забони дигар илова бар тасаллути мутарҷим ба дониши забони мақсаду шинохти кофии вай нисбат ба мақулоти фарҳангии он огоҳӣ дар хусуси анвои матн ва сохтори махсус ба онҳо дар ҳар ҷомеае забонеро низ металабад» [3, с.127].

Дар ин мақола дар садади мизони таъсиргузории матни тарҷума дар қиёс бо матни аслӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Манзур аз ин пажӯҳиши қиёсӣ дарёфти ҳадафу аҳдофи нависанда аст. Нуктаи дигаре, ки зикраш бамаврид аст, коркарди матолибе мебошад, ки дар матн омадааст. Зимни ин коркард бояд паёми аслии нависанда мушаххас гардад.

Қабл аз ҳама бояд зикр намуд, ки ҳар матн шомили як созмонест, ки аносири ошнову ноошноро дар бар дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин «агар мутарҷим дар фароянди тарҷума ороиши аносири ошно – ноошнои матни мабдаъро дар забони мақсад ба ҳам бизанад қодир нахоҳад буд, паёми нависандаи аслиро он тавр, ки вазифаи мутарҷимӣ эҷод мекунад, бидуни каму кос ба хонандагони матни мақсад интиқол диҳад» [1, с. 108].

Тибқи маъмул зимни тарҷума авомили мавҷуд дар матнро гурӯҳбандӣ месозанд ва аз онҳо ҳамчун омилҳои дарунматнӣ ном мебаранд. Дар маҷмӯъ омилҳои мазкурро ба се сатҳ ҷудо мекунанд, ки ба шарҳи зер аст: вожаҳо; таркибу иборот; ҷумлаҳо. Ҳамон гуна ки аз таҷриба бармеояд, иштибоҳоти эҳтимолие, ки аз тарафи мутарҷим содир мешавад, маҳз дар ҳамин сатҳҳо сурат мепазирад. Бад-ин сабаб қарор шуд, марзи иштибоҳоти мутарҷим маҳз ҳамин сутуҳ қарор гирад.

Ба андешаи мо нахустин сатҳе, ки муҳимтар ба назар мерасад, сатҳи вожагонӣ дар ҳар матнест ва дар ин сатҳ мавзӯи забти эълом низ шомил мегардад. Албатта, сатҳи мазкур фарогири масоили пуршуморест, ки ҳар як таҳқиқи ҷудогонаро тақозо мекунад. Вале зарур аст, нахуст масъалае забти эълом мавриди арзёбӣ қарор гирад.

Гап дар ин аст, ки замоне ки забти ғайрисаҳеҳи эълом сурат мегирад, имкон дорад матни тарҷумаро таҳти таъсир қарор диҳад. Ин амр муҷиби мубҳамӣ ва норавшаниҳо дар забони мақсад гардад. Масалан, дар имтидоди замон асомии бисёре аз мамолику кишварҳо амокину номи шаҳрҳо дар забони арабӣ дучори тағйиру дигаргуниҳое шудаанд. Ин қазия метавонад зимни тарҷума душвориҳо эҷод созад. Яъне, тарҷумаи асомӣ барои форсизабон мафҳуму қобили дарк набошад. Ба шавоҳиди зер таваҷҷуҳ кунем: дар забони арабӣ номи кишвари Австрия ба шакли зер омада: (النمسا) баёни он бо чунин шакле дар забони форсӣ нофаҳмӣ эҷод месозад. Зеро дар форсии имрӯз кишвари номбурда ба шакли (اتریش) (Утриш) ёд мешавад.

Ё ин ки пойтахти Утриш дар арабӣ ба шакли فینا навишта мешавад. Дар забони форсӣ бошад, ба шакли وین қабул шудааст. Ин ноҳамгунӣ метавонад дар сурате беиттилоъ будани мутарҷим мушкилот бисозад. Зимни тарҷума масъалаи дигари қобили таваҷҷуҳ муодилёбӣ ба шумор меравад. Ба ҳар андоза, ки мутарҷим иттилооти кофӣ дар бораи маънои вожаҳо ва таркиби мухталиф дошта бошад, саргардонии ӯ дар интихоби муодилҳо

бештар хоҳад шуд, бинобар ин, муодилёбӣ ба чанд то мавриди зер ишора ва баррасӣ мешавад:

1. Муодилгузинии гуногуни мафҳуми вожжа, мисол: (تلفيقات) ба маънии достонҳои сохтагӣ.

2. Муодилгузинии исмҳои муштарак дар арабӣ ва форсӣ

Ин ки забони форсӣ пайвандҳои зиёде бо забони арабӣ дорад, барои касе пӯшида нест. Вожаҳо дар тӯли қарнҳо аз забони арабӣ вориди забони форсӣ шудаанд ва маънои онҳо дар имтидоди замон дучори дигаргунии маъноӣ гардидаанд. Бинобар ин, дар назар гирифтани ин таҳаввули маъноӣ боиси бурузи мушкилот дар тарҷума мешавад.

Барои мисол ҷумлаи зерини арабиро нақл намуда, тарҷума ва шарҳи онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Асли ҷумла: (إن قوة الدول واستقرارها إلى وعى وترابط شعوبها); тарҷумаи форсӣ: (قدرت كشورها و استقرار آن عايد به آگاه و همبستگی ملت های آن می باسد) мебошад.

Дар ҷумлаи мазкур муодили калимаи истиқрор (استقرار) субот (ثبات) аст. Истиқрор дар форсӣ ба маънои барпойӣ ва барқарории (сулҳ) аст.

3. Муодилгузинӣ бо таваҷҷуҳ ба мафҳуми истилоҳи вожаҳо.

4. Муодилгузинӣ ботаваҷҷуҳ ба вусъати маънои вожаҳо.

Вожаҳои ҳар забон аз нигоҳи вусъати маъноӣ яксон нестанд. Вожаҳои мухталиф мумкин аст, бо якдигар ҳаммаъно бошанд. Вале баъзе вақтҳо наметавон онҳоро ба ҷойи ҳамдигар истифода намуд. Ба сифати намуна метавон калимаи (بروكراسى)-ро мисол зад, ки бо назардошти маъно ба ҷойи он метавон аз калимаи коғазбозӣ истифода намуд, вале маълум аст коғазбозӣ як ҷузъ аз бюрокросӣ мебошад.

5. Муодилгузинӣ бо таваҷҷуҳ ба шиддату заъфи маънои вожаҳо.

Вожаҳои мухталиф бар хилофи шабоҳати маъноӣ гоҳе аз нигоҳи заъфу шиддати мафҳум ихтилофи зиёде доранд. Мисол, ибораҳои «аз байн бурдан» (از بين بردن), «саркуб кардан» (سركوب كردن) аз лиҳози шиддати маъноӣ дуруст ҳастанд, вале онҳо наметавонанд маънои баробар дошта бошанд.

6. Муодилгузинӣ бо мафҳуми дувуми вожаҳо.

7. Муодилгузинӣ бо таваҷҷуҳ ба пешинаи фарҳангии вожаҳо.

Чунонеки дида мешавад, корбурди вожаҳои мухталиф дар бархе аз маворид зери таъсири фарҳанги қавму миллатҳои аҳли забон аст. Масалан: корбурди истиории номҳо, равобити иҷтимоӣ, ановину истилоҳоти марбут ба он ва шароити чуғрофиёӣ, одобу русум.

Мисол дар забони арабӣ (غصن الزيتون) «шохаи зайтун» (شاخه زيتون) нишонаи сулҳу оромиш аст. Беҳтарин равиш барои тарҷумаи ин аносири дар ҳоли тафовути фарҳанги забон мақсад ва муқоисаи он бо аносири фарҳангии забони мабдаъ аст.

8. Таваҷҷуҳ ба танаввуъи истилоҳоти мухталиф дар манотиқи арабӣ

Бо сабаби вусъату ривоҷи забони арабӣ тафовутҳое дар бархе истилоҳот байни кишварҳои арабӣ вуҷуд дорад. Мисол истилоҳи форсии «маъмури иҷрои додгоҳ» (مامور اجرای دادگاه) дар кишварҳои арабизабон муодилҳои гуногун дорад. Муодили арабии он дар Шимоли Африқо (رسول المحكمة) мебошад.

Муодили арабӣ дар Ховари Миёна бошад ба шакли (مباشر المحكمة) истифода мешавад.

9. Нақл бидуни муодилёбӣ.

Дар баъзе аз мавридҳо бештари мутарҷимон шурӯъ ба нақли айни вожаҳои забони мабдаъ дар матни тарҷума мекунанд. Ин кор боиси такрори вожаҳои бегона ва сабаби пайдо шудани ибҳому душворӣ дар матни тарҷума мегардад.

Масъалаи дигаре, ки мутарҷимонро ба содир кардани хатову иштибоҳот савқ медиҳад, сатҳи таркибу иборот аст.

Бо назардошти дурӣ аз иштибоҳоту хатоҳо лозим аст, чанд нуктаи марбут ба масоили таркибҳо шарҳу баррасӣ шаванд:

Гоми аввал дар ин роҳ таъйини дурусти воҳиди тарҷума мебошад. Воҳиди тарҷума, яъне кӯчактарин ҷузъи иборот, ки дар он тавофуқ миёни аҷзои дигар иборот вуҷуд дорад, ба ҳамин далел наметавон ҳар ҷузъ аз онҳоро ҷудо тарҷума кард. Мисол: (وضع النقاط على الحروف) ба маънии (شفاف سازى) «шаффофсозӣ». Дар ин мисол мутарҷим наметавонад як ҷузъро ҷудогона тарҷума кунад.

Масъалаи дигар асли нисбати забонӣ ба шумор меравад. Аз муҳимтарин мушкилоти тарҷума адами вуҷуди меъёрҳое барои тарҷумаи ҳамаи забонҳо маҳсуб мешавад.

Мисол: чандто таъбири арабии зер дар форсӣ фақат ба як шакл тарҷума мешавад.

«Субҳ ба хайр» (صبح به خير) (صباح الخير) аввали рӯз, (ليلة سعيدة) ба маънии (شب به خير) «шаб ба хайр». Мисоли дигар: таркибҳои арабии зер дар форсӣ бо вожаи «раис» (رئيس) ҷойгузин мешаванд (مدير الجامعة) دانشگاه رئيس

Масъалаи дигар зимни тарҷума ҳамнишинии вожаҳо мебошад. Гап дар ин аст, ки бархе аз вожаҳо дар ҳоли истеъмоли онҳо дар канори якдигар маънои аслиашон иваз

мешавад. Масалан калимаи «абвоб» (أبواب) вақте ки дар бораи китоб истифодаа мешавад, маънои он тағйир меёбад ва лозим аст, ба фаслҳо тарҷума шавад. Илова бар вожаҳо, ҳуруф низ метавонад дар таркиб бо вожаҳо мафҳуми ҷадид бисозад, махсусан ҳуруф дар таркибҳои арабӣ маънои худро тағйир медиҳанд.

Акнун лозим аст, омилҳои дарунматнӣ дар сатҳи ҷумла мавриди баррасӣ қарор гирад. Махсусан дар қисмати феълҳои арабӣ.

Афъоли арабӣ аҳамияти бисёр доранд. Якум замони феъл ва дуюм амали он дар ҷумла. Афъол низ монанди вожаҳо ба дарки дуруст эҷоди муодилёбии саҳеҳ доранд. Дар муқоиса феъли арабӣ метавонад нақш ё амалҳои мухталиф дар ҷумла дошта бошад. Мисол: феъли (تأتي) амали исноди ё рабтӣ дорад. Бинобар ин, муодили он як феъли исноди ё рабтӣ дар забони форсӣ аст: (حققت الدول النامية خلال السنوات الماضية خطوات عديدة تأتي في مقدمتها رفع مستوى المعيشة والتعليم) тарҷума: «Кишварҳои ҷаҳони савум дар тайи солҳои охир дастовардҳои зиёде дошта бошанд, ки дастовардҳои боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва илмӣ дар садри ин дастовардҳо мебошад».

Тарҷумаи ғайри саҳеҳи як ҷузъ аз ҷумла, ҳазфи мафҳум, адами риояти нақши ҷумла яке аз муҳимтарин мушкилоте дар ин сатҳ аст, ки ба чанд нуктаи зер ишора мешавад:

1.Дар ҳоли тарҷумаи як ҷумлаи мутарҷим мумкин аст, бо бардошти нодурусти як ҷузъ аз он ҷумлаи комилро тарҷума мекунад, ки боиси костагии матн мегардад. Мисол: мафҳуми ибороти аслӣ бо матни тарҷумашуда мутобиқат надорад.

2. Яке аз мушкилоте, ки сабаби адами мутобиқати мафҳуми ҷумла мегардад, ҳазфи мафҳум мебошад. Дар натиҷа, номутобиқатии мафҳуми ҷумлаи мабдаъ ва мақсад ба вуҷуд меояд.

Ин кор ба шаклҳои мухталиф анҷом мешавад. Мисол ҳазфи қайд дар матни аслӣ, (المسيحي المتأصل من حذوره والعامل على هواه لم يكتب فقط بعدا على هذه الخلفة التقليدية بل دخل فجأة وربما على غير توقع عالما جديدا كليا من الحياة), тарҷума: «масеҳии кандашуда аз решаву саргардон на танҳо аз пешинаи суннатишон дур шуда, балки дар зиндагиву таҷрибаи эҳтимол комилан мутафовуте фурӯ ғалтид. Ба тавре ки дар матни аслӣ омада: «фурӯ ғалтид масеҳӣ дар зиндагӣ ва таҷрибаи комилан мутафовити худ» якбора ва ғайримунтазира будааст, ки дар матни тарҷума ишорае ба он нашудааст.

Ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки зимни тарҷума таҳрифҳое дар мафҳуми ҷумла сурат бигирад. Гоҳе ин таҳриф сабаб мегардад, ки манзури аслии ҷумла дарк нашавад.

Ҳамчунин дар ҳоли тарҷума изофа ё кам шудани матн лозим мебошад ва ҳадаф аз он равонии матни тарҷума аст. Вале агар ин изофа бемаврид бошад, боиси мушкилот дар матн, мубҳамгӯӣ, печида шудани тарҷума ва адами фаҳми тарҷума мешавад.

Масъалаи дигаре, ки қобили баррасист, мубҳамгӯӣ ва печидасозии фаҳми ҷумла аст. Ибҳом дар тарҷума, яъне истифода аз каламоту иборатҳои мушкил, шарҳи нодурусти манзури нависанда, тарҷумаи таҳтуллафзӣ, боиси печидагӣ ва дарки душвори матни тарҷума мегардад.

Ва ниҳоят нуктаи охирине, ки таъкидаш бамаврид аст, инҳироф аз манзури нависанда аст, ки фарогири мавриди зиёдест. Масалан, гоҳо бар манзури нависанда дар ҳоли тарҷумаи як ҷумла сифати хоссе афзуда мешавад. Ё қайде бар феъли ҷумлаи аслӣ изофа мегардад. Масалан, изофа шудани сифат монанди: (قام علماء الغرب بعده اختراعات مهمة ساهمت في تقدم وتطور العالم) тарҷума «Донишмандони барҷастаи ғарб чандин ихтироъҳои муҳим анҷом додаанд, ки боиси тараққиву пешрафти ҷаҳон гаштаанд».

Бар хилофи назари нависанда калимаи «барҷаста» ба донишмандон изофа шудааст. Нуктаи дигар зимни тарҷума ҳазф ё нодида гирифтани таъкиди мавриди назари нависанда аст. Ва ниҳоят хондани нодуруст низ метавонад боиси иштибоҳоти мутарҷим зимни тарҷума шавад. Мисол феъли (أعرض) метавонад ҳам муфради ғоиб ва ҳам мутакаллим бошад.

Албатта, «лағзишҳое, ки дар тарҷума сурат мегирад, танҳо ба нотавонии мутарҷим дар забони мабдаъ ё мақсад марбут намешавад. Бояд онҳоро ношӣ дар ақли салим донист» [4, с. 59].

Бад-ин тариқ мавориде, ки зимни он мутарҷим имкон дорад, дучори иштибоҳот гардад, зиёданд. Ин иштибоҳот, ки аз мушкилоти умумии амри тарҷума бармеоянд, танҳо аз роҳи мутолиа ва амал рафъ мегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Соидӣ Козим Лутфалипур. Даромаде ба усул ва равиши тарҷума. – Теҳрон, 1385. – 186 с.
2. Робенсон Д. Мутарҷим шудан / Д. Робенсон. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1380. – 486 с.
3. Ҳаққонӣ Нодир. Назарҳо ва назарияҳои тарҷума. – Теҳрон: Муассисаи интишороти «Амири Кабир», 1386. – 254 с.
4. Ҷонзода Алӣ. Фанни тарҷума аз дидгоҳи соҳибназарон ва устодони тарҷума. – Теҳрон: Интишороти «Ҷонзода», 1385. – 448 с.

ОМИЛҲОИ ДАРУНМАТНӢ ВА ИШТИБОҲОТИ ЭҲТИМОЛӢ ЗИМНИ ТАРҶУМА

(бар асоси тарҷумаи матнҳои арабӣ ба форсӣ)

Дар ин мақола вижагиҳои омилҳои дарунматнии матнҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Тавре ки маълум аст, манзари умумии забонӣ дар арабӣ ва форсӣ мухталиф аст ва бо ҳам мувофиқати комил надоранд. Маҳзи хотири ин масъала тарҷумаи дурусту бидуни иштибоҳ зимни тарҷумаи матнҳои сиёсӣ яке аз мавзӯъҳои мубрам ба шумор меравад. Қобили қайд аст, ки масоили тарҷумаи матнҳои сиёсӣ, қабл аз ҳама, баррасии иртиботи сиёсиро тақозо менамояд, ки дар маҷмӯъ иборат аст, аз вазъияти сиёсӣ, диди муаллиф, вижагиҳои дарку бархӯрд бо матн аз ҷониби мубохотабон ва ғайра. Ағлаб дар матнҳои сиёсӣ таъбироти фразеологӣ ба чашм мерасад. Аз нигоҳи иқтизои амри тарҷума мусталеҳоти мазкур ҳамон бахши лексикӣ мебошад, ки тарҷумапазир нестанд, зеро маънои онҳо хориҷ аз калимоти чаҳорчӯби онҳост. Намудҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ, махсусан ибораҳо ва воҳидҳои фразеологии тарҷумапазиранд, зеро маънои онҳо аз таҷаммуи калимоти сохтаи онҳо бармеояд. Қобили қайд аст, ки зимни тарҷумаи фразеологизмҳо бар асари дарки нодурусти тарҷумон дар матн иштибоҳот ба зуҳур мерасанд. Аз ҷониби дигар матнҳои сиёсӣ бо доштани ибороту таркиботи хос, ки тобишҳои неруманди ҳиссӣ доранд, фарқ мекунанд. Табиӣ аст, ки тарҷумаи чунин таркиботе барои мутарҷим мушкилот эҷод менамояд. Маҳзи хотири ин зуҳури хатову иштибоҳот имкон дорад. Дар мақола заминаҳои пайдоиши иштибоҳоти эҳтимолӣ ва шеваҳои бартараф кардани онҳо таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Калидвожаҳо: матн, сиёсӣ, тарҷума, тарҷумон, ибора, таркиб, иштибоҳ.

ВНУТРИТЕКСТОВЫЕ ФАКТОРЫ И ВЕРОЯТНЫЕ ОШИБКИ ПЕРЕВОДЧИКА ПРИ ПЕРЕВОДЕ С АРАБСКОГО ЯЗЫКА НА ПЕРСИДСКИЙ

В статье рассматриваются особенности внутритекстовых факторов политических текстов. Как известно, языковая картина мира в персидском и арабском языках разная и часто не имеет соответствия, поэтому проблемы правильного перевода весьма актуальны, особенно при переводе политических текстов. Следует отметить, что вопросы перевода политических текстов требуют, прежде всего, рассмотрения политической коммуникации, характеризующейся наличием различных составляющих, таких, как: политическая ситуация, установки автора, специфика восприятия текста адресатом и др. В политических текстах часто встречаются фразеологические обороты. С переводческой точки зрения, фразеологические сращения являются тем пластом лексики, который наиболее трудно поддается переводу, ибо их значения не складываются из значеный составляющих их слов. Остальные типы фразеологических единиц, а именно: фразеологические единства и фразеологические сочетания, легче переводятся, поскольку их значения можно установить из составляющих их слов. Кроме того, следует подчеркнуть, что многие ошибки, допускаемые при переводе фразеологизмов, мотивируются тем, что переводчик не распознает фразеологического оборота, принимая его за обычную фразу. С другой стороны, политические тексты отличаются наличием специфических словосочетаний, обладающих сильной эмоциональной окраской. И естественно, перевод подобного рода сочетаний представляет трудности для переводчика. В связи с этим часто допускаются ошибки. В статье анализированы предпосылки возникновения этих ошибок и пути их устранения.

Ключевые слова: текст, политический, перевод, переводчик, фраза, словосочетание, ошибка.

THE FACTS OF INNER TEXTS AND THE OBVIOUS MISTAKES OF TRANSLATORS FROM ARABIC INTO PERSIAN

It is considered the basis of politic texts of inner texts of facts. As we know, the language of world pictures in Persian and Arabic languages being not match to each others, therefore the problem of correct translation is quite true, basically in translation of politic texts. It must be noted that the questions of translation's politic texts demand consideration of politic communication characterizing the presence of consisting such as politic situation, setting author, specific of text's perception to senders and so on. Phrases often occur in political texts. From a translation point of view, phraseological fusion is the layer of vocabulary that is most difficult to translate, because their meanings do not add up from the words that make up them. The other types of phraseological unity and phraseological combinations are easier to translate, since their meaning can be established from the words composing them. In addition, it should be emphasized that many error allowed in the translation of phraseological units are motivated by the fact that the interpreter does not recognize phraseological turnover, taking it as a regular phrase. On the other hand, politic texts differ for the presence of specific combination of words having a strong emotional paint and translation like this type of combination of words, usually creates difficulty and hardness for a translator. Connecting to it often mistakes appear in translation. In this article is analyzed the premise of appearing these mistakes and the way of removing.

Key words: text, politic, translation, translator, phrase, combination of words, mistakes.

Сведения об авторе: ***Алджуани Султон*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан. г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:**TYT9966@HOT mail.com.** Тел.: **(+992) 908-11-81-30**

Information about the author: ***Aljuani Sulton*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Iranian Philology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail:**TYT9966@HOTmail.com.** Tel.: **(+992) 908-11-81-30**

УДК: 491.550+43

ПЕШОЯНДҲОИ НОМИИ ИЗОФИИ ТАРКИБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ НЕМИСӢ

(дар заминаи повести «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ)

Абубакров Ш. Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯзҳо дар соҳаи забоншиносӣ ба тадқиқи хусусиятҳои забонӣ диққати хосса медиҳанд ва хусусиятҳои як забонро ба забонҳои дигаре, ки ба оилаи як гурӯҳи забонҳо дохил мешаванд, дида мебароянд [1, с.30].

Дар тӯли мавҷудияти таърихии хеш забони тоҷикӣ дар зери сарпарастонаш бисёр каму костагиҳоро паси сар намудааст. Забон дар тӯли таҳаввулоти таърихии хеш якчанд дигаргуниҳоро дидааст. Имрӯзҳо дар замони истиқлолият забони тоҷикӣ рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Ин боис гашта, ки дар илми забоншиносӣ таҳқиқотҳои умда рӯйи кор оянд. Забон баёнгари тафаккури инсонӣ аст. Забон монанди ҷисми зинда дар нумуву инкишоф аст. Яъне, калимаҳои куҳна дар забон камистеъмол гардида дар илми забоншиносӣ калимаҳои нав ворид мешаванд. Чунин навгонӣ ё худ таҳаввулот дар забон ва адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама, бо талошҳои асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Бинобар ин, дар мақолаи худ мисолҳоро аз повести «Марги судхӯр»- и устод Айнӣ дар ду забон мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аз замонҳои пеш омӯзиш ва татқиқоти пешояндҳо дар зери назари забоншиносон қарор гирифта буд. Пешоянд калимаи хизматрасон ном дошта, муносибати исм ё ҷонишинро бо дигар калимаҳо нишон медиҳад. Дар адабиёти муосири тоҷик айни замон ҳар як пешоянд ҷиҳати сохторӣ - семантикии худро дорад. Дар мақолаи хеш мо танҳо таҳлили пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо дар забони немисиро дида мебароем.

Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ ин як намуд ё як шохаи нав дар илми забоншиносии тоҷик мебошанд ва аз қисмҳои номӣ сохта шудаанд. Бо пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар илми забоншиноси дертар дар арсаи қарни XX олимони соҳа сару кор гирифтаанд. Ба пешояндҳои номӣ аслан калимаҳои мустақил дохил мешаванд.

Дар системаи грамматикаи забони тоҷикӣ ин гӯруҳи пешояндҳо аз он сабаб пешояндҳои номӣ номгузорӣ шудаанд, ки калимаҳои номӣ маъно ва нишонаҳои асосии худро гум карда маънои нав қабул мекунанд ва ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда мегузаранд [1, с.30;31].

Якчанд омилҳои пайдоиши пешояндҳои номӣ дар системаи забони тоҷикӣ мавҷуд аст:

1. Бархе калимаҳои номӣ ба вазифаи зарф истифода шуда, тадриҷан ба гурӯҳи калимаҳои ёрирасон мегузаранд.
2. Сермаъноӣ ва маънои маҷозӣ заминаи пайдоиши пешояндҳои номӣ мегардад.

Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохти морфологиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1. Пешояндҳои номии изофии сода: **пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри.**
2. Пешояндҳои номии изофии таркибӣ: **ба пеши, аз пеши, дар назди, аз рӯйи, дар рӯйи, аз лаби, аз сари.**
3. Пешояндҳои номии изофии такрор: **лаб-лаби, пеш-пеши, рӯ-рӯйи.**

Пешояндҳои номии ғайри изофӣ: **пеш аз, пас аз, баъд аз, берун аз, назар ба, доир ба, рочеъ ба** [1, с.31].

Терминҳои олмонӣ «Verhältniswort», «Beziehungswort» маъно ва мавҳуми пешояндро медиҳанд. Ин терминҳо дар забони немисии айни ҳол бо термини «Präposition» кор фармуда мешаванд. Термини немисӣ «Präposition» аз забони лотинӣ «praeposition» гирифта шуда, маънояш пеш оянд (истанд) мебошад. Аммо на ҳамаи пешояндҳо аз рӯйи маъно дар пеш меоянд.

Пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар забони олмонӣ ҷойи ҷойгиршавӣ ва самти ҷойгиршавии ашёро мефаҳмонанд, ки инро дар забони тоҷикӣ бо пешояндҳои номӣ ифода мекунанд.

Пешояндҳои номӣ дар худ маънои лексикиашонро ҳифз мекунанд.

Неменова Р.Л. соли 1954 монографияи худро дар бораи пешояндҳои забони тоҷикӣ баровард. Дар кори худ забоншинос хислатҳои монографӣ, маънои асосӣ ва вазифаҳои пешояндро дар забони тоҷикӣ возеҳ сохт.

Неменова Р.Л. нишон дода, ки дар лаҳзаҳои тӯлонии рушди забони тоҷикӣ системаи пешояндҳо таҳаввули ивазшавӣ, нақш, самт, васеъшавӣ ва возеҳият, нишонаи аниқи тафриқаи пешояндҳо, оҳиста-оҳиста ҳамроҳ шудани калимаҳои номии нав барои сохтани шакл (намуд)-и пешояндҳоро аз сар гузаронидааст [10, с.18].

Ҳар як ҳиссаи номӣ ба худ сарҳади муайян дорад. Нақши пешоянд дар забоншиносии тоҷик масъалаи хело муҳим ва шавқовар аст.

Пешояндҳо чун ҳиссаи мустақили нутқ дар Ҳинди қадим ва дар мактабҳои Александрия омӯхта мешуд. Оиди пешояндҳои номӣ забоншиносони машҳур монанди Апресян (1995), Арутюнова (1999), Янко- Триницкая (1989), Кравченко (1989), Маляр (2002), Гербек (1997) корҳои илмӣ ва асарҳо таълиф намудаанд.

Аз ҷумла пешояндҳо мавзӯи баҳс ва татқиқотии забоншиносони тоҷик, монанди Камолова (1971), Бурҳонова (2005), Улуғзода (1959), Ҳусейнов (1969) низ гаштаанд.

Дар вақти сохтани пешояндҳои номии изофии таркибӣ пешояндҳои содаи *аз, ба, бо, то, бар, дар* ҳамроҳ мешаванд. Ин пешояндҳои сода пешояндҳои номии изофии таркибии *аз сари, аз пушти/ паси, ба пеши/ назди, ба лаби, то пушти/ паси, то миёни, бар сари/ лаби, дар пеши/ пушти/ паси, дар лаби*- ро месозанд. Дар назми тоҷик пешояндҳои номии изофии таркиби фарох ва бемайлон истифода мешаванд.

Дар дили мо гар намеоӣ ба чашми мо биё,
*Аз муҳит андеша дори **бар лаби** дарё биё* [Сайиди Насафӣ].

Пешояндҳои ба пеши ва ба назди ҳаммаънои якдигар ҳастанд. Вақто ки сухан дар хусуси ба ягон самт ҳаракат кардани объект меравад, онгоҳ ин пешояндҳо кор фармуда мешаванд. Ин пешояндҳо бештар бо феълҳои ифодакунандаи самти ҳаракат истифода мешаванд.

Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ ва тарзи истифодаю тарҷумаи онҳо ба забони олмонӣ: ***паш(vor), назд(naehe), боло(uber), таг(unter), дарун(inen), берун(aussen), миён(zwischen), ақиб/қафо(hinter), сар(kopf), рӯ(gesicht), пушт(ruck), даст(hand), лаб(lippe), паҳлу (neben)*** ва ғайра… Ин пешояндҳои номӣ дар забони олмонӣ ба тарзи таҳтуллафз тарҷума шудаанд. Ин калимаҳо бандаки изофӣ гирифта, дар вазифаи пешоянд мустақилияти воҳиди луғавии худро суст ва ё гум карда, ба воҳиди ёридиҳандаи нутқ, ба воситаи алоқаи синтаксисии байни калимаҳо мубаддал мешаванд. Бо вуҷуди ин, чунонки академик В.В. Виноградов қайд мекунад, дараҷаи гум шудани маънои луғавӣ ва пайдо шудани хусусияти пешояндӣ дар ин калимаҳо ҳар хел аст. Маънои луғавии ин пешояндҳо ба маънои грамматикиашон монанд аст [3, с.31; 81]. Дар забони тоҷикӣ инҳо бо пешояндҳои сода ва бо бандаки изофии «и» ҳамроҳ шуда, пешояндҳои номии изофии таркибиро ташкил мекунанд.

Ба пеши- ифодакунандаи ашё ё шахс ба самти дақиқ, яъне дар пеши субъект ва объект мебошад.

Ба пеши- шахс. *Қорӣ- Ишкамба нонфурӯшро ҷег зада **ба пеши** худ оварда…* [11, с.18] / *Kori- Ischkamba winkte ihn **heran**.* [2, с.15] *…даст дароварда аз он ҷо як даста тоқиҳои дарун ба дарун гузошташударо бароварда ва **дар пеши** назари Қорӣ –Ишкамба гузошта аз вай пурсид:* [11, с.21] / *und holte aus einem Verhangenen Regal einen Stapel Tjubetekas heraus. Er legte die Ware **vor** Kori- Ischkamba auf den Tisch und fragte:* [2, с.19].

Ба пеши- ашё. *….баногоҳ дидам, ки Қорӣ – Ишкамба ба сари дӯкони як чинифурӯши поҳои худро ба замин овезон карда бар лаби суфачаи **пеши** он дӯкон нишастааст* [11, с.18] */….stiess ich auf Kori –Ischkamba: er saß auf der Sufa **vor dem** Stand eines Porzellanhändlers und liess die Beine herabhängen* [2, с.14].

*Қорӣ – Ишкамба дар тимча **дар пеши** дӯкони як тоқияфурӯши рост истода аз вай:* [11, с.21] *Kori - Ischkamba blieb im «kleinen Basar» **vor einem** Tjubetekastand stehen* [2, с.18].

Дар мисолҳои дар боло ба таври муқоиса бо ду забон тоҷикӣ ва олмонӣ овардашуда монанди ва тағирот яъне гуногуни таҳлил карда мешавад. Дар ин мисолҳо пешоянди номии изофии таркибӣ ***ба пеши / дар пеши*** макон ё самти воқеъ гардидани амалро нишон медиҳад. Дар забони олмонӣ ҳангоми баргардон ё тарҷума ба як ё ду ҷумлаи сода ҷудо шуда, пешоянди умумии ***vor*** истифода шудааст. Ин пешоянд вобаста ба саволгузорӣ дар забони олмонӣ дар ду падеж тасриф мешавад. Яъне, баъд аз худ исм ё шахсро вобаста ба саволгузории падежҳо қабул мекунад. Wo?- дар куҷо? (тоҷ.) ***дар пеши*** *дӯкони як тоқияфурӯш…* (нем.) ***vor einem*** *Tjubetekastand* (тоҷ.) ***дар пеши*** *назари Қорӣ –Ишкамба* (нем.) ***vor*** *Kori- Ischkamba.*

1. Ҳар як пешоянди номии изофии таркибӣ вобаста ба самт хабар қабул мекунанд:

ба пеши аз пешоянди ба назди фарқкунанда аст ва вобаста ба вазъияти феъл гузошта мешавад (истодан) *Қорӣ – Ишкамба аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча баромада*

ба пеши *дӯкони як аттор* ***истод*** *ва ман ҳам аз паси ӯ рафта, бо тақрибае, ки аз сари дӯкони тоқияфурӯш гирифта будам, худро харидор сохта дар паҳлуи ӯ рост* ***истодам*** [11, с.24] / *Kori-Ischkamba trat aus der uberdachten Gasse auf die Straße , die zu den Ständen der Spezereihändler führte, und blieb abermals* ***vor einem*** *Laden* ***stehen****. Ich hielt mich erneunt hinter ihm* [2, с.22].

2. дар пеши/ назди/ҳузури – vor/ nähe (in der nähe) дар ин ҷо инҳо маънои умумиро медиҳанд. *Ба ин кас аз тоқияҳои ман нишон диҳед! Шояд ягонтаашро* ***дар пеши назари*** *худ фурӯшонида пули нақд карда гирам.* [11,с.23] / *Zeigen Sie Ihm einige von meinen Tjubetekas, vieleicht wird* ***in meinem Beisein*** *eine verkauft, und ich könnte sofort das Geld erhalten* [2, с.21].

Дар ин мисол дар забони тоҷикӣ пешоянди номии изофии таркибии ***дар пеши назари*** кор фармуда шуд. Аммо дар забони олмонӣ ҳангоми тарҷума пешоянди ***in meinem Beisein-*** *дар ҳузури худ* ҳузури худи шахс дар ин кор истифода шудааст.

Пешояндҳои номии изофии таркибии *дар пеши, дар назди* ва *дар ҳузури* дар асл маънои масоҳавиро доранд, ки ин аз семантикаи ҷузъи номии онҳо маълум аст. Ин пешояндҳои зикргардида вобаста ба маънои луғавӣ дар ҷумла муносибати замониро низ дар худ таҷассум мекунанд. Як нуктаро дарҷ кардан зарур аст, ки ҳангоми муносибати замониро ифода кардани ин пешояндҳо исм, шахс, ҷонишини соҳибӣ ва бандакҷонишинҳо ширкат мекунанд. Мисолҳои дар боло овардашуда тасдиққунандаи ин гуфтаҳост.

Пешояндҳои номии изофии таркибии *«ба/дар болои » «ба/дар рӯйи»* ва эквиваленти онҳо дар забони олмонӣ

-дар болои/ рӯйи-auf

-ба болои / рӯйи-über

Дар забони олмонӣ ин пешояндҳо фарққунанда нестанд, яъне ҳарду «auf» «über» маънои боло-ро доранд. ***Ба рӯйи*** *яке аз ин суфачаҳо Раҳими Қанд ном як кас лаълии қандфурӯшашро дар пеши худ ниҳода менишаст.* [11, с.27] */ Auf der einen saß stets der Süßwarenhändler Rahimi- Kand mit seinem Tragbrett* [2, с.25]. *–* ***Ба болои*** *сандалича марҳамат кунед! –гуфт* [11, с.14] / *Seien sie so freundlich, und setzen sie sich* ***auf den*** *Schemel* [2, с.8]. Пешоянди номии изофии таркибии ***ба болои*** дар асл маънои масоҳавӣ дорад ва бо баъзе исмҳои амалу ҳолат дар ҷумла замони рӯй додани амалро ифода карда метавонад.

Пешояндҳои номӣ вобаста ба хусусиятҳои забонҳо дар ҳар забон гуногун ифода меёбанд, зеро фарқият ва хусусиятҳои як забон ба забони дигар ҳангоми тарҷума ба таври қолабӣ ифода намеёбад. Баъзе хусусиятҳои як забон дар забонҳои дигар, ки ҳар ду ба як оилаи забонҳо дохил мешаванд, дида намешавад.

….ва даҳонаш чунон аз ош пур мегашт, ки дар вақти хоидан ва нафас кашидан донаҳои биринҷ бо оби даҳонаш ҳамроҳ шуда ***бар рӯйи*** *табақ пош мехӯрданд* [1, с.47] / *Wenn er Atem holte, fielen ihm Reiskörner aus dem Mund* ***auf die*** *Knie,* ***auf das*** *Tischtuch und zurück in den Pilav* [2, с.55].

Дар ин мисол танҳо ҳодисаи ТФ дида мешавад. Яъне тоҷ. ***бар рӯйи*** *табақ-* нем. ***auf die*** *Knie,* ***auf das*** *Tischtuch (ба рӯйи зону, ба рӯйи дастурхон)* Дар мисоли мазкур вобаста ба валентнокии пешояндҳои забонҳои муқоисашаванда пешоянди номии тоҷикии ***«рӯйи …»*** тавассути пуркунандаи бавосита ва пешоянди номии олмонии ***«auf»*** низ тавассути пуркунандаи бавосита ифода гардидааст.

Дар охир ба ҳукми хулоса гуфтан мумкин аст, ки ба он дараҷае, ки пешояндҳои аслӣ маънои луғавии худро гум кардан гирифтанд, дар забон типҳои нави пешояндҳо пайдо мешаванд ва паҳн мегарданд. Ҳангоми таҳлил мо дар ду забони муқоисашаванда дида баромадем, ки пешояндҳои номии изофии таркибӣ муносибатҳои самтӣ, масоҳавӣ, замонӣ, объектӣ, сабабӣ ва мақсадиро ифода мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абубакров Ш.Ҷ. Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони немисӣ / Ш.Ҷ. Абубакров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. - №4/1. – С.30-32.
2. S. AYNI. «Der Tod des Wucherers»; под.ред. М. Лоренс. - Берлин, 1965. - 256 с.
3. Бурхонова Г.С. Сопоставительный анализ составных предлогов в английском и таджикском языках: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.20 / Г.С. Бурхонова. – Душанбе, 2005. – 155 с.
4. Бергер Д. Грамматические трудности немецкого языка / Д. Бергер. - СПб.: Лань, 1996. - 19 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Гребе П. Грамматика современного немецкого языка: на нем. яз. Т.4 / П. Гребе. - Ленинград: Учпедгиз, 1962. – 301 с.
7. Додобоева Б. Ифода ёфтани муносибатҳои маконӣ ба воситаи пешоянди номӣ / Б.Додобоева. – Сталинобод,1958. - 108 с.

8. Коновалова Т.Е. Специфика предлогов широкой семантики и её отражение в словах / Т.Е. Коновалова. – Саратов,1988. - 219 с.
9. Мирзаджанова М.К. Семантико-сопоставительный анализ локальных предлогов в таджикском и английском языках: дис ... канд. филол. наук: 10.02.20 / М.К. Мирзаджанова. – Душанбе, 2011. – 155 с.
10. Неменова Р.Л. Предлоги в таджикском языке / Р.Л. Неменова. – Сталинобод, 1954. - 39 с.
11. С. Айнӣ «Марги судхӯр». - Сталинобод, 1961. - 350 с.
12. Шендельс А.Н. Грамматика немецкого языка / А.Н. Шендельс. – Москва: Просвещение, 1970. – 300 с.

ПЕШОЯНДҲОИ НОМИИ ИЗОФИИ ТАРКИБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ НЕМИСӢ

(дар заминаи повести «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ)

Дар мақолаи мазкур истифодабарии пешояндҳои номии изофии таркибии забони тоҷикӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо дар забони олмонӣ баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки ҳангоми баррасии ин мавзӯъ тафовут миёни забонҳои ҳамҷинс, яъне пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар забони тоҷикӣ ва ифодаи онҳо дар забони немисӣ дида мешавад. Дар мақола мисолҳо дар ду забон забони тоҷикӣ ва дар заминаи повести «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ дар забони олмонӣ муқоиса гардидааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки гарчанд тафовут миёни забонҳои муқоисашаванда дида шавад ҳам, пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар забони олмонӣ бо ҳар роҳу восита ифода шудааст. Аз рӯйи ақидаи В.В.Виноградов, дараҷаи гум шудани маънои луғавӣ ва пайдо шудани хусусияти пешояндӣ дар ин калимаҳо ҳар хел аст. Маънои луғавии ин пешояндҳо ба маънои грамматикиашон монанд аст. Дар мақола натиҷаҳои чунин вазъият мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Инчунин дар мақола хусусиятҳои трансплантатсия ва трансформатсия мавриди баҳс қарор гирифтааст. Нишон дода мешавад, ки дар мақола ҳангоми муқоиса танҳо хусусияти трансформатсия бештар ба чашм мерасад. Яъне тоҷ. **дар пеши назари** худ фурӯшонида пули нақд карда гирам. нем. **in meinem Beisein** eine verkauft. Зеро дар забони олмонӣ пешояндҳои номии изофӣ монанди забони тоҷикӣ нестанд. Пешояндҳои номӣ дар забони олмонӣ бо пешояндҳо ҳангоми ифодаи самти ҳаракат ифода меёбанд. Дар мақола қайд мегардад, ки пешояндҳои номии изофӣ дар забони тоҷикӣ вобаста ба самти ҳаракат ба худ хабар қабул мекунанд.

Калидвожаҳо: пешоянд, муқоиса, забон, забоншиносӣ, калима, пешояндҳои номӣ, грамматика, терминология.

ИМЕННЫЕ ИЗАФЕТНЫЕ СОСТАВНЫЕ ПРЕДЛОГИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ВЫРАЖЕНИЯ В НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКЕ

(на материалах повести «Смерть ростовщика» С.Айни)

В настоящей статье рассматриваются способы использования именных изафетных составных предлогов в таджикском языке и способы их выражений в немецком языке. Известно, что при рассмотрении этой темы встречаются различия между родственными языками, то есть именными изафетными составными предлогами в таджикском языке и их выражением в немецком языке. В статье сопоставляются примеры на двух языках – таджикском и английском, на материалах повести «Смерть ростовщика» С. Айни. В статье отмечается, несмотря на то, что существуют различия между сопоставляемыми языками, именные изафетные составные предлоги выражаются любыми способами в немецком языке. По мнению В.В. Виноградова, степень исчезновения лексического значения и возникновения предложных особенностей в этих словах различны. Лексические значения этих предлогов подобны их грамматическим значениям. В статье рассматриваются выводы из этого заключения. Также в статье рассматриваются трансплантационные и трансформационные особенности. Отмечается, что в статье при сопоставлении рассматривались только трансформационные особенности, например: дар пеши назари худ фурӯшонида пули накд карда гирам. – на нем. – in meinem Beisein eine verkauft. Потому что в немецком языке именные изафетные предлоги не похожи на таджикские предлоги. В статье отмечается, что именные изафетные предлоги в таджикском языке употребляются вместе со сказуемым.

Ключевые слова: предлог, сопоставление, язык, языкознание, слово, именные предлоги, грамматика, терминология.

NAME IZAPHET COMPOSITE PREPOSITIONS IN TAJIK LANGUAGE AND THE METHODS OF THEIR EXPRESSIONS IN GERMAN

(on the materials of the report "Death of the usurer" by S.Yani)

In this article, we discuss ways to use of nominal and composite prepositions in the Tajik language and how to express them in German. It is known that when considering this topic, there are differences between related languages, that is, nominal izaphet compound prepositions in the Tajik language and their expression in German. The article compares examples in two languages - Tajik and English, on the materials of the story "The Death of the Usurer" by S. Aini. The article notes that, despite the fact that there are differences between the languages being compared, nominal izaphet compound prepositions are expressed in any way in German. In the opinion of V.V. Vinogradov, the degree of disappearance of lexical meaning and the appearance of prepositional features in these words are different. The lexical meanings of these prepositions are similar to their grammatical meanings. The article reviews the results of this provision. Transplantation and transformation features are also considered in the article. It is noted that in the article during the comparison only transformational features were considered, for example: in Tajik – пеши назари худ фурӯшонида пули нақд карда гирам and in German - in meinem Beisein eine verkauft. Because in German nominal izaphetous prepositions are not similar to the Tajik prepositions. The nominal prepositions in German with other prepositions are stated when using directions. The article notes that nominal izaphetous prepositions in the Tajik language are accepted together with the predicate.

Key words: preposition, comparison, language, linguistics, word, nominal prepositions, grammar, terminology.

Сведение об авторе: ***Абубакров Ш. Дж.*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 935-58-84-70**

Information about the author: ***Abubakrov S.J.*** - Tajik National University, Assistant University Department of German and French. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 935-58-84-70**

УДК: 491.550+891.550

ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚА ДАР «ҚОБУСНОМА» - И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Давлатов А.Н.
Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон

Алоқаи муайяни грамматикӣ дар ҳолати ба ибора ва ҷумла дохил шудани калима пайдо мегардад, аммо дар «Қобуснома» хусусияти ин алоқаҳо дар ибора ва ҷумла як хел нестанд. Дар ин асар сохти ибора нисбат ба сохти ҷумла содатар аст, аз ин сабаб алоқаи калимаҳо дар он низ чандон мураккаб намебошад ва аз алоқаи забони муосири тоҷик тафовуте надорад. Асосан алоқаи ин калимаҳо дар ду гурӯҳи асосӣ – **пайваст** ва **тобеъ** вуҷуд доранд.

Ибора доимо аз ҷузъи асосӣ (калимаи тобеъкунанда) ва ҷузъи тобеъ (калимаи тобеъшаванда) иборат аст ва дар он фақат алоқаи тобеъ дида мешавад. Алоқаи пайваст бошад танҳо дар таркиби ҷумла вуҷуд дошта метавонад [1, с.20]. Дар «Қобуснома» ҷузъҳои ибора дар шакли чида низ ифода шудаанд, чунончи: **каримиву ҳалимиву раҳимӣ, бераҳмату беҳалим, бахилону лаимон, аввалину охирин, камсухану дурандеш.**

- Пас **каримиву ҳалимиву раҳимии** ту маро чӣ суд дорад, ки ту ҳамон кунӣ, ки он **бераҳмату беҳалим [4, с. 100]**? Пас агар **марди бахилу** лаим бошад, ба ҳушёрӣ аз ӯ ҳеҷ чиз махоҳ [4, с.101]. Ва **камсухану дурандеш** бош [4, с.103].

Мафҳуми чида шудани калимаҳо ва ибораҳо ба қоидаи аъзоҳои ҷумла ва сохти ҷумла алоқаманд мебошад. Ба туфайли ин имтиёзи ҷумла дар он ҳама хелҳои алоқаи наҳвии калимаҳо барқарор гашта, дар ҷумла алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ зоҳир мегардад, лекин ба ибора фақат алоқаи тобеъ хос мебошад.

Воситаҳои ифодаи муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар ҷумлаҳои содаи насри асри XI гуногун буда, аз насри имрӯза бо баъзе ҷиҳатҳо фарқ мекунанд.

Алоқаи пайваст. Дар алоқаи пайваст калимаҳои баробарҳуқуқ ба ҳам пайваст мешаванд [6, с.14]. Дар байни калима, ибора ва ҷумлаҳои мустақил алоқаи пайваст зоҳир мегардад, аммо онҳо ба якдигар тобеъ нестанд. Алоқаи пайваст воситаҳои хосси грамматикӣ – пайвандакҳои махсус дорад. Дар «Қобуснома» низ, воситаи асосии алоқаи пайвасти калимаҳо пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва интонатсияи пайваст (алоқаи пайвасти бепайвандак) мебошанд. Дар ин асар вазифаи пайвандакҳои пайваст ҳамчун воситаи алоқаи наҳвии пайвасти калимаҳо хусусан дар хабарҳои чида равшантар аён мегардад [2, с.39]. Дар он ҳолат муносибатҳои гуногун боз ҳам хубтар зоҳир мешаванд.

Ҳамаи аъзоҳои чидаи ҷумларо **павандакҳои пайвасти паиҳам** бо ҳам алоқаманд менамоянд. Серистеъмолтарин пайвандак дар «Қобуснома» пайвандаки **ва** мебошад. Пайвандаки **ва** дар алоқамандии калимаҳо нақши калон дорад. Бо ҳамроҳии пайвандаки **ва** дар алоқаи пайвасти паиҳам калимаҳо пайвандакҳои **ҳам, на, чи…чи** истеъмол мешаванд:

Ва бояд, ки китобҳо **ва** ачзо **ва** қаламу қаламдон **ва** давот **ва** корди қаламтарош **ва** монанди ин чизҳо ҳамеша бо ту бошанд [4, с.103]. Чунон бояд, ки дираме гуноҳро ним дирам уқубат кунӣ то ҳам расми сиёсат ба ҷо оварда бошӣ ва **ҳам** шарти карам нигоҳ дошта бошӣ то **ҳам** аз каримон бошӣ ва **ҳам** соисон [4, с.99]. Пас он бародар танҳо **на бар** тани худ карда бошад **бар** лашкар ва **бар** Худованд ва **бар** хештан карда бошад [4, с.120] .

Ғайр аз ин, дар ин асар бо алоқаи пайвасти паиҳам калимаҳо бо пайвандакҳои ҷуфти **ҳам…ҳам, чи…чи, ва на…на** истеъмол мешаванд:

Ва некутарин ҳайвон аз ҳайвонот асп аст, ки доштани ӯ **ҳам** аз кадхудоист ва **ҳам** аз мурувват [4, с.77]. **На** аз падар мерос ёфта ва **на** аз ту дорам [4, с.132]. Душман **чӣ** мурдаву **чи** гурехта ва аз **чи** зинҳор омада [4, с.95].

Дар мисолҳои зикршуда пайвандакҳои пайваст бо аъзоҳои чидаи гуногуни ҷумла, ба монанди хабарҳои феълии чида, хабарҳои номии чида, пуркунандаҳои чидаро ба ҳам пайвастаанд.

Инчунин дар «Қобуснома» пайвандаки **ва** метавонад дар як ҷумла якчанд маротиба такрор ёбад (агар аъзои чида аз ду зиёд бошад):

Пас дарвеш бояд, ки муътамид бувад ва чарбзабон ва бе офати пӯшидаву фисқи зоҳир ва бо вараъ ва поктану покҷома ва бо олатҳои сафару ҳазар [4, с.174].

Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофии аммо, лекин низ дар алоқаи пайвасти калимаҳо кор фармуда мешаванд. Дар ин асар пайвандаки **аммо** баъд аз пайвандаки **ва** дувумин пайвандаки серистеъмол ба шумор меравад, лекин ҷойи қисми бештари ин пайвандакҳо дар «Қобуснома» дар аввали ҷумлаанд:

Аммо ҷаҳд кун, эй писар то душман наяндӯзӣ [4, с.92]. **Аммо** забони хеш бар он кас баста дор, ки агар хоҳад забони хеш бар ту битавонад кушод [4, с.97]. **Лекин** андар қабул доимо бо тарс бош, ки хасми музаккир ва дари қабул падид ояд [4, с.105]. Ин фарзанди маро он чи омӯхтаед, неку бидонистааст, **лекин** беҳтарин ҳунаре наомӯхтааст [4, с.83].

Ғайр аз ин, пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофии **вале, балки** низ дар алоқаи пайвасти калимаҳо кор фармуда мешаванд:

Лекин бо ҳама некӣ ҳар рӯз ба гармоба рафтан суд надорад, **балки** зиён дорад, ки аъсобу мафосилҳо нарм кунад ва сахтии вай бигирад [4, с.56]. Аммо ҳар чӣ муктасаб аст,битавон омӯхт, **вале** ақли ғаризӣ ҳадяи худоист, он ба таълим аз муаллим бинатавон омӯхт [4, с.181].

Алоқаи пайвасти хилофӣ аксар ҷумлаҳоро пайваст мекунад [4, с.20].

Агар марди карим бошад, ҳоҷат бихоҳ, **аммо** фурсат нигоҳ дор, ба вақте, ки дилтанг бошад ҳоҷат махоҳ [4, с.101]. Натиҷа ба ҷо овардем**, лекин** то агар бо ин қавм муҷоласат накунӣ, на ту бар эшон гарон бошӣ ва на эшон бар ту [4, с.172]. **Аммо** бо бехирадон ҳаргиз дӯстӣ макун, ки дӯсти бехирад бо дӯст аз бади он кунад, ки сад душмани одил накунанд ба душманӣ [4, с.90].

Ҳангоми дар ҷумла истифода бурдан калимаи **бошад** ва пайвандаки паиҳами **-у** ба сифати пайвандаки хилофӣ низ истифода мешаванд, ки чунин шакли истифодабарии пайвандакҳо дар «Қобуснома» низ дида мешавад:

Бидон, эй писар, ки мардум то зинда **бошанд**, гузир **бошанд** аз дӯстон, ки мард агар бе бародар **бошад** беҳ, ки бе дӯст [4, с.88]. Ва бояд, ки зан тамом**у** расида ва оқила бошад ва кадбонуии модар**у** падари худ дида бошад [4, с.82].

Пайвандакҳои пайвасти ҷудоии **ё…ё, ё ки, ё ин ки, хоҳ…хоҳ, гоҳ…гоҳ** низ дар алоқаи пайвасти калимаҳо иштирок менамоянд. Алоқаи пайвасти ҷудоӣ яке аз хелҳои алоқаи пайваст ба шумор рафта, дар насри асри XI алалхусус дар «Қобуснома», истифода бурда шудааст:

То тану ҷон ба як ҷой бошанд, ҷон ба хосияти хеш танро нигоҳ дорад ва **гоҳ** дар кор орад ва **гоҳ** танро ба хосияти хеш аз кор боз дорад ва андар ғафлат кашад [4, с.59]. Сабаби бемориҳои аъзоҳои олӣ- **ё** сабаби бемори бошад, ки дар хилқат афтад, **ё** андар миқдор, **ё** дар вазъ, **ё** андар адад [4, с.119]. Надонам, ки ту ба ҷой тавонӣ овардан, **ё ки** ба дилдоварӣ кардан коре душвор аст [4, с.53].

Пешоянди **бо** низ метавонад ба вазифаи пайвандаки пайвасткунанда ояд. Лекин дар ин ҳолат вазифаи грамматикии ин калима тағйир меёбад:

Ҳукамо **бо** мардум чунин гуфтаанд, ки шабонарӯзӣ бисту чор соат бошад, ду баҳр бедор бошӣ ва як баҳр бихусбӣ [4, с.58] .

Алоқаи пайвасти бепайвандак асосан хосси ҷумла аст. Ин хели алоқаро ҳам Кайковус дар асари насрии хеш ба таври васеъ истифода бурдааст ва дар алоқаи калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои бепайвандак муносибати маъноӣ, тартиби калима, оҳанги такрор, интонатсия мавқеи асосӣ дорад: **писар, духтар, мард, зан; дар хашм, дар боғ, дар пирӣ; аз ранҷи падар, кори тандурустон кардан; Дар Хуросон айёре буд сахт мӯҳташам ва некмард ва маъруф Муҳаллаб ном; Ҳеҷ чора надонистам, андар киштӣ нишастам ба Даҷла ва ба Бағдод рафтам ва он ҷо шуғл некӯ шуд ва эзидтаоло тавфиқи ҳаҷ дод [4, с.84].**

Алоқаи тобеъ. Дар ташаккули ҷумла алоқаи наҳвии тобеи калимаҳо нақши калонеро мебозад, чунки бе ин намуди алоқа таркибёбии ҷумла мушкил аст.

Ҳангоми як калима тобеи калимаи дигар шудан алоқаи наҳвии тобеъ ба вуҷуд меояд. Алоқаи тобеи наҳвии калимаҳо метавонад дар байни хабару мубтадо, муайянкунандаву муайяншаванда, пуркунандаву хабар, ҳолу хабар ба амал ояд. Алоқаи тобеи калимаҳо ба туфайли пешояндҳо, пасояндҳо, бандаки изофӣ, бандакҳои феъливу хабарӣ, тартиби калима ба амал меояд [3, с.10]. Ин воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо муносибатҳои мухталифи наҳвиро ифода менамоянд, ба монанди муносибати субъекту предикат, предикату объект, предикату ҳол, муносибати атрибутивӣ ва ғайра.

Ин воситаҳои наҳвӣ аз рӯйи семантика бо калимаҳои муқобилмаъно омада, маъноҳои гуногуну хелҳои зиёдеро ифода мекунанд [5, с.134]. Онҳо муносибати субъекту амал, ашёву аломати он, куллу ҷузъ, соҳибияту мансубият, муносибати амалу ҳолат, амалу объект ва ғайраҳоро мефаҳмонанд.

Алоқаи тобеи калимаҳо аз рӯйи воситаҳои грамматикӣ ва алоқаи ҳамдигарии калимаҳо дар «Қобуснома» ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешавад.

1. **Алоқаи мувофиқат**. Мувофиқат яке аз гурӯҳҳои алоқаи наҳвиест, ки дар он ҷузъи тобеъ ба ҷузъи тобеъкунанда аз рӯйи шахсу шумора ва ё танҳо шумора, ё ин ки шахс мувофиқат менамояд, яъне ҷузъи тобеъкунанда дар кадом шахсу шумора бошад, ҷузъи тобеъ ҳам то ҳадди имкон дар ҳамон шахсу шумора меояд [7, с.67]. Воситаи ифодаёбии мувофиқат дар забони тоҷикӣ ба воситаи бандакҳои феъливу хабарӣ ва пасвандҳои ҷамъбандӣ ифода меёбанд.

Алоқаи мувофиқат аз рӯйи ифодаи грамматикӣ- лексикӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешавад: **мувофиқати грамматикӣ, мувофиқати грамматикӣ-лексикӣ, мувофиқати грамматикӣ-семантикӣ [8, с.79].** Ҳамаи ин хелҳои алоқа дар сохтори асари мавриди таҳқиқамон - «Қобуснома» иштирок доранд.

Фарқи ин навъҳои алоқа аз он иборат аст, ки дар мувофиқати грамматикӣ ҳар ду ҷузъ ҳам воситаҳои грамматикӣ доранд**: мутрибон шеър хонданд, навкарон хӯрок хӯрданд**. Валекин дар мувофиқати грамматикӣ-лексикӣ яке аз ҷузъҳо нишондиҳандаи грамматикӣ дорад, аммо ҷузъи дигар нишондиҳандаи грамматикӣ надорад: **ҳама бирафтанд, ман бозгаштам, мо рафтем** ва ғайра.

Навъи сеюм мувофиқати грамматикӣ - семантикӣ буда, дар он низ яке аз ҷузъҳо, одатан ҷузъи тобеъ нишондиҳандаи грамматикӣ дораду ҷузъи тобеъкунанда нишондиҳандаи грамматикӣ надорад: **мардум омаданд, тоифаи дуздон.**

Аз калимаҳои дар фавқ зикршуда ҷузъи якумашон нишондиҳандаи грамматикӣ дошта, ҷузъи дуюмашон мазмунан ифодаи маъноии бисёр доранд.

Бояд зикр намуд, ки калимаҳои тобеъ бо онҳо аз рӯйи шумора мувофиқат менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо бо исми ҷомеъ ифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ алоқаи мувофиқат байни хабару мубтадо ва баъзан муайянкунандаву муайяншаванда ба амал меояд [9, с.12].

Мувофиқати хабар бо мубтадоро дар асарҳои насрии асри XI, аз он ҷумла дар «Қобуснома»**,** ба таври васеъ дидан мумкин аст. Ин шакли мувофиқат дар се навъи воситаҳои грамматикӣ – лексикӣ иштирок карда метавонад.

Чуноне ки дар боло зикр кардем, дар мувофиқати грамматикӣ ҳар ду ҷузъ ҳам нишондиҳандаи грамматикӣ доранд:

Мард меҳр биситуду **бирафт** ва **марди дигар** пеши қозӣ **биншаст** [4, с.108]. **Зулқарнайн** гирди олам **бигашт** [4, с.99].

Дар мисолҳои боло мубтадо бо исм ифода ёфта, дар шакли танҳо омадааст.

Дар мисолҳои зер бошад, мубтадо бо исмҳои ҷамъи ифодакунандаи шахс (бо пасвандҳои ҷамъбандӣ) омадааст ва хабар бо он мубтадоҳо аз рӯқи шахсу шумора мувофиқат мекунад:

Мардумон дараҷаи ту **бишносанд** [4, с.27]. **Бузургону хирадмандонро** ба сухан **бишносанд** [4, с.27].

Дар «Қобуснома» боз ҷумлаҳоеро дидан мумкин аст, ки мубтадо бо ҷонишинҳои ифодакунандаи ҷамъ омадааст ва онҳо ба қатори мувофиқати грамматикӣ – лексикӣ дохил мешаванд, зеро ҷонишинҳо (ба ғайр аз **онҳо, инҳо**) нишондиҳандаи ҷамъи грамматикӣ надоранд:

Мо чанд кас дар кишти будем [4, с.84]. Ҳама бигӯянд, ки лаънат бар мулҳидон бод ва зиндиқён, ки дигар он масъала аз ту касе наёрад пурсанд [4, с.105].

Инчунин мувофиқати байни хабару мубтадо ду хел мешавад, мувофиқати **пурра** ва мувофиқати **нопурра** [4, с.13].

Дар ҳолате хабар бо мубтадои худ ҳам аз рӯйи шахс ва ҳам аз рӯйи шумора пурра мувофиқат намояд**, мувофиқати пурра** ном дорад. Дар ин ҳолат мубтадо бо калимаҳои ифодакунандаи миқдори зиёд ё бо исмҳои ҷомеъ омада бошад, хабар бо мубтадо аз рӯйи шахсу шумора мувофиқат менамояд:

Ва **раият** ба адл тавон дошт ва **раият** ва адл ободон бошад, ки дахл аз раият ҳоил мешавад [4, с.160]. Ва **подшоҳони** атрофи олам, ки ҳамасрони ту бошанд, агар дӯст бошӣ , нимдӯст мабош [4, с.164].

Аз мисолҳои дар боло зикршуда маълум гашт, ки дар забони адабии тоҷик хабар бо мубтадо аксаран пурра мувофиқат намояд ҳам, вале мавридҳое ба назар мерасанд, ки дар байни онҳо мувофиқати пурра дида намешавад. Ин мувофиқат дар забони насри асри XI аз забони адабии ҳозираи тоҷик то андозае фарқ мекунад [10, с.76]. Зеро дар адабиёти

классикӣ ба мувофиқати семантикию грамматикӣ бештар диққат дода мешудааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқати грамматикӣ афзалият дорад.

Аз рӯйи анъана ба мувофиқати пурраю нопурраи бо мубтадо масъалаи ҷамъи грамматикию семантикии мубтадо пайвастагии зич дорад. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик масъалаи мувофиқати хабар бо мубтадо тағйир ёфтааст. Имрӯзҳо дар забони матбуот ва садою симо хабар бо мубтадо, сарфи назар аз он ки бо исми шахс ифода шудааст ё ғайри шахс, аксаран мувофиқат мекунад.

Дар насри ин давра, яъне асри XI, махсусан дар «Қобуснома» мисолҳои зиёде ҳастанд, ки мубтадо миқдори зиёдро ифода намояд ҳам (исм бо шумора), дар шакли танҳо омадани хабар мумкин аст:

Ду фармондеҳ дар як шаҳр **наку набошад** [4, с.52]. Зиёда аз **ҳаштод ҳазор** мард он ҷо **кушта шуд** [4, с.176].

Чунин ҷумлаҳо дар забони адабии муосири тоҷик низ ҳастанд:

Аз баландии шаст метр бо поён меомад [1, с.56]. Наздики чорсад донишҷӯ **шуда буд** [1, с.68].

Инчунин дар калимаҳои ифодакунандаи миқдори зиёд ва хабару мубтадоҳое, ки бо исми ҷомеъ ифода шудаанд, хусусияти духӯрагӣ пайдо мешавад ва аз ин сабаб хабар бо мубтадои худ гоҳо мувофиқат мекунад ва гоҳо мувофиқат намекунад, ки ин ба услуби нависанда вобаста аст.

Дар забони «Қобуснома» мисолҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки мувофиқати хабару мубтадо ба нормаи забон мувофиқат накардааст. Аз ин рӯ, мо мисолҳеро оварда метавонем, ки хабар бо мубтадои худ на аз рӯйи шахс мувофиқат кардааст ва на аз рӯйи шумора; мубтадо бо ҷонишини **ҳар кас** (шахси III, шумораи танҳо) ва хабар бо феъли **бихӯрем** (шахси I, шумораи ҷамъ) ифода гардидаанд:

Ҳар кас се қадаҳ мураббо **бихӯрад** [4, с.164].

Бо чунин мисолҳо мо дар забони гуфтугӯи низ вомехӯрем. Дар ин гуна мисолҳо мубтадои асоси афтида, баёнияҳои истисноӣ мемонанд:

Амаки Равшани бодгар ба кӯзаҳо об гирифта омад [3, с.59].

Илова бар ин, дар забони муосири тоҷик ба чунин ҳодисаи мувофиқати нопуррае ҳам вомехӯрем, ки хабар бо мубтадои худ аз рӯйи шумора мувофиқат дорад, лекин аз рӯйи шахс мувофиқат намекунад:

Падару писар ба шаҳр равон шудем [1, с.575]. Ду кас ба сақичхоӣ сар кардем [1, с.275]. Дар ин мисолҳо нависанда калимаи **«мо»**-ро дар назар дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷумлаҳои феъли мувофиқати хабару мубтадо бо ҳамаи хусусиятҳояш зоҳир мегардад, яъне нишондиҳандаи грамматикӣ дорад **(замон, намуд, сиға** ва ғайра), лекин мувофиқати хабару мубтадо дар ҷумлаҳои номӣ бо бандакҳои хабарӣ аёнтар зоҳир мегардад:

Ва адӯи ишон фузунтар аз даҳ ҳазор мард аст [4, с.56]. Ин бистари истироҳатии шумо ба шумор мерафт [4, с.101].

Дар ҷумлаҳое, ки хабар набошад, аз байн рафтани мувофиқати грамматикӣ аз эҳтимол дур нест ва дар ин ҳолат мубтадову хабар бо дигар хели алоқаи наҳвӣ, тартиби калима меояд, ба монанди «Рӯдакӣ- шоир»; «Об - рӯшноӣ»; «Наврӯз - паҳлавон». Яъне дар шакли баёнияи беизофӣ меояд.

Хулоса, воситаҳои ифодаи мувофиқати хабар бо мубтадо, бандакҳои феъливу хабарӣ, пасвандҳои ҷамъбандӣ ва тартиби калима мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1968. - 367 с.
2. Давлатов А. Алоқаи мувофиқат ва истифодаи он дар «Қобуснома» / А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - № 4/1(203). – С.36-39.
3. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 1986. – 136 с.
4. Кайковус У. Қобуснома; ба чоп ҳозиркунанда М. Муллоаҳмадов. - Душанбе, 2007. - 190 с.
5. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 216 с.
6. Мирзоев А. Наҳви забони тоҷикӣ / А. Мирзоев. - Сталинобод, 1948. – 234 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе, 1970. – 266 с.
8. Хоҷаев Д. Синтаксис ва пунктуатсия / Д. Хоҷаев. - Душанбе, 1999. – 60 с.
9. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2012. – 220 с.
10. Хоҷаев Д. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик /Д.Хоҷаев.-Душанбе, 2017.-320с.

ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚА ДАР «ҚОБУСНОМА» - И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Мақола ба яке аз мавзӯъҳои муҳим ва зарурии фанни забоншиносӣ - фарқияти истифодабарии алоқаи насри муосир аз насри асри XI бахшида шудааст. Инчунин далолат намудани алоқаи пайваст ва тобеъи ҷумлаҳои «Қобуснома» бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст. Илова бар ин муаллиф оиди ҷумлаҳои

умумишахсе, ки хабарашон дар шакли манфӣ омадааст, мисолҳои ҷолиби диққат гирд овардааст. Хулоса Давлатов А. бисёр хуб қайд кардаст, ки дар байни калима, ибора ва ҷумлаҳои мустақил алоқаи пайваст зоҳир мегардад, аммо онҳо ба якдигар тобеъ нестанд. Алоқаи пайваст воситаҳои хоси грамматикӣ – пайвандакҳои махсус дорад. Дар «Қобуснома» низ воситаи асосии алоқаи пайвасти калимаҳо пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва интонатсияи пайваст (алоқаи пайвасти бепайвандак) мебошанд. Дар ин асар вазифаи пайвандакҳои пайваст ҳамчун воситаи алоқаи наҳвии пайвасти калимаҳо хусусан, дар хабарҳои чида равшантар аён мегардад. Дар он ҳолат муносибатҳои гуногун боз ҳам хубтар зоҳир мешаванд. Инчунин, дар забони «Қобуснома» мувофиқат аз рӯи шахсу шумора байни мубтадову хабар, аз рӯи шумора байни баъзе муайянкунандаву муаяйншаванда ва ибораҳо вуҷуд дорад. Ӯ дар мақола зикр кард, ки дар адабиёти классикӣ ба мувофиқати семантикию грамматикӣ бештар диққат дода мешудааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқати грамматикӣ афзалият дорад. Масъалаи муҳими дигаре ки муаллиф ба он диққати ҷидди зоҳир кардааст, ин дар муқоиса гузоштани ҷумлаҳои «Қобуснома» аз ҷумлаҳои забони имрӯз мебошад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои содаи чидааъзо, наҳв, адабиёти муосир, сохтор, усул, нишондод, алоқа, мувофиқат, тарз, тадқиқ, омил, пайвасткунанда, пайвастшаванда.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СРЕДСТВ СВЯЗИ В «ҚАБУСНАМЕ» УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Статья посвящена одной из важнейших и необходимых проблем языкознания - использованию средств связи в современной поэзии XI века. Также на конкретном примере дана тесная связь сочинительных и подчинительных предложении в Кабуснаме. В дополнение к этому автор приводит интересные примеры об обобщенно - личном предложении, где сказуемое стоит в отрицательной форме. Делая вывод, Довлатов А. Н. хорошо отметил, что между словами, в словосочетании и предложении идёт тесная связь, но они не подчиняются друг к другу. Связь между словами происходит по грамматическим основам – по имеющимся специальным союзам. В Кабуснаме также основным средством связи являются соединительными, против и разделительные союзы и интонация (бессоюзные связи). В этом произведении роль сочинительных союзов как средство связи слов в синтаксисе наблюдается в однородных сказуемых. В тех случаях различные связи ещё лучше выделялась. Также, в языка Кабуснаме идёт соответствие личных и числительных между подлежащим и сказуемым, числительных между подлежащим и сказуемым, числительных между некоторыми определениями и определяемыми и словосочетаниями. В этой статье отметил автор, что в классической литературе соответствие грамматике семантике придавалось большое значение, но в современном литературном языке отдается превосходство грамматике. Другой основной проблемой автор считает различия позначению предложений в «Кабуснаме» и в современном языке.

Ключевые слова: простые однородные предложения, синтаксис, современные литераторы, структуры, способы, классификацию, анализ, проводить, средства.

THE USE OF COMMUNICATION IN "CABUSNAMA" UNSURULMAOLICA KAIKOUSSA

The article is devoted to one of the most important and necessary problems of linguistics, the use of communication tools in modern poetry of the XI century. Also, on a concrete example, there is a close connection between the writing and subordinate clauses in Kabusnama. Addition to this, the author gives interesting examples of a generalized personal proposal, where the predicate stands in a negative form. Drawing a conclusion, Dovlatov A.N. noted well that between words, in the phrase and sentence there is a close relationship, but they do not obey each other. The connection between words occurs according to grammatical foundations - according to available special alliances. In Kabusnama, the main means of communication is connecting, opposing and separating alliances and with the help of intonation (non-union ties). In this work, the role of compositional unions as a means of linking words in syntax is observed in homogeneous predicates. In those cases, different connections were even better distinguished. Also, in the language of Kabusnama there is a correspondence of personal and numerals between the subject and the predicate, the numerals between the subject and the predicate, the numerals between certain definitions and the phrases and phrases that are defined. In this article, the author noted that in the classical literature grammar was accorded great importance to semantics, but in modern literary language, the correspondence to grammar is superior. Another important problem the author considers and attributes to the meaning of the differences in the proposals in "Kabusnama" and in modern language.

Key words: simple homogeneous sentences, syntax, modern writers, structures, methods, classification, analysis, conduct, means.

Сведение об авторе: ***Давлатов А.*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, М.Турсунзаде, 30.
Тел.: **(+992) 985-45-36-98**

Information about the author: ***Davlatov A.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, assistant of the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade, 30. Tel.: **(+992) 985-45-36-98**

УДК: 491.550+43

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАРОСИМИ ТӮЙИ АРӮСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Лузинаи Зафардухт
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар вазъи ҳозира дар замони ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо масъалаи ҳифзи миллат, забон ва маданият дар мадди аввал аст. Забон ва фарҳангу маданият тавсифкунандаи қавму миллат ҳастанд, дар кадом давра ва вазъи иҷтимоие, ки ин қавм қарор надошта бошад…[7, с.99].

Ҳар як қавму миллат расму оин ва ҷашну маросимҳои ба худ хосро дорост. Тӯйи арӯсӣ низ яке аз чунин ҷашнҳост. Ҷашни арӯсиро ҳар қавму миллат ба таври хосса, яъне бо риояи қонуниятҳое, ки аз тарафи омма қабул шудаанд, барпо мекунанд. Дар қатори анъанаҳои мардумӣ маросими тӯйи арӯсӣ аз ҷиҳати гуногунрангии ҷузъиёт мавқеи асосиро ишғол менамояд [8, с.16].

Аз қадимулайём мардуми тоҷик тӯйро хеле пурдабдаба ва бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегиранд. Тӯй суннатест, ки аз ниёгон ба мардуми мо мерос мондааст. Мафҳуми вожаи тӯйро мардуми тоҷик чунин мефаҳманд - ҷашн, ид, маросими хурсандӣ, ки ба муносибати арӯсӣ ва ғайра барпо мешаванд.

Дар байни мардуми тоҷик, асосан хатнатӯй, тӯйи арӯсӣ, тӯйи домодӣ, тӯйи пайғамбарошӣ, хонадароён, аскарталбон, гаҳворабандон маъмул аст Вожаҳои арӯс ва келин дар забони адабии тоҷик баробар истифода бурда мешаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки вожаи келин дар забони тоҷикӣ хусусияти сермаъноӣ пайдо кардааст. Баъзан ба ҷойи дигар вожаҳо низ истифода бурда мешавад. Истилоҳи келин бештар ба ҷойи истилоҳи «янга» меояд. Воҳиди луғавии янга дар забони тоҷикӣ ин бо эҳтиром муроҷиат намудан ба зани шахсе, ки шиноси азизи туст, агар ӯ аз гӯянда калон бошад, агар хурд бошад, ҷойи ин истилоҳро калимаи келин иваз мекунад [3, с.23].

Дар байни тоҷикон дар маросими тӯй урфе ба мерос мондааст, ба меҳмонон, қавмашон зиёфати олиҷаноб дар тӯй баргузор намудан. Баромади вожаи қавмошӣ низ аз ин ҷо сарчашма мегирад. Кадбонуҳои тоҷик дар вақти тӯй ба нонпазӣ диққати махсус медиҳанд [1, с.123]. Дар Олмон ҳангоми тайёр кардани дастархони тӯёна на танҳо соҳибони тӯй, балки меҳмонон, махсусан ҳамсояҳои наздик, ҳам иштирок мекунанд. Онҳо бо худ табақу коса, мизу курсӣ, ҳар гуна хӯрок аз қабили шир, қаймоқ, тухм ва амсоли инҳо меоранд. Дар Олмон дар тӯйи арӯсӣ тақрибан аз бист номгӯи таомро омода месозанд. Бештар хӯрокҳои гӯштӣ аз қабили кабоб, гӯштбирён, гӯшти обҷӯш ва амсоли инҳо пешкаш мекунанд. Аммо бояд қайд кард, ки олмониҳо дар тӯйи арӯсӣ ба мисли мардуми тоҷик ба омода сохтани нон аҳамияти хосса медиҳанд,

Дар маросими тӯйи арӯсӣ олмониҳо нони калонҳаҷме мепазанд. Дар нони калонҳаҷм шамъ мегузоранд, ки он “Brot und Licht», ифодагари маҳфуми нону шамъ мебошад. Аз рӯйи анъана он нонро дар рӯйи хони тӯёна мегузоранд. Пас аз тамом шудани тӯй нонро пора карда, ба камбизоатон тақсим мекунанд, шамъро бошад ба ибодатхона мебаранд. Инчунин, хешовандон ба шаҳу арӯс нон ва намак (Brot und Salz) тақдим мекунанд, то ин ки домоду арӯс ба мисли нону намак ҳамеша бо ҳам бошанд [10, с.126].

Дар тӯйи арӯсӣ занҳои тоҷик ду- се рӯз пеш ба пухтани нон омода шуда, навъҳои гуногуни нонро мепазанд. Навъҳои ноне, ки занҳои тоҷик дар тӯйи арӯсӣ мепазанд бо вожаҳои зерин ифода мешаванд: нони тунук, нони бозорӣ, нони фатирхамир, нони башир, нони расида, нони самарқандӣ, нони норасида, нони дегӣ, кулчаи башир, кулчаи баравған, кулчаи чойӣ, кулчаи калон, кулчаи майда, кулчаи тафдонӣ, кулчаи осиёӣ, кулчаи бақаймоқ, кулчаи идӣ, кулчаи чомоқдорак, кулчаи келин, кулчаи баоб, кулчаи бамаска, фатири бапиёз, фатири кӯракӣ, фатири қат-қат, фатири пудинагӣ, фатири бачаза, хасфатир, тошфатир, қотурмақалама, чалпак, қатмол, тунук. Истилоҳи фатири қат- қатро дар лаҳҷаи Ҳисор вожаи варақӣ ва дар водии Рашт муодили таҳтунук бадал месозад [1, с.123].

Анъанаи дигаре , ки дар байни мардуми тоҷик то ҳол маҳфуз мондааст, ин ҳадя кардан дар маросими тӯй мебошад. Мардуми тоҷик туҳфаҳое, ки ба тӯй меоранд, онҳоро тӯёна мегӯянд. Лекин дар баъзе мавзеи кишварамон вожаи тӯёнаро муродифаш ҳадя иваз менамояд. Андреев М.С. қайд намудааст, ки дар Бадахшон дар маросими тӯйи арӯсӣ хешони наздик ба арӯс курта, рӯймол, зару зевар ба шоҳ (домод) пул, гусфанди кушташуда, чор метр матоъ ва ду нон туҳфа мекарданд. Тӯйдор туҳфаҳои овардашударо

дар дафтари алоҳида, қайд намуда, онро қарз меҳисобад. Туҳфагиранда вазифадор буд, ки ба шахсони туҳфакунанда дар тӯяшон айнан чунин туҳфаҳоро ҳадя намояд [2, с.128].

Дар байни мардуми Олмон ин анъана низ ҳифз шудааст. Меҳмонон ба хонадоршавандагон, пеш аз ҳама, пул туҳфа мекунанд, ки қисмаш ба харҷи дастархони тӯёна сарф мешавад ва қисми боқӣ ба домоду арӯс мерасад. Инчунин олмониён ба мисли тоҷикон ба тӯйдор ҳар гуна асбоби рӯзгор ба монанди косаву табақ, чойнику пиёла, кафлезу қошуқ ва амсоли инҳоро туҳфа мекунанд. Хешовандону дӯстон туҳфаҳои гаронбаҳо мекунанд, баъзеҳо бошанд туҳфаҳо ба мисли лӯхтак ё нӯкпистону амсоли инҳо ҳадя меоранд ва бо ин гӯшрас аз фарзанди оянда мекунанд. Ва ҳамаи ин «Gabe, Geschenk» ном дорад, ки ба забони тоҷикӣ туҳфа тарҷума мешавад [10, с.130].

Мардуми тоҷик бештар дар тӯйи арӯсӣ гову гӯсола, бузу гӯспанд, кӯрпаву, болишт, сару либос, қолину паласро ҳадя мекунанд. Истилоҳоти корсонча, лаълию лаганд ва дастархон номи дастовези занҳоро ифода мекунанд, ки дар даруни ин чизҳо туҳфаҳои махсус гузошта мешавад. Лекин, пас аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар байни занҳои тоҷик вожаи пулҷамкунак пайдо шуд, ки исми шахс аст. Вазифаи ӯ акнун ба ҷойи дастархон аз ашхоси наздик ва ҳамсояҳо пул ҷамъ карда ба соҳибҷашн додан мебошад.

Дар байни мардуми тоҷик тӯйи арӯсӣ чунин ҷашн гирифта мешавад: тӯйи камсамолӣ ё саристолӣ (тӯйи замонавӣ бо хӯрокҳою нӯшокиҳо ва рақсу бозӣ), тӯйи чавку (дар гирди алов бе хӯрок рақсу бозӣ мекунанд), тӯйи сӯфиёна (тӯй бе ҳофизию рақсу бозӣ, ки хосси диндорон ё шахсоне, ки шароити оилавиашон имконияти даъвати ҳофизонро намедиҳад).

Тӯйи чавкуро мардуми кӯҳистон мегузарониданд. Дар баъзе мавзеъҳо то солҳои наздик хатти барқ мавҷуд набуд. Аз ҳамин сабаб дар гирди гулхан базми калон ороста меҳмононро аз деҳаҳои дуру наздик қабул мекарданд. Аз сабаби хеле зебо гузаштани ин маросим ҳоло ҳам бо истифода аз қувваи барқ дар байни мардуми тоҷик ин анъана давом дорад.

Тӯйи арӯсии тоҷикон аз марҳилаҳои зерин иборат аст, ки тавассути вожаҳои гуногун ифода меёбад:

Марҳилаи фотиҳа: осақолроикунӣ. Ташаккули ин калима аз вожаи туркии оқсаққол сарчашма гирифтааст. Дар лаҳҷаи Тагнов маросими фотиҳа ва хостгорӣ бо истилоҳоти “авсақолӣ” ва “гапзанӣ” ифода меёбад [4, с.65]. Вожаи фотиҳа дар забони тоҷикӣ синонимҳои нӯмолакдарон, ноншиканон, гawзанон, сафедӣ додан, гапгирӣ, рӯймолгириро дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин маросим дар байни мардуми Олмон низ бо номҳои “Freierei”, “Werbung” ва “Brautwerbung” маъмул аст. Калимаи оқсақол бошад дар Олмон бо чунин вожаҳо номгузорӣ шудааст: Brautwerber, Freiersmann, Freiwerber, Hillswacher Heiratsmann [10, с.35].

Истилоҳоти тӯйбарӣ ё тӯқузбарӣ низ ба мардуми тоҷик ошност. Ин анъана то ҳол дар байни мардуми тоҷик дида мешавад. Таркиби луғавии таги лаълигардонӣ ё ҷогагардонӣ мафҳуми якҷоя бо кулчаю ҳалво ба домод фиристодани туҳфаро ифода мекунад. Дар ин маврид вожаи ҷога сермаъноиро ба худ касб карда ба маънои тағора, лаганд омадааст.

Дар маросими тӯй ба мисли кулчаву нон чандин навъи ҳалвоҳо, аз, қабили ҳалвои сурхак, ҳалвои сафедак, ҳалвои пашмак, ҳалвои кунҷитӣ, ҳалвои лавз, пухта мешаванд. Гарчанде занҳои тоҷик навъҳои гуногуни ҳалворо омода карда тавонанд ҳам, лекин дар маросими ҷогагардонӣ маҳз ҳалвои сурхакро омода сохта ба хонаи домод мефиристанд. Ин анъана низ аз гузаштагонамон ба мо мерос мондааст. Занҳои тоҷик дар гузашта низ ба ҳалвопазӣ шуғл меварзиданд:

Дилбари ҳалвогарамро ҳаст теғе дилхарош,
Аз ғами ӯ қоматам хам гашт чун ҳалвотарош (Сайидои Насафӣ)

Дар ин ҷо Сайидои Насафӣ вожаи ҳалвогарро дар ифодаи шахси ҳалвопазанда, ки зан аст мавриди истифода қарор додааст.

Инчунин дар тӯйи арӯсӣ миёни мардуми тоҷик як урфи аҷибе, ки бо истилоҳи идибарӣ ифода ёфтааст, то ҳанӯз маҳфуз мондааст. Идӣ- туҳфаҳое, ки ба муносибати ид аз тарафи домод ба арӯс фиристода мешаванд.

Марҳилаи парчабурон. Ин марҳила дар ҳар як мавзеъ бо тарзҳои гуногун гузаронида шуда, дар ҳар лаҳҷа ҳар хел номгузорӣ карда шудааст. Дар лаҳҷаи Рашт тӯқузбинон ва дар лаҳҷаи Панҷакент астардарон, астардӯзон ва занона мегӯянд. Чунонки Ҷӯраев Ғ. қайд кардааст, дар лаҳҷаи арабҳои тоҷикзабон ба ҳамин маънӣ вожаи парчадарон истифода мешавад [9, с.49]. Воҳидҳои луғавие, ки дар ин маросим ба кор мераванд, инҳоянд: тӯқузнишонтейак (он туҳфаҳо ва сарупое, ки аз тарафи домод ба арӯс овардаанд, ба меҳмонҳо нишон медиҳанд), киҳтитпӯшонӣ (ба модару хешовандони домод модари арӯс либосворихо ҳадя мекунад), сақитақсимкунӣ (он ширинихое, ки аз тарафи домод

овардаанд, бо сақичи бозорӣ ба занҳои нишастагӣ тақсим карда мешаванд), чимиликдӯзӣ (аз матои парча барои домоду арӯс чодар медӯзанд), буронактақсимкунӣ (матои модари домод овардаро ба меҳмонон дарронда медиҳанд, то онҳо ҳам ба ҳамин рӯз расанд), моли зиётӣ (гову гӯсфанде , ки ба хонаи арӯс меоранд), қалинг (пуле, ки барои хароҷоти тӯй ба падари арӯс медиҳанд). Оид ба вожаи қалинг профессор Ҳ. Маҷидов чунин ибрози ақида намудааст: Як гурӯҳ калимаҳои аслии тоҷикӣ ва аз арабӣ иқтибосшуда аз истеъмол мебароянд ва бар ивази онҳо ҳар чӣ бештар калимаҳои туркиву муғулӣ ба кор бурда мешаванд. Калимаҳои имрӯз серистеъмоли элак-"ордбеза", қаплон-"дом", "қалин" -маҳр аз ҳамин ҷумлаанд [5, с.116]. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи қалинро таркиби луғавии "ҳақи шир" иваз мекунад. Пеш аз маросими никоҳ дар тӯйи арӯсӣ маросими саршӯён ва чойгаштак гузаронида мешавад.

Маросими никоҳ. Дар забони тоҷикӣ муродифи вожаи никоҳ калимаи лаҳҷавии иҷов ба ҳисоб меравад. Вожаи никоҳ калимаи иқтибосии арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ бо ин вожа калимаҳои мураккаб ва ибораҳои зиёд сохта шудааст: баникоҳ, беникоҳ, якникоҳа, никоҳнадида, дуникоҳа, шаби никоҳ, рӯзи никоҳ, оби никоҳ, ақди никоҳ, хатти никоҳ ва ғ. Пас аз никоҳ арӯсу домод чиланок (чил рӯз бояд танҳо нагарданд) мешаванд. Ин калима тавассути шумораи чил ва пасванди каммаҳсули – ок таҳррезӣ шудааст. Дар ин маросим истилоҳоти зерин истифода мешаванд: мулло (шахсе, ки аз дину оин воқиф аст, никоҳкунанда), сари коси об (аз арӯс барои никоҳ розигӣ пурсидан), домод (шахси зангиранда), шаҳмард (ёру рафиқони домод), падарвакил (вакиле, ки дар вақти никоҳ падари арӯс интихоб мекунанд), иҷов (ақди никоҳ), бандғалтӣ (агар дар вақти никоҳ пойафзолҳо чаппаву роста гузошта шуда бошанд, ё одамҳои дар он ҷо нишаста панҷаҳояшонро маҳкам кунанд, гӯё ба никоҳи арӯсу домод банд меғалтида бошад).

Дар Олмон маросими никоҳ - Trauung дар рӯзи пешакӣ муайяншуда, то нисфирӯзӣ гузаронида мешавад. Дар маросими никоҳ вожаҳои зерин истифода бурда мешаванд: Trauringaustausch (ивази чалаҳо аз тарафи арӯсу домод), Trauvorzeichen (аломатҳо барои никоҳ, масалан, мунтазам нигоҳ кардан ба шамъ), Hochzeitszug (корвони тӯй, ки аз колисо ба самти хона меравад) [10, с.119].

Марҳилаи дигаре, ки тӯйи арӯсиро боз ҳам ҷолибтару рангинтар мегардонад, ин марҳилаи арӯсбарон ё келинбуророн ном дошта, дар ин марҳила чунин вожаҳо мавриди истифода қарор доранд: сарҷилав (вакили арӯс дар рӯзи тӯй), йанга (дар ин маврид вожаи янга ба маънои хешутаборӣ не, балки ба маънои дугонаҳои арӯс, наздиконе, ки бо ҳамроҳии арӯс ба хонаи домод омадаанд, фаҳмида мешавад), келинфуророн (ҳангоми аз мошин фаромадани арӯс, хусури арӯс гусфандро дар назди пойи арӯс мекушад), барчошкунӣ ё сочулуққунӣ, (қанд ё пулро ба зери по ва сари арӯсу домод мечошанд), гирдиалобгардонӣ (ин анъана аз давраи зардуштиён ба мо мерос мондааст, ҳаёташон алов барин равшан шаваду сурхии аловро ба худ гиранд), дуогирӣ (арӯс ба падараш таъзим менамояд, падар дуо медиҳад), келиншинонӣ (модару падари домод даромада, ба арӯс барои нишастан иҷозат медиҳанд), муборакбодӣ (ба арӯсу домод фотиҳа дода, аз даргоҳи худованд хушбахтӣ хостан), лаъличакашӣ (ба арӯс ва янгаҳо дар лаъличаҳо ширинӣ, тухм, ҳалво медиҳанд), шарбатнӯшонӣ (дар чойники калон шакарро рехта аз болояш оби ҷӯшро мерезанд, ба арӯс менӯшонанд, то зиндагиаш мисли оби ҷӯш гарму ҷӯшон, мисли шакар ширин шавад), оинанишонтейак (пеши арӯсу домод оина меоранд, то зиндагиашон мисли оина равшан шавад), пойандозкашӣ (тарафдорони домод бо тарафдорони арӯс ба тариқи қувваозмоӣ пойандози домодро мекашанд), пойҷиқак (домоду арӯс ҳамин, ки ба таги чодар даромаданд, пойи якдигарро зер мекунанд, касе ки якум зер кунад, чолоку чақон будани ӯро нишон медиҳад), нӯкчадорорӣ (дар аксари деҳаҳо ду то шамъро, дар баъзе деҳаҳо нӯкчаро ба нияти зиндагии гарму равшан даргиронида медароранд), испанддудкунӣ (аз бӯйи испанд сад бало, ҷину парӣ, шайтон гурезад), шаҳдобдарорӣ (ба арӯсу домод қандчой менӯшонанд, то зиндагиашон шаҳду шакар барин ширин шавад, баъд зиёдатии шаҳдобро нишастагон ба нияте, ки ин рӯзро Худо ба онҳо ҳам лоиқ бинад, менӯшанд), рӯкушоён (аз дарахти сабзи мевадор химча гирифта, ба дасти зане, ки кӯдаки майда дорад, медиҳанд ва кӯдак бо нӯги химчааш рӯйи арӯсро мекушояд, то дигарон бинанд), рӯбинон (занҳо рӯйи арӯсро кушода мебӯсанд), рӯбинак (он туҳфаҳое, ки ба арӯс тақдим мекунанд), равғанрезон (хушдомани арӯс ба дасти келинаш дар болои орд равған мерезад, арӯс кулча шӯрида, пухта ба ҳамсояҳо тақсим мекунад, яъне хушдоман катбонугиро ба келин медиҳад), кулчи дасти арӯс (кулчае, ки арӯс шӯронда буд, пухта ба ҳамсоягон тақсим менамоянд).

Дар байни мардуми Олмон дар тӯйи арӯсӣ як маросими аҷибе маҳфуз мондааст, ки "Моргензуппе" ё "Броутзуппе" номгузорӣ шуда ифодакунандаи маҳфуми "шӯрбои арӯс" ё, субҳона" мебошад. Саҳари тӯй меҳмонон дар хонаи арӯс ҷамъ омада субҳона мехӯранд [10, с.44]. Ин маросим бо маросими" Хусурсалом" ё "Шармшиканон"- и тоҷикон каме

шабоҳат дорад. Дар рӯзи дигари тӯи арӯси домоду арӯс бо хешовандон пагоҳии барвақт ба хонаи падари арӯс рафта зиёфат мехӯранд, лекин дар ин маросим шӯрбо барои арӯс не, балки барои домод омода мегардад.

Ин маросим дар байни мардуми бадахшон низ маъмул аст. Шоҳ (домод) пас аз хонаи арӯс чанд қадам мондан, боз ба хонаи арӯс баргашта минатдориву эҳтиромашро ба хусураш баён менамояд [6, с.473]. Вожаи хусур дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи маҳфуми падари зан ва падари шавҳар мебошад. Дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор шудааасту шаклҳои хусур, хъсър, хср, хусрро гирифтааст. Ин калима дар забони форсӣ низ ба ин маъно, дар забони суғдӣ калимаи yws [xwas] [11, с.722], дар суғди будоӣ ßws падари зан аст. Шуғниониҳо падари зан ва падари шавҳарро хисур мегӯянд [12, с.133]. Боз ин вожа дар забони афғонӣ шакли хозор ва дар ҳиндугӣ зазурро доштааст.

Инчунин дар Олмон дар тӯйи арӯсӣ маросими” Maibaum”-дарахтшинонӣ гузаронида мешавад

Дар вақти муқоисаи маросими тӯйи арӯсии мардуми тоҷику олмон мо тавонистем он вожаҳоеро, ки ин ду қавм дар тӯйи арӯси вирди забон меоранд, номбар созем. Ба мо аён гашт, ки маросимҳои тӯйи арӯсии ин ду мардум ҳам умумият доранду ҳам фарқият.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г. Абдуллоева. - Душанбе, 2013. - 75 с.
2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму- Дарьи) / М.С. Андреев. - Сталинабад: АН Тадж ССР, 1953. – Ч.1. - 245 с.
3. Бобоева М.Т. Термины брачного родства в немецком и таджикском языке / М.Т. Бобоева. - 23 с.
4. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. - Душанбе, 2012. - 65 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2003. - 116 с.
6. Назарова З.О. Этимологический анализ лексики, связанной со свадебным обрядом (на материале памирских языков) / З.О. Назарова // Росийский гуманитарный журнал, 2015. - Том 4. - №6. – С. 471-484.
7. Смирнов Ю.И. Язык, фольклор и культура / Ю.И. Смирнов // Язык культура-этнос. – Москва, 1994. - 99 с.
8. Тартынова Н.Ю.. Лексика свадебного обряда / Н.Ю. Тартынова. - Санкт Петербург, 2008. - 16 с.
9. Ҷӯраев Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон / Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе, 1975. - 49 с.
10. E.M. Schischkina-Fischer. Deutsche Hochzeit. - М.: Международный союз немецкой культуры, 2008. – 320 с.
11. جلیلیان. ع. فرهنگ باشور – کردی – کردی فارسی، انتشارات پر سمان،5 138
12. ع. فرنگ بختیاری. تهران، فرهنگسرا، 1386.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МАРОСИМИ ТӮЙИ АРӮСӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба расму оин, урфу одат ва ҷашну маросимҳое, ки ба миллати тоҷик хоссанд, ибрози ақида намуда, диққати худро бештар ба вожаҳое, ки дар дар тӯйи арӯсӣ истифода бурда мешавад ҷалб намудааст. Дар мақола қайд карда шудааст, ки ҷашни арӯсиро ҳар қавму миллат ба таври хосса, яъне бо риояи қонуниятҳое, аз тарафи омма қабул шудаанд, барпо мекунад. Ин маросимҳоро бо маросимҳои мардуми Олмон муқоиса намудааст. Муаллиф дар мақола овардааст, ки дар Олмон ҳангоми тайёр кардани дастархони тӯёна на танҳо соҳибони тӯй, балки меҳмонон, махсусан ҳамсояҳои наздик ҳам иштирок мекунанд. Дар мақола қайд шудаат, ки олмониҳо ба мисли мардуми тоҷик дар тӯйи арӯсӣ ба пухтани нон аҳмияти хосса медиҳанд. Аз қадимулайём дар тӯй олмониҳо нони калонҳаҷме мепазанд ва дар он шамъ гузошта нону шамъ-Brot und Licht, дар рӯйи хони тӯёна мегузоранд ва баъдан онро ба пораҳои хурд реза карда, ба камбизоатон тақсим мекунанд, Мардуми тоҷик низ чунин одатро доранд, дар маросими “Таги лаълигардонӣ” ба мардум кулчаву ҳалво тақсим менамоянд. Муаллиф дар мақола дарҷ намудааст, ки байни мардуми олмон дар тӯи арӯсӣ як маросими аҷибе мавҷуд аст, ки Моргензуппе ё Броутзуппе (хӯроки (шӯрбои арӯс) субҳона) меноманд, ки саҳари тӯй меҳмонон дар хонаи арӯс ҷамъ омада, субҳона мехӯранд. Ин анъана дар байни мардуми тоҷик низ маҳфуз монда бо номи “хусурсалом ё ”шармшиканон” маъмул аст. Дигар марсиме, ки дар деҳоти олмон маҳфуз мондааст ”Maibaum” ном дошта, шинонидани дарахт аз тарафи арӯсу домод мебошад.

Калидвожаҳо: ҷашн, анъана, маросим, урфу, одат, тӯй, тӯйи арӯсӣ, қавм, домод, арӯс, фотиҳатӯй, никоҳ, нон, кулча, ҳалво, сару либос, тӯёна, хӯрок, хушдоман, хусур, хешу табор, дӯстон, шоҳидон.

СОПОСТОВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ СВАДЕБНОГО ОБРЯДА В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье описываются обычаи и традиции, церемонии и праздники, ритуалы и обряды принадлежащие таджикскому народу. В основном своё внимание автор, уделяет лексике, обозначающей свадебнные обряды. В статье подчёркивается, что свадебную церемонию каждый народ отмечает по своим законам, которые присущи данному народу. Автору удалось перечислить все слова, относящиеся к свадебной церемонии. В статье подчёркивается, что свадебную церемонию каждый народ отмечает по своим законам, которые присущи данному народу. Автору удалось перечислить, слова относящиеся к свадебной церемонии. Автора чаще всего к исследованию привлекают лаексику, используемую в свадебных церемониях. Эти церемонии автор сравнивает со свадебными церемониями немцев. Он в своей статье отмечает то, что когда накрывают свадебный стола принимают участие не только хозяева мероприятия, но и гости, оссобенно соседи. А также в статье отмечено, что немцы, как и тадикскский народ при провидении свадебных церемоний, осбенное внимание, уделяют выпечки хлеба. Выпечка хлеба большого объёма в свадебных церемониях, с древних времён вошла в традицию, ее называют Brot und Licht. Затем этот хлеб ставят на стол и после завершения церемонии его раздают беднякам. Этот обряд есть и у таджиков, его принято

называть,,Таги наълигардонӣ”, что означает раздача лепёшек и хавлы. В статье также отмечается о то, что свадебной церемонии присущ ещё один обряд, так называемый Моргензуппе или Броутзуппе (еда на завтрак (суп для невесты), когда на утро после свадьбы гости собираются у невесты и вместе завтракают. Этот обычай известен и таджикскому народу под названием “Хусурсалом ё Шармшиканон”, что означает “Приветствие жениха”. Другой обряд, который сохранился в деревнях Германии, -посадка дерева со стороны жениха и невесты. Эту церемонию называют Maibaum.

Ключевые слова: праздник, традиция, церемония, ритуал, обычай, свадьба, народ, жених, невеста, сватовство, обручение, лепёшка, кульча, одежда, наряд, подарок, блюдо, свекровь, свёкор, родственники, друзья, свидетели.

COMPARATIVE ANALYSIS OF VOCABULAR RITUAL VOCABULARY IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article describes the customs and traditions, ceremonies and festivals, rituals and ceremonies belonging to the Tajik people. Basically, the author pays attention to the vocabulary denoting wedding ceremonies. The article emphasizes that every nation celebrates the wedding ceremony by its own laws, which are inherent in this nation. The author was able to list all the words related to the wedding ceremony. The article emphasizes that every nation celebrates the wedding ceremony by its own laws, which are inherent in this nation. The author was able to list the words related to the wedding ceremony. The author is most often attracted to the study of the lexi, used in wedding ceremonies. The author compares these ceremonies with the wedding ceremonies of the Germans. He notes in his article that when the wedding table is laid, not only the hosts of the event, but also the guests, especially neighbors, take part. And also in the article it is noted that the Germans, like the tadiksky people in the providence of wedding ceremonies, have paid special attention to baking bread. Baking a large amount of bread in wedding ceremonies has become a tradition since ancient times, it is called Brot und Licht. Then this bread is put on the table and after the completion of the ceremony it is distributed to the poor. Tajiks also have this rite, it is commonly called ,, Tagi naligardoni ”, which means distribution of cakes and havla. The article also notes that another ceremony is inherent in the wedding ceremony, the so-called Morgensuppe or Broutzuppe (food for breakfast (soup for the bride), when guests gather at the bride’s morning and have breakfast together. This custom is known to the Tajik people The name “Husursalom e Sharmshikanon”, which means “The greeting of the groom.” Another ceremony, which was preserved in the villages of Germany, is the planting of a tree by the bride and groom. This ceremony is called Maibaum.

Key words: holiday, tradition, ceremony, ritual, custom, wedding, people, groom, bride, matchmaking, betrothal, flatbread, kulcha, clothes, outfit, gift, dish, mother-in-law, father-in-law, relatives, friends, witnesses.

Сведения об авторе: ***Лузинаи Зафардухт*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **lusina@mail.ru**

Information about the author: ***Lusinai Zafardukht*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzoda doctoral student Ph.D. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6.
E-mail: **lusina@mail.ru**

УДК: 491.550+891.550-1

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ МУТАЗОДӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Ёраҳмадзода Ш.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон муҳимтарин мубодилаи афкор байни инсонҳо буда, яке аз нишонаҳои асосии миллат, яъне ойинаи фарҳанги халқ аст.

Одамон маҳз бо забон фикри худро баён карда, фикри дигаронро фаҳмида метавонанд. Табиат забонро барои он офаридааст, ки одамон бо якдигар муошират кунанд, ҳамдигарро бифаҳманд, илму фарҳанг офаранд ва корҳоеро ба сомон диҳанд, ки барои пешбурди ҷомеа заруранд [9, с.3].

Забоншинос Қосимова Мукаррама Набиевна дар китоби худ “Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX – X)” доир ба забони адабӣ чунин ёдоварӣ кардааст: “Забони адабӣ забонест, ки аз тарафи мардум эътироф гардидааст, барои тамоми ҷомеа умумӣ аст, суфта шудаасту сайқал ёфтааст, услуби муайян дорад, ҳамчун меъёр (норма) дониста шудааст” [3, с.4].

Ҳастии ҳар як халқу миллат, қабл аз ҳама, аз забони он дарак медиҳад. Ба ин маънӣ: “Забони миллат – пояи давлат” мегӯянд.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пургановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дар даврaҳои гуногун барои инкишофи илму адаб, фарҳанг, сиёсат, давлатдорӣ дар мамлакатҳои гуногун хидмат карда, аҳамияти бузурги таърихӣ дошт ва мақоми баландеро низ ишғол менамуд.

Халқи тоҷик зиёда аз ҳазор сол аст, ки бо забони шевои тоҷикӣ гуфтугӯ карда, фарҳанги беназири худро чун хатти сабз аз як китоб ба китоби дигари таърих сабт

мекунад. Хидмати шоирону нависандагон ва донишмандони оламшумул дар инкишофу такомули ин забон, аз қабили устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бедили Деҳлавӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон хеле бузург аст. Маҳз осори ин бузургони илму адаб, ки бо забони ноби тоҷикӣ эҷод шудаанд, боиси рушду равнақи минбаъда ва нуфузи оламгири забон гаштааст [9, с.6].

“Таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо таърихи халқи тоҷик ба тарзу шароити зиндагии вай алоқаи ногусастанӣ дорад. Метавон гуфт, ки дар ташаккул ва таҳаввули фарҳангу тамаддуни ҳар як халқу миллат рукни муҳимтарину асоситарин забон аст ва ҳар чӣ инсон аз таърихи худ сабт кардааст, танҳо тавассути забон сурат гирифтааст” [8, с.5].

Рӯ овардан ба осори классикон ва таҳқиқу баррасии онҳо дар риштаи забоншиносӣ анъанаи хубе миёни пажӯҳишгарони забоншинос гардидааст. Ба ин восита муҳаққиқон метавонанд ба маҳорати эҷодии ин ё он намояндаи адабиёт ва аз тарзу услуби баёни шоир ё нависанда огоҳ шаванду баҳо диҳанд.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ яке аз адибон ва мутафаккирони соҳибиқтидори садаи XIII форсу тоҷик буда, бо осори гаронбаҳои хеш на танҳо дар дили мардуми форсизабон, балки дар қалби мардуми тамоми ҷаҳон ҷой гирифтааст.

“Қариб 800 сол аст, ки “сити суханаш” ба атрофу акнофи олам мераваду “зикри ҷамилаш” дар ҳар анҷумане садо медиҳад ва то ҷаҳон пойдор аст, дурдонаҳои пандогини назму насраш зинатбахши рӯзгори бани башар аст” [9, с.6].

Зикр кардан бамаврид аст, ки омӯзиши осори Саъдӣ диққати бисёр олимон ва муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Дар забоншиносии тоҷик доир ба осори Саъдӣ корҳои тадқиқотии назаррас чун мақолаву рисолаи таълифнамудаи забоншиносон аз қабили С. Ҳошимов дар мавзӯи “Хусусиятҳои лексикию семантикии “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ”, рисолаи номзадии забоншиноси озарӣ Р. С. Султонов дар мавзӯи “Хусусиятҳои забони “Гулистон”-и Саъдӣ”, “Калимасозии исм дар “Гулистон”-и Саъдӣ”-и забоншинос С. Ҳалимов, “Баъзе вижагиҳои луғавии “Гулистон”-и Саъдӣ”-и С. Ҳошимов, “Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феълҳо дар “Гулистон”-и Саъдӣ”-и З. Назарова ва чанде дигаронро метавон ном бурд [9, с.9-10].

Мутаассифона, дар бораи ғазалиёти Шайх Саъдӣ корҳои тадқиқотӣ дар соҳаи забоншиносӣ ба назар намерасанд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем ин қисмати осори шоирро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Забони адабии муосири тоҷик гуногунсоҳа буда, дар он тамоми қисматҳои забоншиносӣ аз қабили овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарф, наҳв, услубшиносӣ, фразеология ва монанди инҳо омӯхта мешавад.

Фразеология як қисмати муҳимми илми забоншиносӣ буда, ҳамчун илм аз ҷониби забоншинос Ҳ. Маҷидов чунин шарҳ дода шудааст: “Фразеология илмест, ки маҷмӯи ифодаву ибораҳои рехтаву устуворро ҳамчун воҳидҳои таркибии системаи забон меомӯзад” [6, с.4].

Воҳидҳои фразеологӣ (фразеологизмҳо) дар боби алоҳидаи фразеология омӯхта мешаванд. Онҳо “масолеҳи дар тӯли қарнҳо рехтаву устуворгардидаи забон дар шакли қолабҳои тайёр ва бо маъниҳои пешакӣ маълум истифода бурда мешаванд” [1, с.6].

Доир ба воҳидҳои фразеологӣ М. Н. Қосимова чунин ибрози ақида кардааст: “Ду ё зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам марбути маънои бутуну яклухтдоштаро, ки бо ёрии воситаҳои грамматикӣ алоқаманд мегарданд ва ба ҷузъҳои синтаксисӣ ҷудо намешаванду як мафҳумро мефаҳмонанд, воҳидҳои фразеологӣ меноманд” [3, с.112].

Доир ба воҳидҳои фразеологӣ бисёр монография ва мақолаҳои забоншиносон аз қабили В. В. Виноградов “Итоги обсуждения спорных вопросов стилистики”, А. И. Федоров “Лексико-фразеологические системные и синонимические связи в русском литературном языке конца XIII начала XIX в.в.”, С. Хушенова “Воҳидҳои фразеологии изофии забони тоҷикӣ”, Ҳ. Маҷидов “Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик”, “Омезиш ва вариантҳои калима”, Р. Ғаффоров “Нависанда ва забон”, Ҳасанов И. “Лексика ва фразеология”, Дӯстов Ҳ. “Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик”, Саломов М. “Фразеологические единицы и трудности их перевода в поэтическом тексте”, Ҳалимова С. “Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар манзумаи “Қассоб”-и Сайидои Насафӣ” ва дигарон чоп шудаанд [2, с.47].

Тибқи таснифоти забоншиносон воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати маъно дар навбати аввал ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар илми забони тоҷикӣ аз ҷиҳати маъно тасниф намудани воҳидҳои фразеологиро дар асару мақолаҳои Ғаффоров Р. “Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ”, Маджидов Х. “К вопросу о классификации фразеологических единиц современного таджикского языка”, Хушенова С. В. “Изафетные фразеологические единиц таджикского языка”,

Мақсудов Т., Зикриёев Ф., Ҷалилов Ҳ. “Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо” метавон мушоҳида кард. Бо вуҷуди ин, масъалаи таснифоти семантикии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ аз ҷумлаи он масъалаҳоест, ки пурра ҳал нашудааст [6, с.28].

Пажӯҳишгарони илми забон баъд аз тадқиқотҳои зиёд воҳидҳои фразеологиро аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои полисемӣ (сермаъноӣ), омонимӣ, вариантнокӣ (гунанокӣ), синонимӣ (муродифӣ) ва антонимӣ (мутазодӣ) тақсимбандӣ намудаанд.

Дар забоншиносии тоҷик мутазодҳо (антонимҳо)-и воҳидҳои фразеологӣ яке аз пурмаҳсултарин қабати маъноӣ ба шумор мераванд. Онҳо аломат, хусусият, амал ва ҳолати мухталифи ҳамон объектро, ки мавриди муҳокима қарор мегиранд, нишон дода, дар вазъиятҳои гуногуни нутқ ва дар шаклҳои зиёд истифода шуда, дар назм дар як мисраъ ё як байт дучор мегарданд. Шоир ҳамаи он аломатҳоро муқобили якдигар гузошта, ба ин васила муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад.

Дар соҳаи забоншиносии тоҷик мутазодҳои воҳидҳои фразеологӣ чунин эзоҳ дода шудаанд: “Ба ҳам зидшавии маъноҳои ҷудогонаи худи як воҳиди фразеологӣ, ё ин ки ду ва зиёда ифодаҳои рехтаи гуногун ҳодисаи антонимияи фразеологиро ба вуҷуд меорад” [6, с.62].

Нисбат ба фразеологизмҳое, ки дар шакли ифодаҳои алоҳида муносибати мутазодӣ мегиранд, воҳидҳои фразеологии маъниҳои мутазодидошта дар забонамон кам вомехӯранд. Ин тип фразеологизмҳо хусусияти хосро доро буда, ифодаи маъноҳо бар акси ҳамдигаранд. Масалан, ибораи “баҳо надоштан” ду маънои ба ҳам зидро ифода мекунад: 1) бебаҳо будан; 2) ягон арзише надоштан [6, с.62].

Гурӯҳи асосии мутазодҳои фразеологиро воҳидҳои фразеологии гуногуни муқобилмаъно ташкил медиҳанд. Одатан, ду таркиб ё ибораи ба як ҳиссаи нутқ мансуб, ки маъноҳои зидди ҳамдигарро ифода карда метавонанд, мутазод мешаванд. Чунончи, ибораҳои феълии “дили касеро бардоштан” ва “дили касеро шикастан”, “ба роҳ андохтан” ва “аз роҳ задан” аз ҳамин қабиланд.

Бештари вақт воҳидҳои фразеологии мутазодӣ ҷузъҳои якхела доранд. Ин ё он калима дар таркиби мутазодҳои фразеологӣ такроран ба кор бурда шудаанд. Масалан, “дили нарм” ва “дили сахт”, “обрӯй гирифтан” ва “обрӯй рехтан”, “дил бастан” ва “дил кандан” ва монанди инҳо [6, с.62-63].

Ифодаҳои фразеологии мутазодӣ дар ғазалиёти Саъдӣ бо ҷилваю мазмуни барҷаста ва обуранги ҷаззоби шоирона корбаст шудаанд. Дурустии ин гуфтаҳоро дар байтҳои зер метавон мушоҳида кард:

“**Меҳр бастан” – “меҳр баркандан”**. Ибораи фразеологии “меҳр бастан” ба маънои нағз дидан, ба касе дил бастан [12, с.238] бо ибораи фразеологии “меҳр баркандан” ба маънои дил кандан аз касе [12, с.239] бо иваз шудани як ҷузъи ибора ва такрори як калима муносибати мутазодиро ташкил додааст:

Эй кош, к-он дилбари айёр, ки ман <u>меҳр бастам,</u>
Бори дигар бигузашт, ки кунад зинда ба бӯям [11, с.143].

Чӣ боз дар дилат омад, ки <u>меҳр баркандӣ,</u>
Чӣ шуд, ки ёри қадим аз назар бияфкандӣ [11, с.9].

“Дил додан” – “меҳр баркандан”. Дар байти дигар ибораҳои фразеологии “дил додан” ба маънии меҳр бастан, нағз дидан [12, с.238] ва воҳиди фразеологии “меҳр баркандан” ба маънои дил кандан аз касе [12, с.239] омада, зиддияти байни якдигарро нишон дода, чунин ба тасвир омадааст:

Ё <u>дил ба мо диҳӣ</u>, чу дили мо ба дасти туст,
Ё <u>меҳри хештан зи дили мо бадар барканӣ</u> [11, с.13].

“Дили нарм” – “дили сахт”. Дар байти зерин низ ибораҳои фразеологии зидмаъно, ки дар он як ҷузъи ибора иваз шудааст, омада, ҳусни байтро зеботар гардонидаанд.

Лабат, донам, ки ёқут асту тан сим,
Намедонам, ки <u>дили нарм дорӣ ё сахт</u> [11, с.40].

Ибораи фразеологии “дили нарм” дар фарҳанг маънои дили бораҳм, дили меҳрубонро [14, с.123] дода, мутазоди он ибораи фразеологии “дили сахт” ба маънои дили бетараҳҳум, дили хасис дар байт мавриди корбурд қарор гирифтааст [12, с.226].

“Дили касеро бардоштан” – “дили касеро шикастан”. Дар байтҳои зер ибораҳои фразеологии “дили касеро бардоштан” ва “дили касеро шикастан” истифода шуда, шоир онҳоро барои ҳусну таровати байтро зеботар гардонидан ба мавқеъ ба қалам дода, дар ғазалҳои гуногун чунин овардааст:

Бо яке латифа гуфтӣ, <u>бардори ҳазор дилро</u>,
На чунон латиф бошад, ки диле нигоҳ дорӣ [11, с.35].

Дар байти дигар:

Ман чаро дил ба ту додам, ки дилам мешиканӣ?
Ё чӣ кардам, ки нигаҳ боз ба ман менакунӣ? [11, с.18].

Ибораи фразеологии “дили касеро бардоштан” ба маънои дили касеро таскин додан, дили касеро рӯҳбаланд кардан [14, с.68] ва ибораи фразеологии дигар “дили касеро шикастан” ба маънои дили касеро малӯл кардан, маъюс ва гирифтори андӯҳ кардан, дили касеро рӯҳафтода кардан дар байтҳо корбурд доранд [14, с.71].

“**Дил рафтан” – “ҷон парваридан”.**

“Дил рафтан” ҳамчун воҳиди фразеологӣ дар байти зерин маънои қуввати касеро гирифтанро додааст [12, с.66]. “Ҷон парваридан” бошад, ба маънои ба касе қувват бахшидан омадааст [15, с.647]. Ин воҳидҳои фразеологии мутазодиро шоир моҳирона ба риштаи қалам додааст. Чунончи:

Меравию андар паят дил меравад,
Боз меоиву ҷон мепарварӣ [11, с.26].

Воҳидҳои фразеологии “дил рафтан” ва “ҷон парваридан” хусусияти зидмаъноӣ доранд, яъне ҳолати ба ҳам зидди қаҳрамони ғазал бо ду ифодаи фразеологии “дил рафтан” ва “ҷон парваридан” тасвир шудааст.

“Воҳидҳои фразеологӣ дар забони назм, махсусан, забони ғазал мавқеи муҳим дошта, барои ифодаи маонии муассиру нишонрас нақши муҳимме доранд” [10, с.222].

“Тан куштан” – “ҷон парваридан”. Ин воҳидҳои фразеологӣ бо таркиби лексикии худ фарқ мекунанд. Ибораи фразеологии “тан куштан” ба маънии ҷисми инсониро миронидан, маҳв кардан [13, с.469] ва воҳиди фразеологии “ҷон парваридан” маънои қувват додан, ҷон бахшиданро дар байти зерин додааст [14, с.282]. Чунончи:

Шамшери ихтиёри туро сар ниҳодам,
Донам, ки гар танам бикушӣ, ҷон парварӣ [11, с.40].

“Ҳаёт бахшидан” – “ҳалок кардан”. Дар байти зер дар як мисраъ ду воҳиди фразеологӣ “ҳаёт бахшидан” ва “ҳалок кардан” бо ҳам муқобил шуда, зиддиятро нишон додаанд. Ин воҳидҳои фразеологӣ дар байт чунин ба тасвир омадаанд:

Агарам ҳаёт бахшию гарам ҳалок кунӣ,
Сари бандагӣ ба ҳукмат биниҳам, ки подшоҳӣ [11, с.62].

Ибораи фразеологии “ҳаёт бахшидан” дар байт ба маънои ба касе ҷон бахшидан [15, с.293] омада, ибораи фразеологии мутазодии он “ҳалок кардан” маънои куштани касе ё аз байн бурдани шахсеро додааст [15, с.290].

“Дил бастан” – “дил баркандан”.

Байти дигар низ дарбаргирандаи ду воҳиди фразеологӣ – “дил бастан” ва “дил баркандан” буда, миёни онҳо муносибати зидмаъноиро метавон мушоҳида кард. Чунончи:

Дар кӣ хоҳам бастан он дил, к-аз висолат барканам,
Чун ту дар олам набошад, в-арна олам танг нест [11, с.193].

Дар ин байт ҷузъи дил як маротиба дар воҳиди фразеологии “дил бастан” омадааст ва бо овардани ишораҷонишини он шоир дар воҳиди фразеологии дуюм ҷузъи дилро ҳазф кардааст. Бояд гуфт, ки “Ғазал ба ҳайси жанри лирикӣ дорои вижагиҳои хосси забонӣ буда, барои истифодаю офаридани воҳидҳои фразеологии шоирона ба шоирон имконияти бештарро фароҳам меорад. Зеро дар қолаби андак баён кардани маънии васеъ яке аз вижагиҳои хосси ин жанр ба ҳисоб меравад ва воҳидҳои фразеологии шоирона барои инъикоси ин ҷанбаи забони ғазал воситаи муҳимми семантикӣ ба шумор мераванд” [10, с.223].

Воҳиди фразеологии “дил бастан” дар байти боло маънои ба касе меҳр кардан, дӯст доштанро додааст [12, с.438]. “Дил баркандан” ба маънои аз касе дили худро гирифтан, боз пас гардонидан дар байт мавриди истифода қарор дорад [12, с.440].

Поягузори назарияи системаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ Ҳ.Маҷидов овардааст: “Ба гурӯҳҳои муайяни воҳидҳои фразеологӣ дар баробари аломатҳои асосии зикршуда (чун яклухтии маъно, устуворӣ, таҷдидшаванда) як қатор аломатҳои дигар зам мегардад. Ба чунин аломатҳо маҷозият ва нобаробарии умумии маънои воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои таркибии он, вижагиҳои хосси миллӣ, муассирӣ, образнокӣ, барҷастагии маъно ва айнан тарҷума нагардидан бо забонҳои дигар мансуб мебошанд” [5, с.52].

“Ба қадам рафтан” – “ба сар омадан”. “Ба қадам рафтан” ва “ба сар омадан” воҳидҳои мутазодии муқобилмаънои фразеологианд. “Ба қадам рафтан” дар байти зерин ба маънои шурӯъ кардан [14, с.654] мавриди истифода қарор гирифта, “ба сар боз омадан” ҳамчун ифодаи муқобилмаънои он маънои ба анҷом расиданро додааст [15, с.207]. Ин воҳидҳои фразеологиро Саъдии Шерозӣ дар ғазали эҷоднамудаи худ бо маҳорати баланди шоирона ба тасвир додааст. Дурустии ин гуфтаҳоро дар байт метавон мушоҳида кард:

Саъдӣ инак ба қадам рафту ба сар боз омад,
Муфтии миллати асҳоби назар боз омад [11, с.200].

Хулоса, воҳидҳои фразеологии мутазодӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ баробари дигар қабатҳои маъноӣ хусусиятҳои назаррас доранд, оммафаҳм ва хушоҳанганд.

А Д А Б И Ё Т

1. Дӯстов Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик. Монография / Ҳ.Ҷ. Дӯстов. – Душанбе: Ҷонибек, 2014. – 186 с.
2. Забон – рукни тоат (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби сеюм. – Душанбе, 2013. – 156 с.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX – X). Ҷилди 1. Китоби дарсӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566 с.
4. Қосимова М.Н. Ганҷи сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2013. – 620 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик. Монография / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
7. Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва калима / Ҳ. Маҷидов // Мактаби Советӣ. – 1984. № 4. – С. 19 – 21.
8. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ / Ҳ. Маҷидов // Мактаби Советӣ. – 1967. № 10. – С. 23 – 26.
9. Назарова З. Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феъл дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. Монография / З. Назарова. – Душанбе, 2015. – 156 с.
10. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозии фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV). Монография / М. Саломов. – Душанбе, 2017. – 266 с.
11. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1989. – 416 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. -М: С, Э. – 1969. – 951 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. -М: С, Э. – 1969. – 949 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
16. Шарҳи мунтахаби “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Пайванд, 2016. – 108 с.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ МУТАЗОДӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Дар ин мақола яке аз хусусиятҳои муҳимми илми забоншиносӣ, яъне воҳидҳои фразеологии мутазодӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳунари шоирии Саъдӣ бо мисолҳои мушаххас таҳлил шудааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводи марбут ба масъалаи мутазодҳои воҳидҳои фразеологӣ дар назми шоир нишон медиҳад, ки осори манзуми Саъдӣ таркиби луғавии бою рангин дорад. Дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ воҳидҳои фразеологии мутазодии ҷузъи якхеладошта ва ҳам воҳидҳои фразеологии мутазодӣ бо ҷузъҳои ҳархела мавриди корбурд қарор доранд. Воҳидҳои фразеологии мутазодӣ мавқеъ ва нақши худро соҳибанд ва барои ҷаззобу дилнишинии сухан басо бамаврид ва ифодаи маъноҳои мухталифи мутазод дар ғазалҳо моҳирона истифода шудаанд. Саъдии Шерозӣ дар ғазалиёти хеш ба таври густурда ва хеле моҳирона аз воҳидҳои фразеологии мутазодӣ истифода намудааст. Шоир агар дар як маврид ду воҳиди фразеологии муқобилмаъноро дар ғазал ҷой дода бошад, ҷойи дигар бо муқобилгузории яке аз ҷузъҳо маънои мутазодро нишон додааст ва дар мавриди дигар бо ҳазфи яке аз ҷузъҳо истифодаи ду воҳиди фразеологии муқобилмаъноро инъикос намудааст.

Калидвожаҳо: мутазод, маънои мутазод, воҳидҳои фразеологии мутазодӣ**,** ғазалиёти Саъдии Шерозӣ, таркиби луғавии осор, воҳиди фразеологии муқобилмаъно, истифодаи воҳиди фразеологии муқобилмаъно.

АНАТОМИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ГАЗЕЛЯХ САДИ ШИРАЗИ

С другой стороны, метеорологическая терминология (а конкретно – неологизмы, заимствованные из другого языка) отличается от общеупотребительной лексики сохранением специфических признаков, нехарактерных для национального языка.

То есть для пришедших в наш язык метеорологических терминов свойственны некоторые признаки английской лексики, например, blinding snowstorm — буран, blizzard — снежная буря, breathofair / puffofwind — дуновение ветерка, breeze — бриз, coldbitingwind — холодный резкий ветер, cold wind — холодный ветер, gale / strong wind — сильный ветер, gustofwind — порыв ветра, hurricane / verystrongwind — ураган, буря, slightwind / moderatewind — легкий ветерок, squall — шквал

Таким образом, метеорологический термин, обладающий признаками (морфологическими, фонетическими, синтаксическими) слова таджикского языка, отличается рядом особенностей, несвойственных таджикскому языку.

Поэтому можно сказать, что метеорологическая терминология пересекается с национальным языком: частично совпадает с ним, а частично выходит за его пределы.

В контексте развития современных глобализационных процессов межкультурное общение становится актуальным и вопрос о влияние этих процессов на развития лингво-терминологического состава языков остаётся насущным до тех пор, пока виды коммуникации, специфики и составляющих их как традиционных, так и новых типов, не примут характер обыденного постоянного процесса.

Таким образом, мы рассматриваем историю вопроса о соотношения языка и развития общества, в условиях современных процессов развития приводим различные понимания переводов лексико-терминологических составов языкового сознания, связанного с метеорологической наукой в лингвистической литературе.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия, 1966. – 607 с.
2. Володина М.Н. Термин как средство специальной информации / М.Н. Володина. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1996. - 74 с.
3. Гринев С.В. Введение в терминоведение / С.В. Гринев. - М.: Московский лицей, 1993. - 309 с.
4. Капанадзе Л.А. О понятиях «термин» и «терминология» / Л.А. Капанадзе. - 276 с.
5. Равжаа Н. Обучение русской компьютерной лексике монгольских студентов-программистов (на материале текстов – дефиниции) / Н. Равжаа. – М.: Наука, 2008. – 210 с.
6. Реформатский А.А. Термин как член лексической системы языка / А.А. Реформатский // Проблемы структурной лингвистики. - М., 1967. - С. 103–125.
7. Шмелев, Д.Н. Проблемы семантического анализа лексики / Д.Н. Шмелев. – М.: Наука, 1973. - 280 с.

ИСТИЛОҲОТИ МЕТЕОРОЛОГӢ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ СИСТЕМАИ ИСТИЛОҲОТИИ ЗАБОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф рушди истилоҳоти метеорологии забони англисӣ ва тоҷикиро дар намои тамоюлоти умумии барқароршавӣ ва рушди истилоҳоти метеорологӣ мавриди баррасӣ қарор додаст. Дар барқароршавии истилоҳоти мазкур дар забони тоҷикӣ нақши калонро таъсири забонҳои англисӣ ва русӣ мебозад**.** Истилоҳоти метеорологии забони тоҷикӣ аз рӯи пайдоиш ба гурӯҳҳо тақсим мешавад: истилоҳҳое, ки дар заминаи лексемаҳои аслӣ, исстилоҳҳои иқтибосӣ, истилоҳҳои баромадашон омехта ва истилоҳҳо-калкаҳо ва нимкалкаҳо. Маълумотҳои оморӣ оиди истилоҳоти метеорологии забони тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти ин истилоҳҳо ба лексикаи воситаҳои илмӣ ва қисмати ками он ба лексикаи воситаҳои техникӣ, ки бо воситаҳои техникӣ дар соҳаи метеорология алоқаманданд, нисбат доранд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, метеорологӣ, англисӣ, оҷикӣ, лексика, калима, ибора, истилоҳот, забоншиносӣ.

МЕТЕОРОЛОГИЧЕСКАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ КАК ЧАСТЬ ТЕРМИНОСИСТЕМЫ ЯЗЫКА

В данной статье автор рассматривает развитие английской и таджикской метеорологической терминологии на фоне общей тенденции становления и развития метеорологической терминологии. В становлении данной терминологии в таджикском языке огромную роль играет влияние английского и русского языков**.** Метеорологическая терминология таджикского языка по происхождению классифицируется на группы: термины, образованные на базе исконных лексем, терминов заимствований, терминов смешанного происхождения и термины-кальки и полукальки.Статистические данные по метеорологической терминологии таджикского языка показывают, что большинство терминов относятся к лексике научных средств, а наименьшее число лексике, связанной с техническими средствами в области метеорологии.

Ключевые слова: термин, метеорологический, английский, таджикский язык, лексика, слово, словосочетание, терминология, языкознание.

METEOROLOGICAL TERMINOLOGY AS A PART OF THE LANGUAGE TERMINOLOGY

In this article, the author considers the development of English and Tajik meteorological terminology against the background of the general trend of formation and development of meteorological terminology. The influence of English and Russian plays a huge role in the development of this terminology in the Tajik language. Meteorological terminology of the Tajik language is classified into groups according to origin: terms formed on the basis of primordial lexemes, borrowing terms, terms of mixed origin, and tracing terms and half-words. the smallest number of vocabulary related to technical tools in the field of meteorology.

Key words: term, meteorological, English, Tajik language, vocabulary, word, phrase, terminology, linguistics.

Сведения об авторе: ***Абдурасулов Наимджон*** – Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава, преподаватель кафедры теории и методики преподавания иностранных языков. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Курган-Тюбе, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 93-158-44-92, 988-63-20-66**

Information about the author: ***Abdurasulov Naimjon*** - Bokhtar State University named after N.Husrav, teacher of the Department of Theory and Methods of Teaching Foreign Languages. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kurgan-Tube, ul. Aini, 67. Tel.: **(+992) 93-158-44-92, 988-63-20-66**

УДК: 491.550+44

КАТЕГОРИЯИ ШАХСУ ШУМОРАИ ФЕЪЛ ДАР ДАВРАИ МИЁНАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳусайнова Ф.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Забони дувум ба забоне итлоқ мешавад, ки забономӯз пас аз забони аввал, онро меомӯзад. Забони англисӣ, аз забонҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, ки барои барқарории иртибот миёни милали ҷаҳон хизмат мекунад. Забономӯзон бар асоси аҳдоф ва ангезаҳои гуногун ва равишҳои мухталиф забонро ёд мегиранд. Эрнест Ҳемингвей, забоншиноси маъруф мегӯяд: «Мутолиаи забон равишест, ки чигунагии истифода аз забон ва нақши он дар зиндагии инсонро баррасӣ мекунад». Дар ҷойи дигар мегӯяд, ки: «Забоншиносон бештар забонро тавсиф кардаанд, дар ҳоле ки фарди бумӣ забони модарии худро бидуни омӯхтан ва ба таври нохудогоҳ ба даст овардааст» [7, с.65].

Бисёр паҳлуҳои муқоисаи категорияи шахсу шумораи феъл дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ошкор гардида бошад ҳам, аммо ба таври комил мавриди таҳлилу тадқиқ қарор нагирифтааст. Дар мавриди категорияи шахсу шумораи феъл гарчанде ки Шарофиддин Рустамов, Ҳалимов С., Сиёев Б., Розенфельд А.З., Барабаш Т.А., Ильиш Б.А., В.Л.Каушанская, Р.Л.Ковнер ва дигарон хеле барвақт, чудогона ҷо-ҷо сухан гуфта бошанд ҳам, вале онҳо мавриди муқоиса қарор нагирифтаанд. Албатта, бо як мақола наметавон дар мавриди муқоисаи ин мавзӯъ маълумоти пурра дод, аммо то ҷое ки имкон дорад, дар ин хусус маълумотҳои лозимиро пешниҳод мекунем. Забоншиносон намудҳои феълро дар забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба се қисм ҷудо кардаанд: феълҳои сода, сохта ва таркибии ҳамёвар. Дар забони англисӣ бошад, онҳо ба чаҳор қисм: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Феълҳои сода дар забони тоҷикӣ аз як реша иборатанд: “бурдан”, “хӯрдан”, “гуфтан”, “овардан”, “шунидан”, “вазидан”, “сохтан”, “тохтан”, “давидан”, “паридан” ва ғ.[10, с.89].

Баррасии масъалаҳои илми забоншиносӣ аз тарафи забоншиносони давлатҳои гуногуни олам ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои илмҳои гуногун аҳамияти калон доранд, аз қабили фалсафа, психология, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва ғайра. Моҳияти таърихии категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз аввал барои олимони соҳаи забон чи асри гузашта ва чи ҳозира аҳамияти хосса дорад. Забоншиносони ватанию хориҷӣ то ҳол оиди мавҷудияти таърихи категорияи шахсу шумораи феъл ба хулосаи аниқ ва ягона наомадаанд. Ва дар масъалаи мазкур онҳоро одатан ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд [9, с.59]. Мо худ бар он ақида мебошем, ки таърихи категорияи шахсу шумораи феъл ба гурӯҳи ҷумлаҳои мустақил дохил мешаванд, ки шакл ва сохти муайяни худро доранд ва амалеро ифода месозанд, ки ба ҳама, яъне ба ҳар як шахс, он ё ин, ки ба гурӯҳи шахсон нисбат дода мешаванд. Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур ин қайд намудани хосиятҳои граммемавию референтивии таърихи категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи миёна дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар бораи таърихи категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ягон тадқиқоти умдае ба анҷом нарасидааст, аммо дар бораи худи категорияи шахсу шумораи феъл забоншиносони тоҷик, аз қабили: Б. Ниёзмуҳаммадов, Н.А. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, А. Афсаҳзод, М. Қосимова С. Ҳалимов ва ғ. ва аз забоншиносони хориҷӣ аз қабили: К. Востоков, И.Н. Димарская-Бабалян [Дымарская-Бабалян, 1953], К.Н. Качалова, В.М. Никитевич [Никитевич, 1963], А.В. Исаченко [Исаченко, 1963], Е.М. Галкиной-Федорук [Галкина-Федорук, 1964] ҷо-ҷо сухан гуфтаанд [10, с.65].

Ҳамон тавре ки медонем, тарзи ба кор бурдани шахсу шумораи феълҳо дар забонҳои мухталиф мутафовит мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат шахсу шумораи феълҳое, ки дар забони тоҷикӣ ба кор мераванд, бо феълҳои мушобеҳе, ки дар забони англисӣ истеъмол мешаванд аз ҳар ҷиҳат яксон нестанд. Дар ин омӯзиш ба хубӣ ихтилофи шахсу шумораи феълҳои англисӣ бо феълҳои забони тоҷикиро пай хоҳем бурд.

Ба давраи миёнаи категорияи шахсу шумораи феъл вожаҳое дохил мешаванд, ки дар осори хаттии давраи қадим ба назар намерасанд. Вожаҳои давраи миёна аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба забони англисии нав наздик мебошанд. Дар ин давр бештар бо ҳарфҳое сохта мешаванд, ки ҳоло он ҳарфҳо мустаъмал нестанд.

Ҳоло шахсу шумораи дар давраи миёна ташаккулёфтаро дар поён ба тариқи алоҳида меоварем ва вижагиҳои онҳоро дар асоси маълумоти луғату фарҳангҳо ва мушоҳидаву мулоҳизаҳои илмӣ таҳлил менамоем.

Мисол: давраи миёнаи забони англисӣ (hie) helpað (ёрӣ мерасонад) дар замони гузашта дигар чунин асосро ба сиға (hie) hulpon (ёрӣ доданд) мефаҳмонад. Аммо ин ҳарфҳо ҳоло мавриди истифода қарор намегиранд [1, с.65].

Баёни мафҳумҳои илмию фаннии феъл ва категорияи шахс дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамвора бо масоили фаровоне рӯбарӯ будааст.

Қобили зикр аст, ки ҳоло бештари мардум ба таҳлилу тадқиқи категорияи шахсу шумораи феъл таваҷҷуҳ надоранд ва ба назари эшон масъалаи одӣ ва ҳатто нолозим менамояд. Вале бояд гуфт, ки омӯзиши ҳар як шохаи илм муъҷизот, муассирӣ ва паҳлуҳои мусбати ба худ хос дорад. Масалан, омӯхтани таърихи категорияи шахсу шумора, махсусан дар феъл, афкори моро моломоли маълумотҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, огоҳ сохтан аз вазъи иҷтимоии даврони гузашта, таърихи тавлиди вожаҳо, шинос намудан ба таърихи хаттии қавму миллатҳо менамояд.

Нигаред ба ҷадвали 1

Давраи қадим	Давраи миёна	Давраи нав
Bear	Bore	Born
Tear	Tore	Torn
Steal	stole	stolen

Қобили зикр аст, ки дар забони англисӣ бо афтидани садоноки пайвасткунандаи шахси дуюм ва сеюми шумораи танҳои замони ҳозираи сиғаи хабарӣ, дар решаи садонок ва пасванд тағйирот ба вуҷуд меояд [1, с.23]. Мисол: дар англисии қадими миёна «bindest» (алоқаманд ё пайваст) бо нигоҳдории садоноки пайвасткунанда ва «bintst»- дар натиҷаи афтидан дар англисии миёна инчунин «bindep»- «bint» (алоқаманд, пайваст мекунад) шудааст [10, с.97].

Номшиноси рус Ковнер исбот кард, ки омӯзиши таърихи категорияи шахсу шумора берун аз таърихи халқҳо ғайриимкон аст. Барои ҳамин, муқоисаи мунтазами вожаҳо муайянкунандаи давраҳои таърихианд. Фақат тағйироти куллӣ, лаҳзаҳои устуворӣ ва аз навсохти вожаро дар ҳаёти ҷомеа мушоҳида кунем [2, с.148].

Бандакҳои перфектӣ: шахси якуми танҳо «-а», шакли дуюми танҳо «t» «tha» ва шахси сеюми танҳо “т” «-е» низ омада, дар англисии қадим нигоҳ дошта шудаанд: дар натиҷаи тахфифи фонетикӣ садонокҳо аз байн рафтанд, бандаки шахси дуюми англисии қадим дар натиҷаи ба вуҷуд омадани шакли аорист аз байн меравад ва дар англисии миёна шахси якум «band» омада, шахси дуюм «bunde» ва шахси сеюм бошад «band» мешаванд [4, с.21].

Дар хусуси ба давраи қадим ё миёна мансуб будани ин ё он вожа метавон танҳо аз рӯйи сарчашмаву ёдгориҳои хаттии қадим – мадракоти археологӣ ва адабиёти қадим хулосаи муътамад бароварда. Ба мақолаи мазкур вожаҳое дохил мешаванд, ки ба давраи миёнаи категорияи шахсу шумораи феъл марбут буда, бо вожаҳои дар ёдгориҳои ин давра мавҷуда бевосита мувофиқат мекунанд.

Муҳаққиқ Ш. Рустамов доир ба вижагиҳои таърихӣ ва давраи миёнаи категорияи шахсу шумора чунин изҳори ақида намудааст: “Дар давраи миёнаи категорияи шахсу шамораи феъл ошкор шудани таърихи халқҳои қадим, расму оин, урфу одат, тарзи тафаккур, маълумоти таърихӣ ва аслан забонӣ, забонҳои давраҳои қадим, оне, ки номумкин аст гирифтанаш бо роҳи омӯзиш ба назар мерасад” [6, с.118].

Ин муҳаққиқон дар тадқиқоташон ҷанбаҳои мухталифи шахсу шумораи феълро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ин восита саҳми ҷиддие дар рушди илми забоншиносӣ гузоштаанд [3, с.23].

Хулоса, шахсу шумора дар феъл, асосан, бо роҳи ба асосҳои он (феъл) ҳамроҳ намудани бандакҳои феълӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, агар минбаъд дар барнома ва китоби дарсӣ аввал асосҳои феъл ва дар заминаи он омӯзиши шахсу шумора дар феъл таълим дода шавад. Чунки ин масъала (шахсу шумора дар феъл) дар мавриди ба асосҳои феъл ҳамроҳ намудани, пеш аз ҳама, бандакҳои феълӣ сурат мегирад [6, с.5].

Мо дар бораи категорияи шахсу шумораи феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумотҳои дастрасшударо аз назар гузаронида, ба хулосае омадем, ки ин гурӯҳи феълҳо дар нутқи ҳаррӯзаамон васеъ мавриди истифода қарор меёбанд. Вале мо дар мақола дар бораи онҳо маълумоти мухтасар бо мисолҳо овардаем. Мутаассифона, дар забони англисӣ маълумотҳо нисбати ин категорияи шахсу шумораи феълӣ хеле кам будаанд.

А Д А Б И Ё Т
1. Войних Э.Л. “Ғурмагас”; аз русӣ тарҷумаи С.Улуғзода. - Душанбе: Маориф, 1982. - 320 с.
2. Каушанская В.Л. «A grammar of the English language» (Грамматика английского языка) / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. – Москва: Айрис пресс, 2014. – 720 с.
3. Питер Абраҳам. Аз раҳи раъди ғуррон / Питер Абраҳам. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. - 312с.
4. Кенҷаева О. Ҳамнишинии ҷузъи номӣ ва феълии феълҳои таркибии номӣ (аз рӯйи маводи романи «Фирдавсӣ» - и Сотим Улуғзода) / О. Кенҷаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2013. - № 4/3(113). - С.90-92
5. Рашод Нури Гултегин. Чаманоро. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1965. - 420 с.
6. Рустамов Ш. Грамматикаи Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология / Ш. Рустамов, Р Ғафоров. – Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1985.
7. Садриддин Айнӣ. Мактаби куҳна. – Сталинобод, 1950.
8. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 1-2. – Душанбе: Нашриёти “Адиб”, 1990. - 352 с.
9. Сангинов Ф. Луғати англисӣ ба русиву тоҷикӣ ва русӣ бо англисиву тоҷикӣ / Ф.Сангинов. – Душанбе: Пойтахт, 2013. - 676 с.
10. Эрнест Ҳемингвей. Пирамард ва баҳр / Ҳемингвей Эрнест. – Душанбе: Нашриёти “Бухоро”. - 167с.

КАТЕГОРИЯИ ШАХСУ ШУМОРАИ ФЕЪЛ ДАР ДАВРАИ МИЁНАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола дарбаргирандаи категорияи шахсу шумораи феъл дар забони тоҷикӣ дар давраи миёна буда, муаллиф оиди тафовут байни забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мулоҳиза ронда шудааст. Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули муқоисаи категорияи шахсу шумора дар давраи миёна дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ мулоҳиза рондааст. Ба ақидаи муаллиф, дар ташаккул ва таҳаввули таърихи категорияи шахсу шумора дар забони тоҷикӣ Б. Ниёзмуҳаммадов, Н.А. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, А, Афзаҳзод, М. Қосимова ва ғ. аз забоншиносони хориҷӣ аз қабули: К. Востоков, И.Н. Димарская, К.Н. Качалова, В.М. Никитевич, А.В. Исаченко ва ғ. саҳме гузоштаанд. Баррасии масъалаҳои илми забоншиносӣ аз тарафи забоншиносони давлатҳои гуногуни олам ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти калон барои илмҳои гуногун доранд. Моҳияти таърихии категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз аввал барои олимони соҳаи забон чӣ асри гузашта ва чӣ ҳозира аҳамияти хосса дорад. Инчунин мақола фарогири масъалаи баррасӣ ва корбасти давраи миёнаи категорияи шахсу шумораи феъл буда, дар он ҷанбаҳои забонӣ, муайян кардани сохту таркиб, маъно ва истеъмоли онҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ сухан меравад. Дар ин таълифот дар заминаи омӯзиши сарчашмаву маъхазҳои бурҳони илмию таърихӣ ҷанбаҳои забонию зуҳури таърихии давраи миёнаи категорияи шахсу шумораи феъл муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: омӯзиш, ҷумла, категория, таҳлили забонӣ, корбасти шахсу шумора, муқоиса, замони муосир, давраи миёна ва қабати забонӣ.

КАТЕГОРИЯ ЛИЦА И ЧИСЛА ГЛАГОЛА В СРЕДНЕАНГЛИЙСКОМ И СРЕДНЕИРАНСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья описывает категории лица и числа в среднеиранском языке с сопоставлением со среднеанглийским языком. В ней речь идёт о сущности и становлении типологии категории лица и числа среднеиранских и среднеанглийских языков, как одной из самостоятельных частей лингвистики. Автор отметил, что становление и преобразование категории лица и числа глагола в таджикском языке исследовали Б. Ниёзмухаммадов, Н. А Маъсуми, Ш. Рустамов, А. Афзаньзод, М. Касимова, С. Халимов и другие. На материале английского глагола изучением этой темы занимались: К. Востоков, И.Н. Дымарская, К.Н. Качалова, В.М. Никитевич, А.В. Исаченко и другие. Изучение лингвистических проблем занимает особое место, в работе лингвистов разных государств мира. А также в статье затрагивается проблема разработки категория лица и числа глагола, определение структуры вида значения и их употребления в таджикском и английском языках. На базе изучения источников определились языковедческие аспекты и исторические факты категории лица и числа глаголов английского и таджикского языков.

Ключевые слова: изучение, предложения, категория, языковые анализы, исследование лица и числа, типология, современный язык, средний период, состав языка.

CATEGORY OF THE PERSON AND NUMBERS OF A VERB IN THE MIDDLE ENGLISH AND MID-IRAN LANGUAGES

The article covers the category of a person and a number in Middle Iranian with a comparison of the average English language. It deals with the essence of the preponderance and formation of a typology, the category of a person and the number of Middle Iranian and Middle English languages, as one of the independent parts of linguistics. The author noted that the category of the person and the number of the verb in the Tajik language in the formation and transformation of history was investigated by B. Niyozmukhammadov, N. A Mausumi, Sh. Rustamov, A. Afzaньzod, M. Kasimova, S. Khalimov and others. On the material of the English verb, this topic was studied by: K. Vostokov, I.N. Dymarskaya, K.N. Kachalova, V.M. Nikitevich, A.V. Isachenko and others. The study of linguistic problems holds a special place, on the part of linguists from different countries of the world. This development plays a big role for the whole of science. The article also covers the problem of solving the average period of development, the category of a person and the number of a verb, and it deals with aspects of the language determining the structure, type and meaning of their use in Tajik and English. On this basis, on the basis of studying the sources of the warehouse of scientific and historical crisis, linguistic aspects and historical facts of the category of a person and the number of verbs of the English and Tajik languages were determined.

Key words: study, sentences, category, language analyzes, face and numbers, typology, modern language, middle period, language composition.

Сведения об авторе: ***Хусайнова Фарида Бозоровна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16.
E-mail: **fkhusainova@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-80-94-93**

Information about the author: ***Husainova Farida Bozorovna*** - Kulob State University named after A. Rudaki, Ph.D student of the third year of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street 16. E-mail: **fkhusainova@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-80-94-93**

УДК: 491.550+34 (575.3)

КОРБУРДИ ҶУМЛАИ СОДА ДАР ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Нуралиева Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назарияи забоншиносии олам ҷумларо ҳамчун воҳиди синтаксисӣ арзёбӣ намуда, муҳим ва актуалӣ будани нақши онро дар ифодаи андеша тасдиқ мекунад. Тадқиқи ҷумла ҳамчун воҳиди синтаксисӣ аз натиҷаи дастовардҳои илмӣ шаҳодат медиҳад. Ҷумла ҳанӯз аз замонҳои қадим чун воҳиди устувори забон таваҷҷуҳи бисёр олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст. Муайян кардани нишонаҳои ҷумла ва арзиши сохториву маъноии он дар тамоми забонҳои олам қариб як хел аст, яъне як ё якчанд калимаҳои мустақили ба ҳам алоқамандро, ки фикри томро ифода мекунанд, ҷумла меноманд. Ҳамин тавр, вазифаи синтаксисии ҷумла ифодаи фикр аст.

Тадқиқоти забоншиносони олам доир ба ҷумла ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар он саҳми олимони соҳаи забон ва дигар соҳаҳои наздик ба забон кам нест. Афкори забоншиносии тоҷик шаҳодати он аст, ки доир ба ҷумла ҳамчун воҳиди синтаксисӣ ҳанӯз пеш аз ислом маълумотҳои илмӣ мавҷуд буданд. «Мавзӯи баҳси илми забон дар соли аввали ҳичрӣ таркиби калом буд, ки онро наҳв мехонданд. Баъд аз он ба сохтори калима диққат медоданд ва батадриҷ илми наҳв аз илми сарф ҷудо шуд» [10, с.8]. Дар осори илмии гузаштаи мо хеле барвақт қоидаи ҷумларо гуфта буданд. «Дар китоби «Эҳсоъ – ул - улум» таснифи илмҳои роиҷи замон омадааст, ки дар фасли аввали он илми лисон ҷой дода шудааст. Ба андешаи Форобӣ, лафз аз сода ва мураккаб иборат буда, лафзи сода исм, феъл ва адот ва лафзи мураккаб ҷумла аст» [10, с. 9].

Доир ба ҷумла ҳамчун воҳиди синтаксисӣ дар забоншиносии русу Аврупо ва забоншиносии муосири тоҷик маълумотҳои илман асоснок роиҷ аст. Зикри масъалаҳои назарии онро то андозае маҳдудтар баён мекунем. Зеро масъалаи мубрами кори мо ошкор намудани вижагиҳои наҳвии ҷумлаи сода дар осори ҳуқуқӣ - ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ аст.

Доир ба ҷумла ҳамчун воҳиди синтаксисӣ дар забоншиносӣ маълумотҳои илмии фаровон мавҷуд аст. Махсусан, доир ба ҷумлаи сода тадқиқотҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Тадқиқотҳои анҷомдодашуда бештар дар асоси маводи адабӣ ё осори адибон рӯйи кор омадаанд. Доир ба вижагиҳои ҷумлаи сода дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ кори илмии мушаххас мавҷуд нест. Мусаллам аст, ки дар сохтани ҷумлаи сода таносуби маъно, алоқамандшавии калимаҳо тибқи қоидаҳои мавҷуда муҳимманд. Махсусан алоқаи мувофиқат мавқеи вижа дорад, яъне дар ҷумла бояд мубтадо бо хабар мувофиқат кунад, ки он тавассути бандакҳои феълию хабарӣ сурат мегирад. Дар грамматикаи илмӣ ҷумларо ҳамчун воҳиди наҳв гурӯҳбандӣ намуда, ҷумлаҳои содаро чунин шарҳ додаанд: «Ҷумлаҳои содаи яктаркиба вобаста ба тарзи ифодаи аъзоҳои худ ба хелҳои алоҳида ҷудо мешаванд» [9, с.320].

Ҷумлаҳои содаро вобаста ба сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: Ҷумлаи содаи яктаркиба ва ҷумлаи содаи дутаркиба. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ин ду гурӯҳи ҷумлаҳо хеле зиёд истифода гардидаанд. Ҷумлаи содаи яктаркиба дар забоншиносии тоҷик мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Ҳар яке аз ин гурӯҳи ҷумлаҳо вобаста ба ҷойи истифодаи худ, дорои вижагиҳои сохториву маъноӣ мебошанд.

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба танҳо аз сараъзоҳо иборатанд. Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо муносибати передикативии ҷумла тавассути сараъзоҳо ифода меёбад. Агар асоси ҷумларо мубтадо ташкил диҳад, ин ҷумларо содаи яктаркибаи номӣ меноманд, агар асоси ҷумларо хабар ташкил диҳад, ин ҷумларо ҷумлаи содаи яктаркибаи хабарӣ меноманд. Ҷумлаи содаи яктаркиба вобаста ба иштироки аъзоҳо ба хуллас ва тафсилӣ тақсим мешавад: ҷумлаи содаи яктаркибаи хуллас ва ҷумлаи содаи яктаркибаи тафсилӣ. Дар маводи тадқиқшуда намунаи ин гурӯҳи ҷумларо мушоҳида накардем, аммо ҷумлаи содаи яктаркибаи тафсилӣ хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҷумлаҳои содаи тафсилӣ дар ифодаи маъно имкони васеъ дошта, дар он ҳама аъзоҳои ҷумла иштирок

мекунанд. Мисол: корхонаи давлатии фаръӣ ҳуқуқи таъсиси дигар корхонаи фаръиро надорад [5, с.335].

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ҷумлаҳои содаи тафсилӣ, бо услуби илмӣ баён гардидаанд. Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо ҳамаи аъзоҳои ҷумла фаъоланд, маъно бо иштироки тамоми аъзои ҷумла мукаммал ифода меёбад. Дар ҷумлаҳои содаи тафсилӣ аъзоҳои чида иштирок мекунанд. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин хабар чида шуда омадааст: …бо тартиби дар иҷозати Бонки миллии Тоҷикистон қайдгардида, ба анҷом расонида **мешавад** [5, с.414]; …амали дар шакли аҳд анҷомдодашуда оқибатҳои ҳуқуқиро пеш **намеорад**, яъне боиси ба миён **омадан**, тағйир **ёфтан** ва ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ **намегардад** [5, с.485].

Дар ҷумлаҳои сода ифодаёбии хабар вобаста ба муносибатҳои маъноӣ дар ҷумла ва иштироки ҳиссаҳои нутқ гурӯҳбандӣ мешаванд. Профессор Қосимова М.Н., дар асоси осори хаттии асрҳои IX- X доир ба ҷумлаи сода чунин гуфтааст: «Ҷумлаҳои сода дар осори хаттии асрҳои IX-X аз ҷиҳати ифодаи хабар, сохт ва иштироки аъзоҳои ҷумла ва ифодаи муосибатҳои маъноӣ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд». Ӯ таъкид менамояд, ки хабари ҷумлаҳои сода ду хел мешаванд: 1. Хабари номӣ. 2. Хабари феълӣ [3, с.260]. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ низ ҷумлаҳои содаро аз рӯйи иштироки хабар ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҷумлаҳои содае, ки бо хабари феълӣ омадаанд: дар Федератсияи Россия оид ба кооперативҳо ду қонуни алоҳида қабул **карда шудааст** [6, с.307]; Кооперативи истеҳсолӣ танҳо дар асоси қарори муассисони он ташкил карда мешавад [6, с.310]. Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо хабарҳои феълӣ бо феълҳои тасрифӣ ифода ёфтаанд.
2. Ҷумлаҳои содае, ки бо хабари номӣ омадаанд: Ҳамзамон чунин талабот метавонад дар меъёрҳои қоунгузории махсус пешбинӣ гардад [6, с.368]. Дар ин ҷумла хабар бо феъли таркибии **пешбинӣ гардад** ифода ёфтааст, ки асоси феълро исм ташкил додааст.

Корбурди ҷумлаи сода дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ дар асоси вижагиҳои услуби расмӣ ва коргузорӣ сурат гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2 / Абдураҳимов С ва диг… - Душанбе: Дониш, 1986. -371 с.
2. Виноградов В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. - 1954. – №1. - С. 3-29.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ / М.Н. Қосимова. - Душанбе , 2011. 566 с.
4. Лекант П.А. Синтаксис простого пердложения в современном русском языке / П.А. Лекант. - М.: Высшая школа, 1974. – 159 с.
5. Маҳмудов М. Тафсири кодекси оилаи ҶТ / М. Маҳмудов, Б. Худоёров. - Душанбе: Эр- граф , 2011. -431 с.
6. Маҳмудов М. А. Тафсири кодекси граждании Ҷ Т/ М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойнанзаров, И.Ҳ.Бобоҷонов ва диг. -Душанбе: Эр – граф, -971 с.
7. Маҳдӣ Дорхол. Ҷумлаҳои сода аз нигоҳи маъно ва оҳанги гӯйиш дар «Таърихи табарӣ» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2012. - № 4\5 (94). - С. 68-72.
8. Бозидов Н. Забони адабии тоҷик. Китоби дарсӣ Ҷ.2 / Н. Бозидов, Ф. Зикриёев, М. Исматуллоев ва диг… синтаксис. - Душанбе: Маориф, 1984. - 323 с.
9. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (Синтаксис). Воситаи таълимӣ / М.Норматов. - Душанбе, 2015. - 324 с.
10. Шарипова Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ. Қ.1. Монография / Ф. Шарипова. - Душанбе, 2012. - 223 с.

КОРБУРДИ ҶУМЛАИ СОДА ДАР ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Дар мақола вижагиҳои наҳвии ҷумлаи сода дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ, вобаста ба талаботи услуби расмӣ ва коргузорӣ баррасӣ гардидааст. Дар мақола вижагиҳои ҷумлаи сода дар асоси осори илмии таърихи забони тоҷикӣ ошкор карда шуда, муаллиф дар заминаи таҳлили маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ корбурди ҷумлаи содаро баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ бо иқтибос кардани андешаҳои олимони соҳа, кӯшидааст вижагиҳои наҳвии ҷумлаи содаро таҳлил намуда, хулосаҳои зарурӣ барорад. Ба воситаи таҳлилу муқоисаи андешаҳои олимони соҳаи забоншиносӣ ӯ, пеш аз ҳама, собиқаи тадқиқи ҷумлаи содаро бо далелҳо исбот намудааст. Дастоварди ӯ дар ин самт аз он иборат аст, ки бештар дидгоҳи олимони гузаштаи тоҷикро ба назар гирифтааст. Ҳангоми тадқиқу таҳлили масъалаҳои ба ҷумлаи сода дахлдошта, назари олимони рус низ ба ҳисоб гирифта шудааст. Муаллиф дар таҳлили ҷумлаҳои сода, дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ба назари олимони варзидаи тоҷик Мадиброҳим Норматов, профессор М.Н. Қосимова такя намуда, ҷумлаҳои содаро тасниф намуда, бо мисолҳои мушаххас шарҳ додааст. Дар мақола бештар ба ҷумлаҳои содаи тафсилӣ таваҷҷуҳ шудааст, зеро ин гурӯҳи ҷумлаҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бештар истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: вижагӣ, воҳиди синтаксисӣ, лафз, сода, мураккаб, ҷумлаи сода, ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ, мубтадо, хабар, муосибатҳои маъноӣ, хабари феълӣ, хабари номӣ.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ПРАВОВЫХ НОРМАТИВНЫХ ДОКУМЕНТАХ

В статье расматриваются синтаксистическое особенности простых предложений на основе правовых нормативных документов в зависимости от требований официального делового стиля и делопроизводства. В статье раскрывая особенности простого предложения на основе научного исторического наследия таджикского языка, автор на основе анализа материалов правовых нормативных документов рассматривает употребление простого предложения. Исследователь цитируя взгляды ученых данной отрасли наук, сделал попытку анализа синтаксических особенностей простого предложения и сделал нужные умозаключения. Посредством анализа и сравнения взглядов ученых сферы языкознания он, прежде всего, аргументировано доказал прецедент простого предложения. Его достижения в данном направлении состоит из того, что он в основном принял во внимание взгляды и доводы таджикских ученых . Во время исследования и анализа проблем касающихся простого предложения, также бвло принято во внимание точка зрения российских ученых. Автор при анализе простых предложений на основе материалов правовых и нормативных документов опирался на мнения выдающихся таджикских ученых –лингвистов Мадиброхима Норматова и профессора М.Н. Касымовой, характеризуя простые предложения, разъясняет их конкреными примерами.В статье в основном обращается внимание на простые распространённые предложения, так как данная группа предложений очень часто используются в правовых нормативных документах.

Ключевые слова: особенности, синтаксические единицы, говор, простой, сложный, простое предложение, нормативные правовые документы, подлежащее, сказуемое, смысловые отношения, глагольное сказуемое, именное сказуемое.

THE USAGE OF THE SIMPLE SENTENCE IN THE STANDARD DOCUMENTS' MATERIALS OF LAW'S FIELD

This article aims to analyses the syntactical characteristic of simple sentences based on standard documents materials of law's field which it related to the demands of official principles and installments . The peculiarities of the simple sentences has been revealed on the basis of historical works in Tajik language and the author dealt with the analyses of simple sentence. The author tried to use citation of scientists and according to the citations she analyzed and summarized the peculiarities of simple sentence. First of all, according to the analyses and comparisons of the thoughts of linguists she could prove the analyses of simple sentences with facts. Her achievements in this field, It consist of former Tajik linguists' views. During the analyses of the issues, the point of views of Russian linguists also was considered. During the analyses of the simple sentences the author used the point of views of famous Tajik linguists, like Madibrohim Normatov, M. Qosimova, The author conjugated the simple sentences and commented them with specific examples. The author paid more attention to the unexpended simple sentences, because such kinds of sentences are used more in the field of law.

Key words: characteristics, syntactical unit , simple, compound, simple sentence, documents of the field of law, subject, predicate, semantically relation, nominal predicate, verbal predicate.

Сведение об авторе: ***Нуралиева Дилором*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры методики преподавания таджикского языка. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, 734025. Телефон: **(+992) 907-88-42-17**

Information about author: ***Nuralieva Dilorom*** - Tajik national University, assistant of the Department of methodology of teaching the Tajik language. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, 734025. Tel.: **(+992) 907-88-42-17**

УДК: 491.550:891.550-1:82

МАҲОРАТИ ВОЖАГУЗИНИИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Каримов Н.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як шоир ё нависанда вобаста ба навъи эҷод вижагиҳои истеъдоду маҳорати худро дорад, ки бо нигоришоташ аз навиштаҳои дигарон фарқ мекунад. Абулқосим Лоҳутӣ аз зумраи он шоиронест, ки дар интихоби вожа маҳорати фавқулода нишон дода, барои рушду такомули минбаъдаи забони тоҷикӣ хидмати пуразриш кардааст.

Муҳаққиқон доир ба маҳорати вожаофаринии устод Лоҳутӣ фикрҳои ҷолиб пешниҳод кардаанд: «Шоир дар ғазалиёти инқилобиву сиёсиаш маънои як қатор калимаву ибораҳои муқаррарии забонро инкишоф дода, онҳоро бо маъноҳои нав ва нотакрор ба кор бурдааст. Инчунин дар сохтани вожаву ибораҳо маҳорати фавқулода нишон дода, дар афзудани сарвати забон мусоидат кардааст. Чунончи, инқилобкун, харобкун, парҳезазобкун, пурпина, пурдилу подор, офтоби ҳусн ва ғайра» [3, с.279].

Устод Лоҳутӣ ғановату имкониятҳои беҳудуди забони тоҷикиро тавассути интихоби дурусти вожаву таркибҳо таҷассум намудааст. Ӯ пеш аз ҳама ба вожаҳои бунёдии забон рӯ меорад, зеро калимаҳои решагии забон дар талаффуз равону хушоҳанг буда, имконияти маъниифодакунӣ ва калимасозии зиёд доранд.

Калимаи **ҳола** ба маънои *«доираи губоролуди равшан дар гирди Моҳ, хирмани Моҳ»* [8, с.751] дар ғазалиёти устод Лоҳутӣ дар мавқеи муносиб истифода шудааст:

*Афканд то ба моҳ каманди чу **ҳоларо,***
Бикшуд бар рухи дили ман боби ноларо [4, с.16].

Шоир калимаи **ҳола**ро дар як рубоии дигар бо тобиши нави маъноӣ истифода бурдааст:

*Маҳи рӯйи ту мушкин **ҳола** дорад,*
*Валекин **ҳола**аш дунбола дорад [5, с.201].*

Устод Лоҳутӣ ба воситаи вожаи **подор** ба маънои «*пойдор: собит, поянда, боқӣ, побарҷо*» [12, 304] дар сурати таркибҳои **якдилаву подор** ва **пурдилу подор**, ки эҷодкардаи худи шоиранд, устувории маънавии худро баён кардааст:

Гар дусад раҳ ба сари роҳ равам, Лоҳутӣ,
*Боз дар маслаки худ **якдилаву подор**ам [4, с.60].*
Бинои зулму истибдодро зеру забар кардан
*Зи дасти мардумони **пурдилу подор** меояд [4, с.116].*

Калимаи **подор** дар забонамон бо гунаи **пойдор** низ дар истифода аст ва дар забони гуфтугӯйии мардум бошад, вожаи **пойидан/напояд** низ ба назар мерасад. Сифати феълии поянда низ аз ҳамин реша сохта шудааст.

Устод Айнӣ низ дар як мактубаш ба П.Толис дар бораи аҳаммият ва зарурати умумӣ кардани баъзе калимаҳо сухан ронда, доир ба истифодаи калимаи **напояд** чунин менависад: «…Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаи «**пойдор»**, «**нопойдор»**-ро кор фармоям ҳам, аз тарси он ки омма намефаҳмад, «**напояд**»-ро кор намефармудам. Аммо он рӯз дидам, ки ин калима дар забони зинда будааст ва ҳақ дорад, ки дар умумӣ кардани ӯ кӯшида шавад» [1, с.39].

Калимаи **поидан** дар забонамон илова бо маънои болоӣ маънои «*истодагӣ кардан, посбонӣ кардан, интизор будан, мунтазир шудан, нигоҳубин кардан, чаронидани ҳайвонот*» [11, с.109]-ро низ дорад.

Устод Лоҳутӣ дар ғазалиёти худ калимаи **ғоза**ро ба маънои «г*улгуна, сурхие, ки занон дар рӯй мемоланд»* [9, с.653] дар ҳалатҳои муносиб истифода кардааст:

Дурру гавҳар зинати занҳои истисмор чист,
*Гарди заҳмат **ғозаи** рӯйи нигори мо бувад [4, с.164].*

Ё дар рубоии зер:

Ин духтари ранҷбар, бубин, метарсад,
***Лухт** асту гурусна, аз ҳаё меларзад.*
***Бегозаву** зевар аст бадбахт, аммо*
Бо ҳусни табиӣ ба ҷаҳон меарзад [4, с.129].

Дар забони гуфтугӯйи ҳозираи мо калимаҳое, ки барои ороиши рӯйи занон истифода мегарданд, аксар калимаҳои иқтибосии русиянд: **пудра** *«упо, упа»* [6, 909], **помада** *«равғани ороиш»,* **губная помада** *«лабсурхкунак»* [6, с.791], **косметика** «*бо рангу равған ороиш додани сару рӯй»* [6, с.413] ва ғайра. Аз нав эҳё кардани калимаҳои аслан тоҷикӣ боиси афзудани калимаҳои худӣ гардида, имконияти аз истеъмол хориҷ намудани калимаҳои бегонаро фароҳам меоварад, зеро калимаҳо худӣ гоҳе куҳна шаванд ҳам, бо мурур ва талаби замон бисёр вақт эҳё гардида, мавриди истифодаи тоза қарор мегиранд.

Дар мисраи дуюми рубоии зикршуда калимаи **лухт** омадааст (**Лухт** асту гурусна, аз ҳаё меларзад), ки маънои «*луч, бараҳна, урён»* [8, с.186, 724]-ро дорад. Дар забони гуфтугӯйии тоҷикиамон калимаи **лахт** ба маънои «*пора, ҳисса, қитъа, тикка*» [10, с.708] мустаъмал аст, аммо дар забони муосири адабии тоҷикӣ шакли **лухт**, ки ба маънои «луч» ба кор равад, истифода намешавад.

***Лахте** сари по, дӯхта бар қабр ҳаме чашм,*
Бе ҷунбишу бе ҳарф чу як ҳайкали пӯлод [4, с.30].

Дар мисраъҳои зер шоир вожаи **пина**ро ба маънои «*2.обила: **пинаи даст**»* [10, с.100], ки калимаи аслии забони тоҷикӣ мебошад, истифода кардааст:

Мо санад дорем, к- ин дунё саросар мулки мост,
*Ин санад доим ба дасти **пинадори** мо бувад [4, с.164].*

Маънои ин калима дар ғазали дигар боз ҳам равшантар ифода ёфтааст:

*Сурати сурхи амиру **пина**и дасти фақир,*
Ростӣ, безор аз оину кешам мекунад [4, с.107].

Мувофиқи нишондоди Фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи **пина** танҳо ба маънои «*1.парча,чизи порашуда. 2. васла, ямоқ, порае, ки ба ҷойи даридаи либос ва чизҳои дигар дӯхта ё васл карда мешавад»* [9, с.69] шарҳ дода шудааст ва бисёр хуб, ки дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба ҷуз «*1.ямоқ, дарбеҳ»* инчунин *«2.обила: пинаи даст»* [10, с.100] низ маънидод гардидааст. Мебоист ҳангоми шарҳи вожаи мазкур дар ҳар ду фарҳанг калимаи **порги**ро низ зикр мекарданд, зеро аксарияти намояндагони шеваи ҷанубӣ маънои

вожаҳои ямоқ ва дарбеҳро намедонанд. Калимаи **поргӣ** ҳамчун воҳиди луғавӣ дар Фарҳанги забони тоҷикӣ дарҷ нагардидааст.

Вожаи **новак** ба маънои «*тир, тири хурд, тири камон*» [8, с.862] мустаъмал аст. Дар луғатномаҳои форсӣ он ба маънии «*тир; тире, ки ба камон андохта шавад*» [12, с.1152] оварда шудааст. Ин вожа дар мисраъҳои зерини шоир ба ҳамин маъно омадааст:

Яке баҳри шикори мурғи Машриқ,
Камону ***новаки*** *пайкон парастад [4, с.41].*

Дар мавриди дигар, он ба маънои «мижгони зебои маҳбуба» ба кор рафтааст:

Зи шасти нози ту ҳар ***новаке*** *раҳо гардид,*
Надид ҷуз дили ман қобили нишонаи хеш [4, с.81].

Калимаи **охтан** аз *паҳлавии āxtan - оҳихтан, оҳхтан, ёхтан* ба маънои «*баркашидан, баровардан ва берун кашидани чизе мисли берун кашидани теғ аз ғилоф*» [12, с.15] аслан тоҷикӣ буда, дар луғатномаҳои тоҷикӣ кашида гирифтани теғ аз ғилоф [8, с.941] шарҳ дода шудааст. Дар фарҳангҳои форсӣ ҳамчун «*баркашидан, баровардан ва берун кашидани чизе мисли берун кашидани теғ аз ғилоф*» [12, с.15] маънидод шудааст:

Чун рехтани ашк ба домон надиҳад суд,
Ҷуз ***охтани*** *теғ ба майдон чӣ тавон кард? [4, с.115].*

Шакли **охтан** дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ низ дар чандин таркибот истифода шудааст: **қабо берун охтан** «қабо баркашидан», **даст охтан** «даст дароз кардан», **ранҷу кин охтан** «интиқом гирифтан, ҷанг кардан» ва ғайра. Инчунин шакли оҳанҷидан низ дар «Шоҳнома» истифода шудааст» [13, с.31].

Калимаи қадимаи **чӯпон,** паҳлавии šupān [7, с.384]- ро шоир дар ғазале чунин ба қалам додааст:

Ба ҷилди саг ҳазорон гург дорад шоҳ дар галла,
Хиёнат кардани ин гуна ***чӯпон****ро чӣ медонӣ [4, с.189]?*

Вожаи **чӯпон** дар бисёре аз шеваҳои забонамон бо муродифи дигари он - калимаи **даҳмарда** иваз карда шудааст. Шакли арабишудаи чӯпон - шубонро низ шоир истифда кардааст:

Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,
Ки дидам, тоза бо гург улфате бошад ***шубон****амро [4, с.51].*

Доир ба истифодаи калимаи **даҳмарда** дар асари Ғ.Мирзо профессор Р.Ғаффоров ақида дорад, ки «...дар истеъмоли калимаҳои лаҳҷавӣ ба норасоиҳои ҷиддӣ низ роҳ додааст. Аввалин ҷиҳати ношоям он аст, ки вай дидаву дониста ба ҷойи калимаҳои мақбул ва умумӣ калимаҳои маҳдуди лаҳҷавии **даҳмарда** ва достакро ба ҷойи калимаҳои чӯпон ва фароштурук ба кор мебарад. Калимаи чӯпон аз асоси таърихии худ андак дур рафта бошад ҳам, ба ҳамаи мардуми тоҷик фаҳмост» [2, с.146-147].

Ба ақидаи мо, калимаи **даҳмарда** вожаи сирф шевагии доираи истеъмолаш маҳдуд набуда, қобилияти умумишавӣ дорад. Дар айни замон барои умумӣ кардани калимаи **даҳмарда** фурсати муносиб расидааст, зеро ин вожаро аксари соҳибқаламони даврони истиқлол медонанд ва истифода мебаранд. Аз умумӣ шудани он таркиби луғавии забони адабиамон фақат бурд хоҳад кард.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ бо таъсири забони русӣ калимаи **парник** дар забонамон серистеъмол гардида буд. Баъдан калимаи **гармхона** батадриҷ ҷойи худро гирифта истодааст. Ба ин монанд калимаи **гулхона** низ дар ғазалиёти устод Лоҳутӣ истифода шудааст.

Фардо ки шавад мулки ту сартобасар озод,
Гулхонаи *вайроншудаи ту шавад обод [5, с.277].*

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи **гулхона** чунин шарҳ дода шудааст: «*хонаи оинабандӣ, ки дар ҷои офтобрӯя барои дар зимистон нигоҳ доштан ва парваридани гулу растаниҳо сохта мешавад, гармхона барои гулҳо*» [8, с.356]. Бидуни тардид, агар калимаи **гулхона** умумӣ гардад, калимае аз калимаҳои худӣ дар забонамон меафзояд. Он аз ҷиҳати обу ранг ва оҳанги талаффуз низ ниҳоят муаддаб аст.

Калимаи **зеркома** ба маънои «тагпероҳан; эзор» [10, с.541] аст. Калимаи **зеркома** дар ғазалиёти шоир корбурд шуда бошад ҳам, дар забони адабии тоҷикӣ ба ҷойи он **поҷома** ё худ **эзор** истифода мегардад. Калимаи **эзор** ба гунаи **изор** чунин маънидод шудааст: «*либоси якқабатаи почадор, ки аз миён поёнро мепӯшонад, лозимӣ, поҷома: куртаву эзор*» [11, с.698].

Набвад ба танаш миёни омма
На ***пираҳану*** *на* ***зеркома*** *[4, с.24].*
Зи беговӣ кунад ӯ шиквaву ман
Набошад ҷома дар тан ҷуз ***изорам*** *[5, с.7].*

Инчунин, шоир калимаи **танпӯша**ро бо гунаи **танпӯш** ду маротиба истифода кардааст, ки ҳар бор ба маънои «либос» омадааст:

Дур аз ту ба тан тавон нахоҳам,
Танпӯшаву *обу нон нахоҳам [5, с.104].*
Танпӯши *куштагон надиҳад гармие ба вай,*
Ин қотил аз либоси шарофат бараҳна аст [5, с.387].

Хулоса, Абулқосим Лоҳутӣ бо чунин тарзи баён дар офаридани шеър ва маҳорати шоирӣ ҳунари фавқулода зоҳир намуда, ба ашъораш таровати хосса бахшидааст. Вожаҳои истифодакардаи шоир барои ба вуҷуд овардани асолати шеъри тоҷикӣ дар ғазалиёти ӯ ёрӣ расонидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Мактуби кушод ба рафиқ Толис // Шарқи сурх, 1948. - №11. - С.37-40.
2. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров. - Душанбе, 1977. – 208 с.
3. Каримов Н.С. Баъзе вижагиҳои маъноии забони ғазалиёти Абулқосим Лоҳутӣ / Н.С. Каримов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии “Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд” бахшида ба “70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2018. - С.277-280.
4. Лоҳутӣ Абулқосим. Куллиёт. Ҷ I. - Душанбе, 1987. – 370 с.
5. Лоҳутӣ Абулқосим. Куллиёт. Ҷ II. - Сталинобод, 1961. – 444 с.
6. Луғати русӣ-тоҷикӣ. - М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
7. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсии дуктур Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1383 ҳ.қ. – 1240 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Сов.Энцик., 1969. - Ҷ.I. – 951 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Сов.Энцик., 1969. - Ҷ.II. – 947 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.I. – 950 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.II. – 950 с.
12. Ҳасан Амид. Фарҳан форсии Амид. - Теҳрон, 1384ҳ.қ. – 1254 с.
13. Шодиев Р. Вижагиҳои маъноии феълҳои сода дар «Шоҳнома» / Р. Шодиев Р. - Душанбе, 2010. – 80 с.

МАҲОРАТИ ВОЖАГУЗИНИИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ҳунари шоирии Абулқосим Лоҳутӣ ва нақши ӯ дар ғанӣ гардондани сарвати луғавии забон меравад. Устод Лоҳутӣ аз зумраи он шоиронест, ки дар интихоби вожа маҳорати фавқулода нишон дода, барои рушду такомули минбаъдаи забони тоҷикӣ хидмати пуразриш кардааст ва ғановату имкониятҳои беҳудуди забони тоҷикиро тавассути интихоби дурусти вожаву таркибҳо таҷассум намудааст. Ӯ пеш аз ҳама ба вожаҳои бунёдии забон рӯ меорад, зеро калимаҳои решагии забон дар талаффуз равону хушоҳанг буда, имконияти маъниифодакунӣ ва калимасозии зиёд доранд. Чунончи, **ҳола** (доираи ғуборолуди равшан дар гирди Моҳ, хирмани Моҳ), **подор** (пойдор: собит, поянда, боқӣ, побарҷо), **ғоза** (гулгуна, сурхие, ки занон дар рӯй мемоланд)**, пина** (обила: пинаи даст)**, охтан** (баркашидан, баровардан ва берун кашидани чизе мисли берун кашидани теғ аз ғилоф)**, новак** (тир, тири хурд, тири камон); **гулхона** (гармхона барои гулҳо), танпӯша (либос), зерҷома (тагпероҳан) ва ғайра.

Калидвожа: вожа, вожаҳои бунёдӣ, вижагиҳои маъноӣ, пирояи нави маъноӣ, сарвати забон, фарҳанг, серистеъмол, забони гуфтугӯйӣ.

МАСТЕРСТВО АБУЛКАСЫМА ЛОХУТЫ В ВЫБОРЕ СЛОВ

В данной статье речь идет о поэтической мастерстве Абулкасыма Лохути и его роли в обогащении словарного состава таджикского языка. Лохути входит в числе тех поэтов, которые в выборе слов показывают особое мастерство и их заслуга в обогащении словарного запаса таджикского языка очень велико. Он своим мастерством в выборе слов, словосочетаний смог показат богатстсво таджикского языка. При выборе слов, прежде всего он обращается к корню таджикского языка, так как коренные слова языка звучны в произношении, имеют большие возможности в выражении значений и смыслов, у них огромные возможности словообразования. Например, **ҳола** (облако вокруг Луны, лунный шар), **подор** - стойкий, **ғоза** - румяна**, пина** –мозоль**, охтан** – снять, например, вытаскывать мечь из ножни**, новак** – пуля, стрела; **гулхона – теплица для цветов**, танпӯша - одежда, зерҷома – нижняя бельё и т.п.

Ключевые слова: слово, коренные слова, семантические особенности, новые оттенки значения, богатство языка, культура, широкоупотребительный, разговорная речь.

ABULKASYM LOKHUTY'S SKILL IN CHOOSING WORDS

This article deals with the poetic prowess of Abulkasym Lohuti and his role in enriching the vocabulary of the Tajik language. Lokhuti is among those poets who show special skill in the choice of words and their merit in enriching the vocabulary of the Tajik language is very great. With his skill in the choice of words, phrases he could show the richness of the Tajik language. When choosing words, first of all he refers to the root of the Tajik language, since the root words of the language are sonorous in pronunciation, have great opportunities in expressing meanings and meanings, they have great possibilities of word formation. For example, hola [cloud around the moon, moon globe], prior-resistant, Cosa-rouge, pina-corn, Okhtan-remove, for example, pull a sword out of a scab, novak-bullet, arrow; gulkhona - greenhouse for flowers, tanpusha - clothes, cereals - underwear, etc.

Key words: word, root words, semantic features, new shades of meaning, richness of language, culture, widely used, colloquial speech.

Сведения об авторе: ***Каримов Назрулло*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **nazrullo_karimov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-64-69-38**

Information about the author: ***Karimov Nazrullo*** – Tajik national University, candidate of philological Science, docent of the department of Tajik language and the deaching methods of Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **nazrullo_karimov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-64-69-38**

УДК: 8 Т 2 (075)

БОРЬБА ДОБРА И ЗЛА В РАССКАЗАХ ФАРИДУНА ФАРХОД-ЗАДЕ

Ульмасова З.
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Наряду с другими сферами общества молодые писатели Таджикистана участвуют в развитии современной литературы. Они поднимают жизненно важные вопросы, восхищаются достижениями людей, а также стараются внедрить в сознание нетерпимость к социальным изъянам общества.

Значимостью рассказов периода независимости Таджикистана является реальность художественного отражения жизни людей. Прозаики всех времен развивали творческую традицию великих наставников таджикской художественной литературы С.Айни, Дж. Икрами, С.Улугзоды, Р.Джалиля, Ф.Ниязи, П.Толиса, Ф Мухаммадиева и сами продвигали национальную прозу путем новаторства.

Молодые писатели в своих произведениях охватывают разномасштабные события: исторические и современные происшествия, жизненные трагедии и радости, сложности жизни, сосуществование в ней трагизма и веселья, роль ярких личностей в истории, а также современников с анализом душевного состояния человека и его места в обществе.

Одной из молодых представительниц Худжандского литературного круга, вселяющей надежду на будущее, является писательница Фариштаи Назар. Её произведение «Невежливость» написано особым стилем на основании внутреннего монолога главного героя и будто лента фильма-течение жизни общества, её выигрыши и проигрыши, оно отражает все события, которые разворачиваются перед читателем. В рассказе описана горькая жизнь человека, с самого детства испытавшего на себя весь трагизм мрачных сторон жизни, оказавшихся судьбоносными для того крестного пути, который ему предстояло пройти. Молодой писатель Хомиджон Умаров написал рассказ «Вопль сердца», который отражает социальную жизнь мастера. Линия сюжета ведет рассказ главного героя от рождения ребенка до его смерти. Язык рассказа очень простой и плавный, он написан стилем писателей XX – го века.

Необходимо отметить, что в книге «Латаиф ал-амсал» Ватват не соблюдает определенного принципа относительно места приведения стихотворных отрывков. В большинстве случаев стихотворный иллюстративный материал Ватват приводит после толкования, перед фиксацией места использования пословицы. Сравнительно редко подтвердительная стихотворная цитата размещается автором в середине текста толкования пословицы. Только в одной пословице №10 стихотворный отрывок с указанием имени поэта приведён сразу после персидского перевода:

و لست بمستبق أخاً لا تكلمّه على شعت , أىّ الرجال المهذب

Ты не исправляешь резкий нрав своего брата
Не защитник ты ему. Где украшенные (достоинствами) мужи?[1] *[8, с. 47].*

Следует отметить, что в ходе исследования было выявлено, что в «Латаиф ал-амсале» приведены стихотворные цитаты из творчества следующих поэтов: Набиги Зубяни, Мутанабби, Тарафа ибн Абда, Абунуваса, Фараздака, Абухафса, Ибн Хаджаджа, Абубакра ибн ал-Хасана ал-Кахистани, Хассана ибн Сабита, Сахбана Ваила, Имруулкайса, Китами, Умара ибн Усама, Аъши, Антары, Ахнаса ибн Ка'ба ал-Джухами, Абуссалта ас-Сакафи, Башшара ибн Бурда, Хасана Басри, Джарира ибн Хатиййа ал-Хатафи, Абуамира Туфайли.

В случаях, когда Ватват не указывает автора стихотворной цитаты, он использует следующие слова и словосочетания: бейт, поэт говорит, один поэт говорит, один из поэтов говорит, один из современных поэтов говорит, один из поэтов современности говорит, и другой человек говорит, одна из арабских женщин - поэтов говорит, бедуин сказал следующие бейты….

В отдельных случаях Ватват уточняет, кто из персонажей сказал стихотворный отрывок, не указывая при этом автора стиха: чтобы ты не был тем злосчастным, о ком поэт сказал (пословица 159), «Такой- то сказал в порицание такого – то (пословица 189), такой – то привел эту поговорку (пословица 235), такой – то продекламировал сей раджаз (то есть стих - М.А) и такой – то внимал ему (пословица 117)».

В одном случае при приведении стихотворного отрывка Ватват отмечает: эта пословица из бейта, сочиненного Фазлом ибн ал-Аббасом Утбой, первый и предшествующий бейты:

و أنا الأخْضَرُ مَنْ يعْرِفُني أخْضرِ الجِلدةِ مِن بيت العرب
مَنْ يساجِلني يساجل ما جداً يملأ الدَلَو إلا عقدِ الكرَبْ

Я смуглый, кто знает меня,
Смуглый я, рожденный арабом.
Кто померился со мной силой, тот померился силой с благородным,
Который заполняет бадью до ручки. [8,181]

Как было отмечено, наравне с арабскими стихами Ватват приводит в двух случаях стихотворные цитаты на персидском языке. Из них один бейт (пословица № 29) приведен без указания автора:

رنج بیند ز کرّه رایض از آن میزند تازیانه هموارش

Терпит тяготы укротитель жеребенка, поэтому
Постоянно бьет его кнутом [8,с. 57].

Второй бейт приведен в пословице №128 и, как отмечает Ватват, «…автор сей книги в восхваление хорезмшаха Сайида Абулмузаффара Атсиза ибн Мухаммада… сказал:

یك ذره کینه تو جهانی کند خراب ز هرار جه اندك است فراوان کند ضرر

Одна капля твоей вражды разрушит весь мир,
Яд, хотя в малом количестве, наносит большой вред [8, с.105].

Необходимо сказать, что книга Ватвата в истории развития двуязычных паремиологических словарей является первым словарем, где использованы стихотворные цитаты. Использование стихотворных отрывков на арабском языке является ещё одним свидетельством глубоких познаний Ватвата в арабском языке и литературе.

Наравне с тем, что книга «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата как прекрасный образец персидско-таджикской прозы обладает несомненной литературно-художественной ценностью, использование в ней арабских и персидских стихотворных отрывков делают её стиль еще более притягательным и изящным. Сопоставление книги Ватвата и Майдани показывает, что арабские стихи первый заимствовал в основном у второго. Например, в комментарии к пословице № 150 раздела 13 автор приводит следующий стихотворный отрывок:

و لقد طويتكم علي بُلالتكم و علمت ما فيكم من اللأذارب

Принял вас с вашими недостатками,
И узнал ваши недостатки [8, с. 119].

Как вытекает из перевода стиха, и в арабском языке слово «билол» -«сырость, влажность, мокрота» - используется в значении «недостаток, грех», как слово «тари» - в персидском. В персидском языке фразеологическая единица **домани тар** или **тардоман** употребляется в значении **человека с запятнанной репутацией, развратника**.

А также нужно отметить, что стихотворный отрывок к пословице под номером 156 также был заимствован из книги Майдани:

أطِعمْ أخَاكَ مِنْ عقَنْقَل الصَّبْ إنَّكَ إنْ تَمْنَعْ أخاكَ يَغْضَبْ

[1] Здесь и далее стихи приведены в подстрочном переводе автора.

Накорми брата желудком варана,
Воистину, если ты проявишь медлительность, он разозлится [8, с. 121].

Автор цитирует стихотворные отрывки различными способами. В основном Ватват приводит фарды (отдельные двустишья) или четверостишия. Анализ соотношения содержания стиха с содержанием пословицы или поговорки показывает, что в большинстве случаев стихи помогают раскрывать смысл пословицы и поговорки. Возьмем в качестве примера пословицу №189:

أغدر من عتيبة بن الحارث[8, с. 135].

Перевод: Более вероломный, чем Утайба, сын Хариса.

Абу Убайд рассказывает о вероломстве Утайбы ибн ал-Хариса: Анис ибн Марра ибн Мирдас ас - Сулами с группой людей пришли к Утайбе в гости. Утайба захватил их и отнял имущество, и держал их закованными, пока не получил выкуп. Аббас ибн Мирдас ас - Сулами дядя Утайбы в порицание его тогда сказал бейт:

كَثُرَ الصَّجَاجُ ما سمعْتُ بغادر كعُتَيْبَةِ بن الحارث بن شهاب
جَلبتَ حنظلةُ الدَّناءةَ كلَّها وَدنسْتَ آخر هذه الأحقاب

Скандала стало много, и не слышал я о вероломстве,
Подобном Утайбе ибн Харису ибн Шихабу.
Всеми развратами окружил коллоквинт,
И сделал нечистым завершение эпохи [8, с. 135].

Пословицу нужно говорить тогда, когда кому–то приписываешь крайнее вероломство.

Хотя, по сравнению с арабскими стихотворными отрывками, в словаре персидские стихи приводятся гораздо меньше, сам факт использования стихотворных отрывков на персидском языке является очень важной инициативой Ватвата.

ثأطة مدت بماء[8, с. 59].

Перевод пословицы: Смешанная глина (гарижанг), в которую добавлена вода. Персы употребляют эту пословицу в следующей форме: «О друг, смешанной глине достаточно (чуть - чуть) воды». Абу Убайда говорит: эту пословицу говорят в отношении человека, у которого (наблюдаются) глупые поступки, и по какой-либо причине глупые поступки и слова его увеличиваются [8, с.59]. Автор словаря «Бурхони катеъ» дает следующее толкование слова «гарижанг»: «Так называют черную глину и грязь, находящуюся на дне водоемов и прудов [9, Т.3, 1409].

Приведённый персидский эквивалент арабской пословицы, равно как и в комментариях, другой вариант пословицы (Эй дӯст, гули шукуфтаро боде бас), больше напоминает стихотворную строку. Кстати, нужно отметить, что в персидской литературе очень много примеров превращения стихотворной строки–мисры в пословицу. Комментируя данную пословицу, Ахмад Шамлу в сборнике персидских пословиц «Китоби куча» («Книга улицы») пишет: «У кого глаза и сердце насытились, удовлетворяются малым. Пословица из-за ошибки приобрела такую форму, а изначальная её форма - «Эй дӯст, гули шукуфаро боде бас» (О друг, раскрывшемуся цветку хватит ветерка). Можно сравнить с пословицей «Пиронро **табе,** зимистонро шабе» [1, с.124].

Поливариантность пословиц свидетельствует о богатстве персидского языка и особенно фольклора.

Анализ содержания «Латаиф ал-амсал» позволяет сделать вывод, что важным и ценным можно считать то обстоятельство, что автор при комментировании пословиц и поговорок указывает на источник стихотворного отрывка, что повышает значение труда Ватвата в качестве историко-литературного памятника. Содержание некоторых стихотворных отрывков можно понять, только прочитав соответствующий текст книги.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахмад Шамлу. Китаби куча. Т. 4. - Тегеран: Мазбар, 1378.
2. Хамза Исфахани. Саваир-ал-амсал ала афъала. - Бейрут: Мир книг, 1988.
3. Деххуда Алиакбар. Лугатнаме Деххуда. - Тегеран, 1342.
4. Деххуда Алиакбар. Амсал ва хикам. - Тегеран: Амир кабир, 1331.
5. Чарруллах Замахшари. Мустакса фил амсал-ул-араб. - Бейрут: Дар-ул-кутуб-ал-илмия, 1987.
6. Якут Хамави.Муъчам-ул-удаба.- Тегеран: Суруш, 1323. - 1391 с.
7. Хайриддин Шамсипаша. Муъчам-ал-амсал-ал-арабия. - Рияз: Малик Файсал, 2002.
8. Рашидуддини Ватват. Латаиф-ал-амсал ва тарайф-ал-аквал. - Тегеран: Мирас мактуб, 1391. - 290 с.
9. Рашидаддин Ватват. Сады волшебства в тонкостях поэзии; перевод с персидского и комментарии Н.Ю. Чалисова. - М: Наука, 1985.- 327 с.
10. Калонтаров Я.Ю. Мудрость трех народов / Я. Ю.Калонтаров. - Душанбе: Адиб,1989.- 432с.
11. Раковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли / М. Раковский. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 167с.
12. Сарбулатов И. Арабские пословицы и поговорки, перевод с арабского / И.Сарбулатов. - Казань, 2007. - 132 с.

КОРБУРДИ АШЪОР ДАР “ЛАТОИФ – УЛ - АМСОЛ”- И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи истифодаи истишҳоди шеърӣ дар фарҳанги “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи мақола ба ҷанбаи омории тадқиқоти хеш тариқи ҳисоби истишҳоди шеърии шуарои гуногуни тоисломӣ ва давраи исломӣ ҳангоми шарҳу тафсири зарбулмасал ва мақолҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Дар рафти тадқиқ сохтори истифодаи маводи истишҳодӣ таҳлил гардида, низоми муайяни сохтории истифодаи он муқаррар гардидааст. Муаллифи мақола баробари истифодаи истишҳоди шеърии шуарои араб истифода кардани иқтибосот бо забони форсиро махсусан қайд кардааст ва ба дониши комили Ватвот дар забон ва адабиёти араб ва форс баҳо додааст. Тадқиқоти қиёсии китоби Ватвот ва китоби Майдонӣ робитаи зичи мутақобилаи онҳоро таъкид мекунад. Дар рафти таҳлили таносуби мундариҷаи шеър бо мундариҷаи зарбулмасал зикр карда шуд, ки дар аксарияти мавридҳо истишҳоди шеърӣ ба ошкор кардани мазмуну муҳтавои зарбулмасал ва мақол кумак мерасонанд. Аз ҷониби муаллифи мақола он далел таъкид шудааст, ки Ватвот ҳангоми шарҳу эзоҳи зарбулмасал ва мақолҳо манбаи истишҳодро зикр менамояд ва ин арзиши китоби ӯро ба сифати манбаи муҳимми омӯзиши назми араб ва форс баланд менамояд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки баробари истифодаи нисбатан зиёдтари порчаҳои назмии арабӣ, рӯйдоди истифодаи истишҳод бо забони модарӣ – забони форсӣ ибтикори муҳимми Ватвот маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: истишҳоди шеърӣ, ҷанбаи оморӣ, таносуб, низоми сохторӣ, назми арабӣ ва форсӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СТИХОТВОРНЫХ ЦИТАТ В «ЛАТАИФ АЛ-АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА

В статье рассматривается вопрос использования подтвердительных стихотворных цитат в паремиологическом словаре «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата, указан статистический аспект исследования путем подсчета стихотворных отрывков различных доисламских и исламских поэтов при толковании пословиц и поговорок. Автором статьи проанализированы конструкции использования иллюстративного материала, в ходе чего была выявлена конструктивная синтагма. Автор обращает особое внимание на использование наравне с арабскими стихами и стихотворных цитат на персидском языке и дает оценку глубоких познаний Ватвата в арабском и персидском языках и литературе. Проведенное автором сопоставительное исследование книги Ватвата и Майдани показало их тесную взаимосвязь. В ходе анализа соотношения содержания стиха с содержанием пословицы или поговорки было продемонстрировано, что в большинстве случаев стихи оказывают содействие в раскрытии смысла пословицы и поговорки. Автором показано важное и ценное обстоятельство, что Ватват при комментировании пословиц и поговорок всегда указывает на источник стихотворного отрывка, что повышает значение его труда в качестве источника познания стихов на персидском и арабском языках. В научной публикации отмечено, что наряду со сравнительно большим использованием арабских стихотворных отрывков в паремиологическом словаре, персидские стихи приводятся меньше, сам факт использования стихотворных отрывков на родном языке является очень важной инициативой Ватвата.

Ключевые слова: стихотворная цитата, статистический аспект, соотношение, конструктивная синтагма, арабская и персидская поэзия.

RESORTING TO VERSIFIED CITATIONS IN “LATAIF AL-AMSOL” BY RASHIDUDDIN VATVAT

The article dwells on the issue concerned with resorting to illustrative versified citations in the paremiological dictionary titled “Lataif al-amsol” by Rashiduddin Vatvat. The author of the article shows the statistical aspect of the research by dint of calculation of versified fragments belonging to various pre-Islamic and Islamic poets who interpreted proverbs and sayings. The article gives an analysis dealing with the usage of illustrative material construction; in the process of this consideration constrictive syntagma is elicited by the author. Particular attention is paid to the usage of Arabic poems alongside with versified citations in Persian, she assesses to the deep scientific knowledge of Vatvat in both Arabic and Persian language and literature. The correlative research beset with the relevant theme conducted by the author showed their closed interactions. In the course of analysis of correlation between the context of poems and proverbs or sayings the author of the article demonstrates that in the majority cases poems have an impact upon disclosure of the meanings of proverbs and sayings. The author presents the important and valuable circumstance the fact that while commenting on proverbs and sayings Vatvat always indicates to sources of versified fragment which increases the significance of his literary production as a source of poems cognition written in both Persian and Arabic. It is noted that alongside with correlative usage of Arabic versified fragments in the paremiological dictionary, Persian poem is adduced lesser than resorting to poetic fragments written in mother tongue.

Key words: versified citation, statistical aspect, interaction, construction of syntagma, Arabic and Persian poetry.

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, prospect Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**. Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550+82

ВИЖАГИҲОИ ШАРҲИ РИСОЛАИ «КАЛИМОТИ ҚИСОР»

Каримов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик дар атрофи зиндагӣ ва осори Бобо Тоҳири Урён мақолоте чанд таълиф гардида ва маҷмӯаи дубайтиҳои ҷовидонии ӯ низ ба нашр расидааст. Дар барномаҳои таълимии донишкадаҳои олӣ низ масъалаи масири эҷодӣ ва осори номбурда тадрис мешавад. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки мероси адабии Бобо Тоҳир, ки танҳо иборат аз назм нест, комилан шинохта шудааст. Гап дар ин аст, ки Бобо Тоҳир соҳиби осори мансур низ мебошад, ки яке аз онҳо рисолаи «Калимоти қисор» аст. Рисолаи мазкур ба забони арабӣ бо сабку шеваи хоссе навишта шуда ва зоҳиран мухотаби адиби ориф доираи хоссе будааст. Зеро дарку фаҳми дидгоҳҳои мундариҷ дар рисола ба ҳар касе ба осонӣ муяссар нест.

Бо назардошти душворӣ ва печидагии матни рисола дар тӯли замон муҳаққиқони соҳибназаре ба он шарҳу тафсир навиштаанд. Қобили зикр аст, ки дар адабиётшиносии собиқ Шӯравӣ низ аз вуҷуди ин асари шоири ориф камтар касе ёд намудааст.

Шояд Е.Э. Бертельс муҳаққиқи номдори фақиди рус ягона касе бошад, ки дар китоби худ аз рисолаи мазкур ёд намудааст. Мазкур дар бораи муҳтаво ва мазомини китоб маълумоте надодааст. Ба назар чунин мерасад, ки маълумоти ӯ бар асоси тазкираҳо сурат гирифта ва асли асарро дар ихтиёр надоштааст [1, с.524].

Мавзӯи дигаре, ки муносиб аст зикр гардад, масъалаи чигунагии зуҳури ин рисола аст. Тавре ки аз иттилои муҳаққиқон бармеояд, Бобо Тоҳир ин рисоларо ба таври алоҳида иншо нанамуда… Маводи ин рисола мисли ин ки аз миёни навиштаҳои мухталифи вай ҷамъоварӣ ва тадвин гаштааст. Дар ин маврид доктор Ҷовид Мансур чунин менависад: «аксар соҳибони тазкираҳову нависандагони таърихи адабиёти Эрон ҳам аз эронӣ ва хориҷӣ, ки номе аз Бобо Тоҳир бурда ва ё шарҳи мухтасаре бар аҳволи ӯ нигоштаанд, зимни муаррифии осори Бобо Тоҳири Урён калимоти қисоре барои вай ба забони арабӣ ишора карда… Калимоти қисоре, ки ба таври мусаллам аз муншаоти Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ аст, ки пеш аз 447-и қамарӣ дар Ҳамадон вафот ёфта ва дар маҳалли муҷаллали оромгоҳи кунунӣ ба хок супурда шудааст» [6, с.232].

Муҳаққиқи мазкур ҳумчунин иттилоъ медиҳад, ки гӯётарин ва қадимтарин нусхаи хаттии калимоти қисори Бобо Тоҳир нусхае мебошад, ки таҳти рақами 1903 дар китобхонаи Париж маҳфуз аст. Ҳамаи онҳое, ки бар ин китоб шарҳ навиштаанд, маҳз ҳамин нусхаро ҳамчун нусхаи муътабар мавриди истифода қарор додаанд.

Дар хусуси нусхаи мазкур ҳаминро бояд гуфт, ки он дар соли 890 ҳиҷрӣ аз тарафи Ҷонибек бинни Абдуллоҳ Азизӣ дар даҳ саҳифа аз рӯйи нусхаи Шайх Абулбақо Аҳмадӣ китобот шуда. Аммо таносуби мавзӯии калимот риоят нашудааст.

Ҳамон гуна ки зикр шуда, дар имтидоди замон бар ин рисола шарҳу тавзеҳи пуршуморе анҷом шудаастаст.

Дар ин мақола низ мо аз бархе вижагиҳои калимоти қисори Бобо Тоҳир бар асоси шарҳи Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ сухан дар миён мегузорем. Бояд зикр намуд, ки шарҳи Айн-ул-қузот ба забони арабӣ сурат гирифта, вале такяи мо зимни таҳқиқ ба тарҷумаи форсии шарҳи ёдшуда мебошад. Гап дар ин аст, ки тарҷумаи ниҳоят дақиқ бо забони фасеҳ анҷом шуда ва аз ҳар нигоҳ ҷалби назар мекунад. Ногуфта намонад, ки дар ин авохир дар адабиётшиносии Эрон перомуни зиндагӣ ва осори гаронсанги ин бузургмарди илму фарҳангу адаби форсӣ мақолоту китобҳои зиёде навишта мешавад, ки ин аз нақшу ҷойгоҳи барҷастаи Айнулқузот дарак медиҳад.

Фирӯза Полон Матин дар мақолаи хеш перомуни бузургиву азамати шахсияту ҷойгоҳи Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ андешаҳои ҷолибе изҳор медиҳад, ки барои равшан шудани масъала мо бахше аз мақоларо нақл мекунем. Мазкур менависад: «то даҳаҳои нахустини садаи бист таҳқиқи чашмгире дар бораи Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ сурат нагирифт. Дар ин даврон, ки ҷаҳон ба ҷангҳои мусибатбори ҷаҳонӣ кашида шуда буд, баъзе аз донишмандону пажӯҳандагони фалсафаи исломӣ ба сӯйи ин сӯфиён ҷазб шудаанд. Ба назари равшанфикрони шарқиву урупоӣ, ки дар миёни вайронаҳои тамаддун, ки худ дар ҷустуҷӯи маънавият буданд, андешаи Айн-ул-қузот ва касоне, ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, ҳойизи аҳамият буд. Ду тан аз донишмандони урупоӣ Ҳонери Карбан ва Луи Мосиниён ба мутолиоти исломӣ дар қаламравӣ тасаввуф доман заданд. Эшон бо ҳамкорони эронӣ, араб ва урупоии худ ҳамроҳ шуданд то мероси ирфону тасаввуфро эҳёву бозсозӣ кунанд. Айн-ул-қузот ва Аҳмад Ғазолӣ бо далоили мухталифе ҷойгоҳи муҳимму

вижае дар ин тарҳ доштанд. Аз ҷумла ин ки эшон ҷузви аввалини эроние буданд, ки дар рисолаҳояшон тасаввуф ва ирфонро ба забони форсӣ, илова ба забони илмии он даврон, яъне арабӣ, мавриди баҳс қарор медоранд. Қудрати эшон дар нигариши ҷадидашон ба ҳастиву илоҳиёт дар удул аз боварҳои ранҷи замона ва пайравӣ накардан аз суннатҳои маъмул мунъакис мешавад. Онҳо монанди Ҳаллоҷ Иблисро агарчи аз даргоҳи Худованд ронда шудааст, фаришта меангоштанд ва ба мардум ин гуна нишон медонанд. Иблисро ошиқи муштоқи Худованд маҳсуб мекарданд, ки ҳанӯз ҳам бо маъшуқи азалии худ иртиботи танготангу вижае дорад. Ӯ фариштае муқарриби даргоҳи Худованд аст ва вазифа дорад, ки дигаронро аз наздик шудан бадон даргоҳ биронад» [5].

Аз мурури ин иқтибоси тӯлонӣ метавон ба натиҷаҳои гуногун расид. Нахуст ин, ки Айн-ул-қузот аз зумраи донишмандону орифоне буда, ки дар синни ҷавонӣ ба охирин мартабаи шуҳрату камол расидааст.

Аз дигар сӯ, ӯ бар хилофи аксари ҳамтоёни худ дар шинохти ҷаҳону консепсияи марсуми улуми замон дар шинохти ҳастӣ суннатшиканӣ намудааст. Ҳарчанд ин суннатшиканӣ бар қиммати ҷонаш тамом шуда. Ҷустуҷӯ дар осору дидгоҳҳои илмӣ ва ҳастишиносонаи Айн-ул-қузот масъалаи дигар аст. Дар ин мақола, тавре ки гуфтем, манзур таҳқиқи Шарқест, ки номбурда ба рисолаи «Калимоти қисори»-и Бобо Тоҳир навиштааст. Ҷолиби қайд аст, ки калимоту мавзӯоте, ки дар рисолаи мазкур гирдоварӣ шудаанд, бастагӣ ба ирфон ва масоили печидаи он доранд. Ҳарчанд асли масъала моли Бобо Тоҳир аст, вале шарҳ баёнкунандаи дидгоҳҳо ва ҷаҳоншинохтии Айн-ул-қузот аст.

Мо дар мақолае дар атрофи мавзӯи илм дар рисолаи номбурда сухан дар миён гузоштем. Дар ин мухтасар бошад, перомуни мақулаи ишқу муҳаббат ва чигунагии шарҳи он дар «калимоти қисор» изҳори назар менамоем.

Маълум аст, ки дар адабиёти ирфонӣ ва умуман ирфони аксари қавму миллатҳо мақулаи аслӣ ишқ аст, ки аз ҷониби шоирону адибони ориф ва муҳаққиқони адабиёт бо гунаҳои мухталиф инъикосу бозтоб шудааст.

Замоне, ки мавзӯи тасаввуфу ирфони мо пеш меояд, муносиб аст, ки аз як андешаи муҳимми устод С. Нафисӣ нақл шавад. Номбурда китобе дорад мавсум ба «Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон», ки дар саҳифоти он шебу фарози масири тасаввуф дар сарзамини мо ҷамъбандӣ шудааст. С. Нафисӣ зимни таҳқиқи тасаввуф ва пайвандҳои он бо фалсафа иброз медорад, ки тасаввуф дар Эрон бо ду мушкили бузург ҳамроҳ аст. Мушкили аввал ин аст, ки сӯфиён худ ҳамеша дар парда, бо роз сухан гуфтаанд. Бас андешаҳои пурмағзу латифу пур умқ, ки аз ҷониби онҳо бо киноёту истиорот ва рамзолуд баён гаштаанд. Ба қавли ӯ «ҳақиқате, ки бузургони тасаввуф дар дил доштаанд, ба андозае баёни он душвор будааст, ки бархе аз эшон ҷон бар сари ин кор ниҳода ва аҳёнан ба девонагӣ маъруф шудаанд. Беҳтарин намунаи ин суханони куфромез гуфтори Ҳасан бинни Ҳаллоҷ Мансур ва Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ дар китоби «Зубдатул-ҳақоиқ» мебошад [4].

Мавсуф дар идомаи матлаб таъкид мекунад, ки садди дигаре, ки дар шинохти ҳақиқати тасаввуф аст, бардошти нодурусте аст, ки ховаршиносони урупоӣ тӯли беш аз 180 сол аз тасаввуф доштаанд. Ғарбиён чун меросбарони фарҳанги Юнону Руманд аз рӯйи худхоҳиву худбинӣ дар ҳар илме ради пойи юнониву румиро ҷустуҷӯ намуданд. Аз ҷумла дар тасаввуфи дерсоли мо Нафисӣ бар ин назар аст, ки масири шаклгирӣ ва рушду камоли тасаввуф дар Эрон қадимтар аз тасаввуфи Юнону Рум аст. «Тасаввуфи Эрон яке аз шодобтарин ва барӯмандтарин шохаҳои куҳани ин дарахти чандсола аст ва қарнҳо пештар аз он, ки ҳикмати Юнону шоху баргҳои он ба остонаи Осиё бирасад, дар ин сарзамин реша гирифта ва бо андешаи ирониён комилан омехтаву чун ширу шакар дарҳам пайваста шудааст» [4, с.72].

Манзур аз ин нақли қавл ин аст, ки зимни баррасии дидгоҳҳои аҳли тасаввуфу ирфон бояд дақиққор буд ва ба ҳар андешаву пешниҳоди муҳаққиқони хоричӣ бо чашми басират нигарист. Зеро донишмандони хоричӣ низ ба осору ҷаҳони андешаи Айн-ул-қузот таваҷҷуҳи хоссе мабзул доштаанд.

Ҷойи таъкид аст, ки рисолаи Бобо Тоҳир фарогири 5 боб ва 421 калима аст. Ҳар бобе ба мавзӯи муайяне ихтисос дорад ва шомили чанд калима аст. Боби сию сеюми рисола ба мавзӯи муҳаббати Худои мутаол бахшида шудааст. Дар рисола дар ин маврид чунин омадааст: «Муҳаббати Ҳақтаоло ҳақиқате аст, ки дар қалбҳо нуҳуфта шуда, нағмаҳои дилнавоз маъмур ба гуфтор ҳастанд ва ҳақиқати ғайрат муваккал бар ахфои он мебошад» [6, с.618].

Пас аз зикри ин калима муаллиф ба шарҳу тавзеҳи комили он мепардозад. Тибқи навиштаи ӯ барои ин ҳақиқат ду омили ба ҳам мухолиф вуҷуд дорад. Омили якум ғайрат аст, ки ҳадафи аслиаш пинҳону пӯшида, махфӣ нигоҳ доштани муҳаббат ба зоти пок аст. Омили дигар нағмаҳои дтлнавозест, ки ошикро таҳрик менамояд, бармеангезад то ишқашро ошкору аланӣ созад.

Агар ба мавзӯи мазкур нигоҳи содатаре намоем ва бихоҳем онро дар қаламрави дигаре ҷустуҷӯ намоем ё падидаи шабеҳе барояш пайдо намоем, шояд барои таҳаққуқи ин амр беҳтарин мисол дунёи ботин ва эҳсосоти мавҷуди он бошад. Гоҳо аз падид омадани чизе, даст ёфтан ба домони орзуе қалби мо саршори шодиву фараҳ мегардад. Нахустин андешае, ки дар зеҳни мо дар чунин ҳолате русух мекунад, тақсими ин эҳсос аст. Яъне, дигарон низ бидонанд, ки ман бо чӣ падидае даст ёфтаам. Вале аз сӯйи дигар, як навъ тарсу биме эҷод мешавад, ки шояд ин тақсим барои соҳиби эҳсос зояндаи хатар бошад. Пас хубтар аст, ки махфӣ нигоҳ дошта шавад.

Айн-ул-қузот дар шарҳи густурдатари ин мақула таъкид менамояд, ки ҳадафи муаллифи рисола аз ҳақиқат донистани муҳаббати Ҳақ таоло бад-он мақсад аст, ки ваҳму ҳаросеро, ки дар қалби аксари мардум нисбат ба муҳаббати Ҳақ таоло маскан гирифта, рафъ созад. Шояд пурсида шавад, ки сарчашмаву мабдаи ин ваҳм куҷост ва чи гуна онро метавон шинохт: Ин ваҳм ба андешаи Айн-ул-қузот бар асари андешаҳои шаклгирифта дар зеҳнҳои мардум ба зуҳур расидааст. Бар ин маънӣ, ки иддае бар ин ақидаанд, ки як банда наметавонад бо Худо ишқ варзад, зеро талабу тақозои муҳаббат ҳамшаклӣ байни маҳбубу муҳиб аст, дар сурате, ки Зот аз ин авсоф мубаррост. Вале аз нигоҳи дигар ин пиндори дурусте нест. Зеро муҳаббати Худованд ҳақиқате аст, ки дар қалби ин инсонҳо макон дорад ва «ҳақиқати ғайрат мавкул ва маъмур аст, ки муҳаббати абдро нисбат ба маъбуди худ махфӣ бидорад. Зеро ғайрати ҳақиқӣ ҳар ошиқеро водор месозад, ки дӯстии худро нисбат ба маъшуқ аз дигарон мактум бидорад, то ки ғайре аз ҷуз ӯ дар сирри вай шарик нагардад» [6, с.419].

Бар хилофи ин оҳангҳои хушу оҳангҳои муносиб «муҳибро во медорад, то худро ба маҳбуби хеш ошкору изҳор намояд, чунки хосияти нағамоти мавзун таҳрики муҳаббати қалбӣ аст ва низ муҷиби тақвияти нафсонӣ» [6, с.419].

Ин дугонагӣ дар шарҳ аз як сӯ, касро ба тааммулу андеша меангезад. Аз сӯйи дигар, метавон барои лаҳзае аз мавзӯъ канор рафт ва ба нақши мусиқӣ дар зиндагии башарӣ андешид.

Калимаи дигаре, ки дар пайванд бо мавзӯи муҳаббат омадааст ба қарори зайл аст: «муҳаббат дар ибтидои сулук омехта бо лаззату хушӣ аст ва дар ниҳояти он мамзуъ ба хавфу талхиҳои фаровон аст. Шарҳе, ки Айн-ул-қузот бар ин калима навиштааст зоҳиран мушкилу тӯлонӣ нест. Забони тарҷума низ қобили мулоҳиза аст. Вуҷуди вожагони «бидояту ниҳоят» дар матни арабӣ ба матн ранги фалсафӣ медиҳад. Калимоте, ки ба оғозу анҷоми дунё, ҳастӣ, зиндагии инсонӣ ишорат дорад. Айн-ул-қузот масири муҳаббатро фарогири оғозе медонад, ки саршори орзуву амалҳо, аз ҷумла орзуи расидан ба дидори маҳбуб аст. Ин орзу ҳамто ба зиндагии ҷовидон аст. Дар ҳоле ки васл дугонагиро намехоҳад. Бояд аз худ бехуд гардӣ, то ба ҳадафи ниҳоӣ бирасӣ. Бо ин орзу ба қавли Айн-ул-қузот ӯ дар «ҷиддият сайр мекунад, наздик ба мақсад мешавад ва дар ин ҳол бар ӯ ошкор мешавад, ки то фано муҳаққақ нашавад ва вуҷуди маҷозӣ аз байн наравад, висол мумкин нест» [6, с.421].

Дар мақтае аз зиндагӣ ӯ эҳсос менамояд, ки ҳама орзуву умедҳои пешин ба бод мераванд ва талхиҳои рафтан ӯро ранҷ медиҳанд. Ҷолиб аст, ки Айн-ул-қузот барои анҷоми шарҳи худ дар ин қисмат матлаи ғазали Ҳофизи Шерозиро мисоли муносиб медонад:

Ало ё айюҳассоқӣ адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо.

Дар поён бояд хотирнишон намуд, ки боби сию сеюми рисола, ки зикраш рафт, шомили 5 калимаи бо ҳам алоқаманд аст ва дар ҳар калимае ҷанбае аз муҳаббат ба Худованд шарҳу тавзеҳ шуда. Матлаби ин рисола аз зовияҳои гуногун қобили аҳамият аст. Ҳарчанд аксари мазомин ҷанбаи ирфонӣ доранд, вале дар маҷмӯъ барои шинохту маърифати ҳастӣ, рушду камоли маънавии башар ниҳоят арзишманданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертелс Е.Э. История персидско – таджикской литературы / Е.Э. Бертелс. - М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 554 с.
2. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Теҳрон, 1373. - Ҷ.II. - 1267 с.
3. Каримов И.Р. Шарҳи истилоҳи илм дар «Калимоти қисор»-и Бобо Тоҳири Урён мансуб ба Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ / И.Р. Каримов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. - №3. - С.172-175
4. Саид Нафисӣ. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. – Теҳрон: Интишороти «Асотир», 1383. – С.310.
5. Фирӯза Полон Матин. Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ. Нигоҳе ба зиндагӣ ва осор. - Ню-Йорк: Ироннома, 2011. - №1-3.
6. Шарҳи аҳвол ва осору дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урён; бо инзимоми «Калимоти қисор»-и вай мансуб ба Айн-ул-қуззоти Ҳамадонӣ. (Бо кӯшиши доктор Мансур Ҷавод). – Теҳрон, 1379. - 916 с.

ВИЖАГИҲОИ ШАРҲИ РИСОЛАИ «КАЛИМОТИ ҚИСОР»

Дар мақолаи мазкур ба таври иҷмолӣ вижагиҳои шарҳе, ки олими бузурги ирфонмашраби қарни XI Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ ба рисолаи «Калимоти қисор»-и Бобо Тоҳир шоири бузурги адабиёти форсӣ навиштааст, мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур то кунун қариб дастнахӯрдааст. Муҳаққиқони осори Бобо Тоҳири Урён ба нудрат аз мавҷудияти рисолаи мазкур ишорат меварзанд. Печидагии забони матн ва сабки баёни муаллиф гувоҳ бар он аст, ки мухотаби ӯ ашхоси хоссу баргузидае будаанд. Бо назардошти ин вижагиҳо олимони зиёде ба рисола шарҳ навиштаанд. Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ чун бо пажӯҳишҳои назарии қарнҳои пешин перомуни ирфону тасаввуф ошно буд ва дар ин ришта таълифоти пуршуморе низ дошт, муносиб дид, то ба рисола шарҳи мабсуте бинависад. Шарҳ бар асоси гӯётарин ва қадимитарин нусхаи рисола, ки таҳти №1903 дар китобхонаи марказии Париж маҳфуз аст, тадвин гардид. Дар мақола вижагиҳои шарҳи Айн-ул-қузот дар перомуни истилоҳоти «муҳаббат», «муҳаббати Ҳақ таоло» таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: Айн-ул-қузот, шарҳ, рисола, муҳаббати Ҳақ таоло, адабиёт, ирфон, олим.

ОСОБЕННОСТИ КОММЕНТАРИЕВ АЙН-УЛ-КУЗОТ ХАМАДОНИ К ТРАКТАТУ «КАЛИМОТИ КИСАР» (КРАТКИЕ СЛОВЕСА)

В статье вкратце рассматриваются особенности комментариев выдающегося ученого мистика XI века Айн-ул-кузота Хамадани на трактат «Калимоти кисор» (краткие словеса), принадлежавший великому поэту литературы XI века Баба Тахира Уряна. Актуальность темы исследования заключаются в том, что данный вопрос до настоящего дня остается незатронутым. Исследователи наследия Баба Тахира редко упоминают о существовании указанного трактата. Следует упомянуть, что трактат был написан на арабском языке. Сложность языка текста и стиль изложения автора говорят о том, что трактат был обращен на отдельную аудиторию. Учитывая эти особенности, многие ученые писали комментарии к этому трактату. Айн-ул-қузот Хамадани, поскольку был знаком с основными теоретическими работами IX-X веков по мистике и суфизму, являлся автором многочисленных трудов в этой области, написал обширные комментарии к данной книге. Комментарии были составлены на основе самого древнего трактата, который под №1903 находится в центральной библиотеке Парижа. В статье анализированы особенности комментариев Айн-ул-кузота относительно суфийских терминов «Муҳаббат» (любовь) «Муњаббати Њаќтаоло» (Любовь Господа).

Ключевые слова: Айн-ул-кузот, комментарии, трактат, любовь Господа, литература, мистика, ученный.

AIN-UL-KUZOTHAMADONI'FEATURES COMMENTS TO THE TREATISE "KALIMOTIKISAR" (SHORT WORDS)

The article briefly studies the features of the commentary of the outstanding scholar of the mystic of the 11th century, Ain-ul-Kuzot Hamadani, on the treatise "Kalimoti Kisor" (short words), which belonged to Baba Takhir Uryan, the great poet of the 11th century literature. The actual of the research topic is that this issue remains untouched to this day. Researchers of the heritage of Baba Tahir rarely mention the existence of this treatise. The treatise was written in Arabic. The complexity of the language of the text and the style of the author's presentation indicate that the treatise was addressed to a separate audience. Given these features, many scientists wrote comments on this treatise. Ain-ul-ќuzot Hamadani, since he was familiar with the main theoretical works of the 9-10th centuries in mysticism and Sufism, was the author of numerous works in this field, wrote an extensive commentary on this book. The commentary was compiled on the basis of the most ancient treatise which under №1903 is in the central library of Paris. The article analyzes the peculiarities of Ain-ul-Kuzot's commentary on the Sufi terms "Mukhabbat" (love) "Mukhabbati Khaqtaolo" (Love of the God).

Key words: Ain-ul-kuzot, commentary, treatise, love of the God, literature, mysticism, scientist.

Сведения об авторе: ***Каримов Иноятулло Рахимович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-790-66-66**

Information about the author: ***Karimov Inoyatullo Rahimovich*** - Tajik National University, Ph.D doctoral candidate, Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-790-66-66**

УДК: 82+89+891.550

НАҚШИ МУКОЛАМА ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Латифов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вуҷуди муколама ё диалог ҳарчанд дар адабиёти классикии мо барҷастагии чандоне надорад, вале дар жанрҳои эпикӣ ё мансури адабиёти муосир ҷойгоҳи хоссае дорад. Дар осори мансури адабиёти ҷаҳон камтар асареро (аз қабили роман, новелла, повест, ҳикоя) метавон пайдо намуд, ки дар онҳо муколама гуфтугӯ миёни қаҳрамонҳо мавҷуд набошад. Муҳаққиқони адабиёт зимни таҳлилу арзёбии осори адабӣ, борҳо ба нақши арзишманди муколама дар офарида таъкид варзидаанд. Вале ба андешаи ғолиб масъалаи муколама ё «муколамашиносӣ» бештар дар осори адабиётшинос ва назарияпардози машҳури рус М. М. Бахтин шарҳу тафсири худро ёфтааст. Номбурда дар китобе, ки перомуни масоили

зебошинохтии осори нависандаи номдори рус Достоевский таҳия намудааст, мавзӯи муколамаро ниҳоят дақиқу амиқ, олимона мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Дар тадқиқи хеш олими номбурда мафҳуми «муколамаи бузург» - ро ба романҳои Достоевский нисбат медиҳад, вале дар назарияи ӯ ҳамчунин ишора гардида, ки ин мафҳумро натанҳо дар доираи адабиёт, балки дар қаламрави масоили иҷтимоиву фалсафӣ низ метавон ба кор бурд. Истилоҳи «муколамаи бузург» ба мафҳуми «муколамаи асри ҳозир» тағйири ном мекунад ё он ҳамчун «муколамаи русӣ ё ҷаҳонӣ» ёд мешавад.

Фаразан иҷтимои инсонӣ, «ҷаҳон» иборат аз афроди пуршумор, «марказҳо», ҳомилони «ҳақиқат» - ҳои хусусӣ, шуурҳои мутафовит бошад, пас чи неруе ягонагӣ, ваҳдати ҷаҳонро таъмин мекунад?

Баррасии осори назарии М.М. Бахтин гувоҳ бар он аст, ки дар шинохти масоили мазкур танҳо муколама метавонад нақши калидӣ бозӣ кунад. Муколама ва хосса муколамаи бузург сабабгори пайванди бахшҳои гуногуни шуури инсон мегардад, бо он таҷаммуъ ва тамаркуз мебахшад. Аз нигоҳи М.М. Бахтин зиндагии иҷтимоӣ худ муколамаи бузурге ба шумор меравад.

М.М. Бахтин дар асари худ чунин менависад: «Будан бо маънии муошират муколамавӣ доштан аст. Вақте муколама поён меёбад, ҳама чиз хатм мегардад» [1, с.160].

Бар пояи дидгоҳи назарӣ номуносиб нест, агар муколамаҳои мавҷуд дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлил қарор бигиранд.

Пеш аз ҳама бояд изҳор дошт, ки бахшҳои муколамавӣ дар ҳикояҳои нависанда зиёд нестанд, вале хусусиятҳои хос доранд, ки бо нақли мисолҳо ба онҳо ишорат мекунем.

Муколама ё гуфтугӯҳо ағлаб дар матни ҳикояҳо бо зарурати баёну тасвири фазоҳои хос истифода мешавад.

Нависанда дар мавридҳои хос қаҳрамонони худро бо тарзу шеваҳои нодир тавсиф месозад. Ӯ онҳоро мавриди сарзанишу таҳрим қарор намедиҳад, балки чунин шароите фароҳам месозад, ки онҳо битавонанд ҷаҳони андешаи худро дар бораи ҷаҳон, ҷомеа, муҳит ва дигарон боз гӯянд.

Сухани қаҳрамонон назари хосси нависанда нест. Дар асар ҳар қаҳрамонро дидгоҳи вижа ва баробар бо дидгоҳи дигарон аст. Ҳар як қаҳрамон наметавонад бозгӯкунандаи воқеияту ҳақиқати мутлақ бошад. Назари ӯ бо назари дигарон баробарӣ дорад. Дар ин миён хонандагони асар бештар на шоҳиди симои қаҳрамонанд, балки шунавандаи садои ӯ мебошанд.

Маҳз муколама ва чаҳорчӯби он аст, ки мо ба ҷанбаҳо, гӯшаҳои шахсияти инсонӣ пай мебарем.

«Одамони бузург» аз ҷумлаи ҳикояҳоест, ки бо муколама оғоз мешавад. Ин муколамаи кӯтоҳ ҷиҳатҳои хоссе дорад, ки қобили мулоҳизаанд. Гап дар ин аст, ки маъмулан муколама тақозо мекунад, ки миёни ду нафар гуфтугӯи паёпай сурат бигирад.

Нависанда бо овардани порае аз нутқи айнан нақлшудаи қаҳрамон аз масир ҷудо мешавад ва ҳолати равонии қаҳрамон ва гоҳо шахсияташро ба хонанда ошно месозад. Сипас ба зикри идомаи муколама мепардозад.

« – Оча, оча! – Хоҳари лоғарандом кӯчаро саросемавор давон - давон тоб хӯрда омад, гӯё, ки ба шитоби рӯзи ид омада бошад, ки моҳтоб баромадааст. Ба зӯр нафас кашида гуфт: – Вой оча, Худо ғазаб кард!» [3, с.48].

Бо изҳори ин паём, ки ҷанбаи умумӣ дорад, вазъе мубҳаму саволомез дар ниҳоди тарафи дигари муколама эҷод мегардад, ба дигар сухан, ин хабар ӯро ба гуфтугӯ, пурсиш вомедорад.

« –Чӣ шуд? Дастони модар. ки борутро барои хушкидан дар офтоб паҳн мекард, яку якбора аз кор монданд. Вай ба хоҳар нигоҳи аҷибе кард» [3, с.48].

Тавре ки дида мешавад, бо зикри як ҷумлаи кӯтоҳи пурсишӣ тарафҳо ба муколама оғоз менамоянд, вале нависанда қабл аз додани посухи қаҳрамон ҳолати равонии ӯро тасвир месозад.

« – Оча, дар як утоқи бинои 56 - ҳуҷрадор оташбозии аҷибе оғоз шуда, ки диққати касро ба худ ҷалб месозад. Мардум мегӯянд, ки имрӯз ба ин ҷо ҳама одамони бузург ба тамошои оташбозӣ меоянд, – бо як нафас гуфта дод хоҳари лоғарандом» [3, с.48].

Ин паём нафарро бештар нигарону музтариб месозад. Ҳарчанд асли матлаб равшан нест, вале хонанда эҳсос мекунад, ки ҷараёни ҳикоя ба мавзӯе бастагӣ дорад, ки вуҷудаш барои қаҳрамон норизоятбахш аст.

Зикр гардид, ки вазъи рӯҳии қаҳрамонон баркосо бо шунидани хабари нафари аввал тағйир мекунад. Тарсиму баёни ин тағйир таҷриҷан ба инъикоси ҳар ҳаракати ҳунарии бузург, ки барангезандааш гуфтори ҷониби аввал аст сурат мегирад.

« – Худро ба қафо кашида, ба девор такя намуда гуфт: – Оташбозӣ аз кӣ аст?

– Аз амаки Баракат, - оби даҳанашро фурӯ бурда бо чашмони шахшудааш ба модар нигарист. Боз гапашро идома дод: – Оча имрӯз рӯзи «барот» аст, одатан баъд аз барот оташбозӣ барпо мешавад, домоду арӯс низ нишаста тамошо мекунанд» [3, с.48].

Шунидани номи сабабгори аслии моҷаро Баракат мисли ин ки ғазабу нафрати қаҳрамонро ба қуллаи охирин мерасонад.

« – Баракати лаънатӣ» - бисёр дар ғазаб шуда, модар гуфтан гирифт.

– Бачаи хайротӣ! Бо хайру саховати мардум калон шуда» [3, с.49].

Бояд қайд намуд, ки ин ба баъд навъи дигари муколама дар домони матни ҳикоя шурӯъ мешавад. Ба ин маънӣ, ки хатти сайри ҳаёти Баракат дар хаёлхонаи ӯ таҷдид мегардад, ки бахши муколамаи ӯро ташкил медиҳад: «Дар фасли баҳори сербориш аз домони модари пираш дошта, гирякунон ба дари хона омада садақа металабид. Ба онҳо раҳмам омада ҳардуро ба даруни хона дароварда шинондам. Модараш аз таби баланд азоб кашида мурда рафт. Хайротиро мисли кӯдакони хонаам хӯронида, пӯшонида, ҳунари худро омӯзонидаам; аммо гуфтаанд: - «Гургзода оқибат гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад (Кӯкӯ дар лонаи зоғ тухм мегузорад, вале баъди аз тухм баромадан ва қанот кушодан он чуҷа бо ҷуфти худ парвоз намуда, аз зоғ ҷудо мегардад). Ана имрӯз дар ин шаҳр гадобача гургбача шудааст!» [3, с.49].

Меҳруннисо Парвиз пас аз тасвири бахши аввали муколама, ки ба равшан гаштани мавзӯи моҷаро анҷом меёбад, ҷараёни ҳодисаҳоро ба шеваи дигар баён месозад. Ба ин маънӣ, ки як навъ таҳлилу арзёбии психологии шинохти андешаҳои қаҳрамон сурат мегирад. Қаҳрамон худ гузаштаи хешро ба риштаи хотира мекашад ва дар мавқеиятҳои хос нутқи ӯ айнан зикр мегардад. Тафовути ин шеваи баён аз тарзи нахустин дар он зоҳир мешавад, ки дар фазои он муколамаи мустақим нест, таҷдиди масири андеша бо қайди каломи айнан нақлшуда аст. Дар матн чунин муколамаҳое ҳаст, ки ҷаҳони ботинии қаҳрамон, назари хосси ӯ перомуни ашхоси алоҳида, барҳӯрдаш ба масоили печ дар печи ҳастӣ равшан мешавад. Дар чунин ҳолатҳо, гоҳо гуфтаҳо ё муколамаи ашхоси дигар аз ҷониби ровӣ нақл мешавад.

Масалан, дар ҳикояи мазкур дар муколамае, ки миёни ду нафар шурӯъ шудааст, шахси сеюм «падар» шомил мегардад. Назараш айнан нақл мегардад, вале ин муколамаест, ки дар замони гузашта сурат гирифтааст.

Масалан, падар, қаҳрамони дигари ҳикоя, пас аз бохабар шудан аз асли матлаб изҳори назар мекунад. Вале ин муколама дар матн мустақим аз ҷониби вай гуфта нашудааст, балки матни каломаш аз ҷониби дигар кас зикр шудааст.

«Баракатӣ - Падар ба маънои гап сарфаҳм нарафта, дар ҷояш шах шуда монд. Оҳиста пурсид: «Чӣ шуд?» [3, с.50].

Посухе, ки ба суоли мазкур дода мешавад, посухи сода нест. Тарафи муколама, ки модар аст, ҳамзамон бо ҷавоб гуфтан тамоми эҳсосу дарки худро, нисбати масъалае, ки зеҳнашро даргир намудааст, баён мегардад. Норизоият, қаҳру ғазаб, ки баёнгари вазъи равонии инсонанд дар ин посух ҳувайдо мегардад. Бархе аз ҷузъиёти вазъи равонии қаҳрамон дар посухи пешниҳодӣ мунъакис нашудааст, вале фазои посух худ онро дар зеҳни мо муҷассам менамояд, ки посухдиҳанда (қаҳрамон) чи ҳолу ҳавои музтарибонае дорад: «Охир чӣ мешуд? – Дар утоқи хонаи 56-утоқа Баракат Алӣ оташбозӣ карда истодааст. – Боз ба ҳайрат гуфт модар, - пул пайдо карда ба қатори қавми обрӯманд даромадааст, ному нишон пайдо карда аз Баракат Баракат Алӣ ном гирифтааст» [3, с.50].

Ин посух гӯё оташест, ки ба хирмани хотироти падар меафтад. Тамоми иртиботу пайвандаш бо мавзӯи аслии муколама, шахсияти Баракат дар зеҳнаш таҷдид мегардад. Аз иштибоҳу хатоҳое, ки дар муносибат бо Баракат дошта, изҳори таассуфу пушаймонӣ мекунад.

«Барои ҳамин мегӯянд, ки ба бачаи мор шир нӯшонидан даркор нест, канда-канда гуфт падар. – Ман худам ҳаромзодаам, ки як чӯҷаи гадоро тарбия карда, обу нон додам, ки имрӯз нолаи даҳони фарзандони маро кашида гирифта истодааст» [3, с.50].

Дар миёни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҳикояи «Ҳеҷ кас» аз нигоҳи истифодаи муколамаҳо ҷалби назар мекунад. Бунёди ҳикоя бар саргузашти зану марде ниҳода шудааст. Кӣ будани ин зану мард, шахсияти онҳо назаргоҳи онҳо дар атрофи зиндагӣ, хонавода ва дигар масоил ба воситаи қаҳрамони хурдсоле бо номи Гудду кушода мешавад.

Дар оғози ҳикоя гуфтугӯ ва муколамаҳо миёни модару духтар ва Гуддуи хурдсол сурат мегирад ва ҳар муколамае, мухотабро ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагии фардии қаҳрамонони аслӣ ошно месозад.

Аслан ҳар нависандае дар коргирӣ аз муколама озод аст, дақиқтараш шеваи хосси худро дорад ва вобаста ба нақшае, ки барои баёни паёми аслӣ дар зеҳнаш шакл мегирад,

аз муколама ҳамчун рукни ёрирасон ва гоҳо таъсиргузор истифода мекунад. Меҳруннисо Парвиз низ тарзи хосси худро дорад.

Дар ҳикояи мазкур ағлаб муколамаҳо барангезандаи эҳсосу хотироти нуҳуфта дар зеҳну ҳуши тарафанд. Бад-ин маънӣ, ки мусоҳиб бо шунидани гуфтае ё суханони оғозгари суҳбат, фаврӣ вориди суҳбат намешавад.

Масалан, дар муколамаи нахустин, вақте ки бо модараш вориди гуфтугӯ мешавад ва хабар мерасонад, ки: «- Очаҷон, амакам имрӯз низ омада буданд» [3, с.30].

Нависанда, қабл аз он, ки тарафро ба сухан дарорад, таъсири ин хабарро дар рӯҳу равони тараф тасвир мекунад. Аз хабар ҳарчанд таъйин кардани шахсияти «амак» мушкил аст, вале вожаи «низ» таъкид бар он дорад, ки ӯ барои тараф чеҳраи ошно аст ва то имрӯз ба ин хона зиёд омадааст.

Дар ҳикоя аксуламали тараф бар асари шунидани ин хабар чунин бозтоби бадеӣ ёфтааст: «Ба пойҳои хастааш ларза афтод. Ба курсӣ нишаста, пушташро сахт ба он часпонд ва бо нигоҳи хаста ба Гудду нигарист. Дилаш хост, ки ӯро як ду торсакӣ занад, аммо боз фикр кард, ки аз задан боз ҳам ғамгин мегардад. Ӯро болои зонуҳояш шинонда ба ӯ гуфт: -«Бачам ӯро ба хона даромадан мондан лозим набуд, ҳа. Дирӯз чӣ қадар ман ба ту фаҳмонда будам» [3, с.30].

Тавре ки дида мешавад, дар матн қабл аз суҳбат тағйири рӯҳиву ботинии тарафҳо тавсиф шудааст.

Ҷолиб ин аст, ки Гудду пас аз шунидани шикваи норизоятмандонаи модар танҳо ба амали ӯ, яъне «Сари зону нишондани ӯ» таъкид намуда, мегӯяд: «Аммо амакам маро ҳамин тавр болои зонуҳояш шинонда гуфт: - Гир писарам, аз худиҳо чиз гирифтан зарар надорад» [3, с.30].

Ба назар чунин менамояд, ки гуфтугузорҳои маъмулие миёни персонажҳои асар сурат гирифта, вале гом ба гом нависанда тавассути ин муколамаҳо ҷаҳони андешаи онҳоро, муносибаташонро бо низому суннатҳои мавҷуд дар сарчашмаи хонаводагӣ нишон медиҳад. Аз сӯйи дигар барои Гудду қаҳрамони хурдсол, ки зиндагӣ нав шуруъ мешавад, вазъияти пуртазоде эҷод шуда, ӯ миёни ду қутбест, ки ҳаққи интихобро аз ӯ рабудаанд.

Гудду аз «амак» - меҳмони гоҳ-гоҳӣ бозича мегирад, чизе ки ҳар кӯдак хоҳону талабгори он аст, вале модар бо ин розӣ нест. Мушкил ин аст, ки Гудду намедонад, ки мард кист ва чаро модар муқобили дидори ӯ бо «амак» аст.

Бояд қайд намуд, ки гуфтугӯҳои зиёде миёни модару Гудду баргузор мешаванд, вале то поёни ҳикоя Гудду ҷуръат намекунад, ки шахсияти «амак» - ро аз модар пурсон шавад. Танҳо дар лаҳзаҳои поёнии ҳикоя ӯ мегӯяд: «Очаҷон ҳамон амак барои ман кӣ мешавад?» [3, с.47].

Ин суоли изтиробомез дар матн аз нависанда талаб мекунад то таъсири онро дар вуҷуди тараф тасвир кунад: «Вай дар ҷояш шах шуда, бо ҳарос ба тарафи Гудду нигарист. Гудду ҳанӯз ҳам дар ҷойи аввалааш менишаст. Вай оҳиста-оҳиста ба Гудду наздик шуду сари ӯро сила кардан гирифт.

- Бачам, вай барои ту… яъне ки барои мо ягон кас нест! Ӯро фаромӯш кун!» [3, с.47].

Тавре ки дида мешавад, дар ҳамин нукта ҳикоя ба таври комил зода мешавад. Унвони ҳикоя низ аз ҳамин ҷо гирифта шудааст, яъне «Ҳеҷ кас». Танҳо ҳамин навишта собит месозад, ки нақши муколама дар ҳикоя ё ба таври умум, дар осори мансур то чӣ андоза муҳим аст.

Муҳаққиқи ҳинд Ниту П. Р., ки мавзӯи муколамаро дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз мавриди баррасӣ қарор дода буд, натиҷагириҳои судманде намудааст. Мавсуф аз ҷумла чунин менависад: «Муколама дар ҳикоя нақши муҳим дорад. Тавассути муколама дар ҳикоя ба хусусияти хулқу атвори қаҳрамон равшанӣ андохта мешавад. Инчунин барои пайванду равиши ҳикоя муколама зарур аст. Муколамаҳое қобили қабулу пазируфтанӣ ҳастанд, ки кӯтоҳу таъсирбарангез бошанд. Муколама барои изҳори афкору андеша беҳтарин восита аст.

Муколамаҳои тӯлониву нозарур мувофиқи матлаб нестанд. Ҳангоми тартиб додани муколама бояд андешаву фикрроиву тақдири қаҳрамонон ва инчунин нақши қаҳрамонон мадди назар гирифта шавад. Ҳар қаҳрамоне бояд забону шеваи хосси гуфтугӯ дошта бошад. Дар ҳар як ҳикояи Меҳруннисо Парвиз муколамаҳо равшану зебо истифода шудаанд. Ӯ услуби монолог ва муколамаҳоро бо забонҳои маҳаллӣ тавассути қаҳрамонҳо дар ҳикояҳояш татбиқ кардааст» [5, с.255].

Бояд зикр намуд, ки донишманди фозил Шриматӣ Шривалӣ барои таҳқиқ чандин ҳикояи Меҳруннисо Парвизро аз қабили «Ошӯби зиндагӣ», «Шаби аввали сол», «Регистони чашмдори урён» ва ғайра мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода, барои тасдиқи афкораш мисолҳои ҷолибе баргузидааст, ки мо бо зикри яке аз онҳо иктифо менамоем. Мазкур зимни дида баромадани ҳикояи «Регистони чашмдори урён» иброз медорад, ки

нависанда бо баёни муколамаи қаҳрамонони достон Манҷу ва Амит дар талош аст муҳитро ба тасвир бикашад. Сипас ба сифати намуна пораеро аз муколамаи миёни Манҷу ва Амит нақл менамояд: «Ваҳ, Амит, роҳ ба роҳ ҳама ҷангал асту ҷангал. Ба назар чунон намуда истода буд, ки ҳеҷ гоҳ ба Ҷагадалпур нахоҳем расид. Вақте автобусамон дар деҳаи хурде меистод, бачаҳои хурди сиёҳи урён омада қатор меистоданд. Дар чашмони онҳо як чизи аҷоиберо дидам, ҳамон тавре ки дар осорхона ҳангоми дидани чизҳои аҷиб дар чашми кас ҳайрат пайдо мешавад» [11, с.246].

Бояд таъкид намуд, ки дар осори хеш Бахтин ба навъҳои гуногуни муколама мисли «микрополемика» ё (хурдмуколама), “муколамаи мастур” ё пинҳон ишорат менамояд.

«Муколамаи хурд» аз нигоҳи Бахтин ин муколамаи дарунӣ ё ботинии инсон аст, ки дар ҷараёни он садои ботини ӯ якҷо бо дигар садоҳо, ки маҳсули саҳнаҳои зистӣ мебошанд ба ҷунбиш меояд, бо бархе аз садоҳо мувофиқат менамояд, бо гурӯҳе мубориза мекунад ва барои худ натиҷа мегирад. Ин ҷанбаро мо дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ниҳоят пуркувват мебинем.

Барои собит сохтани ин масъала намунаеро аз ҳикояи «Ҳеҷ кас» интихоб кардаем. Қаҳрамони ҳикоя барои он ки дар зиндагии баъдӣ тасмими ниҳоӣ бигирад, ҷузъиёти муколамаашро бо қаҳрамони дигар Вивек дар зеҳн таҷдид мекунад. Махсусан муколамаеро, ки барои нахустин бор дар китобхона сурат гирифта буд: «Гӯш кун Шубаҳда, ҳар як одам баъди 21-солро пурра кардан ҳуқуқ дорад, ки зиндагиашро ба тарзу ихтиёри худ бисозад. Як танҳо ту ҳастӣ, ки худро ба ихтиёри оилаатон супоридаӣ, – ба китфи ӯ даст гузошта, гуфта буд Вивек. – Ин ғалат аст, ки бори як оилаи калон бар дӯши ту бошад, дар сурате, ки масъулияти туро ба уҳда гирифта наметавонанд. Ту бояд аз чунин оила ҷудо шавӣ, набошад, дер мешавад» [3, с.32].

Қаҳрамони асар пас аз шунидани ин бахши гуфтугузор таъмини онро дар ҳолу ҳавои худ баён месозад. Ба назар чунин мерасад, ки ин тасвири нависанда аст, вале ин ҳамон «муколамаи мастур» ё садои зеҳнии қаҳрамон аст, ки дар ҳикояи болоӣ бо шарҳи зер аст: «Ӯ бошад, дар ҷояш шах шуда монд. Тоб хӯрда ба чеҳраи Вивек нигарист, рангу рӯяш шукуфтаю равшан буд. Бо нӯги туфлиаш як пораи чизи дар замин афтодаро, зада ба Шубаҳда нигарист: - «Боҷуръат бош, ғуссаро бо лагад зан, маълум аст, ки то ҳол чизе ҳаст? Ғаму ғусса ба ту зарба зада истодааст. Ту бояд барои зандагии худ кӯшишҳо кунӣ. Касоне, ки дидаю дониста ҳуқуқу озодиҳои туро поймол мекунанд, ту бояд аз онҳо дур шуда худро наҷот диҳӣ» [3, с.32].

Дар ҳикоя ба дин минвол пас аз таҷдиди гуфтаҳои айнии Вивек гуфтугӯҳои пинҳонӣ торафт ба садо дар меоянд ва ҷаҳони андеша, шеваи ҷаҳоншиносӣ, ҳадафу маромии қаҳрамон боз мешавад ва ҳикоя ба поёни матлуби худ мерасад.

Ҳамин тавр, нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ниҳоят бузургу арзишманд аст. Агар дар ҳикояҳои ӯ мо зиддияту дилчаспӣ, кашандагӣ, умқу паҳнои андеша, фалсафаи хоссе эҳсос мекунем, ҳамаи он маҳсули вуҷуди муколамаҳо мебошанд.

Маҳз муколамаҳо ҳастанд, ки бо бархӯрди муштарак зарурияҳои зеҳни ҳамдигарро ба кор меандозанд, ба зеҳн имкони зоядагӣ, бозтавлид, баёни фалсафӣ медиҳад, гом ба гом ҳадафи аслии нависандаро пайдову диданӣ менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин М.М. Проблемы поэтики Достоевского. Монография / М.М. Бахтин. -Киев: Next, 1994. - 511 с.
2. Бахтин М.М. Собрание сичинений / М.М. Бахтин. Т. 6. - М.: Русские словари, 2002. - 505 с.
3. Меҳруннисо Парвиз. Садбарги сурх. Маҷмӯаи ҳикояҳо. - Деҳлӣ: Прабҳат Пракашан, 2006. - 167 с.
4. Меҳруннисо Парвиз. Самар. Маҷмӯи мақолаҳо. - Деҳлӣ: Грантҳ Академӣ, 2002. - 159 с.
5. Ниту П.Р. Тафаккури зани муосири ҳиндӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз. Рисолаи докторӣ / П.Р. Ниту. - Деҳлӣ, 2014. - 278 с.
6. Нурова М. Ҳикояҳои Камлешвар чун намунаи насри адабиёти муосири ҳиндӣ. Монография / М. Нурова. - Душанбе: Сунатулло, 2007. - 160 с.
7. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав. Рисола / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 496 с.
8. Раҷабов Ҳ. Премчанд ва Иқбол / Ҳ. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2016. - №4/4.(206) - С.184-190.
9. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ. Маводи таълимӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. - 176 с.
10. Раҳматуллоева З. А. Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии ҳикояҳои Рачендра Ядав. Монография / З.А. Раҳматуллоева. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 128 с.
11. Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар Мадҳдале. Дараҷаи инъикоси масоил дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз. Рисолаи докторӣ / Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар Мадҳдале. - Колҳапур (Ҳиндустон). 2009. - 345 с.

НАҚШИ МУКОЛАМА ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Дар ин мақола, дар мавриди «Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Паривиз» -яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти муосири Ҳинд иншо шудааст ва аз масъалаҳои муҳимму калидии ҳар асари мансур мебошад, сухан меравад. Муҳаққиқи ҷавон дар мақолаи худ саъй намудааст то аз як тараф, ҷойгоҳи муколамаро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз таъйин ва бозгушоӣ намояд ва аз ҷониби дигар, нақшу

аҳамияти муколамаҳоро ҳамчун яке аз рукнҳои эҷоди тавсиф баён созад. Номбурда иброз медорад, ки муколама ё гуфтугӯ дар осори мансур вобаста ба он ки ҳунару истеъдоди нависанда дар чи пояе қарор дорад, метавонад вазифаҳои гуногунро иҷро намояд. Муколама агар ба таври шоиста ва бамаҷо истифода шавад, истеҳкому ташаккули сужаи асарро сабаб мегардад. Саҳми муколама, гузашта аз ин, дар густаришу умқ пайдо намудани андешаҳои қаҳрамонон ниҳоят арзишманд аст. Ҳар як ҳикоя дар доираи вақту замони муайяне шаклу сурат мегирад. Муколама бо назардошти ин омилест, ки тавассути он хонанда ба ҷузъиёти вақту фазо ошно мешавад. Дар чаҳорчӯби як достон ҳолиқи асар тавсиру бозгӯ намудани мақсаду ҳадафҳои гуногунро пешорӯ дорад. Аз ин рӯ, ӯ ҳарфҳояшро ё ба дигар сухан андешаи аслашро бо ёрии муколамаҳо амалӣ месозад. Ҳамин тавр, муаллиф дар мақолаи худ ба таври назаррас мавқеи муколамаро дар ҷаззобу пурмуҳтаво гаштани ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки нависанда тавассути муколама ҷаҳони ботинии қаҳрамон, анешаи ӯро нисбат ба дигар ашхос ва ҳолати рӯҳиву равониву макони бурдубоши ҷуғрофии ӯро ба хонанда равшан баён сохтааст.

РОЛЬ ДИАЛОГА В РАССКАЗАХ МЕХРУННИСА ПАРВИЗ

В данной статье речь идет о значении диалога в рассказах М. Парвиз – одной из знаменитых личностей современной литературы хинди. Диалог является одним из важных и ключевых факторов прозаического творчества М. Парвиз. Автор данной статье постарался определить и показать роль диалога в рассказах М. Парвиз. С другой стороны, описал роль и значение диалога как одной из основ литературного творения. Исследователь определяет, что диалог, или разговор (беседа), в прозаических сочинениях может играть различные функции в связи с мастерством и талантом писателя. Если диалог использовать умело, он станет причиной упрочнения и формирования произведения. Роль диалога также ценна в углублении мысли героя. Каждое событие, описанное в рассказе, происходит в определенном времени и эпохе. Диалог в связи с этим действующим фактором частично знакомит читателя с данной эпохой и временем. В рамках одного произведения описываются разные цели и намерения, и основная мысль дается посредством диалога или другими словами. Автор статьи таким способом определяет значительное место диалога в рассказах М. Парвиз, показывает привлекательность и содержательность ее рассказов посредством использования диалога, раскрывающего внутренний мир, душевное и психическое состояние героев, высказывающих мнения о другом человеке, а также определяется географическое месторасположение персонажей.

Ключевые слова: диалог, проза, творчество, общение, хинди, литература, рассказ.

DIALOGUE ROLE IN STORIES OF MEHRUNNISA PARVIZ

In given article it is a question of value of dialogue in M.Parviz's stories - one of the well-known persons of the modern literature of a Hindi. Dialogue is one of the important and key factors of prosaic creativity of M.Parviz. In his article the young author has tried to define and show a dialogue role in M.Parviz's stories. On the other hand, he has described a role and value of dialogue as one of bases of literary creation. The researcher defines that dialogue or conversation (conversation) in prosaic compositions can play various functions in connection with skill and talent of the writer. If it becomes skilful to use dialogue it the reason of hardening and product formation. The dialogue role also is valuable in expansion and depth of thought of the hero. Each event described in the story, occurs in certain time and an epoch. Dialogue in this connection operating factor partially acquaints the reader with the given epoch and time. Within the limits of one product the different purposes and intentions are described, and the basic thought is given by means of dialogue or in other words. The author of article in such a way defines a dialogue important place in M.Parviz's stories, shows appeal and pithiness of its stories by means of use of the dialogue opening private world, a sincere and mental condition of the heroes expressing of opinion on other person, and also the geographical site of characters is defined.

Key words: dialogue, prose works, conversation, Hindi, story, literature.

Сведения об авторе: ***Латифов Алихон*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии факультета языки Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Information about the author: ***Latifov Alikhon*** – Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Indian Philology, Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 98-519-28-06**

УДК: 492.7.09+891.550-1

ТАЪСИРИ АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФИИ АБУЛЪАЛО МААРРӢ БА ХАЙЁМ

Мирзоев У.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти татбиқӣ яке аз шохаҳои нақди адабӣ аст, ки ба санҷиши осор, унсурҳо, навъҳо, сабкҳо, даврaҳо, чеҳраҳои адабӣ ва ба таври умум, муқоисаи адабиёт дар ду ё якчанд фарҳанг ва забони мухталифрофаро мегирад. Баррасии масъалаи таъсирпазир гардидани як шоир аз шоири дигар, нависанда аз нависандаи дигар ё як адиб аз адиби дигар дар афкору андешаҳо, дар баёни шеъру қисса низ аз вазифаи адабиёти татбиқӣ маҳсуб мешавад.

Адабиёти татбиқӣ дар асри ҳозир муҳимтарин равиши таҳқиқ дар адабиёти ҷаҳонӣ аст, ки рӯз аз рӯз шукуфотар ва густардатар мегардад. Адабиёти татбиқӣ дар забони арабӣ

«ал-Адаб ал-муқоран», дар забони англисӣ «Comparative Literature», дар забони фаронсавӣ «Littérature comparée», дар забони олмонӣ«Die Komparative Literatur» ва дар забони урду «Тақобули адаб» гуфта мешавад.

Ҳадафи ин таҳқиқот пешниҳод кардани маълумоти умумӣ оид ба таъсирпазирии Хайём аз шоири араб-Абулъало Маарриро ва ҳамзамон, татбиқи андешаҳои ин ду шоир ва дараҷаи таъсирпазирии Хайём аз ӯ мебошад.

Дар мақола саъй мешавад, то монандиҳои афкору андешаҳои Хайёму Маарриро баррасӣ гардад. Инчунин, фарқиятҳомиёни ин ду шоир низ дар поёни мақола зикр гардида, фикру андешаҳои баъзе аз адибони арабперомуни ин мавзӯъ баён хоҳад шуд.

Абулъало Маарриро Аҳмад ибни Абдуллоҳи Танухӣшоир, файласуф, адиб ва забоншиноси араб буда,дар давраи хилофати Аббосӣ зиндагӣ кардааст. Ӯ соли 363-и ҳичрӣ (973 м.) дар шаҳри Маарратуннуъмон дар шимоли Сурия таваллуд шуда, соли 449-и ҳичрӣ (1057 м.) дар ҳамон шаҳр вафот кардааст. Аз муҳимтарин осори ӯ «Сиқт-уз-занд», «Лузумиёт» ва«Рисолат-ул-ғуфрон» ба ҳисоб мераванд [9, с.16-22].

Адибони зиёди араб ҷиҳати қиёс намудани ин ду шоир, Хайём ва Абулъало Маарриро,таҳқиқот анҷом дода, ба хулосае омадаанд, ки Маарриро дар таълифоти Хайём таъсири амиқе расонидааст, зеро дар осори онҳо шеърҳое мавҷуданд, ки аз лиҳози сабку услуб ва мазмуну муҳтаво қаробат доранд.

Доктор Абулмунъим Ҳафнӣ бар ин назар аст, ки: «Қиёс намудан миёни ин ду шоир зулми ошкорост ва мо ба муқоисаи ин ду шоир эҳтиёҷе надорем, новобаста аз он ки дар шеърашон каме монандиро мулоҳиза менамоем» [1, с.190].

Вақте ба ашъори ин ду шоир дақиқтар назар мекунем, бо вуҷуди ихтилофи шахсият ва дигаргунии фарҳанг, мавзӯъҳои ҳамгунро дар ашъорашон дармеёбем. Ба монанди зуҳд, майл ба хостаҳои дунё, дурӣ аз ҷомеа, масъалаҳои фалсафӣ ва ғайра. Дар баробари ин, ҳарду шоирро ба зиндиқият, инкори зиндашавӣ пас аз марг, бозгашти дубора ва ҳисобу китоби амалҳо дар қиёмат муттаҳам намудаанд.

Доктор Эҳсон Ҳаққӣ мегӯяд: «Таъсирпазирии Хайём аз баъзе афкори фалсафии Абулъало Маарриро амри табиист, аммо барои қиёси ин ду шахсият эҳтиёҷе нест... Агар монандии мавзӯӣ ва фикрӣ байни ин ду шоир вуҷуд намедошт, пас ҷойи тааҷҷуб набуд, ки афкори ин ду шоир бе ягон пайвастагӣ миёнашон иттифоқ афтад, зеро фикру андеша миёни тамоми инсонҳо муштарак аст»[10, с.23].

Шоир Аҳмад Софӣ Ан-Наҷафӣ байни ин ду шоир қиёс карда мегӯяд: «Ман дар осори Хайём мавзӯъҳоеро дарёфтам, ки аз «Лузумиёт» ва «Сиқт-уз-занд»-и Маарриро гирифта шудааст» [3, с.9].

Абӯабдурраҳмон ибни Ақил дар китоби «Ал-фано-ул-боқӣ фӣ рубоиёт ал-Хайём ва ғаромиҳӣ» мегӯяд: «Хайём дар мазоҳу шӯхӣ ва муболаға бо адибони пеш аз худ мувофиқат менамояд. Яке аз он адибон Абулъало Маарриро аст, ки Хайём аз ашъори ӯ иттилоъ дошт» [5, с.65].

Аббос Аққод бар ин назар аст, ки Хайём фалсафаи худро аз Абулъало Маарриро ба даст овардааст, зеро Хайём забони арабиро хело хуб медонист ва бешак, ӯ аз таълифоти Маарриро огоҳ буд.

Воқеият ин аст, ки роҳҳои монандӣ ва ташбеҳ миёни Абулъало ва Хайём фаровон аст. Ин ду шоир дар масъалаҳои фалсафӣ ва назар кардан ба ҷаҳони ҳастӣ андешаҳои ба ҳам монанд доранд. Барои зиндагӣ дар дунё мақсаду мафҳум ва маъное намебинанд. Андешаҳои Хайём дар бораи биҳишту дӯзах ба латифаҳое, ки Маарриро дар «Рисолат-ул-ғуфрон» овардааст, шабоҳат доранд.

Таъсири осор ва андешаи Маарриро дар андешаву осори Хайём метавон ба чанд зина табақабандӣ намуд:

1. Яке аз равшантарин масъалаҳое, ки Умари Хайём аз Абулъало таъсирпазир шудааст, ақидаи ӯ дар бораи ҷом аст. Гӯё, ки хоки ин зарфҳо рӯзе аз рӯзҳо ҷузъе аз бадани инсонҳо будааст ва дубора ба ҷасади дигар инсоне интиқол меёбад, аз ин ҷиҳат бояд эҳтироми онҳо риоя карда шавад. Ин андеша дар баёни Абулъало чунин аст:

لعل إناء منه يصنع مرة فيأكل فيه من أراد ويشرب[9, с.117]

Тарҷума:

Шояд зарфе, ки аз хоки онҳо сохта мешавад,
Барои хӯрдану нӯшидани дигарон истифода мешавад.

Назари Хайём дар ин маврид чунин аст:

Баргир пиёла, эй сабӯи дилҷӯй,
Фориғ биншин ба киштзори лаби ҷӯй.
Бас шахси азизро, ки чархи бадхӯй,
Сад бор пиёла карду сад бор сабӯй [6, с.83].

2. Хайём ва Абулъало дар бораи биҳишт ва дӯзах низ назари яксон доранд: «То ба ҳол касе аз биҳишт ва дӯзах барои мо хабаре наовардааст, то нисбат ба вуҷуди онҳо итминони кофӣ дошта бошем». Абулъало мегӯяд:

فهل قام من جدث ميت فيخبر عن مسمع أو مري [9, c.118]

Тарҷума:

Оё мурдае аз хок бархоста, то ки
Аз дидаҳо ва шунидаҳои худ хабар бидиҳад?

Хайём мегӯяд:

Кас хулду ҷаҳимро надидаст, ай дил,
Гӯйӣ, ки аз он ҷаҳон расидаст, ай дил.
Ӯммеду ҳароси мо ба чизест, к-аз он,
Ҷуз ному нишони нопадид аст, ай дил [6, с. 59].

3. Яке аз дигар монандиҳо байни Хайём ва Абулъало ин масъалаи шак ва бадбинӣ буда, ҳақиқати амрҳо аз фаҳмиши инсоният пӯшида аст. Онҳо худ ва дигаронро аз ҳақиқат бехабар медонанд ва мегӯянд, ки маънои ҳастӣ норавшан аст.

Абулъало дар ин маврид мегӯяд:

وما يدري الفتى والظن جهل وأقضية المليك مغيبات[9, c.53]

Тарҷума:

Инсон чизе аз ҳақиқат намедонад ва гумон нишонаи ҷаҳл аст,
Зеро амру тақдири Худо аз ғайбиёт аст.

Хайём мегӯяд:

Дар пардаи асрор касеро раҳ нест,
З-ин таъбия ҷони ҳеҷ кас огаҳ нест.
Ҷуз дар дили хок ҳеҷ манзилгаҳ нест,
Май хӯр, ки чунин фасонаҳо кӯтаҳ нест [6, с.57].

4. Яке аз нуктае, ки дар ашъори ҳар ду шоир ба чашм мерасад, бадбинӣ аст ва ин бадбинӣ натиҷаи ноумедӣ аз зиндагӣ аст. Абулъало бисёр тундрав буда, танҳо торикиҳои зиндагиро мебинад ва ҳеҷ чиз ӯро шод намекунад. Хайём низ ба мисли ӯст. Абулъало мегӯяд:

عرفت سجايا الدهر أما شروره فنقد وأما خيره فوعود[9, c.55]

Тарҷума:

Ахлоқу табиати рӯзгорро шинохтам,
Мусибаташ нақд аст ва хайраш ваъдаву нася.

Хайём мегӯяд:

Гар омаданам ба худ будӣ, н-омадаме,
В-ар низ шудан ба худ будӣ, кай шудаме?
Беҳ з-он набудӣ, ки андар ин дайри хароб,
На омадаме, на шудаме, на будаме [6, с. 85].

5. Абулъало эътиқод дорад, ки инсон дар дунё худро ба корҳои бефоидае машғул мекунад, ки яке аз онҳо баҳсҳои динӣ ва илмӣ мебошад ва он натиҷаи хубе надорад. Хайём низ мегӯяд: дар ҳоле, ки гурӯҳе ба кори дунё машғуланд ва гурӯҳе ба кори дин, пас мунодие бонг мезанад, ки кор на ин асту на он:

وجدت الناس في حرج و مرج غواة بين معتزل ومرج[9, c. 56]

Тарҷума:

Мардумро дар гумроҳиву ҳарачу марач,
Миёни эътизол ва тафвиз саргардон мебинам.

Хайём:

Қавме мутафаккиранд андар раҳи дин,
Қавме ба гумон фитода дар роҳи яқин.
Метарсам аз он, ки бонг ояд рӯзе,
К-эй бехабарон, роҳ на он асту на ин [6, с. 79]

6. Баъзе аз инсонҳои мутадаййин ба андешаи Абулъало, ба риёву ҷаҳл ва тамаъу фисқ муттаҳаманд. Хайём низ, дӯстдори ахлоқи наку, садоқат, муҳаббату ишқ ва аҳду паймону вафо аст ва аз рангу риё безор аст. Абулъало мегӯяд:

لعل أناسا في المحاريب خوفوا بآيٍ كناسٍ في المشارب أطربو[9, c.80]

Тарҷума:

Шояд воизоне, ки дар меҳробҳо мардумро мавъиза мекунанд,
Ба мисли онҳое бошанд, ки дар майхонаҳо шодӣ мекунанд.

Хайём:

Гар май нахӯрӣ, таъна мазан мастонро,
Бунёд макун ту ҳилаву дастонро.
Ту гарра бад-он машав, ки май менахӯрӣ,

Сад луқма хӯрӣ, ки май гулом аст онро [6, с.52].

7. Абулъало баъзан хилофи одат аз ахлоқу дин ба моддиёт тамоюл дорад. Ӯ эътиқод дорад, ки ҳар чӣ дар зиндагӣ барои инсон рӯй медиҳад, танҳо ба сабаби омилҳои моддӣ аст. Хайём низ дар мавзӯи дунёи моддӣ ва маҳсус чунин ақида дорад. Ба ҳамин далел, ӯро муртад маҳкум кардаанд. Аммо иртидоди ӯ чун иртидоди Абулъало ҷазмӣ нест, балки латофат ва зарофати баёнро омехта дар баробари хушунат ва асабонияти Абулъало дар ӯ мебинем. Абулъало мегӯяд:

تداولني صبح ومسي وحندس ومر علي اليوم والغد والأمس[9, с.58]

Тарҷума:

Субҳу шаб ва торикӣ моро таҳвили якдигар медиҳанд,
Имрӯзу фардову дирӯз бар ман мегузарад.

Хайём:

Ин чархи фалак, ки мо дар ӯ ҳайронем,
Фонуси хаёл аз ӯ мисоле донем.
Хуршед чарогдону олам фонус,
Мо чун суварем, к-андар ӯ ҳайронем [6, с.75].

8. Абулъало ақида дорад, ки дар дунё ҳар чӣ ҳаст,несту нобуд мегардад, ҳатто Зуҳал, Миррих ва Сурайё. Хайём мегӯяд: «ҳама чиз аз хок аст ва ба хок бозмегардад».

تراب جسومنا، وهي تراب إذا ولى عن الآل اغتراب[9, с.93]

Тарҷума:

Баданҳои хокии мо хок мемонад,
Ҳар гоҳ аз мардум ҷудо шаванд, гарибонанд.

Хайём:

Аз омадану рафтани мо суде кӯ?
В-аз тори умеди умри мо пуде кӯ?
Чандин сару пойи нозанинони ҷаҳон,
Месӯзаду хок мешавад, дуде кӯ? [6, с.150].

9. Хайём бештар бар он назар аст, ки набояд нақдро ба уммеди нася аз даст бидиҳем. Абулъало ҳам бо бадбинӣ аз ин ҷаҳон мегӯяд: «Шароби нақди ин ҷаҳонро ба умеди шароби биҳишт аз даст надиҳед».

أتترك ههنا الصهباء نقدا لما وعدوك من لبن وخمر[9, с.118]

Тарҷума:

Оё шароби нақди ин ҷаҳонро
Ба уммеди ваъдаи ширу шароби биҳишт раҳо мекунӣ?

Хайём:

Гӯянд, биҳишту ҳуру кавсар бошад,
Ҷӯйи маю ширу шаҳду шакар бошад.
Пур кун қадаҳи бодаву бар дастам нех,
Нақде зи ҳазор нася беҳтар бошад [6, с.48].

Хулоса, таъсирпазир гаштани Хайём аз Маарриӣ бештар дар ҳайратва фалсафаи ҳаёт аст. Мафҳум ва андешаҳои Маарриӣ дар рубоиёти Хайём зиёд ба назар мерасанд, ҳатто баъзе аз мунаққидон фикр кардаанд, ки Хайём дар илми фалсафа шогирди ӯст [4, с.25].

Бо гуфтаҳои боло метавон таъсирпазирии Хайём аз афкору андешаҳои Маарриро то андозае собит намуд. Таъсирпазирии Хайём аз адабиёти араб бештар дар мавзӯъҳоест, ки байни донишмандон перомуни он ихтилофи назар мавҷуд аст. Бо ин вуҷуд метавон гуфт, ки Хайём аз афкори файласуфона ва сабки шеърии Маарриӣ илҳом гирифтааст.

Тибқи маълумотҳо ва далоили мавҷуда муҳаққиқони муосири араб дар бораи Хайём ва таъсирпазирии ӯ аз Маарриӣ таҳқиқоти фаровон анҷом додаанд. Аз ҷумла, Умар Фаррух, Аҳмад Ҳомид Сарроф, Вадиъ ал-Бустонӣ, Ҳанно Фахурӣ, Ҳомид Абдулқодир, Аҳмад Шантановӣ, Абдуссамеъ Мисрӣ, Амин Райҳонӣ, Ҳиндовӣ, Манфалутӣ, Абунаср Мубашшир Тирозӣ, Илё Абумозӣ, Муҳаммад Сибоӣ, Мустафо Ваҳбӣ ат-Тал ва Абдулҳақ Фозили Мисрӣ намунаҳое аз ин гурӯҳ дар ҷаҳони муосири араб ҳастанд.

Ин мавзӯъро на танҳо муҳаққиқони араб, балки муҳаққиқони эронӣ низ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷумла, Аллома Муҳаммад Қазвинӣ, Ҳусайн Хатиби Нурӣ, Аббос Иқбол, Ҷалолиддин Ҳумоӣ, Исмоил Ягонӣ, Ҳусайн Дониш, Ҳусайн Шаҷара, Маҳдӣ Фулодванд, Саид Нафисӣ, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Абдулҳусайн Фарзод ва дигарон. Аммо гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқон ба ин андешаанд, ки Хайём бо он ҳама бузургиву дониш, ниёзе ба таъсирпазирӣ аз Абулъало ва ё амсоли ӯро надоштааст [7, с.39].

Гурӯҳе низ ба ин андешаанд, ки Хайём бо он ҳама илму дониш ва бузургии хеш ниёзе ба таъсирпазирӣ аз Абулъало ва ё монанди ӯро надорад. Албатта, таъсирпазирии як ҳаким ё як шоири бузург аз пешиниёни худ мақому манзалати ӯро поён намебарад, балки баёнгари саъю талоши ӯ баҳри баҳраманд гардидан аз захираҳои илмию адабии

арзишманди гузаштагонро мефаҳмонад. Хоҳ ин андеша аз Шаҳиди Балхӣ бошад ё аз Абулъало Маарриӣ ва ё ки аз Ибни Сино.

Дар асоси таҳлилу баррасӣ ва татбиқи афкору андешаҳои Хайём ва Абулъало Маарриӣ ба ин натиҷа мерасем, ки Хайём ва Абулъало ба далели бархӯрдорӣаз истеъдоди фитрӣ ва ақлу ҳуши воло ба забон ва адаби араб ва бо баҳрагирӣ аз фарҳанги ғании исломӣ осори шигифте аз худ боқӣ гузоштаанд. Бо баррасии андешаҳои ин ду шоир дармеёбем, ки осори эшон бар асоси шароити замон ва макон арза шуда, розу рамзҳое дорад, ки чандон ҳам нохушоянд нест. Мавридҳои шабоҳати ин ду шоир назар ба мавридҳои ихтилофашон зиёдтараст. Метавон гуфт, ки мактаби фалсафии онҳо бар як поя устувор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулмунъим, Ҳ. Умар ал-Хайём ва-р-рубоиёт. Нашри аввал, Дор-ур-рашод, 1997 м. 1412 ҳ. -273 с.
2. Азизуллоҳ, К. Рубоиёти Ҳаким Умари Хаём. - Теҳрон, 1344 ҳ.ш.
3. Аҳмад, С. Рубоиёт Умар ал-Хайём. - 127 с.
4. Баккор, Ю. Аббос Аққод. Хайём ва рубоиёт // Диросот ал-адабия, № 3, 4, тирамоҳ ва зимистон, 2000, 2001 м.
5. Қурбонзода, Б. Умар ал-Хайём байна дорисин ал-араб. – Бейрут. 2011. – 288 с.
6. Муҳаммадалӣ, Ф. Рубоиёти Хайём. Ҳофиз навин, -1376 ҳ. ш. -178 с.
7. Муҳаммадтақӣ, Ҷ. Таҳлили шахсияти Хайём. -Теҳрон: Муассисаи Кайҳон, Нашри чорум, 1375 ҳ. ш. -372 с.
8. Наҷафӣ Саид, А. Умари Хайём ё Хайёмӣ, фалсафаи рубоиёт ва тарҷумаи онҳо // Забон ва адаб, 1385 ҳ. ш.
9. Умар, Ф. Ҳаким-ул-Маъарра, Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон ал-Маарриӣ. – Бейрут. Нашри дувум, 1948. - 135 с.
10. Эҳсон, Ҳ. Умар ал-Хайём байна-л-куфри ва-л-имон. - Бейрут: Дор-ун-нафоис, нашри дуюм, 1997. - 70 с.

ТАЪСИРИ АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФИИ АБУЛЪАЛО МААРРӢ БА ХАЙЁМ

Ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ яке аз абармардони адабиёти тоҷик буда,бо эҷодиёти илмиву адабӣ, афкору андешаҳои фалсафӣва бахусусрубоиёташ шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Хайём на танҳо бо рубоиёти ҷаззобу дилнишини худ дили аксари мардуми оламро шефтаи худ гардонидааст, балки бо афкору андешаҳои фалсафӣ низ миёни аҳли адаб ва хоссу омҷойгоҳи мушаххасе касб намудааст. Ин афкору андешаҳои фалсафии ӯ ба бузургиву илму маърифат ва дарки маонии воло гувоҳ буда, далели инсони наҷиб ва дорои андешаҳои мутафаккиронабудани ӯст. Аммо дар баъзе мавридҳо Хайём аз баъзе шоирону адибони қабл аз худ таъсирпазир гардидааст, ки аз миёни онон шоири маъруфи араб Абулъало Маарриӣ ҷойгоҳи хос дорад. Вақте ба шеъри ин ду шоир дақиқтар назар мекунем, бо вуҷуди ихтилофи шахсият ва дигаргунии фарҳанг мавзӯъҳои ҳамгунро дар ашъорашон дармеёбем. Ба монанди зуҳд, майл ба хостаҳои дунё, дурӣ аз ҷомеа, масъалаҳои фалсафӣ ва ғайра, ки метавонад аз таъсирпазир гардидани Хайём аз Маарриӣ бошад. Зеро Хайём аз забон ва адабиёти араб ба хубӣ огаҳӣ дошта, аксари осори худро бо ин забон тасниф намудааст. Дар мақола саъй мешавад, то таъсирпазирии Хайём аз андешаҳову афкори шоирони араб, хусусан аз Абулъало Маарриӣ тадқиқубаррасӣ гардад. Қиёси андеша ва орои ин ду шоир дар мақолаба тартиб зикр гардидааст.

Калидвожаҳо: Умари Хайём, Абулъало Маарриӣ, таъсирпазирӣ, шоирони араб, адабиёти татбиқӣ, андеша, ақида, афкор.

ВЛИЯНИЕ ФИЛОСОФСКИХ ВОЗЗРЕНИЙ АБУЛЪАЛО МААРРНИ НА ХАЯМА

Хаким Умар Хаям Нишапури один из ярчайших представителей таджикской литературы легендарный ученый и философ, знаменитый благодаря своей невероятно результативной деятельности. Мировую славу Омару Хайяму принесла поэзия. Его рубаи являются призывом к познанию земного счастья, его четверостишиям присущи вольнодумство, глубина философской мысли. Его философские взгляды и размышления имеют важное значение в литературных и научных кругах. При жизни Хайям был известен исключительно как выдающийся учёный. Также Хаяму была присуща восприимчивость. Он был не равнодушен к творчеству некоторых из своих предшественников, среди которых особое место занимает знаменитый арабский поэт Абулъало Маарри. При внимательном рассмотрении поэтического творчества этих двух разносторонних поэтов, несмотря на личностную противоречивость и разные культуры, находим одинаковые темы в их поэзии, как отшельничество, отречение от земных желаний, удаленность от общества, философские проблемы и т.п., которые свидетельствуют о влиянии Мааррни на Хаяма. Так как Хаям очень хорошо был осведомлен об арабской литературе и языке и некоторые свои произведения сочинил на арабском языке. В статье автор попытался исследовать влияние мыслей и воззрений арабских поэтов, особенно Абулъало Мааррни на творчество Хаяма.В статье последовательно рассмматриваются мысли и воззрения этих двух великих поэтов.

Ключевые слова: Умар Хаям, Абулъало Маарри, восприимчивость, арабские поэты, сопоставительная литература, размышления, взгляд, мысли.

INFLUENCE OF MAʿARRI'S PHILOSOPHICAL THOUGHTS TO KHAYYAM'S

Omar Khayyam the wise was one of the world known Tajik literalist from Naishapur. In our globe he is famous for his literary works, philosophical ideas and his unmatched quatrains. Khayyam is not only famous for his quatrains rather his philosophical works has also found ways in the heart literary men around the earth. His works of philosophy is a witness of his great scientific educations and perception of a high understanding and in turn is the proof of his broadminded personal traits. After having understood the greatness personality of Khayyam, his works were influenced by many poets. Among these poets one can name the very known AbulʿAlaMaʿarri. Despite their cultural and personal distinction, a deep analysis of their works can find out the similarities of their poems. Piety, inclination toward the worldly life, being far from

the society, philosophical thoughts are from the effects that we can name. The fact that Khayyam knew Arabic were the reason that most of his writing were in Arabic. This article tries to have investigations around the influences that was inherited to Khayyam's work from Arab poets more specific Abul ʿAlaMaʿarri. Comparison of these two great poets based on their thoughts and ideas will be put forth in an arranged manner.

Key words: Omar Khayyam, Abulʿ Ala Maʿarri, influence, Arab poets, Comparative literature, belief, idea.

Сведения об авторе: ***Мирзоев Умар Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **umar-.-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-20-72-08**

Information about the author: ***Mirzoev Umar Tajiddinovich*** – Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **umar-.-90@mail.ru.** Tel.: **(+992)-918-20-72-08**

УДК: 891.550-1

ҲАҚИҚАТМОНАНДИИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВӢ»

Гулихандони Маликнеъмат
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мавлоно дар "Маснавӣ" сужет наофаридааст. Қиссаву ҳикоёти "Маснавӣ" низ мисли осори ирфонии қабл аз он таълифшуда, аз ҷумла «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Ҳаким Саноӣ ва маснавиҳои Шайх Аттор, баргирифта аз китобҳои гуногуни пешинанд. Аммо кам ба назар мерасад, ки қиссаву ҳикояҳо айнан (фақат бо мутобиқ кардан ба вазни "Маснавӣ") оварда шаванд. Дар аксари қиссаҳои "Маснавӣ" тасарруфоти Мавлоно ба чашм мерасад. Дар бисёр маворид тағйиру иловаҳо ба қиссаву ҳикоёт бо мақсади қавӣ намудани ҷанбаи ҳақиқатмонандии онҳо ворид карда мешаванд.

Аввалин бор истилоҳи ҳақиқатмонандӣ дар "Фанни шеър"-и Арасту ба кор гирифта шудааст. Ҳақиқатмонандӣ кайфиятест, ки дар сохтори достон, шахсиятҳо ва амалкарди онҳо дида мешавад, то сохтори қобили қабул ва воқеиятпазирро барои мухотаб ба намоиш бигузорад.

Бояд гуфт, ки Мавлоно дар "Маснавӣ" қиссаву ҳикоётро ҳамчун модели андешаҳои ирфонии худ истифода мебарад, айнан мисли як муаллими ҷуғрофиё дар замони мо, ки барои фаҳмонидани мавқеи қитъаҳо дар сатҳи Замин аз глобус истифода мекунад. Яъне қиссаву ҳикоёт дар "дарси ирфонӣ"-и Мавлоно мисли аёниятанд. Аз ин ҷиҳат, Мавлоно кӯшиш мекунад, ки ривояташ ҳақиқатмонанд бошад, то тавонад дар зеҳни хонанда тасвири рӯшанеро таҷассум намояд ва бад-ин васила ӯро ба мавҷудияти ин ё он масъала ва натиҷаи он дар сатҳҳои мухталиф-дар муносибат бо худ, бо дигарон ва бо Худо, бовар кунонад.

Дараҷаи ҳақиқатмонандии қиссаҳои "Маснавӣ" дар муқоиса бо қиссаҳои осоре, ки Мавлоно аз онҳо ҳамчун маъхаз истифода кардааст, рӯшан намудор мешавад.

Яке аз ҳикояҳои муштараке, ки Аттору Мавлоно онро баён кардаанд, ҳикояти даббоғ (дар "Маснавӣ") ё каннос мебошад. Маъхази ин ҳикоят "Кимиёи саодат"-и Ғаззолӣ аст. Ривояте, ки Аттор дар «Асрорнома» аз ин ҳикоят ба даст медиҳад, аз ривояти Ғаззолӣ чандон тафовуте надорад. Ривояти Аттор чунин аст:

Яке каннос берун ҷаст аз кор,
Магар раҳ дошт бар дӯкони аттор.
Чу бӯйи мушк аз дӯкон бурун шуд,
Ҳаме каннос он ҷо сарнагун шуд.
Димоғи бӯйи хуш ӯро куҷо буд?
Ту гуфтӣ, гашт ҷон аз вай ҷудо зуд.
Бурун омад зи дӯкон марди аттор,
Гулобу уд пеш оварда бисёр.
Чу рӯяш аз гулобу уд тар шуд,
Басе каннос аз он беҳуштар шуд.
Яке канноси дигар чун бидидаш,
Наҷосат пеши бинӣ оваридаш.
Машомаш аз наҷосат чун хабар ёфт,
Ду чашмаш боз шуд ҷоне дигар ёфт [1, с. 34].

Ду нукта ривояти Атторро ғайривоқеӣ нишон медиҳад: Беҳуш шудани каннос аз бӯйе, ки аз дӯкони аттор ба димоғаш расид ва тасодуфан пайдо шудани канноси дигар. Тасодуф дар қисса ҷанбаи ҳақиқатмонандии онро суст мекунад.

Ин ду нукта дар хонанда боиси ангехтани чанд савол мешавад:

1. Магар каннос наметавонист ба зудӣ аз назди дӯкон бигзарад?
2. Чаро дигар кас неву маҳз каннос пайдо шуд?
3. Он каннос аз куҷо фаҳмид, ки беҳушшуда каннос аст?
4. Чаро канноси дуюмӣ беҳуш нашуд?

Ин ҳикоят дар “Маснавӣ” муфассал баён шудааст. Чунонки маълум аст, “Маснавӣ” бар пояи тадоӣ устувор аст. Ҳикояти мазкур низ зоҳиран заминаи тадоии байти зерин баён шудааст.

Он ки дар тун зоду покиро надид,
Бӯйи мушк орад ба вай ранҷе падид[3, с.348].

Дар ривояти Мавлоно шахсияти каннос ба даббоғ иваз мешавад. Аммо ин тағйирот бо мақсади ҳақиқатмонанд шудани ривоят нест. Сабаби чунин тағйирот, ба андешаи мо, хира накардани табъи мухотабон бо зикри номи каннос аст. Аммо ин ҷо метавонад суоле пайдо шавад, ки чаро Мавлоно ин нуктаро дар мавридҳои дигар ба инобат намегирад ва ҳикоёте ба маротиб қабеҳтар аз номи каннос меоварад?

Чунонки маълум аст, “Маснавӣ” дар муддати 15 сол бадоҳатан гуфта шудааст. Пайдост, ки дар ин муддат мухотабон, шароити эҷоди асар ва ҳолати рӯҳии муаллиф иваз мешавад.

Дар “Маснавӣ”мавридҳое ҳам вуҷуд доранд, ки тағйири шахсият бо мақсади таъмини ҳақиқатмонандии асар сурат мегирад. Масалан, Мавлоно дар дафтари аввал ҳикоят мекунад, ки нафаре меҳмони Юсуф (а) мешавад. Юсуф (а) аз вай тақозои туҳфа мекунад. Меҳмон мегӯяд, ки бароят ойина овардам, то ҳар боре дар вай нигарӣ, рӯйи хуби хешро бубинӣ ва маро ёд кунӣ [3, с.97].

Зоҳиран маъхази ин қисса “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ буда, қаҳрамонҳои он шахсиятҳои таърихӣ-халифа Муътаз ва амири Форс Абӯалӣ Айюбанд. Дар ҳикояти “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” Абӯалӣ Айюб ба халифа Муътаз ба муносибати ба тахт нишастанаш ойина туҳфа мефиристад. Вақте ӯро мепурсанд, ки чаро чунин кардӣ? Дар ҷавоб мегӯяд, ки рӯйи Амирулмуъмин азим хуб аст. Хостам, чун дар ойина сурати хуби худ бубинад, аз бандаи худ ёд кунад [6, с.132].

Чунонки мушоҳида мешавад, ҳар ду ҳикоят дорои сюжети ҳамранг ва аносири муштарак (туҳфа, ойина, ҳусн) мебошанд. Аммо дар тафаккури хонанда ривояти Мавлоно ба ҳақиқат наздиктар аст, чунки Юсуф (а) дар зеҳни ӯ тимсоли ҳусну зебоист.

Ба сари ҳикояти даббоғ бармегардем. Ивази шахсият дар ҳикояти мазкур ягона тағйирот нест. Мавлоно чанд тағйиру иловаи дигар ворид намуда, ба саволҳои эҳтимолии хонанда нисбати ҳикояти Аттор, ки дар боло зикр кардем, ҷавоб медиҳад. Аз ҷумла, дар ривояти Мавлоно дӯкони аттор ба бозори атторон иваз мешавад. Ин тағйирот ривояти Мавлоноро ба ҳақиқат наздик мекунад. Каннос метавонист аз назди дӯкони аттор ба зудӣ бигзарад, аммо гузаштани даббоғ аз миёни бозори атторон нисбатан душвор аст ва ҳам бӯйи атри бозор аз дӯкон ба маротиб зиёдтар аст. Бинобар ин, аз ҳуш рафтани даббоғ воқеитар менамояд.

Дар ривояти Мавлоно, пас аз он ки даббоғ аз ҳуш меравад, мардуми бозор дар гирдаш ҷамъ мешаванд ва ҳар яке коре барои ба ҳуш овардани ӯ мекунад. Аммо ҳеҷ кас муяссар намешавад. Ҳамин тафсилоти Мавлоно тасвири рӯшанеро дар зеҳни хонанда падид меоваранд, то он ҷо ки хонанда ба куллӣ вориди қисса мешавад ва худро шоҳиди бевоситаи воқеа тасаввур менамояд.

Чун мардум наметавонанд даббоғро ба ҳуш оранд, бародари ӯро аз ин воқеа хабар медиҳанд. Бародари даббоғ, ки шахси зирак буд, сабаби беҳуш шудани даббоғро дармеёбад ва пораи пӯсти бадбӯйе дар остин мегирад. Чун ба назди бародараш мерасад, остини худро ба димоғи ӯ наздик ва сари худро ба сӯйи гӯши ӯ хам мекунад, чунонки мардумро гумон меравад, ки бар гӯшаш афсун мегӯяд. Даббоғ ба ҳуш меояд.

Чунонки маълум гашт, дар ривояти Мавлоно ***канносидигар*** ба *бародари даббоғ*, ки аз пешаи бародараш огоҳ аст, иваз мешавад. Ва бародари даббоғ мисли канноси дигар ба сари марди беҳушшуда тасодуфӣ намеояд, балки ӯро аз ин воқеа хабар мекунанд ва чун пешаи ӯ даббоғӣ нест, дар хонанда саволи “чаро ӯ беҳуш нашуд” пайдо намешавад.

Аз муқоисаи ривояти Мавлоно бо ривояти Аттор бармеояд, ки Мавлоно ба риояи таносуби сабабу натиҷа бештар аҳамият медиҳад. Дар ин замина ҳақиқатмонандии ҳикоёти “Маснавӣ” бештар мегардад.

Усули дигари Мавлоно дар тақвият бахшидани ҳақиқатмонандии қиссаҳои “Маснавӣ” дурӣ ҷустан аз мазомини фаровоқеист. Ин нукта аз муқоисаи ҳикояти муштараки Ҳаким Саноӣ ва Мавлоно рӯшан мешавад.

Саноӣ дар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа” ҳикояти фил ва ҷамоати кӯронро меоварад [4, с.28-29]. Мазмуни мухтасари ҳикоят чунин аст, ки дар вилояти Ғӯр шаҳре буд, ки мардуми он ҷумла нобино буданд. Замоне подшоҳе дар он макон гузашт ва он ҷо хайма зад. Ӯ филе бузург дошт. Мардуми шаҳрро орзуи дидани он пайдо шуд ва чанд нафарро фиристоданд, то чигунагии филро дарёбанд. Вақте ҷамоати кӯрон назди фил расиданд, ҳар касе даст бар узве аз аъзои он месоид. Чун баргаштанд ва мардум шарҳи филро пурсиданд, касе, ки даст бар гӯш бурда буд, гуфт, мисли гилем аст ва он ки бар пойи фил бурд, гуфт, мисли амуд аст ва он ки бар хартум, гуфт мисли новдон аст. Хулоса, ҳар кас ки ҷузъе дида буд, дар занни хато уфтод.

Чунонки мушоҳида шуд, ривояти Саноӣ унсуре дорад, ки онро ғайривоқеӣ нишон медиҳад, ин ҳам зикри шаҳрест, ки дар он тамоми мардумон нобиноанд.

Мавлоно ин ҳикоятро дар дафтари сеюми “Маснавӣ” бо унвони “Ихтилоф кардан дар чигунагӣ ва шакли фил” меоварад. Аммо онро андаке тағйир медиҳад, то ривоят ба ҳақиқат наздик гардад. Дар ривояти Мавлоно мардум нобино нестанд, балки фил дар хонаи торик қарор дорад. Ин тағйирот барои таъвилу хулосаи беҳтар, нисбат ба он чи дар “Ҳадиқа” аст, замина гардидааст:

Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,
Он яке “дол”-аш лақаб дод, ин “алиф”.
Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,
Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ.
Чашми ҳис ҳамчун кафи даст асту бас,
Нест кафро бар ҳама(й) Ӯ дастрас.
Чашми дарё дигар асту каф дигар,
Каф биҳил, в-аз дидаи дарё нигар [3, с.247].

Дуруст аст, ки дар Маснавӣ аз муъҷизоти пайғамбарон бисёр сухан меравад. Аммо чун дар аксари маворид марҷаи Мавлавӣ Қуръон ва кутуби осмонии дигар аст ва хонандаи “Маснавӣ” ин ҳамаро ҳамчун ҳақиқати бебаҳс қабул мекунад, зикри муъҷизот ҷанбаи ҳақиқатмонандии “Маснавӣ”- ро заиф намегардонад.

Мавлоно аз каромоти авлиё, аз иҷобати дуо то нишастан бар ҳаво, низ бисёр мисолҳо меоварад. Аммо дар “Маснавӣ” мавридҳое ҳам вуҷуд доранд, ки қисса дар маъхази аслӣ аз каромоти авлиё ривоят кунад ва дар ривояти Мавлоно зикри он наравад. Зоҳиран чунин тағйирот низ бо мақсади ҳақиқатмонанд гардидани қисса сурат мегирад. Масалан, дар қиссаи Пири чангӣ метавон шоҳиди ин гуна ҳол гардид. Асли ин қисса аз “Асрор-ут-тавҳид” [5, с.76-87] аст ва дар “Мусибатнома”-и Аттор ҳам омадааст [2, с.425]. Ба ақидаи Фурӯзонфар Мавлоно ин қиссаро аз Аттор гирифтааст. Ривояти Аттор аз ривояти “Асрор-ут-тавҳид” чандон тафовуте надорад [6, с.88-89]. Мазмуни мухтасари ривояти Аттор чунин аст: Яке пире, ки тамоми умр мутрибӣ карда буд, дар ҳоли заифиву бекасиву нодорӣ чун умедаш аз дигарон қатъ мешавад, ба масҷиди вайронае меравад ва рубоб менавозад. Ва Худоро мухотаб қарор дода мегӯяд: Ман он чӣ тавонистам, нисори ту кардам, ту, ки каримӣ, низ он чӣ дорӣ нисор кун. Ва ба даргоҳи Худо зориҳо мекунад, то он вақт ки хобаш мебарад. Дар ин ҳангом муридони Шайх Абӯсаид, ки чанд гоҳ гурусна буданд, чашм бар раҳ доштанд, то футӯҳе даррасад. Оқибат нафаре биёмад ва сад динор зар ба шайх супурд. Вақти муридон хуш шуд, аммо шайх сад динорро ба ходим супурд, то ба пири рубобие, ки дар фалон масҷид хуфтааст, бибарад. Ходим чунон кард. Пир чун ин ҳама зар бидид, ба хок уфтод ва гуфт: Эй Кирдигор, бо мани хокӣ каримӣ мекунӣ, пас аз ин танҳо барои ту хоҳам рубоб зад, чун қадри устодонро мешиносӣ [5, с.88].

Зикри каромоти шайх дар ривояти Аттор дар баробари тағйири ҳолати пир, ки нуқтаи асосии қисса маҳсуб мешавад, диққатҷалбкунанда аст, ки ин боиси коҳиши ҷанбаи таъсирбахшии қисса мегардад.

Дар ривояти Мавлоно Умар хоб мебинад, ки бар ӯ мегӯянд, то чанд динор ба пире, ки дар қабристон хуфтааст, бибарад. Яъне дар ривояти Мавлоно каромот бо хоб ва шахсияти Шайх Абӯсаид бо Умар иваз мешавад. Ин тағйирот ривояти Мавлоноро воқеитар гардонида, нуқтаи ҷазб ва асоси ривоятро ба ҳам мепайвандад.

Дар мавридҳои дигар Малоно барои воқеӣ нишон додани каромоти авлиё аз зиндагӣ мисолҳои қонеъкунанда меоварад. Масалан, дар қиссаи “Субҳони! Мо аъзама шаъни” гуфтани Боязид қаддасаллоҳу сирраҳу ва эътирози муридон ва ҷавоби ин мар эшонро на ба тириқи гуфти забон, балки аз роҳи аён” дар исботи он, ки гӯяндаи ин сухан Худо буд на Боязид чанд мисол меорад, то дар хонанда тардид бартараф мешавад.

Чун парӣ голиб шавад бар одамӣ,

Гум шавад аз мард васфи мардумӣ
Ҳар чӣ гӯяд он, парӣ гуфта бувад,
З-ин сарӣ на, он сарӣ гуфта бувад.
Чун париро ин даму қонун бувад,
Кирдигори он парӣ худ чун бувад [3, с.395].

Шергир ар хуни наррашер х(в)ард,
Ту бигӯӣ: "Ӯ накард он, бода кард."
В-ар сухан пардозад аз зари куҳан,
Ту бигӯӣ: "Бода гуфтаст он сухан".
Бодаеро мебувад ин шарру шӯр,
Нури Ҳақро нест он фарҳангу зӯр? [3, с.396].

Гарчи Қуръон аз лаби пайғамбар аст,
Ҳар кӣ гӯяд "Ҳақ нагуфт", ӯ кофар аст [3, с.396].

Роҳи дигари ба воқеият наздик кардани қисса нишон додани хислати қаҳрамон тавассути забону лаҳни ӯ мебошад. Чунонки маълум аст, Мавлоно ба бисёре аз қиссаҳо гуфтугӯ ворид кардааст. Гуфтугӯҳо дар "Маснавӣ" аксар вақт сурати мунозираро доранд.

Агарчи тамоми қаҳрамонҳо бо тақозои вазну қофия аз як меъёри забонӣ истифода мебаранд, аммо аз ҷиҳати мантиқи ҳоким бар гуфтугӯҳо ҳар қаҳрамон мувофиқи ҳоли худ ба сухан медарояд ва нутқи қаҳрамонҳо дар бисёр маврид айнан нақл мешавад. Ин ҳолат ҳақиқатмонандӣ ва ҷаззобияти қиссаро меафзояд. Намунаи чунин гуфтугӯҳоро дар ҳикояти "Инкор кардани Мӯсо алайҳиссалом бар муноҷоти шубон" метавон дид. Ин ҳикоят дар "Шарҳи "Наҳҷ-ул-балоға" ва "Ҳулят-ул-авлиё" омадааст [6, с.197]. Ироаи гуфтугӯ дар қолаби нутқи айнан нақлшуда ва лаҳни мувофиқи ҳолу мавқеи шахсиятҳо ривояти Мавлоноро аз қаринаҳои он боарзиштар гардонидааст. (Ҳикояти мазкурро ба забони русӣ аввалин бор Лев Толстой тарҷума кардааст ва ба сабаби ҳамин тарҷума миёни ӯ ва роҳибони насронӣ мухолифат сар задааст).

Суханҳое, ки аз забони шубон баён мешаванд, тасвири рӯшане аз содагии ӯ ба даст медиҳанд.

Дид Мӯсо як шубонеро ба роҳ,
К-ӯ ҳаме гуфт: "Эй Худову эй Илоҳ!
Ту куҷоӣ, то шавам ман чокарат,
Чоруқат дӯзам, кунам шона сарат.
Ҷомаат шӯям, шабушҳоят кушам,
Шир пешат оварам, эй муҳташам!
Дастакат бӯсам бимолам поякат,
Вақти хоб ояд, бирӯбам ҷоякат.
Эй фидои ту ҳама бузҳои ман,
Эй ба ёдат ҳай-ҳаю ҳай-ҳои ман" [3, с.160].

Хислати шубон, ки дар монологи қаҳрамон ифода ёфтааст, дар муқоиса бо суханони Мӯсо, ки ифодагари хашми ӯянд, рӯшантар ҷилва мекунад:

Гуфт Мӯсо: "Ҳой, бас мудбир шудӣ,
Ҳуд мусулмон ношуда кофир шудӣ.
Ин чӣ жож аст, ин чӣ куфрасту фушор?
Пунбае андар даҳони худ фишор!
Ганди куфри ту ҷаҳонро ганда кард,
Куфри ту дунёи динро жанда кард [3, с.161].

Дигар усул дар бештар кардани ҳақиқатмонандии асар тасвири хислати қаҳрамон ба воситаи ифодаи андешаҳои ӯст. Нишон додани андешаҳои қаҳрамон нисбат ба лаҳну забони ӯ ба маротиб душвортар ва дар ҳақиқатмонандии қисса таъсиргузортар аст. Дар чунин ҳолат хонанда ҳис мекунад, ки гӯё дар бораи хислату вазъияти қаҳрамон аз манобеи дасти аввал маълумот мегирад.

Намоиши андешаҳои қаҳрамонро дар қиссаи "Омадани расули Рум то амирулмуъминин Умар разияллоҳу анҳу ва дидани ӯ каромоти Умарро разияллоҳу анҳу" [3, с.51-55] метавон дид. Дар ин қисса Мавлоно ҳолати рӯҳии расули Румро ҳангоми дар зери сояи дарахти хурмо Умарро хуфта дидан сараввал аз мақоми шахси сеюм-яъне ровии кулл баён мекунад:

Омад ӯ он ҷову аз дур истод,
Мар Ӯмарро диду дар ларз уфтод.
Ҳайбате з-он хуфта омад бар расул,
Ҳолате хуш кард бар ҷонаш нузул.

Меҳру ҳайбат ҳаст зидди ҳамдигар,
Ин ду зидро дид ҷамъ андар ҷигар [3, с.52].

Баъдан ҳолати ин шахсиятро бо роҳи ироаи андешаҳои ӯ тасвир мекунад:

Гуфт бо худ ман шаҳонро дидаам,
Пеши султонон меҳу бигзидаам.
Аз шаҳонам ҳайбату тарсе набуд,
Ҳайбати ин мард ҳушамро рабуд.
Рафтаам дар бешаи шеру паланг,
Рӯйи ман з-эшон нагардонид ранг...
Бесилоҳ ин мард хуфта бар замин,
Ман ба ҳафт андом ларзон, чист ин?
Ҳайбати Ҳақ аст ин, аз харқ нест,
Ҳайбати ин марди соҳибдалқ нест [3, с.52].

Чунонки аз муқоисаи ин ду қисмат бармеояд, баёни бевоситаи андешаи шахсияти қисса нисбат бо он чӣ дар бораи вай ровӣ мегӯяд, боварибахштар ва таъсиргузортар аст.

Хулоса, қиссаҳои "Маснавӣ" нисбат ба қиссаҳои муштараки он, ки дар китобҳои пешин, бахусус, осори ирфонӣ зикр шудаанд, ҳақиқатмонандиашон бештар аст. Аҳли ирфон то Мавлоно қиссаро фақат барои расонидани андешаи ирфонӣ истифода бурда, ба таносуби сабабу натиҷа, лаҳни қаҳрамон таваҷҷуҳи хос зоҳир накардаанд.

Мавлоно дар ривояти қиссаҳои "Маснавӣ" ба чанд чиз диққат кардааст:

1. Таносуби сабабу натиҷа дар қисса.
2. Дурӣ ҷустан аз мазомини фаровоқеӣ.
3. Далел овардан дар исботи воқеияти каромоти авлиё.
4. Лаҳни мувофиқ бо ҳолу мақоми шахсиятҳои қисса.
5. Тасвири ҷаҳони ботинии шахсиятҳо ва баёни андешаи қаҳрамон дар мақоми аввалшахс.

Ин чанд омил ҳақиқатмонандии қиссаҳои "Маснавӣ"-ро афзуда, тасвири рӯшанеро дар зеҳни хонанда падид меоранд. Дар натиҷа, ҷанбаи таъсирбахшии қиссаҳои "Маснавӣ" қавӣ гардида, амри идрок барои хонанда осон мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор, Фаридуддин. Асрорнома; бо эҳтимоми Саид Содиқи Гавҳарин. - Теҳрон: Заввор, 1384. - 472 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Мусибатнома (бо эҳтимоми доктор Нӯронӣ Висол). - Теҳрон: Заввор, 1338. - 480 с.
3. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии Маънавӣ (бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар). - Теҳрон: Нашри замон, 2001. - 728 с.
4. Ғазнавӣ, Ҳаким Саноӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа; ба кӯшиши доктор Алимуҳаммад Собирӣ. [Захираи электронӣ] www.tarikhnaame.ir
5. Муҳаммад Мунаввар Абӯсаид ибни Абӯтоҳир Асрор-ут-тавҳид фи мақомоти Шайхи Абусаид; бо эҳтимоми Аҳмад Баҳманёр. - Теҳрон: Фардин ва бародар,1313. - 366 с.
6. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодис ва қисаси "Маснавӣ"; тарҷумаи комил ва танзими муҷаддади Ҳусайн Довудӣ. - Теҳрон: Амири кабир, 1361. - 755 с.
7. Шмид В. Нарратология / В. Шмид. - М.: Языки славянской культуры, 2003. - 312 с.
8. Пурномдориён, Тақӣ. Дар сояи офтоб (шеъри форсӣ ва сохтшиканӣ дар шеъри Мавлавӣ) // Сухан, 1380. - 415 с.

ҲАҚИҚАТМОНАНДИИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

Пайранги қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» маҳсули эҷоди Мавлоно набуда, балки аз осори пешиниён баргирифта шудаанд. Аммо қариб дар тамоми қиссаҳои «Маснавӣ» тассарруфоти Мавлоно дида мешавад. Дар бисёр маврид тасарруфот бар қисса бо мақсади тақвият бахшидан ба ҷанбаи ҳақиқатмонандии он сурат мегирад. Яке аз бартариятҳои «Маснавии маънавӣ» низ нисбат ба осори ирфонии қабл аз он таълифшуда дар бештар будани ҷанбаи ҳақиқатмонандии қиссаҳои он аст. Дар мақола бар асоси муқоисаи қиссаҳои муштараки «Маснавии маънавӣ» бо «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа»-и Саноии Ғазнавӣ, «Асрор-ут-тавҳид фи мақомоти Шайхи Абӯсаид»-и Муҳаммад Мунаввар Абӯсаид ибни Абӯтоҳир, «Асрорнома» ва «Мусибатнома»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ роҳу усулҳоеро, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ барои тақвият бахшидани ҷанбаи ҳақиқатмонандии қиссаҳо ба кор гирифтааст, нишон дода шудаанд. Ҳамчунин нақши ҳақиқатмонандӣ дар таъсирбахшӣ ва ҷаззобияти қиссаҳо муайян гардидааст.

Калидвожаҳо: «Маснавии маънавӣ», Мавлоно, қисса, ҳақиқатмонандӣ, шахсияти қисса, пайранг, сабаб, натиҷа, нутқи дохилӣ, лаҳн.

ПРАВДОПОДОБНОСТЬ РАССАЗОВ "МАСНАВИИ МАЪНАВИ"

«Маснави», одна из величайших поэм мира, в литературном обзор кажется повтором. В ней повторяются рассказы, притчи, басни. Но на самом деле "Маснави" представляет пересмотр всех рассказов и притч, которые в ней даны. У Руми, который не создавал своих сюжетов, получается переосмысливание сюжетов, перевоображение, переквалификация методов оценки действия. Во множестве случаев изменение формы и содержания рассказа образуется с целью повышения уровня правдоподобности рассказа. Одним из преимуществ "Маснавии маънави", по сравнению с ирфаническими произведениями, написанными до "Маснавии маънави", является правдоподобность рассказов. В статье автор на основе сравнения некоторых рассказов «Маснави» с их вариантами, приведёнными в «Хадикат-ул-ҳакика ва шариат-ут-тариқа» Хакима

Санои Газнави, «Асрор-ут-тавхид фи макомоти Шайхи Абусаид» Мунаввар Абусаид ибни Абутохира, «Асрорнома» и «Мусибатнома» Фаридуддина Аттора рассматривает методы и приёмы, которые Мавлоно использует с целью повышения уровня правдоподобности рассказов«Маснавии маанави». Так же показывает важную роль правдоподобности в действенности и эффективности рассказа.

Ключевые слова: «Маснавии маанави», Мавлоно, рассказ, правдоподобность, персонаж, сюжет, причина, следствие, внутренний монолог, тон речи.

LIKELIHOOD OF STORIES OF"MASNAVI-I MAANAVI"

«Masnavii maanavi», one of the greatest poems in the world, in a survey sight seems repetition. Stories, parables, fables repeat where. But actually "Masnavi" represents revisionof all stories and parables which are given where. Rumi,whom dose not create his plots, turns out recomprehens and reimaginationof plots.In many cases change of form and contents of story is formed on purpose the eminence extent plausibilityof the story.One of advantages of "Masnavii maanavi" in comparison with mystical product written before "Masnavii maanavi" is shown by likelihood of stories.

In this article the author on the basis of comparison of some stories "Masnavi" with theirs variants resulted in «Hadikat-ul-haqiqa va Sheriat-ut-tariqa» of Hakim Sanoi Gaznavi, «Asror-ut-tavhid fiy maqomoti Shayrhi Abusaid» of Munavvar Abusaid ibni Abutohir, "Asrornoma" and"Musibatnoma" of Fariduddin Attor considers methods and the receptions which Mavlonouses with aim an eminence level of plausibility of stories «Masnavii maanavi». Also the author shows an important role of plausibility in effectiveness and efficiency of the story.

Key word: «Masnavii maanavi», Mavlono, the story, plausibility, the character, a plot, the reason, a consequence, an internal monologue, tone of speech.

Сведения об авторе: ***Гулихандони Маликнеъмат*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, аспирант. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6 г. E-mail: **malikfaridun@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-534-34-69**

Information about the author: ***Gulihandoni Maliknemath*** - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, graduate student. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiyev 17/6. E-mail: **malikfaridun@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-534-34-69**

УДК: 891.550

МАСЪАЛАҲОИ ПЕШРАФТИ ФАРҲАНГӢ АЗ НИГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ

Исроилзода Ф.У.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX Осиёи миёна, хусусан Бухорои амирӣ вазъи ногувори фарҳангӣ дошт. Ҳуҷумҳои паёпайи хонигариҳо ба ҳамдигар ҳазорон инсонҳои олиму фозилро аз миён бурда буд. Махсусан, дар аморати Бухоро баъди ба сари ҳокимият омадани амир Музаффархон масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бисёр коста гашта буд. Мутафаккири барҷастаи тоҷик Аҳмади Дониш ин нуқтаро чунин зикр менамояд:

«***Ва билҷумла дар замони амир Музаффар тафовуте фоҳиш дар аморати Бухоро воқеъ шуд, ки рӯй ба таназзул ниҳод....»*** [1, с.63].

Ҳарчанд ки дар он давра Бухорои амирӣ яке аз марказҳои улум ва тамаддуни исломӣ маҳсуб меёфт, вале дар асл аз дастовардҳои илми замона дур монда буд. Дар мадрасаҳои исломӣ дарсгузарӣ қариб ба куллӣ аз байн рафта буд. Аҳмади Дониш чунин қайд мекунад: ***« Аксар мадрасаҳо ва масҷид аз дарсу намоз таътил ёфта, ҳуҷраоти мадорис коҳхонаи хари обкашу галадони баққол шуда...»*** [1, с.8]. Амир Музаффархон ба андак ҷурм аҳолиро ҳабс менамуд ва ҳангоми пур гаштани ҳабсхонаҳо онҳоро берун бароварда қатли ом мекард. Аҳмади Дониш мегӯяд: ***«Чун маҳбасҳо аз бандӣ пур мешуд, бароварда рама-рама ба қатл мерасонид ва аксар умарои асри падарро ба қатлу мусодара ба хок нишонид...»*** [1, с.21].

Дар чунин давру замони дур аз фарҳанги асил, яке аз мутафаккирони бузург, мунаққиди нуқтасанҷ ва донишманди барҷастаи тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш ибни Носири Бухорӣ ба арсаи ҳаёт қадам ниҳодааст. Азбаски падари Аҳмади Дониш имоми яке аз маҳаллаҳои шаҳри Бухоро буд, тибқи расму урфи аҷдодӣ, ӯро ба яке аз мадрасаҳои шаҳри Бухоро барои таҳсили илм мебарад. Аҳмади Дониш, ки аз хурдсолӣ закӣ ва зирак буд, ба омӯхтани улуми исломӣ ҷаҳду талоши худро ба харҷ медиҳад. Бо мурури замон, танҳо омӯхтани улуми исломӣ ӯро қаноатманд нагардонида, ба илмҳои дигари замонааш низ рағбати зиёд пайдо мекунад. Аз ҷумла, илмҳои риёзиёт, нуҷум, ҳайъат, табииёт, ҷуғрофия, таърих ва фалсафаи Шарқро ба таври мустақил меомӯзад. Омӯзиши илмҳои машҳури зиёд дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ва кор дар дарбори амирӣ Аҳмад Махдуми Донишро ба яке аз шахсиятҳои номдори илмӣ-фарҳангӣ табдил медиҳад.

Дар рисолаҳои илмӣ ва сарчашмаҳои ба тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш бахшидашуда, хизматҳои ӯ ҷиҳати инкишофи ҳаёти адабӣ, андешаҳояш дар соҳаи давлатдорӣ, соҳибкорӣ, маърифатпарварӣ, хештаншиносӣ ва фарҳангомӯзӣ бо далелҳои раднопазир баён гардидаанд. Дар ҳақиқат, ғояҳои пешқадами Аҳмади Дониш дар бораи давлатдорӣ, бунёдкорӣ, фарҳангдӯстӣ арзиши баланд доранд.

Устод Садриддин Айнӣ дар муқаддимаи китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» вазъ ва зарурати ислоҳи мактабу маорифро дар ин қаламрав дар авохири қарни XIX зикр намуда, навишта буд: «***Фақир ҳарчанд то ин дам аз матбуоту адабиёти навин бехабар будам, лекин як орзуи ислоҳи макотибу мадорис дар хотирам нохун мезад ва аз аҳволи ҷории онҳо нафрат доштам. Ин орзу ва ният ба ман ба воситаи мутолиа кардани «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби Аҳмад Махдуми Муҳандис Дониши Бухороӣ ва аз хондани китоби дигаре бо номи «Саёҳатнома»-и Иброҳимбек пайдо шуда буд***» [2, с.22].

Дар ҷойи дигари ҳамин китоб ба ин масъала аз сари нав дахл намуда, пас аз шиносоӣ бо асарҳои Аҳмади Дониш дарк намудани ҳақиқати пешрафти дунё ва пешрафти «ҳақиқати билоди Бухоро»-ро қайд мекунад.

Аз ин нуқтаи назар аён мегардад, ки устод Айнӣ дар саргаҳи ин ҷунбишҳо ва хезишҳои ғоявӣ, ки аз онҳо чун «инқилоби фикрӣ» ном бурдааст, Аҳмади Донишро мебинад. Дар воқеъ, Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар ва фарҳангдӯсту равшанфикри замонаш ҳама соҳаҳои мухталифи иҷтимоиёт, иқтисодиёт, маънавиёт, сиёсат, фарҳанг, маориф, зиндагии рӯзмарраи ҷомеаи давр ва ғайраро ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида, мушкилоту қафомондагии онҳоро равшан намудаву роҳу воситаи беҳсозиашонро ҷустуҷӯ ва ба қадри фаҳму имконаш нишон додааст. Муҳаққиқи тоҷик З. Раҷабов чунин зикр менамояд: ***«Дар эҷодиёти Аҳмади Дониш муҳимтарин масъалаҳои давр, аз қабили танқиди маҳкумкунандаи разолатҳои амир ва амалдорони ӯ, таргиби ислоҳоти тартиботи давлатии аморати Бухоро муносибати Бухоро бо Русия, зиндагонии тоқатфарсои оммаи заҳматкаш ва ақибмондагии маднии он, кӯшиши ба сӯйи тамаддун ва тараққиёт кашидани мамлакат, сабуктар кардани аҳволи вазнини халқ ва амсоли инҳо инъикос ёфтаанд...»*** [3, с.5].

Гарчанде андешаҳои ӯ аз муносибатҳои феодалии аморати Бухоро маншаъ мегиранд ва аз норасоиву маҳдудиятҳои муайяни назариву таҳлилӣ орӣ нестанд, вале онҳо ягона ақидаи пешқадами он давр буданд, ки ба ҷомеа бо назар ва нигоҳи нав баҳо медоданд. Бо ин ҳама Аҳмади Дониш дар замони худ аз фаъолтарин нафароне маҳсуб мешуд, ки тамоми нуқсону камбудиҳои аморатро фош ва бе ягон тарсу ҳарос баён менамуд. Муҳаққиқи дигари тоҷик А. Ҳайдаров зикр мекунад: ***«Нахустин мутафаккире, ки орӣ аз тарсу ҳарос пайи ислоҳи низоми маорифи мулки хеш ва умуман пайи ислоҳи аморат барҳост, ин ӯроқ Аҳмад Махдуми Дониш буд. Ӯ ба равияи маорифпарварӣ асос гузошта ҳамфикрон ва пайравони зиёдеро аз дохили зиёиёни пешқадами замон муттаҳид сохт. Онҳо мекӯшиданд роҳҳои пешрафти илму фарҳанг ва маорифро пайдо намоянд...»*** [4, с.21].

Бо ғояҳои пешқадами худ ӯ фикру андешаи ҳамзамононашро дар мавриди ҷомеаи дар таназзулмондаву хобрафтаи Бухорои амирӣ ҷунбишу такон додааст ва онҳоро ба бедориву худогоҳӣ хондааст. Аз омӯзишу мутолиаи осори гаронбаҳои мутафаккир маълум мешавад, ки ӯ бисёре аз масъалаҳои зарурии дарбори аморати Бухороро аз назар ва равишу усули нав ба риштаи таҳқиқу мулоҳиза кашидаву қабоҳату разолат ва ноадолатии онро нишон додааст ва бо ҷуръату ҷасорати бемонанд онро зери тозиёнаи танқид гирифтаву ислоҳашро талаб кардааст. Муҳаққиқи тоҷик Ш.Абдуллоев дар ин мавриди чунин қайд менамояд: «***Танқиди устод Аҳмади Дониш аз ҷаҳолат, ақибмондагии сиёсию маданӣ, психологияву хурофоти динӣ ва ғайраи Осиёи Миёна он қадар бепардаву ошкоро, он қадар кӯбандаву бетараҳҳум ва тунду тез аст, ки кас аз ҷасорат ва фошгӯиҳои ӯ дар ҳайрат мемонад. Ин ҳама нишондиҳандаи дараҷаи нафрати вай ҳамчун маорифпарвар ва рӯшанфикр нисбат ба тартиботи истибдодӣ ва ҷаҳолату разолати ҳокимияти мангитиён мебошад***» [5, с.139].

Дар баробари чунин ақидаҳои пешқадами иҷтимоию сиёсӣ ва маорифпарварию фарҳангияш, Дониш дар кишварҳои Шарқи исломӣ аз аввалин донишмандонест, ки андешаҳои шахшудамондаи асримиёнагиро дар мавриди бисёр мавзӯъҳои доғи рӯз, ки дар адабиёти фалсафиву фарҳангӣ ва бадеӣ қолабҳои хосси худро доштанд ва касе берун аз онҳо фикри дигареро аз сар намегузаронид, шикаста, ин масъалаҳоро ҳамчун мавзӯи муҳим ва мубрами рӯзмарраи ҷомеа ба миён гузоштааст.

Яке аз чунин масоили муҳим масъалаи фарҳангӣ, хусусан фарҳанги ақибмондаи аморати Бухоро мебошад. Ӯ ҳарчанд таълим гирифта ва хатмкардаи мадориси Бухоро бошад ҳам, вале тарзу усул ва равиши омӯзиши дурусти он мадорисро намеписандид ва аз овони хурдию ҷавонӣ ба ин гуна тадрис ва таълим нафрат дошт ва ҳамеша як роҳи тағйир додани онро ҷустуҷӯ мекард. Илмомӯзӣ ва таълиму маориф, ки яке аз шохаҳо ва решаҳои

ҷудонопазири фарҳангӣ маҳсуб меёбад, дар замони Аҳмади Дониш дар ҳуҷраҳо амалӣ мегашт, ки ӯ ин тарзи дарсгӯии муаллимонро чунин ба қалам медиҳад:

«***... Ман аз улуми русум (расмӣ) ба қадри вуқуф ба арабият (забони араб)...иктифо.... намудам ва дарс ва тадрис ва гирд овардани шогирдонро билмарра (тамоман) кореҳ будам (ногувор мешумурдам) ва ба ҳоли устодоне, ки пеши онҳо таламмуз мекардам (дарс мехондам), тараҳҳум меовардам (раҳмам меомад), ки «иноро чӣ доия (бар ин ташвиш ва гавго) розӣ дошта?» манофеи дунявӣ ва ухравии эшонро аз китобҳо меҷустам, ҳамаро дар хусрон (гумроҳӣ) ва зиён медидам ва дар ташхиси маонии ваъдаҳо, ки дар фазилати илм ва аҳли он омадааст, мутараддид мешудам (дар шак меафтодам), ки «ал-илму изз-уд-дунё ва шараф-ул-охира- илм иззати дунё ва шарафи охират аст» гуфтаанд, мурод аз ин илм кадом илм бошад? Ҷамъ омадани муҳмале чанд нодон, беадабона ва нофаҳмида гавго бардоштан ва ҳар сари чанд гоҳе чанд табақ мавиз ва ҳалво ва танга, ки аз толибилми фақир (қашшоқ) ситонанд ва ба устоз диҳанд ва вай ба шодӣ ва фараҳ дар киса кунад.....***» [6, с.706].

Аз ин нуқтаи назар маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш бо ин андешаҳояш барои дигаргун намудани тарзу усули дарсгузарӣ ва ба ин васила дигар намудани шаклу навъи маориф ва фарҳангу тамаддуни Бухорои амирӣ камари ҳимат бастааст ва ин андешаҳои ӯ барои ба мақсаду мароми воқеӣ расидан зинаи аввалин маҳсуб мегардад. Аҳмади Дониш дар давоми андешаронии худ, дар ин маврид баён намудааст, ки устодони фунуни мадориси аморати Бухоро аз сабаби пургӯии бемурод хастаҳолу дилмурда мегаштанд, ҳатто ҳангоми дарс аз ҷойи хеш намеҷунбиданд ва ба берун баромадаву ҳаракат карда наметавонистанд ва аз саҳар то бегоҳ рӯзи худро ба ғавғову ғулғула мегузарониданд ва рӯз то бегоҳ дар дохили синфхона чун зиндонӣ рӯз мегузарониданд. Аз нуқтаи назари мутафаккир аён мегардад, ки дар ҳақиқат ба аҳволи чунин устодон раҳми шахс меояд ва дар андеша меравад, ки ба гуфтаи Аҳмади Дониш «оё ҳамаи он машаққатҳояшон» барояшон муфид аст ё зарар? Ӯ дар давом чунин мегӯяд: «*...**Билҷумла (хулоса) ин андешаҳо маро аз ҳифзи дарс... Монеъ меомад... Чун чашми ман бар зоҳир боз буд, ҳамаи аҳли зоҳирро аз машоихони фиребгар медидам ва уламоро ришватхор....***» [6, с.711].

Чунонки донишманд зикр менамояд, ин тарз ва усули дарсгузарӣ барояш нописанд буд ва ҳамеша як роҳи дигаргункунии онро ҷустуҷӯ менамуд.

Аҳмади Дониш се маротиба ба Санкт-Петербург сафар менамояд. Ин сафарҳои пайдарпайи ӯ барояш бетаъсир наемонанд. Пас аз ба Санкт-Петербург расиданаш, чигунагии фарҳанг ва пешрафтагиву тараққиёти давлатҳои мутараққиро бо чашми худ мушоҳида менамояд. Ҳангоми тасвири дастовардҳои иншоотиву меъмории Русия, қасрҳову кӯшкҳои муҳташам, биноҳои зебои теотру музейҳо, боргузории маҷлису намоишҳо ва иштироки занони бофарҳангу озодандеш, ки баробари мардон дар он маҷлису маҳфилҳо ширкат меварзиданд ва бо озодӣ, рӯкушодӣ, заковат, маданияти муносибат ва ҳунару истеъдодашон ҳамагонро мафтуну ҳайрон менамуданд, мавриди таърифу тавсифи Дониши равшанфикр қарор мегиранд.

Аз ҷумла, ӯ иштирокашро дар маҷлисе, ки барои истиқболи меҳмонон императори рус дар Петербург баргузор намуда буд, тасвир намуда, аҷоиботу таъсирот ва ҷолибияти диққаташро бо дидани пешрафтагиву тараққиёт чунин баён менамояд: ***«Ва билҷумла шабе мутарҷим аз қибали вазир омада моро ба маҷлисе «Сурония» ном таклиф намуд. Бо чаҳор нафар дар он базм рафтем. Ва он маҷлисе будааст муҳтавӣ бар машоҳири хавотини муаззама ва маҳфиле муштамил бар маориф ва хавотини муҳтарама аз руасои Русия ва маҷмаъе пур аз занони моҳрухсору дӯшизагони тазарврафтор ва ҷавонони сарвқадду гулъизор ва гулписарони хушедхад. Дар иморате рафеъ ва манеъи олии зарандуд даромадем, мабнӣ бар хонаҳо ва ҳуҷароти бисёр ва дарҳои ойинакорӣ ва аз ҳама дарҳо пардаҳои ҳарир фурӯҳишта муштамил ба кату каровати зарнигор ва зуруфу авонии тиллову нуқра, касталу санодили махмалгирифта ва ба ҳама хонаҳо қанодили тиллову нуқра ва булӯрӣ овехта ва ба ҳар деворе аз муқобилу паҳлу шамъдонҳое чандсара ва ойинаҳои ситабри бузур баробари қади одамӣ ниҳода. Ҳама деворо ва сақфу фарш мусаввару музайян ба нақшҳои аҷиба ва суратҳои ғариба…»*** [6, с.261].

Ӯ дар давоми андешааш аз чигунагии иштироки занони соҳибмаърифату бофарҳанг зикр намуда, таъсироти онро чунин зикр менамояд:

«***Дар ин маҷлис дидем моҳруёни садафтинату сарвқадони офтобталъат ҳамчун товуси нигорин ба ҳар тараф мехиромиданд ва чун гизоли маст ба ҳар самт мечамиданд. Ва ҳар кадом чандин либоси ҳарир пӯшида, ки бадани нозанини эшонро ҳоил намешуд ва худи баданҳо низ аз гояти назокату шаффофӣ ба дигаре сотир намегашт. Гуё, эзиди таоло пайкари онҳоро аз оби соф, ё обгинаи шаффоф сиришта....»*** [6, с.262].

Дар ҳақиқат, Аҳмади Дониш худ, ки аз аҳли Бухоро буд, чӣ тарз зиндагонӣ намудани аҳолии он ҷоро ба хубӣ медонист ва аз улуми исломӣ ба хубӣ бохабар буд. Дар аморати Бухорои онвақта занону духтарон канизону хизматгорони амирони аморат маҳсуб

мешуданд. Ин андешаро мутафаккир чунин баён мекунад: «***худи Амир Музаффар нафаронеро таъйин намуда буд, ки «....ҳар ҷо дӯшизае (духтари бокира) бошад, дарк кунанд ва ба давлатхона бибаранд, то султон тасарруф кунад, пас агар баъд аз ӯ ҳар киро майл ба издивоҷу имтизоҷи зан афтад, бояд ки дар ин давлатсаро эълон кунад, то аз давлатхона зане номзади ӯ шавад»*** [1, с.50].

Мутафаккир бо нафрати том ва бадбинии беанҷом зикр менамояд, ки амир ҳар дӯшизаеро, ки мехост аз они худ намояд, фармон медод ва навкарону аскаронаш онро гирифта меоварданд. Пас аз анҷоми кор ва ба мақсади бетарбиятии худ расидан, эълон менамуд, ки ҳар киро майли занест ба давлатсаро муроҷиат намояд. Аскарону навкарони бадахлоқаш низ бо шунидани ин гуна эълон ба сӯйи давлатсаро медавиданд. Аз ин ҷиҳат мардон онҳоро аз табақаҳои дуюмдараҷа маҳсуб менамуданд ва ё ба тарзи матоу коло муносибат мекарданд. Аҳмади Дониш, ки дар он маҷолису маҳофили дар Петербург баргузор гардида, ки дар он ҷо бо дидани занҳои хушқаду қомат ва озодандешу саҳмгузор дар ҳайрат монда, гумон мекард, ки ин гуна халқиятро Худои таоло аз нуру оби соф офарида бошад. Мавриди зикр аст, ки ин андешаи Аҳмади Дониш айни ҳақиқат буд, зеро озодии миллату халқият ва занону мардони озодандешу баробарҳуқуқи он ҷойҳоро бо муқоиса намудани аҳолии ақибмонда ва бехабар аз фарҳангу маданияти меҳмоннавозӣ ва занони машаққатдидаву канизгаштаи амир ва мардони ҷафодидаву чун ғулом гаштаи аморати Бухоро барояш бисёр тааҷҷубовар менамуд.

Мутафаккир ин лаҳзаҳои қабули меҳмононро тасвир намуда, ниҳоят ба лаҳзаи ворид гардидани сафирони аморати Бухоро, ки худаш дар ҳайати онҳо низ буд ва ҳама бо сару либос, мӯю риш ва андоми ногувор оро ёфта буданд, мепардозад ва ин манзараро хиҷолатмандона бо санъати баланди таҷоҳули ориф чунин ба қалам медиҳад: ***«Мо ҳама ҷамъе даҳон кушодаву чашмҳо боз монда мутаҳайир, ки «Ин чӣ ҷосту кучост?!... Он паривашон мутаажҷиб, ки ин гулон дар (ин) маҳфили рӯҳониён чӣ навъ даромадаанд ва девон бо париён чӣ шакл мумтазиҷ гашта?!», ба рӯйи мо тез медиданд ва ба аҷобати либосу ҳайати мо механдиданд. Ва мо ҳамчунон мутаҳайир ва бешуурона қадаме пеш мениҳодем ва ҷойи рафту нишасти (худ) намедонистем. Дар ин асно дасти булӯрӣ ба синаи мо меомад барои дурбош, ки «ҳало эй ифритиёни одамисират ва эй одамони ҳайвонсират, дониста пой ниҳед, ки домани нози мо ба ранги чатри товус замин кашон аст. Ва мо ҳар яке ба шакли товус масту хиромон, то домани моро ба пойи ноҳанҷори худ магазед ва ба қудуми шуми худ маёлонед! ….Тавозуъкунону ларзон қадаме чанд ақибтар мениҳодем, ҳам дар ин ҳол мушти нозанине ба пушти мо мехӯрд, ки «ҳон, эй бехирадон, таваққуф варзед ва воқиф бошед, ки бари симгуни мо ба барги гул ноз дорад, то ба хори мақдами нуҳусаттавъами худ мадарронед!***

….Саросема ба ақиб менигаристем... ба ранги бузинагон тамаллуқе мекардем ва ба даҳону забон ба ангушт ишора медодем, ки «мо безабонем ва аз саҳро расида говон ва ба русуму услуби шаҳри шумо нодонон, маъзурамон доред» [6, с.263-264].

Воқеан, барои ифодаи лаҳзаҳои ногувор аз вазъу аҳволи хеш ва бо чунин лаҳну забони тез қудрати худбаҳодиҳии воқеӣ, ҷуръату ҷасорат ва хиради ҳақиқатбинро, дар ҳузури императори шоҳигарии Русия талаб менамояд ва ин донишманди бузургу нуқтасанҷ аз доштани чунин ҷасорату фасоҳат орӣ набуд. Ба ибораи дигар гӯем, барои шахсе, ки аз як минтақаи дур аз фарҳанг ба маконе равад, ки он ҷо аз фарҳангу маданият ороста гашта бошад ва дар он ҷо ӯро ҳамчун шахсияти дур аз фарҳанг муносибат кунанд ва инро қабул кардан барояш хеле мушкил аст ва ин ҷасорати басо ҳаққониро талаб менамояд, ки ин гуна ҷасоратро Аҳмади Дониш доро буд, зеро гуфтаҳои боло далели раднопазир ва равшани он мебошанд.

Дар ин ҷо таваҷҷуҳи Аҳмади Донишро санъати шаҳрсозӣ, фарҳангу анъанаи шаҳрӣ, озодиву баробарии аҳолӣ, хоссатан занон ва маданияти онҳо дар маҳфилҳо ва иштироки онҳо дар маъракаҳои сиёсии ин кишвар ва ғайраҳо ҷалб менамояд ва бо ин таваҷҷуҳнамоии мутафаккир равшан мешавад, ки бешубҳа аз озод будани ӯ аз таассубу хурофоти динӣ ва озодандешии ин маорифпарвари воқеъбину бедор гувоҳӣ медиҳад. Зеро ӯ дар муҳите ба дунё омадаву дар замоне зиндагонӣ намудааст, ки пур аз ошӯбу талотӯби мардумӣ ва дур аз фарҳангу аъмоли писандидаи инсонӣ буд. Ӯ бо дидани ҳама гуна навгониҳои кишварҳои мутараққӣ ва озодиву озодандешии мардуми он мамолик, ҳамзамон дур будани занон аз зӯргӯиҳову маҷбурсозиҳои мардон ва муомилоту муносибатҳои хубу меҳрубононаи мардуми он ҷо нисбати меҳмонон дар ҳайрат монда, чунин тараққиётро барои Бухорои амирӣ низ орзу менамуд.

Аҳмади Дониш, ки яке аз нафарони барҷаста ва намоёни дарбори аморати Бухоро буд ва чун шахсияти пешбар ва баёнгари ҳолатҳои аморат ба ҳайси сафир берун аз Бухорои амирӣ сафар карда буд ва ба хубӣ аз аҳвол ва чигунагии амирони аморат ва арбобону ходимони он ҷо огоҳ буд, пас аз бо императори шоҳигарии Русия мулоқот

намуданаш ва ба тарзи софдилонаву меҳрубонона пешвоз гирифтани намояндагони давлати Русия, андеша мекарду дарбориёни аморатро пеши назараш оварда, онҳоро ба аҳли шоҳигарии Русия қиёс менамуд. Аз назари ӯ подшоҳони ҳар мамлакат бояд хидматгузор ва ҳоҷатбарори мардуми он бошанд, на зӯргӯю зулмовари халқу раияташон. Дар ин андеша ӯро дидани озодиву бофарҳангӣ ва оромиву баробарии аҳли дарбори шоҳигарии Русия водор менамуд. Ӯ андеша менамуд, ки подшоҳ ва ё ҳар касе, ки намояндаи давлате мебошад бояд инъикос намудани фарҳангу маданияти давлату миллаташро бар уҳда дошта бошад, зеро подшоҳон ҷуз ин вазифа чизи дигареро муваззаф нестанд. Аҳмади Дониш андешаҳояшро дар ин маврид чунин ба қалам додааст: «***подшоҳ филҳақиқат муздур ва ходими фуқарост, чунон уи агар дар қария (деҳа)-е аз галабаи дуздон ва шарирон (бадкирдорон) хавф бувад ва мардум шахсро ба қаровулӣ ва нигаҳбонӣ иттихоз кунанд (гиранд) ва мутасаддии обу нонаш шаванд, то шабро пос дорад ва бедор нишинад ва мутасаддии дафъаи хасм гардад, инчунин раоё (раияҳо) тафвиз ва таслими ушру хироҷ ва закот ба султон мекунанд, барои он аст, ки «нигаҳбонии мо кун ва оби моро бирасон ва роҳҳои моро аз ашроф (роҳзанон) пок дор, то моро фарогат бошад ва агар ту фориғ нишинӣ ба мо фарогат кучо даст диҳад***» [7, с.721].

Ба андешаи мутафаккир, қудрат ва қуввати салотину умаро бояд бар хидмат намудан ва ҳоҷатбарор будан нисбат ба аҳолӣ ва раъиятҳои хеш истифода шаванд, на бар зулму ситам ва зӯроварӣ намудану хор гардонидани аҳлу халқияташон. Ӯ дар замони дар дарбори амир буданаш мутаваҷҷеҳ мешуд, ки амирон бисёре аз вақтҳои худро бо гузаронидани айшу ишрат ва беҳудагӣ сарф менамуданд ва барои маданияту фарҳанг ва пешравии мамлакату раҳоӣ аз машаққату дармондагии мардуми хеш парвое надоштанд. Донишманд ходимону мулозимони дарбори амирро шахсиятҳои бемасъулу ҷоҳил меҳисобад ва онҳоро дур аз фарҳангу маданияти меҳмоннавозиву одоти мардуми пешрафтаи ҷаҳон мепиндорад. Ӯ пас аз сафари ба Санкт-Петербург кардааш ва муносибати мулозимону ходимони дарбори шоҳигарии Русияро мушоҳида карданаш, дар қиёс бо аҳли дарбори аморат чунин менависад: «***Ҷамъияти ин табақа дар даргоҳи мулук (подшоҳон) ҳам аз он аст, ки эшон аз камоли коҳилӣ (танбалӣ) ва касолат (сустӣ) диданд, ки аз саранҷоми ҳеҷ кор барнамеоянд ва дар гузориши пешаҳо аз ақли ҷузвии андак чора нест ва он ақл дар зоти эшон мафқудуласар аст (асари ақл ҳам дар онҳо нест), гумон карданд, ки нони муфт дар хизмати султон аст, чунки хизмати султон мунзабит нест (бетартиб аст) ва ҳар кас он ҷо равад соҳиби аспу ҷома хоҳад шуд ва асперо савор шудан ва ба дорулумаро (даргоҳи амир) рафта саломе доданро ҳар лояъқиле (ҳар беақле) саранҷом тавонад дод, ё ҳамроҳи муддаӣ (даъвогар) ва муддаоалайҳ (ҷавобгар) ба деҳе баромадан, ки қатъи низои ҳасмайн (тарафайн) голибо (аксар) ба воситаи амин ва арбоб бувад коре саъб (сахт) ва душвор набувад...***» [7, с.713-714].

Мутафаккир дар давоми суханаш аҳли дарбори амирро ашхоси ҷоҳилу нотавон меҳисобад. Ба андешаи ӯ шахсиятҳои аҳли дарбор барои рӯзгузаронӣ ва тамаъварзӣ хизмати амирро ихтиёр намуда, то ҳадде бесавод ва бемасъулият мебошанд, ки ҳатто аз уҳдаи ба амир машварат додан низ намебароянд. Аҳмади Дониш ходимони аҳли дарборро афроди номуносиб ҳисобида менависад: «***Давлатхоҳӣ ва ҷонсӯзии ин табақаи ҷоҳил то он ҷост, ки агар шаҳр оташ гирад ва хонаҳо барафтад, султон аз ҳарамсарой тафаррус кунад (пай барад), ки дар шаҳр гавғое афтода, бӯйи дуд ба машом мерасад, арз кунанд, ки: «ҳеҷ гоилае (фалокате) нест, кулолон оташ дар хумдон ниҳоданд ва ин шуълаи онҳост!»***« [7, с.714].

Албатта, ин ҷо ҳақ ба ҷониби мутафаккири бузург аст, ки бо доштани чунин афроди масъулиятношиносу танбал ҳеҷ кишваре пешрафта ва ё соҳиби фарҳангу маданият шуда наметавонад. Донишманд дар давоми андешааш мегӯяд: «***...Ва дар диёре, ки аз рафтани султон ва аскария ба сутӯҳ омада (танг шуда) ва поймол гашта, гӯянд: «чашми мардуми он диёр дар роҳ аст ва интизори мақдами (қадамгузории) султонӣ мебаранд....***» [7, с.715].

Ба андешаи мутафаккир подшоҳ, ки ходими мардумаш бошад, пас ходимону аҳли дарбори вай низ дар пайи хидмати мардум ва баровардани ҳоҷоти эшон бошанд.

Албатта, Аҳмади Дониш ҳамеша орзу менамуд, ки дар як мамлакати пешрафтаву соҳибфарҳанг ва бо маданияти ором зиндагонӣ намояд, зеро дар он давр аморати Бухороро қиёс бо ин орзуяш бисёр ақибмондаву нобасомон меҳисобид. Ин андеша ва орзуи мутафаккирро устод Айнӣ чунин менависад: «***Аҳмад Махдум дар он вақт ҳеҷ гоҳ мамлакати беподшоҳро тасаввур намекард ва тасаввур карда ҳам наметавонист. Ниҳояти орзуи вай мамлакатдории подшоҳноки боинтизом буда, дар ин хусус сармашқи ӯ давлати Русия буд, ки вай дар тамаддун, дар интизом ва дар тараққӣ ҳазор дараҷа болотар аз мамлакатдории амири Бухоро буд.***

Ин фикрҳо ва андешаҳои ӯ дар шароити амирии онвақтаи Бухоро, ки на танҳо дороии мамлакат, балки марду зани тамоми аҳолӣ ҳам гулом ва канизи шахси амир шумурда мешуд, хеле фикри олӣ буд» [8, с.456].

Аҳмади Дониш, чунончи дар боло зикр кардем, аз тамоми он ҳиссиётҳои шахсию нафсии хеш рӯй гардонида, танҳо қувваи фикрӣ ва иродаи мустаҳками ислоҳотхоҳиашро барои амалӣ намудани мақсадаш, ки пешбурд ва пешрафти мамлакату миллат мебошад, сарф намудааст. Бо ин вазъ метавон зикр намуд, ки шахсияти Аҳмади Дониш барои бардавомии миллату давлаташ, хусусан дигаргуншавии фарҳангу тамаддуни аморати Бухорои онвақта нуқтаи ҳассосеро ифода намудааст. Ӯ пайдо гаштани нафраташро нисбат ба бефарҳангии аморат, дар рафтани мамолики пешқадам дониста, қайд мекунад: ***«Ва ғалабаи ин фасод дар тинати ман баъд аз эҳрози фазоили муктасабӣ ва рафтан ба сафарҳои изтирорӣ ва дидани давлатҳои бузург аз салотин ва муосири онҳо дар назми ҳунарпарварӣ, дар димоғи ман мутамаккин шуд...»*** [9,с.187].

Агар андешаҳои ислоҳотҷӯиву тамаддунхоҳӣ ва доштани орзуи маданиятхоҳии ин мутафаккирро ба таври амиқ баррасӣ намоем, мебинем, ки озодандешию ҳақиқатҷӯии ӯ дар мавриди масоили иҷтимоии муҳити фикрии Бухорои ғафлатзада худ як маҳорат ва қадамгузории устуворе барои эҷод намудани фарҳанги навин шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, дар атрофи масъалаи бохабар будани ӯ аз улуми исломӣ ва як шахси мутадайин ва эътиқодманди таълимоти динӣ буданаш, бар хилофи муқаррароти он рафта, ҳамеша сабабҳои қафомондагии кишварҳои Шарқ ва махсусан аморати Бухороро, аз роҳи меъёрҳои ақлонӣ ва дур будан аз тамаддуни ҷаҳонӣ меҳисобад. Аз ин нуқтаи назар муайян намудан мумкин аст, ки ба андешаи мутафаккир тарзу усули дарсгузариҳо дар мадориси Бухорои онвақта номуносиб будааст. Аз назари ӯ, пайванду побанд будан дар тариқаи хосси динӣ, яъне шахсияти ба зоҳир мутадаййин, вале дар ботин дигаргуна будан нишонгари дурӯягиву бемаданиятӣ мебошад ва барои фиреби мардум ва ситонидани молу амволи эшон истифода карда мешавад. Ӯ барои пешрафтатар гаштан ва соҳибфарҳангу маданиятнок шудан бояд аз улум ва русуми берун аз мадориси Бухороро меписандад. Ӯ пешрафту нумуи кишварҳои мутараққӣ, махсусан кишварҳои ғарбро на аз қазои илоҳӣ, балки аз тараддуду кӯшиш ва ғайрату талаби ҷомеа ва шахрвандонаш дар роҳи илм ва дар ҷодаи истеҳсолот медонад. Инчунин, ҳамаи андешаҳои ӯ дар мавриди ислоҳотхоҳӣ ва мутараққӣ намудани мамлакат, аз дидани фарҳангу тамаддун ва пешрафти ҷаҳони Ғарб, махсусан Русия, пайдо гашта буд. Муҳаққиқи тоҷик Р. Ҳодизода мегӯяд: ***«Ташаккул ва мағзи асосии афкор ва андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ба таъсири маданияти рус ва ба воситаи маданияти рус ва ба таъсири ақидаҳои пешқадами мутафаккирони Аврупои Ғарбӣ вобастагӣ дошт...»*** [10, с.11].

Дар замони Аҳмади Дониш ҷангу ҷидол байни шоҳигарии Русия ва аморати Бухоро сурат гирифта буд ва дар он вақт маълум гашт, ки Бухорои амирӣ то чӣ андоза аз пешрафту фарҳанг ва тараққиёт дур монда будааст. Муҳаққиқи тоҷик М. Шукуров менависад: ***«Ҷанги Бухоро ва Русия, ки ақибмондагӣ ва бенизомии Бухоро аввалин бор он гоҳ маълум шуда буд, боиси бедории як қисми зиёиён гардида, онҳоро ба фикру мулоҳиза маҷбур кард..... яке аз ҳамин навъ одамон Аҳмади Дониш буд, ки чашми ӯ дар вақти сафарҳои Русия кушода шуд...”*** [11, с.30-31].

Аз ин нуқтаи назар аён мегардад, ҳамаи андешаҳои ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш аз дидани фарҳангу тамаддуни ҷаҳони Ғарб, хосса Русия, қувват мегирифтааст. Бо ин ҳама ӯ тавонистааст, ки ҳамчун як фарди ватандӯсту ғамхори миллат барои дигаргунсозии тарзи мамлакатдорӣ ва ба сӯйи тараққиёт кашидани он, ислоҳи маориф ва тамаддуну фарҳанг ва осоиштагии аҳолии худ саҳме гузорад.

Ҳамин тариқ, нуқтаи назар ва андешаҳои мутафаккири барҷаста Аҳмади Донишро дар мавриди ислоҳотҷӯйӣ ва доштани фарҳанги намоёну тараққиёти ҷомеаи ондавра, ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки ба қавли устод Айнӣ ин доҳии модарзод ва мутафаккири озодандеш бо вуҷуди дороии андешаҳои аниқ ва амиқ, ҳамзамон равшанфикрияш дар саросари мамолики Шарқи исломӣ аз аввалин донишмандонест, ки ба таври мубрам масъалаи мушкилот ва қафомондагии мамлакатро мадди назари ҷомеа гузоштааст, инчунин аз аввалинҳое мебошад, ки барои ислоҳи он роҳи чора ҷуставу назароти манфиатбахш баён намудааст. Дар он муҳити тираву тори муносибатҳои феодалӣ мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиву маданиятиро матраҳ намуда, роҳу восита ва усулҳои ислоҳи масъаларо ҷустуҷӯву пешниҳод намудааст. Ӯ баробарии халқият ва подшоҳу ходимони онро муносиб дониста, дар ҷомеа ҳамаро баробару яксон меҳисобад. Ба андешаи донишманд, агар дар ҷомеа ҳама яксону баробар бошанд ва султону вузаро барои ҳалли мушкилоти раияти хеш камари ҳиммат бубанданд, ҷомеа ҳам пешрафта мегардад ва ҳам аз ҳар гуна таҳдиду нобасомониҳо эмин мемонад.

Аҳмади Дониш шахсияти воломақоми ҳам ҷомеаи онвақта ва ҳам ҷомеаи имрӯзаи миллати тоҷик мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. - Душанбе: Сарват, 1992. - 180 с.
2. С. Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Техрон: Суруш, 1381 ҳ.ш. - 272 с.
3. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш / З.Ш. Раҷабов. – Душанбе, 1964. - 307 с.
4. Ҳайдаров А. Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш / А.Ҳайдаров. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 159 с.
5. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ / Ш.Абдуллоев. - Душанбе, 1994. - 152 с.
6. Аҳмади Д. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. - Душанбе: Дониш, 2017. - 462 с.
7. Аҳмади Д. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. - Душанбе: Дониш, 2017. - 955 с.
8. С.Айнӣ. Ёддоштҳо. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – 1962. - Ҷ.7. - 648 с.
9. А.Дониш. Асарҳои мунтахаб. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. - 286 с.
10. Р.Ҳодизода. Аҳмади Дониш. - Душанбе, Ирфон, 1976. - 293 с.
11. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявии бадеии Ёддоштҳои Айнӣ / М. Шукуров.- Душанбе: Дониш, 1966. - 246 с.

МАСЪАЛАҲОИ ПЕШРАФТИ ФАРҲАНГӢ АЗ НИГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои пешрафти фарҳангӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Нуқтаи назар ва андешаҳои мутафаккири барҷаста Аҳмади Донишро дар мавриди ислоҳотчӯйӣ ва доштани фарҳанги намоёну тараққиёти ҷомеаи ондавра, ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки ба қавли устод Айнӣ ин доҳии модарзод ва мутафаккири озодандеш бо вуҷуди дороии андешаҳои аниқ ва амиқ, ҳамзамон равшанфикрияш дар саросари мамолики Шарқи исломӣ аз аввалин донишмандонест, ки ба таври мубрам масъалаи мушкилот ва қафомондагии мамлакатро мадди назари ҷомеа гузоштааст, инчунин аз аввалинҳое мебошад, ки барои ислоҳи он роҳи чора ҷуставу назароти манфиатбахш баён намудааст. Дар он муҳити тираву тори муносибатҳои феодалӣ мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиву маданиятиро матраҳ намуда, роҳу восита ва усулҳои ислоҳи масъаларо ҷустуҷӯву пешниҳод намудааст. Ӯ баробарии халқият ва подшоҳу ходимони онро муносиб дониста, дар ҷомеа ҳамаро баробару яксон меҳисобад. Ба андешаи донишманд, агар дар ҷомеа ҳама яксону баробар бошанд ва султону вузаро барои ҳалли мушкилоти раияти хеш камари ҳиммат бубанданд, ҷомеа ҳам пешрафта мегардад ва ҳам аз ҳар гуна таҳдиду нобасомониҳо эмин мемонад. Аҳмади Дониш шахсияти воломақоми ҳам ҷомеаи онвақта ва ҳам ҷомеаи имрӯзаи миллати тоҷик мебошад.

Калидвожаҳо: Аҳмади Дониш, андешаҳои мутафаккири барҷаста, пешрафти илму фарҳанг, масъалаи мушкилот ва қафомондагии мамлакат, мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиву маданиятӣ, ислоҳот.

ПРОБЛЕМЫ КУЛЬТУРНОГО РАЗВИТИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АХМАДА ДОНИША

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению проблемы культурного развития таджикского народа с точки зрения Ахмада Дониша. Подытожив взгляды и точку зрения Ахмада Дониша по проблемам реформирования системы образования того времени можно констатировать тот факт, что, как писал великий Садриддин Айни, этот врождённый лидер и свободомыслящий просветитель имея точные представления и взгляды, своим просвещенностью и интеллегентностью стал смело и бесстрашно излагать реалистическую картину состояния просвещенности и его отсталость во всем мусульманском Востоке. Ахмад Дониш, как мыслитель и просветитель, был недоволен системой обучения и воспитания, и особенно, существующими «методами» воспитания того феодального периода. Воспитательные и просветительские взгляды Дониша приобрели известность и служили руководством не только для его современников, но и для последующих поколений просветителей. Ахмад Дониш, будучи убежденным реформатором и просветителем своего времени, видя недостатки и изъяны общества в неправильных методах и принципах воспитания, предложил новые пути воспитания, связанных с коренным преобразованием образования.

Ключевые слова: Амад Дониш, размышления великого просветителя, развитие науки и культуры, проблемы отставания страны, социально-политические и культурно-просветительские проблемы, реформы.

PROBLEMS OF CULTURAL DEVELOPMENT FROM THE POINT OF VIEW OF AHMAD DONISH

In this article, the author has examined the problems of the cultural development of the Tajik people from the point of view of Ahmad Donish. Summing up the views and views of Ahmad Donish on the problems of reforming the education system of that time, it can be stated that, as the great Sadriddin Aini wrote, this innate leader and free-thinking educator, having accurate ideas and views, with his enlightenment and intellectuality began to boldly and fearlessly present a realistic picture states of enlightenment and its backwardness throughout the Muslim East. Ahmad Donish, as a thinker and educator, was dissatisfied with the system of training and education, and especially with the existing “methods” of upbringing that feudal period. Donish's educational and enlightening views have gained fame and served as a guide not only for his contemporaries, but also for subsequent generations of enlighteners. Ahmad Donish, being a staunch reformer and enlightener of his time, seeing the shortcomings and flaws of society in the wrong methods and principles of education, suggested new ways of education associated with the fundamental transformation of education.

Key words: Amad Donish, reflections of the great enlightener, development of science and culture, problems of the country's lagging behind, social, political, cultural and educational problems, reforms.

Сведения об авторе: ***Исроилзода Фатхуллохони Умарбой*** – Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ, аспирант кафедры классической литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 93-799-52-01; 985-51-52-01**

Information about the author: ***Isroilzoda Fathullohoni Umarbo*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, graduate student of the department of classical literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel.: **(+992) 93-799-52-01; 985-51-52-01**

УДК: 80/81:82

ХУДОГОҲИИ НАҚДИ АДАБӢ

Қодирова Д.Л.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷик бузург аст. Бахусус солҳои ҳафтод, ҳаштод ва навадуми садаи гузашта маҷалла бо нашри як силсила мақолаҳову тақризҳо заминаро барои худогоҳии нақд ва ё нақди нақд муҳайё сохт, ки дар пешрафти ин соҳа нақд таъсиргузор буд. Маҷалла дар фосилаи ин солҳо бо нашри мақолаҳои назари ва таҳлили усулҳо ва равишҳои хосси шинохт ва арзёбии нақди махсуси нақдро таҳким бахшид.

Агар бо назари муқоисавии таърихӣ ба мақолаҳо ва тақризҳои дар ин солҳо нашршуда нигариста, ба онҳо баҳои воқеӣ диҳем, равишҳо ва тамоюлҳои мусбату манфии ин соҳаро ба сароҳат метавон шинохт ва арзёбӣ кард. Дар баъзе мақолаҳое, ки дар ин фосила ба чоп расидаанд вазъи нақди адабӣ арзёбӣ шуда, дастоварду бохтҳои он холисона ва ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Аз ҷумла, яке аз аввалин ҳамин гуна мақолаҳо сармақолаи «Садои Шарқ», «Танқид ва ҷараёни адабӣ» мебошад, ки масъалаи нақш ва ҷойгоҳи нақди адабӣ дар ҷараёни инкишофи адабиёт ба миён гузошта шудааст. Мақола бунёди мафкуравӣ дошта, дастурҳои ҳизбиро «Маҳаки асосии танқид, меъёри асосии таҳқиқи танқидӣ» медонад ва озодиву мустақилияти мунаққидро дар баёни андеша таъкид мекунад. Ин мақола то ҷое хусусияти дастури дошта, масъалаҳои қавӣ сохтани асоси назарӣ, нашри мақолаҳои таҳлиливу мубоҳисавӣ ва арзёбии фаъолияти мунаққидонро ба миён гузоштааст, ки ба навъе дар он рӯзгор дарси худогоҳии нақд аст.

Муносибат ба нақди адабӣ ва арзёбии он асосан дар заминаи дастурҳои ҳизби коммунист анҷом гирифта ичрои хостаҳои идеологӣ меъёри амал ва андешаи муаллифони мақолаҳост. Аз ин ҷиҳат, вазифаҳои нақди адабӣ аксаран аз мавқеи идеологии ҳизбӣ ба миён гузошта ва арзёбӣ шудааст. Мақолаи А.Сайфуллоев «Танқид ва адабиёти имрӯз» дар ҳамин равиш навишта шуда, дастурҳои идеологии ҳизбиву давлатиро маҳак қарор додааст ва аз нақди адабӣ ва дастандаркорони он тақозо кардааст, ки «агар танқиди адабии бадеии мо сиёсати партияро фаъолонатар ба амал» бароварад, ба ин васила «муваффақиятҳои адабиёт ва санъати саветии мо, бешубҳа, боз ҳам зиёдтар» мешавад. Мисли ҳамин мақола аз суханони раҳнамои умумӣ иборат мебошад. Ҳадафи муаллиф аз ин мақола дар доираи сиёсати ҳизб нигоҳ доштани нақди адабӣ будааст бас. Муаллиф аз ин фаротар рафта, наметавонист. Шинохт, таҳлил ва арзёбии «ҳодисаҳо тамоюл ва қонуниятҳо»-и ҷараёни адабӣ гуногунандеширо тақозо мекард, ки дар он рӯзгор ғайриимкон буд. Ба назари А.Сайфуллоев нақди васфию маддоҳона мисли рисолаи С.Табаров «Симои ҷовидонаи пешво» дар адабиёти тоҷик «аз комёбиҳои муайян»-и нақди адабӣ буда, ҳимоят аз равияи ҷадидия аз тарафи Х.Мирзозода гуноҳ ҳисобида мешуд.

Мақолаи А.Ҳакимов «Танқид ва ҷараёни адабӣ» низ хусусияти дастурӣ дошта, дар дастгирӣ ва таблиғи қарори кумитаи марказии ҳизб «Оид ба танқиди адабии бадеӣ» навишта шудааст.

А.Ҳакимов моҳият ва рисолати нақди адабиро дар асоси фармудаҳои он қарор иборат аз «шореҳи адабиёт» будан ва «барои ташаккули завқи эстетикӣ ва такомули тафаккури бадеии хонандагон хизмат» намудан медонад. Дар замимаи ин нуқтаҳои дастурӣ муаллиф ба хуллосае меояд, ки танқид ҳам ҷузъи адабиёт ва илм буда, барои ташаккул ва таҳаввули ҷараёнҳои адабӣ ва назарияи худшиносии онҳо хидмат мекунад.

Дар ин мақола муаллиф ба вазъи нақди адабӣ аз мавқеи ҳизб баҳо дода, пешравӣ ва аҳамияти нақди нақдро дар мисоли мақолаҳои Р.Ҳодизода «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт» ва Х.Шарифов «Танқиди адабӣ ва баъзе ҷиҳатҳои инкишофи он» таъкид мекунад. Ҳамчунин фаъол будани мунаққидоне мисли М.Шукуров, Р.Ҳодизода, Р.Амонов, А.Сайфуллоев, С.Табаров ва аз ҷумлаи ҷавонон Х.Шарифов, Ҷ.Бақозода, А.Сатторов, Х.Шодиқулов, Ю.Акбаровро омили пешрафти нақд ва худогоҳии он ба шумор меоварад. Дар мақола як силсила мақолаҳо ва мубоҳисаи ташкилкардаи «Садои Шарқ», «Қаҳрамони ҳаёт-қаҳрамони адабиёт» таҳлил шуда,мавқеи мунаққидон дар шинохти осори бадеӣ муайян карда шудааст. Худогоҳии нақди адабиро муаллиф дар заминаи ичрои дастурҳои ҳизбӣ имконпазир медонад, ки иқрори тобеияти ин шохаи адабиёт ба сиёсати вақт мебошад. Аксари мақолаҳое, ки дар ин замина чоп шудаанд,

ифодагари худогоҳии сиёсии нақд ва аҳли он буданд,ки хости он замон ва замондорон буд.

Минбаъд масъалаҳои худогоҳии нақди адабӣ муттасил мавриди таваҷҷуҳи маҷалла қарор гирифта,дар ин замина метавон аз мақолаи Х.Отахонова «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» ном бурд. Муаллиф баъди як муқаддимаи умумӣ, ки дар боби сиёсати дастурии ҳизби коммунист дар боби нақди адабӣ сухан мекунад, ба устуворшавии мавқеи нақд дар муҳити адабӣ таъкид меварзад. Далел он будааст, ки нақд ба масъалаҳои муосир бештар рӯ оварда, «ба рафти инкишофи адабиёти тоҷик, ба равнақи жанрҳои гуногуни он ба боигарии ғоявию бадеии он нақш ва таъсири мусбате» гузаштааст.

Ба мушоҳидаи Х.Отахонова дар чоряки аввали солҳои ҳафтодум доираи назар ва фикри танқиди адабии тоҷик вусъат ёфта дар он шаклҳои нави муҳокимаҳои илмӣ-бадеӣ ба вуҷуд омаданд, ки шаклҳои нави тақриз, мақолаҳои интиқодӣ, муқоламаҳои эҷодӣ, суҳбати гирди миз аз он ҷумла мебошанд. Дар тафсири муаллиф нақди адабӣ чун василаи таблиғи идеологӣ ва мафкураи расмии замон ба назар меояд. Дар мақолаи Ҳ.Шодиқулов «Масъалаҳои марказии танқид, бурду бохти он, методология ва ҷиҳатҳои назарии вай», ки М Шукуров, А.Ҳакимов, Х.Шарифов ва Х.Отахонова ба арзёбии он пардохтаанд, баррасӣ шудааст. Муаллиф ба ин хулоса меояд, ки «дар ҳақиқат танқиди имрӯзаи тоҷик ба пояҳои умумииттифоқии тараққиёт расида истодааст ва муҳим аст, ки меъёри сифати онро ба ҳам омехтани аспектҳои сотсиологӣ ва ғоявию эстетикии назар ташкил менамояд. Барои бештари мақола ва татқиқот гирифтани дараҷаи назарӣ чун омили минбаъд ҳам пеш бурдани адабиёти бадеӣ шинохта шудааст ва ба ҳам наздик шудани адабиётшиносӣ ва танқид ба мушоҳида меояд».

Ҳамчунон ки ин мақола бо ситоиши ҳизб анҷом меёбад, мақолаи Ҷ.Бақозода «Танқид ва масъалаҳои адабиёт» низ аз хидмати ҳафтсолаи ҳизб дар роҳи инкишофи нақд тамҷид карда, қарори «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ»-ро «дар афкори бадеию эстетикӣ ва танқидӣ» як навъ табаддулот медонад. Ба назари ӯ, ин қарор нақш ва роҳу равиши минбаъдаи нақдро гӯё нишон додааст. Дар асл ин қарор роҳнамои идеологии нақд буд ва то ҷое заминаро барои рушди соҳа муҳайё кард, ки мақолаҳои М.Шукуров, Р.Ҳодизода, А.Сайфуллоев, А.Ҳакимов ва Х.Шодиқулов ба ин далел аст.

Ба масъалаҳои инкишофи адабиёт, моҳияти ҷараёни адабӣ, мавқеи анъана ва навъоварӣ, таҳаввули назари адибон ба воқеияти инсон ва замон, инкишофи тафаккури бадеӣ эътибор додани аҳли таҳқиқро эътироф карда, сипас ӯ меафзояд: «Дар навиштаҳое,ки масъалаҳои реализму романтизм, анъана, сабку услуб, таҳлили якҷояи мазмуну мундариҷа ва шакл, бадеияти асари бадеӣ, омӯзиши типологию муқоисавии адабиёти сермиллати советиро мавриди таҳқиқ қарор додан асоси илми мустаҳкам мебошад».

Дар ин замина муҳаққиқ арзиши интиқодии мақолаҳои М.Шукуров «Жанри таърихӣ ва худогоҳии халқ», А.Ҳакимов «Таҳаввулоти арӯз дар назми муосир», «Аз ғазал то шеъри озод» ва «Шеъри инсон»-ро нақд карда, ба ин васила баъзе равишҳои худогоҳии нақди адабиро дар шинохти воқеияти ҳаёти адабӣ мушаххас менамояд. Аз ҷумла шинохти М.Шукуровро дар татқиқи муқоисавии жанри таърихӣ ва дар ин замина ошкор сохтани ҳунари нависандагии Ҷалол Икромиро арзёбӣ карда, аҳамияти ин равиши нақдро дар ошкор сохтани ҳусну қубҳи тасвириҳои нависандагон муҳим таъбир мекунад. Мунаққид ба равишҳои таҳқиқ дахл карда, ба чунин хулосаи муҳим меояд,ки «ба ҳеҷ ваҷҳ реализмро бо романтизм, услуби романтикиро бо услуби реалистӣ муқобил гузоштан лозим нест» ва нақди М.Шукуровро дар мисоли эҷодиёти Ҷ.Икромӣ дар ин замина воқеӣ арзёбӣ мекунад.

Ҷ.Бақозода дар нақди мақолаҳои А.Ҳакимов ба ин натиҷа мерасад, ки устувории анъана ба асосҳои миллӣ ва иҷтимоӣ вобаста буда, онҳоро А.Ҳакимов дар дигаргунӣ мебинад ва инкишофи тафаккури бадеӣ ба шакли асари бадеӣ бетаъсир намемонад.Ташаккул ва таҳаввули жанрҳо ба ҷараёни адабӣ вобаста мебошад.Дар ин замина мунаққид нақши жанри чеҳранигориро яке аз шаклҳои асосии нақд даниста, осори ҳамгуни Р.Ҳошим, Р.Ҳодизода, М.Шукуров, С.Табаров ва А.Ҳакимовро нақд мекунад.Ҷ.Бақозода ба масъалаҳои шакл дахл карда, дар ин замина мақолаҳои Р.Амонов, Х.Отахонова, Л Демидчик ва дигаронро нақд мекунад ва дар шинохти хусусиятҳои сохтори жанрҳову навъҳои адабӣ арзиши илмӣ доштани онҳоро таъкид мекунад.

Мунаққид аз он ки нақди адабӣ «ҳанӯз ба масъалаҳои маҳорати нависандагӣ, сабку услуб, жанр ва имконияти дохилии он, ягонагии шаклу мазмун кам аҳамият медиҳад» изҳори нигаронӣ карда, сипас меафзояд: «ҳол он ки маҳз дар таҳлили якҷояи мундариҷаи ғоявӣ ва маҳорати бадеӣ ҳусну қубҳи асар, фардияти адибе муайян мегардад».

Дар шинохти худогоҳии нақди адабӣ дар солҳои ҳафтод мақолаҳои М.Шукуров «Гавҳариёни сухан бошем», А.Сатторов «Нуқсу камоли танқид» ва «Дархостҳои танқидӣ»

арзиши хос доранд. Махсусан, мақолаи зикршудаи М.Шукуров дар фарогирӣ ва арзёбии масъалаҳои нақди нақд ва мушаххасоти нақди адабӣ муҳим ба шумор меравад. Дар ин мақола муаллиф нақши нақди адабиро дар раҳнамо ва пешбаранда будани адабиёт дониста, дар ин равиш мақоми нақди нақдро низ баланд таъбир мекунад ва меафзояд: «Танқиди танқид чи барои муайян намудани вазифаҳои нав ва роҳҳои асосии инкишоф, чи барои ошкор кардани камбудиҳои алоҳида зиёд зарур аст. Чунонки адабиёт дар замони мо бе танқиди адабӣ пеш рафта наметавонад, худи танқиди адабӣ ҳам муҳтоҷи танқид аст. Мо бояд принсипҳои асосии таҳлили илмии объективии худро муайян кунем ва ҳамеша такмил дода истем. Аммо ин кор ба воситаи мубодилаи афкор ва мубоҳисаву мунозира ба воситаи танқиди танқид имконпазир хоҳад буд».

Ин мақола барои муайян намудани усулу равишҳои нақди нақд дар он рӯзгор ва ҳоло низ арзиши раҳнамоӣ дошта, нақши нақди адабиро дар шинохти масъалаҳои ғоявию бадеӣ мушкилоти усули, метод, сабки нигориш ва ғайра ба таври мушаххас муайян менамояд.Муаллиф дар ин мақола бори аввал принсипҳои асосии нақди нақдро шиносоӣ карда, назари таърихии воқеъбинро асоси он медонад ва меафзояд: «…ҳангоме ки ба вазъи имрӯзаи танқид назар меандозем ва камбудиҳои онро муайян кардани мешавем, бояд сайри таърихии онро фаромӯш накунем.Вагарна ба равияву ҳодисаҳое, ки дар танқиди имрӯза дида мешавад, баҳои дуруст дода наметавонем. Мо бояд бинем, ки ҳар як равияю ҳодисаи имрӯза аз куҷо сар шуда ва чӣ тавр инкишоф ёфта омад. Дар ин сурат муайян карда метавонем, ки инкишофи минбаъдаи он ба куҷо хоҳад расид» [1, с.12].

Дар ин равиш мунаққид мақолаҳои А.Сайфуллоев «Танқид ва адабиёти имрӯз» ва Р.Ҳодизода «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт»-ро нақд карда, аҳамияти ҳар се мақоларо дар он дидааст, ки «муаллифон муҳимтарин масъалаҳои танқиди имрӯзаи тоҷикро … равшан кардаанд». Камбудии ҷиддии ин мақола дар он будааст, ки дар он «принсипи таърихият риоя» нагардида, муаллифон барои муайян намудани «тамоюлоти асосии инкишофи танқид» саъй накардаанд.

Як силсила мақолаҳои А.Сатторов низ ба масъалаҳои нақди адабӣ бахшида шудаанд. Ӯ дар мақолаи «Нуқсу камоли танқид» вазъи нақди адабии тоҷикро арзёбӣ карда, зарурати дахолати онро ба ҷараёни адабӣ таъқид мекунад. Ба мушоҳидаи ӯ шоирону нависандагон муқаррараи хоҳиши арзёбии осори худро доранд. Аммо нақди адабӣ аз чиҳати миқдору доираи баҳс онҳоро қонеъ намекунад. Осори шоиру нависандагон ва тарҷумаҳо тақриз намешаванд. Навиштани мақолаҳои мавсимӣ расм шудааст, ки ба суди кор нест. Муаллиф сабаби асосии қафомонии нақдро дар масруфияти мутахассисон дар корҳои дигар медонад. Набудани таваҷҷуҳ ба нақд ва гоҳо беэҳтиромӣ ба онро муҳаққиқ яке аз омилҳои вайронгар таъбир карда, мадҳу ситоишро низ ба суди адабиёт намедонад.

Ақибмонии нақди адабиро А.Сатторов дар бесалоҳиятии мунаққидон низ дониста, таъкид мекунад, ки онҳо «дар танқидҳову тақризҳои худ дар бораи шоирону нависандагони ҷудогона ва асарҳои алоҳидаашон аксар носанҷидаву наандешида сухан меронанд ва аз ҳамин рӯ, наметавонанд пешрафту пасмонии ин ва ё он адиб ва ҳусну қубҳи асарҳои онро ҳаматарафа бо далелҳои муътамад собит кунанд». Муҳаққиқ ин омилро яке аз сабабҳои норозигии адибон аз муҳаққиқон таъбир мекунад. Мақолаи «Дархостҳои танқидӣ»-и ин муаллиф низ дар шинохти худогоҳиҳои нақд бесобиқа буда, дар он бурду бохти нақди тоҷик дар солҳои ҳафтод ба сароҳат баррасӣ ва арзёбӣ шудааст.

Аз як мурури кӯтоҳ ба вазъи ҷараёни худшиносӣ ё худ нақди нақд дар солҳои ҳафтод метавон хулоса кард, ки:

1.Нақди адабӣ дар ин солҳо асосан зери дастурҳо ва амри ҳизби ҳоким амал карда, аз ҳамин мавқеи идеологӣ ба равишҳои адабӣ, осори шоирону нависандагон баҳо додааст. Сиёсати адабиро дар худшиносии нақд тобеияти идеологӣ муайян мекунад.

2.Нақди нақд дар солҳои ҳафтод ҳамчун як шохаи нақди адабӣ ташаккул ва таҳаввул ёфта, диққати «гавҳариёни сухан»-ро (М.Шукуров) ба ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти адабӣ, аз ҷумла нақши нақди адабӣ дар шинохт ва арзёбии ҳодисаҳои адабӣ, фардияти эҷодии шоирону нависандагон ва бурду бохти нақд ҷалб карда тавонист, ки таъсири мусбати ин ҳодиса дар ҷараёни инкишофи нақди он солҳо назаррас аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Танқид ва ҷараёни адабӣ // Садои Шарқ, 1969. -№5. -С.4.
2. Сайфуллоев А. Танқид ва адабиёти имрӯз / А Сайфуллоев // Садои Шарқ. -1972. -№6. -111 с.
3. Ҳакимов А. Танқид ва ҷараёни адабӣ /А Ҳакимов // Садои Шарқ, 1975. - №4. -110 с.
4. Отахонова Х. Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабӣ / Х.Отахонова // Садои Шарқ. -1976. -№4. -106 с.
5. Шодиқулов Ҳ. Барои танқиди реалистӣ / Ҳ. Шодиқулов // Садои Шарқ, 1977.-№1.-С.124, 125.
6. Бақозода Ҷ. Танқид ва масъалаҳои адабиёт // Садои Шарқ, 1979.-№1.-С.125, 126, 133.

7. Шукуров М.Гавҳариёни сухан бошем / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1974. -№1. -С.118, 121, 122.
8. А.Сатторов. Нуқсу камоли танқид / А. Сатторов // Садои Шарқ, 1969. -№4. -С.159.

ХУДОГОҲИИ НАҚДИ АДАБӢ

Дар мақола масъалаи заминаҳо ва роҳҳои ташаккул ва таҳаввули як шохаи нақди адабӣ, нақди нақд дар заминаи мақолаҳои дар солҳои ҳафтодуми садаи гузашта дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда таҳқиқ шуда, моҳият ва равишҳои худогоҳии нақд, ки хусусиятҳои сиёсӣ ва касбӣ доштааст, муайян ва мушаххас карда шудааст. Ҳамчунин дар мақола дар бораи нақши нақди нақд дар боло бурдани савияи нақди адабӣ дар асоси мақолаҳои дар маҷалла нашршуда, таҳқиқу таҳлил ва бурду бохти ин шохаи нақди адабӣ бо мисолҳо таъйид гардидааст. Муаллиф тақризҳо ва мақолаҳои дар ин давра дар маҷалла чопшударо бо диди муқоисавии таърихӣ аз назар гузаронида, равишҳо ва тамоюлҳои мусбату манфии нақди ин солҳоро муайян намудааст. Маводҳои нашршуда бунёди мафкуравӣ дошта, дастурҳои ҳизбиро маҳаки асосии таҳқиқи танқидӣ шинохтаанд ва дар ин замина озодиву мустақилияти мунаққидро низ дар баёни андеша таъкид варзидаанд. Ин гуна мақолаҳо хусусияти дастурӣ дошта, масъалаҳои қавӣ сохтани асоси назариявӣ нашри мақолаҳои таҳлиливу мубоҳисавӣ ва арзёбии фаъолияти мунаққидони алоҳидаро ба миён гузоштаанд, ки дар ин давра ба наҳве дарси худогоҳии нақди адабӣ аст. Дар мақола собит гардидааст, ки муносибат ба нақди адабӣ ва арзёбии он асосан дар заминаи дастурҳои ҳизби коммунист анҷом гирифта, иҷрои хостаҳои идеологӣ меъёри амал ва андешаи муаллифони мақолаҳост. Аз ин ҷиҳат, вазифаҳои нақди адабӣ аксаран аз мавқеи идеологӣ ба миён гузошта ва баҳогузорӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: нақди адабӣ, танқид, жанрҳо, назари таърихи, адабиёт, мақола, тақриз, чеҳранигорӣ, ҷараёни адабӣ, худогоҳии сиёсӣ ва ҳунарӣ.

САМОСОЗНАНИЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ

В статье подвергнуты исследованию основы и пути формирования и эволюции одного из ветвей литературной критики - критики критической критики на основе статей опубликованных в семидесятых годах прошлого столетия на страницах журнала «Садои Шарк», также определены и конкретизированы сущность и методы самосознания литературной критики, которые имели политические и профессиональные свойства. Также в статье показана роль критики критической критики в повышении уровня литературной критики на основе опубликованных в журнале статей, исследование и анализ удач и неудач данной ветви литературной критики установлено с приведением конкретных примеров. Автор методом исторического сравнения исследовав рецензии и статьи опубликованные в журнале в тот период, определил методы, положительные и отрицательные тенденции критики данного периода. Опубликованные материалы имели идеологический фундамент, партийные инструкции считали основным критерием критики критической критики и на этой основе акцентировали свое внимание на свободе и самостоятельности критика в выражении своих взглядов Такие статьи имели инструктивный характер, рассматривали проблемы усиления теоретических основ издания аналитических и дискуссионных статей и оценки деятельности отдельных критиков, которые в тот период явилось как бы уроком самосознания литературной критики. В статье доказано, что отношение к литературной критике и его оценка осуществлялись на основе инструкций коммунистической партии, исполнение идеологических желаний является нормой и помыслом авторов статей. Поэтому, задачи литературной критики в большинстве случаев оценивались с идеологических позиций.

Ключевые слова: литературная критика, критика, жанры, исторический взгляд, литература, статья, рецензия, портретизм, литературный процесс, политический и художественный процесс.

SELF-CONSCIOUSNESS OF LITERARY CRITICISM

The article examines the basis and ways of forming and evolving one of the branches of literary criticism - critics of critical criticism based on articles published in the seventies of the last century in the pages of the magazine “Sadoi Shark”, also defined and specified the essence and methods of self-consciousness of literary criticism that had political and professional properties. The article also shows the role of criticism of critical criticism in raising the level of literary criticism based on articles published in the journal; research and analysis of the successes and failures of this branch of literary criticism are established with specific examples. The author of the method of historical comparison, examining the reviews and articles published in the journal in that period, identified methods, positive and negative trends in criticism of this period. Published materials had an ideological foundation, party instructions considered the main criterion for criticism of critical criticism and on this basis focused their attention on the freedom and independence of criticism in expressing their views. Such articles were instructive in nature, considered the problems of strengthening the theoretical foundations of analytical and discussion articles and evaluating the activities of individual critics, who in that period were like a lesson in the self-consciousness of literary criticism. The article proved that the attitude to literary criticism and its assessment were carried out on the basis of instructions of the Communist Party, the fulfillment of ideological desires is the norm and the thoughts of the authors of the articles. Therefore, the tasks of literary criticism in most cases were evaluated from ideological positions.

Key words: literary criticism, criticism, genres, historical view, literature, article, review, portraitism, literary process, political and artistic process.

Сведения об авторе: ***Кодирова Дилноза Лутфуллоевна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, аспирант кафедры истории и теории таджикской литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121

Information about the author: ***Kodirova Dilnoza Lutfulloyevna*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, graduate student of the Department of History and Theory of Tajik Literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 121

УДК: 8т1

САРЧАШМАЕ АЗ НАСРИ АХЛОҚИИ АСРИ XIV

Нигматов Н.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Асри XIV яке аз даврањои пурбори насри ахлоқии форсу тоҷик ба шумор меравад. Дар ин давра осори мансури зиёди ахлоқӣ, ба монанди «Нигористон»-и Муинуддини Ҷувайнӣ, «Туҳфат-ул-ихвон фӣ хасоис-ил-фитён»-и Абдурраззоқи Кошонӣ, «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ, «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ, «Тараб-ул-маҷолис»-и Мир Ҳусайнии Ҳиравӣ, «Саҳоиф дар илми ахлоқ», «Футувватнома» ва анбуҳи дигар ба қалам омадаанд. Дар сафи ин осор бояд аз «Туҳфа» (дар ахлоқ ва сиёсат) низ ёд намуд.

Китоби мазкур аз ҷониби Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ бо номи «Туҳфа» (дар ахлоқ ва сиёсат) тасҳеҳ ва нашр ёфтааст. Зоҳиран, дар чунин номгузорӣ шудани китоб муҳтавои асар дар назар дошта шудааст. Асари мазкур ба Аҳмад ибни Юсуфшоҳ ибни Алпарғун ибни Ҳазорасб, ки аз атобакони Луристон буд, бахшида шудааст [10, с.5]. Аз он ки китоб ба Аҳмад ибни Юсуфшоҳ бахшида шудааст, метавон онро осори навишташуда дар асри XIV ба шумор оварда. Зеро подшоҳи фавқуззикр солҳои (696-733/1297-1333) ҳукмронӣ намудааст. Ин назарро нуктаҳои зерин таъйиди бештар мебахшанд. Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ – муншӣ ва нависандаи бузурги асри XIV китоби гаронқадри хеш – «Таҷоруб-ус-салаф»-ро ба ҳамин подшоҳ бахшидааст. Дар ин замина устод Забеҳуллоҳ Сафо чунин нигошта: «Ҳиндушоҳ муддате аз умри худро низ дар дастгоҳи атобакони Лури бузург гузаронида ва аз ин силсила муосир буд бо Атобак Нусратуддин Аҳмад ибни Юсуфшоҳ ва китоби «Таҷоруб-ус-салаф»-и худро ба номи ӯ таълиф кард» [7, 3, с.1243-1244].

Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ асарро эҳтимолан ба Мирзо Шарафуддин Фазлуллоҳ ибни Абдуллоҳи Қазвинӣ мансуб дониста, ки шоистаи таваҷҷуҳ аст. Зеро Фазлуллоҳи Қазвинӣ дар дебочаи китоби «ал-Муъҷам фӣ осори мулуки-л-аҷам» чунин навишта: «Аммо баъд, аз муддате мадид ва аҳде баид боз дилро орзуе домангир буд, ки агар сипеҳри бадмеҳр фурсати рухсат диҳад… китобе таълиф шавад муштамил бар зикри ахбори мулук». Пас, бояд «ал-Муъҷам» дувумин китобе бошад, ки Қазвинӣ барои ҳамин атобак ва пас аз 696 сохтааст ва китоби «Туҳфа» пас аз «Таҷоруб-ус-салаф» – навишта шуда дар муҳаррами 724/1324 нигориш ёфта бошад. Пас «ал-Муъҷам»-и Қазвинӣ ҳам гӯё пас аз 724/1324 таълиф шуда ва таърихи таълифи ин ду, яъне «Туҳфа» ва «ал-Муъҷам» миёни солҳои 724/1324 ва 733/1333 будааст» [10, с.13-14]. Барои таъйиди бештар бахшидан ба фикри фавқуззикр, метавон нуктаи дигареро зикр намуд. Шарафуддин Фазлуллоҳи Қазвинӣ китоби «ал-Муъҷам»-и хешро ба Нусратуддин Аҳмад – ҳамон подшоҳе, ки дар дебочаи китоби «Туҳфа» исмаш сабт аст, бахшидааст ва ин далел то ҷое ба ҳақиқат будани ин фикр далолат медиҳад.

Аҳмади Мунзавӣ низ дар таълифи арзишманди хеш «Феҳриствораи китобҳои форсӣ» асари мавриди назарро муаррифӣ намуда, чунин менависад: «Туҳфа. Аз ношиносе, ки Насируддин Аҳмади Лурро ситоиш кардааст ва гӯё аз Фазлуллоҳи Қазвинӣ, зинда дар 700/1301 нигорандаи «ал-Муъҷам фӣ осори мулук-ил-аҷам» бошад» [5, 6, с.358].

Китоб аз дебоча ва даҳ фасл иборат аст.

Боби аввал: Дар фазоили вуллоти бодод.

Боби дувум: Дар он чи бо раият мағбунанд.

Боби савум: Дар адл ва зулм.

Боби чаҳорум: Дар маърифати хисоле, ки низоми мулку давлат ба муроотӣ он манут аст ва саодати дунёву охират ба муҳомоти он марбут, мисли афву қаҳр ва ҳазму таяққуз.

Боби панҷум: Дар маосири мулук дар ҷаҳондорӣ.

Боби шашум: Дар латоифи суханони мулук ва нукати эшон.

Боби ҳафтум: Дар аҳволи вузаро ва тарфе аз турафи ҳикоёти эшон.

Боби ҳаштум: Дар натоиҷи хавотири вузаро ва ҳиками эшон.

Боби нуҳум: Дар таърихи исломӣ.

Боби даҳум: Дар мавоизи мулук.

Номи китоб ба тасреҳи муаллиф «Туҳфа» гузошта шудааст. Дар ин замина дар дебочаи китоб чунин мехонем: «Ва ин мухтасарро «Туҳфа» ном карда омад…» [10, с.7].

Муаллиф дар таълифи китоб равиши хоссаеро пеш гирифтааст. Дар китоб бештар мушоҳидаву андӯхтаҳо ва шунидаҳои муаллиф дарҷ гардидааст. Аксари бобҳои китоб бо оят, ҳадис ва ё сухани донишмандон оғоз гардида, баъд аз он дар шарҳу тавзеҳи оёту аҳодис мепардозад ва дар заминаи мавзӯи бобҳо ҳикоёт меорад. Бештари матолиби китобро ҳикоёт ташкил медиҳад. Корбурди ашъор, амсолу ҳикам оёту аҳодис ва

баҳрагирӣ аз санооти адабӣ аз мухтассоти сабки таълифи китоб аст. Чунонки муаллиф ҳуд дар дебоча овардааст: «… ва ин мухтасарро… ба завоҳири оёт ва ахбору ҳикам ва ҳикоёту амсол ва ашъору абёт мувашшаҳ гардонид ва бар қадри қудрат ва ҳасби истеъдоду иститоат, арӯси суханро ба анвои ҳуливу ҳулал, тарсеу таҷнис ва саҷъу эҷоз ва ихтисору истиорот ва маҳосину ғароиби киноёт озин баст» [10, с.7].

Муҳимтарин мухтассоти китобро метавон ба тариқи зайл қаламдод намуд:

Истифодаи ашъор. Ҳамон гуна ки маълум аст, каломи мавзун барои тақвияти фикру андеша василаи басо некуст. Муаллифи китоби «Туҳфа» низ барои тақвияту орои хеш аз каломи мавзун хеле зиёд суд ҷустааст. Дар китоб борҳо аз ашъори арабӣ ва форсӣ истифода сурат гирифтааст. Ин ҷо ҳардуро ба таври алоҳида баррасӣ менамоем.

1) ашъори арабӣ. Қисмати бештари ашъори дар китоб омада ашъори арабианд. Зимни таҳқиқ ва омӯзиши китоб равшан гардид, ки муаллиф аз ашъори шоирони арабзабон, ба монанди Мутанаббӣ, Маҳмуди Варроқ, Абулмузаффари Абевардӣ, Ибни Мунозир ва ғайра суд ҷустааст. Шеваи муаллиф дар ин амр чунин аст, ки ашъорро бидуни номи шоир меоварад. Намуна:

Шеър:

Ва қайядту нафсӣ фӣ зирока маҳаббатан,
Ва ман ваҷада-л-иҳсона қайяда тақайюдан [10, с.74].

Муаллифи «Тазкират-ул-ҳамдуния» шеъри мазкурро ба Мутанаббӣ мансуб донистааст [4, ҷ. 4, с. 100].

Ё:

Атока бан-ул-амлоки мин Оли Бармакин
Фа ё тиба ахборин ва ё ҳусна манзарин… [10, с.104].

Муаллифи китоби «Табақот-ум-шуарои-л-муҳаддисин» – Ибни Муътаз муаллифи шеърро Ибни Мунозир дониста, дар таълифи хеш қисмате аз ашъори ин шоирро зикр мекунад ва шеъри фавқуззикрро бо унвони «ва лаҳу фӣ Оли Бармак» (Яъне: Ва ин шеър аз ӯст дар бораи Оли Бармак-Н.Н.) овардааст [3, с.156].

Муаллифи «Туҳфа» аз ашъори арабӣ бештар бо ду тарз баҳра ҷустааст:

а) овардани ашъори арабӣ барои тақвияти фикр (бе тарҷума);

б) зикри ашъори арабӣ бо тарҷумаи манзум ё мансур.

Баъзан муаллиф шеъри арабиро оварда, дар зери он калимаи «тарҷаматуҳу»-ро (Яъне: Тарҷумааш – Н.Н.) сабт мефармояд ва шеърро дар қолаби назм тарҷумаи равони форсӣ мекунад. Намуна:

«Таро ҳурримат кутубу-л-ахиллои байнаҳум.
Абин лӣ ами-л-қиртосу асбаҳа голиян
Фамо кона лав соалтано кайфа ҳолуно
Ва қад даҳаматно накбатун ҳия моҳиян
Садиқука ман роъока фӣ кулли ҳолатин
Ва куллан тароҳу фи-р-рахои мувосиян
Фаҳабака адуввӣ ло садиқӣ фаиннанӣ
Раайту-л-аодӣ ярҳамуна-л-аъодиян.

Тарҷаматуҳу:

Ҳаром гашт навиштан ба дӯстон нома,
Ба шаҳр қимати қоғаз магар гарон гаштаст.
Чӣ будӣ аз карамат ҳоли ман бипурсидӣ,
Ки аз ҳаводиси айём бар чӣ сон гаштааст.
Ту дӯстӣ ба ҳақиқат вале басо душман,
Ки рӯзи накбат бар хасм меҳрубон гаштаст [10, с.107].

2) ашъори форсӣ. Дар китоб аз ашъори форсӣ низ баҳрабардорӣ сурат гирифтааст. Аммо теъдоди онҳо аз теъдоди ашъори арабӣ беш нестанд. То ҷое, ки роқими сутур ҷустуҷӯ намуд, ашъори форсии дар китоб омада дар девони ягон шоир пайдо нашуд, ба ҷуз шеъри зерин, ки аз Носири Хусрав аст:

Носири Хусрав ба ҷое мегузашт,
Масту лояъқил, на чун майхорагон.
Дид қабристону мабраз рӯ ба рӯ,
Бонг барзад, гуфт, к-эй наззорагон,
Неъмати дунёву неъматхора бин,
Ин-ш неъмат в-ин-ш неъматхорагон! [10, с.222].

Дигар аз Фирдавсӣ аст, ки ба сурати зерин омада:

Чунон дон, ки шоҳиву пайғамбарӣ,
Ду нақши наку дар як ангуштарӣ [10, с.11].

Зоҳиран чунин бармеояд, ки тамоми ашъори форсии китоб, ба ҷуз абёти мазкур, сурудаи муаллифи китоб мебошад. Ин нукта баёнгари табъи шоирӣ доштани муаллифи китоб аст, ки Забеҳуллоҳ Сафо бо такя ба суханони Бадри Ҷоҷармӣ ба он ишора намуда, чунин навиштааст: «Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ ӯро бо ановини «ал-Имому-л-фозил ифтихору-ш-шуарои-л-мутааххирин» дар маҷмӯаи худ ёд карда ва ин нишонаи шуҳратест, ки Шарафуддин ба аҳди худ дар шоирӣ доштааст» [7, 3, с.1256-1257].

Истифодаи санъатҳои бадеӣ.

Санъатҳои бадеӣ бештар барои муассир сохтани асар ва ороиши сухан хидмат мекунад. Тамоми осори назмиву насрии адабиёти мо саршор аз санъатҳои бадеӣ ҳастанд. Муаллифи «Туҳфа» низ барои ҳусни бештар бахшидани китоби хеш аз санъатҳои бадеӣ моҳирона истифода бурдааст. Ин ҷо бо овардани як ду намуна истифодаи санъатҳои бадеиро мудаллал месозем.

Саҷъ. Яке аз маъмултарин санъатҳои лафзӣ ин санъати саҷъ мебошад. Суханварони форсу-тоҷик дар осори хеш ин намуди санъатро ба таври фаровон ба кор бурдаанд. Муаллифи китоб низ аз ин санъат зиёд истифода намудааст:

Шавоҳид:

«Арбоби басиратро ба далоили сотеа муқаррар аст ва асҳоби маърифатро ба бароҳини қотеа мубарҳан…» [10, с.4]; «Равоеҳи карам аз маоҳиди ӯ фоеҳ ва қавофили ниам дар манозили ӯ ғодиву роеҳ…» [10, с.5]; «Чеҳраи гулбарги таре ба гулгунаи зебое бар кохи шох, оростаи сунъи Ӯст ва зулфи пуртоби сунбул аз машшотагии боди баҳор перостаи қудрати Ӯ» [10, с.3].

Ташбеҳ. «Айёми ҷавонӣ чун бод бар гузар аст ва авқоти шодмонӣ чун абри найсон нопойдор» [10, с.230].

Дар ҷумлаи болозикр «айёми ҷавонӣ» аз сабаби зудгузар буданаш ба «бод» ва «авқоти шодмонӣ» бино бар нопойдориаш ба «абри найсон» ташбеҳ дода шудааст.

«Малик лашкаре ҷаррори каррори оҳанпӯши хуннӯш номзад фармуд, ҳама ҳамчун паланг тангхӯй ва монанди гург ҷангҷӯй…» [10, с.47].

Ин ҷо «лашкар» ба гургу паланг ташбеҳ шуда, ки дар сифати ҳар ду ҷангҷӯиву хунхорӣ дида мешавад.

Тазод. «Маъмун фармуд, ки он зар бад-ӯ мусаллам ва муҳайё доред, ки зишт бошад, ки Яҳёи мурда бахшиш кунад ва Маъмуни зинда бозситонад» [10, с.73].

Дар ҷумлаи болоӣ тазодро дар калимаҳои «мурдаву зинда» ва «бахшидану ситонидан» дидан мумкин аст.

Ирсоли масал. Дар боби ҳаштуми китоб, ки «Дар натиҷаи хавотири вузаро ва ҳиками эшон» унвон дорад, муаллиф зиёда аз панҷоҳ масали машҳурро паиҳам овардааст ва ҷуз ин, метавон дар дигар мавридҳо низ истифодаи масалро ба мушоҳида гирифт. Намуна:

«ал-Ҳурру абдун изо тамаъа ва-л-абду ҳуррун изо қанаъа» (Тарҷума: Барда агар қаноат намояд, озода аст ва озода агар тамаъ ба кор бандад, барда аст); «Рубба ҳилатин анфаъу мин ғилатин» (Яъне: Ҳила аз макр беҳтар аст); «Хайру-л-моли мо атъамака ва лам тутъимуҳу» (Тарҷума: Беҳтарин мол ҳамонест, ки туро хӯронад ва ба он чизе сарф накунӣ) [10, с.129]: «Ва аз ин ҷост, ки гуфтаанд: «Саййиду-л-қавми ашқоҳум» (Яъне: Сарвари ҳар қавм маҳрумтарини онон аст) [10, с.21]; «Ҳеҷ касро ваъда макунед, ки ба вафо макрун нагардад ва дили шумо ба инҷози он рағбат нанамояд, чи гуфтаанд: «Халфу-л-ваъди халқу-л-вағди» (Яъне: Хилофи ваъда аҳмақиро ба бор орад) [10, с.86].

Истифодаи оёту аҳодис. Муаллифи китоби «Туҳфа» низ аз оёту аҳодис фаровон истифода бурдааст. Бештари оёти қуръонӣ дар дохили ҳикоёт омада, фикри муаллифро то ҷое тақвият бахшидаанд. Аксари бобҳои китоб бо оят оғоз мешавад ва вобаста ба мавзӯи боб ҳадисе зикр мегардад, ки ин худ аз ҷойгоҳи хоссаи оёту аҳодис дар насру сабки таълифи китоб хабар медиҳад. Барои мисол метавон боби аввали асарро, ки «Дар фазоили вуллоти бодод» унвон дорад, зикр намуд: «Қолаллоҳу таъоло: «Ва лав ло дафъу-л-лоҳи-н-носа баъзаҳум бибаъзин лафасадати-л-арзу» (Порае аз ояти 251 сураи Бақара). Қола-н-набию саллаллоҳу алайҳи ва саллам: «Лав ло ас-султону лаокала-н-носу баъзуҳум баъзан» [10, с.8].

Равиши дигари истифодаи оёт дар китоб чунин аст, ки муаллиф перомуни масъалае фикри худро ироа медорад ва баъдан аз забони бузургону саҳобагон ва тобеин ақволеро меорад ва пас аз он барои ҷамъбасти фикр оятеро истишҳод мекунад: «Ва насси Қуръони маҷид муаййиди ин маънист, ҳайсу қола: «Ваттақу фитнатан ло тусибанна-л-лазина заламу минкум хоссатан» (Сураи Анфол, ояти 25).

Аҳодиси набавӣ низ дар китоб зиёд ба чашм мерасад. Истифодаи ҳадис дар китоб бештар ба се тарз сурат гирифтааст. Баъзе маворид ҳадисро муаллиф вобаста ба мавзӯи баҳс бо матни арабӣ сабт менамояд. Дар баъзе маротиб баъди зикри матни арабӣ онро тарҷума мекунад. Намуна: «Пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: «ас-

Султону зиллуллоҳи фи-л-арзи яъвӣ илайҳи куллу мазлумин» – Мулук сояи раҳмати Офаридгори таъолоанд, то зуафои раоё аз тоби офтоби ҳаводису макореҳ сӯйи эшон паноҳанд» [10, с.9].

Тарзи савуми овардани сухани Паёмбар (с) чунин аст, ки муаллиф бе овардани матни арабӣ танҳо тарҷумаи форсии онро меорад. Чунончи: «Ва низ марвист аз Пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки Ҳақ таъоло ҳафт қавмро дар қиёмат таҳти зиллу шафқат ва марҳамати худ ҷой диҳад» [10, с. 9].

Муаллиф дар китобаш таҳти алфозе чун «Хоҷа алайҳиссалом», «Хоҷаи коинот», «Паёмбар», «Расул», «Саййид», «Мустафо», «Набию-т-тавба» ва «Набию-л-малҳама» ҳадисро зикр мекунад.

Зикри достони паёмбарон. Ҳаёти паёмбарону солеҳон мамлӯ аз қиссаҳои ахлоқист. Достони анбиё ва қиссаҳои қуръонӣ аз сарчашмаҳои муҳимми фикрии сухансароёну донишмандони форсу тоҷик ба шумор меравад.

Китоби «Туҳфа» низ дар батни хеш қиссаву достони паёмбаронро ҷой додааст ва барои далелнок ва таъсирбахш шудани ақволи хеш аз ин гуна қиссаҳо ба таври кофӣ истифода бурдааст.

Достони Юсуф (а). Дар китоби мавриди назар аз ин достон борҳо баҳраҷӯӣ сурат гирифтааст. Аз ҷумла, «Ва он ки Юсуф, алайҳиссалом, гуфт: «Иҷъалнӣ ало хазоини-л-арзи иннӣ ҳафизун ъалим» – (Яъне: «Маро бар хазинаҳои (хӯрок ва амволи) ин сарзамин муқаррар кун, ҳамоно ман муҳофизаткунандаам (хазинаҳоро) ва доноям (ба сарфи дурусти он – сураи Юсуф, ояти 55)» бо он ки хештан сутудан ва тазкияи нафси худ шаръан ва ақлан номуносиб аст…») [10, с.29]; «…маро, ки аз ори маарраат муарроам ва аз лавси ин туҳмат чун гурги Юсуф мубарро, аз ин вартаи балову ғамраи ано халос диҳад» [10, с.45].

Достони Сулаймон (а). Аз достони Сулаймон (а) суханварони мо дар осори хеш хеле зиёд истифода бурдаанд. Дар чанд ҷойи китоби мавриди назар ин қиссаро дидан мумкин аст. Чунончи: «Аз пойи малах мӯри Сулаймонро чӣ мизбонӣ тавонад кард» [10, с.38], «Сулаймон, алайҳиссалом, бо чандон фусҳат ва соҳату мамлакат, ки Эзид таъоло, ӯро каромат фармуда буд…» [10, с.220]; «Ва он чи Сулаймон, алайҳиссалом, дар муноҷот аз Ҳақ таъоло хост» [10, с.28].

Достони Довуд (а). Қиссаи Довуд (а) дар китоб танҳо як маротиба зикр гардидааст. Ин қисса дар боби даҳуми китоб, ки «Дар мавоизи мулук» ном дорад, омадааст. Муаллиф баъди баҳс дар мавриди мавоизи подшоҳон ҳикоятеро меорад, ки чунин оғоз шуда: «Гӯянд, Довуд пайғамбар, алайҳиссалом, бо гурӯҳе бар кӯҳе гузашт. Ғоре дид ва дар он ғор ҳайкали одаме азим хуфта…» [10, с.234].

Дар китоб матолиби бисёреро аз ҳаёти паёмбарон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки барои пуртаъсир ва моявар сохтани андешаи муаллиф хидмат намудаанд. Достони паёмбарон, ки беҳтарин намунаҳои ахлоқи олӣ дар онҳо нуҳуфтааст, дар ин китоб басомади бештаре дорад. Ба ин мучиб, афзун бар ин, даҳҳо мавриди дигар аз достони пайғамбарон истифода ба амал омадааст.

Зикри ақволу аҳволи саҳобагон. Аз мухтассоти дигари китоб он аст, ки аз афъолу ақволи саҳобагоне, чун Абӯбакри Сиддиқ, Ибни Умар, Алӣ (р), Абӯубайдаи Ҷарроҳ, Абӯсуфён, Абӯмӯсои Ашъарӣ, Ҳузайфа, Ҳассони Собит, Саъд ибни Абӯваққос, Талҳа, Абдураҳмон ибни Авф нақлу баёнҳои зиёде омадааст. Намунаҳо: «Гӯянд, чун Саъди Ваққос бо Ҳира омад…» [10, с.236]; «Гӯяд, ҳазоқати Абӯбакр дар илми ансоб ба ҳадде буд, ки Пайғамбар, алайҳиссалом, Ҳассони Собитро фармуд, ки…» [10, с.135]; «Ҳузайфа гӯяд: «Дил монанди кафи даст ва ангуштон аст. Чун банда иртикоби маҳзур ва иқтироби маҳзуре кунад, дил мунқабиз шавад» [10, с.226].

Зикри рӯзгору гуфтори подшоҳон. Боби нуҳуми китоб «Дар таърихи исломӣ» унвонгузорӣ шуда, нисбат ба дигар бобҳо муфассалтар аст. Ин бахши китоб ҳамон гуна, ки аз номаш пайдост, таърихи исломро аз таваллуди Паёмбар (с) то замони ҳукмронии Мустаъсим дар бар мегирад. Аз зиндагӣ ва гуфтори подшоҳоне, чун Абӯҷаъфари Мансур, Ардашер, Арслон, Анӯшервон, Маъмун, Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ва дигарон дар китоб борҳо сухан рафтааст. Мисол: «Ардашер гуфт: Ҷомае пӯш, ки тори он аз бурдборӣ бувад ва пудаш аз некукорӣ» [10, с.68]; «Маъмун фармуд, ки бузургиву ифтихор ба фазлу маҳосини ахлоқ аст, на ба табйизи маҳосину афзунии син» [10, с.160].

Зикри аҳволи орифон. Ақволу аҳволи урафову сӯфиён ҳамеша дар мадди назари шоирону нависандагон аст. Аз ақволу афъоли эшон метавон маониву арзишҳои ахлоқиеро берун кашид.

Муаллифи китоби «Туҳфа» барои таъсиргузор сохтани андешаи худ аз ақволи урафо, бахусус Фузайл ибни Иёз, Суфёни Саврӣ, Фазл ибни Яҳё, Исҳоқи Мавсилӣ борҳо баҳра бардоштааст. Намуна: «Фузайли Иёз гӯяд: «Давлату неъмати дунё монанди кӯзаи сафол аст, ки ба андак рӯзгор шикаста шавад ва аслан илтиём пазирад» [10, с.219-220]; «Суфёни

Саврӣ дар аснои муҳоварат Абӯҷаъфари Мансурро гуфт: «Ман шахсе донам, ки агар ӯ танҳо дар ин замон сарирати худ муҳаззаб гардонад, тамомати уммати ислом ба табаияти ӯ сирати писандида гиранд ва қадам аз ҷодаи доду манҳаҷи сидод берун наниҳанд». Мансур гуфт: «Он шахс кист?». Гуфт: «Он шахс туӣ» [10, с.13].

Хулоса, китоби «Туҳфа» яке аз мероси насри ахлоқӣ буда, бо мундариҷаву таркиб, муҳтавову ғановати маънавӣ ва хусусиятҳои умдаи сабкиву адабии худ дар байни осори мансури ахлоқии ин аҳд дурахшандагии хоссеро касб намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Браун, Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Таърихи адабии Эрон аз нимаи қарни ҳафтум то охири қарни ҳаштуми ҳичрӣ, аср истилои муғулу тотор / Тарҷума ва ҳавошӣ аз Алиасғари Ҳикмат / Э.Браун. – Теҳрон, 1339. - Ҷ.2. – 886 с.
2. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1335. - Ҷ.9. – 1655 с.
3. Ибни Муътаз, Абдуллоҳ. Табақоту шуарои-л-муҳаддисин / Тасҳеҳи Умар Форуқ Таббоъ. – Бейрут: Дору-л-арқам ибни Аби-л-арқам, 1998. – 567 с.
4. Ибни Ҳамдун, Муҳаммад. Тазкирату-л-ҳамдуния. – Бейрут: Дору содир, 1996. - Ҷ.4. – 392 с.
5. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ (Иборат аз 10 ҷилд). – Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382. - Ҷ.6. – 907 с.
6. Омулӣ, Баҳоуддин Муҳаммад. Кашкӯл. – Бейрут, 1983. - Ҷ.1. – 335 с.
7. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон: Фирдавс, 1369. - Ҷ.3. – 690 с.
8. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро; таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
9. Субҳонӣ Тавфиқ. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон: Заввор, 1386. – 753 с.
10. Туҳфа дар ахлоқ ва сиёсат; ба кӯшиши Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ. – Теҳрон, 1341. - 258 с.
11. Ф. Насриддинов. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ (асрҳои X-XII) / Ф.Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
12. Шарафуддини Қазвинӣ. ал-Муъҷам фӣ осори мулуки-л-аҷам; ба кӯшиши Аҳмад Футӯҳинасаб. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1383. – 462 с.

САРЧАШМАЕ АЗ НАСРИ АХЛОҚИИ АСРИ XIV

«Туҳфа» яке аз осори пураризиши ахлоқии форсу тоҷик буда, дар асри XIV ба қалам омадааст. Муаллифи мақола саъй намуда, то арзиши адабии ин асарро муайян созад. Муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳои муътамад ва далелҳои қатъӣ нависандаи ношинохтаи китоби «Туҳфа дар ахлоқ ва сиёсат»-ро муайян сохтааст. Пажӯҳишгар ба хулосае расида, ки муаллифи китоб яке аз нависандагони барҷастаи асри XIV – Шарафуддини Қазвинӣ аст. Дар мақола хусусиятҳои умдаи адабӣ ва сохтории китоби «Туҳфа» (дар ахлоқ ва сиёсат) баррасӣ шудааст. Муаллиф муҳимтарин санъатҳои адабиро, ба монанди саҷъ, ташбеҳ тазод ва ирсоли масал, ки дар китоб истифода гардидаанд, бо овардани намунаҳо мудаллал сохтааст. Пажӯҳишгар тарзи истифодаи ашъорро баён намуда, таъкид доштааст, ки қисмати бештари ашъори дар китоб истифодашуда ашъори арабӣ ҳастанд ва бештари ашъор ба қалами шоироне, чун Мутанаббӣ, Маҳмуди Варроқ, Абулмузаффари Абевардӣ, Ибни Мунозир тааллуқ доранд. Зикр гардида, ки қисми бештари ашъори форсии китоб сурудаҳои худи муаллифи китоб аст. Аз ҷумла, дар бахшҳои алоҳида дар мавриди зикри гуфтори подшоҳон, зикри аҳволи орифон ва зикри достони паёмбарон сухан рафтааст ва муаллиф матолиби ахлоқие, ки аз забони орифону подшоҳон нақл гардидааст, бо зикри намунаҳо собит сохтааст. Таъкид гардидааст, ки китоби «Туҳфа» (дар ахлоқ ва сиёсат) дорои арзиш ва аҳамияти зиёди илмиву адабӣ буда, метавонад барои ҳарчи амиқтар шинохтани осори ахлоқии асри XIV замина фароҳам оварад.

Калидвожаҳо: Туҳфа (дар ахлоқ ва сиёсат), насри ахлоқӣ, сохту таркиб, муҳтаво, асри XIV, Шарафуддини Қазвинӣ, ахлоқ.

ЭТЮД ИЗ НРАВСТВЕННОЙ ПРОЗЫ XIV ВЕКА

«Тухфа дар ахлак ва сийасат» («Дар нравственности и политике») является одним из ценнейших нравственных произведений персидско-таджикской литературы XIV века. Автор статьи предпринял усилия исследовать литературную значимость указанного произведения. На основании достоверных сведений авторитетных литературных источников и множества неоспоримых фактов автору статьи удалось определить до сих пор неизвестного автора произведения «Тухфа дар ахлак ва сийасат». Исследователь пришел к устойчивому заключению, что автором произведения является один из выдающихся писателей XIV века Шарафуддин Казвини. В статье подвергнуты тщательному исследованию важнейшие художественные и структурные особенности «Тухфа дар ахлак ва сийасат». Автор предоставил читателям важнейшие средства образного выражения, использованные Шарафуддином Казвини в произведении, такие как садж, ташбих, тазад и ирсалу масал, и привел множество примеров их применения. Исследователь указал на стилистику использования поэзии и отметил, что большая часть поэтических образцов, приведенных в книге, принадлежит перу известных арабских поэтов, таких как Мутанабби, Махмуд Варрак, Абулмузаффар Абиварди, Ибн Муназир. Также в статье отмечается, что автором большинства поэтических отрывков на персидском языке является сам Шарафуддин Казвини. Автор статьи отмечает, что в отдельных разделах приводятся высказывания из речей правителей, повествуется о жизни ученых-мистиков и упоминаются пророческие сказания, и далее Шарафуддин Казвини указывает на нравственные тезисы, высказанные правителями и учеными мистиками, с приведением образцов прозы. В статье подчеркивается, что произведение «Тухфа (дар ахлак ва сийасат)» имеет важное научное и литературное значение, и произведение создаст предпосылки для глубокого и всестороннего изучения нравственной прозы XIV века.

Ключевые слова: «Тухфа дар ахлак ва сийасат» («Дар нравственности и политике»), нравственная проза, структура и композиция, содержание, XIV век, Шарафуддин Казвини, нравственность.

A SOURCE OUT OF ETHICAL PROSE WRITTEN IN THE XIV-TH CENTURY

"Tuhfa" is considered to be one of the valuable ethical literary productions in Persian-Tajik literature which was written in the XIV-th century. The author of the article makes an endeavor to determine the literary value of the relevant work. Proceeding from reliable sources and concrete arguments, the author reveals the unknown writer of the book entitled "Tuhfa Aimed at Moral and Politics. In a nutshell, the researcher comes to the conclusion that the author of the book was one of the outstanding writers of the XIV-th century being Sharafuddin Qazvini. The article dwells on the literary and structural peculiarities of the above-mentioned book. The author of the article presents to readers the most important means aimed at figurative expression used by Sharafuddin Kazvini in his literary production, including saj, tashbih, tazad and irsalu, and adduces the majority of examples of their application, on the whole. The researcher points to the stylistics in reference to the usage of poetry and underscores that most of the poetic samples given in the book belonged to the pen of well-known Arab poets such as Mutanabbi, Mahmoud Varrak, Abulmuzaffar Abivardi, Ibn Munazir. In his article the author asserts that Sharafuddin Kazvini himself considers the author of the majority of poetic fragments written in Persian. The author of the article underscores that in certain sections a number of statements from speeches of the rulers are adduced, he testifies to the life of mystic scientists, mentions prophetic tales, then Sharafuddin Kazvini points out the moral theses expressed by rulers and scientists of mystics, while translating prose samples. The author lays an emphasis upon the idea that the literary production entitled "Tuhfa (dar akhlak va siyasat)" is of an important scientific and literary significance, and the former creates prerequisites for a profoundly and comprehensive study beset with the moral prose referring to the XIV-th century.

Key words: "Tuhfa dar akhloq va siyasat" (Gift in morality and politics"), moral prose, structure and composition, context, the XIV-th century, Sharafuddin Kazvini, morality.

Сведения об авторе: ***Нигматов Нумонджон Исломович*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант Ph.D. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1.
E-mail: **numonjon_91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-785-45-47**

Information about the author: ***Nigmatov Nu`monjohn Islomovich*** - Khujand State University named after B. Gafurov, doctoral Ph.D. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1 passage.
E-mail: **numonjon_91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-785-45-47**

УДК: 8т1

РИФМОВАННАЯ ПРОЗА МУСАДЖАЪ И ЕЕ МЕСТО В «МУНОДЖОТНАМЕ» ХАДЖА АБДУЛЛАХА АНСОРИ

Шарипова М.
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Ходжа Абдаллах Ансори в истории персидско-таджикской литературы известен как поэт, писатель, знаток хадисов, комментатор, оратор, суфий, учитель, написавший ряд значительных произведений и положивший начало прозе мусаджаъ. Его заслуги неимоверно велики в теоретической и практической систематизации учений мусульманского мистицизма, комментариев, выработке критериев и периодизации духовных ступеней суфизма. Продолжая последовательно учиться, он все время путешествовал, дискутировал с оппонентами своих воззрений и в то же время являлся основателем дервишеских монастырей, специальных школ по обучению Корану, хадисам, а также сулюка, т.е. аскетического образа жизни суфиев.

Для описания рифмованной прозы мусаджаъ и ее роли в «Муноджотнаме» Хаджа Абдуллаха Ансори, необходимо совершить экскурс в историю становления персидско-таджикской прозы и при этом отметить, что стиль писателей подразделяется на мурсал (простой, доступный), мусаджаъ (рифмованная проза) и маснуъ (орнаментальный стиль, широко употребляющий изобразительно-выразительные средства языка, арабизмы). Полное исследование данной проблемы является одной из центральных проблем монографии профессора Н. Салимова «Стилистические этапы становления прозы в персидско-таджикской литературе (X-XШ века)».

Рифмованная проза в «Муноджотнаме» приближается к стихотворному тексту; она считается своеобразной музыкальной прозой, основным элементом которой является рифма, созданная в произведениях Хаджа Абдуллаха Ансори, в «Гулистане» Саади, в «Парешони» Конеи, в «Бахористоне» Абдурахмана Джами и в «Муншаоте» Коиммакома.

Опираясь на концепции исторических и литературных источников, можно заключить, что до эпохи Хаджа Абдуллаха Ансори данная разновидность прозы не имела развития.

Выдающиеся ученые Маликушшуаро Бахор, Бадеуззамон Ф., И.С. Брагинский, Ризозаде Шафак, Хусайнкули Котиби придерживаются мнения, что первым, кто творил в персидско-таджикской литературе на языке рифмованной прозы мусаджаъ, считается Абдуллах Ансори.

В следующих отрывках мы видим образцы параллельной рифмовки:

а) «Ҳақ ба оқилӣ ҷӯем ё ба ошиқӣ кӯем» [13, с.186].

(оқилӣ – ошиқӣ; ҷӯем – кӯем).

«Искать истину умом иль искать влюбленностью»

(умом – влюбленностью; искать – искать).

б) «бидон, ки Худои таоло дар зоҳир каъбае бино карда, ки ӯ аз сангу гил аст ва дар ботин Каъбае сохта ки аз хону дил аст [13, с.160].

(зоҳир - ботин; гил – дил).

«Знай, что Бог во внешнем мире создал Каабу, которая из камня и глины и во внутреннем мире Каабу, что из души и сердца».

(внешний – внутренний; глина – сердце).

в) «Илоҳӣ, агар коснӣ талх аст, аз бестон аст ва агар Абдуллоҳро мухрим аст, аз дӯстон аст» [3, с.41].

(бӯстон – дӯстон).

«Боже, коль цикорий горек, то он из сада и коль Абдуллах повинен, то он из друзей».

(из сада – из друзей).

г) «илоҳо, эй Холиқи бемададу воҳиди беадад, эй аввали бебидояту эй охири бениҳоят, эй зоҳири бесурату эй ботини бесират, эй бахшандаи беминнат, эй ҳаййи безиллат, эй муътии бефикрат» [1, с.1]. (Бемадад – беадад; бебидоят – бениҳоят; зоҳир – ботин; бесурат – бесират; безиллат – бефикрат – беминнат).

«Боже, о, Творец без подмоги, единица без числа, о, начало без начина, о, конец без конца, о, внешность без облика, о, мир внутренний без содержания, о, прощающий без благодарности, о, живой без тени, о мутии без размышлений, без раздумий».

д) в данном ниже предложении слова «пастӣ», «мастӣ», «сустӣ», и «худопарасти» («низменность, низость», «нетрезвость, опьяненность», «слабость, немощность» и «набожность, религиозность») в определенной степени образуют созвучие и рифму, а вместе они придают предложению ритмичность:

«Дар тифлӣ пастӣ, дар ҷавонӣ мастӣ, дар пирӣ сустӣ, пас кай худопарастӣ?» [13, с.4].

«В младенчестве низость, в молодости нетрезвость, в старости немощность, так, когда же набожность?».

Таким образом, литературный стиль как исторически возникшее явление, представляет собой в «Муноджотнаме» Хаджа Абдуллаха Ансори определенную систему принципов изобразительности и выразительности. Индивидуальная творческая манера писателя способствует реализации внутренних закономерностей стиля, которые вытекают из исторически обусловленных особенностей его художественного мышления.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ансори, Абдуллох. Муноджот и рубаи; Мехдии Муиниён. - Тегеран: Ганджина, 1370. - 120 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё; автор предисловия Мухаммади Казвини. - Тегеран, 1336. - 300 с.
3. Бахор, Мухаммадтаки. Стилистика. - Тегеран, 1373. - Т.2. – 432 с.
4. Бертельс Е.А. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.А. Бертельс. - М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1965. - 524 с.
5. Боркюэй, Серж. Гератский старец - Пири Ҳирот; перевод Равони Фарходи. - Кобул, 1978. - 420 с.
6. Фурузонфар, Бадеъуззамон. Хадисы в «Маснави». - Тегеран: Амири Кабир, 1370. - 274 с.
7. Зарринкуб, Абдулхусайн. Ценность суфийского наследии. - Тегеран: Ориё, 1344. - 270 с.
8. Зарринкуб, Абдулхусайн. Поиск в персидской суфизме. - Душанбе: Ирфон, 1992. - 396 с.
9. Мусулмонқулов Р. Рифмованная проза и исторический экскурс таджикско-персидской прозы / Р. Мусулмонқулов. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 220 с.
10. Мутахарри, Муртазо. Знакомство с исламской наукой. - Душанбе: Пайванд, 1999. - 188 с.
11. Сборник персидских произведений Ходжа Абдуллоха Ансори; автор предисловий, скорректированный текст Мухаммад Сарвари Мавлои (бо тасњењу муқобалаи се нусха ва муќаддимаву фањориси Мухаммад Сарвари Мавлоӣ). Т.1. - Тегеран: Издательство Тус, 1377. - 427 с.
12. Олимов К. Мировоззрение Абдуллохи Ансори / К. Олимов. - Душанбе: Дониш, 1991. - 160 с.
13. Ходжа Султонхусайн Гунободи. Сборник произведений орифа V века Ходжа Абдуллоха Ансори. - Тегеран, 1398. - 460 с.
14. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрхои IX-XIII) / Н. Салимов. - Худжанд: Нури маърифат, 2002. - 398 с.
15. Сафо, Забехулло. История литературы в Иране. - Тегеран: Издательство Амири Кабир, 1373. - Т.2. - 1128 с.
16. Ходизода Р. История таджикско-персидского суфизма. - Душанбе; Адиб, 1999. - 188 с.

НАСРИ ҚОФИЯДОРИ МУСАҶҶАЪ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР «МУНОҶОТНОМА»-И ХОҶӢ АБДУЛЛОҲ АНСОРӢ

Хоҷӣ Абдуллоҳ Ансорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун шоир, нависанда, донишманди ҳадисҳо, шореҳ, суханвар, суфӣ, устод машҳур аст, ки як қатор асарҳои назаррас навишта, ба насри мусаҷҷаъ ҳусни оғоз бахшидааст. Хидматҳои ӯ дар мураттабсозии назариявӣ ва амалии таълимоти тасаввуфи мусулмонӣ, тафсирҳои қуръонӣ, коркарди маҳакҳо ва ба даврахо тақсимкунии зинаҳои маънавии тасаввуф хеле бузург аст. Барои

инъикоси насри қофиядори мусаҷҷаъ ва нақши он дар «Муноҷотнома»-и Хоҷӣ Абдуллоҳ Ансорӣ бояд сайри таърихии баркароршавии насри форсу тоҷикро анҷом диҳем ва дар инҷ бояд қайд намоем, ки услуби нависандагон ба мурсал (оддӣ ва дастрас), мусаҷҷаъ (насри қофиядор) ва маснӯъ (услуби нақшу нигор, ки хеле васеъ воситаҳои тасвирӣ – муассири забон, арабизмҳоро истифода мебарад). Насри қофиядор дар «Муноҷотнома» ба матни шеърӣ наздик мешавад. Ба консепсияҳои сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ такя намуда, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки то даврони Хоҷӣ Абдуллоҳ Ансорӣ ин навъи наср рушд наёфта буд. Ин услуби адабӣ ҳамчун падидаи таърихӣ дар «Муноҷотнома»-и Хоҷӣ Абдуллоҳ Ансорӣ ифодагари низоми муайяни принсипҳои санъати тасвирӣ ва пурмаъноӣ мебошад. Тарзи фардии эҷоди нависанда ба татбиқи қонуниятҳои дохилии услуб, мусоидат менамоянд, ки аз хусусиятҳои таърихан шартнокгардидаи тафаккури эҷодиаш бармеоянд.

Калидвожаҳо: Хоҷӣ Абдуллоҳ Ансорӣ, услуби эҷодии нависанда, мусаҷҷаъ, муноҷот, забон, ифода, адабиёт, наср.

РИФМОВАННАЯ ПРОЗА МУСАДЖАЪ И ЕЕ МЕСТО В «МУНОДЖОТНАМЕ» ХАДЖА АБДУЛЛАХА АНСОРИ

Ходжа Абдаллах Ансори в истории персидско-таджикской литературы известен как поэт, писатель, знаток хадисов, комментатор, оратор, суфий, учитель, написавший ряд значительных произведений и положивший начало прозе мусаджаъ. Его заслуги неимоверно велики в теоретической и практической систематизации учений мусульманского мистицизма, комментариев, выработке критериев и периодизации духовных ступеней суфизма. Для описания рифмованной прозы мусаджаъ и ее роли в «Муноджотнаме» Хаджа Абдуллаха Ансори, необходимо совершить экскурс в историю становления персидско-таджикской прозы и при этом отметить, что стиль писателей подразделяется на мурсал (простой, доступный), мусаджаъ (рифмованная проза) и маснуъ (орнаментальный стиль, широко употребляющий изобразительно-выразительные средства языка, арабизмы). Рифмованная проза в «Муноджотнаме» приближается к стихотворному тексту. Опираясь на концепции исторических и литературных источников, можно заключить, что до эпохи Хаджа Абдуллаха Ансори данная разновидность прозы не имела развития. Литературный стиль как исторически возникшее явление, представляет собой в «Муноджотнаме» Хаджа Абдуллаха Ансори определенную систему принципов изобразительности и выразительности. Индивидуальная творческая манера писателя способствует реализации внутренних закономерностей стиля, которые вытекают из исторически обусловленных особенностей его художественного мышления.

Ключевые слова: Ходжа Абдаллах Ансори, творческая манера писателя, мусаджаъ, муноджот, язык, изложение, литература, проза.

RIFTED PROSE MUSAJA AND ITS PLACE IN THE MUNAJOTNAM BY CAJA ABDULLAH ANSORI

Khoja Abdullah Ansori in the history of Persian-Tajik literature is known as a poet, writer, Hadith expert, commentator, speaker, Sufi, teacher who wrote a number of significant works and initiated prose musadj. His achievements are incredibly great in the theoretical and practical systematization of the teachings of Muslim mysticism, comments, the development of criteria and periodization of the spiritual levels of Sufism. To describe the rhymed prose of Musadj and its role in Hajj Abdullah Ansori's "Munojotnam", it is necessary to take a look at the history of the formation of Persian-Tajik prose and at the same time note that the style of writers is subdivided into Mursal (simple, affordable), Musadj (rhymed prose) and Masnu (ornamental style, widely used figurative and expressive means of language, arabisms). The rhymed prose in Munojothnam approaches the poetic text. Based on the concepts of historical and literary sources, it can be concluded that, until the era of Haj Abdullah Ansori, this type of prose had no development. The literary style as a historically arisen phenomenon represents a certain system of principles of visualization and expressiveness in the "Munojotnam" of Haj Abdullah Ansori. The individual creative manner of the writer contributes to the realization of the internal laws of style, which arise from the historically determined features of his artistic thinking.

Key words: Khoja Abdullah Ansori, creative style of the writer, musadj, munojot, language, presentation, literature, prose.

Сведения об авторе: ***Шарипова Мутабар*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент, кандидат филологических наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru**. Тел.: **(+992) 92-782-14-45**

Information about the author: ***Sharipova Mutabar*** - Khujand State University. B.Gafurova, Associate Professor, Candidate of Philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, prospect Mavlyanbekova 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-782-14-45**

УДК: 891.550:82

ДОСТОНИ МАРЯМ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Абдуҷаббборова М.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки ҳарчанд достони Марям сарчашма дар кутуби куҳани адёни мухталиф дорад, аммо такмилу таҷдиди он дар китоби муқаддаси Қуръон сурат гирифта, барои эҷоди як достони мукаммал боис шудааст, ки дар китобҳои тафсир бо гунаҳои мухталиф нақл шудааст.

Қиссаи Марям ягона қиссаест, ки дар сураи 19 китоби муқаддаси Қуръон ба номи зан ихтисос ёфта, бештари қисматҳои он ба таври муназзам ва пайдарпай дар ду сураи Қуръон «Оли Имрон» [5, с.50] ва «Марям» [5, с.305] нақл шудааст. Дар баробари ин, ҷузъиёти дигари он дар сураи Нисо [5, с.77, 156, 171], Муъминун [5, с.342, 50], Таҳрим [5, с.560,12] низ тазаккур ёфтааст. Маҳз, мавҷудияти достони мазкур дар сурати хушавӣ дар китоби муқаддаси Қуръон омили аслӣ гардид, ки он дар аксарияти тафсирҳои тоҷикӣ-форсии Қуръон мукаммалу ҷаззоб ва бо равишу сабки махсус нақл гардид.

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» қиссаи Марям нахуст дар тафсири сураи «Оли Имрон» бо сабки шево ва ҷазбкунанда ба форсӣ тарҷума гардида, дар се фасл табақабандӣ шудааст:

1.Ҳадиси Закариё ва Мавлуди Марям.

2.Қиссаи Исо ибни Марям.

3.Ҳичрат кардани Марям ба Шом.

Вале мутолиаи ин достон дар ин китоб равшан месозад, ки фаслбандии мазкур ба таври куллӣ сурат гирифта, он ба мо имкон намедиҳад, ки тамоми лавҳаю лаҳзаҳои достонро дар алоҳидагӣ муайян созем. Албатта, сабаби аслии ин ҳолат вобаста ба зикри хушавии достон дар китоби Қуръон маҳсуб меёбад, ки муфассирон ин се ҷузъиёти достонро танҳо вобаста ба ҷузъиёти мавҷуди он дар сураи Оли Имрон шарҳу тафсир ва нақл намудаанд. Дар тафсири сураи «Марям» бошад, достон табақабандӣ нашуда, баръакс ба сурати куллӣ нақл гардидааст. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки достони Марям дар таҳрири «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз лавҳаҳои зерин иборат аст:

1. Назри Марям ба савмаъа.
2. Рафтани Марям ба Байтулмуқаддас.
3. Марям ва Ҷабраил.
4. Таваллуди Исо.
5.Буҳтон задан ба Марям.

Ҷузъиёт ва лавҳаҳои достони Марям ва баррасии он дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар навбати аввал ба мо имконият медиҳанд, ки сужаи аслии достони мазкурро муайян намоем. Ҳамзамон, дар асоси ҳамин лавҳаҳо шинохти симои Марям дар адабиёти форсу тоҷик саҳлу осон аст, зеро партави чеҳраи Марям дар адабиёт бар асоси ҳамин лавҳаҳо сурат гирифтааст, ки онҳо барои шуаро ҳамчун абзор ва воситаҳо барои офаридани маъниҳои шоирона хидмат намудаанд.

Тавре таъкид гардид, яке аз аввалин лавҳаҳои достони Марям манзараи назри ӯ ба савмаа маҳсуб меёбад, ки дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ин манзара чунин нақл шудааст: *«Ва ба миёни уббод андар марде буд ва номи он мард Имрон буд. Ӯро зане буд ва беруни Байтулмуқаддас ҳамебошиданд. Ва зани Имрон бор баргирифт. Пас, Имрон ва занаш бипазируфтанд, ки мо мар ин фарзандро муҳаррар кунем ба мазгити Байтулмуқаддас андар ва хосса зани Имрон. Худои азза ва ҷалла гуфт ҳикоят аз зани Имрон, қавлуҳу азза ва ҷалла: «Из қолат имраату Имрона раббӣ иннӣ назарту лака мо фӣ батнӣ муҳарраран фатақаббал миннӣ, иннака анта-с-самиъу-л-алим». Гуфт: «Ё Рабби ман, ин ки дар шиками ман аст, муҳаррар кардам, бипазир аз ман». Пас, чун бор биниҳод, духтар омад, Марям ном кард. Зани Имрон гуфт: «...Иннӣ вазаътуҳо унсо ва-л-Лоҳу аъламу бимо вазаъат ва лайса-з-закару ка-л-унсо ва иннӣ саммайтуҳо Марйама ва иннӣ уъизуҳо бика ва зуррийатаҳо мина- ш-шайтони-р-раҷим». «Ё Рабби ман, чунон донистам, ки ин писар ояд ва туро шоиста бошад. Кунун чун бор бинҳодам, духтар омад ва туро нашояд ва ман инро Марям ном кардам»* [8, Ҷ.4, с.776].

Аз баррасии ин лавҳаи достон чанд ҷузъиёти дигари он равшан мешавад, ки бар асоси он навгониҳоеро дар нақли достон дар тафсири мазкур мушоҳида метавон намуд. Нуктаи аввал он аст, ки баҳс дар бораи аз ҷониби кӣ назр шудани Марям дар китобҳо ҷой дорад, ки ба қисмате аз онҳо ишорат рафт. Агар ҷое ин амр аз сӯйи падар иҷро шавад [7, с.539] дар ҷойи дигар аз сӯйи модар, [1, с.275], [4, ҷ.1, с.350], аммо дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" амали мазкур аз тарафи ҳар ду сурат мегирад. Китобҳои куҳан ишорат бар он доранд, ки Марям назри маъбад ё савмаа карда мешавад. Ҷолиб аст, ки муфассири китоби "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" Марямро назри "мазгит" кардани падару модари ӯ ишорат мекунад, ки ин тамоман дар таъкидҳои пешин дида намешавад. Яъне, дар навбати аввал, дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" рӯҳияи исломии достон ба эътибор гирифта шудааст ва ҳамзамон истифодаи вожаи нодиру куҳани "мазгит", ки ҳамон масҷид бошад, аз сабки хоссаи таълифи тафсир дарак медиҳад.

Лавҳаи дигари достон «Рафтани Марям ба Байтулмуқаддас» ном дорад. Ин ҷо, пеш аз ҳама, шахсияти маънавӣ модари Марям низ ба ҷилва меояд, ки дар зиндагӣ ноумед нагардид, дар овони куҳансолӣ барои фарзанд ба даргоҳи Офаридгор нидо мекунад. Дар симои Ҳано, модари Марям, образи зани содиқ, вафодору ихлосманд ҷилвагар аст, ки

минбаъд бештари ин фазилатҳо ба Марям мегузаранд. Дар баробари ин, қайди як нукта муҳим аст, ки номи модари Марям дар «Тафсири Тарҷумаи Табарӣ» зикр нашуда, чуноне ки дар Қуръон омадааст, ҳамчун зани Имрон ёд шудааст.

Ин лавҳа дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» чунин нақл шудааст: *«Пас, Худой, азза ва ҷалла, Марямро ба ҷойи писар бипазируфт. Ва мар Закариёро огоҳ кард, ки ман ӯро бипазируфтам, чунонки гуфт: «Фатақаббалаҳо раббуҳо биқабулин ҳасанин ва анбатаҳо наботан ҳасанан».*

Пас, он уббодону зуҳҳодон ҳар касе гуфтанд, ки «мо Марямро бадар оварем» ва миёни эшон мунозара рафт. Пас гуфтанд: «Қуръа занем, ҳар кӣ қуръа ба номи ӯ барояд, Марямро бад-ӯ диҳем». Пас, он қаламҳо, ки бад-он Таврот навиштандӣ, биёварданд ва ҳар касе номи хеш бар яке навишт ва онро ба дасторе андар печиданд ва гуфтанд, ки: «Аз миёни ин ҳама яке бадар оварем ва номи ҳар кас, ки барояд, Марямро ӯ бардорад». Ва чун яке аз он берун оварданд, номи Закариё бар он буд. Пас, Закариё Марямро бардошт ва гуфт, ки: «Ин ҳаққи ман аст, ки қуръа ба номи ман баромад ва низ хоҳари модари ин зани ман аст». Ва ин он аст, ки гуфт азза ва ҷалла: «Ва мо кунта ладайҳим из йулкуна ақломаҳум аййуҳум йакфулу Марйама ва мо кунта ладайҳим из йахтасимуна». Пас, ӯ ро ба Закариё супурданд ва Закариё ӯ ро ҳамедошт, то панҷсола гашт. Ва пас ҳуҷрае аз баҳри Марям бипардохт ва Марямро бардошт ва бад-он ҳуҷра бурд ва ӯро Таврот биёмухт. Ва Марям бад-он ҳуҷра андар ҳамебуд ва ибодат ҳамекард ва Таврот ҳамехонд ва пайваста шабу рӯз бад-он ибодат кардан ва Таврот хондан машғул будӣ ва ҳеч кори дигар накардӣ. Ва Закариё ҳар рӯ зе як бор пеши Марям андаромадӣ. Ва чун якчанде баромад, ҳар гоҳ, ки Закариё пеши Марям андаромадӣ ва чун дар пеши Марям шудӣ, дар зимистон меваи тобистонӣ дидӣ ва дар тобистон меваи зимистонӣ дидӣ. Ва Закариёро аз он аҷаб омадӣ ва Марямро гуфтӣ, ки: «Дар пеши ту ин меваҳо аз куҷо меояд? Гуфт ки: «Аз назди Худованд». Чунонки гуфт азза ва ҷалла: «Кулламо дахала алайҳо Закариййа-л-миҳроба ваҷада индаҳо ризқан. Қола, йо Марйаму анно лаки ҳозо? Қолат ҳува мин инди-л-Лоҳи Инна-л-Лоҳа йарзуқу ман йашоу биғайри ҳисоб» [8, ҷ.1, с.182].

То ин ҷо равшан мегардад, ки ҷузъиёти қуръагирӣ барои ба тарбия гирифтани Марям, пеш аз ҳама, дар ин ҷо нақл мешавад ва дар достони куҳан кабутаре меояд ва бар сари пирмарде бо номи Иосифи (Юсуфи) дуредгар менишинад, ки тибқи одоти куҳан чун нишонаи ғайбӣ доштани ин тадбир Марям ба ӯ супорида мешавад [3, с.188]. Аммо дар тафсир ин тадбир тавассути қуръакашӣ сурат мегирад, ки он ба сурати ба об партофтани қаламҳо ҷараён бахшида мешавад. Чун қуръа ба номи Закариё гирифта мешавад, як матлаби тозаи дигар аз забони ӯ таъкид мегардад, ки ин «духтари хоҳари зани ман аст»-гуфтани вай ба шумор меравад. Аз ин ишорат пайванди хешовандии онҳо равшан мегардад, ки ин ақида дар намунаҳои пешини достон ба чашм намерасад. Нуқтаи дигари қобили таваҷҷуҳ дар ин бахши достон ба хатти сужаи он ворид намудани як ҷузъиёти нав мебошад. Дар китоби Инҷил таъкид мешавад, ки барои Марям дар баландтарин нуқтаи маъбад ҳуҷрае сохта мешавад, аммо дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» танҳо ба ҳуҷраи махсус сохтани Закариё таъкид мешаваду халос. Ҳамзамон, талқин мегардад, ки Закариё ба Марям Таврот меомӯзад. Ишорат бар ҳамин нуктаи муҳим, ки Закариё ба Марям Таврот меомӯзонд, бори дигар ба сарчашма дар ҳамин китоб доштани достони Марям ишорат мекунад, ки дар шинохти маъохизи ин достон хеле муҳим ба назар мерасад.

Дар намунаҳои куҳани достон ишорат мешавад, ки Закариё вақте ба хонаи Марям ворид мешавад, пеши ӯ хӯрокҳое мебинад. Аммо дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мо мебинем, ки дар фасли зимистон овардани меваҳои тобистона ва дар фасли тобистон омадани меваҳои зимистона зикр мешавад, ки фарқияти ин лавҳаи достонро аз ҷониби муфассир нишон медиҳад.

Дигар аз ҷузъиёти достон, ки дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар ду сура комилан нақл шудааст, Лавҳаи Марям ва Ҷабраил ба шумор меравад. Дар сураи Оли Имрон қиссаи мустақил ва ҷудогонае бо номи «Қиссаи Исо алайҳиссалом» омадааст, ки ин дар дигар тафсирҳо ба назар намерасад. Вохӯрии Марям ва Ҷабраил дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар сураи Оли Имрон чунин омадааст:

«*Ногоҳ нигоҳ кард, мардеро дид он ҷо истода ва Марям аз ӯ бишукӯҳид ва биҳаросид ва гуфт: «Боздошт хоҳам ба Худой аз ту, агар парҳезкорӣ». Чунонки Худои таоло ҳикоят кард аз Марям: «Қолат иннӣ аъузу би-р-раҳмони минка ин кунта тақиййан» [5, с.19, 18]*

Ва он мард Ҷибрил, алайҳи-с-салом, буд ба сурати марде он ҷо истода. Пас, чун Ҷибрил, алайҳи-с-салом, донист, ки ӯ битарсидааст аз вай, ҳамон гоҳ хештанро ошкоро кард ва гуфт: «Матарс, ки ман Ҷибрилам, расули Худой, азза ва ҷалла ва омадам, то туро бидиҳам гуломе пок». Чунонки гуфт азза ва ҷалла: «Қола иннамо ано расулу раббика лиаҳабалаки гуломан закиййан» [5, с.19]. Пас, Марям гуфт: «Чӣ гуна бошад маро фарзанде ва ҳеч одами маро бинасовидааст ва гирди ман нагардида ва ман низ набудам балова». Чунонки гуфт азза

ва ҷалла: «Қолат анно йакуну ли гуломун ва лам йамсаснӣ башарун ва лам аку бигиййан» [5, с.19, 20]. Гуфт: «Оре, чунин аст, валекин Худои таоло гуфт биёфаринам он чи хоҳам». Чунонки гуфт азза ва ҷалла: «Қола казолики-л-Лоҳу яхлуку лаҳу мо йашоу, изо қазо амран фаиннамо йақулу лаҳу кун файакун» [5, с.3, 47]. Чун хоҳад Худой, азза ва ҷалла, гӯяд: «Бибош». Бибошад. Пас, Ҷибрил ба Марям андардамид, то Марям бор гирифт бо Исо ва ҳамчунон ҳамебуд то вақти бор ниҳодан.

Сужети достон дар ду сураи Қуръон Марям ва Оли Имрон ҳарчанд комилан тафсир шудааст, аммо дар сураи Марям бархе аз чузъиёте, ки дар Оли Имрон дида намешавад, илова гардидааст. Мисол, дар қуръакашӣ гирифтани кӯдак қалами Закариёро дар сураи Оли Имрон ба назар намерасад, аммо дар сураи Марям ин қисмати достон дар сурати ба об афкандани қаламҳо оварда шудааст. Ҳамчунин нуктаи бисёр ҷолиби ин достон дар мавриди шахсияти Юсуфи дуредгар аст. Агар дар сураи Оли Имрон Ҷабраил дар сурати марде зикр шуда бошад, дар сураи Марям ин мард бо номи Юсуфи дуредгар ёд мешавад. Аммо дар сарчашмаи аслии достон, ки дар китобҳои куҳан омадааст, Иосиф ё Юсуфи дуредгар мардест, ки парранда ба сари ӯ менишинад ва Марям бар асоси ин амал ба вай барои тарбият супорида мешавад. Образи Юсуфи дуредгар муодили Закариё дар достони куҳан аст, ки ин ҷо акнун фаришта ба сурати вай медарояд. Нуктаи дигаре, ки дар сураи Марям дида мешавад, оиди дамидани Ҷабраил ба остини Марям мебошад, ки дар сураи Оли Имрон ба назар намерасад.

Лавҳаи дигари марбут ба достони Марям, ки дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нақл шудааст, «таваллуди Исо» мебошад. Фурсати таваллуд ва достони ба дунё омадани Исо дар «Тафсири Тарҷумаи Табарӣ» чунин зикр гардидааст: *Пас, чун Марямро дарди зодан гирифт, бархост ва аз шаҳр берун рафт ва бад-он саҳро як буни хурмо буд - хушкшуда ва бар буни он дарахт биншаст ва дард ҳамехӯрд ва ҳамебуд, чунонки гуфт азза ва ҷалла: «Фааҷоаҳа-л-махозу ило ҷизъи-н-нахлати». Ва «махоз» дарди зодан бошад. Аз дарди зодан, ки бигрифта буд ва аз шарми мардумон мегуфт, ки: «Эй вой! Боре ман бимурдаме пеш аз ин, ё ҳаргиз худ набудаме». Чунонки гуфт азза ва ҷалла: «Қолат йо лайтанӣ митту қабла ҳозо ва кунту насйан мансиййан».*

Пас, бад-он буни хурмобун рафт ва даст дар он хурмобун зад. Ва солҳо буд, то он хурмобун хушк шуда буд ва чун Марям даст дар он зад, Ҳақ(қ) таоло ба қудрати хеш онро сабз гардонид ва хурмо бад-ӯ пайдо омад.

Ва чун Исо аз модар дар вуҷуд омад, ҳамон соат модарро овоз дод ва гуфт: «Ҳеч андуҳ мадор, ки Худои, азза ва ҷалла, бад-он ҷӯй оби равон боздод, бархез ва ин дарахтро биҷунбон, то хурмо фурӯ резад ва хурмо бихӯр ва об, ки дар ҷӯ меояд, бихӯр ва ҳеч андуҳ мабар ва бо ҳеч халқ сухан магӯ ва ҳар кас, ки пеши ту ояд ва сухане пурсад ё гӯяд, бигӯ ки «Ман рӯза назр кардаам». Ва дар он вақт ҳар кас, ки рӯза дошт, бо касе сухане нагуфт. Ва ин овоз, ки Марям бишнид, гурӯҳе гӯянд, ки овози Ҷибрил буд ва гурӯҳе гӯянд, ки овози Исо буд. Чунонки гуфт азза ва ҷалла «Фанодоҳо мин таҳтиҳо алло таҳзанӣ қад ҷаъала раббуки таҳтаки сарийян. Ва ҳуззӣ илайки биҷизъи-н-нахлати тусоқит алайки рутабан ҷанийян. Факулӣ в-ашрабӣ ва қаррӣ айнан. Фаиммо тарайинна мина-л-башари аҳадан фақулӣ иннӣ назарту ли-р-раҳмони савман фала и укаллима-л-йавма инсийян».

Пас,чун Марям овоз шунид, ки «ин-ки оби равон бихӯр ва аз ин дарахти хурмо фурӯ резу бихӯр», Марям гуфт: «Ё раб(б), чун буд, ки дар он вақт, ки бад-он ҳучра андар мебудам дар зимистон, меваи тобистонӣ сӯ(и) ман мефиристодӣ ва дар тобистон меваи зимистонӣ ва акнун ин дарахтро ҳамебояд ҷунбонид то хурмо фурӯ резад ва бихурам». Овозе омад, ки: «Аз баҳри он, ки акнун дилат дуто гаштааст ва дар он вақт якто буд» [8, ҷ. 4, с.782].

Албатта, ин чузъиёти достони Марям ва манзараи таваллуди Исо бо такя бар китоби муқаддаси Қуръон нақл шудааст. Танҳо чанд лаҳза афзуда шудааст, ки аввал марбут ба суханони мардум дар бораи Марям мебошад. Муфассирон афзудаанд, ки аз Худованд барои ӯ нидо омад, ки бо ҳеҷ халқ сухан магӯ ва агар касе чизеро пурсад, бигӯ, ки ман рӯза назр кардаам. Ҷолиб он аст, ки дар ин баёноти мазкур дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” ҳамин нукта тавзеҳ шудааст, ки маънии ин сухан он бошад, ки чун он замон касе агар рӯза дошт, бо нафаре суҳбат накардӣ. Дар баробари ин, вақте Марям дар оғози ин лавҳа ба таҳи он дарахти хурмо, ки дар достони мазкур дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” ба шакли “хурмобун” меояд, махсус ин ҷо таъкид мегардад, ки он чун даст бар он дарахт расонид, ба қудрати Офаридгор он сабз шуд ва ҳосил даровард. Таъкиди ҳамин муъҷиза, ки ба Марям нисбат дода мешавад, дар ин достон гоҳо мартабаи варо аз модари Паёмбар то ба чеҳраи Паёмбарӣ бардоштааст. Шояд бар асоси ҳамин муъҷиза аст, ки бархе муфассирину муҳаққиқон Марямро ягона паёмбар аз миёни занон донистаанд, бо он ки дар Қуръон бонуи ҳар ду ҷаҳон номида шудааст.

Лавҳаи таваллуди Исо дар “Тарҷумаи тафсири Табарӣ” бағоят ҷолиб ва бо сабке ҷаззоб ба қалам омадааст, зеро ин ҷо шахсияти Марям ва Исо бештар ҷанбаи қавии

исломӣ дорад ва асосан дар заминаи шарҳу тафсири Қуръонии достонҳои Исо ва Марям сурат пазируфта мешавад. Ҳамон манзараи ба сухан омадани Исо дар гаҳвора, ки баъдан ҷузъиёте маъруф аз ин достон ба шумор меравад, ин ҷо ба хотири субути покизагиву муқаддасии Марям низ зикр мешавад ва ҳатто дар ҳамин тафсир таъкид мешавад, ки эҳтимол дорад, ки он нидои ғайбии ба Марям расида дар бораи хомӯшӣ ва назри рӯза ба Исо тааллуқ дошта бошад.

Лавҳаи дигар бо номи “Буҳтон задан ба Марям”дар Тарҷумаи тафсири Табарӣ чунин зикр шудааст:

“*Пас, мардумони Байтулмуқаддас ҳама рӯй ба Закариё андар ниҳоданд ва гуфтанд: «Мо ин духтарро туро додем даст боздоштӣ, то балоягӣ кард ва зино кард». Закариё гуфт: «Ҳеҷ халқ аз одамиён сӯйи вай нарафт».Эшон гуфтанд: «Пас, ин кӯдак аз куҷост?» Закариё гуфт: «Ин сухан аз вай бояд пурсидан». Пас, ҳама қавм сӯйи Марям рафтанд ва гуфтанд: «Ин кӯдак аз куҷо овардӣ?» Марям ҷавоб надод ва гуфт: «Ман пазируфтаам аз Худои азза ва ҷалла, ки бо ҳеҷ халқ сухан нагӯям». Чунонки Худой гуфт: «Фаиммо тарайинна мина-л-башари аҳадан фақулӣ иннӣ назарту ли-р-раҳмони савман фалан укаллима-л-йавма инсиййан»”.*

Дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” ин манзара нисбат ба дигар кутуб ба сурати пурра ва муфассал нақл мешавад, яъне Марям чун ба Байтулмуқаддас меояд, мардум аз Закариё дар бораи кӯдак мепурсанд ва ҳатто туҳмат мекунанд. Аммо посухи ӯ, ки пазируфтаам аз Худои азза ва ҷалла, ки бо ҳеҷ халқ сухан нагӯям ва зикри оёте аз Қуръон худ покизаву тақаддуси рӯҳи Марямро ба субут мерасонад, ки ин ҷо дар намунаи Қуръонии достони Марям мо ба мушоҳида мегирем. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар ин ҷо низ ба сухан омадани Исо яке аз далоили дигари субути мазҳари мусаффо ва ғайбии фарзанди Марям тавзеҳ дода мешавад, ки дар идомаи достон мебинем:

Пас, чун Марям ҷавоби эшон боз надод, эшонро андуҳ омад. Ва ба Байтулмуқаддас марде буд сахт бадмард, номи ӯ Ҳорун. Марямро гуфтанд: «Ё ухта Ҳорун, ё хоҳари Ҳорун, набуд падари ту марде бад ва модарат бад набуд, инчунин балоягӣ кардӣ». Марям ишорат кард бад-он кӯдак ва гуфт: «Ӯ беҳтар донад». Эшон гуфтанд: «Чун сухан орем кӯдакро андар гаҳвора». Худои азза ва ҷалла мар Исоро ба сухан овард ба забони фасеҳ, эдун гуфт: «*Иннӣ абду-л-Лоҳи отонийа- л-китоба»*. Гуфт: «Ман бандаи Худоям». Аввал боре иқрор кард ба бандагии Худой, то шак аз миён бархост. Он гоҳ гуфт: *«Отонийа-л-китоба*. Ва Худованд ба ман фиристод ҳуҷҷати хеш ва кард маро паёмбаре ва кард маро бабаракат ва маро васият кард ба намоз кардан ва закот додан, то ман бошам зинда ва фармуд маро бо модар неку кардан ва накард маро ҷабборе ва бадбахт накард маро».

Ин ҷо дар баробари нақли достони ба сухан омадани Исо дар гаҳвора образи шахсияти дигари таркиби ин достон бо номи Ҳорун ҷилвагар мешавад, ки ба таъбири дар тафсири мазкур омада, бадмард аст. Аз ин рӯ, ҳар ки аз занон амали баде кунад, ӯро хоҳари Ҳорун мегуфтаанд. Мардум бо дидани кӯдак дар дасти Марям ба ӯ чунин муроҷиат мекунанд, ки “Ё хоҳари Ҳорун, набуд падари ту марде бад ва модарат бад набуд, инчунин балоягӣ кардӣ”. Ин чеҳраи достон, ки танҳо ба хотири муқоиса зоҳир мешавад, дар лаҳзаҳои дигари достони Марям дида намешавад, яъне дар қиссаи мазкур дар китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” ҳарчанд барои муқоиса ном бурда мешавад, аммо ҳамчун як шахсияти ворид дар таркиби достон ба мушоҳида мерасад.

Аммо сухан гуфтани Исо дар кӯдакӣ, ки, аллакай, нишоне аз Паёмбарии ӯст, гумонҳоро аз миён мебардорад. Ин матлабро дар идомаи достон дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” чунин мехонем:

“Пас, чун Исо, алайҳи-с-салом, ин сухан бигуфт, ҳамон гоҳ халқ ба се гурӯҳ шуданд. Гурӯҳе гуфтанд: «Исо писари Худой аст». Ва гурӯҳе гуфтанд: «Исо худ Худой аст, к-аз осмон фурүд омад ва ба шиками модар андар шуд ва боз берун омад». Ва гурӯҳе гуфтанд, ки: «Ин ҷодуӣ аст, ки Марям кардааст».

Дар ҳамин ҷо, аллакай, як нуктаи хеле муҳимми вобаста ба сужаи достон ба ҷилва меояд. Вақте муфассирон мегӯянд, ки халқ ба се гурӯҳ шуданд, манзур ҳамон баёноти шинохти Модархудоӣ ва писархудоӣ аст, ки дар гунаи масеҳии достони мазкур мушоҳида мекунем. Чун як гурӯҳ гуфтаанд, ки Исо худ Худой аст.

Ҳамин тавр, агар мо хатти сайру густариши достони Марямро дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» пайгирона ва бо тааммуқ ба риштаи таҳқиқ кашем, таъсири тафсири мазкурро марбут ба достони Марям мушоҳида мекунем:

1. Ба тафсирҳои минбаъда, хосса ба тафсири Абӯбакри Атиқи Нишопурии маъруф ба «Сурободӣ» ва ба «Кашф ул-асрор»-и Абулфазли Майбудӣ;

2. Ба қасасуланбиёҳо, хосса ба «Қасас- ул-анбиё»-и Нишопурӣ;

3. Ба ашъори лирикии адабиёти форсу тоҷик, ки домани бағоят густарда дорад ва дар ин замина даҳҳо ҷилд асноди муҳим метавонем ҷамъоварӣ намоем.

Ҳамин тариқ, лавҳаҳои достони Марям дар “Тафсири Тарҷумаи Табарӣ” бо як услуби хос омада, хусусиятҳои барҷастаи насри мурсал хеле барҷаста ҷилвагарӣ намуда, истифодаи ҳиссачаҳои «андар», «ҳаме», ҳамедошт, ҳамехонд, ҳамекард «мар», ҳарфи «б» ба ҷойи ҳарфи «в» дар вожагони набиштан, афзудани ҳарфи ё дар охири феълҳои андаромадӣ, боздоштандӣ бозтоби хусусиятҳои хосси сабки нигориши тафсирро таъкид мекунанд. Дар тарҷумаи оёти вобаста ба ин қисса танҳо калимаи арабие, ки истифода шудааст, «муҳаррар» мебошад. Аз ин рӯ, вобаста ба хусусиёти сабки нигориши достон дар ин китоби тафсир ҳаминро метавон афзуд, ки он бештар дар сабки насри мурсал ба қалам омадааст. Яке аз вижагиҳои хосси ин сабк фаровон ба кор бурдани чанде аз пешванду пасвандҳо маҳсуб меёбад. Ин хусусияти забониро метавон дар истифодаи фаровони калимаҳои «ҳамебошиданд», «баргирифт», «бипазируфтанд» ва монанди инҳо ба мушоҳида гирифт. Аз ҳама бештар дар тафсир истифодаи «андар» ба ҷойи «дар» ва ҳиссачаҳои «ҳаме», «мар» пеш аз калимаҳое, ки мебоист пасоянди «–ро» қабул намоянд, хеле барҷаста ба назар мерасад, ки ҳамон хусусияти забонии тафсирро дар пайванд ба шеваи хоссаи баёни аҳди Сомониён бозгӯӣ мекунад.

Маҷмӯан, дар заминаи баррасии достони Марям дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», пеш аз ҳама, равшан мегардад, ки чеҳра ё симои марказии достон Марям аст, ки дар вуҷуди вай муҳимтарин фазилатҳои олии инсонӣ дар сурати сидқу ихлос, боварӣ ва эътимод, дурустиву сабурӣ ва садоқат ба мардум ҷилвагар шудаанд. Дар канори ин, маҳз тавассути нақли муфассали достони Марям дар китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки дар тафсири ду сура – Оли Имрон ва Марям омадаанд, бори аввал намунаи комили ин достонро ҳамчун яке аз қиссаҳои муътабари қуръонӣ ба даст меоварем. Дар ин достон аст, ки ҳамакнун образи Марям на ҳамчун модархудо, балки зани боиффат ва ба таъбири қуръонӣ бонуи ҳар ду ҷаҳон, ки ҳамаи занони олам имтиёз доранд, ҷилвагар мешавад. Таҳлили қиёсии достони мазкур дар ин китоб бо гунаҳои куҳани он бори дигар нишон медиҳад, ки дарвоқеъ, ин достон бо такя бар ҷанбаҳои қуръонӣ касб намудани вай дар баробари ороста гардидан бо рӯҳия ва зевари исломӣ ҳам аз назари иштироки шахсиятҳо, ҳам аз диди фарогирии мавзӯъ ва мундариҷа ва ҳам аз назари сабки баён хеле такмил пазируфта, ба як достони муҳташаме мубаддал гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Атиқи Нишопурӣ, Абубакр. Тафсири Сурободӣ; тасҳеҳи Саидии Серҷонӣ. - Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 1381 иборат аз 5 ҷилд.
2. Ғаффорова У. Қиссаҳои қуръонӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» / У. Ғаффорова. - Хуҷанд: Ношир, 2004. -400 с.
3. Деревенский Б.Г. Иисус Христос в документах истории / Б.Г. Деревенский. - Санкт-Петербург: Алетейя, 2001. - 430 с.
4. Исфароинӣ, Абулмузаффар. Тоҷ-ут-тароҷим; тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳиравӣ ва Алиакбар Илоҳии Хуросонӣ. - Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1375, иборат аз се ҷилд.
5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ); тарҷума ва тавзеҳоти Муҳаммадҳон Умаров. - Душанбе: ЭР-граф, 2011.- 640 с.
6. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ / Ф. Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2012. - 576 с.
7. Сируси Шамисо. Фарҳанги талмеҳот (ишороти асотирӣ, достонӣ, таърихӣ, мазҳабӣ дар адабиёти форсӣ). - Теҳрон: Митро, 1386. - 732 с.
8. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ; таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.З. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А.Самеев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007.

ДОСТОНИ МАРЯМ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Мақолаи зерин ба таҳлили достони Марям дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бахшида шудааст. Дар заминаи баррасии достони Марям дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», пеш аз ҳама, равшан мегардад, ки чеҳра ё симои марказии достон Марям аст, ки дар вуҷуди вай муҳимтарин фазилатҳои олии инсонӣ дар сурати сидқу ихлос, боварӣ ва эътимод, дурустиву сабурӣ ва садоқат ба мардум ҷилвагар шудаанд. Дар канори ин, маҳз тавассути нақли муфассали достони Марям дар китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки дар тафсири ду сура – Оли Имрон ва Марям омадаанд, бори аввал намунаи комили ин достонро ҳамчун яке аз қиссаҳои муътабари қуръонӣ ба даст меоварем. Аҳамияти ин қадимтарин намунаи тафсири китоби муқаддаси Қуръон танҳо дар он ба зуҳур намерасад, ки аввалин таҳрири достонҳои қуръонӣ ба шумор меравад, балки бештар дар он ҷилвагар аст, ки самти интишори он қиссаҳои қуръонӣ, аз ҷумла достони Марямро ва майлонҳои асосии онро муқаррар сохтааст. Дар баробари ин, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бармеояд, ки бо забони равону сода ва муассир ба қалам омада, дар он бештари вожагони ноби форсии классикӣ истифода шудаанд. Дар забони асар, ки аз рӯи мутолиаи достони Марям ошкор мегардад, истифодаи вожагони мураккаб ва сабки печида ба мушоҳида намерасад. Муаллифи мақола хусусиятҳои сабкию услубии хати сужаи достони Марямро дар тафсир дида баромадааст. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таъсироти бузургеро дар ташаккулёбии хати суҷаи достони Марям дар назму насри баъдина дар адабиёти форсу тоҷик гузоштааст.

Калидвожаҳо: достони Марям, қиссаҳои қуръонӣ, «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», Марями бокира, Марями муқаддас, Исо, Ҷабраил

РАССКАЗ О МАРЯМЕ В «ТАРДЖУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРИ»

Статья посвящена анализу художественных и стилистических особенностей рассказа священной Марям (Марии) в знаменитом комментарии Корана под названием «Тарджумаи Тафсири Табари». На основе рассмотрения рассказа о священной Марям в «Тарджумаи Тафсири Табари», прежде всего, выясняется, что центральным образом рассказа является Марям в образе которой рассматриваются важнейшие человеческие достоинства такие как верность, вера и уверенность, праведность, терпимость и преданность народу. Наряду с этим, только посредством подобного изложения рассказа Марям в книге «Тарджумаи Тафсири Табари», которые приведены в комментариях двух глав Корана - Семейство Имран и Марям - впервые мы получили совершенный пример данного рассказа как одного из весомых коранических рассказов. Также в статье рассматриваются особенности художественной трактовки рассказа девы Марии. Данное произведение является первым переводом Корана на персидский язык и представляет собой великолепный образец персидско-таджикской художественной прозы X века. «Тарджумаи Тафсири Табари» оказало заметное влияние на дальнейшее развитие рассказа священной Марям (Марии) в различных прозаических и поэтических жанрах персидско-таджикской литературы.

Ключевые слова: рассказ о Марям, коранические сказания, «Тарджумаи тафсири Табари», дева Мария, Исо (Иисус), Коран, Пресвятая Дева, Джабарил.

STORY ABOUT THE MARYAM AT "TARDZHUMAI TAFSIIRI TABARI"

The article is devoted to the analysis of the artistic and stylistic features of the story of the holy Maryam (Mary) in the famous commentary of the Quran called "Tardzhumai Tafsiri Tabari". Based on the consideration of the story of the sacred Maryam in "Tardjumai Tafsiri Tabari", first of all, it turns out that the central image of the story is Maryam in whose image the most important human virtues such as loyalty, faith and confidence, righteousness, tolerance and loyalty to the people are considered. Along with this, only through a similar exposition of the story of Maryam in the book "Tardzhumai Tafsiri Tabari", which are given in the comments of two chapters of the Quran - Family Imran and Maryam - for the first time we received a perfect example of this story as one of the most significant Koran stories. The article also discusses the features of the artistic interpretation of the story of the Virgin Mary. This work is the first translation of the Koran into Persian and is a magnificent example of Persian-Tajik artistic prose of the 10th century. "Tardzhumai Tafsiri Tabari" had a noticeable influence on the further development of the story of the holy Maryam (Mary) in various prosaic and poetic genres of Persian-Tajik literature.

Key words: story of Maryam, Koran stories, "Tardzhumai tafsiri Tabari", Virgin Mary, Iso (Jesus), Quran, Blessed Virgin, Jabaril

Сведения об авторе: ***Абдуджабборова Мадина Абдуфаёзовна*** - Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **abduzhabborova@bk.ru.** Тел.: **(+992) 92-920-16-55**

Information about the author: ***Abdujabborova Madina Abdufayazovna*** - Khudzhand B. Gafurov State University, applicant for the Department of Arabic Philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave. 1. E-mail: **abduzhabborova@bk.ru.** Tel.: **(+992) 92-920-16-55**

УДК: 891.550

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ РАҲМАТ НАЗРӢ

Раҳимҷонова Ш.С.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Дар олами шеъру адаби тоҷик раҳ ҷустану роҳ пайдо намудан кори содае нест. Бавижа дар адабиёти классику муосири тоҷик санъати назм ба камолоти худ расида, ки на ҳар кас ба ин майдон ворид гардида, ҳарфи тозае гуфта метавонад ва ҳам бад-ин минвол мавқеи хешро пайдо карда метавонад. Вале дар ин арсаи болобаланди ҷаҳонгир ҳар касе бо шавқу дониши тамом по гузорад, бидуни тардид ҷойгоҳ ва мавқеи хосси хешро пайдо карда метавонад.

Шоире, ки ҳоло мо дар бораш ҳарф мезанем аз қабили он шоиронест, ки дар рӯзи нахусти ба майдони шоирӣ қадам гузоштанаш устодон ва донишварон муждагонӣ дода буданд, ки боз як шоири ҷавони боистеъдоде ба фаъолият оғоз намуд. Ин шоири тавоно ва дар нигоҳи аввал пуршӯру шавқ Раҳмат Назрӣ буд. Раҳмат Назрӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта аз шоирии хеш дарак дод ва ин пайкро устодони шеъру шоирӣ ба адабиёти муосири тоҷик муборакбодӣ гуфтанд. Соли 1977 шоири ҷавон китоби нахустини хешро ба унвони «Барги сабз» нашр намуд. Дар ҳамон сол миёни адибон ва дӯстдорони шеъру шоирӣ шӯру валвалае барпо шуд. Ҳар кадом аз шеъру шоирии Раҳмат Назрӣ мегуфтанду дар рӯзномаву маҷаллаҳо накдҳо менавиштанд. Худи ҳамон сол устод Боқӣ Раҳимзода нисбати маҷмӯаи нахустини шеърҳои Раҳмат Назрӣ изҳор дошта буданд: «Раҳмат Назрӣ аз қабили он шоирони ҷавонест, ки воқеан ҳар шеъри гуфтаашро аз сар гузарондааст ва шодию андуҳи онро бо дили худ эҳсос кардааст. Шеърҳои ӯ ба тафаккуру муҳити муаллифи ҷавон мувофиқу созгоранд. Шоир воқеаи тасвирро на танҳомедонад, балки дар

худи ҳамонвоқеазиндагӣкардааст. Ӯ саргузашт ва орзую умедҳои ширини худро ба забоне, ки хосси ӯст, гӯшрас карда, хонандагонро ба шоириаш умедвор мекунад» [1, с.121].

Оид ба нахустин маҷмӯаи шеърҳои шоир доктори илми филология Расул Ҳодизода ҳам нақде дар ҳамон сол навишат буд. Мавсуф роҷеъ ба эҷодиёти шоири ҷавон андешаи худро чунин баён доштааст: “Инак, дар дасти ман аввалин маҷмӯаи шоири ҷавон Раҳмат Назрӣ ба унвони «Барги сабз». Пеш аз ин шеърҳоиӯро ба тарзи пароканда ва номураттаб аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо мехондам. Аммо, ростигап, тасаввури дурусте дар бораи ин шоири ҷавон надоштам. Ваҳоло, ки маҷмӯаи ӯро дар як нишаст хонда баромадаам, гуфта метавонам, ки хушаст, ки ба адабиёти муосири мо дар шахси Раҳмат Назрӣ як шоири соҳибистеъдоди хушсалиқа қадам ниҳодааст. Ва он ки ба навиштани ин фикру мулоҳизаҳо қалам ба даст гирифтам, аз ҳамин эҳсоси хурсандӣ буд.

Дар бораи маҷмӯаи аввалини шоири ҷавон тақриз навиштан, дар бораи шеърҳои ӯ ҳукму интиқод кардан кори мушкил ва масъулиятнок аст. Гоҳо таърифу ситоишҳо, ҳарчанд самимӣ бошанд ҳам, акси амал мекунанд ва шоири ҷавонро дар роҳи камолот монеае мешаванд; гоҳо эродҳои ҳаққонӣ ва маслиҳатҳои дӯстона, ҳатто дар пардаю оҳангҳои нарму мулоим бошанд ҳам, ба ҳадаф намерасанд, на танҳо аз тарафи шоир қабул намегарданд, балки хеле вақт боиси ранҷиш ва малолати хотир мешаванд. Ҳарчанд ҳамаи ин мулоҳизаҳо дар пеши назар буданд, аммо ман аз навиштани таассуроти худ пас аз хондани «Баргисабз» худдорӣ карда натавонистам ва хостам чанд мулоҳизаю андешаи худро аз рӯйи ин китоб арз кунам” [2, с.125].

Дарвоқеъ, аз пазироии гарм ва каломи хуше, ки аз ҷониби устодони шеъру мунаққидон ва ҳамкасбон шоири ҷавон шунид, масъулияти бештарро дар роҳи эҷод бар дӯши худ эҳсос намуд. Ва ҳамчунин ба шоир илҳоми тозае бахшид, ки ӯ пас аз он маҷмӯаи шеърҳо пайи ҳам китобҳои хешро эҷоду нашр менамуд. Акнун, шоир дар арсаи адабиёт оҳиста-оҳиста ҷойгоҳи худро пайдо мекард ва тадриҷан шеъраш ба ҳади камолот ва балоғати худ мерасид. Ҳаводорон ва дилбастагони шеъру шоирӣ ба шеърҳои Раҳмат Назрӣ таваҷҷуҳ мекардагӣ шуданд ва ин ба шоир боз ҳам имкони дигаре буд, ки дар ҷодаи пешгирифтаи худ қавитар ва пухтатар бошад.

Эҷодиёти Раҳмат Назрӣ вижагиҳои хосси худро дорад, ки дарвоқеъ забони баён, тасвир, образҳои меофаридаи шоир ба куллӣ аз ҳамовардони худ фарқ мекард. Бартарияти шоирии Раҳмат Назрӣ аз ҳамовардони худ дар он буд, ки ҳеҷ гоҳ аз пайи тақлид ва мавзӯу мазмунҳои обшуста нарафт ва ҳамин тавр дар шеър суханпардозӣ ва суханбофӣ накард. Ин вижагиҳои эҷодии шоир таваҷҷуҳи кеҳтарону меҳтаронро ба худ кашид ва дар арсаи назми муосир обрӯи калонро соҳиб гардид.

Эҷодиёти Раҳмат Назрӣ гуногунпаҳлуст, дар офаридаҳои ӯ ҳама гуна мавзуъҳои рӯзгорро вохӯрдан мумкин аст, аммо бояд ин нуктаро ҳам зикр намоем, ки шоир нисбати Ватанаш бештар нигоштааст. Ва, албатта, шоирон хосса шоирони муосири мо дар бораи Ватан ва мавзӯи Ватан шеърҳои зиёд ва ҳам хеле баланд эҷод намудаанд ва бояд иқрор шуд, ки баъд аз Турсунзодаву Лоҳутӣ ва Лоиқу Бозор дар мавзӯи Ватан шеър эҷод кардан кори саҳл нест. Аммо шоир Раҳмат Назрӣ тавонистааст, ки дар гуфтани шеър дар ин мавзӯъ муваффақ гардад. Масалан, шоир мефармояд:

Пештар аз ҳар сада, аз ҳар чанор
Аз дили хоки Ватан сабзидаам,
Бештар наврӯзҳоро дидаам…
...Соҳиби дирӯзу имрӯзу пагоҳ
Соҳиби худ бо ҳама ҷону танам,
Дар Ватан табли худоӣ мезанам! [1, с. 122].

Шоир бас самимона ва содиқона нисбат ба ватани хеш ҳарф мезанад ва ҳамин мисрааш “дар Ватан табли худоӣ мезанам” бас аст, ки дар дили соҳибватан муҳаббат оварад.

Ҷойи дигар шоир бо нафрину маломат аз касоне, ки Ватанро пушт задаанду рафтаанд ба хоки бегона, ёд овардаву менависад:

…Беватан, бемакону бевиҷдон,
Нест маънои зиндагӣ ӯро.
Чунки аз бими ҷони худ дар ҷанг
Ҳамаро ӯ фурӯхта кайҳо [1, с.123].

Ҳамчунин як хусусияти дигаре, ки Раҳмат Назрӣ дар эҷодиёти худ дорад, ин вожаҳо ва ибораҳои лаҳҷаи маҳаллаҳост, ки дар ашъори шоири зиёд ба назар мерасад.

Шоир мегӯяд:

Баду неки ҷаҳон санҷидаму лек
Нарафтам сарфарои зиндагонӣ [1, с. 134].

Вожаи “сарфаро” ба маънои “сарфаҳм” рафтан ё нарафтан бештар дар ҷануби кишвар истифода мешавад. Ва дар ин байт шоир вожаи “сарфаро”-ро ба маврид ва зебо истифода бурдааст.

Ва боз шоир мефармояд:

Биҷӯяд дар замин тире касеро,
Алохунам, алохунам, алохун [1, с.165].

Ибораи “алохонам” ҳам аз гӯйишҳои мардумист, ки ба маънои «дилхӯра, нигарон, музтариб, интизории тарсолуд…» ба кор мебаранд.

Ва бад-ин минвол дар ашъори шоир метавон зиёд вожаҳои мардумиро вохӯрд.

Ва боз дигар вижагии эҷодиёти Раҳмат Назрӣ дар он аст, ки ҳар чӣ шоир мебинад, онро бо як забони хосси шеърӣ, ки воқеан хосси худаш аст, баён медорад. Ба мисол:

Шикастам чормағзе бар сари ош,
Ба мушти санг кардам магзи ӯ чош.
Дилам ногаҳ шунид оҳи шигифташ,
Ки хӯрд андешаҳои нағзи ӯ пош [1, с.193].

Хонандаи закӣ агар ин дубайтиро хонад зуд пай хоҳад бурд, ки гап сари чормағзи воқеӣ намеравад, шоир чормағзро ҳамчун рамз дар гуфтораш истифода кардааст, ки ҳақиқатан шоирона ва нозукона ба қалам омадааст.

Дар мавриди эҷодиёти Раҳмат Назрӣ мунаққидон ва шоирони зиёд қаламфарсои намудаанд ва ин шаҳодат бар гаронмоягии эҷодиёти шоир медиҳад. Ва барҳақ агар роҷеъ ба эҷодиёти шоир сухан бикунам гӯед, сухан тамомшавӣ надорад.

Чи тавре ки дар оғоз зикр намудем, устодон ва мунаққидон нисбати эҷодиёти Раҳмат Назрӣ дар маҷмӯаи нахустинаш ҳарфи худро гуфта буданд ва он пешгӯии эшонро мусалламан имрӯз мо бо чашми сар мебинем ва аз шеърҳои тару тозаи шоир баҳравар гардида истодаем. Ва беҳуда гузаштагони мо нагуфтаанд, ки “мушк он аст, ки худ бӯй кунад”. Ва имрӯз бешак ашъори шоири тавоно насли ҷавони кишварро дар рӯҳияи худшиносӣ ва меҳанпарвариву арзишҳои миллӣ парвариш дода истодааст. Шоир ҳам мактаби махсуси эҷодии худро доро мебошад, ки ҳар навқаламу навқадами роҳи эҷодро ба сӯйи ҷодаи ростин ва эҷодиёти асил ҳидоят менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Назрӣ, Р. Андеша дар андеша. - Хуҷанд: Ношир, 2015. - С.121.
2. Ҳодизода, Р. Сабзҳои умед //Андеша дар андеша. - Хуҷанд: Ношир, 2015. - С.125.
3. Назрӣ, Р. Садои хомӯшӣ. – Душанбе: Адиб, 2006.
4. Назрӣ, Р. Чилчароғ. – Хуҷанд: Ношир, 2011.
5. Назрӣ, Р. Сарнавишт. – Душанбе: Адиб, 1988.
6. Назри, Р.Утренняя звезда. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 79 с.

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ РАҲМАТ НАЗРӢ

Дар мақолаи мазкур маҳорати шоирии Раҳмат Назрӣ, ки яке аз намояндагони маъруфи назми муосири тоҷик ба ҳисоб меравад ва эҷодиёти ӯ бо гуногуншаклии жанрӣ ва ҳам бо нотакрории пурмаънои каломи манзум фарқ мекунад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мавриди эҷодиёти Раҳмат Назрӣ мунаққидон ва шоирони зиёд қаламфарсои намудаанд ва ин шаҳодат бар гаронмоягии эҷодиёти шоир медиҳад. Ва барҳақ агар роҷеъ ба эҷодиёти шоир сухан бикунам гӯед, сухан тамомшавӣ надорад. Чи тавре ки дар оғоз зикр намудем, устодон ва мунаққидон нисбати эҷодиёти Раҳмат Назрӣ дар маҷмӯаи нахустинаш ҳарфи худро гуфта буданд ва он пешгӯии эшонро мусалламан имрӯз мо бо чашми сар мебинем ва аз шеърҳои тару тозаи шоир баҳравар гардида истодаем. Ва имрӯз бешак ашъори шоири тавоно насли ҷавони кишварро дар рӯҳияи худшиносӣ ва меҳанпарвариву арзишҳои миллӣ парвариш дода истодааст. Шоир ҳам мактаби махсуси эҷодии худро доро мебошад, ки ҳар навқаламу навқадами роҳи эҷодро ба сӯйи ҷодаи ростин ва эҷодиёти асил ҳидоят менамояд.

Калидвожаҳо: эҷодиёт, назм, шеър, адабиёт, шоир, эҷодиёти Раҳмат Назрӣ, маҳорати шоирии Раҳмат Назрӣ, гуногуншаклии жанрӣ, ашъори шоири тавоно, мактаби махсуси эҷодӣ.

ВЗГЛЯД НА ТВОРЧЕСТВО РАХМАТА НАЗРИ

В данной статье анализируется поэтическое мастерство Рахмата Назри, который является одним из ярких представителей современной таджикской поэзии, творчество, которого отличается как жанровой разновидностью, так и содержательной неповторимостью поэтического слова. Относительно творчества Рахмата Назри было написано очень много высказываний и замечаний со стороны критиков и многочисленных поэтов, что свидетельствует о почитамемости его творческого и поэтического таланта. О творчестве поэта можно говорить бесконечно. Как было указано в статье, многие поэты и критики выказали свои мнения и замечания относительно первого сборника его стихов и их предсказания и пожелания мы можем увидеть в его новых сочинениях. Сегодня бесспорно его поэтические произведения призывают молодое поколение страны к самопознанию и самосознанию, патриотизму и уважению национальных ценностей. Поэт имеет свою собственную творческую школу и воспитывает в ней хорошую творческую смену, прививая им истинный творческий вкус.

Ключевые слова: творчество, поэзия, стих, литература, поэт, творчество Рахмата Назри, поэтическое мастерство Рахмата Назри, жанровая разновидность, поэзия великого поэта, специальная творческая школа.

LOOK AT RAKHMAT'S WORKS

This article analyzes the poetic mastery of Rakhmat Nazri, who is one of the brightest representatives of modern Tajik poetry, creativity, which is distinguished by both the genre variety and the content originality of the poetic word. Concerning the work of Rakhmat Nazri, a lot of statements and comments were written by critics and numerous poets, which testifies to the respectability of his creative and poetic talent. About the work of the poet can talk endlessly. As indicated in the article, many poets and critics have expressed their opinions and observations regarding the first collection of his poems and their predictions and wishes, we can see in his new writings. Today, undoubtedly, his poetic works call upon the younger generation of the country to self-knowledge and self-awareness, patriotism and respect for national values. The poet has his own creative school and brings up a good creative shift in it, instilling in them the true creative taste.

Key words: creativity, poetry, verse, literature, poet, creativity of Rakhmat Nazri, poetic skill of Rakhmat Nazri, genre variety, poetry of the great poet, special creative school.

Сведения об авторе: ***Рахимджонова Шоира Салимджоновна*** – Институт языка и литературы им. А. Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 908-00-82-28**

Information about the author: ***Rakhimdzhonova Shoira Salimdzhonovna*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ave., Rudaki, 21. Tel.: **(+992) 908-00-82-28**

УДК: 891.550-1

НАЗАРЕ БА АДАБИЁТ ДАР АҲДИ ТОҲИРИЁН

Юсупов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик вақте сухан аз адабиёт дар аҳди Тоҳириён меравад, танҳо ном ва чанд пора шеъри бозмондаи Маҳмуди Варроқу Ҳанзалаи Бодғисӣ зикр мешавад, вале аз равнақи адабиёти арабизабон ва фаъолияти шоирону нависандагони арабигӯ ёд намешавад. Ҳол он ки адабиёти арабизабони аҳди Тоҳириён аз лиҳози мазмуну муҳтаво баёнгари рӯҳи шикастнопазири халқҳои эронӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи онҳо ба анъанаҳову суннатҳои қадимаи Эронзамин аст. Бидуни омӯзиши ин адабиёт тасаввури мо аз адабиёти аҳди Тоҳириён нопурра ва номукаммал хоҳад буд. Замони ҳукмронии нимасраи давлати Тоҳириён барои эҳёи забони форсии тоҷикӣ ниҳоят давраи муҳим ва сарнавиштсоз ба шумор меравад. Чун пас аз ду қарни кишваркушоиҳо аз тарафи мардуми араб хонадони ҳукмрони нахустине, ки дар роҳи тақдиди ҳаёти забону адабиёти форсу тоҷик гом бардошт, ин хонадони Тоҳириён аст. Пас аз марги нобаҳангоми Тоҳир ибни Ҳусайн, ки он дар аснои эълони истиқлолият аз ҷониби вай сурат гирифт, фарзандони Тоҳир аз сарнавишти падар ва муассиси давлати худ ибрат гирифта, самти муносибати хешро бо халифаи араб тағйир доданд ва дар баробари ин кӯшиши худро баҳри пешбурди соҳаи адабу фарҳанг ва тамаддуни мардуми форсу тоҷик равона сохтанд. Мисдоқи гуфтаҳои болоро метавон аз сарчашмаҳои адабиву таърихӣ дарёфт, ки то чи андоза амирони сулолаи мазкур нисбат ба аҳли илму фарҳанг ғамхору кумакрасон ва дӯстдори онон буданд. Қиссаи ҳаёти Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ (753-835) барои ҳамагон возеҳу равшан аст, ки сӣ сол аз ҳаёти худро дар канори Тоҳир ва фарзандаш Абдуллоҳ сипарӣ намудааст [13, Ҷ.5, с.2137].

Сарчашмаҳо вуҷуди як идда шоирону нависандагонро тасдиқ мекунанд, ки дар давраи мазкур умр ба сар бурда эҷод кардаанд ва маҳз кумаку дастгирии Тоҳириён аз адабиёти арабизабон боис гардид, ки дар дарбори онҳо ва доираҳои адабии қаламрави давлати онҳо як гурӯҳ шоирону нависандагоне, мисли Аллони Шуубӣ, Фазл ибни Абдуссамади Раққошӣ, Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ, Маҳмуди Варроқ, Абуламайсал Абдуллоҳ ибни Хулайд, Сакан ва дигарон ба эҷоди адабиву бадеӣ пардозанд.

Намояндагони хонадони Тоҳириён дар канори машғулиятҳои давлатдорӣ боз ҳомиёни илму фарҳанг низ буданд. Тоҳир ибни Ҳусайн (ваф. 822) гузашта аз он ки худ дар назму насри араб даст дошт ва дар радифи дабирону адибони тавонои давраи хеш ба шумор мерафт, бо адибону шоирони ҳамасраш низ муносибати наку дошт ва ба онҳо кумакҳои зиёд мекард. Дар ин мақола баҳс дар бораи ҳамаи намояндагони илму адаб, ки дар ҳимояи ин хонадон буданд, кори душвор аст, вале ба қадри ҳол ривоҷу равнақи адабиёт дар замони Тоҳириён ба риштаи баҳсу баррасӣ кашида шудааст.

Дастгирию кумакҳои ҳангуфти амирони Тоҳириён ба шоирону нависандагон нишон аз ихлосу иродати онҳо ба аҳли илму адаб аст. Дар сарчашмаҳо зикри чи гуна мукофотонидани шоирон аз ҷониби Тоҳир ва аҳли хонадони вай зикр шудааст. Ин ҷоиза додан ва боз гузоштани дасту забони шоирон дар ҷодаи равнақ бахшидани шеъру шоирӣ бетаъсир набуд. Хатиби Бағдодӣ аз забони Аҳмад ибни Язид ибни Усайди Саламӣ, яке аз сарҳангони Тоҳир нақл мекунад, ки вай се байти шеърӣ дар васфи Тоҳир сароид. Тоҳир ба ӯ 17000 динор мукофот дод [2, Ҷ.10, 484]. Ин гуна муносибати поягузори давлати Тоҳириён сабаб гашт, ки баъзе аз соҳибқаламон худро дар дарбори онҳо ҷой кунанд. Кулсум ибни Амри Аттобӣ (752-835) пас аз фоҷиаи Бармакиҳо ба Тоҳир пайваст [13, Ҷ.5, с.2244] ва Абулфараҷи Исфаҳонӣ ривоят мекунад, ки боре Тоҳир ибни Ҳусайн ба ӯ сӣ ҳазор дирҳам бахшид [9, Ҷ.12, с.74].

Намояндагони сулолаи Тоҳириён дар баробари таваҷҷуҳ ба забону адаби арабӣ, муборизаи намояндагони ҷараёни шуубияро ба муқобили хилофати араб ва кӯшишҳои онҳоро баҳри эҳёи анъанаву суннатҳои адабиву фарҳангии халқҳои эронӣ дастгирӣ мекарданд. Натиҷаи чунин сиёсати фарҳангӣ буд, ки дар аҳди Тоҳириён забони форсӣ аз эҳёи худ чун забони шеър дарак дод ва нахустин шоирони порсигӯй – Маҳмуди Варроқ ва Ҳанзалаи Бодғисӣ ба дарбори Тоҳириён роҳ ёфтанд. Аз ин ҷост, ки ба таъкиди Н. Зоҳидӣ “бори аввал дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ ҳамзистиву муносибати ҳамрӯии адабиёти арабизабон ва форсизабон, зери пуштибонии расмии дарбор сурат гирифт” [4, с. 44].

Амирону ҳокимони хонадони Тоҳириён муҳиббу мухлиси шеъру адаб ва аз ҷумлаи шоирону нависандагон ба шумор мерафтанд. Майли Абдуллоҳ ибни Тоҳир (798\844м) ба ҳамнишинӣ ва ҳамсуҳбат гаштан бо шоирону донишмандон, то он андоза буд, ки доимо як гурӯҳ шуаро ва аҳли илм бо вай ҳамроҳ буданд. Шоирони номдоре, мисли Абутаммом (804/846м) ба хотири дидор бо Абдуллоҳ ва баҳравар гаштан аз инъомоти ӯ ба Нишопур омадаанд. Абутаммом Ҳабиб ибни Авси Тоӣ дар миёни солҳои 832-835 ба сӯйи Хуросон азми сафар кардааст. Ба сабаби дурии роҳ ва ранҷу машаққат дар он ҳамроҳони Абутаммом киноя зада ба вай гуфтанд, ки моро ба макони тулӯи офтоб мебарӣ? Шоир дар ҷавоб мегӯяд: на, шуморо ба ҷое мебарам, ки макони караму бахшиш аст [7, Ҷ.3, с.85]. Фаросату ҳиммати Абдуллоҳ дар он дараҷае қарор дошт, ки боре ба Диъбил ибни Алӣ шаш ҳазор дирҳам ато кард ва барояш гуфт: монанди касе бош, ки чизе аз мо нагирифтааст [16, Ҷ.10, с.223]. Ин базлу бахшишҳои ӯ сабаб гашт, ки Абдуллоҳро бахшандатарин шахс дар баробари шеъру шоирон унвон диҳанд [2, Ҷ.11, с.167].

Натиҷаи чунин сиёсати адабпарваронаи афроди хонадони Тоҳириён, бахусус Тоҳиру фарзандаш Абдуллоҳ буд, ки дар сояи дарбори онҳо як даста шоирони меҳанпарвар ба монанди Аллони Шуубӣ ва дигарон кору фаъолият доштанд.

Аллони Шуубӣ аз фирқаи шуубия буда, дар хусуси соли таваллуд ва вафоташ маълумоти дақиқе дар даст нест. Аммо аз нақлҳои воридгашта дар китобҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки вай дар охирҳои асри ҳашт ва аввали асри нуҳи мелодӣ зистааст [4, с.41]. Ҳамчунин бо лақаби “ал-Варроқ” машҳур аст, ки он ба касби варроқии ӯ ишора мекунад. Ёқути Ҳамавӣ дар «Байт-ул-ҳикма»-и Бағдод ба нассохию варроқӣ дар замони Ҳорунаррашиду (786-809) писараш Маъмун (813-833) машғул будани ӯро хабар додааст [13, Ҷ.4, с.163] Тамоми муаррихону муҳаққиқон бар ин назаранд, ки Аллон эронитабор аст. Ӯ ҳам дар наср ва ҳам дар назми давраи мазкур саҳм доштааст. Илова бар ин, Аллон донандаи хуби ахбор ва ансоби араб буд, вале ин донишашро ба муқобили аъроб истифода мекард [4, с.318]. Китоби машҳури таълифнамудаи ӯ «ал-Майдон фи-л-масолиб»-и вай далели возеҳи ин матлаб аст. Ӯ дар китоби фавқуззикр айбу нуқсонҳои қабилаҳои гуногуни араб, аз ҷумла қабилаи Қурайшро ҷой додаст. Аз доираи инсоф берун шудани Аллон дар таълифи чунин асар нишон аз таассуби аз ҳад зиёди вай ба муқобили арабҳо аст. Поягузори давлати Тоҳириён, Тоҳир ибни Ҳусайн дар баробари таълифи ин китоб ҳадоёи гароне ба Аллон тақдим кардааст. Ба ривояти Забеҳулло Сафо, Тоҳир пас аз он ки Аллон китоби хешро барояш пешкаш намуд, дар баробари он силати бузургеро аз тарафи ӯ соҳиб гашт [14, Ҷ.1, с.27]. Аллони Шуубӣ чанд пора аз шеъри худро ба намояндагони ин хонадон низ тақдим намудааст [4, с.42].

Карл Брокелман бо такя ба китоби «ал-Ағонӣ» мегӯяд: Аллон китобе бо номи «Ҳалабат-ул-масолиб» дошт, ки тамоми он худнамоиву худситоиҳоро, ки миёни қабилаҳои араб дар замони қадим дар мавриди ҳамдигар гуфта шудаву аз ҷониби ровиҳо нақл шуда буд, ҷамъоварӣ намуда, дар он ҷойгир кардааст [3, Ҷ.3, с.35]. Нигорандаи “ал-Фиҳрист” низ инро ёдовар мешавад, ки нависандаи мазкур ба навиштани китобе бо номи “Ҳалаба” иқдом намуд, вале онро ба итмом нарасонид [6, с.118].

Муҳаққиқи тоҷик Н. Зоҳидӣ оид ба Аллон чунин назар дорад, ки ӯ пайрави шуубия буда, ба суннатҳои адабу фарҳанги тоисломии эронӣ дилбастагии хос дорад. Дар мавриди осори вай номи ҳамон китоби «ал-Майдон фи-л-масолиб» ва пораҳое чанд аз ашъори ӯро зикр мекунад [4, с.42]. Забеҳулло Сафо низ Аллони Шуубиро соҳиби чунин китоб дониста, мегӯяд: он бар асари нуфузи шадиди ислом дар қарнҳои баъд ва тағйири равиши фикрии эрониён аз байн рафтааст [14, Ҷ.1, с.29].

Тибқи гуфтаи Ёқути Ҳамавӣ Аллон ба таълифи китоби дигаре даст зад, вале онро ба итмом нарасонд. Муҳаққиқ ба таври дақиқ номи китобро зикр намекунад, вале он шояд ҳамон китобе бошад, ки К. Брокелман ва Ибни Надим аз он ёд кардаанд [13, Ҷ.4, с.1631]. Дар хусуси асари машҳури Аллон-«ал-Майдон фи-л-масолиб» Ёқут мегӯяд: он шомили айбу камбудиҳои мардуми араб буда, аз қабилаи Банӣ Ҳошим оғоз гардида, бо тартиби китоби Ибни Калбӣ дар қабилаҳои Яман ба охир мерасад [13, Ҷ.4, с.1631]. Ба ҷуз ин китоб Алллон таълифоти дигаре низ дорад, ки таърихнигорон номи онҳоро дар китобҳои хеш ривоят кардаанд, чунончи: «Фазоилу Кинона», «Насабу Намир ибн Қосит», «Насабу Тағлиб ибн Воил», «Фазоилу Рабиъа» ва «ал-Мунофара» [6, с.119].

Намояндаи дигари аҳди Тоҳириён Абулминҳол Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ аст, ки ба ҳайси Маликушшуарои доираи адабии Тоҳириён маъруфият дошт. Номбурда адиб, шоир, қасидасаро ва донандаи ахбору ансоб буда, соли 753м. дар деҳаи Раъс-ул-айн дар қисмати шимоли Ироқ ба дунё омадааст [15, Ҷ.2, с.226]. Авф дар замони низоъ миёни бародарон Амин ва Маъмун бо Тоҳир ибни Ҳусайн ҳамроҳ гаштааст. Сарчашмаҳо овардаанд, ки вай чанд байт шеър дар васфи Тоҳир навишта ва онро дар пули Бағдод хондааст [15, Ҷ.2, с.226; 5, с.189; 13, Ҷ.5, с.2137]. Пас аз он, Тоҳир ӯро надими худ қарор доду дар сафару ҳазар аз наздаш иҷозати дур шудан намедод, Авф ҳамроҳи Тоҳир муддати сӣ сол якҷо монд ва ҳангоми вафоти Тоҳир ба зодгоҳаш баргашт, вале Абдуллоҳ ибни Тоҳир шоирро дубора ба назди хеш хонда, ҳамон ҷойгоҳи қаблиашро ба ӯ дод [13, Ҷ. 5, с.2137]. Авф ибни Муҳаллим дар дарбори Тоҳириён манзалату мартабаи волоеро доро буд, то он андоза, ки ба миқдори сӣ ҳазор дирҳам барояш маош таъйин шуда буд [5, с.186].

Ёқути Ҳамавӣ Авф ибни Муҳаллимро шоири маддоҳу ғазалсаро дониста, аз фахрия ва хамриёти ӯ низ ёдовар шудааст. Инчунин, вайро адиби фасеҳ ва аз ҷумлаи ровиёни барҷаста ба шумор меорад. Номбурда илова бар таълими шеър ва адабиёт, боз сардории шоирони дарборро бар уҳда дошт ва ба нақду баррасии шеъри шоирони навқалам низ мепардохт ва бо мутолиаи қасидаҳои ин шоирон ононро нақд менамуд, ки оё ин шеър мавриди қабул аст ё не, то аз тарафи амир барои он шоир ҳадяе дода шавад [5, с.186]. Ибни Надим Авфро соҳиби девон дониста, ҳаҷми онро дар ҳудуди 30 варақ таъйин кардааст [6, с.188]. Донишманди зикргардида ҳангоме, ки ба пирӣ расид ва аз амир Абдуллоҳ иҷозат хост, то ба диёраш баргардад. Аммо пас аз он ки рухсати бозгашт ба ватанро гирифт, ба назди аҳлу оила ва наздиконаш нарасида, дар роҳ дунёро падруд гуфт [15, Ҷ.2, с.226].

Аз ҳаёту фаъолияти адабии Авф ибни Муҳаллим дар дарбори Тоҳириён метавон ба чунин хулоса расид, ки намояндагони барҷастаи ин сулола бо пайравӣ ба суннатҳои гузаштагони хеш анъанаи гузиниши сардори шоирон ва ё ба таъбири дигар, мақоми маликушшуароиро дар доираи адабии худ роиҷ карда буданд.

Шоиру адиби арабизабони дигари ин аҳд Абуламайсали Аъробӣ (ваф. с. 854) аст, ки номаш Абдуллоҳ ибни Хулайд ва мавлои Ҷаъфар ибни Сулаймон буда, аз шахсиятҳои маъруфи давраи Тоҳириён ба ҳисоб меравад. Номбурда дар хидмати Тоҳир ибни Ҳусайн ва пас аз сари ӯ ҳамнишину ҳамроҳи фарзандаш Абдуллоҳ низ будааст [6, с.54]. Ибни Муътаз дар тазкираи худ қиссаеро аз ҳаёти Абуламайсал нақл мекунад, ки рӯзе ба назди Тоҳир дохил гашта, бо ӯ салом кард. Дар ин ҳол Тоҳир ба вай гуфт: дастонат ин қадар сахтанд. Абуламайсал дарҳол ҷавоб дод: амирам, қувваи дасти хорпушт дар баробари шер ҳеҷ аст ва ба ӯ зарар ҳам расонда наметавонад. Тоҳир хандае карду гуфт: қасидаи сароидаат ба қадри ин суханат маро хушҳол насохт ва 1000 дирҳам барои қасидаву 3000 дирҳам барои чунин ҳозирҷавобиаш ато кард [5, с.287].

Абуламайсал дар ҷодаи илму адаб ҷойгоҳи хоссеро доро буд, аз ҷумла: ноқид, котиб, донандаи илми ривоят, луғавӣ ва низ шоир ҳам буд. Ҷоҳиз ӯро донишманд дар соҳаи забон муаррифӣ намуда, аз ӯ ҳамчун котиби Тоҳир ва шоири хуб унвон кардааст [10, Ҷ.1, с.280]. Ҳамчунин, китобе дар соҳаи забон аз вай то имрӯз боқӣ мондааст, ки онро дар соли 1925 дар Лондон ба чоп расондаанд [3, Ҷ.2, с.257]. Абуламайсал дар баробари масъулиятҳои бардӯшдошта боз ба таълими фарзандони Абдуллоҳ ибни Тоҳир машғул буд. Даҳ фарзанди Абдуллоҳ дар назди Абуламайсал дониш омӯхтаанд, ки ин амр таваҷҷуҳи Абдуллоҳро дар мавриди зарурати касби дониш ва мақоми Абуламайсал ба ҳайси тарбиятгари фарзандони амир таъйид мекунад [11, с.49].

Асарҳои навиштаи адиб, ки дар сарчашмаҳо зикр шудаанд ба қарори зайланд: “Китоб-ут-ташобуҳ”, “Китоб ал-абёт ас-соира”, “Китобу маони аш-шеър”, “Китоб ал-маъсур минал-луға” (мо иттафақа лафзуҳу вахталафа маъноҳу) [7, Ҷ.3, с.90]. Ибни Надим шеъри сурудаи Абуламайсалро ҳудуди 100 варақ медонад [6, с.188]. Шоири мазкур ба замми шеъру шоирӣ ва тарбияи фарзандони амир боз роҳбарии китобхонаеро, ки дар замони Абдуллоҳ мавҷуд буд, бар уҳда доштааст [8, с.543]. Ёқути Ҳамавӣ аз номи Сулӣ овардааст: Абуламайсал девоне дошт, ки он 500 саҳифаро ташкил медод ва ҳамчунин дар миёни асарҳои ӯ номи “Китоб-ул-басола”-ро зикр мекунад [13, Ҷ.4, с.1519].

Адиби дигаре, ки дар асри Тоҳириён зиндагӣ ва эҷод кардааст, Маҳмуд ибни Ҳасани Варроқи Ҳиравӣ мебошад. Дар бораи ҳаёташ сарчашмаҳо хабари муфассале надодаанд. Шавқӣ Зайф дар Бағдод ба бардафурӯшӣ машғул будани ӯро хабар медиҳад ва номашро дар радифи шоирони зоҳид ба қайд овардааст [17, Ҷ.3, с.409]. Ҳамчунин дар мавриди соли таваллуди вай маълумот дода нашудааст, вале соли вафоташро 844 м. тахмин задаанд [15, Ҷ.2, с.237]. Муаллифи китоби «Таърих ал-Бағдод» аксар ашъори вайро аз ҷумлаи зуҳдиёт ва адаб шуморидааст [2, Ҷ.10, с.102]. Агар шахсияти ӯ бо ҳамон Маҳмуди Варроқ - яке аз нахустин шуарои порсигӯ айният дошта бошад, пас вай ба ду забон-арабӣ ва форсӣ эҷод мекардааст. Ибни Муътаз дар “Табақот-уш-шуаро” теъдоди ашъори арабии сурудаи Маҳмуди Варроқро фаровон медонад ва аксари онҳоро дар мавзӯоти адаб, панду ҳикмат ва амсол ба шумор меорад [5, с.368]. Дар доираи адабии Тоҳириён дар баробари мардони шеърсаро ҳамчунин шоираи арабигӯ низ бо номи Сакан машҳур буд.

Дар манобеъ оид ба насаб ва соли таваллуди Сакан хабаре нест, вале тазкиранависон ӯро канизи Маҳмуди Варроқ донистаанд, ки ҳаёташ ба давраи ҳукмронии Тоҳириён рост меояд [5, с.422-23; 17, Ҷ.3, с.409]. Тавре ишора шуд, Сакан сарояндаи хушсадо ва дар эҷоди шеър маҳорати нотакрор доштааст. Замоне шароити зиндагӣ барои Маҳмуд сахт мегардад ва ӯ ба фурӯхтани канизаш Сакан маҷбур мешавад. Дар ин асно нафаре аз намояндагони хонадони Тоҳириён 1000 дирҳам қимати канизро пардохт карда, мехоҳад ӯро бо худ барад, вале дар ин ҳангом шоира рӯ ба тарафи Маҳмуд карда, бо чашмони тар мегӯяд, ки то ҳамин ҷо будаст кори ману ту! Маро бо ин адад пул иваз кардӣ? Маҳмуд бошад, дар ҷавоб ба Сакан инро ишора мекунад, ки намехоҳам ту дар фақру тангдастӣ ҳаёт ба сар барӣ, вале Сакан, ки ба ӯ дил баста буд, зиндагии фақиронаро аз зиндагӣ дар канори амир бартар медонад. Аз чунин қиссаҳо маълум аст, ки Маҳмуд ва Сакан бо ҳам дил дода будаанд. Пас аз он ки асрори миёни Маҳмуд ва канизаш барои намояндаи Тоҳирӣ маълум мегардад, он пулро ҳам ба ҳардуи онҳо мебахшад [15, Ҷ. 2, с.23]. Пораҳо аз ашъори Саканро Ибни Муътаз дар тазкираи хеш зикр кардааст [5, с.422-23], ки он гувоҳ аз шоираи хуб ва дорои истеъдоди баланд будани вайро дорад. Сакан пас аз марги Маҳмуд номае ба халифа Муътасим ирсол кардааст, ки ӯро бихарад, вале хоҳишаш бечавоб мемонад [4 с.45].

Ҳанзалаи Бодғисӣ, шоири аҳди Тоҳириён ва аз нахустин шоирони порсигӯ ба шумор меравад. Низомии Арӯзӣ дар асари худ «Чаҳор мақола» ривоятеро ба ин маънӣ меорад, ки аз Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ пурсиданд, чӣ гуна ба аморати Хуросон расидӣ, дар ҳоле, ки ту ба кироя додани харҳо машғул будӣ? Ӯ дар ҷавоб мегӯяд: рӯзе девони Ҳанзалаи Бодғисиро мутолиа мекардам, ки чашмам ба ин ду байт шеър расид:

Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.
Ё бузургиву иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чун мардон-т марги рӯёрӯй.

Мутолиаи ин байтҳо як таконе мешавад барои Хуҷистонӣ ва ӯро маҷбур месозад, то аз ин ба баъд масири зиндагии хешро дигар намояд [12, с. 42]. Вуҷуди чунин ривоят барои мо маълум месозад, ки Ҳанзалаи Бодғисӣ шоири соҳибдевон будааст ва ин девон пас аз марги ӯ то замони Яъқуби Лайси Саффорӣ (265-287) низ вуҷуд доштааст. Муҳаммад Авфӣ дар тазкираи хеш «Лубоб-ул-албоб» шеъри зеринро ба Ҳанзала нисбат медиҳад:

Ёрам сипанд, гарчи бар оташ ҳаме фиканд,
Аз баҳри чашм, то нарасад мар варо газанд.
Ӯро сипанду оташ, н-ояд ҳаме ба кор,
Бо рӯйи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд [1, Ҷ.2, с.2].

Забеҳулло Сафо пас аз таҳқиқу баррасиҳо оид ба замони зист ва вафоти шоир ба ин натиҷа мерасад, ки ӯ дар нимаи аввали қарни сеюми ҳичрӣ мезистааст ва Ҳанзаларо ҳамасри Тоҳириён шуморидааст [14, Ҷ.1, с.180-181]. Ашъори мазкур аз ҷумлаи шеърҳои сурудаи Ҳанзала аст ва ба ғайр аз инҳо чизи дигаре аз осори вай ба мо нарасидааст. Бинобар ин, метавон Ҳанзаларо яке аз он ситорагоне донист, ки дар сапедадами пайдоиши шеъри форсии тоҷикӣ, дар садаи сеюми ҳичрӣ дамидааст.

Фазл ибни Абдуссамади Раққошӣ, шоири эронинажоди дигарест, ки дар аҳди салтанати Тоҳириён зиставу то дами марг бо онҳо ҳамроҳ мондааст [5, с.227]. Ба таъйиди сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, асли ӯ аз Рай буда, дар Басра нашъунамо ёфтааст. Дар давоми ҳаёташ ӯ ба шаҳри Бағдод омада, Ҳорунаррашиду писараш Амин ва намояндагони Бармакиёнро мадҳу ситоиш кардааст ва ҳамин тариқ аз имдоду дастгирии Бармакиён бархӯрдор гашта, дар он ҷо боқӣ мемонад [2, Ҷ.11, с.205]. Пас аз қатли Оли Бармак аз тарафи халифа Ҳорунаррашид марсияи машҳуру ҷонгудозеро ба номи ин хонадон мебахшад. Ҳангоме, ки хабарро ба халифа мерасонанд, Фазлро назди худ хонда, аз ӯ суол мекунад, ки онҳо (Бармакиҳо) ба ту чӣ миқдор маош медоданд? Дар ҷавоб мегӯяд: ҳар сол 1000 динор. Халифа мегӯяд: бароят 2000 маош таъйин мекунам, вале аз ин суханон даст каш! Шартномаи бастаи Фазлу Ҳорунаррашид то замони вафоти халифа давом меёбад, вале пас аз марги ӯ шоир ба Хуросон омадаву дар канори Тоҳириён то охирин нафас ҳаёт ба сар мебарад [9, Ҷ.16, с.164; 15, Ҷ.2, с.227]. Ба қалами Фазл ибни Абдуссамад урҷузаи муздавиҷае тааллуқ дорад, ки шоир дар он ташвиқу роҳнамоӣ ба аъмоли нописандидаву ғайриахлоқӣ мекунад ва аз ҳамин лиҳоз аҳли адаб Фазлро бо Абунувос ҳамрадиф медонанд [5, с.226].

Ба ҷуз аз шоирону адибони фавқуззикр дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ номҳои намояндагони дигари адабиёти аҳди тоҳириён, аз қабили Аҳмад ибни Абухолиди Зарир, Муҳаммад ибни Алии Синӣ [4, с.45], Абуусмон Саҳл ибни Бишр ибни Алии Мунаҷҷим [6, с.233], Юсуф ибни Муҳаммад ва Ҳамза ибни Афиф ибни Ҳасан [11, с.51], Абуубайд Қосим ибни Салом (ваф. 838м) [6, с.78] зикр шудаанд, ки осоре ба забони арабӣ офарида ва дар рушди адабиёти арабизабон дар Хуросону Моваруннаҳр нақше аз худ гузоштаанд.

Хулоса, замони ҳукмронии сулолаи Тоҳириён дар таърих кӯтоҳ ба назар расад ҳам, вале дар ривоҷи адабиёти арабизабон ва пайдоиши шеъри форсизабон ва дар маҷмӯъ дар пайрезии заминаҳои рушду нумуи адабиёти халқи тоҷик дар замони Сомониён нақши муҳим дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб; тасҳеҳи Эдуорд Броун. - Англия: Дорулфунуни Кембриҷ, 1903. - Ҷ.2. - 560 с.
2. Бағдодӣ, Хатиб. Таърихи мадинат-ус-салом. Ҷ. 10,11; таҳқиқи доктор Башшори Маъруф. - Бейрут, 1422ҳ/2001м. - 526 с.
3. Брокелман, Карл. Таърих-ул-адаб ал-арабӣ / Карл Брокелман. Ҷ.3. - Қоҳира: дор-ул-маориф, 1119 ҳ. - 376 с.
4. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX / Н. Зоҳидов. - Душанбе, 2014. – 443 с.
5. Ибни Муътаз. Табақот-уш-шуаро ал-муҳаддисин; таҳқиқи Абдусаттор Аҳмад Фарроҷ. - Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1956. - 603 с.
6. Ибни Надим, Муҳаммад ибни Исҳоқ. ал-Фиҳрист; таҳқиқи Ризо Таҷаддуд. - Теҳрон, 1393/1973. – 601 с.
7. Ибни Халикон. Вафаёт-ул-аъён ва абноу абно аз-замон; бо таҳқиқи Эҳсон Аббос. – Бейрут: Дору содир, 1398/1978. - Ҷ.3. - 421 с.
8. Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. Мақотил-ут-толибин; шарҳ ва таҳқиқи Саидаҳмади Сақир. - Қум: Интишороти Шарифризо, 1416ҳ. - 664 с.
9. Исфаҳонӣ, Абулфараҷ. ал-Ағонӣ; таҳқиқи Алӣ ан-Наҷдӣ Носиф. - Бейрут, 1392/1972. - Ҷ. 12, 16. - 543 с.
10. Ҷоҳиз, Амр ибни Баҳр. ал-Баён ва ат-табйин. Ҷ. 1; таҳқиқ ва шарҳи Абдусалом Муҳаммадҳорун. Дору иҳё ал-улум, 1414/1993. - 412 с.
11. Нафисӣ, Саид. Хонадони Тоҳирӣ; ба эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор. - Теҳрон: Интишороти Асотир, 1386ҳ. - 442 с.
12. Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола; тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. - Теҳрон: Дебо, 1327ҳ. - 134 с.
13. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷам ал-удабо; таҳқиқи Эҳсон Аббос. - Бейрут, 1993м. - Ҷ.5. - 455 с.
14. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон: Ибни Сино, 1351 ш. - Ҷ.1. - 716 с.
15. Умар Фаррух. Таърих-ул-адаб ал-арабӣ. - Бейрут: Дор-ул-малойин, 1981м. - Ҷ.2. – 672 с.
16. Ҷавзӣ, Абулфараҷ Абдураҳмон ибни Алӣ ибни Муҳаммади. ал-Мунтазам фӣ таърих ал-мулуки ва-л-умам. - Берут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1415/1995. - Ҷ.10. - 475 с.
17. Шавқӣ Зайф. Таърих-ул-адаб ал-арабӣ. - Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1911ҳ. - Ҷ.3. - 576 с.

НАЗАРЕ БА АДАБИЁТ ДАР АҲДИ ТОҲИРИЁН

Дар мақола яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷик-давраи Тоҳириён ба риштаи баррасӣ кашида шудааст. Аз мақола бармеояд, ки Тоҳириён бо ташкили давлати ниммустақили худ дар қаламрави Хуросону Моваруннаҳр дар ташаккули адабиёти арабизабон ва зуҳури адабиёти форсии тоҷикӣ нақши муассир доштанд. Таваҷҷуҳи Тоҳириён ба адабу фарҳанг боис гаштааст, ки дарбори онҳо шоирону адибони зиёди арабизабонро аз манотиқи гуногуни Арабу Аҷам ҷамъ оварда буд. Дар баробари он, нахустин шоирони порсигӯ Маҳмуди Варроқ ва Ҳанзалаи Бодғисӣ низ дар аҳди Тоҳириён зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Аз ин рӯ, адабиёти аҳди Тоҳириёнро наметавон бо чанд пора шеъри бозмондаи нахустин шуарои порсигӯ маҳдуд кард. Баръакс, осори шоирону адибони арабизабон, ки дар зери ҳимоят ва пуштибонии Тоҳириён ба фаъолияти эҷодӣ машғул буданд, як ҷузъи адабиёти давр маҳсуб мешавад ва саҳми хонадони Тоҳириёнро дар инкишофи адабиёти форсу тоҷик ба субут мерасонад.

Калидвожаҳо: адабиёт, шеъри форсӣ, ташаккул, хонадони Тоҳириён, Аббосиён.

ОБЗОР КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ПРАВЛЕНИИ ДИНАСТИИ ТАХИРИДОВ

В статье рассматривается один из важных периодов развития персидско-таджикской литературы в правление династии Тахиридов. В статье подчеркивается, что Тахириди при основании государственности на территории Хорасана и Мавераннахра имели огромное влияние на арабскую литературу и на становление персидско-таджикской литературы. Внимание, которое оказывала династия Тахиридов на образование и науку, стало фактором, который позволил собрать тогдашних великих поэтов и писателей при их дворе. Именно при их династии наблюдаются первые работы по литературе на персидском языке такими писателями, как Махмуд Варрок и Ханзал Бодхис. Следовательно, мы не можем говорить о правлении Тахиридов в рамках нескольких поэзий на персидском языке. В правлении династии Тахиридов замечается активное развитие литературы как на арабском, так и на персидско-таджикском языках, которые являются неотъемлемой частью великой литературы того времени.

Ключевые слова: литература, таджикская поэзия, развитие, династия Тахиридов, Аббасиды.

REVIEW OF CLASSICAL LITERATURE DURING THE REIGN OF THE TAHIRIDES DYNASTY

The article is about one of the important periods of Persian-Tajik literature development in the reign of the Tahirid dynasty. The article emphasizes the point that during the foundation the Tahirids' state within the territory of Khorasan and Maverannahr. The dynasty had a huge influence on the formation of Arabic and Persian-Tajik literature. The attention that the Tahirids dynasty had to education and science became a factor that allowed to bring together the great poets and writers at their house. At their dynasty one can observe first written prescripts in Persian language by such writers as Mahmoud Varrok and Hanzal Bodhis. Therefore, we can't speak about the Tahirids dynasty within the framework one or two works in Persian language. During the reign of the Tahirid dynasty the active development of literature is observed as in Arabic and as in Persian-Tajik languages, which are an integral part of the great literature of that time.

Key words: literature, Tajik poetry, development, the Tahirids dynasty, Abbasids.

Сведения об авторе: ***Юсупов Файзуддин*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **faizidin88-88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-80-60-40**

Information about the author: ***Yusupov Fayziddin*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Arabic Philology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **faizidin88-88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-80-60-40**

УДК: 891.550 (575.3)

АВВАЛИН ПАДИДАҲОИ НАСРИ ПСИХОЛОГӢ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ НАВИ ТОҶИК

Нурқаев Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Насри тоҷик таърихи ҳазорсола дошта, он баъд аз таҳаввулоти октябрӣ аз нигоҳи шакл ва мундариҷа ҷиҳатҳои тоза касб намуд, зеро пас аз ин воқеаи таърихӣ тафаккури бадеӣ тағйир ёфт ва ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа диду назарҳо дигар шуд. Вобаста ба падид омадани ҷомеаи навбунёд инъикоси муҳимтарин ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти халқ дарунмояи насри бадеиро ташкил намуд. Дар пешорӯи шахси эҷодкор меҳнату мубориза ва ғаму шодӣ, муносибатҳои шахсию ҷамъиятӣ, зиндагию маишат ва олами маънавии инсони ранҷбар қарор гирифт. Ин давраи таърихӣ (манзур замони баъд аз инқилоб), ки қонуниятҳои худро дошт, нависандагонро дар чаҳорчӯбаи тарҳрезинамудааш ҷойгузин намуд. Ба қавли Муҳаммадҷони Шакурӣ, «дар қарни бист адабиёт аз беху реша дигар шуд» [7, с.399]. Устод Айнӣ, ки оғози адабиёти давраи нави тоҷикро баъд аз соли 1905 медонист, роҷеъ ба ин масъала чунин гуфта буд: «Ҳарчанд Аҳмад-махдуми Дониш дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро ба илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрии худ эҷод карда, лекин ин равиш то 1905-и мелодӣ, яъне инқилоби нахустини Русия шоеъ нашуда буд. Вақте ки инқилоби мазкур ба вуқӯъ омада, омадшуди рӯзномаҷот ва китобҳои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соҳибқаламони тозанавис ҳам ҷо-ҷо сар баровардand. Бинобар ин, мо сари таърихи адабиёти нави тоҷикро 1905 қарор додаем» [1, с.529].

Пас аз ин андешаҳо саволе ба миён меояд, ки он дигаргунии куллие, ки аксари адабиётшиносон дар назар доранд, дар чӣ зоҳир шуд? Агар аз мизони арзишҳои имрӯз ба адабиёти давраи нави тоҷик (солҳои 20-90-ум) назар андозем, оё дар адабиёти мансура роҳи нав ва услуби тозаеро, ки бо илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрӣ Аҳмади Дониш роиҷ гардонид, ташаккул ёфт ё на. Дар ин маврид ҳаминро метавон гуфт, ки воқеан адабиёти тоҷик аз нигоҳи шаклу мундариҷа дигаргун шуд, вале на ба он тарзе ки адабиёти асил тақозо дошт, балки бештар бо аз даст додани асолату анъанаҳои таърихии худ. Бохташ ҳамин буд, ки «адабиёте, ки дирӯз аз фикру ҳисси олӣ саршор буд, чунончи дар

офаридаҳои Аҳмади Дониш гӯиё натиҷаи бозҷустҳои фикри фалсафии гузаштагонро ҷомеан фаро гирифта буд, дар шеъри Аҷзӣ, Айнӣ ва Асирӣ ҳикмати зиндагии муосиронро меҷуст, ҳатто дар аввалин асарҳои овони ҷавонии Фитрат, дар мақолаҳои худи ӯ, аз қабили «Ҳаёт ва ғояи ҳаёт» (1913) ҳам таҷрибаи таърихии Ғарб ва маҳсули ҷӯяндагиҳои мутафаккирони онро низ як андоза ба доираи андешаи худ овард, - ҳамин адабиёти тааммуқписанду фалсафиҷӯй аз солҳои бист ба ташвиқи хушку урён маҳдуд гардид. Ҷойи ҷустуҷӯйи ҳақиқатро хулосаҳои тайёре гирифт, ки аз боло, аз роҳбарони «сохтмони ҳаёти нав» меомад» [7, с.16-17]. Шуури эстетикии миллиро аз баъзе хусусиятҳои анъанавии чандинасра маҳрум сохт ва дар баъзе мавридҳо ин анъанотро вайрон намуд. Яке аз ҳамин вижагиро мо дар аз байн рафтани пояҳои маънавии ҳаёти инсон рӯ ба рӯ мешавем. Ва он таъкиди устод Айнӣ, ки «адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро» пеш гирифт ва дар ин роҳ офаридаҳои Аҳмади Дониш бозҷустҳои фикри фалсафии гузаштагонро фаро гирифта, дар эҷодиёти як қатор равшанфикрон таҷрибаи таърихии адабу фарҳанги Ғарб, роҳу усулҳои ҷӯяндагиҳои мутафаккирони он роҳ ёфта, адабиёти тааммуқписанду фалсафиро ба вуҷуд овард, дар солҳои бистум дар қолаби ташвиқу тарғиби хушку урён ворид гардид. Ҳамин боис шуд, ки адабиёт аз биниши амиқрави фалсафӣ дур гардида, аз моҳияти аслии худ - инсоншиносӣ ва фаҳму дарки ҳастӣ маҳрум шуд. Ҳатто устод Айнӣ барин шахсият ба таъбири Х. Шарифов, «вазифаи шоиру улгуи даъвоҳои сиёсию идеологиро ба ҷо меовард, рӯй ба зиндагии иҷтимоии инсони одӣ, инсони заҳматкаш овард».

Бино ба гуфтаи муаллифони ҷилди аввали «Таърихи адабиёти советӣ», «солҳои бист давраи пайдоиш ва ташаккули насри советии тоҷик мебошад. Аз публитсистикаи «Шуълаи инқилоб» (1919-1921) то нашри повести «Одина» давраи пайдоиши насри реалистӣ ҳисоб шавад, давраи ташаккули онро солҳои 1927-1930 шуморидан мумкин аст» [5, с.188]. Воқеан, ин иддао бесабаб нест ва маҳз дар ҳамин давра асарҳои бадеию илмии С. Айнӣ «Ҷаллодони Бухоро» (1920), «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1921), «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923), «Одина» (1927), «Дохунда» (1930) мунташир гардиданд. Ба табъ расидани асарҳои фавқуззикр падидаи тозае дар адабиёти тоҷик буд, ки на фақат Айниро ба сифати устоди насри ҳунарӣ нишон дод, балки симо ва вижагиҳои асосии насри тоҷикро ҳам муайян намуд. Гузашта аз ин, насри воқеъгарое буд, ки воқеиятро ҳаққонию таърихан мушаххас бо чеҳраи хосси миллӣ нишон медод. Дар ҳилоли ин андешаҳо метавон ҳадс зад, ки устод Айнӣ, аллакай, ҳамчун сарсупурдаи адабиёти давраи нави тоҷик вазифаи таърихии худро дар назди адабу фарҳанги тоҷик адо намуд.

Акнун суоле ба миён меояд, ки ташаккули минбаъдаи насри ҳунарӣ чӣ гуна ҷараён гирифт? Роҳу усул ва воситаҳои тасвир дар таҷассуми ҳаёти иҷтимоӣ, масъалаҳои муҳимми ҳастии инсон, дар ҷанбаҳои сохторӣ, образофаринӣ ва вижагии жанрии он кадомҳо буданд? Психологизми бадеӣ, пайдоиш ва раванди ташаккули он дар адабиёти тоҷик, ки ҳоло ин масъала зери таҳқиқи мо қарор дорад, дар адабиёти ҳунарӣ дар кадом шакл ва роҳу усул корбурд шуд?

Бояд тазаккур дод, ки дар адабиётшиносии гузашта ва муосир масъалаи психологизми бадеӣ мавриди таҳқиқи зиёд қарор гирифта бошад ҳам, ҳанӯз новобаста ба ин, тадқиқотҳои гуногунпаҳлу, вижагиҳои он пурра баррасӣ нашудаанд. Бахусус ҳилқати аслии психологизм ва мавқеи он дар асари бадеӣ, истилоҳоти муайяни он ва усулу роҳҳои ин шакли тасвир масъалаҳое мебошанд, ки роҷеъ ба онҳо сухани охирин гуфта нашудааст. Зиёда аз ин, мафҳуми психологизми бадеӣ аз ҷиҳати семантикӣ ҳалли дурусти худро наёфтааст. Аксар муҳаққиқон ин истилоҳро дар тадқиқотҳои хеш характери умумӣ медиҳанд. Психологизмро дар шаклҳои гуногун психологизм, тасвири психологӣ, таҳлили психологӣ, характеристикаи психологӣ матраҳ намудаанд. Бинобар ин, психологизми бадеӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, баррасии он дар мисоли насри бадеии тоҷик таҳқиқоти муҳимро мехоҳад.

Сарчашмаҳои зуҳури психологизмро дар адабиёти муосири тоҷик ва гузашта аз ин, адабиёти форсиро, пеш аз ҳама, дар равобит ба адабиёти русу Аврупо бояд ҷуст. Агар ин масъаларо мо дар паҳнои адабиёти форсӣ матраҳ намоем, воқеан дар асри мозӣ чи адабиёти Тоҷикистон ва чи адабиёти Эрону Афғонистон кӯшидаанд ба таҷоруби адабию ҳунарии мамолики Ғарб даст ёбанд. Роҳу усулҳои тоза ва имконоти ғаноманди онро бар замми он таҷрибаи ғании насри форсӣ, ки аз қадим дошт, корбаст намоянд, то ки осорашон дар шаклу мазмун дар пояи адабиёти ҷаҳони имрӯз қарор дошта бошад. Бо ҳамин мақсад насрнависони тоҷик ба амри зарурат ба адабиёти русӣ ва носирони эрону афғон ба адабиёти кишварҳои Аврупо-Фаронса, Англия, Олмон рӯй оварданд. Дар натиҷа, дар қаламрави адабиёти форсии Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон насри ҳунарӣ шакли тоза пайдо кард, ки пеш аз ҳама, ин дар зуҳури навъҳои нави адабӣ ба мисли новелла, повест ва роман ва пайдоиши роҳу усулҳои ҷадиди тасвир, аз ҷумла таҳлилу

тасвири рӯҳу равони шахс, чашм андохтан ба дили одамият, ифшои замири инсон зоҳир гардид. Ин навъҳои адабӣ агар дар адабиёти тоҷик бо ҳамин номҳо корбурд гардида бошанд, дар адабиёти Эрон ва Афғонистон бо истилоҳи достони кӯтоҳ, достони миёна ва румон истифода шуданд. Вобаста ба ҳунари халлоқонаи нависандагон ин навъҳои адабӣ рушд карда, бо гунҷоиш ва тақозои жанрӣ мавзӯву масъалаҳои муҳимми иҷтимоию ахлоқиро матраҳ намуданд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки психологизм дар адабиёти форсии тоҷикӣ падидаи комилан тозаву нав нест. Дар паҳнои адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ аносири тасвиру таҳлили психологӣ дар шаклҳои гуногун, бавижа дар шеъри ирфонии форсии тоҷикӣ хуб мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, хулосае бармеояд, ки психологизм ҳанӯз дар асрҳои миёна дар адабиёти форсии тоҷикӣ вуҷуд доштааст. Вале дар адабиёти давраи нав бо тағйир ёфтани ҳаёти иҷтимоӣ ва дигаргун гардидани диду назарҳо ба моҳияти дарки ҳастӣ, воқеияти замон ва рӯзгори инсонӣ психологизм дар пероҳани дигар арзи ҳастӣ намуд. Бо эътибори ин, гуфтан бамаврид аст, ки таҳлили психологизм дар адабиёти давраи нави тоҷик дар шакли тайёр ҳамчун муҳимтарин воситаи дарки бадеии инсон падид наомада, ба сифати яке аз воситаҳои тадқиқи бадеии инсон, зина ба зина дар марҳилаҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Адибон дар раванди такомули насри бадеӣ воситаҳои нав ба нави таҳлили психологиро алоқамандона ба сатҳи инсоншиносиашон кашф кардаанд.

Доир ба пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофу таҳаввули тасвири психологӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик адабиётшинос А.Набиев чунин нигоштааст: «Давраи аввал байни солҳои 20-ум ва нимаи солҳои 30-юм аст, ки диққати нависандагон ба характеристикаи иҷтимоиву синфӣ, барои таърихан мушаххас тасвир кардани характерҳо нигаронида шуда буд; марҳилаи дуюм аз нимаи солҳои 30-юм то аввали солҳои 50-умро фаро мегирад, ки дар адабиёт давраи мураккаби ҷустуҷӯҳо буда, тасвири психологии фард, хусусан психологияи иҷтимоии вай мавриди тадқиқи нависандагон қарор гирифт. Нимаи солҳои 50 то аввали солҳои 80 марҳилаи муҳиммест, ки наср ба тадқиқи ҷиддию ҳаматарафаи шахс пардохт ва дар натиҷа, таҳлили психологӣ яке аз сифатҳои муҳимми тасвири бадеии инсон ва ба воситаи тазоҳури ҳақиқати зиндагӣ табдил ёфт» [4, с.12].

Вобаста ба даврабандӣ барои амиқ муайян намудани марҳилаҳои рушду инкишофи психологизм дар қадами аввал лозим аст, ба осори устод Айнӣ мутаваҷҷеҳ шавем. Миёни солҳои 20-ум ва нимаи аввали солҳои 30-юм асарҳои бадеии устод Айнӣ - повестҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина» ва романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон» мунташир шуданд. Устод Айнӣ, ки аз адабиёти классикӣ, бахусус аз раванди таҳаввули умумии насри форсии тоҷикӣ огоҳии комил дошт, дар таълифи асарҳои худ аз вижагиҳои бесобиқаи насри гузашта, ки дар давоми асри IX то ибтидои асри XX инкишоф мекард, истифода намуд. Дар офаридаҳои устод Айнӣ ҳамчун сарчашма унсурҳои насри ривоятӣ, ки аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва услуби нигориш гуногунанд, корбаст гардид. Корбурди ин аносирро метавон дар қиссаву романҳои нависанда, дар омезиши хусусиятҳои асарҳои насрии мазмуни панду насиҳатдошта, асарҳои ҷуғрофию таърихӣ ва ниҳоят асарҳое, ки мазмуни танқидӣ ва моҳияти маорифпарварӣ доштанд, мушоҳида кард.

Омили дигаре, ки ба коргоҳи эҷодии Садриддин Айнӣ ва ташаккули насри давраи нави тоҷик ва зуҳури жанрҳои гуногуни он – ҳикоя, повест ва роман таъсири бевосита гузошт, анъанаҳои қавии насрнависии адабиёти русу аврупоӣ буд. Садриддин Айнӣ дар ҷараёни мутолиа ва тарҷумаю таҳрир роҳҳои эҷоди қаҳрамонро дар истифода аз воситаҳои тасвири психологӣ, воситаҳои нави тасвир - чеҳранигорӣ, тарзи баёни персонажҳо, алоқаи ғоявии манзара ва рӯҳияи қаҳрамонро омӯхта, дар асарҳои худ нуму бахшид. Илова бар ин, бо зуҳури роман дар адабиёти давраи нави тоҷик анъанаҳои нави тасвири ҳаёти иҷтимоии халқ ва афроди ҷомеа падид омад.

Акнун масъалае пеш меояд, ки устод Айнӣ бо бархӯрдорӣ аз вижагиҳои бесобиқаи насри гузашта ва бардошти таҷриба аз анъанаҳои қавии насрнависии адабиёти русу аврупоӣ дар тасвири воқеияти рӯзгор, ҳақиқати зиндагӣ, мавқеи инсон дар ҷомеа ва ҳиссу афкори ӯ аз кадом роҳу усул ва сабку шаклҳои тасвири бадеӣ истифода намуд? Дар мавриди баррасии ин масъала ба повести «Ҷаллодони Бухоро» таваҷҷуҳ кунем, равшан мешавад, ки дар фош кардани қабоҳатҳои ҳаёти гузашта Садриддин Айнӣ аз ҳаҷву мутоиба ва юмор, ҳазлу шӯхӣ ва дигар унсурҳои он моҳирона истифода кардааст. Асар, ки аз оғоз то анҷом моҳияти ҳаҷвӣ дорад, ҳолатҳои ҳаҷвию мазҳакавӣ гоҳо махлут ва баъзан пайиҳам омада, на танҳо манзараи яклухти ҳаҷвиро ташкил додаанд, балки барои ифшои хислатҳои қабеҳи типҳои гуногуни иҷтимоӣ хизмат кардаанд. Ҳамзамон нависанда дар ин мавриди то андозае аз тасвири психологии персонаж, тарзи баёни маҷозиву киноявӣ, муболиға, писханд ва дигар воситаҳои тасвири ҳаҷвӣ, ки муҳимтарин воситаҳои эҷоди образи типии ҳаҷвӣ мебошанд, моҳирона истифода кардааст.

Бандубасти бадеии нахустповести С.Айнӣ - «Ҷаллодони Бухоро»-ро ҳикоя андар ҳикоя ташкил медиҳад, ки ин ҷиҳат ба асарҳои насри ривоятии пешин хеле хос аст. Дар асар ҳикоёт аз забони ҷаллодон қисса шуда, миёни худ бо як хатти шартӣ бастагӣ доранд. Устод Айнӣ ҳикояҳоро пероҳани ҳаҷв пӯшонида, даҳшату қабоҳати рӯзгори гузаштаро тариқи ҳаҷву мутоиба, танзу зарофат ва ҳазлу шӯхӣ нишон додаст. Аз он ки дар повест нисбат ба амалу ҳаракати бевосита гуфтугӯ ва ривоятҳои моҷарописандона бештаранд, қаҳрамонон дар шакли тайёр ба назар мерасанд ва нависандаро лозим наомадааст, ки ба ҷараёни ташаккули характер, олами маънавӣ ва ҳиссиёти вай таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунад.

Нақши асосии инсонро дар адабиёти давраи нав, дар марҳилаи аввал С.Айнӣ ба вуҷуд овард ва инсони ин адабиёт дар мисоли Одина каси ятим, нотавон, ситамдида, азияткашида аст. Айнӣ вобаста ба ҳамин инсони офаридааш дар повести «Одина» масъалаҳои муҳимми замонро тасвир кард, ки тамоми ҷузъиёти тасвир дар он дида мешавад. Дар повест нияти бадеии нависанда ба воситаҳои таҳлили бадеии воқеият, таносуби иҷтимоӣ ва характери таърихан мушаххаси инсон амалӣ гаштаанд. Аз ин рӯ, нависанда дар ҷараёни тасвир ба нақли воқеаҳо саргарм нест, балки манзараҳои зиндагӣ, бавижа ҳолати персонажҳо ба воситаи тасвиркории реалистӣ ва таҳқиқи характерҳои мушаххасро дар вазъияти муайян анҷом медиҳад.

Садриддин Айнӣ вобаста ба вазъияти иҷтимоӣ ва шароити сахту вазнини зиндагии кӯҳистониён рӯзгори қаҳрамонашро батафсил тасвир карда, ҳамзамон дараҷаи ишкишофи шуури ӯро муайян менамояд. Акнун дар тасвири Айнӣ Одина аз «инсони табиӣ» ба сӯйи «инсони иҷтимоӣ» қадам мегузорад. Яъне, вобаста ба дигаргуниҳои замонӣ дар Одина эҳсоси худӣ зоҳир мешавад. Дар ин маврид нависанда барои тасвири ҳолатҳои табиӣ ва равшан кардани эҳсосоти қаҳрамон бештар ба нишон додани шахсияти ӯ кӯшидааст. Дар психологияи Одина дигаргунии муайяне ба назар мерасад, вале ин тағйирот аз тарафи ӯ ҳис шуда бошад ҳам, нақши он дар ҳаракату амалиёташ мушоҳида намешавад. Сабаби ин ба амалиёти мустақил қодир набудани қаҳрамон мебошад. Бинобар ин, нависанда ақоиди сиёсӣ, иҷтимоиву инқилобӣ ва таъсиру натиҷаҳои онро ба Одина нақл кардааст.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки ҳоло худи нависанда ҳам ба дарки амиқи ҳодисаи навзуҳур – ташаккули худшиносии иҷтимоии шахс оҳиста-оҳиста моҳияти иҷтимоӣ пайдо кардани фикру ҳиссиёти одамони одӣ чандон омода набуд ва аз ҷониби дигар одинаҳо ҳоло ҳамчун шахсият пухта нарасида буданд. Бинобар ин, дар асар таваҷҷуҳи Айнӣ ба тасвири марги ҷисмонии Одина равона буда, ба инкишофи фикрии ӯ камтар аст. Ин ҷиҳати образ кам таҳлил шудааст ва он мафҳумҳои иҷтимоӣ, ки дар фикри Одина пайдо шудаанд, аз ҷониби нависанда асосан нақл шуда, ҳанӯз як ҷузъи табиии тафаккури ӯ нестанд.

Бо зуҳури роман дар адабиёти давраи нави тоҷик анъанаҳои нави тасвири ҳаёти иҷтимоии халқ ва афроди ҷомеа падид омад. Дар нахустин романи тоҷикӣ – «Дохунда» мавзӯю масъалаҳои ҳаётан муҳим, мухолифатҳои тезутунди иҷтимоӣ, ҷамъбастҳои бадеии ҳаёт, тасвири алоқаи қаҳрамон бо ҳаёти ҷомеа мавриди тасвир қарор гирифт. Вале бояд иқрор шуд, ки «Дохунда» асари равоншинохтӣ нест ва мақсади нависанда ҳам ин гуна асар набудааст. Зеро устод Айнӣ ба пурра кушодани олами маънавӣ, ҳолатҳои гуногуни рӯҳию ҳиссу ҳаяҷон ва дигар ҷиҳатҳои инсон муяссар нашудааст. Гузашта аз ин, ҷиҳатҳое, ки дар асарҳои психологӣ ба чашм мехӯранду муқтазои ин қабил асарҳо мебошанд, камтар ба мушоҳида мерасанд.

Романи «Ғуломон» - ро ҳам наметавон асари психологию равоншинохтӣ маҳсуб донист. Вижагиҳои ин романро адабиётшинос И.С. Брагинский дар ҳашаматнокии он арзёбӣ намуда қайд мекунад, ки «хислатҳои махсуси асари мазкур («Ғуломон» - *Н.Қ.*) дар ҳашаматнокии вай пинҳон аст… Ҷустуҷӯи он ҷойҳои асар, ки масалан, тасаввуроти психологии ин ё он қаҳрамон ба таври мукаммал инъикос наёфтааст, лузумияте надорад» **[**2, с.111]. Бо вуҷуди ин, дар таълифи асар Садриддин Айнӣ ба таври густарда набошад ҳам, таҳлилу тасвирҳои психологиро дар тадқиқи психологияи иҷтимоӣ, яъне бедории шуури синфии омма ба кор бурдааст. Ба қавли А.Набиев, "таҳлили психологӣ ҳарчанд вазифаи асосии нависанда нест, вале ҷузъи муҳимми романи «Ғуломон» мебошад» [**4,** с.36]. Тасдиқи ин андеша ҳамон аст, ки устод Айнӣ дар раванди муборизаҳои синфию инқилобӣ падид омадани ягонагии маънавию рӯҳӣ ва ғоявию равониро дар шуури омма нишон додаст. Дар мавриди таҳқиқи шахсиятҳои алоҳида низ корбасти махсусият ва қонунмандиҳои таҳлили психологӣ ба назар мерасад, ки намунаи ин тасвири психологии образи Фотима ва Содиқ мебошад. Таҳлили дигари хеле ҷолиби психологӣ дар мубоҳисаҳои Шокир ва Қулмурод хуб ба мушоҳида мерасад. Ин баҳсҳои ғоявӣ, набарди рӯҳии ду шахси афкорашон гуногун аст, ки ҳар як сухан, гуфтор ва амали онҳо мазмуни психологӣ дорад. Лаҳзаи дигари психологӣ дар тасвири Содиқ ифода ёфтааст. Дар симои

Содиқ зиддиятҳои психологие, ки дар ҷараёни бунёди коллективҳои нав ба вуҷуд меоянд, хеле ҷолибанд. Ҳарчанд дар симои Содиқ, тағйироти ҳиссиёти вай бо тамоми ҷузъиёт тафсил наёфтааст, вале нависанда ҷараёни фикру андешаҳои ӯро дар раванди таҳаввуле, ки дар мафкураи Содиқ ҳамвора ба вуҷуд меояд, ҷиддӣ таҳлил кардааст.

Бо вуҷуди зуҳури баъзе вижагиҳои тасвири психологӣ дар насри солҳои бистум ва нимаи солҳои сиюм дунёи ботинии қаҳрамонҳои асосӣ ҳамаҷиҳата мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст, ки ин муқтазои ҳамин марҳилаи таърихӣ мебошад. Тазаккур бояд дод, ки барои насри ин даҳсола таваҷҷуҳ бештар ба кушодани моҳияти иҷтимоиву синфии инсон равона шуда, дар характерҳои ҷудогона ҳам, асосан хислатҳои умумии иҷтимоии халқ тасвир ёфтаанд. Дар нимаи дуюми солҳои сиюм рӯзгори мардум осудатар гардид ва вобаста ба ин масъалаҳои нави зиндагӣ рӯйи кор омад. Ҳамин буд, ки дар адабиёт таваҷҷуҳ ба фарди алоҳида ва моҳияти иҷтимоии он ҷиддитар шуд. Тасвири инсон, таҷассуми хислату характер ва ҳиссу ҳаяҷони ӯ роҳу усулҳои навро тақозо мекард. Дар ин марҳила нахустин асаре, ки дар он симои фард, моҳияти иҷтимоии фаъолияти вай ба таври муфассал тариқи таҳлили амиқи психологӣ тасвир шудааст, повести устод С.Айнӣ «Марги судхӯр» мебошад. Дар повест таҳлили психологӣ воситаи муҳимми тасвир қарор дорад. Метавон гуфт, ки ин усули тасвир қабл аз ин, ба он тарзе, ки дар «Марги судхӯр» анҷом ёфт, дар насри тоҷик ба чашм намехӯрад. Дар «Марги судхур» С.Айнӣ кӯшиш кардааст, то сифатҳои одами алоҳидаро амиқ ва ҳамаҷониба тасвир кунад. Нависанда дар ҷараёни таҷассуми портрети қаҳрамонаш аз воситаҳои фаровоне истифода мекунад, ки иртибот ба насри психологӣ дорад. Устод Айнӣ рӯҳия ва равони Қорӣ -ишкамбаро муътамад таҳлил карда, торафт шиддат гирифтани ин ҳиссиётро батааннӣ тасвир мекунад ва сабаби марги ӯро боэътимод нишон медиҳад. Бавижа бобҳои охири повест аз ин ҷиҳат хеле ҷолиб буда, таҳлили психологӣ асосан тавассути баёни фикру андешаҳои қаҳрамон сурат гирифтаанд. Барои баёни фикру андешаҳои қаҳрамон нависанда яке аз воситаҳои муҳимми тасвири психологӣ – монологро хуб истифода кардааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили психологӣ дар тасвири одами нав нимаи солҳои сиюм дар асарҳои С.Айнӣ қувват гирифта, баъдан дар асарҳои Ҳ.Карим, Ҷ.Икромӣ, С. Улуғзода, Р.Ҷалил роҳу усулҳои тоза касб кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
2. Брагинский И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / И.С.Брагинский. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 192 с.
3. Имомов М. Маънавият ва нақши зоҳир / М.Имомов. - Душанбе: Адиб, 2000. - 186 с.
4. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон / А.Набиев.-Душанбе: Ирфон, 1987.-160 с.
5. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1984. - 353 с.
6. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х.Шарифов. - Душанбе: Пайванд, 2009. - 476 с.
7. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
8. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 159 с.
9. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 452 с.

АВВАЛИН ПАДИДАҲОИ НАСРИ ПСИХОЛОГӢ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ НАВИ ТОҶИК

Дар адабиётшиносии гузашта ва муосир масъалаи психологизми бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, ҳанӯз новобаста ба ин тадқиқотҳои гуногунпаҳлу вижагиҳои он пурра баррасӣ нашудаанд. Бахусус ҳилқати аслии психологизм ва мавқеи он дар асари бадеӣ, истилоҳоти муайяни он ва усулу роҳҳои ин шакли тасвир масъалаҳое мебошанд, ки вобаста ба арзишҳои бадеиву зебошинохтии муосир ковишу пажӯҳишро тақозо дорад. Дар паҳнои адабиёти ҳасорсолаи форсии тоҷикӣ аносири тасвиру таҳлили психологӣ дар шаклҳои гуногун, бавижа дар шеъри ирфонии форсии тоҷикӣ хуб мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, хулосае бармеояд, ки психологизм ҳанӯз дар асрҳои миёна дар адабиёти форсии тоҷикӣ вуҷуд доштааст. Вале дар адабиёти давраи нав бо тағйир ёфтани ҳаёти иҷтимоӣ ва дигаргун гардидани диду назарҳо нисбат ба моҳияти ҳастӣ, воқеияти замон ва рӯзгори инсонӣ психологизм дар пироҳани дигар арзи ҳастӣ намуд. Устод Айнӣ, ки саромади адабиёти давраи нави тоҷик мебошад, табиист, ки таҳлили тасвири психологӣ барои тарсими воқеоти иҷтимоӣ ва шахсияти инсони давраи нав дар асарҳои ӯ зуҳур кард. Интиҳо бардошт ин аст, ки психологизм дар асарҳои С.Айнӣ зимни таҷрибаву анъаноти насри гузашта ва омӯзиши насри русиву аврупоӣ қувват гирифт ва нимаи солҳои сиюм дар асарҳои Ҳ.Карим, Ҷ.Икромӣ, С. Улуғзода, Р.Ҷалил ва насли баъдии нависандагони тоҷик роҳу усулҳои тоза касб кард.

Калидвожаҳо: наср, насри психологӣ**,** ҳикоя, қисса, романпсихологизм**,** таҳлили психологӣ, анъана, монологи ботинӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, қаҳрамон, ҷаҳони ботинӣ.

ОСНОВНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПРОЗЫ В НОВОМ ПЕРИОДЕ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Вопросы художественного психологизма рассматривались учёными-литературоведами и в прошлом и в настоящее время они находятся в центре внимания многих литературоведов. Однако до сих пор остаются нерешенными и неизученными множество проблем касательно особенностей психологического реализма. В особенности полностью не исследованы вопросы относительно места и значения психологических изображений в художественном произведении, их терминологии, а также функции в выявлении художественно-эстетических ценностей произведений литературы. В классическом периоде персидско-таджикской литературы некоторые элементы психологизма встречаются в мистической (суфийской) поэзии.

Таким образом, можно подытожить, что в средневековой литературе основные черты психологизма использовались мастерами художественного слова. Однако в новом периоде развития таджикской литературы с учетом новых социальных реалий взгляды и отношения литераторов относительно психологизма были очень противоречивыми. В творчестве устода Айни, как основоположника новой эпохи таджикской литературы, психологические изображения служили для показа духовного богатства личности нового времени и метаморфоз окружающей его социальной среды. Автор статьи приходит к выводу, что устод Айни стал мастером психологического изображения благодаря изучению традиций классической прозы и русско-европейской литературной практики. В тридцатые годы талантливые таджикские прозаики Х. Карим, Дж. Икрами, С. Улугзаде и Р. Джалил творчески продолжили литературные традиции Айни и открыли новые горизонты психологического реализма.

Ключевые слова: проза, психологическая проза, рассказ, повесть, роман, психологизм, психологический анализ, традиция, внутренний монолог, средство художественного изображения, герой, внутренний мир.

THE MAIN PREREQUISITES OF EMERGENCE OF PSYCHOLOGICAL PROSE IN THE NEW PERIOD OF DEVELOPMENT OF THE TAJIK LITERATURE

The Issues of art psychologism were considered by scientists-literary critics and in the past and in the present and they are in the center of attention of many literary critics. However it still remain unresolved and not studied a set of problems concerning features of psychological realism. Specially it is not completely studied the issues concerning the place and value of psychological images in the work of art, its terminology and also it function in revelation of art and esthetic values of literary works. In the classical period of the Persian-Tajik literature some elements of psychologism meet in mystical (Sufi) poetry. Thus, it is possible to sum up that in medieval literature the main features of psychologism were used by masters of an art word. However in the new period of development of Tajik literature taking into account new social realities views and the relations of writers concerning psychologism were very contradictory. In the works of Ayni as founder of a new era of the Tajik literature, psychological images served for show of spiritual wealth of the identity of modern times and metamorphoses of the social environment surrounding it. The author of article comes to a conclusion that Ayni became the master of psychological image on the basis of studying traditions of classical prose and the Russian-European literary practice. In the thirties talented Tajik prose writers H. Karim, J. Ikrami, S. Ulugzoda and R. Jahlil have creatively continued literary Ayni's work and have opened the new horizons of psychological realism.

Key words: prose, psychological prose, story, novella, romance, psychologism, psychological analysis, tradition, internal monologue, means of the art image, hero, inner world.

Сведения об авторе: ***Нуркаев К.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей перседско–таджикской литературы филологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **nqaror@mail.ru.**Тел.: **(+992) 935-08-51-29**

Information about the author: ***Nurkaev K.*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of Theory and Latest Persian-Tajik Literature, Faculty of Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nqaror@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-08-51-29**

УДК: 891.550-1+87

АЗ ТАЪРИХИ МУХАММАССАРОЙ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Ҳикматов Ҷ.Ҳ., Шарифова Ҳ.Қ.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

Мухаммас яке аз жанрҳои ҷинси лирика буда, чи дар адабиёти гузашта ва чи дар адабиёти имрӯзаи форсии тоҷикӣ мавриди таваҷҷуҳи зиёди шоирон қарор гирифтааст. Дар бораи маънои луғавии мухаммас ва чӣ гуна жанри адабӣ будани он дар фарҳангҳо ва асарҳои илми адабиётшиносӣ ақидаҳои гуногуни зиёд мавҷуд аст.

Аз ҷумла, дар «Бадоеъ-ул-саноеъ» [3, с.48], «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [14, с.781], «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [8, с.81], «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» [2, с.223], «Назарияи адабиёт» [4, с.240] ва дигар асарҳо дар бораи маънои луғавии мухаммас ва чӣ гуна шакли шеърӣ будани он маълумоти зиёде оварда шудааст, ки онҳо қариб якхелаанд.

Аз ишораҳои дар ин асарҳо овардашуда маълум мегардад, ки мухаммас аз калимаи «хамса»-и арабӣ гирифта шуда, маъноаш панҷ ё панҷгона гуфтан аст.

Мухаммас шакли шеъриест, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, қофиябандиаш дар банди аввал ба тариқи ААААА ва дар бандҳои баъдина ба тариқи ББББА, ВВВВА сурат мегирад.

Шеъре, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, дар банди якум ҳамаи мисраъҳо бо як таркиби қофия (аааaа) сохта мешаванд ва бандҳои дигар чор мисраи аввал алоҳидаю мисраи панҷумаш ба мисраи якуми банди аввал ҳамқофия аст (ббббa, ввввa), мухаммас номида мешавад [6, с. 240].

Мухаммас бо ду роҳ суруда мешавад:

1) мухаммаси озод ё мустақил, ки аз аввал то охир бандҳои он аз тарафи як шоир гуфта мешавад.

2) мухаммаси тазмин, ки онро мухаммасбандӣ низ мегӯянд. Дар мухаммаси тазмин шоири мухаммассаро баъд аз се мисраи худ ду мисраъ аз ғазали шоири дигар меорад, яъне бар ғазали шоире мухаммас мегӯяд.

Ҳарчанд дар бораи мухаммас, пайдоиш ва инкишофи он аз тарафи устод Айнӣ ва адабиётшиносони варзида С. Имронов [5, с.4] ва Ш. Раҳмонов [11] баъзе тадқиқотҳо бурда шуда бошанд ҳам, мехоҳем ин ҷо аз рӯйи қудрат ва имкониятамон назари иҷмолие дар ин маврид дошта бошем ва нигоҳи гузаро доир ба таърихи мухаммас ва ташаккулу таҳаввули он дар адабиёти тоҷик биандозем.

Аз асарҳои ин адабиётшиносон бармеояд, ки мухаммас монанди мураббаъ, мусаддас, мусамман, мусаллас ва муашшар яке аз навъҳои мусаммат мебошад.

Дар бораи пайдоиши мухаммас фикру ақидаҳо гуногунанд. Аз ҷумла, А. Мирзоев соли 1948, вақте ки китоби «Мулҳами Бухорой»-ро нашр намуд, як нусхаи онро барои устод Айнӣ равон кард, то ин ки ӯ фикру андешаҳояшро ба муаллиф расонад. С. Айнӣ пас аз бодиққат мутолиа кардани китоб як мактуби муфассали тақризмонанде навишта,ба муаллиф фиристод, ки аз он мактуб махсусан андешаҳои устод дар бораи мухаммас хеле ҷолиби диққат мебошад. Устод Айнӣ ба масъалаи таърихи пайдоиши мухаммас дахл карда таъкид менамояд, ки гӯё баъди замони Ҳофиз ҳанӯз шакли мухаммаси шеър ба вуҷуд наёмада буд, ки ин аз мутолиаи девонҳои дар ҳамон замонҳо тартибёфта собит мешавад. Шакли мухаммас баъд аз нуҳсади ҳиҷрӣ (1495-и милодӣ - Ҳ.Ҷ.) пайдо шуд ва аз ҳазори ҳиҷрӣ (1592-и милодӣ - Ҳ.Ҷ.) ба шоеъ шудан даромад

Аммо адабиётшинос С. Имронов ба ин сухани устод Айнӣ шак оварда навишта буд:

«Доир ба масъалаи таърихи пайдоиши мухаммас ақидаи устод Айниро бояд тасҳеҳ кард. Устод Айнӣ мавҷудияти мухаммасро ҳатто дар замони Ҳофиз эътироф наменамояд…, ки ин мулоҳизаҳои устод ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд»[5, с.4].

С. Имронов баъдан ба чунин хулоса омадааст:

«Шояд дар он ҳангом сарчашмаҳои адабӣ ва девонҳои шоирони асрҳои XVI-XV дастраси ӯ нагардида буданд ва ё устод имкони ҷустуҷӯ кардан ва мутолиа намудани ҳамаи онҳоро надошт»[5, с.92]. Мухаммас баъди Рӯдакӣ ибтидо мегирад[5, с.93-94].

Ҳангоми омӯзиши асари Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» мо ба як банд мухаммаси шоири асри XII-и форс-тоҷик Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад бо тахаллуси Азҳорӣ вохӯрдем, ки чунин аст:

Гавҳарафшон шуд бар атрофи чаман дасти саҳоб,
В-аз зумуррад сар бурун зад гунча чун ёқути ноб,
То тавонӣ рав кунун чун лола шав ҷоми шароб!
Варна боре ҳар шабе рав пойи гул масту хароб,
Бо суроҳӣ то саҳаргаҳ даст дар оғӯш кун! [3, с.48].

Гумон мекунам ин бозёфти мо андешаҳои дар боло зикршудаи адабиётшинос С. Имроновро тақвият медиҳад.

Адабиётшинос Ш. Раҳмонов низ дар бораи пайдоиши мухаммас чунин ақида дорад: «Аввалин намунаи мухаммасро баъд аз мураббаъ, мусаддас, мусамман ва дигар анвои мусаммат Сӯзанӣ додаст. Дар девони шоир мусаммати ҳазломез ном бобе ҳаст ва дар охири он мухаммасе оварда шудааст, ки дар ҳачву юмор навишта шуда, шахси ахлоқан вайрон ва сифатҳои ношоями ӯ танқид мешавад» [11, с.74].

Мавриди зикр аст, ёдовар шавем, ки мусаммат ва анвои он дар ибтидо дар қолаби қасида инкишоф ёфта, дар композитсияи он мустаҳкам ҷой гирифт. Зеро дар асрҳои XI-XII жанри қасида дар адабиёти мо пешсаф буд.

Вале вусъат ёфтани доираи мазмуну мундариҷа, инкишофи характери қаҳрамони лирикӣ, тағйири ҳолатҳои композитсия ва монанди инҳо байни анвои мусаммат ва қасида фарқият ба вуҷуд овард. Шоирон мехостанд, ки аз доираи маҳдуди қасида берун раванд ва имкониятҳои бештари жанрию услубӣ дошта бошанд, то домани ифодаву андешаҳо васеътар ва тахайюли бадеиашон баландтар парвоз намояд.

Он гоҳ шоирон кӯшиданд, то мусаммат ва анвои онро аз қасида дур баранд. Рафта-рафта мусаммат дар композитсияи қасида кам эҷод мешуд ва қасида натавонист композитсияи анъанавии пештараи худро барқарор намояд.

Дар асрҳои XII-XIII ҳар қадар ки қасида рӯ ба таназзул меовард, ғазал ҳамон қадар вусъат меёфт ва ба зеҳну андешаи донишмандони шеъру адаб медаромад. Дар натиҷа, ғазал тавонист ба дигар жанрҳо таъсир расонад. Ғазал аз асрҳои XIII-XIV сар карда аз ҳар ҷиҳат аз қасида пеш гузашт. Дар ғазал мухтасарбаёнӣ ва барҷастагии сухан пеш омад. Мазмунҳои ҳаётиву иҷтимоӣ дар ғазал мавқеъ пайдо карданд.

Мусаммат аввалин маротиба дар композитсияи ғазал аз тарафи Ҳофуи Кирмонӣ (XIV) суруда шудааст. Ҳофу ба мухаммас мазмунҳои ишқию манзаравӣ ва тавсифиро дохил намудааст.

Чунонки Ш. Раҳмонов таъкид мекунад: «Мухаммас то асри XV ҳам дида шудааст. Вале аввалин касе, ки коммпозитсияи (бандубасти) ғазалро дар он ҷорӣ намуд, Хофуи Кирмонист. Мухаммасҳои Хофу зиёд нестанд, аз ӯ ҳамагӣ чор адад мухаммас боқист. Лекин ин ҷо бояд таъкид намуд, ки мухаммасҳои Хофу накҳат ва таровату тозагии махсус дорад. Аз ин мухаммасҳо маълум шуд, ки имкониятҳои эстетикии ғазалро, ки аз жанрҳои бисёр нафис, гуворо ва дилкаш мебошад, ба шакл ва жанрҳои гуногун ба кор гирифтан мумкин будааст. Дар байни жанрҳо Садди Чин мавҷуд набудааст ва синкретизми жанрҳо барои ҷавлони фикру ҳис майдонро васеътар мекардааст. Хофу дастгирӣ ва мададгории байни жанрҳоро қувват дод ва зебоиву ширинву дилангезии ғазалро вориди мухаммас намуд:

Дӯш бар тарфи чаман замзамаи фохта буд,
Қумрӣ аз пардаи «Ушшоқ» наво сохта буд,
Ростӣ, сарви хиромон алам афрохта буд,
Булбули дилшуда овоз дарандохта буд,
Ки саропардаи гул боз ба саҳро задаанд [11, с.112].

Маҳз композитсияи (бандубасти) ғазалро дар мухаммас ҷорӣ намудани Хофу боиси он гашт, ки ин жанри лирикӣ пас аз ӯ мавриди таваҷҷуҳи шоирони баъдина қарор бигирад. Пас аз Хофу то асри XV ва баъди он барои ривоҷу равнақ гирифтани мухаммас саҳми як гурӯҳ шуаро хеле назаррас мебошад. Имоди Фақеҳ, Исмати Бухорӣ, Сайидо, Бедил, Ворас, Мунши, Шухӣ, Ҳозиқ, Гулханӣ, Фориғ, Фитрати Вардонзеҳӣ, Возеҳ, Исо, Шоҳин, Савдо, Музтариб, Мухлис, Ҳасрат, Ҳайрат, Кошиф, Сомӣ, Ҳоҷӣ, Сипандӣ, Туғрал, Саҳбо, Абдулҳайи Муҷахарфӣ ва дигарон мухаммасро ба дараҷаи баланди инкишоф расонидаанд. Мухаммассароӣ хусусан дар доираи адабии Бадахшон (Мухлис, Муборак Махфӣ, Ҷаъфарӣ, Мирзо Ибод, Шоҳфутур, Ҷирмӣ) ва Ҳисор (Ҳасрат, Парӣ, Ирсӣ, Ҷазбӣ, Розӣ, Дабир, Хатиб, Ҳолӣ) хеле ривоҷу равнақ ёфт.

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мухаммас на дар композитсияи қасида, балки дар композитсияи ғазал бештар диққати шоиронро ба худ ҷалб намуд ва инкишоф ёфт.

Мухаммас мавзӯи асосии ғазалро, ки дар ибтидо ишқу муҳаббати поки инсонӣ буд, тавонист дар худ ҷой диҳад. Мавзӯоти мухаммас мисли мавзӯоти ғазал дар асрҳои баъдина хеле гуногуну рангоранг гардид. Шоирони мухаммассаро ба доираи мавзӯоти мухаммас ба ғайр аз мавзӯи ишқу муҳаббат, мавзӯъҳои иҷтимоиро низ дохил намуданд.

Аз ин андешаҳои Ш. Раҳмонов бармеояд, ки то замони Хофуи Кирмонӣ шоирон дар байни жанри ғазалу имкониятҳои он ва жанрҳои дигар садди чинӣ мегузоштанд. Гӯё ғазал бо салосату нафосате, ки дорад, наметавонад ба дигар жанрҳо таъсир расонад. Аммо Хофуи Кирмонӣ тавонистааст, ки ин садди чиниро шиканад ва он салосату нафосат ва ғановату гувороии ғазалро ба дигар жанрҳо, хусусан ба мухаммас кӯчонад. Аз қабили мавзӯъҳои шикоят аз замона ва фалаки каҷрафтор, шикоят аз ҳоли бади худ, танқиди абнои замон, танқиди намояндагони расмии дин, панду ахлоқ ва ғайраҳо.

Фикрҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шоирони мухаммассаро дар мухаммасҳои озод ва аз ҳама бештар дар мухаммасҳои тазминии онҳо дида мешавад. Ба андешаи мо ин сабаб дорад. Азбаски баъд аз асри XIII фикрҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ғазал қувват гирифт, шоирони мухаммассаро низ ҳангоми ба ин қабил ғазалҳои шоирон мухаммас бастан ин ақидаи шоиронро давом доданд. Чизи дигаре, ки доир ба ин мавзӯъ диққати маро ба худ ҷалб мекунад, он аст, ки ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дар ғазалҳои шоирони гузашта ҷойдоштаро шоирони мухаммасбанди баъдина ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ мувофиқ кунонида, давом додаанд. Мухаммасҳои бар ғазалҳои Соиб, Ҳофиз, Ваҳшӣ, Фиғонӣ, Мушфиқӣ, Муҳташам, Анқо, Бадеъ ва дигарон бастаи Сайидо то андозае ин ақидаи моро тақвият медиҳанд. Масалан, Сайидо дар як мухаммаси худ, ки бар ғазали Соиб бастааст, аз замонаи худ шикоят мекунад.

Инак, банде аз он мухаммас:

Арбоби ҷудро кафи гавҳарфишон намонд,
Дасти кушодае ба муҳиту ба кон намонд,
Дар рӯзгори мо зи мурувват нишон намонд,
«Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд» [12, с.143].

Мухаммаси тазмин ҳарчанд пеш аз Сайидо дар эҷодиёти Хофу, Ҷомӣ, Навоӣ ва шоирони дигар дида шавад ҳам, аммо Сайидо онро тавонист, ки дар эҷодиёташ инкишоф диҳад ва ба мактаби мухаммасбандӣ асос гузорад.

Мухаммасҳои тазминии Сайидо бештар ба ғазалҳои Соиб (29 адад) ва Мушфиқӣ, Бедил, Урфӣ, Муҳташам, Анқо, Фиғонӣ, Толиб, Ҳилолӣ, Бадеъ, Адо, Шонӣ, Калим, Рафеъ, Ҷомӣ ва ғайраҳо баста шудаанд. Бар мухаммасоти Сайидо устод Айнӣ чунин баҳо додааст: «Сайидо аз ақсоми шеър дар мухаммасгӯйӣ хуш дорад, байтҳои дигаронро семисраӣ зам намуда, ба тариқи мухаммас тазмин менамояд. Бисёр мухаммасоташ бар ғазали Соиб аст» [7, с.117]. Ҳамчунин: «Намунаи хуби мухаммасро Сайидо, хусусан дар бештарини мухаммасҳое, ки ба назми Соиб бастааст, додааст» [7, с.117].

Адабиётшинос А.Мирзоев пас аз омӯхтани эҷодиёти Сайидо ба хулосае омадааст, ки аз ӯ дар баробари дигар жанрҳо 74 адад мухаммас боқӣ мондааст [9, с.61-76].

Ҳангоми омӯзиши «Куллиёт»-и Сайидои Насафӣ мо низ ба 74 адад мухаммаси Сайидо вохӯрдем [12, с.110-170].

Аммо дар «Асарҳои мунтахаб» – и Сайидо танҳо 63 адад мухаммасоти ӯ оварда шудааст. Мураттиб аз чи сабаб бошад, ки дар муқаддимаи ин китоб сабаби партофта шудани мухаммасоти боқимондаи шоирро нагуфтааст [10, с.525-644].

Ш. Раҳмонов дар бораи мухаммасоти Сайидои Насафӣ чунин ақида дорад: «Дар назми форсу тоҷик Сайидои Насафӣ шоире мебошад, ки нисбат ба ҳамаи шоирони дигари гузаштаю ҳамзамон ва пасояндони худ бештар мухаммас гуфтааст ва аксари мухаммасоташ дар тазмину назира буда, бар ғазали шоирони дигар тахмис бастааст» [11, с.118].

Ба андешаи мо ақидаи Ш. Раҳмонов дар бобати нисбати дигар шоирони гузаштаю ҳамзамонаш бештар мухаммас эҷод кардани Сайидо дуруст аст. Аммо, нисбати он ки Сайидо аз пасомадони худ низ бештар мухаммас гуфтааст, мо ба ин фикри Ш. Раҳмонов розӣ шуда наметавонем. Дуруст аст, ки мухаммас маҳз дар эҷодиёт Сайидо рӯҳу тавони тоза ёфт ва Сайидо тавонист, ки як мактаби мухаммассароиро дар адабиёти форс-тоҷик замина гузорад. Шоирони мухаммассарои баъдина кӯшиш мекарданд, ки шогирди сазовори ин мактаб бошанд. Онҳо бештар ба забону услуби нигориши мухаммасоти Сайидо, ки хеле содаву равон буд, инчунин дар офаридани мазмунҳои баланд ба ӯ пайравӣ мекарданд.

Баъд аз Сайидо дар зери таъсири мухаммасоти ӯ шоирони зиёде рӯ ба мухаммассароӣ оварданд. Ба монанди Ворас, Муншӣ, Шӯхӣ, Ҳозиқ, Гулханӣ, Фориғ, Фитрати Вардонзехӣ, Возеҳ, Исо, Шоҳин, Савдо, Музтариб, Мухлис, Ҳасрат, Ҳайрат, Кошиф, Сомӣ, Ҳоҷӣ, Сипандӣ, Туғрал, Саҳбо, Абдулҳайи Муҷахарфӣ ва дигарон.

Умуман дар ин давра аз доираҳои адабии Бухоро, Ҳисор, Бадахшон, Фарғона ва ҳатто Эрону Афғонистон ва Ҳинд шоиронеро ёфтан муҳол аст, ки мухаммас нагуфта бошанд. Яке аз сабабҳои ривоҷ ёфтани мухаммасро У.Каримов дар он мебинад, ки дар мактаби куҳна осори бузургтарин классикони форс-тоҷик ба сифати дарс омӯхта мешуданд [6, с.64].

Яке аз шоирони мухаммассарои баъд аз замони Сайидо, шоири нимаи дуюми асри XIX Мухлиси Бадахшонӣ (1822-1891) мебошад. Дар эҷодиёти шоир мухаммас баъд аз ғазал ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Ш. Раҳмонов дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки пас аз асри XVI мухаммас дар эҷодиёти шоирон хеле ривоҷ ёфт: «Масалан, Мубораки Вахонӣ (соли тав. тахминан 1833-1843) мустазод ва мухаммасро то 55 адад афзуд, дар доираи адабии Бадахшон, инчунин Мухлис мухаммасро ба 227 ва мусаддасро ба 18 адад расонд…» [11, с.112].

Вале чунонки зикр кардем, миқдори мухаммасоти Мухлис дар нусхаи ягонаи девони ӯ 234 адад мебошад. Фикри 227 адад будани миқдори мухаммасоти шоирро ҳамаи муҳаққиқони баъдина аз таҳқиқи адабиётшиноси марҳум А.Ҳабибов гирифтаанд ва худро аз ин заҳмат осон барканор мондаанд.

Мухаммасоти Мухлис ҳам дар шакли мустақил ва ҳам дар шакли тазмин эҷод шудаанд.

Дуруст аст, ки дар эҷодиёти Сайидо пас аз ғазалиёт мухаммасот аз ҷиҳати ҳаҷму миқдор дар ҷойи дуюм меистад, ки зиёда аз 1000 байти девони ӯро ишғол мекунад. Ба андешаи мо дар эҷодиёти шоир мавқеи калон пайдо кардани мухаммас низ тасодуфӣ нест. Ин шакли шеъри лирикӣ, ки дар назми классикии тоҷик аз асри XV сар карда ривоҷ гирифта меомад, хусусан дар назми давраи Сайидо хеле маъмул гардида буд. Вале мухаммасоти Сайидо бо мазмуну мундариҷаи худ нисбат ба ғазалиёташ нисбатан якранг мебошанд. Шоир агар дар ғазалиёташ бештар ба мавзӯоти ғайриишқӣ, бахусус масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ карда башад, дар мухаммасоти ӯ асосан мавзӯи ишқ тасвир ёфтааст.

Аммо мавзӯоти мухаммасоти Мухлис гуногун аст. Аз ҷумла, тараннуми ишқу муҳаббати поки инсонӣ, шикоят аз бахту ҳоли бади худ, шикоят аз замона ва фалаки

качрафтор, танқиди намояндагони расмии дин, панду ахлоқ, тарғиби некию накӯкорӣ, дӯстию рафоқат, ва ғайраҳо.

Аз мутолаи мухаммасоти шоир маълум гашт, ки Мухлис дар эҷоди ин шакли душворписанди назми классикӣ маҳорати хубе доштааст, бахусус дар шакли мухаммаси тазмин. Мухаммасоти тазминии Мухлис бар ғазалҳои Соиб, Сайидо, Бедил, Муҳташам, Саъдӣ, Ҳофиз, Фитрат, Шӯхӣ, Ҳуҷҷат, Калим, Ғанӣ, Салмон, Ҳозиқ, Камол, Қасиб, Нозим, Сайфӣ, Ориф, Ҳайрат ва дигарон баста шудаанд [14].

Чизи дигаре, ки мехоҳем ин ҷо сари он изҳори андеша намоем, ин миқдори бандҳои мухаммас аст. Мухаммас дар эҷодиёти шоирони пеш аз Сайидо, худи Сайидо ва дигар шоирони асри XIX аз 5-7 банд зиёд нест. Шуарои мухаммассаро кӯшидаанд миқдори бандҳои мухаммаси хешро аз миқдори байтҳои ғазал, ки аксаран аз 5-7 беш нест, нагузаронанд. Аз сабаби он ки мухаммас дар композитсияи ғазал гуфта мешуд, шоирон саъю кӯшиш намудаанд, ки мавзӯи интихобкардаи худро ба таври кӯтоҳ мисли ғазал дар 5-7 банд таҳлил карда ҷамъбаст намоянд.

Аммо миқдори бандҳои мухаммасоти Мухлис нисбат ба шоирони гузашта фарқ мекунад.

Мухаммасоти тазминии шоир 5-10-бандӣ буда, мухаммасоти мустақилаш аз 5 то 32-бандӣ мебошанд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки Мухлис мавзӯоти мухаммасоти худро бо тамоми паҳлуҳояш мавриди таҳлил қарор додааст. Мухлиси Бадахшонӣ тавонистааст дар замони худ ба миқдори бандҳои мухаммас тағйирот дохил намояд [13].

Миқдори бандҳои мухаммас минбаъд дар эҷодиёти баъзе шоирон аз рақамҳои дар боло овардашуда ҳам зиёдтар ба чашм мехӯрад. Масалан, Абдулҳайи Муҷахарфӣ (1867-1931) шояд аз Мухлиси Бадахшонӣ илҳом гирифта, миқдори бандҳои мухаммасро ба 83 банд расонидааст [1].

Агар дар ибтидо миқдори бандҳои мухаммас чун миқдори байтҳои ғазал аз 5-7-бандӣ иборат буд, шоирони баъдина ба мисли Мухлиси Бадахшонӣ ва Абдулҳайи Муҷахарфӣ тавонистанд аз ҷиҳати миқдори бандҳо ба мухаммас тағйироту навоварӣ дохил намуда, аз ҷиҳати доманфарохии баёни мавзӯъ онро аз таҳти таъсири ғазал берун оранд. Аммо ногуфта намонад, ки вазну қолаби ғазал чун пештара дар сурудани мухаммас нигоҳ дошта мешуд.

Мухаммас дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷик низ хусусан, дар шакли тазминии он хеле ривоҷ меёбад,. Садриддин Айнӣ, Боқӣ Раҳимзода, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигарон анъанаи мухаммассароиро дар адабиёти имрӯзи тоҷик давом доданд. Мухаммасоти онҳо ҳам дар шакли мустақил ва ҳам дар шакли тазмин бар ғазали шоирони классик ва муосири худ суруда шудаанд.

Аз ҷиҳати қофиябандӣ дар байни мухаммасоти шоирони гузашта ва муосири тоҷик фарқият дида мешавад.

Шоирони муосири тоҷик, ба ғайр аз он ки қофиябандии анъанавии (ААААА, БББББА) мухаммасоти шоирони гузаштаро давом доданд, боз худ воситаҳои гуногуни қофиябандии нави мухаммасро пайдо намуда, дар адабиёт ҷорӣ карданд. Дар ин бора Ш. Раҳмонов чунин ақида дорад: «Маҳз период (давр) бандҳои мухаммасро ба композитсияҳои гуногуни қофиябандӣ ҷудо кардааст: ААББА, АББББА (А. Лоҳутӣ), ААБАБ, АБАБВ (М. Раҳимӣ). Агар ин композитсияи қофияҳоро боз ба периодҳо ҷудо кунем, комбинатсияи гуногуни периодҳо монанди ААБ+БА, АА+ББА, АБ+ББА, АБ+АБВ ва ғайра ҳосил шудан мегирад» [11, с.146].

Аз ин тарзи қофиябандии мухаммасоти шоирони муосири тоҷик бармеояд, ки онҳо дар масъалаи қофиябандии мухаммас эҷодкорӣ намудаанд ва ин омӯзишу ковиши алоҳидаеро хостор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳайи Муҷарҳарфӣ. Муфизуланвор ва девони ашъор; бо кӯшиш, таҳия ва тадвини Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Бӯрии Бачабеки Карим.- Москва: Интрансдорнаука, 2003.-616 с.
2. Атахонов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Т. Атахонов.- Душанбе: Шарқи озод, 2002.-455 с.
3. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ.- Душанбе: Ирфон, 1974.-222 с.
4. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қ. 1 / Ю. Бобоев. -Душанбе: Маориф, 1987.-320 с.
5. Имронов С. Назаре ба мусаммати мухаммас / С. Имронов // Садои Шарқ, 1983 №4.
6. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX / У.Каримов. -Душанбе: Дониш, 1974.-188 с.
7. Мактуби С. Айнӣ ба рафиқ Абдулғанӣ Мирзоев // Садои Шарқ, 1978, №4.
8. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе: Маориф, 1992.-240 с.
9. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947.-197 с.
10. Миробид Сайидои Насафӣ. Осори мунтахаб / М.С. Насафӣ. - Душанбе: Ирфон, 1977.-700 с.
11. Раҳмонов Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он / Ш. Раҳмонов. - Душанбе: Дониш, 1987.-170 с.

12. Сайидо Насафӣ. Куллиёти осор; бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷобулқо Додалишоев. - Душанбе: Ирфон, 1990.-467 с.
13. Ҳикматов Ҷ.Ҳ. Забон ва услуби мухаммасоти Мухлиси Бадахшонӣ / Ҷ.Ҳ. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ - 2010 №1(57).- С. 290-297.
14. Ҳикматов Ҷ. Ҳ. Муҳтавои мухаммасоти Мухлис / Ҷ.Ҳ. Ҳикматов // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2004, № 3. - С. 107-115.

АЗ ТАЪРИХИ МУХАММАССАРОӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС-ТОҶИК

Мухаммас яке аз жанрҳои ҷинси лирика буда, чи дар адабиёти гузашта ва чи дар адабиёти имрӯзаи форс-тоҷик мавриди таваҷҷуҳи зиёди шоирон қарор гирифтааст. Мухаммас шакли шеъриест, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, қофиябандиаш дар банди аввал ба тариқи ААААА ва дар бандҳои баъдина ба тариқи БББББА, ВВВВА сурат мегирад. Мухаммас аз калимаи «хамса»-и арабӣ гирифта шуда, маъноаш панҷ ё панҷгона гуфтан аст. Шеъре, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, дар банди якум ҳамаи мисраъҳо бо як таркиби қофия (аааааа) сохта мешаванд ва бандҳои дигар чор мисраи аввал алоҳидаю мисраи панҷумаш ба мисраи якуми банди аввал ҳамқофия аст (ббббба, ввввва), мухаммас номида мешавад. **Мухаммас бо ду роҳ суруда мешавад:** 1) мухаммаси озод ё мустақил, ки аз аввал то охир бандҳои он аз тарафи як шоир гуфта мешавад; 2) мухаммаси тазмин, ки онро мухаммасбандӣ низ мегӯянд. Дар мухаммаси тазмин шоири мухаммассаро баъд аз се мисраи худ ду мисраъ аз ғазали шоири дигар меорад, яъне бар ғазали шоире мухаммас мегӯяд. Мухаммас мавзӯи асосии ғазалро, ки дар ибтидо ишқу муҳаббати поки инсонӣ буд, тавонист дар худ ҷой диҳад. Мавзӯоти мухаммас мисли мавзӯоти ғазал дар асрҳои баъдина хеле гуногуну рангоранг гардид. Вазну қолаби ғазал дар сурудани мухаммас нигоҳ дошта мешуд. Шоирони муосири тоҷик, ба ғайр аз он ки қофиябандии анъанавии (ААААА, БББББА) мухаммасоти шоирони гузаштаро давом доданд, боз худ воситаҳои гуногуни қофиябандии нави мухаммасро пайдо намуда, дар адабиёт ҷорӣ карданд ва ин омӯзишу ковиши алоҳидаеро хостор аст.

Калидвожаҳо: мухаммас, жанр, банд, Мухлис, Сайидо, радиф, тазмин, мустақил.

ИЗ ИСТОРИИ СОЧИНЕНИЯ МУХАММАС В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Мухаммас (пятитстрочная строфа с одинаковыми строфами) является одним из лирических жанров и привлекает внимание поэтов прошлого и настоящего персидско-таджикской литературы. Мухаммас - это стихотворная форма, которая состоит из пяти стихотворных строк и его рифмовка в первом разделе начинается посредством ААААА и в остальных разделах начинается посредством БББББА, ВВВВА. Мухаммас взята из арабского слова «хамса» и означает пять или пятерица. Каждый стих, куплет которого состоит из пяти строк и в первом куплете все строки строятся одним составом (аааааа), а другие разделы первых четырёх строк отдельно, а пятая строка рифмуется с первой строкой первого раздела (ббббба, ввввва), это и называется мухаммас. Мухаммас сочиняется двумя путями: 1) свободный или самостоятельный мухаммас, разделы которого сначала и до конца сочиняются одним поэтом; 2) включение в стихотворение стихотворных строк других поэтов (мухаммаси тазмин), который также называют создание мухаммас. При включении в стихотворение стихотворных строк других поэтов поэт, который сочиняет пятерицу должен после своих трех строк включить две строки из газели другого поэта, значит, воспевать мухаммас относительно газели другого поэта. Мухаммас смог воплотить в себе основное содержание газели, который в начале состоял из чистой и человеческой любви. Тематика мухаммаса как и тематика газелей в последующих веках стал очень разнообразным. Форма и ритмика газелей соблюдалась при сочинении мухаммас. Современные таджикские поэты продолжая использовать традиционное рифмование (ААААА, БББББА) мухаммасов своих поэтов – предшественников, также нашли новые средства рифмования мухаммасов и ввели их в литературу, что требует дальнейшего изучения и исследования.

Ключевые слова: мухаммас, жанр, раздел, Мухлис, Сайидо, редиф, подражание, самостоятельный.

FROM THE HISTORY OF MUHAMMAS'S COMPOSITION IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

Muhammas (a five-line stanza with identical stanzas) is one of the lyrical genres and attracts the attention of poets of the past and present Persian-Tajik literature. Muhammas is a poetic form, which consists of five verse lines and its rhyme in the first section begins with AAAAA and in the remaining sections begins with BBBA, BBBWA. Muhammas is taken from the Arabic word “hamsa” and means five or five. Each verse, the verse of which consists of five lines and in the first verse all the lines are built by one composition (aaaaa), and the other sections of the first four lines are separate, and the fifth line rhymes with the first line of the first section (bbbba, BBVva), this is called Muhammas. Muhammas is composed in two ways: 1) free or independent Muhammas, whose sections are first and completely composed by one poet; 2) the inclusion in the poem of poetic lines of other poets (Muhammasi Tazmin), which is also called the creation of Muhammas. When the poetic lines of other poets are included in the poem, the poet who writes the five queen must, after its three lines, include two lines from the ghazal of another poet, which means chanting Muhammas on the ghazal of another poet. Muhammas was able to embody the main content of the ghazal, which in the beginning consisted of pure and human love. The subjects of Muhammas as well as the subjects of gazelles in the following centuries became very diverse. The form and rhythm of gazelles was observed when composing Muhammas. Modern Tajik poets, while continuing to use traditional rhyming (AAAAA, BBBBA) of the muhammas of their predecessor poets, also found new means of rhyming the muhammas and introduced them into literature, which requires further study and research.

Key words: muhammas, genre, section, Muhlis, Sayido, redif, imitation, independent.

Сведения об авторе: ***Хикматов Джумъабой Хакимович*** - Таджикский технический университет им. М.С. Осими, заведующий кафедрой языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10. Тел.: **(+992) 908-44-12-37**

Шарифова Хурлико Курбонхоновна – Таджикский технический университет им. М.С. Осими, преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10.
Тел: **(+992) 919-32-00-55**

Information about the author: ***Khikmatov Dzhumaboy Khakimovich*** - Tajik Technical University M.S. Osimi, Head of the Department of Languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ave. Acad. Radjabovs 10.
Tel.: **(+992) 908-44-12-37**
Sharifova Khurliko Kurbonhonovna - Tajik Technical University M.S. Osimi, teacher of the languages department. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ave. Acad. Radjabovs 10. Tel.: **(+992) 919-32-00-55**

УДК: 891.550:82

КОРБУРДИ КИНОЯ ДАР ТАФСИРИ «КАШШОФ»-И ҶОРУЛЛОҲ ЗАМАХШАРӢ

Очилова М.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар миёни тафсирҳои фаровон ва гуногуни Қуръон, тафсири «Кашшоф»-и Замахшарӣ ин имтиёзи барҷастаро дорост, ки пардохтан ба зебоиҳои адабӣ ва балоғиро ваҷҳаи ҳиммати хеш қарор дода ва саъй карда, то ба гунаи илмӣ ороста будани Қуръонро аз ҷиҳати балоғат ва бавижа илми маонӣ ва баён исбот кунад. Вай дар усули куллии илми балоғат пайрави Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ буда, назариёти ӯро ба шакли корбурдӣ дар тафсири Қуръон ва баёни он ба намоиш гузошта ва онҳоро таҳлилу такмил кардааст. Ӯ ҳамчунин бархе аз усули балоғиро, ки Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ бад-он напардохта, ба захираи дониши балоғат афзудааст, яъне аз орои Абдулқоҳир ёрb ҷуста, ва гоҳе назариёти худро низ баён карда ва нуктаҳо ҷудо намуда ва таҳлили иборот матраҳ сохта, ки гоҳе фаротар аз матлаби матраҳшуда тавассути Ҷурҷонӣ аст. Баҳси киноя яке аз муҳимтарин фанҳои балоғӣ ба шумор меояд, ки Замахшарӣ бад-он таваҷҷуҳи хосса доштааст.

Киноя гунае аз анвои баёнанд, зеро бархе аз калом иқтизо (эҳтиёҷ, ҳоҷат, ниёз) мекунад, ки ғараз ба таври ошкоро ва мустақим баён шавад ва бархе мавоқеъ бояд аз дур ба матлаб ишора кунад, зеро ширинтар аст ва дар ҷон бештар менишинад. Ҷурҷонӣ дар «Асрор-ул-балоға» гуфтааст: «Агар чизе пас аз талаб кардан ва иштиёқ доштан ба даст ояд ва дар роҳи ба даст овардани он ранҷ бурда шавад, латифтар ва боарзиштар буда ва дар ҷон беҳтар менишинад» [15, с.158].

Баёни ғайримустақим ба мавзуъ умқ, азамат, зебоӣ ва тароват мебахшад, офоқи онро васеъ мекунад ва инсонро ба тафаккур вомедорад ва ба зебоӣ ва қабули он меафзояд. Пас киноя назди араб балеғтар аз ошкоро сухан гуфтан ва таъриз пуртаъсиртар аз тасреҳу маҷоз, балеғтар аз ҳақиқат аст [14, с.51].

Бо таваҷҷуҳ ба матолиби пешгуфта навиштори ҳозир ба садади посухгӯӣ ба суолҳои зер аст:

- Замахшарӣ дар тафсири «Кашшоф» чӣ таърифе аз киноя ба даст додааст?

-То чӣ мизон нигоҳи Замахшарӣ ба истилоҳи киноя бо истиораи гузаштагон аз киноя мутобиқ аст?

- Навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя чист?

Шоёни зикр аст, ки дар заминаҳои киноя мақолаҳои зер навишта шудааст:

1) «Татаввури таърихии киноя дар адаби форсӣ ва арабӣ то қарни ҳафтуми ҳичрӣ» навиштаи Абдулқодири Париз. Вай дар ин мақола ба мабдои таърихии киноя аз ду манзар – луғавӣ ва истилоҳӣ дар адаби форсӣ ва арабӣ ва хостгоҳи аслии он пардохтааст.

2) «Киноя ва асбоби балоғати он» навиштаи Ғулом Аббоси Ризоӣ. Вай дар ин мақола аз қабили таърифи киноя, маънои луғавӣ ва истилоҳии киноя, истилоҳоти киноя, ақсом ва балоғати он пардохтааст.

3) «Зебоишиносии киноятҳо дар забони арабӣ ва форсӣ» навиштаи Муҳаммадризо Азизӣ. Вай дар он коркардҳо ва костиҳои киноятро аз чашмандозҳои гуногун мековад, аммо аз он ҷо, ки ба таври вижа ба мавзӯи киноя аз манзари Замахшарӣ ва навовариҳои ӯ дар тафсири «Кашшоф» нигариста нашуда буд, нависандагон дар садади анҷоми ин пажӯҳиш баромаданд. Барои дарки мафҳуми киноя дар тафсири «Кашшоф» ва ҷойгоҳи он ниёзманди донистани муқаддимае дар чанд меҳвар ҳастем.

Маънои луғавӣ ва истилоҳии киноя. Калимаи киноя дар асл масдари феъли сулосии муҷаррад аз боби «**نَصَرَ- يَنْصُرُ**» яъне «**كنا- يكنو**», ё «**ضَرَبَ-يضرِب**»، яъне «**كَنَى- يَكنى**» аст ва аз назари вожагон пӯшидагӯӣ ва надоштани сароҳат дар гуфтор маъно медиҳад ва бо ду ҳарф ҷарри «**باء**» ва «**عن**» мутааддӣ мешавад, яъне мегӯянд: «**كنى عن الشيء**» ё «**كنى بالشيء كنايةً**» [7, с.557], « **كَنَى به عن كذا يكني و يكنو كناية**»، яъне ба сурати ғайримустақим ва киноӣ матлабе бигӯӣ ва мақсуди дигаре доштa бошӣ [12, с.384], [8, с.319], [6, с.233] «**كنّى تكنية أبي فلانٍ**»، яъне ба вай кунияи Абӯфалон дод, «**كَنى يكنِي كنايةً بالشيء عن كذا**» / Ба таври киноя аз чизе сухан гуфт, монанди « **زيد كثير الرماد**»، ки киноя аз ин аст, ки Зайд бисёр бахшанда аст [7, с.701].

Абӯубайда Муъаммар ибни Муснӣ (210ҳ.) аз қадимитарин касоне аст, ки ба киноя пардохтааст. Киноя дар таърифи ӯ мафҳуме аст, ки аз сиёқи калом фаҳмида мешавад, бе он ки исми он сареҳан дар иборат зикр шавад [1, с.72-73]. Баъд аз Абӯубайда Ҷоҳиз (255ҳ.) ба киноя ва истиора ишора карда, гуфтааст: «Киноя барои расонидани мафҳуми таъзим ва тақдим аз ошкоро сухан гуфтан балеғтар аст» [13, с.114]. Ибни Асир кинояро чанд гуна таъриф карда, аммо нихоятан ин таърифро баргузидааст: «Киноя ба ҳар лафзе гуфта мешавад, ки битавон маънои онро бар ҳақиқат ҳамл кард ва ҳам бар маҷоз…» [5, с.192-194]. Аскарӣ дар «**الصناعتين**» ду истилоҳи киноя ва истиораро бо ҳам даромехта гуфтааст: «**هو أن يكنّى عن الشئ و يعَرِّضَ بِهِ ولا يصَرِّح**»; *киноя он аст, ки ба сурати пӯшида гуфта шавад ва бад-он ишора гардад ва сареҳан зикр нагардад»* [3, с.368]. Баъд аз Аскарӣ Ибни Рашиқи Қайравонӣ (443 ҳ.) зайли боби ишора ба киноя пардохта, ва онро аз ғароиби шеър донистааст. Вай мегӯяд: «дар киноя балоғати ачибе аст, ки далолат бар тавоноии фард мекунад ва ғайр аз шоири ҳозиқ касе наметавонад, онро биёварад». Ибни Рашиқ кинояро ба чаҳор навъ: тафҳим, ҳазф, таврия ва татбеъ тақсим мекунад [9, с.312].

Аз дер боз киноя ба суратҳои мухталифе таъриф шуда, ки тақрибан ҳама мувозии якдигаранд ва ҷуз дар фурӯъ ихтилофе дар онҳо дида намешавад. Абӯҷаъфари Байҳақӣ мегӯяд: «**الكناية ان تتلم بشيء و تريد به غيره**» *(Киноя чизест, ки дар бораи чизе сухан мекунb вале чизи дигарро мехо[b/ ба сурати гайримустақим ва киноӣ матлабе бигӯӣ ва мақсуди дигаре дошта бошӣ)* [4, с.194]. Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ низ дар таърифи киноя гӯяд: «**و المراد بالكناية هاهنا أن يريد المتكلم اثبات معنى من المعانى فلا يذكره باللفظ الموضوع له فى اللغة ولكن يجيء: إلى معنى هو تأكيد وردفه فى الوجود، فيومئ به إليه، و يجعله دليلاً عليه، مثال ذلک قولهم «هو طويل النجاد» يريدون طول القامة**» [12, с.66], *яъне мурод аз киноя он аст, ки мутакаллим бихоҳад матлаберо баён кунад, аммо аз он на бо номе, ки дар луғат барояш вуҷуд дорад, балки бо мафҳуме лозими он таъбир намояд ва (ба василаи ин маънои тоза) ба он ишора кунад ва онро ба далеле бар исботи муддао бадал гардонад.* Барои мисол мақсуд аз «**طويل النّجاد**» баландии қомати шахс аст.

Ва аз қайди охир (иродаи лозим, ҳамроҳ бо ҷавози иродаи малзум) фарқи миёни маҷоз ва киноя ба хубӣ равшан мегардад; зеро дар маҷоз, иродаи маънои ҳақиқӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз нест [2, с.307-308].

Бархе монанди Саккокӣ муътақиданд, ки дар киноя ҳамвора лозими маъно зикр шуда ва малзум ирода мешавад. Барои мисол, «**كثير الرماد**» лозими маънои сахӣ аст ва мо бо баёни ин лозим малзум, яъне сахиро ирода мекунем; дар ҳоле ки дар маҷоз вақте шуҷоъро «шер» меномем, бо таваҷҷуҳ ба он ки шуҷоат лозими мафҳуми шер будан аст, бо зикри малзум, яъне шер, лозими он, яъне шуҷоатро ирода мекунем [10, с.177]. Аммо Хатиби Қазвинӣ дар радди ин назари Саккокӣ гуфтааст: «Интиқол аз лозим ба малзум танҳо дар ду ҷо мумкин аст:

1. Ҷое, ки лозим ба танҳоӣ бо малзум баробар бошад, монанди нотиқ, ки бо инсон, ки бо инсон мусовӣ аст.

2. Ҷое, ки лозим бо замима шудани қаринае, бо малзум баробар гардад; чун лозим аз ин ҷиҳат, ки лозим ҳам бошад ва бадеҳӣ аст, ки он бар хос далолат намекунад. Албатта, ҳар гоҳ лозим бо малзум баробар бошад, дар киноя низ интиқол аз малзум ба лозим пайдо мешавад ва дигар фарқе миёни маҷозу киноя аз ин ҷиҳат боқӣ наемонад ва худи Саккокӣ муътариф аст, ки лозим то малзум набошад, интиқол аз он мумкин нест [10, с.313].

Ақсоми киноя дар забони арабӣ: Киноя дар истилоҳ бар ду маъно мешавад:

а) зикри лозим ва иродаи малзум. Бинобар ин, лафзи «**مكنى به**» ва маънои мурод, « **مكنى عنه**» хоҳад буд.

б) зикри малзум ва иродаи лозим. Монанди «**طويل النّجاد**», ки дар асл ба маънои касе аст, ки банди шамшераш баланд аст, валекин аз ин лафз тӯли қоматро, ки лозими маънои аслӣ (баландии банди шамшер) аст, ирода кунанд ва дар ин ҳол ҷоиз аст, ки бо иродаи баландии қомати зайд баландии банди шамшераш низ ирода шавад.

Тақсими киноя ба эътибори «**مكنى عنه**» ба се гуна тақсим мешавад:

1. Киноя аз мавсуф: киноя аст, ки мурод аз он мавсуф аст. Мисли ин ки киноя аз инсон мегӯем: «**حىٌ مستوى القامة عريض الأظفار**» машрут бар ин ки бар он сифат, ихтисос ба «**مكنى عنه**» дошта бошад.

2. Киноя аз сифат: кинояест, ки ба воситаи он сифате хоста мешавад монанди « **كثير الرماد**».

3. Киноя аз нисбат: яъне исботи сифате барои чизе ё нафйи сифате аз чизе монанди:

إنّ السّماحة والمروءة و النّدى

فى قبّةٍ ضربت على ابن الحشرج [11, с.154]

(Дар ҳақиқат ҷавонмардӣ, инсонгароӣ ва муҳаббат чун кулоҳест, ки бар сари Ибни Ҳашраҷ гузошта шудааст).

Тақсими киноя ба эътибори вузуҳ ва хафо:

Киноя ба эътибори вузуҳ (ошкор) ва хафо (пинҳон) ва низ ба эътибори фаровонӣ ва камии васоите, ки «**مکنی به**» ва «**مکنی عنه**» вуҷуд дорад, ба гунаҳои зер тақсим мешавад:

1.Талвеҳ (ишора кардан): Агар васоити миёни «**مکنی به**» ва «**مکنی عنه**» зиёд бошад, ба он талвеҳ мегӯянд, монанди «**جبان الکلب**».

2. Рамз. Агар васоити зиёд набуда, аммо дарёфти маъно мушкил ва печида бошад, рамз гӯянд, монанди «**عریض القفا**», ки киноя аз одами аблаҳ аст.

3. Имову ишора: дар камии васоит бо рамз муштарак аст, аммо печидагӣва пӯшидагии онро надорад. Ва интиқол аз лозим ба малзум ба роҳатӣ сурат мегирад. Яке аз дигар аз анвои киноя истиора ном дорад ва он ба ин сурат аст, ки дар сухан маъное, ки мақсуди гӯяндааст, гунҷонда шавад бе он ки ба лафз он тасреҳ шавад. Ин вожа дар миёни мутааххирон ва муосирон, бавижа пас аз Саккокӣ [10, с.628] аз ақсоми киноя шуморида мешавад.

Ба таърифи киноя аз нигоҳи Замахшарӣ пардохта ва дарёфтем, ки ӯ кинояро ба гунаи маҷоз таъриф карда ва миёни киноя ва таъриз фарқ қоил шудааст; дар ҳоле ки таъриз дар миёни мутааххирон ва муосирон, бавижа пас аз Саккокӣ, яке аз қисматҳои киноя шумурда мешавад. Аз навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя метавон ба мавориди зер ишора кард:

- Вай ба маънои истилоҳии киноя, арзиши адабии он ва киноя дар муфрад ишора кардааст. Аз муҳимтарин баҳсҳое, ки дар боби киноя барои аввалин бор матраҳ шуда, мавзӯи зарурати имкони дар назар гирифтани маънои ҳақиқӣ дар киноя ва баҳсҳои маҷоз аз киноя ва пардохтан ба фарқи дақиқ ва илмии миёни киноя ва таъриз аст.

- Ӯ сареҳан ба ин матлаб ишора дорад, ки киноя дар маънои ҳақиқии худ ба кор рафта ва маънои киноӣ ба тариқи лузум аз он фаҳмида мешавад.

- Замахшарӣ ба киноя аз нисбат ишора карда, ин навъи киноя аз далолати сареҳ балеғтар аст ва онро яке аз анвои киноя медонад.

- Ӯ ба ин матлаб ишора мекунад, ки гоҳе барои киноя муносибан оварда мешавад, ки бар зебоӣ ва таъсири он меафзояд.

- Вай гоҳе барои як мафҳум чанд таъбири киноӣ меоварад ва ба балоғати он ишора мекунад ва онро равиши некуе дар чашидани зебоиҳо ва асрори забон медонад.

- Соҳиби «Кашшоф» интиқол дар кинояро ба равиши хоссе маҳдуд намекунад. Яъне, интиқол дар кинояро гоҳе аз анвои интиқол аз малзум ба лозим медонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуубайда, Муъаммар Ибни Мусанно. Маҷозу-л-Қуръон (таҳқиқи Фавоиди Сазгин). - Қоҳира, 1954.
2. Алавии Яманӣ, Яҳё ибни Ҳамза. Алтурозу-л-мутазаммин ли асрори-л-балоuати ва улуми ҳақоиқи-л-эъҷоз.- Миср, 1914.
3. Аскарӣ, Абеҳилол. Саноъатайн (таҳқиқи Муҳаммад Бақовӣ ва Муҳаммад Абефазли Иброҳим).-Қоҳира, 1952.
4. Байҳақӣ, Аҳмад Ибни Алӣ. Тоҷу-л-масодир (мусаҳҳеҳ Ҳоди Олимзода)-Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (чоп панҳум), 1375 ш.
5. Ибни Асир, Зиёиддин. Алмасалу-с-соир фӣ одоби-л-китоби-ш-шоири.- Қоҳира, 1939.
6. Ибни Манзур, Муҳаммад Ибни Мукрам. Лисонул-араб.- Бейрут: Дорул Содир, 1414 қ.
7. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил. Ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ.- Бейрут: Дорул-фикр, 2008.
8. Зубайдӣ, Муҳаммад Муртазо. Тоҷу-л-арес. – Бейрут: Дору-л-содир, 1979.
9. Қайравонӣ, Ибни Рашиқ Абеали Ҳасан. Ал-умда (таҳқиқ: Муҳаммад Муҳиддин Абдулҳамид). – Бейрут: Дору-л-хил, 1981.
10. Саккокӣ, Абе Яқуби Юсуф. Мифтоҳу-л-улум. – Миср: Матбааи Мустафо Албобӣ Ҳалабӣ, 1937.
11. Тафтозонӣ, Масъуд ибни Умар. Мухтасаротул-маонӣ.-Қум: Маншуроти Шариф Ризо ва маншуроти Зоҳидӣ, 1380 ш.
12. Фирезободӣ, Муҳаммад Ибни Яъқуб. Қомусу-л-муҳит.-Бейрут: Муассисату-р-рисолату лилтабоъату ва-н-нашри ва-т-тавзеъи, 2005.
13. Ҷоҳиз, Умар ибни Баҳр. Ал-баён ва-т-тобеъин (Абдуссалом Ҳорун). – Бейрут: Лубнон, 1973.
14. Ҷундӣ, Дарвеш. Ал-рамзияту фил-адаби-л-арабb. - Қоҳира: Дору наҳзату Миср лил-нашр вал-тобиъату, 2008.
15. Ҷурҷонӣ, Абдул Қоҳир. Асрору-л-балоға; зери таҳқиқи Аҳмад Мустафо Марофибек). - Қоҳира: Матбаи Истиқомат, 1947.

КОРБУРДИ КИНОЯ ДАР ТАФСИРИ «КАШШОФ»-И ҶОРУЛЛОҲ ЗАМАХШАРӢ

Дар мақола рочеъ ба яке аз масъалаҳои корбурди киноя дар тафсири «Кашшоф»-и Замахшарӣ сухан меравад. Киноя, яке аз фунуни балоғист, ки бештар аз маҷозу истиора корбурд дорад, ба ҳамин манзур балоғиён дар таърифу баёни қисмҳои он дар тӯли қарнҳо бо вуҷуди ихтилофи назарҳое, ки доштанд, талошҳои барҷастае карда ва осори мондагоре аз худ ба хой гузоштанд. Тафсири «Кашшоф» машҳуртарин манбаи тафсири балоғист, ки зебоиҳои адабӣ ва маънавии баланди қуръонӣ, бад-ӯ руҷӯъ дода мешавад. Назар ба аҳамияти зиёди киноя дар тафсири «Кашшоф», дар пажӯҳиши ҳозир ба мафҳуми киноя дар ин тафсир, навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя, услубҳои вай барои баёни киноёти қуръонӣ ва таъсири мазҳаби Замахшарӣ дар баҳси киноя пардохта мешавад. Инчунин дар рафти таҳқиқот мушаххас мегардад,

ки Замахшарӣ нахустин бор баҳси маҷоз аз киноя, киноя дар муфрад ва тафовути миёни киноя ва истиораро матраҳ карда ва аз ду услуб мустақим ва ғайримустақим барои баёни киноёти қуръонӣ истифода намудааст, шарҳ медиҳад.

Калидвожаҳо: Замахшарӣ, тафсири «Кашшоф», балоғат, киноя, истиора, муътазила.

УПОТРЕБЛЕНИЕ АЛЛЕГОРИЙ В ТОЛКОВАНИИ “КАШШАФ” ДЖАРУЛЛАХА ЗАМАХШАРИ

В статье рассматривается вопрос употребления аллегорий в толковании «Кашшаф» Замахшари. Аллегория является выразительным средством литературы, часто используемая вместе с метафорой и иносказаниями, в связи с чем, среди литературоведов в течение многих веков в толковании и пояснении аллегории имеются противоречивые мнения, впоследствии ставшие причиной появления многочисленных авторитетных исследований по данному вопросу. Толкование «Кашшаф» является одним из известнейших источников, представляющим исчерпывающие комментарии выразительным средствам литературы, поясняющим художественную красоту и сокровенные смыслы священного Корана. В научном исследовании толкования «Кашшаф» наряду с местом аллегории в произведении рассматриваются понятие аллегории в понимании автора, нововведения Замахшари по вопросу аллегории, ее виды в изложении коранических аллегорий и влияние на них религиозных убеждений Замахшари. Также в исследовании установлено, что Замахшари одним из первых рассмотрел проблему различия метафоры и аллегории, аллегории в единственном числе, различий между аллегориями и иносказанием, прямо и косвенно употребляя оба средства в толковании коранических аллегорий.

Ключевые слова: Замахшари, толкование «Кашшаф», выразительные средства, аллегория, метафора, мутазилизм.

USE OF ALLEGORY IN INTERPRETATION "KASHSHAF" OF JARALLAHA ZAMAHSHARI

In the article the question of the use of allegories in the interpretation of "Kashshaf" Zamakhshari is considered. Allegory is an expressive means of literature, often used together with a metaphor and allegories, and therefore, among literary scholars for many centuries in the interpretation and explanation of the allegory there are conflicting opinions, which subsequently led to the emergence of numerous authoritative studies on this issue. Interpretation "Kashshaf" is one of the most famous sources, which provides exhaustive comments to the expressive means of literature, explaining the artistic beauty and hidden meanings of the sacred Koran. In the scientific study of the interpretation of Kashshaf, along with the place of allegory in the work, the notion of allegory is understood in the author's understanding, Zamakhshari's innovations on allegory, its types in the exposition of Qur’an allegories and the influence of Zamakhshari's religious beliefs on them. The study also found that Zamakhshari was one of the first to consider the problem of the difference between metaphor and allegory, allegory in the singular, the differences between allegories and allegory, using both means directly and indirectly in the interpretation of the Qur'an allegories.

Key words: Zamakhshari, interpretation "Kashshaf", expressive means, allegory, metaphor, mutazil.

Сведения об авторе: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры персидского и китайского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-770-11-65**

Information about the author: ***Ochilova Mehriniso Ilhomovna*** - Khujand State University. B. Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Persian and Chinese Languages Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, prospect Mavlyanbekova 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 92-770-11-65**

УДК: 891.550:930.85 (575.3)

ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ АДАБИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Рустамова Ф.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Ҷашни Наврӯз аз муҳимтарин маросимест, ки аз солиёни дур дар байни эрониён роиҷ буда ва ба ёдгор мондааст. Шодиву сурур дар ин замон чандон дур аз зеҳн нест, зеро ҷаҳон ранги дигар ба худ мегирад ва замон замони зоиши замин аст ва тавлиди гиёҳ. Ҳоло аз чӣ даврае ин ид ба сурати расмӣ даромада, беҳтар он аст, ки бидонем аз чӣ замоне гоҳшуморӣ вуҷуд дошта, зеро агар ин оин танҳо ба сурати як ҷашне дар фасли баҳор анҷом мешудааст, бинобар ин, бояд дар сол замони муайяне дошта бошад ва доштани вақти мушаххас лозимаи ин гуфтор мегардад.

Метавон гуфт, пешиниёни мо бо диди тағйиротҷӯйӣ ва табиӣ ҳар даврае аз солро ба навъе замонбандӣ карда буданд.

Дар гоҳшуморӣ мехонем, ки соли эронӣ вақте ба ду қисмат тақсим мешуда, зимистони даҳмоҳа ва тобистони думоҳа ва сол аз давре аз адвор ба ду қисмат – тобистони ҳафтмоҳа ва зимистони панҷмоҳа тақсим гардида, ки баъд ба ду моҳи шашмоҳа табдил шудааст. Ва ҳамчунин «сол аз аҳде биннисбаи қадим (ва шояд аз қадимтарин азмана низ)

ба чор фасли семоҳаи маъруф тақсим мешуда, ки асомии паҳлавии онҳо чунин аст: Ваҳор - Ҳомин – Потин - Зимистон».

Бинобар ин, навъи гоҳшуморӣ ба вуҷуд омада буд, ки нисбатан замони тағйиру таҳаввули табииро мушаххас месохтааст. Ориёниёни қадим дар ҳар як аз ду фасли гармо ва сармо ҷашне барпо менамуданд ва ба пойкӯбӣ мепардохтанд ва аз тарафе мебинем, ки «дар аҳди бисёр куҳан сол аз аввали тобистон (Инқилоби Сайфӣ) ва бо тирамоҳ оғоз мешуда ва ба далели он луғати «Майидйояри», ки исми Гоҳанбори панҷум аз шаш Гоҳанбори сол аст. Ин ҷашн дар ҳаволии инқилоби шатавӣ (зимистонӣ) барпо шуда, аз маънии луғавии он (нимаи сол) аст. Ва аз сӯйи дигар дармеёбем, ки дар замоне сол аввали тобистон шурӯъ мешуда, вале на бо Тирмоҳ, балки бо Фарвардинмоҳ.

Пас, асоси ба вуҷуд омадани ин ҷашн оғози баҳор ва, дарвоқеъ, шодии табиӣ аз поёнии фасли сахти сармост. Дар ин фасл тамоми нохушиҳои марбут ба сармо аз байн рафта ва ҷойи онро сабзиву таровати васфношуда фаро мегирад. Замин либоси тоза ба бар мекунад ва замини дигар мешавад ва шояд одамиён ҳамин дидро нисбат ба худ доштаанд.

Наврӯз вожаи мураккабест, ки аз ду ҷузъ-«нав» ва «рӯз» ташкил шудааст ва хамон гуна ки дар луғати форсӣ ифодаи маъно мекунад, мафҳуми «рӯзи нав» аз он бармехезад ва бар нахустин рӯз аз нахустин моҳи соли хуршедӣ тааллуқ мегирад. Дар ин рӯз, он гоҳ, ки офтоб ба бурҷи бара интиқол меёбад ва фасли баҳор оғоз мегардад, рӯзи наве аз соли ҷадид низ шурӯъ мешавад. Асли паҳлавии ин вожа «нук руч» ё «нук руз» будааст.

Абӯрайҳони Берунӣ гӯяд: «Аз расмҳои порсиён Наврӯз чист? Нахустин рӯз аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат «рӯзи нав ном кардаанд, зеро ки пешонии соли нав аст, он чӣ аз паси ӯст, аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост». Наврӯз дар забони арабӣ ба ду сурат зикр шудааст: «ҳам ба чеҳраи мутадовили форсии он «Наврӯз» ба кор рафта ва хам ба гунаи муарраб «найрӯз» истеъмол шудааст.

Гузашта аз ин, дар фарҳангҳои мухталифи форсӣ ва арабӣ низ маъноҳои мухталифе барои Наврӯз зикр шудааст, ки мин боби намуна ба бархе аз онҳо ишора мешавад. Бодуэн ба ин масъала низ мепардозад, ки маъмулан дар чунин китобҳое матлаб якест ва муаллифону нависандагони мухталиф аз рӯйи манобеи воҳиди нукоти мавриди назари худро навиштаанд.

Тавзеҳоте низ, ки ғолибан дар манобеъ оварда шуда, чандон аз якдигар мутамойиз нест, чун ҳеч кас дар асли Наврӯз ва фаҳми маънои луғавии он мушкил ё доияи хоссе надошта ва дар садади ироа мафҳуми тозае ҳам барнаёмадааст, лизо чунон ки машҳур аст, доиратулмаорифи азиме монанди «Луғатнома»-и Деҳхудо, ақволи мутааддидро дар як ҷо ҷамъ карда ва бо диққате матин ва ҳавсалате вазнин ба баҳс дар бораи онҳо пардохтааст.

Бо ин ҳама мин боби ироаи намунаҳое аз маонии мавҷуд дар кутуби луғати форсӣ ва арабӣ ба зикри чанд фиқра мубодират мешавад ва аз итноб худдорӣ мегардад:

«1.ал-Муқрӣ: «ал-Найруз(у) би фатҳи –ли-нун; ва-н-навруз(у) луғатун ва ҳува муаррабун ва ҳува аввалу-с-санати; локиннаҳу инда анҳу-л-фурс инда нузули шамси аввала-л ҳамал» («ал-Мисбоҳу-л-мунир», ҷилди 2, с.114).

2.Турайҳӣ: «ан-Найруз, ал-иътидолу-р-раббиъӣ, ва-л-меҳрҷон, вақту ситивои-ш-шамси ила-л-мизон ва ҳува-л-иътидолу-р-раббиӣ, аънӣ яставӣ фиҳи-л-лайлу ва-н-наҳор. Нақлан ан аҳли-т-таҳқиқ ва фӣ-л-ҳадис: «Инна Алийян, алаҳи-с-салом аътақа Абонайраз ва Риёҳан ва Иёзан» («Маҷмаъу-л-баҳрайн», с.28).

3.Фирӯзободӣ: «ан-Найрузу би-л-фатҳ, аввалу явмин мина-с-санати, мураррабу Навруз» («ал-Қомусу-л-муҳит», ҷилди 2, с.194).

4.Сафипур: «Найруз, би-л-фатҳ наврӯзи муарраб аст ва он рӯзи аввали сол бошад» («Мунтаҳали-р-раб», ҷилди 4, с.124).

5. Наврӯз, билфатҳи «нун», ин рӯзро назди подшоҳони Аҷам ва яздониёни Эрон шарафҳост, гӯянд дар он рӯз эҷод ва иншои халқ шуд («Фарҳанги Онандроҷ», ҷилди 7, с.415).

Бадоҳатан Наврӯз худ гӯёи маъноест, ки аз калом бармехезад. Нависандагони мутааддиде, ки дар ин бора изҳори ақида кардаанд, пеш аз ҳама, ба раъйи фарзонамарди нишопурӣ – Ҳаким Умари Хайём иснод ҷустаанд, ки рисолаи кӯчаке дар ҳамин замина ба вай нисбат дода мешавад.

Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома» мефармояд: «Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки офтоб дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз ва рубъи аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин оварда ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон ба ӯ иқтидо карданд чун он вақтро подшоҳони Аҷам дарёфтанд аз баҳри бузургдошти офтоб, онро нишона карданд ва он рӯзро ҷашн сохтанд ва оламиёнро хабар доданд, то ҳамагон онро бидонанд ва он таърихро нигоҳ доранд. Бар подшоҳон воҷиб аст ойину расми мулукро ба ҷой оранд аз баҳри муборакӣ ва баҳри

таърих ва хуррамӣ кардан дар аввали сол. Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ гузаронад ва ин таҷрибатро ҳукамо аз барои подшоҳон карданд» (Ш).

Дар фарҳанги эронӣ Наврӯз ҷашнест, ки аз Ҳурмузд (рӯзи аввал) аз моҳи фарвардин шурӯъ мешавад ва то муддате давом дорад. Ин ид, ки аз бузургтарин аъёди миллии эрониён ва намояндаи қариҳаи шодоби ин миллати куҳансол аст, дар миёни аъёди соири миллал аз он ҷиҳат чашмгиртар ва мондагортар аст, ки дар ҳангоми ҷавонии ҷаҳон барпо мешавад. Яъне, мубашшири нав шудани замон ва ба поён расидани умри зимистон аст ва ба қавли Абӯрайҳон Берунӣ, «пешонии сол нав аст» ва бар тораки соли нав чун ҷавоҳире дурахшанда ҷой мегирад ва ба ҳамон сон низ медурахшад.

Дар муқаддимаи баҳс ҳам ёдоварӣ шуд, ки дар миёни ақвоми эронӣ, далоилеро метавон ҷустуҷӯ кард, ки ин ҷашни бузург бар асоси онҳо устуворӣ ва пойдорӣ ёфтааст.

1. Нахуст он ки Наврӯз ба сурати табиӣ дар яке аз қисматҳои дугонаи сол, яъне Ҳама (Hamma) (тобистон) воқеъ шуда ва барои як ҷашни миллӣ бисёр муносиб аст.

2. Дигар ин ки аз гузаштаҳои дур аввали моҳ ва аввали сол дар назди эрониён муқаддас будааст. Аввали рӯзи ҳар моҳ дар назди зардуштиён ба номи худованд Аҳуромаздо мавсум аст ва аз ин ҷиҳат бисёр муҳтарам аст ва ҷашне мазҳабӣ ба шумор меояд. Бадоҳатан аввали ҳар сол низ, сарфи назар аз мақоми ҷудогонаи худ, мусодиф бо рӯзи ҳурмузд мешавад ва муҳтарам аст. Дар даврони исломӣ низ аввали ҳар сол ва аввали ҳар моҳро ҳамчунон дар назди эрониёни мусулмон эҳтироме будааст. Манучеҳрӣ мегӯяд: «Урмузд асту хуҷаста сари солу сари моҳ». Ҳанӯз ҳам дар бораи аввали ҳар моҳ ва ҳурмати он ақоиде дар омма интишор дорад. Пас, дар натиҷаи иттифоқи ду рӯзи муқаддас иде падид омада, ки мавқеи табиияш онро давом додааст. Дар даврони иқтидори ҳукуматҳои зартуштимазҳаб ва хосса Сосониён аҳамияти рӯзи шашум, яъне Хурдодрӯз, аз фарвардинмоҳ низ боиси қуввати бештари амри болоӣ шуда ва сабаби имтидоди ҷашн то чанд рӯзи дигар гардидааст.

3. Баъзе аз муҳаққиқон, чун доктор Конгири олмонӣ, иллати пайдоиши Наврӯзро ангезаҳои мазҳабӣ шумурда ва гуфтаанд, ки бинобар ақидаи мазҳабии зардуштиён, моҳи фарвардин ва ҷашни фарвардин мутааллиқ ба фраваҳрҳои муқаддас аст (фраваши - авестоӣ: fқavashi- ҳахоманишӣ: fқavaқti- паҳлавӣ: fқawahқ, fқawaқd, ки онро «парворонанда» ва «малаки ғозӣ» маъно кардаанд). Ба ақидаи зартуштиён ва бинобар он чи дар «Бундаҳишн» омадааст, фраваҳр яке аз қувваи панҷгонаи инсон аст, ки пеш аз таваллуди ӯ вуҷуд дорад ва танҳо чизест, ки аз вай боқӣ мемонад ва ҷудо намешавад, магар баргашт ва иттисоли муҷаддад бад-ӯ. Фараҳвашиҳои некӯкорон ҳамеша мисли як вуҷуди воҳид дар «Фарвардин-яшт» ба номи Ashaonamfқavashayo, яъне фараҳвашии некукорон омада ва кам-кам асмои хоссе низ аз он муштақ шудааст.

Ба ақидаи зартуштиён, фараҳвашиҳо дар даҳ рӯзи охири сол ба замин ва ба амокини аввалияи хеш фуруд меоянд. Ин фараҳвашиҳо дар аввали ҳар сол низ ҳамин амалро такрор мекунанд ва аз ин ҷиҳат мардум барои хушнудии арвоҳи ниёкон ва дар гузаштагон дар айёми мазбур ташрифоте фароҳам овардаанд, ки рафта-рафта сурати ҷашни мазҳабӣ пайдо кардааст аз ин рӯ, ин ҷашн бисёр шабеҳ ба иди амвот (мурдагон) аст. Бархе муътақиданд, ки Наврӯз дар асл ҷашни мурдагон буда ва баъд аз сурати аслии худ баргашта ва ба шакли ҷашни миллӣ даромадааст. Вале пазириши ин ақида душвор аст, чаро ки даҳ рӯзи охири сол, яъне панҷ рӯзи хамсаи мустариқа, ба изофаи панҷ рӯзи охири исфандормаз махсуси нузули фараҳвашиҳост ва дар назди эрониёни қадим ҳукми иди амвотро доштааст. Аммо ҷашни фарвардагон ба ду қисмат фарвардагони аввал, ҳамон панҷ рӯзи охири исфанд ва фарвардагони сонӣ, ки панҷ рӯзи хамсаи мустариқа буда, тақсим мешудааст ва мусодиф бо шашумин гоҳанбор, яъне Hamas Pathmaydayam мешавад. Бинобар ин, ба душворӣ метавон бидуни ҳеҷ далели қонеъкунандае ҷашни мурдагонро аз фарвардагон кам кард ва ҷузви айёми фарвардин ба шумор овард.

4. Нуктаи чаҳорум ҳамон ҳикояти адли афсонаист, ки достонсароён ва муаррихоне, ки аз онон пайравӣ кардаанд, изҳор менамоянд, бад-ин гуна, ки:

Ҳусайн ибни Амрулрустамӣ, ки аз сардорони маъмур буд, аз мӯбадони мӯбади Хуросон сабаби пайдоиши Наврӯз ва Меҳргонро пурсид ва ӯ иллати эҷоди Наврӯзро чунин шарҳ дод, ки: дар Батиҳа вабое падидор гашт ва сокинони он ночор фирор ихтиёр карданд, вале марг барояшон муставлӣ шуд ва ҳамагӣ бимурданд ва чун аввалин рӯзи фарвардин фаро расид, Худованд бороне бар эшон биборид ва ононро зинда кард ва эшон ба маскани худ бозгаштанд. Пас подшоҳи замон гуфт, ки «ин Наврӯз аст», яъне рӯзи ҷадидест ва дар натиҷа ин рӯз бад-он номида шуд ва мардум онро муборак шумурда ид гирифтанд.

5. Нуктаи панҷум ин ки бархе дигар навиштаанд, ки бар асари муҳосиботе, ки дар замони Каюмарс шуд, маълум гардид, ки фарвардин дар ҳар сол чанд соат аз мавқеи

аслии худ ақиб уфтодааст ва дар муддати 1461 сол боз бад-он маҳал, ки нуктаи эътидоли рабеӣ бошад, бозмегардад. Аз мавқее, ки Каюмарс ҳисоби соли шамсиро пайдо кард, то саду бисту якумин сол салтанати Ҷамшед ин рӯз ба охир расид ва фасл ба маҳалли нахустин бозгашт. Дар бораи ин шоҳи достони сухан бисёр гуфтаанд ва мулаххаси калом ин аст, ки номи ӯ ба такрор дар кутуби қадимаи ҳиндувон ва эрониён ёд шуда ва муҳаққиқон ӯро муассиси силсилае мепиндоранд, ки шояд дергоҳе салтанат карда бошад. Дар кутуби пешиниён исми ӯро Ҷамшод ва Ҷамъулшод ва Ҷамшед нигоштаанд. Номи падарашро Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва Абурайҳон Йуризҷаҳон ва бархе монанди Ҷоҳиз Парвизҷаҳон нигоштаанд. Фирдавсӣ Таҳмурасро падари Ҷамшед донистааст. Аммо исми ӯ дар санскрит Jama ва дар Авесто Jima омада ва ағлаб дар Авесто ба лақаби khshaŷta «дурахшон» хонда шудааст ва андак-андак «йам» ба «ҷам» ва «хшаета» ба «шед» мубаддал гардид. Изофа кунем, ки исми падари Ҷамшед дар санскрит Vivasvant ва дар Авесто Vivanhat омадааст, ки Виванҷҳон муарраби он аст. Ба таври қатъӣ ва яқин Ҷамшед аз подшоҳони муштараки ақвоми ҳинду эронист, ки замони ӯро ба тақриб метавон мутаҷовиз аз ду ҳазор сол қабл аз мелод гумон бурд.

Боре бар мабнои ин назар, чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, «ҷашн сохт ва Наврӯзаш ном ниҳод ва мардумонро фармуд, ки ҳар сол чун фарвардин нав шавад, он рӯз ҷашн кунанд ва онро рӯзи нав донанд. То он гоҳ ки даври бузург бошад ва Наврӯзи ҳақиқат хонанд» ва дар такмили ҳамин сухан Абӯусмон Ҷоҳиз мегӯяд: «Аввал касе, ки Наврӯзро ба вуҷуд овард, ки ё Хусрав ибни Парвизҷаҳон аст ва асл дар Наврӯз ин буд, ки ӯ дар ин рӯз бар дунё подшоҳ шуд ва аҳолии Эроншаҳрро ободон гардонид» (Шаъбонӣ, 23). Дар ҳамин боб гӯянд, ки чун Аҳриман баракатро аз рӯйи замин зоил кард ва бодро аз вазиш андохт, то дарахтон хушк шаванд, наздик буд, ки олами вуҷуд дучори фасод гардад, пас Ҷамшед ба амри Худованд ва иршоди ӯ ба ноҳияи ҷануби рафт ва қасди мақоми Иблис ва ёрони вай кард ва дар он ҷо муддате бимонд, то ин ғоила рафъ шуд. Мардум ба эътидол ва баракату фаровонӣ баргаштанд ва аз бало наҷот ёфтанд ва дар ин ҳангом Ҷам ба дунё бозгашт ва дар ин рӯз монанди офтоб тулӯъ кард ва нур аз ӯ сотеъ шуд, чи мисли хуршед нуронӣ будааст ва аз ин рӯй мардум аз тулӯи дувуми офтоб тааҷҷуб карданд ва он чи чӯби хушк буд, сабз шуд. Пас мардум гуфтанд: Инак, рӯзи нав.

Ҳамосасарои бузурги Тӯс Фирдавсӣ дар боби пайдоиши Наврӯз ба дасти Ҷамшед мегӯяд:

Ҳама карданиҳо чу омад падид,
Ту гуфтӣ ҷуз аз хештанро надид.
Ба фарри каёнӣ як тахт сохт,
Чи моя бад-ӯ гавҳар андар шинохт.
Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,
Зи ҳомун бар гардун барафроштӣ.
Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,
Нишаста бар-ӯ фармонраво.
Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.
Ба Ҷамшед бар гуҳар афшонданд,
Мар он рӯзро «рӯзи нав» хонданд.
Сари соли нав ҳурмузи фарвардин
Баросуд аз ранҷи дил тан зи кин.
Бузургон ба шодӣ биёростанд,
Маю ҷому ромишгарон хостанд.
Ҷунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор
Бимондаст аз он хусравон ёдгор

Бадеҳист, ки ҳеҷ як аз ин афсонаҳоро далели эҷоди ҷашни Наврӯз наметавон донист. Фақат мешавад гуфт, ки шояд ҷашни Наврӯзро ин подшоҳи достонӣ, ки шахсияти ҳиндуэронӣ аст ва дар вуҷудаш тақрибан наметавон тардид кард, марсум ва мутадовил карда бошад. Бешак, ин аз ҷашнҳои бисёр қадими эронӣ аст ва дар зумраи аъёдест, ки аз аҷдоди ориёии эрониён ба ирс бад-эшон расида ва ё ақаллан баъд аз замони Зардушт марсум гардидааст. Бад-ин тақрир замони пайдоиши ҷашнро метавон дасткам то ҳудуди бист қарн қабл аз мелод иртиқо дод.

Таърихи номи «Наврӯз». Наврӯз исмест табиӣ ва номе, ки бар ҳасби зоти табиат бар чизе гузошта шавад, лоими вуҷуди собиқаи таърихӣ ва ё адабии хоссе нест. Наврӯз ҳангомест, ки рӯзгори куҳан зиндагиро аз сар мегирад ва замона ва он чӣ дар ӯст, нав мешавад. Мавҷудоти гетӣ ҳаёти ҷадид меёбанд ва соли ҳақиқӣ даврае аз адвори хешро ба поён расонида, вориди марҳилаи тоза мешавад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ин рӯз ба «Наврӯз» мавсум шудааст. Ба ҳамин мулоҳиза, Наврӯз бузургдошти зоти замон аст ва баёндорандаи

ҳақиқати он. Дар болосухан ҳам дидем, ки Абӯрайҳони Берунӣ дар «ат-Тафҳим лӣ авоили саноъати-л-танҷим»-и порсӣ менависад: «Наврӯз нахустин рӯз аст аз фарвардин моҳ бад-ин ҷиҳат рӯзи нав ном кардаанд, зеро пешонии соли нав аст» (с.30).

Бад-ин гуна Наврӯз қоидатан бояд аз аввалин рӯзи фарвардин шурӯъ шавад ва аввали Наврӯз бо дуҳули офтоб дар бурҷи Ҳамал, яъне нуқтаи эътидоли рабеӣ мусодиф аст, вале бинобар муқаддамоте, ки пеш аз ин зикр шуд, дергоҳе Наврӯз дар ин нуқта собит набуд. Дар авохири аҳди силсилаи Сосонӣ Наврӯз дар тобистон буд ва ба тадриҷ тағйири макон дода буд. Дар замони хилофати Алмуътазидубиллоҳ дар 26 ҳамал ва дар 467 ҳиҷрӣ, яъне дар аҳди салтанати Маликшоҳ дар нимаи бурҷи Ҳут ва ба қавле, дар 13-и ҳут ва дар замони таълифи китоби «Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-ҳолия»-и Абӯрайҳон дар авоили бурҷи ҳамал будааст ва ба ҳамин тартиб дар гардишу тағйир буд, то он ки дар соли 467 ҳиҷрии қамарӣ ва ё 471 ҳиҷрии қамарӣ ба Маликшоҳи Салҷуқӣ ва ба амри ӯ тақвими эронӣ ислоҳ шуд ва Наврӯз ба таври асосӣ ба аввали ҳамал бозгашт.

Оид ба сабаби бузург шумурдани Наврӯз ва илали мондагории он дар хотираҳо эрониён нукотеро зикр кардаанд:

1. Каюмарс, ки нахустин подшоҳ бошад, дар рӯзи Наврӯз аз модар зоида шудааст.
2. Ҳушанг-шоҳи Пешдодӣ дар ҳамин рӯзи фархунда по ба арсаи вуҷуд ниҳодааст.
3. Таҳмурас дар ин рӯзи фаррух девони табоҳкору мардумозорро банд ниҳодааст.
4. Фаридуншоҳ дар ин рӯз кишвари паҳновари Эронро дар миёни се фарзанди худ-Эраҷу Салм ва Тур тақсим намудааст.
5. Соми Наримон-қаҳрамони миллии эрониён дар ин рӯз дар пайи саркӯбии мардумозорон бархоста ва бунёди сабаҳкориро вожгун намуда ва осоиши мардуми кишварро пойдор сохтааст.
6. Кайхусрав пури Сиёвуш дар ин рӯз аз модар зоида шудааст.
7. Шоҳ Кайхусрав дар ин рӯзи фархунда афсари подшоҳиро ба Лӯҳросб бахшидааст.
8. Зардушт дар ин рӯз офарида шудааст.
9. Зардушт дар ҳамин рӯзи муборак аз сӯии Аҳуромаздо ба пайғамбарӣ баргузида шудааст.
10. Шоҳ Гуштосб ва бону Катоюн ва Ҷамосеб дар ин рӯз оини маздаясноро пазируфта ва аз пайғамбари эронӣ пайравӣ кардаанд.
11. Ва низ, бинобар ақидаи фирқаи имомия (шиаи дувоздаҳимоми), рӯзи ҷулуси ҳазрати амирулмуъминин Алӣ (ъ) бар маснади хилофат ва низ воқеаи бузурги таърихӣ ва мазҳабии Ғадири ҳам ва интихоби ҳазрати Алӣ (ъ) аз тарафи ҳазрати хатми мартабат (с) ба васояту вилояти хеш, ҳар ду фақара дар рӯзи Наврӯз будааст. Лизо ба ҳамин ҷиҳат аст, ки Ҳотифи Исфаҳонӣ сурудааст:

Ҳумоюн рӯзи Наврӯз аст имрӯзу ба фирӯзӣ,
Ба авранги хилофат кард шоҳ лофато маъно.

Марди доное чун Абӯрайҳон бо вуқуф бар аҳамияти Наврӯз ва наҳваи пайдоиш ва ҷойгирии он дар зеҳну дили ҳамватанони худ менависад, ки: «дар рӯзи шашуми ин моҳ Наврӯзи бузург аст, ки назди эрониён иди бузурге аст ва гӯянд, ки Худованд дар ин рӯз аз офариниши ҷаҳон осуда шуд, зеро ин рӯз охири рӯзҳои шашгона аст ва дар ин рӯз Худованд Муштариро биёфарид ва фархундатарин соатҳои он рӯз соати Муштарӣ аст. Зардуштиён мегӯянд, ки дар ин рӯз Зардушт тавфиқ ёфт, ки бо Худованд муноҷот кунад ва Кайхусрав бар ҳаво дар ин рӯз уруҷ кард ва дар ин рӯз барои сокинони курраи замин саодатро қисмат мекунанд ва аз ин ҷост, ки эрониён ин рӯзро рӯзи умед ном ниҳодаанд ва асҳоби найрангҳо гуфтаанд, ҳар кас дар бомдоди ин рӯз пеш аз ин ки сухан гӯяд, шакар бичашад ва бо равғани зайтун тани худро чарб кунад, дар ҳама сол аз анвои балоҳо солим хоҳад монд ва эрониён мегӯянд, ки дар бомдоди ин рӯз бар кӯҳи Пушанг шахсе сомит ва хомӯш дида мешавад, ки як тоқа марв дар даст дорад ва ба андозаи як соат пайдост, сипас аз чашм пинҳон мешавад ва то соли дигари ин вақт ошкор намегардид.

Зодуя дар китоби худ гуфта, ки «сабаб ин аст, ки офтоб аз ноҳияи ҷанубӣ тулӯъ мекунад. Баёни матлаб он аст, ки Иблиси лаъин баракатро аз мардум зоил карда буд ба қисмате, ки ҳар андоза хӯрданӣ ва ошомиданӣ тановул мекарданд, аз таому шароб сер намешуданд ва низ бодро намегузошт бивазад, ки сабаби рӯйидани ашҷор шавад ва наздик шуд, ки дунё нобуд гардад». Он гоҳ меафзояд, ки «Ҷамшед бо амри Парвардигор ба сӯйи ҷануб рафту ғоиларо бартараф кард ва мардум аз нав ба ҳолати эътидолу баракату фаровонӣ расиданд ва аз бало раҳоӣ ёфтанд ва Ҷам дар ин ҳангом ба дунё бозгашт ва дар чунин рӯзе монанди офтоб толеъ шуд ва нур аз ӯ метофт ва мардум аз тулӯи ду офтоб дар як рӯз шигифт намуданд ва дар ин рӯз ҳар чӯбе, ки хушк буд, сабз шуд ва мардум гуфтанд «рӯзи нав», яъне рӯзи навин ва ҳар шахс аз роҳи табаррук ба ин рӯз дар таште ҷав кошт, сипас ин расм дар эрониён пойдор монд, ки рӯзи Наврӯз дар канори хона

ҳафт синф аз ғаллот дар ҳафт устувона бикоранд ва аз рӯйидани ин ғаллот ба хубӣ ва бадии зирооту ҳосили солиёна ҳадс бизанад.

«Дар ин рӯз буд, ки Ҷамшед ба ашхосе, ки ҳозир буданд, амр намуду ба онон ки ғоиб буданд, навишт, ки гӯристонҳои куҳнаро хароб кунанд ва гӯристони тозае бисозанд ва ин кор дар эрониён боқӣ монд ва Худованд онро писандид ва подоше, ки эзади таъоло Ҷамшедро барои ин кор дод, ин буд, ки риоёи ӯро аз пирӣ ва беморӣ ва ҳасаду фано ва ғаму масоиби дигар ҳифз намуд ва ҳеҷ ҷонваре дар муддати подшоҳии Ҷам намурд, то он ки хоҳарзодаи ӯ пайдо шуд ва Ҷамро бикушт ва ба кишвари ӯ чира гашт. Чун дар аҳди подшоҳии Ҷам ҳеҷ ҷонваре намурд ва ба тавре рӯ ба фузунӣ гузоштанд, ки фарохнои замин бо ҳама паҳное, ки дошт, бадал ба тангно шуд. Худованд он вақт заминро се баробар карду эшонро амр намуд, ки бо об ғусл намоянд, то аз ҳар гуноҳе пок шаванд ва дар ҳар сол барои ин ки офотро аз эшон дур кунад, ин корро такрор намоянд. Низ гуфтаанд, сабаб ин ки дар ин рӯз ғусл мекунанд, ин аст, ки ин рӯз ба Ҳарвазо, ки фариштаи об аст, тааллуқ дорад ва обро бо ин фариштa муносибатест ва аз ин ҷост, ки мардум дар ин рӯз ҳангоми сапедадам аз хоб бармехезанд ва бо оби қаноту ҳавз худро мешӯянд ва гоҳе низ оби ҷорӣ бар худ аз роҳ табаррук ва дафъи офтоб мерезанд. Дар ин рӯз мардум ба якдигар об мепошанд ва сабаби ин кор ҳамон сабаби иғтисол асту бархе гуфтаанд, ки иллат ин аст, ки дар кишвари Эрон дергоҳе борон наборид ногаҳон борони сахт бибориду мардум ба ин борон табаррук ҷустанд ва аз ин об ба якдигар пошиданд ва ин кор ҳамин тавр дар Эрон марсум бимонд. Низ гуфтаанд, сабаби ин ки эрониён дар ин рӯз об ба ҳам мепошанд ин аст, ки чун дар зимистон тани инсон ба касофоти оташ, аз қабили дуду хокистар олуда мешавад, ин обро барои татҳир аз он касофот ба ҳам мерезанд ва дигар он ҳаворо латифу тоза мекунад ва намегузорад, ки дар ҳаво тавлиди вабо ва беморӣ шавад».

Наврӯзшиносӣ ва наврӯзнигорӣ ҳанӯз аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва шоирони ҳамаҳди ӯ шурӯъ шуда, минбаъд дар осори гуногуни қаламию чопӣ густариши фаровон пайдо менамояд. Имрӯз доир ба ҷашни бостонии Наврӯз ва вижагиҳои баргузории он теъдоди зиёди сарчашмаҳои қаламию чопӣ, савтию электронӣ интишор ёфтаанд.

Мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳи равшанфикрон ва муҳаққиқонро бештар ба худ ҷалб кард ва барои шинохти воқеӣ, пажӯҳишу таҳқиқи таърих ва расму оинҳои наврӯзӣ шароити мусоид фароҳам овард. 23 феврали соли 2010 иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатънома оид ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» қабул кард, ки аз 17 банди муқаддимавӣ ва аз 5 банди иҷроӣ иборат аст. Дар банди 3 ва 4-и иҷрои қатънома Ассамблеяи Генералии СММ давлатҳои аъзоро даъват кардааст, ки сатҳи огаҳии худро дар бораи Наврӯз баланд бардошта, бо мақсади интишори донишҳои марбут ба мероси Наврӯз дар ҷомеаи байналмилалӣ таърихи пайдоиш ва суннатҳои онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд ва дар сурати зарурӣ ҳамасола барои бузургдошти ин ид чорабиниҳо доир намоянд. Тақсимбандии Наврӯз дар аҳди қадим ба ду бахш, яъне Наврӯзи ом, ки панҷ рӯзи аввал таҷлил мегардидааст ва Наврӯзи хосса ҳам пайванде ба офариниш доштааст.

Наврӯзи хос, ки онро дар кутуби марҷаъ ва сарчашмаҳо Наврӯзи бузург ҳам гуфтаанд, асосан рӯзи шашум ҷараён гирифта, таомул ва шукӯҳи дигаре дошт. Дар ин рӯз дарбори подшоҳ ба рӯйи ҳамаи мардум боз буда, дар «Бурҳони қотеъ» ташреҳи падидаҳои Наврӯзи Бузург (яъне Наврӯзи хосса) чунин омадаст, ки чун ин рӯз фаро мерасид, зиндониёнро озод мекарданд ва гунаҳкоронро авф мекарданд ва аз он пас ба айшу нӯш мепардохтанд.

Вусъати Наврӯз ва падидаҳои нодири он ба ҳаддест, ки ҳатто сокинони рустову гузару маҳаллоте аз билоду мамолики форсизабон дар амри ғаномандии фарҳанги беназир дар ҳадди аносири хосси муттакӣ бар пиндору гуфтору рафтори нек аз худ ибдоъ кардаанд, ки имрӯз чун махсусияти мунҳасир ба фарди фарҳангии он рустову маҳаллу устону билод эътироф шудаанд. Бар ин асос, фароҳамоварӣ, таҳқиқу таблиғ ва дар ин замина мусоидат бар эҳёи чунин суннатҳои нодир ва беназири фарҳанги Наврӯз вазифаи муқаддаси ҳар нафар аз аҳли пажӯҳиш дар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ба шумор меравад. Дар амри фароҳамоварӣ ва таҳқиқу баррасии оинҳои Наврӯзӣ ин номаҳои ҳидояти Пешвои миллат барои мо раҳнамо шуданд ва соли гузашта ба ифтихори бори аввал баргузор гардидани корвони Наврӯз дар шаҳри Хуҷанд бори аввал бахше аз ин ойинҳои наврӯзии шаҳру навоҳии мухталифи вилояти Суғди Тоҷикистон ҳамчун меросбарони сарзамини куҳани Суғди бостон бо кӯшиши гурӯҳи муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони донишгоҳ ва шоирону суханварон, ҷамъоварӣ ва таҳқиқ шуда, ки он бо номи “Наврӯзномаи Суғд” рӯйи чоп омад. Баргузории ҳамоиши адибони кишварҳои ҳавзаи наврӯз, ки бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Тоҷикистони азизи мо соли 2016 бо ҳузури адибон ва пажӯҳишгарони мамолики

меросбари Наврӯз нахустин бор сурат гирифт, ки баробари муаррифии Наврӯз ба унвони ҷашни ваҳдатоин, тамоюлҳои тозаеро дар шинохти бештари ягонагии фарҳанги Наврӯзи ҳамзабонон ва меросонбарони муштараки он, инчунин маърифати амиқтари суннатҳои ин ҷашни куҳан дар саросари марзҳои он, муҳимтар аз ҳама, расидан ба ҳадафҳои наҷиби фароҳамоварӣ, такмилу таҳқиқ ва тарғиби маҷмӯи суннату оинҳои наврӯзӣ рӯйи роҳ хоҳад гузошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор; таҳияи А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2007. - 416 с.
2. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе: Ирфон, 1990. - 432 с.
3. Дуктур Маҳмуди Рӯҳуламинӣ. Наврӯз // Эроннома.-2011. 1 (17).
4. Комилзода Ш. Наврӯз. – Душанбе, 2012. - 330 с.
5. Мирахмедов Ф. Наврӯзи оламафрӯз / Ф.Мирахмедов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. - 48 с.
6. Наврӯзӣ: Маҷмӯаи шеърҳо; муҳаррир Бозор Собир. - Душанбе: Ирфон, 1968.
7. Нақибхон Туғрал. Гиёҳи меҳр: Мунтахаби ашъор; муаллифи сарсухан ва мураттиби матн-ул-луғот Абдулҳамид Пӯлотов ва Асрор Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон. 1986.
8. Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯз. – Душанбе, 2008. - 229 с.
9. Савсани Фарҳангӣ. Наврӯз дар «Шоҳнома» // Армуғон. - Душанбе, 1994. - №2.
10. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб: муҳаррир Б.Раҳимзода. – Душанбе, 1977. - 704 с.
11. Саноии Ғазнавӣ. Девон; бо тасҳеҳи Бадеъ уз замони Фурӯзонфар. - Теҳрон, 1385. - 677 с.
12. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт; бо эҳтимоми Муҳаммадалии Фурӯғӣ. - Теҳрон, 1386. - 1042 с.
13. Туғрали Аҳрорӣ. Корвони муҳаббат. – Душанбе, 1990. - 288 с.
14. Умари Хайём. Наврӯзнома. – Душанбе, Ирфон, 1992.
15. Умари Хайём. Рубоиёт. – Душанбе, 2000. - 134 с.
16. Ҷалолиддини Румӣ. Куллиёти Шамси Табрез. - Теҳрон, 1378.
17. А. Фирдавсӣ. Шоҳнома; бо кӯшиши дуктур Ҳусайналии Юсуфӣ. - Теҳрон, 1380. - 720 с.
18. Ҳофизи Шерозӣ. Девон; бо эҳтимоми дуктур Ҳусайналии Юсуфӣ. - Теҳрон, 1381. - 832 с.

ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ АДАБИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф таърихи ҷашни Наврӯзро дар сарчашмаҳои адабии халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор додаст. Ҷашни Наврӯз аз муҳимтарин маросимест, ки аз солиёни дур дар байни эрониён роиҷ буда ва ба ёдгор мондааст. Шодиву сурур дар ин замон чандон дур аз зеҳн нест, зеро ҷаҳон ранги дигар ба худ мегирад ва замон замони зоиши замин аст ва тавлиди гиёҳ. Ҳоло аз чӣ даврае ин ид ба сурати расмӣ даромада, беҳтар он аст, ки бидонем аз чӣ замоне гоҳшуморӣ вуҷуд дошта, зеро агар ин оин танҳо ба сурати як ҷашне дар фасли баҳор анҷом мешудааст, бинобар ин, бояд дар сол замони муайяне дошта бошад ва доштани вақти мушаххас лозимаи ин гуфтор мегардад. Метавон гуфт, пешиниёни мо бо диди тағйиротчӯйӣ ва табиӣ ҳар даврае аз солро ба навъе замонбандӣ карда буданд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Тоҷикистони азизи мо соли 2016 бо ҳузури адибон ва пажӯҳишгарони мамолики меросбари Наврӯз нахустин бор сурат гирифт, ки баробари муаррифии Наврӯз ба унвони ҷашни ваҳдатоин, тамоюлҳои тозаеро дар шинохти бештари ягонагии фарҳанги Наврӯзи ҳамзабонон ва меросонбарони муштараки он, инчунин маърифати амиқтари суннатҳои ин ҷашни куҳан дар саросари марзҳои он, муҳимтар аз ҳама, расидан ба ҳадафҳои наҷиби фароҳамоварӣ, такмилу таҳқиқ ва тарғиби маҷмӯи суннату оинҳои наврӯзӣ рӯйи роҳ хоҳад гузошт.

Калидвожаҳо: иди Наврӯз, сарчашмаҳои адабии халқи тоҷик, ягонагии фарҳанги Наврӯз, маърифати суннатҳои ҷашни Наврӯз.

ИСТОРИЯ ПРАЗДНОВАНИЯ ПРАЗДНИКА НАВРУЗ В ЛИТЕРАТУРНЫХ ПЕРВОИСТОЧНИКАХ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В данной статье автор рассматривает историю празднования Навруза в литературных первоисточниках. Навруз- праздник весны или нового года по солнечному календарю, который в нескольких культурах начинается 21 марта, в день весеннего равноденствия. Термин "Науруз" состоит из двух персидских слов "ноу" (новый) и "руз" (день), то есть первый начальный день важнейшего праздника арийцев. Его празднуют в течение вот уже нескольких тысячелетий. Наврyз – самый древний весенний праздник. Он отмечается в день весеннего равноденствия и заслуженно считается любимым праздником во многих странах. Старейший письменный источник, где говорится о праздновании Навруза – священная книга зороастризма «Авеста». О Наврyзе писали поэт Фирдоуси и поэт, философ, математик, астроном и астролог Омар Хайям. Также огромное внимание празднованию Навруза уделяет Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и подчеркивает, что он является одним из древнейших и почитаемых праздников наряду с остальными традициями и обычаями нашего народа. Этот знаменательный праздник, основанный нашими мудрыми и добрыми предками, на протяжении истории приносил радость, веселье, счастье, процветание, красоту, означал начало посевных работ и пробуждение природы не только для нашего народа, но и для многих других народов мира. Сейчас этот древний и прекрасный праздник в качестве символа пробуждения природы, единства человека с космосом, вестника толерантности, дружбы, доброго отношения между различными народами и народностями мира отмечают народы многих стран мира.

Ключевые слова: праздник Навруз, литературные первоисточники таджикского народа, единство культуры Навруза, культурные традиции празднования Навруза.

HISTORY OF THE HOLIDAY OF HOLIDAYS IN LITERARY FIRST SOURCES OF THE TAJIK PEOPLE

In this article, the author examines the history of the celebration of Navruz in literary sources. Navruz is a holiday of spring or new year on the solar calendar, which in several cultures begins on March 21, on the day of the spring equinox. The term "Nauruz" consists of two Persian words "know" (new) and "ruz" (day), that is, the first starting day of the most important holiday of the Aryans. It has been celebrated for several millennia. Nowruz is the

most ancient spring festival. It is celebrated on the day of the spring equinox and is deservedly considered a favorite holiday in many countries. The oldest written source, where it is said about the celebration of Navruz, is the holy book of Zoroastrianism "Avesta". The poet Firdausi and the poet, philosopher, mathematician, astronomer and astrologer Omar Khayyam wrote about Navruz. The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rakhmon also pays great attention to the celebration of Navruz and emphasizes that it is one of the oldest and most revered holidays along with the rest of the traditions and customs of our people. This significant holiday, founded by our wise and good ancestors, throughout the history brought joy, fun, happiness, prosperity, beauty, meant the beginning of sowing works and the awakening of nature not only for our people, but for many other nations of the world. Now this ancient and beautiful holiday as a symbol of the awakening of nature, the unity of man with the cosmos, the messenger of tolerance, friendship, good relations between various nations and peoples of the world are celebrated by the peoples of many countries of the world.

Key words: Nowruz holiday, literary sources of the Tajik people, unity of the culture of Nowruz, cultural traditions of the celebration of Nowruz.

Сведения об авторе: ***Рустамова Фарзона Рустамовна*** – Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, аспирант факультета таджикской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1

Information about the author: ***Rustamova Farzona Rustamovna*** - Khujand State University. B. Gafurova, graduate student at the faculty of Tajik philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1

УДК: 891.550-1

ШАРҲИ ҲОЛ ВА ОСОРИ С. АЙНӢ ДАР МАКТУБҲОЯШ БА А. ЛОҲУТӢ

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мактубҳои устод Айнӣ, ки ба А. Лоҳутӣ навиштааст, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шахсии устод Айнӣ, фаъолияти эҷодӣ, коргоҳи адабии ӯ бо дақиқият баён шудаанд. Номаҳое, ки С. Айнӣ дар солҳои 1930-1940 ба А. Лоҳутӣ ирсол доштааст, доир ба масъалаҳои шарҳи ҳол ва осори худ маълумоти пурқимат медиҳанд, ки то ҳозир дар тадқиқотҳои ба устод Айнӣ бахшидашуда чи хеле ки лозим аст, мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Дар номаҳои ба унвони А. Лоҳутӣ равонкардаи устод Айнӣ доир ба ҷузъиёти зиндагии нависанда маълумоти нодир мавҷуд аст, ки барои омӯзиши ҳаматарафаи шарҳи ҳоли ӯ маводи тоза медиҳанд, махсусан доир ба солҳои фоҷиабори сиюм.

Адабиётшиносон Р. Ҳошим, И.С. Брагинский, С. Табаров, М. Шукуров, М. Маъсумӣ, А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, И. Бечка, Н. Раҳимов, Ю. Бобоев, Р. Фиш, А. Маҳмадаминов, Х. Асозода, А. Кӯчаров, А. Шеърдӯст ва дигарон дар тадқиқоти худ рӯзгору осори устод Айниро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Лекин ҳоло ҳам паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти ӯ зиёданд, махсусан дар мукотиботи С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ.

Устод Айнӣ аҳвол, осор ва вазъи саломатии худро дар номаҳои фиристодааш ба А. Лоҳутӣ дар шароитҳои гуногун бозтоб намудааст. Ӯ аз ҷузъиёт ва лаҳзаҳои душвори ҳаёт, беморӣ, мушкилтарин лаҳзаҳои рӯҳӣ, садамоти ҳаёт ва душвориҳои зиндагӣ сухан мегӯяд, ки мо дар ин ҷо чанде аз онҳоро дида мебароем. Дар номаҳо С. Айнӣ андешаю афкори адабӣ доир ба осори худ ва тарзи асарофаринию шарҳи ҳолашро тадвин намудааст, ки чунин номаҳояш ифодагари паҳлуҳои гуногуни ҷузъиёти ҳаёти ӯ мебошанд. С. Айнӣ бо аксари адибони тоҷик дар номаҳояш доир ба тарзи асарофаринӣ сухан кардааст, дар онҳо масъалаҳои адабӣ, таърихӣ ва сиёсии замон эзоҳ дода шуда, баъдан дар бораи воқеаҳои зарурии замони зиндагии нависанда, роҷеъ ба осори худи устод низ маълумоти пуразриш дода мешавад. Бояд гуфт, ки ин гуна маълумот, ки бо қалами худи нависанда нигошта шудааст, барои нуктаҳои нозук ва норавшани зиндагии муаллиф низ аҳамияти хосса дорад. Ин қазия низ диққати адабиётшиносонро ба худ кашидааст, ки ба фикру мулоҳизаҳои онҳо зиёд дучор мешавем. Нависанда А. Деҳотӣ дуруст таъкид кардааст, ки: «Номаҳои Садриддин Айнӣ дорои аҳамияти калони адабӣ ва илмиву фарҳангӣ мебошанд. Гоҳе дар нома андешаҳои адабии С. Айнӣ ба таърихи таълифи навиштаҳои адибе ва дигар масъалаҳои асарофаринӣ иртибот пайдо кардаанд. Дар қисме аз номаҳо масъалаҳои шахсӣ, оилавӣ, хоҷагӣ ва ҳатто баъзан тафсилоти тарзи кор ва зиндагии ҳаррӯзаи С. Айнӣ ва ё аҳволи дӯстон, шогирдон ва ошноёнаш инъикос ёфтаанд, ки ба воқеаҳои ҷории замон бахшида шудаанд» [3, с.50].

Чунончи, устод Айнӣ дар номаи 23 ноябри 1934 навиштааш доир ба эҷоди романи «Ғуломон» дахл менамояд ва дар ҳар номааш гӯё ба дӯсти адибаш маълумоти эҷодӣ медиҳад. Акнун мебинем, ки устод Айнӣ нақшаи кории шабонарӯзиашро, яъне тартиби кори эҷодиашро ба А. Лоҳутӣ дар нома чунин баён мекунад: «Рафиқи азиз, Лоҳутии мо! Салом! Мактуби 9 - уми ноябр навиштаатонро 19 моҳи мазкур гирифтам. Мувофиқи хоҳиши шумо аз румони «Ғуломон» ба котиб фармуда чордаҳ саҳифа китобат кунонидам, ки ҳамроҳи ин мактуб ба хидмат мефиристонам. Ҳоло худам дар румони «Ғуломон» кор карда истодаам. Шароити корам ба ин тариқа аст:

Ҳар шаб соати 2 баъд аз ними шаб кор сар мекунам, то соати ҳашти рӯз, баъд чой менӯшам ним соат, боз аз соати 8 ба кор медароям то соати 4 - ним, бе он ки чизе бихӯрам ва чое нӯшам, кор мекунам. Агар бисёр дил беҳол шавад, як ду дона конфет мемакам. Соати 5 корро ғун дошта кӯча меравам ва газета мехарам, ба ин восита пойҳоям, ки 14 соат дузону мондаанд, меёзанд. Боз пас ба хона омада таом мехӯрам, чой менӯшам ва рӯзнома мехонам. Соат, ки ҳафт шуд мехобам. Боз соати 2 гӯё маро касе бедор карда бошад, аз хоб ҷаста мехезам. (Ин мактубро ҳам соати 2 ним, баъди ними шаб, навишта истодаам, ки аввали ҳавсала ҳаст, вагарна хонда наметавонистед).

Агар корам лат нахӯрад, умедворам, ки ин корро («Ғуломон» - ро) то иди даҳсолагии Тоҷикистон тамом кунам.

Аз чизҳои тозае, ки имсол навиштам, ин аст: ба ман аз Институти тадқиқотии педагогии Маскав як мактуб омад ва дар он мактуб хоҳиш карда буданд, ки дар бораи мактабе, ки худам хондаам (мактаби ибтидоӣ) як очерк нависам, ман ин очеркро дар ҳаҷми тахминан ду лист навистам. Дар ин ҷо тарҷума кунонда (ба русӣ) ба институти мазкур фиристодам. Агар шумо хоҳиш дошта бошед, фармоед ба шумо ҳам нависонда фиристонам (албатта, тоҷикиашро, аммо таъйин кунед, ки бо мошинкаи лотинӣ чоп кунонам ва ё бо арабӣ дастӣ нависонам).

Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» - и ӯ ҳам тахминан се лист чиз навишта ба Тоҷикистон фиристодам» [6, с.23].

Аз хотироти яке аз шогирдонаш адиб ва муҳаққиқи шинохта Р. Ҳошим маълум аст, ки устод бо ҳама серкории худ дар корҳои идорӣ аз уҳдаи чунин навишти кор ба хубӣ мебаромадааст ва махсусан мегӯяд: «Устод бино ба гуфти худаш барвақт мехобид, то ки барвақт хеста ба кор машғул шавад. Аз маҷлисҳои дуру дарози шабона ҳеҷ хушаш намеомад, чунки инҳо тартиби муқарраршудаи зиндагиашро вайрон карда ба кори рӯзи дигар халал мерасонданд. Дар рӯзҳое, ки машғули навиштани асаре буд, ба вайрон шудани тарзи зиндагиаш ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ намедод» [7, с.15].

Оре, як қисми муҳимми номаҳои устод Айниро сухан дар бораи коргоҳи эҷодӣ ишғол намудааст, ки дар онҳо бо масъулияти том ва саривақт анҷом ёфтани асарҳо гуфта шудааст. «Дар ҳақиқат, - қайд мекунад адабиётшинос А. Кӯчаров, -устод Айнӣ ҳамчун нависанда басо пуркор ва сертараддуд буд ва чи тавре ки худ таъкид кардааст, баъзан ба сартарошӣ вақт намеёфт. Бо вуҷуди ин, кӯшиш ба харҷ медод, ки таҳрири асарҳои ба зимма гирифтааш дар вақташ ё пеш аз муҳлат анҷом пазирад» [4, с.4].

Устод Айнӣ ҷузъиёти душвори ҳаёташро дар номае ба А. Лоутӣ низ баён кардааст. Ӯ дар асари беморӣ моҳи январи соли 1937 аҳволи кори эҷодиашро нисбат ба пештара фаҳмонидааст. Бо вуҷуди камқувватӣ ва вазнинии кори эҷодӣ дар бораи шахсияти А. С. Пушкин шеъре менависад ва тарҷумаашро ба русӣ аз завҷаи Лоҳутӣ – Бону хоҳиш менамояд. Акнун мегузарем ба ин номаи навбатӣ, ки С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ навиштааст. Он нигошта чунин аст: «Инак, дар ҳамин ҳол хонанишин ҳастам. Корҳоям ҳам он қадар пеш намераванд, пештар рӯзе 12 -14 соат кор мекарда бошам, ҳоло аз 4 ё 5 соат зиёда кор карданам мумкин нест.

Бо ин ҳама камқувватӣ нахостам, ки дар ёдоварии Пушкин иштирок накарда монам. Як порча шеър навиштам, як нусхаи онро бо ин мактуб, аммо дар конверт ҷудогона ба рафиқа Бону фиристода, тарҷумаашро илтимос кардаам. Аз шумо хоҳишмандам, ки дар вақти тарҷума барои эзоҳ ёрӣ медодед ва ҳам дар санаи пушкинии «Литгазета» чопашро таъмин мекардед» [6, с.26-27].

Номаҳои ба А. Лоҳутӣ равонкардаи устод низ як ҳадафи асосӣ доранд – ростиву ҳақшиносӣ ва меҳнати ҳалолу адолатро нисбати коргоҳи эҷодӣ аз онҳо пай бурдан.

Устод Айнӣ солҳои сиюм рӯзҳои даҳшатангезро аз сар мегузаронд ва саломатиаш ҳам он қадар хуб набуд, синну солаш барои эҷод кардан тоқатгудоз буд. Соли 1935 дар мавриди навиштани луғати тафсилии забони тоҷикӣ бо Нашриёти давлатии Тоҷикистон аҳд баста буд. Оғози корро аз соли 1936 шурӯъ мекунад, ки ба қавли Х. Айнӣ дар соли 1938 ба итмом расид.

Ин мвзӯъро низ ба А. Лоҳутӣ ҳамчун нақшаи эҷодӣ иброз доштааст ва ба А. Лоҳутӣ дар таърихи 7 октябри 1937 менависад: «Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам...» [6, с.30].

Ҷойи дигар менависад: «Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд ояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин, як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад. Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани кор ба кори дигар даст назанам, то ки чизҳои пеш - пеш навиштаам аз ёд набаромада, кор нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисормуҳаммад бо як дастаи калони «забоншиносон» сар карда, ду сол «кор карданд» ва садҳо ҳазор сӯми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд» [6, с.30-31].

Ҷолиб аст, ки устод андешаҳояшро дар хотираш нигоҳ медоштааст ва бисёр ҳофизаи аҷиб доштааст. Барои он ки калимаҳои дар хотираш нигоҳ доштаро аз ёд набарорад, қайд намудааст, ки то анҷом ёфтани вазифаи ба зимма гирифтааш ба кори дигар даст намерасондааст. Дар охир шикоят аз роҳбарони забон мекунад, ки харҷи давлатро исроф намудаанду бар замми ин ба ҳеҷ натиҷа нарасидаанд.

Аммо, мутаассифона, луғати устод бо сабабҳои иғвогарона ва воқеаҳои мудҳиш, ки зери фишор қарор дошт, дар муҳлати гуфташудаи устод ба табъ нарасид. Ва баъд аз 38 соли таълифаш бо кӯшиши айнишиносон соли 1976 дар ҷилди 12-уми Куллиёти С. Айнӣ дастраси хонандагон гардид.

Дар қисме аз номаҳо лаҳзаҳову ҳуҷумҳои туҳматгаронае, ки солҳои мудҳиши сиюм дар ҳаққи С. Айнӣ раво дониста буданд, баён шудаанд. Устод Айнӣ бо ҳолатҳои бисёр вазнину сангин ба А. Лоҳутӣ муроҷиат мекунад ва дар таърихи 6 ноябри соли 1937 менависад: «Шумо маро собир медонистед, тааҷҷуб хоҳед кард, ки чаро ман ин қадар дилтанг шудаам. Дар ҳақиқат, ман хеле борбардор будам, дар вақте ки дар Арки амир маро мезаданд, гӯштҳоям мепарид, хун аз баданам мешорид ва гоҳо аз ҳуш мерафтам, лекин вақте ки ба ҳуш меомадам, нигоҳ мекардам, ки онҳо маҷбур мешуданд чашмонашонро аз ман канда ба замин дӯзанд. Аммо ман на дод мегуфтам ва на аз чашмам об мебаромад. Зеро онҳо душман буданд ва дар онҳо ҳамонро дида истода будам, ки чашм доштам ва ба интиқом ҳозир мешудам. Аммо дар шароити советӣ, ки ба вай содиқ ва самимӣ ҳастам «ту» гуфтанро бардошта наметавонам.

Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР, ҳатто меҳнаткашони хориҷ ҳам ба иди 20-солагии Уктабри бузург тайёр мешаванд. Аммо ман, мани бадбахт дар зарфи ин 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам» [6, с.30-36].

А. Лоҳутӣ, ки бо шахсияти устод аз наздик ва ҳам аз осори адабиаш огоҳ буд, барои ҳифозат аз устод дар байни аҳли адабу фарҳанги Маскав мактуби равонкардаи устодро, ки то ҳол дастраси мо нашудааст, бо забони русӣ ҳамроҳи завҷааш тарҷума карда аз шахсияти фарҳангии устод Айнӣ дигаронро огоҳ менамояд.

Суханҳои А. Лоҳутӣ бо муваффақият мусбат ҳал гардида, заҳматҳои фарҳангиву адабии устод Айнӣ дар муҳити адибони Москва ошкор мегардад ва барои ҳифозат аз чунин шахсият аз тарафи Сталин чораҳои ҷиддӣ андешида мешавад.

Дар ин айём баъд аз сафед баромадани устод Айнӣ гуфтугӯҳо давом мекарданд, ки бо Лоҳутӣ устод ҳамон шахсонеро, ки ноҳақ ҳуҷум карда буданд ва баъзеашон ба гуноҳи худ иқрор шуданд, дар ҳаҷми 4 саҳифа сухан рондааст ва шикваи саломатиашро аз ҷиҳати харошёфта нисбат ба кори эҷодӣ айбнок арз менамояд. Аз ҷумла 8 майи соли 1938 дар ин бора мегӯяд: «Албатта, он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, рӯҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қувват гирифт. Аммо чӣ кунам, ки бадан, хусусан ин бадани пири фарсуда, ба қуввати аввала наомада истодааст. Одам танҳо бо шавқ ва қувваи рӯҳ кор карда наметавонад, бадани солим ҳам даркор аст, ки ба фармони рӯҳ ва шавқ итоат кунад» [6, с.38].

Дар номаи дигараш дар бораи Навоӣ рисолае тартиб доданӣ мешавад, ки ба анҷоми он мутолиаву баррасии тӯлонии сарчашмаҳо ва маводи илмӣ ҷамъоварӣ намуданашро боз ба А. Лоҳутӣ мебинем, ки ин тавр баён мекунад: «Кори Навоӣ чунон аст, ки бояд ман дуру дароз мутолиа кунам. Масалан, дар натиҷаи мутолиаи шабонарӯзӣ ниҳояташ як сафҳа материал ғундорам ва баъд аз ҷамъ шудани материалҳо онҳоро ба шакли китоб нависам Зеро (чунон ки медонед) манбаъҳои шарқӣ ҳамагӣ китобҳои бефеҳристанд, баъд аз хондани саҳифаҳо нохост ба як ҷумла вохӯрда мешавад, ки гирифтани он даркор аст.

Бинобар ин, аз вақҳи курорт ба ҳамин қарор омадам, ки баъд аз ба роҳ мондани корҳои ба даст доштаам, агар фурсати муносибе ба назар намоянд, аз ин вақҳ менависам» [6, с.62].

А. Лоҳутӣ, ки дар ҷодаи шеър амри устодона дошт, бо вуҷуди ин шеъру достонҳояшро пеш аз манзури хонанда гардонидан барои таҳрир ба тариқи нома ба устод Айнӣ мефиристод ва назари ӯро мегирифт. Муносибатҳои ҳалимонаи устод Айнӣ дар номаҳо нисбат ба эҷодиёти А. Лоҳутӣ маълум аст. Ҷавоби мактуби устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ чунин аст: «Ҳарчанд баҳо додан ба шеърҳои Шумо аз ғунҷоиши иқтидори ман берун аст, ба мазмуни «алмаъмур маъзур» амал намуда маҷбур шудам, ки нуқтаи назари худро баён кунам...» [6, с.66].

Устод Айнӣ бо усули худ дигар ғазалҳову шеърҳои А. Лоҳутиро чун шеършинос назар карда, ибрози андеша намудааст.

Устод Айнӣ тобистони соли 1939 аз тарафи Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон барои машварат вобаста ба нашри мунтахаботе ба муносибати даҳсолагии Ҷумҳурӣ ба Сталинобод даъват гардид. Устод бояд қисми адабиёти классикии онро аз назар мегузаронид. Дар ҳамин рӯзҳо Зингер ва Икромӣ С. Айниро даъват намудаанд, ки ба маҷмӯаи «Тоҷикистон»-и А. Лоҳутӣ муқаддима нависад. Барои иҷрои ин кор устод Айнӣ бояд розигии А. Лоҳутиро мегирифт.

Ин одати муқаррарии ӯ будааст, ки бе ризояти муаллиф ба маҷмӯае ё қиссаву румоне муқаддима наменавишт. Вақте ки устод Айнӣ аз А. Лоҳутӣ маҷмӯаро бо нома мегирад, мефаҳмад, ки А. Лоҳутӣ барои муқаддима навиштани устод Айнӣ розӣ аст. Дар нома хоксорона нишон дода устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ менависад. «Албатта, дар чунин вақти парешонӣ муқаддимаи хубе нашуд...» [6, с.88].

Устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мактубҳо ҳамеша бо якдигар аз комёбии шеъру асарҳояшон, адабиёту хабарҳои фарҳангӣ суханронӣ менамуданд. Гузашта аз ин, доир ба муждаи аз чоп баромада ва ба итмом расидани асарҳояшон суҳбат менамуданд ва ба суроғаи ҳамдигар низ аз онҳо якнусхагӣ мерасонданд. Масалан, дар номаи дигар устод 4 августи соли 1940 менависад: « «Марги судхӯр», «Ятим», «Фирдавсӣ» ба наздикӣ аз чоп баромада буданд, як нусхагӣ ёдгорӣ фиристода шуд, аммо агар «Фирдавсӣ» - ро ҳам як нусха мефиристодам, баста ноҳамвор мешуд, бинобар ин, ду нусха фиристодам» [6, с.98].

Ба мутолиаву кор кардан дар болои асарҳои классикон гузаронидаанашро устод дар идомаи ин нома низ зикр мекунад. Яъне фасли тобистонро қариб барои омода намудани рисолаҳо доир ба классикон гузаронидааст ва боз давом медиҳад: «Бештарини ин тобистони ман дар роҳи кор кардан дар болои классикҳо рафт. Абӯалӣ Синоро дубора (кор) карда аз асарҳояш баъзе (порчаҳо) ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмӯаи алоҳида сохта шуд. «Бӯстон» - и Саъдиро интихоб карда 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам» [6, с.98].

Чӣ гуна бо ранҷу машаққат бузургони классики тоҷику форсро ошкор намудани устод Айнӣ дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ падидор аст, махсусан муайян намудани маҳалли зисти Рӯдакӣ. Ҳодиса ва рӯйдоди фарҳангие, ки ба муайян намудани зодгоҳи Рӯдакӣ тааллуқ дорад, дар номаи 24 ноябри 1940, устод Айнӣ аз ин воқеаи муҳим А. Лоҳутиро огоҳ месозад. Устод Айнӣ ба ин андеша буд, ки мувофиқи маълумот миёни таърихнигорону бостоншиносон, сарчашмаҳои адабӣ ва дар тазкираҳо буда Рӯдакӣ аз Самарқанд аст ё Бухорост. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» С. Айнӣ макони таваллуди шоирро деҳаи Рӯдак таъйин намудааст. Вақте ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ доир ба кофтуков ва амиқ кардани қабри Рӯдакӣ сухан мегӯяд, маълум мешавад, ки фикри худро дигар мекунад, чунки назар ба ривояти Идрис ном шахс, маълум мешавад, ки худ астарободӣ асту баъд аз шаст соли вафоти Рӯдакӣ даргузаштааст, Рӯдакӣ аз Самарқанд будааст. Идрис, ки таърихи Самарқандаро навиштааст, мегӯяд, ки «Рӯдакӣ аз қарияи Рӯдак аст». Дар мавриди дигар менависад, ки «қабри Рӯдакӣ дар Панҷрӯдак аст, ки яке аз қарияҳои Рӯдак буда, дар навоҳии Самарқанд аст» [6, с.108].

Мувофиқи мақолаи академик А. Семёнов «Рӯдак ва Панҷрӯд дар 15 километрии шаҳри Самарқанд аст». «Аммо,-менависад устод Айнӣ,-ман бо пурсуков аз атрофи Самарқанд бо ин номҳо деҳае наёфтам ва ба тариқи ҳазл ба Деҳотӣ гуфтам, ки охир Рӯдак аз Панҷакент ёфт мешавад...» [6, с.108].

Гумони устод Айнӣ бидуни тафтиш дуруст мебарояд. Устод бо як мардикори форобӣ ҳамсуҳбат шуда, маълум менамояд, ки Рӯдакӣ ва Панҷрӯдак дар минтақаи Панҷакент мебошанд. Ҳадафи устод, пеш аз ҳама, марқади Рӯдакиро аниқ кардан буд ва барои чораҳои амалии он ба идораҳои расмии Ҳукумати Тоҷикистон ва ноҳияи Панҷакент муроҷиат менамояд. Назар ба иқрори раиси онвақтаи Ҳукумати Панҷакент-Шароф Муҳаммадиев деҳаҳои Рӯдакӣ ва Панҷрӯд, тахминан дар масофаи 60-70 километр аз маркази ноҳия қарор доштаанд. Устод Айнӣ маълумоти ба даст овардаро ба Сталинобод

мерасонад, оқибат ходимони Академияи илмҳо Лутфулло Бузургзода ва аз Наркомпрос (Комисариати маорифи халқ-Ф. Н.) Гаретский ном таърихшинос ба Самарқанд омада, раиси ҳайати кашфиётиро ба зиммаи устод Айнӣ мегузоранд. Устод Айнӣ бо вуҷуди иллати беморӣ доштанаш, тамоми маълумотҳоро оид ба деҳаҳои Рӯдак ва Панҷрӯдакро ба онҳо медиҳад.

Дар натиҷа, бо мададу роҳнамоии устод Айнӣ қабри Рӯдакиро пайдо мекунанд. Аммо устод Айнӣ менигорад, ки Гаретский худаш ба қарияи Рӯдак нарафта, Л. Бузургзодаро мефиристонад. Ва вақте ки ба мухбири радиои Москва гуфтугӯ мекунад, ҳамаи кашфиётҳо ба фаъолияти Гаретский уҳдадорӣ гардида шудааст.

Албатта, ҳақиқат чунин нест, устод Айнӣ тадқиқотҳояшро доир ба классикон дар номаҳо ба А. Лоҳутӣ гуфтааст, заҳматҳои шабонарӯзӣ ӯро водор сохт, ки чунин шоҳкориро бо масъулият тавонист анҷом диҳад, махсусан пайдо намудани марқади Рӯдакиро.

Эҳтимол бостоншиносон ва ҳайатҳои кашфиётӣ барои қабри Рӯдакиро ошкор сохтан ба хонаи устод омада будаанд. Дар ин масъала айнишинос Х. Асозода истода тасдиқ мекунад, ки: «Назар ба маълумоти таърихиву бостоншиносии С. Айнӣ фақат М.М. Герасимов ҳуқуқи маънавӣ дошт, ки гӯри Рӯдакиро кушояд, зеро ӯ, аллакай, дар муайян сохтани қавораи Амир Темур, Шоҳрух ва Улуғбек таҷрибаи кофӣ дошт. Дар ин баҳс он ҷиҳат муҳим аст, ки С. Айнӣ ба воқеаи ҳазорсола ҳам аз дақиққорӣ ва падидаи илмият кор мегирифтааст» [2, с.50].

Устод Айнӣ дар баробари ин ки гуфта шуд, ҳамвора ва пайваста ақидаи халқро таҷрибаи эътимоди худ қарор медод, дониши китобиро бисёри вақт ба дониши халқ муқоиса менамуд ва оқибат хулосаи амиқ зоҳир менамуд. Бо вуҷуди он ки устод Айнӣ ба деҳаи Рӯдак ва Панҷрӯдак сафар накардааст, аммо соли 1940, вақти сафараш ба сохтмони канали Марғедар бо мардуми омма вохӯриҳо гузаронда, ҳамзамон аз эшон саволҳои муҳимро пурсон мешавад, ки дар идомаи нома оиди ин ба А. Лоҳутӣ менависад: «Ман дар сари кори канол бо бисёр колхозчиён мусоҳиба кардам. Номи қишлоқҳои онҳо диққати маро ҷалб кард: шумо аз куҷо? – аз Ҳуснобод, Шумо чӣ? – Нигинобод, шумо аз куҷо? аз Майкада, Шумо чӣ? – аз Зебон (Зебиён) ва ҳоказо. Ҳақиқатан районе, ки ба деҳаҳои худ ин гуна номҳои шоиронаро қабул кардааст, ҳақ дорад, ки монанди Рӯдакӣ як устоди номурдании шеъру музикаро расонад...» [6, с.109].

Аз назари мавзӯи баҳси мо номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ бағоят ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд, зеро сухан дар онҳо аксаран дар бораи лаҳзаҳои шарҳиҳолӣ, чӣ гуна ба тартиби кори илмӣ ва эҷодӣ банд шудан, вазъи саломатӣ низ дида шуд, ки дар дигар маъхазҳо ин ҷиҳат кам ба назар мерасад. Чунин буданд аз нигоҳи мо баъзе тафсилоти тарзи асарофаринӣ ва рӯзгори устод Айнӣ дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ К. Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас // Бист гуфтор аз маънавият. - Душанбе: Адиб, 2004. – С. 68-74.
2. Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ. - Душанбе, 2004. – 91 с.
3. Деҳотӣ А. Як мактуби пурқимат // Шарқи сурх. – 1958. – №4. – С. 49-50.
4. Кӯчаров А.Ҷанбаи таҳририи номаҳои С. Айнӣ // Адабиёт ва санъат. - 2013. – 11 июл. -№28.- С. 4.
5. Лоҳутӣ А. Номаҳо: мураттиб ва муаллифи тавзеҳот Х Отахонова. - Душанбе: Адиб, 2004. - 112 с.
6. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ: ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х.Отахонова. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 140 с.
7. Ҳошим Р. Дар коргоҳи эҷодии Айнӣ // Сухан аз устодон ва дӯстон. - Душанбе: Ирфон, 1971. - 124 с.

ШАРҲИ ҲОЛ ВА ОСОРИ С. АЙНӢ ДАР МАКТУБҲОЯШ БА А. ЛОҲУТӢ

Барои тадқиқи рӯзгор ва осори адибон фикру андешаҳои худи онҳо ба сифати манбаи муътамад аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманд мебошанд. Аз ин ҷиҳат, мукотиботи устод Айнӣ, махсусан номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ дар солҳои 1930-1940 навиштааст, бо фарогирии санаду мадракҳои тоза ва пурқимат аҳамияти калони илмию таърихиро доро мебошанд. Дар мактубҳои ба А. Лоҳутӣ ирсолдоштаи С. Айнӣ муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии нависанда, фаъолияти эҷодӣ, коргоҳи адабӣ ва афкори адабию эстетикии ӯ бо ҷузъиёт ва дақиқият баён шудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи санъаткорро ҳарҷониба равшан мекунанд. Чунин хусусияти мукотиботи С. Айниро шогирди ӯ А. Деҳотӣ махсус таъкид карда навиштааст, ки «Номаҳои Садриддин Айнӣ дорои аҳаммияти калони адабӣ ва илмиву фарҳангӣ мебошанд». Ин ҷиҳати масъала беш аз ҳама дар мукотиботи С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ равшан ба назар мерасад. Махсусан маълумоте, ки С. Айнӣ оид ба ҷараёни таълифи романи «Ғуломон», шеъри «Ба Пушкин», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Ятим», тадқиқоти илмӣ оид ба устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Алишери Навоӣ, муқаддима ба маҷмӯаи А. Лоҳутӣ «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ва ғайра медиҳад, аз нигоҳи илмӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва нозукиҳои лабораторияи эҷодӣ бағоят пурқимат ва беназир мебошад. Мактубҳои ба А. Лоҳутӣ навиштаи С. Айнӣ вазъи фоҷиабори зиндагии С. Айнӣ ва аҳли адабу фарҳангро дар солҳои террори сталинӣ чун оина дар худ бо ҳама паҳлуҳояш мунъакис намудаанд, ки чунин ҳолати тазъиқу фишор ва фоҷиаборро аз дигар манбаъҳо наметавон дарёфт

кард. Ин аст боз як далелу нишонаи хеле муҳимми ҳақиқатгӯиву ҳақиқатнигории С. Айнӣ дар назди таърих ва ҷомеа, ки бузургии шахсияти ӯро ба таври барҷаста собит менамояд. Дар мақмӯъ, номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ зиндагӣ ва корномаи аҷибу ибратомӯзи ин адиби гениалиро ба таври дурахшон дар худ бозтоб намудаанд.

Калидвожаҳо: С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, мактубҳо, шарҳи ҳол, осор, коргоҳи эҷодӣ.

ОТРАЖЕНИЕ ЖИЗНЕННОГО ПУТИ И ЛИТЕРАТУРНОГО НАСЛЕДИЯ С.АЙНИ В ЕГО ПИСЬМАХ К А. ЛАХУТИ

Для исследования жизненного пути и наследия литераторов их умозаключения и размышления как надежный источник являются очень ценным достоянием. Поэтому письма С.Айни, особенно письма, которые он писал А. Лахути в 1930-1940 годы, имеют очень большое научно-историческое значение. В письмах Садриддина Айни к Абулькасыму Лахути изложены важнейшие моменты жизни писателя, его литературная деятельность, литературная мастерская писателя. и его литературно - эстетические взгляды, которые всесторонне раскрывают жизненный путь писателя. А.Дехоти особо подчеркивая такую специфику переписки Садриддина Айни писал, что «Письма Садриддина Айни имеют очень большое художественное, научное и культурное значение». Этот аспект проблемы очень ярко проявляется в переписке Садриддина Айни и Абулкасыма Лахути. Особенно сведения, которые Садриддин Айни приводит о процессе создания романа «Рабы», стихотворения «Пушкину», «Полутолкового словаря для таджикского литературного языка», «Старой школы», «Смерть ростовщика», «Ятим», научные исследования о Рудаки, Фирдоуси, Абуали ибн Сине, Алишере Навои, предисловия к сборнику Абулкасыма Лахути «Таджикистанские стихи» с научной, культурной и исторической точек зрения очень богаты и бесценны. Письма написанные Садриддином Айни Абулькасыму Лахути отражают трагическое состояние жизни С.Айни и других представителей литературы и культуры Таджикистана в годы сталинского террора и такие сведения невозможно найти в других источниках. Это и есть еще один факт и важный отпечаток стремления к истине и правдолюбия Садриддина Айни перед историей и обществом, который еще раз доказывает величие его личности. В общем, письма Садриддина Айни к Абулькасыму Лахути являются ярким отражением жизненного пути и назидательного труда этого гениального таджикского литератора.

Ключевые слова: Садриддин Айни, А. Лохути, письма, автобиография, наследие, творческая мастерская.

REFLECTION OF THE LIFE WAY AND THE LITERATURE HERITAGE OF S. AINI IN HIS LETTERS TO A. LAHUTY

For the study of the life course and heritage of the writers, their conclusions and reflections as a reliable source are very valuable assets. Therefore, the letters of S. Aini, especially the letters that he wrote to A. Lakhuti in the years 1930-1940, are of very great scientific and historical importance. The letters of Sadriddin Aini to Abulkasym Lakhuti set forth the most important moments in the life of the writer, his literary activity, the literary workshop of the writer. and his literary - aesthetic views, which comprehensively reveal the writer's life course. A.Dehoti, emphasizing such specificity of Sadriddin Aini's correspondence, wrote that "The letters of Sadriddin Aini have a great artistic, scientific and cultural significance." This aspect of the problem is very clearly manifested in the correspondence of Sadriddin Aini and Abulkasym Lakhuti. Especially the information Sadriddin Aini gives about the process of creating the novel "Slaves", the poems "Pushkin", "The half-dictionary dictionary for the Tajik literary language", "Old School", "The death of the usurer", "Yatim", scientific research about Rudaki, Firdousi, Abuali Ibn Sine, Alisher Navoi, the prefaces to the collection of Abulkasim Lakhuti "Tajikistan Poems" are very rich and invaluable from scientific, cultural and historical points of view. The letters written by Sadriddin Aini Abulkasymu Lakhuti reflect the tragic state of life of S. Aini and other representatives of literature and culture of Tajikistan in the years of the Stalinist terror and such information cannot be found in other sources. This is another fact and an important imprint of the desire for truth and love of Sadriddin Aini before history and society, which once again proves the greatness of his personality. In general, Sadriddin Aini's letters to Abulkasym Lakhuti are a vivid reflection of the life path and edifying work of this brilliant Tajik writer.

Key words: Sadriddin Aini, A. Lokhuti, letters, autobiography, heritage, creative workshop.

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **901-09-21-00**

Information about the author: ***Naimova Farzona*** **-** Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel: **(+992) 901-09-21-00**

УДК: 82.0931.(575.3)

МАҲОРАТИ МУКОЛАМАОФАРИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР РОМАНИ ФИРДАВСӢ»

Нодирова М.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Маънии луғавии диалог дар «Луғати русӣ – тоҷикӣ (М., 1985. - 1280 с.) ба маънои – диалог, муколама, гуфтугӯ ва мусоҳиба омадааст. Яъне, мусоҳибае, ки миёни ду ё якчанд кас воқеъ мешавад. Ҳамчун истилоҳ бо махсусиятҳои худ диалог аслан истилоҳи

адабиётшиносӣ буда, дар илми забоншиносӣ низ чун қисми таркибии раванди нутқ дониста мешавад. Муколама дар адабиёт, хосса дар асари бадеӣ, як навъи махсуси нутқи персонажҳоро гӯянд. Аз ин ҷост, ки махсусиятҳои диалог аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҷинс ва жанри адабӣ вобастагии зич дорад. Чунончи, диалог дар асарҳои бадеӣ яке аз воситаи асосии офаридани характер аст. Диалог дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода омили асосии камолоти маънавии персонажҳои асарҳояш гардидааст, ки романи «Фирдавсӣ» намунаи барҷастаи онҳо мебошад.

Романи «Фирдавсӣ» соли 1986 ба миён омад, ки он дорои мазмуни баланди таърихиву бадеист. «Фирдавсӣ», - қайд мекунад профессор Р. Мусулмонқулов, - романи миллист. Аз тасвири воқеа ва кушоиши гиреҳҳо, таҷассуми ақидаву ғояҳои нек, чигунагии образу характерҳо, афту андом, гуфтугӯ ва нишастухези персонажҳо рӯҳи миллии асар ҳувайдост» [2, с.255].

С. Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Абулқосим Фирдавсиро ҳангоми заволи давлати Сомониён ба тасвир гирифта, ӯро сараввал дар муҳити хонаводагӣ манзури хонанда месозад. Фаромӯш набояд кард, ки Фирдавсӣ, пеш аз ҳама, падар ва сарвари хонадон аст. Аз ин ҷост, ки нависанда аввалан Фирдавсиро дар иҳотаи оила миёни дӯстону ҳамдеҳагони худ ва муҳите, ки шоирро фаро гирифтааст, ба қалам додааст. Комёбии С. Улуғзода маҳз дар он аст, ки Фирдавсӣ ҳамчун шахси масъулиятшинос дар назди зану фарзандонаш муаррифӣ мешавад. Ба андешаи мо, таваҷҷуҳи Фирдавсӣ нисбат ба таълиму таҳсили Ҳушанг дар мадраса ва атрофиёни ӯ, инчунин фориғболӣ зоҳир накардани Фирдавсӣ аз тақдири минбаъдаи фарзандаш ҳамчун падари оиладӯсту фарзандпарвар ҷилвагар мешавад. Ҳарчанд ки масъалаи мазкур зоҳиран назарногир менамояд, вале ҳамеша муҳим аст. Дар ин ҷо С. Улуғзода ба муносибати волидайну фарзандон дахл намуда, онро ҷолиб ҳал намудааст.

– Ҳушанг, мешунавам, ки ту дар шаҳр ба худ рафиқони нав ёфтаӣ ва бо онҳо ҳарифбозӣ мекунӣ, вақти гаронбаҳои таҳсилро зоеъ мекунӣ?

Ҷавон безобита шуда пурсид!

–Кӣ гуфт?

–Гуфтанд ва ман шунидам, - ҷавоб дод падараш.

–Абӯ Дулаф гуфтагист?

–Чӣ, магар аз ҳарифбозии ту Абӯ Дулаф ҳам хабар дорад?

– Маҳмуд хабар кашидагист, - тез шуда ба суол ҷавоб надода гуфт Ҳушанг, - ман даҳони он хабаркашро хок пур мекунам.

– Вале ту ба пурсиши ман посух надодӣ, - бо лаҳни тундтар гуфт Фирдавсӣ.

–Ҳар кас гуфта бошад, дурӯғ гуфтааст, ман ҳарифбозӣ накардаам.

–Дурӯғро ту мегӯӣ, Ҳушанг [5, с. 9-10].

Пушида нест, ки масъулияти падару модар бар фарзанд дар ҳамаи давру замон яке аз проблемаҳои актуалӣ маҳсуб меёфтааст. Имрӯз ҳам масъалаи мазкур яке аз масоили рӯзмарраи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, модар ҳам ҷиҳати тарбияи фарзанди солим баробари падар масъулиятеро ба дӯш гирифтааст. Аз ин ҳамин дидгоҳ доираи образи Фотимабону ҳамчун зан - модар дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода диққатҷалбкунанда мебошад.

- Чӣ ситеза мекунӣ, Ҳушанг?… Дар хона Фотимабону ба писараш танбеҳ медод: Беадабӣ кардӣ. Ба кӣ? Ба падар. Падари меҳрубоне, ки ба фарзандаш ин қадар ғамхор аст ва мехоҳад ӯро аз ношоистагиҳову хатоҳо барҳазар кунад. Ту агар хоҳӣ, ки одами хуб шавӣ, бофазлу одоб шавӣ, ҳамагон иззат бикунанд, бояд ҳамеша сухани падаратро ба гӯши ҳуш шунавӣ ва пандашро бигирӣ. Охир мардумон ҳар як сухани ҳаким Фирдавсиро ҳамчун панду ҳикмати гаронбаҳо ба лавҳи хотир менависанд, аммо писари худаш сухани ӯро гӯш намекунад, тундӣ мекунад, ӯро меранҷонад. Ҳоло бирав аз падарат узр бихоҳ, тавба кун. Бирав.

- Беадабӣ кардам, бобоҷон, бахшоиш мехоҳам.

Фирдавсӣ сар боло карда ба Ҳушанг нигарист:

- Пушаймон шудӣ?

- Пушаймонам, - ба замин нигариста гуфт ҷавон.

- Мебахшам, агар қавл диҳӣ, ки дигар ба ҷойи дарсхонӣ ҳарифбозӣ намекунӣ.

- Қавл медиҳам, - гуфт Ҳушанг [6, с.11].

Образи Фирдавсӣ дар роман ба сифати шоири ҳақҷӯй, ростгӯй, ватанпараст, додхоҳ, олиҳиммат, адолатпеша тасвир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки С. Улуғзода он ҳама ҳақҷӯйӣ, олиҳимматии Фирдавсиро ба тамом тасвир кардааст. Фирдавсии офаридаи С. Улуғзода бештар барқароркунандаи адолати иҷтимоӣ аст. Ӯ ҳамчун ҳомии адолат ва ахлоқи ҳамидаи инсонист.

Волӣ ва сипаҳсолор Абӯалии Симчӯрӣ ба воситаи ҷосусони махфии худ хабар меёбад, ки ҳокими Тӯс Абдулқодири Меҳрон ба воситаи мусодираҳо ва ҳар гуна даромадҳояш пинҳонӣ хазинаи шахсие гирд овардааст. Абӯалии Симчӯрӣ бо Абдулқодири Меҳрон вохӯрӣ баргузор намуда, ҷанги дарпешомадаро баҳона карда ба Абдулқодири Меҳрон амр медиҳад, ки ҳазор-ҳазор дирам ба хазинаи Абӯалии Симчӯрӣ супорад. Ҳамин амр боиси норозигии мардум ва сабаби ба назди Абдулқодири Меҳрон рафтани Фирдавсӣ ва аз хусуси адолат пеша карданаш дар дорулҳукума мегардад. Ба ибораи дигар гӯем, дар ин маврид Фирдавсии С.Улуғзода ҳамчун шахси адолатпеша ба тасвир омадааст.

– Мо ба вакил мефармоем, - суханашро давом дод ҳоким, - нисфи хироҷи ситонидашударо ба шумо пас бидиҳад. Гумон мекунам, ки бақияи он барои шумо (Фирдавсӣ) чандон гарон нахоҳад буд.

– Ба соҳиб (Абдуқодири Меҳрон) сипос мегузорам, - гуфт шоир, - аммо мехостам бидонам, ки оё ин адолат ба ҳамаи хироҷгузорон аст ё фақат ба ман?

– Алъон сухан дар бораи шумост, - ҷавоб дод ҳоким.

– Эътиқоди ман бар он аст, ки – гуфт Фирдавсӣ, - агар ситам ба чандин кас рафта бошаду адолат танҳо ба яке аз онҳо карда шавад, онро адолат наметавон гуфт.

– Наметавон гуфт? Адолат ба як нафар – адолат нест? - бо лаҳни тунд суол дод Меҳрон.

– Адолати ҳақиқӣ он аст, ки аз вай ҳамаи ҷабрдидагон баҳра бардоранд, - ҷавоб гардонд шоир. Ва илова кард: - аз ин гузашта ин адолати шумо, ки ба ман мекунед, албатта, бори хироҷи маро сабуктар мекунад, вале бори гарони маломат бар ман мениҳад: маломат аз ҷониби ҷабрдидагони дигар… Маъзур доред, ман ин «адолат» - и шуморо қабул карда наметавонам… [5, с.40-41].

Аз ин тасвири нависанда симои Фирдавсӣ ҳамчун инсони дурандеш, бамулоҳиза ва нисбат ба халқаш садоқатманду дилсӯз намоён мешавад. Шароити тоқатфарсои зиндагӣ ва муносибати ғайриинсонии муҳити дарбор Фирдавсиро ба андеша водор мекунад ва ӯ роҳи ягонаи муборизаро ба онҳо дар донистани таъриху дониши баланд мебинад. «С. Улуғзода, - қайд мекунад профессор Х.Асозода, - Фирдавсиро ба сифати муҳаққиқи варзидае, ки метавонад бо аҳли илму фарҳанг баҳсҳои илмӣ дошта бошад, ба тасвир мегирад. Дар айни замон адиб аз мулоҳизаву муҳокимаҳои таҳлилгароёна барҳӯрдор будани Фирдавсиро дар мадди назар дорад. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ дар қалами С. Улуғзода бештар ба чеҳраи илмӣ табдил ёфта, посухҳояш ҳам ҷанбаи илмӣ пайдо кардаанд» [1, с. 57].

Бузургтарин хидмати устод С. Улуғзода таълифи романи «Фирдавсӣ»-и вай маҳсуб мешавад. Насри тоҷик асареро ба ин бузургиву гаронсангӣ ёд надорад. Аз ҷониби дигар, шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ андак нест. Мутаассифона, муҳити носолими дарбор, носипосиву дасисакории шоирони маддоҳ, аз қабили Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ, нисбат ба меҳнати Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ бекадрӣ мекунад.

Пӯшида нест, ки асари безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» воқеаҳои замони гузаштаро ба хотири раҳнамоӣ дар ҳалли масъалаҳои имрӯзу фардо бо сухани мавзун матраҳ намудааст. С. Улуғзода ҳамин масъаларо дар романи «Фирдавсӣ» зимни мусоҳибаи Фирдавсиву Фаррухӣ эътимодбахш нишон додааст.

Фаррухӣ:

– Аммо, рост бигӯям, устод, чаро шумо ин ҳама истеъдоди беназирро сарфи фасонаҳои куҳан сохтед, як бор ҳам ба дарбори султон наомадед ва мадҳи ӯ нагуфтед, магар султони муаззами кишваркушой, динпаноҳи кофиркуш, адолатпеша ва раиятпарвар сазовори он нест, ки шоирон бо ҷону дил мадҳаш гӯянд, вассофаш бошанд, чокараш бошанд ва камтарин лутфу марҳаматашро тоҷи сар бикунанд.

– Чун «Шоҳнома»-ро ба номи султон кардам, мадеҳае чанд ба он зам карданам лозим буд, - гуфт Фирдавсӣ ва баъд аз сукути кӯтоҳе суханашро давом дод: - Чун тааммули айёми гузашта кардам, донистам, ки он чи шумо «фасонаҳои куҳан» мегӯед, пур аз панду ҳикматанд, ибратомӯзанд. Одамӣ бояд ниёгони хешро бишносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад. Аз ин рӯ, банда бостоннома нигоштанро аз мадеҳасароӣ авло донистам, агарчи ҳосили ин шуғл ба ҷуз бечорагиву бенавоӣ нест. Инро беҳ аз он донистам, ки суханро фақат сарфи мадҳу сано бикунанд [5, с.143].

С. Улуғзода Фирдавсиро аз бобҳои аввал бо як самимият сифат намуда, муҳимтарин фазилатҳояшро ҳамчун донишманд, мутафаккир ва эътиқодманди ҳикмати Аҷам ба хонанда маълум менамояд. Фирдавсӣ ба хотири нигоҳ доштану зинда гардонидани

таъриху фарҳанг ва дифоъ намудани расму оинҳои ниёгони хеш бо ҳама гуна шахсиятҳои сиёсӣ ва чеҳраҳои фарҳангиву динии давр баҳсҳо намуда, устуворияти худро нишон додааст. Ҳамин маънӣ зимни муколамаи султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ хеле хуб таъкид ёфтааст.

– Аз назм кардани «Шоҳнома» мақсудат чӣ будааст? Аз шоҳон силаи фаровон гирифтан ва тавонгар шудан?

– На, аълоҳазрат, мақсудам танҳо ин набуд. Албатта, чунин умедам низ буд, ки зоро дар пирӣ бениёзӣ биёбам, аммо мақсади умда – ба лутфу иноятии худовандӣ таърихи мулук ва осор ва ҳикмати Аҷамро зинда гардонидан буд, бо гуфтори сара ва дилпазир агар тавонам, то дар ҷаҳон аз худ ёдгоре боқӣ гузошта бошам.

– Хуб, ҳарчанд ки ту «Шоҳнома»-ро устодона нигоштаӣ ва суханат олист, вале ҳар чӣ нигоштаӣ, фасона аст, ҳадиси куҳан аст, Рустамҳо, Геву Тусҳоро ту имрӯз дар сипоҳи ман бубин! Ё магар ман худ аз Ҷамшеду Кисро, аз Фаридуну Ковуси Кай камтарам? Ман дар даҳ ҷаҳод пирӯз шудам, боре ҳам мағлуб нашудам; дар наздикии ватани ту бар солорони номдори замон Симҷурӣ ва Фоиқ зафар ёфтам, сипоҳи Насри қарохониро дарҳам шикастам ва аз Хуросон берун кардам? Ғарчистон ва Систон ва Ғурро тасхир кардам, чаҳор бор ба Ҳиндустон лашкар бурда, роҷаҳои қавишавкат ва дорои садҳазорон сипоҳу филони ҷангиро ба итоат овардам ва боз бадон сӯ лашкар хоҳам кашид, то вақте ки тамоми Ҳиндустон мусаххари ман шавад. Дар бораи ин ҳама ҷиҳоду зафарҳои ман даҳ «Шоҳнома» метавон навишт.

– Шоҳам, агар гуфтори банда беҷост, аз карами ҳумоюнӣ бахшоиш мехоҳам. Дар «Шоҳнома» агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси куҳан ё фасонаи куҳан наметавон гуфт. Дар ҷаҳон чизҳое ҳастанд, ки куҳна шудан надоранд; панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд. Ҳар чӣ дар он рӯзгорон аз ниёгони мо ба зуҳур омадааст, хоҳ нек ва хоҳ бад, хоҳ савоб ва хоҳ хато, ҳама пандомӯз аст. Бузургон гуфтаанд, ки таърих дониш мефизояд ва панду ибрат парварандаи хирад аст. Банда бо ҳамин эътиқод ранҷи сиюпанҷсоларо таҳаммул карда «Шоҳнома» нигоштам [5, с.177 – 181].

С. Улуғзода ба тавассути воситаҳои гуногуни тасвир хислату характери образҳояшро офарида, аз ҷумла ҳангоми муколамаи персонажҳо, махсусан дар нутқи қаҳрамони марказӣ - Фирдавсӣ аз калимаву ибораҳое истифода намудааст, ки ҳангоми гуфтугӯ ба кадом табақаи ҷамъиятӣ мансуб будани ҳамсуҳбаташ маълум мегардад. Профессор Р. Мусулмонқулов қайд мекунад, ки «Фирдавсӣ дар тасвири С. Улуғзода ҳам дар ҳузури ҷомеа сухан мекунад, ҳам бо мусоҳиби танҳо гап мезанад, ҳам худ ба худ андеша меронад. Тафовут дар ин аст, ки сухани гуфтугӯӣ мувофиқи моҳияти образи мусоҳиб сурат мегирад, яъне ҳамсуҳбат агар аҳли дарбор бошад, сухан оҳанги такаллуфи пурмаънӣ дарбар мекунад, агар аҳли фазл бошад, калимаю таъбирҳои гаронмояи адабии нисбатан нодир бештар истифода мешаванд, агар авому аҳли ҳирфат бошад, гуфтугӯ одию муқаррарӣ мегардад» [3, с.278].

Хулоса, аз диалогҳои офаридаи Сотим Улуғзода маълум мегардад, ки нависанда дар ин соҳа маҳорати баланди нигорандагӣ нишон дода, ҷиҳати табиӣ баромадани диалогҳои персонажҳои роман ба муваффақият ноил гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 2000. – 80 с.
2. Луғати русӣ – тоҷикӣ. - М., 1985. - 1280 с.
3. Мусулмонқулов Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р.Мусулмонқулов // Эъҷози ҳунар. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 140 – 290.
4. Раҷабӣ М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша. - Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
5. Улуғзода С. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. - 253 с.
6. Улуғзода С. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 270 с.
7. Улуғзода С. Пири ҳакимони Машриқзамин. – Душанбе: Маориф, 1980. – 195 с.
8. Улуғзода С. Мунтахабот. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
9. Шукуров М. Сотим Улуғзода / М.Шукуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. – 60 с.
10. Энсиклопедияи адабиёт ва саъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе, 2004. – 524 с.

МАҲОРАТИ МУКОЛАМАОФАРИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»

Муколама (муҳовара, диалог-dialoosg) яке аз навъҳои адабиест, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ фаровон корбаст шуда, адиб тавассути он матлаби худро равшантар инъикос намудааст. Дар корбурди муколама адибон равиш ва тарзҳои хосси худро инъикос намуда, ҳам дар назм ва ҳам дар наср онро ҷиҳати ифодаи андешаҳо тавассути қаҳрамонҳои асосии асар тобишҳои услубию маъноӣ бахшидаанд. Ин шакли хосси нутқ, ки миёни ду ё якчанд кас воқеъ мегардад, аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҷинс ва жанри адабӣ вобастагӣ дошта, дар драма воситаи асосии офаридани образ ба шумор меравад. Сотим Улуғзода мавқеъ ва нақши муколамаро дар романи «Фирдавсӣ» аз диди нав назар андӯхта, дар муколама баромади иҷтимоии ҳамсуҳбатонро нозукона дар суҳбати онҳо ҳамоҳанг намудааст, ки дар вақти муколамаи персонажҳо, бавежа дар нутқи қаҳрамони асосӣ - Фирдавсӣ ба кадом табақаи ҷаъмиятӣ мансуб будани ҳамсуҳбаташ маълум

мегардад. Корбасти калимаву иборот то ба ҷоест, ки ҳатто ҳангоми гуфтугӯ вазъи иҷтимоии ҳамсуҳбат дар онҳо ғунҷоиш ёфта, тавассути воситаҳои гуногуни тасвир хислату характери образҳо офарида шудаанд. Услуби истифодаи диалогҳо дар романи «Фирдавсӣ» шаҳодат медиҳад, ки нависанда дар истифодаи он маҳорати баланди нигорандагӣ нишон дода, муколамаҳои ҳамсуҳбатонро дар роман табиӣ ва зинда ба қалам додааст. Муҳимтарин хусусияти истифодаи муколама дар романи «Фирдавсӣ» дар он зуҳур кардааст, ки Фирдавсӣ дар ду ҳолат – дар байни мардум ва бо худ суханронӣ намуда, бо аҳли дарбор ботакаллуф, бо аҳли фазл тавассути истилоҳоти илмӣ, адабӣ ва таъбирҳо ва бо мардуми одӣ бо лафзи содаю оммафаҳм, яъне бо ҳар фирқа мардум мувофиқ ба сатҳи фаҳмиш ва мақомашон дар ҷомеа суханронӣ намудааст. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки асосан, ҳамин нукта-нақши истифодаи муколама дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ва ба ин васила нишон додани ҳунари адабии нависанда дар эҷоди устодонаи образҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирад.

Калидвожаҳо: Улуғзода, Фирдавсӣ, Шоҳнома, Ҳушанг, роман, образ, муколама, асар, персонаж.

ТАЛАНТ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДИАЛОГА В РОМАНЕ “ФИРДОУСИ” СОТИМА УЛУГЗОДА

Диалог- литературный жанр, который широко используется в таджикско-персидской литературе. При использовании диалога у каждого автора есть свои методы и способы, как в поэзии, так и в прозе они используют его для выражения своего разума через высказывания героев, придавая им особые стилистические черты. Этот особый тип речи, который появляется между двумя или более чем двумя ораторами, имеет особую связь с литературными типами и жанрами, а в драмах это единственный способ создания литературных образов. Сотим Улугзода в своем романе “Фирдоуси” рассматривал диалог с новой точки зрения и использовал его для показа социального происхождения или положения героев, что явно проявилось в речи Фирдоуси и его собеседников. Особенно манера речи Фирдоуси показывает его социальное происхождение и положение. Употребление слов и словарного запаса достигает тогда, когда автор мог создавать образы героев с помощью различных литературных форм. Стиль использования диалога в романе "Фирдоуси" объясняет удивительное мастерство диалогового письма его естественным и живым стилем письма. Самое главное характер использования диалога в романе “Фирдоуси” замечается в двух случаях, когда говорят люди и выступает сам автор. Поэтому диалог с разными людьми имеет свою специфику. Например, с учёными посредством специальных научных и литературных терминов, а с простым народом он использовал разговорную речь, т.е. диалог с каждым персонажем по его разумению и социальному положению. В данной статье автор пытается особо отметить этот феномен - использование диалогов в романе Сотима Улугзода “Фирдоуси " и таким образом анализирует литературный талант писателя в формировании образов.

Ключевые слова: Улугзаде, Фирдоуси, Шахнаме, Хушанг, роман, образ, диалог, произведение, персонаж.

ON THE DIALOG-CREATING TALENT OF SOTIM ULUGHZODA IN HIS NOVEL “FIRDOUSI”

Dialog (dialogue, dialogos) is one of the literary genre, which is widely used in Tajik-Persian literature for expressing the authors thoughts. On the usage of dialog each author has his own methods and ways, both in poesy and prose they use it for expressing their minds through the sayings of the heroes by giving them special stylistic features. This special type of speech which appears between two or among more than two speakers has a special connection to the literary types and genres, and in dramas it is the only way of creating literary images. Sotim Ulughzoda in his novel “Firdousi” saw the dialog from the new point of view, and used it for showing the social origin or position of the heroes, which is clearly appeared in Firdousi’s and his interlocutors’ speech. Especially the manner of Firdousi’s speech shows his social origin and position. The usage of the words and vocabulary reaches the cutting age, which in the author could create the images and heroes by means of different literary forms. The style of usage of dialog in novel “Firdousi” shows the amazing talent of the author and the mastership and wonderful skill of dialog-writing of him by natural and live style of writing. The most important character of the usage of dialog in the novel “Firdousi” appears in that phenomenon that Firdousi in two cases, when speaking among the people and speaking by himself, he used a special ceremony with the aristocrats, used the scientific, literary and special patterns and terminology with the scientists, and with the folk he used colloquial and simple words, i.e. he spoke with each level according to their understanding and social position. In this article the author tries especially note this phenomenon – the usage of dialog in the novel “Firdousi” by Sotim Ulughzoda and by this way analyzed the literary talent of the writer in forming imigs.

Key words: Ulughzoda, Firdousi, Shahname, Houshang, novel, image, dialog, work, personage.

Сведения об авторе: ***Нодирова Мавзуна Акбаршоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, соискатель кафедры теории и истории таджикской литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 918-10-50-70**

Information about the author: ***Nodirova Mavzuna Akbarshoevna*** - Tajik Literature of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, researcher of chair of Theory and History. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. Tel.: **(+992) 918-10-50-70**

УДК: 891.550-1:82

НАВРӮЗИ КУМИ КУҲАН

Бобоев С.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимтарини ниёгони мо буда, дар водии Зарафшон, аз саргаҳи Мастчоҳу Фондарё то Бухоро низ дорои оинҳои вижаи худ мебошад. Дар ҳар деҳаи ин минтақа ҳам умумият ва ҳам хусусиятҳои махсуси Наврӯзро метавон пайдо кард [3]. Инак, мо дар бораи наврӯзи деҳаи Куми ноҳияи Айнӣ баъзе мушоҳидаҳои худро баён менамоем.

Кум яке аз деҳаҳои қадимтарин, буда аз маркази ноҳия Айнӣ дар масофаи 25 километр ба самти шаҳри Панҷакент буда, аз шоҳроҳи асосӣ ба тарафи чап, дар масофаи 6-7 км қарор дорад. Дар деҳа яке аз осори қадимӣ бо номи қалъаи Муғ мавҷуд аст, ки он ба шоҳи Панҷакент Деваштич тааллуқ дошта, марбути давраи пеш аз ислом мебошад.

Дар бораи қалъаи Муғ муҳаққиқон Юсуфшоҳ Ёқубшоҳ дар асари худ «Фалғар дар асрҳои VII-VIII замони мо», Абдурраҳмони Мустаҷир (1870) дар «Рӯзномаи сафари Искандаркул» изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла А.Мустаҷир соли 1870 қалъи Муғро дида дар бораи он навиштааст: «Дар мавзеи мазкур қӯрғони куҳнае аз қадим мондагӣ аст. Номи онро Муғ мегуфтаанд. Бинои он ва фатароти онро касе намедонистааст. Аммо мӯйсафедон мегӯянд, ки дар айёми қадим Муғ ном кофире дар он мавзеъ қӯрғон андохта будааст. Аз ин ҷиҳат Муғ мегӯянд» [2, с.40].

Дар ҳақиқат, ин қалъа бо номи Муғ, Муғон (дар шеваи мардуми Кум дар шакли «Муғум») маъруф буда, он нишонае аст аз замони суғдиёни қадим. Қалъа дар тӯли солҳо аз ҷониби бостоншиносони машҳур ҳафриёт шудааст, вале бо таассуф ҳоло дар ҳолати ногувор қарор дорад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар ин Соли рушди сайҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2018), ки аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардид, таърихи қалъа метавонад таваҷҷуҳи сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намояд.

Деҳаи Кум дорои расму оинҳо, навъҳои ҳунарҳои мардумӣ, осори фолклорӣ ва манзараҳои ҷаззобе мебошад. Бахусус, Наврӯз ва оинҳои вобаста ба он дар ин деҳа то ба имрӯз хуб ба назар мерасад.

Ҷашнҳои баҳорӣ дар деҳаи Кум аз моҳи феврал оғоз ёфта, бо тантанаҳои ҷашнии рӯзи Наврӯз анҷом мепазирад. Дар ин муддат расму оинҳои зерини наврӯзӣ баргузор мегарданд, ки ҳоло ба таври мухтасар дар бораи онҳо маълумот медиҳем.

Бойчечакхонӣ. Шукуфтани гули баҳории бойчечакро кӯдакони 6-7-сола то 10-15-сола бесаброна интизорӣ мекашанд. Дар деҳаи Кум теппаи офтобрӯяе аст, ки онро Нови Хуршед мегӯянд. Ин теппа дар қисми ғарбии деҳа ҷойгир аст. Аввалин гули баҳорӣ – бойчечак маҳз дар ҳамин теппа мешукуфад. Кӯдакон ва наврасон ба тепа баромада, то бегоҳӣ гули навшукуфтаи бойчечакро мечинанд. Баъдан бегоҳӣ, онҳо гурӯҳ-гурӯҳ ба деҳа, ба назди дарвозаи мардум омада, ба «бойчечакхонӣ» оғоз менамоянд. «Бойчечакхон»-ҳо сароидани сурудро аз гузари худ оғоз карда, нишонаи омад-омади Наврӯзро ба ҳамгузарони худ мерасонанд. Маъмулан ҳамаи иштирокчиёни «бойчечакхонӣ» «суруди бойчечак»-ро азёд медонанд. Онҳо ба назди дарвоза ё дохили ҳавлӣ даромада, онро якҷоя баробар бо оҳанги ба худ хос қироат мекунанд, ки матнаш чунин аст:

Омин, Оллоҳ чошбарака!
Нахустин ҳамдиёре,
Булбули хушхон баҳор омад,
Баҳори рафта боз омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ҳама гулҳо қатор омад,
Гули садбарг савор омад.
Гули садбарги береша
Аз мардум макун андеша,
Бойчечак, буроред!

Дар таги Қалъа се тори кабуд,
Духтарон шиштен бо усмаи кабуд.
Духтари қассоб тавқи ҳайдарӣ,
Ҳалқаҳо бар гӯш монанди парӣ
Бойчечак, буроред!
Аз ин лангар ба он лангар,

Алӣ домоди пайғамбар
Дуо гӯем, сано гӯем,
Аввал номи Худо гӯем.
Бойчечак бурореду!

Пас аз хондани суруд сардори оила ё ягон шахси калонсол бойчечакро гирифта ба чашму абрувонаш мемолад ва аз расидан ба баҳори нав шукргузорӣ мекунад. Ҳамин гуна кӯдакон сар то сари деҳаро давр зада, «бойчечакхонӣ» мекунанд.

Агар шахсоне ёфт шаванд, ки ба «бойчечакхонон» эътибор надиҳанд, ё хостаи онҳоро надиҳанд, нисбати онҳо чанд байти танқидӣ месароянд:

Дар осмон абри кабуд,
Дар дегу косаҳотон сагҳо рида буд.

Ин ҳолат дар гузаштаҳо ба мушоҳида мерасид, ки ҳоло дида намешавад.

«Бойчечак, бурореду!» гуфтани кӯдакон ишора ба он дорад, ки ба онҳо инъомҳои идона бидиҳанд. Маъмулан мардум ба бойчечакхонҳо ширинихо медиҳанд, ё биринҷ, сабзӣ, пиёз, гӯшту равған медиҳанд, то бачаҳо ин маводро ҷамъ оварда ба пешвози омадани баҳору Наврӯз оши палов пазанд ва хурсандӣ намоянд.

Дар ҳақиқат, дар асоси рӯзи дигар маводи аз бойчечакхонӣ ҷамъшуда ҳарифона ташкил менамоянд. Ҳарифона ду навъ мешавад. Яке ин аст, ки ҳамаи аъзои гурӯҳ ҷамъ шуда, аз маводи ҷамъшуда оши палов пухта шодмонӣ менамоянд. Дигар ин, ки маводи ҷамъшударо ҳарифон дар байни худ баробар тақсим карда ба хонаи худ мераванд.

«Оши ғармич», «атолаи сум» (сумалак) ва «ҷуфтбурорун». «Оши ғармич» яке аз таомҳои суннатии наврӯзӣ ҳисобида мешавад. Он аз маҳсулоти зерин: гандуми бо «санги ғармич» майдакардашуда, нахӯд, наск, боқило ва гӯшти гӯсфанд, ки мардум пешакӣ ба тариқи худоӣ ҷамъоварӣ карда тайёрӣ мебинанд, омода карда мешавад. Оши ғармичро дар ду деги калоне, ки ба тамоми аҳли деҳа мерасад, тайёр мекунанд. Дегҳоро дар боғе, ки дар ҷойи офтобрӯяи деҳа воқеъ буда, «Боғи Шамсиддин» номида мешуд, мегузоранд. Мардуми деҳа аз хонаҳояшон ҳамроҳи худ курпачаю пӯстак (аз пӯсти гӯсфанду буз тайёр карда мешавад) оварда паҳн мекунанд. Пас аз пухтани ғармич (пухтани онро хеле барвақт шоми ҳамон саҳари оянда оғоз мекунанд) болои онро шахси аз ҳама калонсол ва барӯманди деҳа бо тиловати оёте аз «Қуръон» мекушояд ва ҳамагонро ба мавсими нави кишту кор табрик мекунад. Сипас ғармичро ба косаву табақҳои тайёркардашуда кашида, ба мардуми ҷамъшуда пешкаш мекунанд. Албатта, дастурхони наврӯзиро мардум аз бозёфти рӯзгорашон оро медиҳанд, ки он иборат аз нонҳои дегӣ, кулчаҳои ширмол, талқони туту чормағз, зардолуи хушк, яъне ғӯлингу ғӯлингоб, самбӯсаҳо ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин рӯз занҳо ба пухтани сумалак, ки онро дар ин деҳа «атолаи сум» ном мебаранд, машғул мешаванд. Албатта, тарзи тайёр кардани он ба ҳамагон маълум аст ва ҳоҷат ба такрор нест. Ҳангоми тайёр кардани он занҳо ба рақсу сурудхонӣ машғул мешуданд, хушҳолӣ мекарданд. Аз сумалаки тайёршуда (албатта, ҳаракат мекарданд, ки бо «оши ғармич» дар як вақт тайёр карда шавад) ба дастурхони мардонае, ки бо тайёр кардани «оши ғармич» банд буданд, мефиристоданд. Пас аз тановули «оши ғармич» ва «атолаи сум» яке аз мардони деҳа, ки асосан ба кишту кор ва шудгори заминҳо машғул буда, рамзи Бобои Деҳқон ҳисобида мешуд, қисми ҳамон «Боғи Шамсиддин»-ро, ки ҷойи офтобрӯя буд, шудгор мекард. Ин рамзи ифтитоҳи корҳои баҳорӣ ҳисоб мешуд. Бачагоне, ки бо зарфҳо барои гирифтани «оши ғармич» омада буданд, боқимондаи оши ғармичро ҳамчун хӯроки рамзии идона ба хонаҳояшон мебурданд.

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо ҷойи барзагову юғу омочро техникаи замонавӣ гирифта бошад ҳам, дар рӯзи «Ҷуфтбурорун», албатта, як ҷуфт барзагов, юғ, омоч, ресмон ва пешоҳан омода карда мешавад ва бо онҳо шудгори аввалини рамзиро оғоз мекунанд.

Дар охири маъракаи «Ҷуфтбурорун» раиси кумитаи маҳалла ё раиси деҳа нақшаи минбаъдаи баргузории корҳои баҳорӣ аз қабили ҷӯйканӣ, ободкунии роҳҳои вайроншуда, ниҳолшинонӣ, ва ғайраро, ки бо тариқи ҳашар амалӣ мешаванд, эълон менамояд. Инчунин, дар ин маърака подабон ва чӯпонро интихоб менамоянд, музди меҳнати онҳоро муайян мекунанд, тӯю маъракаҳоро ба танзим медароранд ва ғайра.

Ин маърака мардумро ба якдилию якдигарфаҳмӣ даъват намуда, ҳисси ватандӯстиву хештаншиносии онҳоро баланд мебардорад.

Хонатаконӣ. Такрибан як ҳафта пеш аз ҷашни асосии Наврӯз мардуми деҳаи Кум аз пайи тоза кардани хонаю ҳавлиҳои хеш мешаванд. Ҳавлиҳо ва танаи дарахтонро бо оҳак сафед мекунанд. Асбобу ашёи хонаро аз нав шуставу пок мегардонанд. Кӯрпаву болишту гилемҳоро ба берун бароварда, дар рӯйи бому ҳавлиҳо ба офтоб мегузоранд ва онҳоро метаконанд. Бо нияти Соли Нав ягон кӯрпа ё болишти нав медӯзанд ва ба хотири тӯйи фарзандонашон кӯрпачаю болиштро дар ҳамин рӯзҳои офтобии аввали баҳор омода месозанд ва фоли нек меҳисобанд.

Чоршанбеи охирин. Рӯзи чоршанбеи охирин, ки пас аз он иди Наврӯз фаро мерасад, ҳамчун рӯзи гусели соли куҳан ва оғози воридшавӣ ба Соли Нав маҳсуб меёбад. Ин рӯз ҳамчун рӯзи тозашавӣ ва пок гардидан аз гуноҳҳо ҳисобида мешавад. Дар ин рӯз мардуми деҳаи Кум бо паридан аз болои оташ, яъне гузаронидани суннати «аловпарак» худро пок месозанд ва ба Соли Нав бо тану нияти пок ворид мегарданд.

Худ дар ёд дорам, ки ибтидои солҳои 70-ум дар рӯзи чоршанбеи пеш аз Наврӯз модарам дар пушти хонаамон гулхан меафрӯхтанд ва мо бачаҳо аз болои он меҷаҳидем. Пас аз ҷаҳидан аз болои гулхан ба қафо нигоҳ кардан мумкин набуд. Ин амалро се маротиба такрор мекарданд ва ҳангоми паридан аз болои оташ модарам зери лаб чунин суханҳоро мегуфтанд, ки ҳоло ҳам дар гӯшам садо медиҳанд: «Сурхета тею зардеша гир, сурхета тею зардеша гир…».

Дар ин рӯз оилаҳое, ки аз оилаи дигар «умедворӣ» доранд, яъне нияти келин кардани духтари шахсеро доранд, ё, аллакай, дар масъалаи қудошавӣ ба ҳам аҳду паймон кардаанд, ба хонаи якдигар «идӣ» мефиристанд. «Идӣ» иборат аз сару либос ва ҷавоҳирот ба арӯсшаванда, ширинивориӣ ва хӯроки гарм, аз қабили оши палав, мебошад. Чоршанберо дар масъалаи муносибатҳои оилавӣ рӯзи нек мешуморанд. Бояд қайд кард ки Дар Бухоро ҳам рӯзи ба хостгорӣ рафтанро рӯзи чоршанбе интихоб мекунанд. Дар байни тоҷикони Бухоро мақоли «Чоршанбе чош шавад» (яъне зиёд шавад, ишора ба зиёдшавии фарзандони ояндаи навхонадорон) хеле машҳур аст [1, с.25].

Зиёрати мазорҳо ва қабристон. Пос доштани рӯҳи гузаштагон ба яке аз динҳои қадимӣ-анимизм (рӯҳпарастӣ) бурда мерасонад Бинобар ин, дар деҳаи Кум дар рӯзҳои Иди Рамазон, Иди Қурбон ва Иди Наврӯз ба хотири «шод намудани рӯҳи гузаштагон» ба сари қабри наздикони худ баромада, аз оёти «Қуръон» тиловат мекунанд, баъзан «нугча» мегузоранд, ки ин гиромидошти оташро дар байни онҳо ифода мекунад. Қабрҳоро аз ҳар гуна алафҳои бегона тоза мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки дар деҳаи Кум се бузургворе хок шудаанд, ки ҳатто мардуми деҳоти атроф ба зиёрати онҳо меоянд. Инҳо Шоҳ Абдурраҳмони Валӣ, Хоҷа Мирсаид Амини Варроқӣ ва Бобои Сӯфӣ Тоҳир мебошанд. Аммо дар «Рӯзномаи сафари Искандаркул»-и Абдурраҳмони Мустаҷир танҳо дар бораи 2 мазори ин деҳа маълумот дода шудаасту халос: «Банда ҳамроҳи тӯрагон тамоми аскарияро ҷамъоварӣ карда, пиёда шуда печида-печида дар сари ағба баромадем, ки онро ағбаи Мадм мегӯянд. Дарозии он ағба аз мавзеи мазкур миқдори ним санг баландӣ мебошад. Ҳама дар он ҷой ҷамъ шуда дам гирифта, боз асбҳоро ба даст гирифта, ба ҷониби Кум равона шудем. Аммо замини он бесанг мебошад, ки мисли замини даштӣ. Аз он ҷой фуромада, ба ҷое расидем, ки ду тарафи он ҷой мисли девор буд аз санги кӯҳ. Мобайни он роҳи танг мебошад, ки он роҳро Кӯча меномидаанд.

Аз ҷиҳати танг будан аз он ҷой ба чӣ азобу уқубат поён фуромада дидем, ки ба дасти чапи роҳ бузургворе будаанд. Исми муборакашонро Мирсайиди Варроқ мегуфтаанд, ки лашкаркаши ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳи алайҳиссалом будаанд, ки дар ин ҷой омада, шаҳид шудаанд. Дар ҷониби дасти рости мазкур бузургворе будаанд, ки номашонро Эшони сӯфӣ мегуфтаанд ва як хонақоҳ доштаанд, ки дар охири моҳи Рамазон намози шом ва намози пагоҳро мехондаанд. Ин расми онҳо будааст» [2, с.39].

Рӯзи асосии ҷашни Наврӯз ва «бодгирӣ». Дар деҳаи Кум ду Наврӯзгоҳ мавҷуд буд, ки дар рӯзи асосии ҷашни Наврӯз қариб тамоми аҳолии деҳа ба он ҷо ҳозир мешуданд. Қисми болоии деҳа, яъне гузарҳои Меҳандӯстон, Шишгиён, Гузари Боло, Шоҳтӯда ба Наврӯзгоҳи «Боғи Зуҳур»; гузарҳои Шишкандар, Қурбониён, Ҳавлии миёна ва Заргиён ба Наврӯзгоҳи «Боғи Абдурауф» ҷамъ мешуданд. Гилему курпача ва пӯстак оварда, дастархон меоростанд. Мардум ҳамроҳи худ аз бозёфти рӯзгори худ ҳар гуна ширинихо, анвои хӯрданӣ ва таомҳои миллӣ ба монанди фатир, кулча, чалпак, оши умоч, оши угро, туппаи лахчак, угропалав, оши палав меоварданд. Баъзан дар ҳамон ҷо оши палави ҳарифона ташкил мекарданд. Мардҳо алоҳида ва занҳо алоҳида ҷой мегирифтанд. Ҳама хурду калон дар атрофи дастархон менишастанд. Асосан занҳо сурудхонӣ мекарданд. Пас аз тановули таом ба шоҳҳои дарахтони баланди зардолу (ин боғҳо асосан зардолузор буданд) алвонҷ меандохтанд, яъне ресмони диаметраш тақрибан 2-3 сантиметра ва дарозиаш 8-10 метраро, ки аз мӯйи буз тайёр карда шуда «ресмони бузму» мегуфтанд, аз шохи дарахте гузаронида, ду нӯгашро ба ҳам гиреҳ мекарданд ва ба болои он курпача ё пӯстакча мемонданд. Шахси дигар то баланд шуда, алвонҷ хӯрдани шахси нишаста ба пасу пеш тела медод. Ин амалро «бодгирӣ» меномиданд. Бо ин амал гӯё гуноҳҳои хешро резонида пок мешуданд.

Хулоса, аз оғози «бойчечакхонӣ» то рӯзи ҷашни калони Наврӯзу «бодгирӣ» ки қариб як моҳро дар бар мегирад, мардуми деҳаи Кум худро дар рӯҳияи идона ҳис мекарданд. Хусусан, барои бачагон хотирмон буд. Онҳо якҷоя ба бойчечакчинию алафчинӣ

мерафтанд. Ҳар гуна бозиҳои бачагона монанди чилликбозӣ, рустшавакон, ланкабозӣ ва қуттичинаку сангчинакро ичро менамуданд. Ҳамаи ин бозиҳо дилхушиҳои асосии наврӯзии бачагон маҳсуб меёбанд, ки шуғли дӯстдоштаи онҳо дар бегоҳирӯзӣ пас аз анҷоми кору борҳои саҳроӣ, яъне ёрӣ додан ба падару модарон, мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоев С. Ҷойгоҳи назми шифоҳӣ дар арӯсии тоҷикони Бухоро / С.Бобоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2006.
2. Мустаҷир А. Рӯзномаи сафари Искандаркул; ҳозиркунанда ба чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот: А.Афзаҳзод ва М.Муллоаҳмадов / А.Мустаҷир. – Душанбе: Ирфон, 1989.
3. Негмати А. Земледельческие календарные праздники древных таджиков и их предков. – Душанбе: Дониш, 1989.

НАВРӮЗИ КУМИ КУҲАН

Дар мақолаи мазкур ҷиҳати илмии ҷашнгирии Наврӯз ва анъанаву суннатҳои наврӯзӣ дар яке аз деҳаҳои таърихии Суғдзамин-деҳаи Кум, ки таърихи куҳан дорад, баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки Наврӯз яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми ориёинажод мебошад. Анъанаву суннатҳое, ки дар ин деҳа дар иртибот бо ҷашнгирии Наврӯз ҷой доштанд, таърихи хеле қадима доранд. Дар мақола роҷеъ ба суннатҳои бойчечакхонӣ, ҷуфтбурорун, хонатаконӣ, чоршанбеи охирин, зиёрати мазорҳо ва қабристон, рӯзи асосии ҷашни Наврӯз ва бодгирӣ, ки дар ин деҳа вижагиҳои худро доранд, маълумот дода мешавад ва аз ҷиҳати илмӣ баррасӣ мегардад. Инчунин, дар мақола оид ба таомҳои суннатии наврӯзӣ ба монанди “оши ғармич”, “атолаи сум” ва ширинихои гуногун маълумот дода мешавад. Дар баробари ин нишон дода мешавад, ки суннатҳои “Хонагаштак” ва “Говбароронн”, ки дар шаҳри Хуҷанд маълум буданд, бо суннатҳои “Бойчечакхонӣ” ва “Ҷуфтбурорун”-и ин деҳа мазмунан хеле шабоҳат доранд.

Калидвожаҳо: анъана, бойчечак, ҳарифона, таомҳои наврӯзӣ, покшавӣ, динҳои қадима, наврӯзгоҳ, бозиҳои бачагона, рӯзи нек.

НАВРУЗ ДРЕВНЕГО КУМА

В данной статье рассматривается научная сторона празднования Навруза (первый день нового года по солнечному календарю, совпадающий с весенним равноденствием), а также национальные традиции и обычаи, связанные с новым годом (Навруз) в одном из исторических селений Сугда – Кум, имеющих древнюю историю. Известно, что Навруз является одним из старинных праздников арийцев. Бытующие в данном селении традиции и обычаи, связанные с праздником Навруз, являются историческими. Статья осведомляет читателя относительно древних национальных обычаев, исследуемых с научной точки зрения как воспевание подснежников (бойчечакхонӣ), вспахивание земли (ҷуфтбурорун), встряска жилища (хонатаконӣ), последняя среда (чоршанбеи охирин), посещение священных мест и кладбищ, главный день праздника Навруз и катание на веревочных качелях, приспособленных на плодовом дереве (бодгирӣ), отличающиеся в данном селении своими особенностями. Также в статье даётся информация о традиционных национальных блюдах подобно кушанью, сделанному из молотого пшена с бараниной (ғармич), мучная похлёбка из всхода пшеницы (атолаи сум), а также различных праздничных сладостях. Наряду с этим в статье продемонстрированы обряды и традиции, известные в Худжанде как воспевание подснежников (хонагаштак), вспахивание земли (говбароронн), будучи по содержанию аналогичными с обрядами данного селения подобно (бойчечакхонӣ) и (ҷуфтбурорун).

Ключевые слова: традиция, подснежник, по-товарищески, новогодние блюда, очищение, древние религии, место празднования нового года, детские игры, славный день.

NAVRUZ OF ANCIENT KUMA

This article examines the scientific side of the celebration of Navruz (the first day of the new year according to the solar calendar, coinciding with the spring equinox), as well as national traditions and customs related to the new year Navruz in Kum – one of the historical settlements of Sughd region, which has an ancient history.It is known that Navruz is one of the ancient holidays of the Aryans. Traditions and customs associated with Navruz holiday in the village are historical. The article informs the reader about the ancient national customs that are scientifically studied, like the chanting of snowdrops(boichechakkhoni), the plowing of the earth (juftburorun), the shaking of the dwelling (khonatakoni), the last Wednesday (Chorshanbei okhirin), visiting sacred places and cemeteries, the main day of the holiday Navruz and skating on rope swings adapted on a fruit tree (bodgiri), differing in this village with their own peculiarities. In addition, the article gives information about traditional national cuisine, made from ground millet with lamb (garmich), flour soup from the shoot of wheat (atolai sum), as well as various festive sweets. Along with this, the article demonstrates rituals and traditions known in Khujand as the singing of snowdrops (khonagashtak), plowing of the land (govbaroron) being similar in content to the rituals of this village (bochechakkhoni) and (juftburorun).

Key words: tradition, snowdrop, comradely, New Year's dishes, cleansing, ancient religions, a place for celebrating the new year, children's games, a glorious day.

Сведения об авторе: ***Бобоев Сироджиддин Салохович*** – Институт экономики и торговли Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой обществоведения. **Адрес:** г.Худжанд, проспект Исмаила Сомони, 176. E-mail: **siroj1964@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 92-871-39-00**

Information about the author: ***Boboev Sirojiddin Salohovich*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Docent, Head of the Department of Social Studies. **Address:** Khujand, Ismail Somoni Avenue, 176. E-mail: **siroj1964@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-871-39-00**

УДК: 891.550-1:82

ТАСАВВУРИ МАРДУМ ДАР ХУСУСИ ИШҚИ РӮДАКӢ

Исмоилов Ф.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Мавзӯи ишқ яке аз мавзӯъҳои густурда ва маъруфи адабиёти китобиву шифоҳии тоҷику форс маҳсуб мешавад ва дар гузашта асосан ғазал дар ин мавзӯъ иншо мегардид. Баъдтар ғазал дар эҷодиёти шуарои мо мавзӯъҳои мухталифро фаро гирифт. Дар осори шифоҳии халқи тоҷик низ рубоиву дубайтиҳо, суруду таронаҳои зиёде дар ин мавзӯъ суруда шудаанд. Ва мавриди сухан аст, ки инсон бояд воқеан ҳам ошиқ бошад, албатта, ошиқ ба илм, ошиқ ба зебоӣ, ошиқи ҳаёти осудаву табиати зебо ва ғайра. Яке аз талаботи ишқ пок будани он аст, яъне ишқ ва муҳаббати инсон бояд ба ҳар кору ба ҳар кас поку самимӣ бошад. Дар умум, ишқ як эҳсоси олии инсонӣ аст, ки ӯро комил месозад. Ҳатто дарди ишқ ҳам барои ошиқи содиқ гуворо менамояд. Бинобар як эҳсоси ҷовидона ва олӣ будани ишқу муҳаббат, мардумон ба он ҳама вақт эҳтиёҷ доштанд ва дар бораи он фирқ мекарданд. Дар ин мақола мо аз хусуси баъзе ривояту нақлҳои мардумӣ суҳбат мекунем, ки нисбати ошиқии шоири дӯстдоштаашон Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бофтаанд. Ин ривояту нақлҳо, агарчи бофта шуда бошанд ҳам, вале баъзан заминаҳои воқеиро низ доро будаанд.

Як силсила ривоятҳои мардумӣ чеҳраи Рӯдакиро ҳамчун ошиқ ва эҷодкунандаи суруду рубоиёти ошиқона бозтоб намудаанд. Ба ошиқӣ ва покии ишқи Рӯдакӣ шакке нест, зеро аз ашъори барҷомондааш нишонаву эҳсоси муҳаббати самимӣ меояд. Тавре ки адабиётшинос Субҳон Амирзода роҷеъ ба ин масъала менависад: “Ишқи Рӯдакӣ зоҳиран ба ҳамон ишқе, ки тавассути шоирони давраи Сомониён ва Ғазнавиён васф мешуд, монанд аст: яъне ишқ бо ҳамҷинс, ишқ бо канизакони зеборӯй, ки худ харидорӣ карда буданд ва аз ин рӯ, табиӣ аст, ки ин гуна ишқ бо комёбӣ ва комҷӯйӣ, шодӣ ва лаззат ҳамроҳ аст...

Аммо дар адабиёти эҳёии форсизабони қаламрави давлати миллии соҳибистиқлоли Сомониён, нахустин шакли зоҳиршавии ишқи ҳақиқии ҳамҷинсро, ки чун отифа ва шӯру сӯзи дил ҳувайдо шудааст, дар офаринишҳои адабии Рӯдакӣ мебинем. Воқеан, ишқи Рӯдакӣ чунонки худаш гуфтааст, ишқи фарогири хосси асилзодагону озодагон ва родмардон аст. Устод Рӯдакӣ ишқи ҳамҷинсро ба покӣ, иффат ва инсондӯстии воқеӣ табдил кардааст ва аз ин ҷост, ки ишқи Рӯдакӣ дар марҳилаи аввалини офаринишҳои адабиаш, ишқи замони эҳё (ренесанс)- ро ба хотир мерасонад” [3, с.149].

Ҳақиқатан, андешаҳои муҳаққиқ заминаҳои воқеӣ доранд, зеро аз ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаи худи шоир ҳувайдост, ки бевосита таваҷҷуҳи ӯ ба ишқи инсонӣ равона шудааст. Ва ин андешаи моро назари С. Амирзода тақвият медиҳад. Дунёи шоирон ҳамеша бо зебоиву тозагӣ, хаёлоти рангин, андешаҳои ошиқонаву оқилона пайвастагии ногусастанӣ дорад. Шоирон ҳамеша дар мавзӯоти зебоиву покизагӣ, ростиву накукорӣ, ишқи поки инсонӣ, эҳтирому эътиқод ба маҳбуба бо навиштани ашъори ошиқона ақоиди хешро тариқи назм баён мекунанд. Масалан, дар як зумра ғазалу рубоиҳои Рӯдакӣ ишқи поки инсонӣ тарғиб карда мешавад. Масалан, аз ташбеҳоти «монандии рӯй ба хуршед», «фурӯзонии чеҳра ба мисли чароғи оламафрӯз» рубоии зер ишқи самимии қаҳрамони лирикӣ баръало ҳис карда мешавад:

Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод! [1, с.69].

Шоир самимонаву ошиқона сухан мегӯяд ва ишқи ӯ воқеӣ менамояд ва дар мисраи охир иброз медорад, ки агар рӯзе маъшуқаи хешро набинад, барои ӯ он рӯзи хуб нест.

Бояд тазаккур дод, ки мавзӯи ишқ дар ашъори Рӯдакӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар ғазал, рубоиёт, суруду байтҳои ҷудогонаи шоир метавон ишқи поки инсонӣ, яъне ишқи заминии воқеиро ба зудӣ эҳсос ва дарк кард. Чунончи, дар рубоии дигар қаҳрамони лирикӣ бо шунидани номи маҳбубаи хеш хушҳол мегардад ва барои пешвозу иқболи ӯ хурсанду фархунда мешавад:

Номат шунавам, дил зи фараҳ зинда шавад,
Ҳоли ман аз иқболи ту фархунда шавад.
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад [1, с.70].

Забону баёни рубоиёти Рӯдакӣ содаву омафаҳм буда, аз лиҳози муҳтавову баёни андеша ба як зумра рубоиёти адабиёти шифоҳӣ шабоҳат доранд ва матлаберо одӣ ва ҳаётӣ баён мекунанд, ки ин хусусияти халқияти шеъри Рӯдакиро нишон медиҳад. Аз ин ҷост, ки халқ ба ашъори ӯ дилбастагиву муҳаббати зиёд дорад.

Ҳамон гуна, ки дар аввал зикр намудем, мавзӯи асосии ғазал ишқ аст ва бояд гуфт, ки дар қисме аз ғазалҳои бозмондаи Рӯдакӣ низ ишқи инсонӣ ба таври эҳсосоти шоирона баён

ёфтааст. Чунончи, дар ғазали зер шоир зебоиву нозукии маъшуқаро ба гули ёсуман нисбат медиҳад ва зулфони ӯро мушкбор, яъне дорои бӯйи хушу латофати дилкаш арзёбӣ кардааст:

Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро,
Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро.
Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро… [1, с.28].

Ҷойи тааҷҷуб нест, агар Рӯдакӣ ба духтарони зебо ошиқ мешуд ва онҳоро дӯст медошт, зеро шахсе чунин зебоипараст наметавонист зебоии шарифтарин махлуқи Илоҳиро нодида гирад. Ва ин мазмун дар ашъори ошиқонаи худи ӯ зоҳир аст ва ҳамчунон, он дар ривояту нақлҳои мардумӣ бозгӯ шудааст. Бояд тазаккур дод, ки маҳз ашъори ошиқонаи шоир дар ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аксаран марбут ба саргузашти Рӯдакӣ буданд, инъикос ёфтаанд.

Дар осори шифоҳии халқи тоҷик нақлу ривоятҳое ҳастанд, ки дар бораи ишқварзиву зебоипарастии Рӯдакӣ маълумот медиҳанд. Ин бахши ривоятҳо чандон зиёд набуда ва дар се матни ривоят, ки ин ҷо меорем, як масъалаи айёми ҷавонмардиву ишқварзӣ, суруду таронаҳои ошиқона навиштани Рӯдакӣ дар васфи духтарони зебо маълум мегардад.

Яке аз ин ривоятҳо «Дӯстдори духтарони зебо» мебошад, ки дар он Рӯдакӣ ҳамчун шоири ошиқ, эҷодгари сурудҳои ошиқона, тасвиргари зебоиҳои духтарон муаррифӣ шуда, муҳаббати беандоза доштани ӯ нисбат ба духтарони зебо тараннум мегардад. Матни ривоят ин аст:

Рӯдакӣ духтарҳои зеборо дӯст медоштааст ва ҳар гоҳ, ки дар кӯча ё бозор ягон духтари зеборо бинад, дар бораи ӯ ҳатман як шеъри ошиқона мегуфтааст. Рафта-рафта он шеърҳо як китоби калон шудаанд.

Мегӯянд, ки дар айёми пиронсолагияш Рӯдакӣ ин китобро ба яке аз дӯстони наздики худаш туҳфа кардааст. Аммо кӣ будани он дӯсти Рӯдакӣ то ба имрӯз маълум нест [4, с.19].

Симои Рӯдакӣ дар ин ривоят ҳамчун шоири ошиқ, зебоназар, соҳиби суруду таронаҳои ошиқона ва дорои як китоби ба мавзӯи ишқ бахшида ҷилвагар мешавад.

Дар ривояти дигар тахайюлоти халқ дар асоси як рубоии худи Рӯдакӣ баён ёфтааст. Азбаски дар рубоии шоир номи «Каъба» ва «Калисо» истифода шудааст, халқ дар ин асос ва мазмуни рубоии мазкур тахайюлоти худро баён доштааст. Рӯдакӣ дар рубоии хеш таъкид мекунад, ки баъд аз ба ишқи духтари ғайримусалмон гирифтор шудан, калисонишин гардидааст ва сабаби дар байни мардум густариш ёфтани ин ривоят низ ҳамин андешаҳост. Аз эҳтимол дур нест, ки шояд дар замони зиндагии худ Рӯдакӣ бо духтарони зебои рус дар Бухоро, ки маркази илму тамаддун буд, шиносоӣ пайдо намуда, ишқварзӣ ҳам карда бошад. Чунки дар гузашта тоҷирону корвониён аз шаҳре ба шаҳре, аз кишваре ба кишвари дигар барои тиҷорат мерафтанд. Дар ин ривоят Рӯдакӣ шоири ошиқ, ошиқи духтари зебои рус, ҷавони зебоипараст ва хушҳол тасвир меёбад:

Як гурӯҳ тоҷирони рус аз шаҳри Нижний Новгород ба Хоразм бор меоранд. Дар роҳ ба дасти роҳзанҳо меафтанд. Роҳзанҳо ҳамаи молу мулка мусодира мекунану худи онҳоро ҳамчун гулом бозори Бухороба бароварда мефурӯшанд. Баъд устод Рӯдакӣ мераван, ки бисёр як духтари нозанин, хеле зебо қати падараш дар ҳамон ҷо. Баъд бо ҳамон духтар камтар ишқварзӣ мекунанд. Дар ин бора якта рубоешон ҳам ҳаст:

Аз Каъба калисонишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ!
Баъд аз ду ҳазор саҷда ба даргоҳи дӯст,
Эй ишқ, чӣ бегона зи динам кардӣ! [4, с.21].

Дар ривояти дигар тасаввуроти бофтаи мардум оид ба ишқварзии Рӯдакӣ бо духтари амаки худ баён ёфтааст, ки ин масъала тахайюлоти бофтаву афсонавист, зеро ин маълумот дар ягон маъхазҳои илмиву таърихӣ зикр нагардидааст. Инчунин, дар ин ҷо баъзе аз одату анъанаҳои мардумӣ, ба мисли, «таъна задани дигарон ба Робиа» ва «ба хостгории Рӯдакӣ муқобил баромадани падари Робиа» ифода ёфтаанд, ки ин масоил бештар мативҳои хосси афсонаҳои мардумӣ мебошанд. Ривоят чунин аст:

Муллоҳасан духтари амакашона гирифтанӣ мешаван. Амакашон надод. Номи духтар Робиа будас. Як рӯз амаки Рӯдакӣ хароя гирифта ба хоки кӯза рафт. Абдулҳасан пеши духтарои амакашон рафта мегӯд, ки «Ман Бухоро меравам, чиба гуфтагӣ ба додод (падарат – И. Ф.) туя манба надод». Сонӣ як шаш мо гузаштан насби (насаби – И. Ф.) духтара одамо таънаю тибла кардан, ки Абдулҳасан ту кати рухбозӣ (рухсатбозӣ ё духтарбозӣ – И. Ф.) карду нагирифта рафт. Бибиробиа аз ҳамин ҷо Бухоро рафта, Абдулҳасана гирифта, бо гашта ҳамин ватанба омадагӣ. Ин нақла як оштони сиё доштем, пешашба дуд хӯрда мешиштем, биҳомо (бибиҳомо, модарбузургонамон – И. Ф.) нақл мекардан [2, с.45].

Ҳамин тариқ, аз ин осори мардумӣ чунин бармеояд, ки Рӯдакӣ шоири нозукбин, зебоипараст, ошиқи вафодор ва ишқаш поку инсонист. Шоир духтарони зебову покизаро дӯст медорад ва ба онҳо майлу рағбат дорад. Иштиёқаш ба онҳо бештар аст ва шеър гуфтанро дар васфи маҳбубагони зебову нозук меписандад. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз боварҳои мардумӣ ҳаст, ки «агар шахси мусалмон ба духтарони дигар дину ойин ишқварзӣ кунад, аз дини худ бегона мегардад» ва ин маълумот дар ривоятҳои ин бахш ба назар мерасад. Ин

қабил таъбиру боварҳои мардумӣ дар як қатор нақлу ривоятҳо баён ёфтааст, ки яке аз хусусиятҳои ривояту нақлҳои мардумӣ низ дар ҳамин аст. Натиҷаи дигар ин аст, ки дар аксари ашъори Рӯдакӣ низ мавзӯи ишқи инсонӣ табиӣ тасвир ёфтааст ва оммаи васеи хонандагон ҳангоми мутолиаи ашъори шоир аз ин масъала дарки маънӣ карда метавонанд. Ва, албатта, ин бахши ривояту нақлҳои мардумӣ ҳам дар алоқамандӣ бо шеърҳои ошиқонаи худи шоир зуҳур ёфтаанд.

Хуллас, мардуми одӣ ба ҳар роҳ, тавассути нақлу ривоятҳо нақш ва сувари шоири дӯстдоштаашонро дар андешаву назари худ таҷассум менамуданд. Муқоисаи бархе аз ривоятҳо бо мазмуни ашъори шоир нишон дод, ки онҳо ҷанбаи воқеӣ доранд. Аммо чунин ҳам шудааст, ки мардум ҳодисаҳоеро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бофта баровардаанд, ки ҷой доштани бештари онҳо дар ҳаёти ӯ зери шубҳа буд, аммо мардумро зарур буд образи шоири дӯстдоштаи худро ба ҳар навъ ва дар ҳар ҳол таҷассум намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Рӯдакӣ / таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қ. Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 332 с.
2. Камол Айнӣ. Нахустин кӯшиши ҷамъоварии осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ // Камол Айнӣ. Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. Вежаномаи фолклоршиносӣ, соли ҳафтум, шумораи 13, зимистони 2007. – 156 с.
3. Субҳон Амирзода. Рӯдакӣ аввалин шоири миллӣ ва ҷаҳонӣ, (бо ҳуруфи форсӣ); бо кӯшиши дуктур Мустафо Бобохонӣ. – Теҳрон, Интишороти Орван, 1392. – 184 с.
4. Ф. Исмоилов. Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ / Исмоилов Ф. – Душанбе: Истеъдод, 2015. - 30 с.

ТАСАВВУРИ МАРДУМ ДАР ХУСУСИ ИШҚИ РӮДАКӢ

Мақолаи пешниҳодшуда аз ду қисмат иборат аст, ки ба як мавзӯъ бахшида шудаанд ва мақсадашон нишон додани нақши Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар нақлу ривоятҳои мардумӣ мебошад. Ин нақлу ривоятҳо масъалаи ишқу муҳаббат ва муносибати Рӯдакии шоирро ба зебоиву зеборухон ошкор месозанд. Барои ҳаллу фасли ин масъала ва пайдо намудани заминаҳои онҳо муаллиф қисмати аввали мақоларо ба ашъори дастраси Рӯдакӣ, ки дар он ишқу муҳаббати поки инсонӣ, дарки зебоии инсон, тасвири чеҳраи зебои занона ва ғайра дарҷ шудаанд, бахшидааст. Дар қисмати дуюми мақола се ривояти мардумӣ дар хусуси ишқварзии Рӯдакии шоир таҳлил шудаанд. Муайян гардид, ки мардуми одӣ ба ҳар роҳ ва тавассути нақлу ривоятҳо нақш ва сувари шоири дӯстдоштаашонро дар андешаву назари худ таҷассум менамуданд. Муқоисаи бархе аз ривоятҳо бо мазмуни ашъори шоир нишон дод, ки онҳо ҷанбаи воқеӣ доранд. Аммо чунин ҳам шудааст, ки мардум ҳодисаҳоеро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бофта баровардаанд, ки ҷой доштани бештари онҳо дар ҳаёти ӯ зери шубҳа буд, аммо мардумро зарур буд образи шоири худро ба ҳар навъ ва дар ҳар ҳол таҷассум намоянд.

Калидвожаҳо: мардум, нақл, ривоят, Рӯдакӣ, шеър, рубоӣ, ғазал, ишқ, ошиқ, маъшуқа, зебоӣ, ҳунар, эътиқод.

НАРОДНЫЕ ПРЕДАНИЯ О ЛЮБВИ РУДАКИ

Предлагаемая статья разделена на два раздела, посвященных одной теме, цель которых заключается в показе места Абуддуллаха Рудаки в народных легендах и преданиях. Эти те легенды и предания, которые описывают любовь и отношение Рудаки к прекрасному и к очаровательным красавицам. С целью анализа основной темы статьи, автор раскрывает сущность и значения некоторых поэтических примеров из творчество поэта, где воспевается чистая человеческая любовь, восприятие человеческой красоты, красота и изящность женщин и т.п. и т.д. Во второй части статьи проанализированы три народных предания, где описываются отношения Рудаки к любви и любовницам (красавицам). Было выявлено, что обычные люди и простой народ, используя все инструменты, воспевали своего любимого поэта во всех его отношениях. Сравнение некоторых сцен повествований и легенд с поэзией поэта показало, что они составлены на основе реальных событий. Большинство сцен, задуманных народом, не соответствовали реальности, однако люди хотели лечше изобразить своего поэта-героя, используя все возможные пути и методы.

Ключевые слова: народ, предание, легенда, Рудаки, поэзия, рубаи, газель, любовь, любовник, любовница, красота, талант, вера.

FOLK LEGENDS ABOUT RUDAKI LOVE

The proposed article is divided into two sections devoted to one topic, the purpose of which is to show the place of Abuddullah Rudaki in folk legends and traditions. These are the legends that describe the love and attitude of Rudaki to the beautiful and to the charming beauties. With the purpose of analyzing the main topic of the article, the author reveals the essence and meanings of some poetic examples from the poet's work where pure human love is sung, the perception of human beauty and the beauty and elegance of women is described and etc. etc. In the second part of the article, three folk legends are analyzed, where Rudaki's relationship to love and mistresses (beauties) is described. It was found that ordinary people and using all the tools described their beloved poet in all his relationships. A comparison of some scenes of narratives and legends with the poetry of the poet showed that they are based on real events. Most of the scenes conceived by the people did not correspond to reality, but people wanted to sing and depict their poet-hero more and more, using all the ways and methods.

Key words: people, narrative, legend, Rudaki, poetry, rubai, ghazal, love, lover, mistress, biuety, talent, belief.

Сведения об авторе: ***Исмоилов Фаридун*** - Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ, научный сотрудник. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 21. Тел.: **(+992) 93-402-62-44**

Information about the author: ***Faridun Ismoilov*** - Institute of Language and Literature. Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan, Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 21.
Tel.: **(+992) 93-402-62-44**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 654.19 (075.8)

РАДИОПЕРЕДАЧИ «КЫРГЫЗ РАДИОСУ» ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ 1990-Х ГОДОВ

Султанова Ж.О.
Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина

Вторая половина 1990-х годов ознаменовалась для кыргызской радиожурналистики трансформацией общественно-политических и просветительских воззрений. Возрождение внимания к истории и культуре народа проявляется в продолжении целенаправленного информирования и воспитания. При этом «стали публиковаться документы, недоступные ранее даже специалистам. Наблюдался всплеск интереса к публицистическим произведениям и документальной прозе.

Ослабление цензуры вызвало бурный поток публикаций на ранее запретные темы» [2, с.22]. Причём публицистические программы в этом случае приобретают своеобразные особенности в соответствии с непосредственной тематикой передачи:

1) Один из выпусков художественно-публицистической радиопрограммы «Улуу мурас» («Великое наследие») – это повествование о жизни и творчестве широко известного дагестанского поэта, прозаика, переводчика, публициста и политического деятеля Расула Гамзатова [4]. Автор Элмира Ажыканова начинает передачу со знакомства слушателя с культурой героя программы. Она говорит о том, что Дагестан населяют говорящие более чем на сорока языках разных коренных народов, одним из которых являются аварцы – очень талантливые, разносторонние и жизнерадостные люди. Они весьма красноречивы, с чувством юмора, поощряют вовремя и в точку сказанное слово, высоко ценят певцов, поэтов, искусно играют на своих национальных инструментах, будучи немногочисленным народом, уважают и любят свой родной язык, относятся к нему очень бережно, воспевают свою природу. И вот в одном из аулов под названием Цада («Огонь») Хунзахского района Дагестана в семье Гамзата Цадасы, народного поэта Дагестана, 8 сентября 1923 года рождается Расул Гамзатов. Тогда Цада состояла из семидесяти дворов, была такой родной для каждого из её жителей, в том числе и для будущего поэта. О своей родной земле Р. Гамзатов пишет с безумной любовью в своей книге «Мой Дагестан». Колыбельная матери, советы отца стали для поэта отправной точкой, стержнем всего его последующего творчества. Но прежде чем углубляться в изучение непосредственного творчества Р. Гамзатова, ведущая предлагает рассмотреть краткую общую историю дагестанской литературы. Многие поэты начала XX века посвящали свои стихи темам свободы и равенства, за что были гонимы представителями власти. Обретя относительную свободу после Великой Октябрьской революции, такие поэты, как Сулейман Стальский и Гамзат Цадасы возродили народное литературное, культурное наследие, продолжателем дела которых можно считать Расула Гамзатова. Своим мнением по поводу творчества дагестанского писателя делится известный литературовед, доктор филологических наук, поэт и критик Салижан Жигитов. Р. Гамзатов стал известен сначала Дагестану, а затем и всему СССР благодаря переводам своих произведений на русский язык. Было несколько предпосылок того, почему Р.Гамзатов стал настолько популярен. Во-первых, получил надлежащее воспитание в семье, где и отец был поэтом, во-вторых, хорошее образование в Литературном институте им. А.М. Горького в Москве, в-третьих, очень много путешествовал, расширяя свой кругозор, в-четвёртых, был любимцем советской власти. С. Жигитов называет Р. Гамзатова человеком искренним, с отличным чувством юмора, открытым и всегда готовым идти на контакт, личностью с большой буквы, с добрым сердцем. В продолжение темы Э. Ажыканова подчёркивает, что Р. Гамзатов знаком с русской литературой с детства, и она наряду с другими мировыми литературами стала для него источником бесконечного вдохновения. И теперь уже без Расула Гамзатова нельзя представить дагестанскую литературу. Его стихи наполнены открытостью, глубиной, неожиданными поворотами сюжета, именно этим он и увлекает своего читателя. К прослушиванию предлагаются переведенные на кыргызский язык стихотворения Р. Гамзатова из его сборника «Высокие звёзды». А книга «Мой Дагестан» раскрывает жизнь, судьбу Дагестана в целом, именно благодаря творчеству героя передачи весь мир смог узнать о том, что такое Дагестан, какие там царят законы и обычаи.

2) В радиопублицистическом произведении «XX кылымдын трагедиясы» («Трагедия XX века») [5], вышедшем в эфир в 1999 году, рассматриваются самые кровавые, трагические

события уходящего XX века. Программа имеет подразделы, первой темой является восстание 1916 года в Кыргызстане. В литературно-художественной форме передаются страдания, блуждания людей в холоде и голоде, их незавидное состояние, когда они, загнанные в угол, бежали из страны. Причём художественное повествование перемежается зарисовками, изображающими трагические сцены из бытовой повседневной жизни людей в изгнании, когда чтобы не останавливаться, они оставляли даже беременных женщин, которым было тяжело передвигаться. Люди, потерявшие всё, и прежде всего, себя, чуть не потерявшие свою родину, землю – вот чем, с точки зрения автора, для кыргызского народа обернулось восстание 1916 года. И ведущая задаётся риторическим вопросом о том, задумаются ли сегодняшние молодые люди с летящей походкой, сидящие за рулём автомобиля о том, что такое восстание. И в качестве наставления высказывается мнение, что молодёжь должна знать историю своего народа и помнить ужасные кровавые дни, испытания, через которые пришлось пройти, чтобы дожить до этого дня. Двадцатые годы XX века характеризуются началом нового этапа в жизни кыргызского народа, когда с приходом советской власти начался процесс ликвидации неграмотности, строились школы, местное население начало просвещаться, у людей появилась надежда на лучшую жизнь. Но ещё одна беда нависла над страной – сталинские репрессии (1930-1950-е гг.). Вся активная только что зарождавшая новая интеллигенция, а именно: молодые политики, учёные, поэты и писатели, готовые служить на благо своей родины, оказались под ударом. Так, были репрессированы, к примеру, видный государственный и политический деятель Жусуп Абдрахманов, учёный, поэт и государственный деятель Касым Тыныстанов, партийный работник Төрөкул Айтматов и учёный-филолог, писатель и просветитель Ташим Байджиев, и это только несколько известных имён, а таких были сотни. Для небольшой республики потеря таких видных, образованных и прогрессивных людей стало большим несчастьем. Ведь не было известно даже место их захоронения, всё держалось в тайне. Но его нашли, и знаменитый писатель Чингиз Айтматов, отец которого захоронен здесь, дал название этому месту (теперь оно превратилось в мемориальное кладбище) - «Ата-Бейит» («Памяти отцов»). В продолжение программы полностью даётся выступление Ч. Айтматова, имевшее место на открытии данного мемориального кладбища. Самой великой трагедией XX века называют Вторую мировую войну. Для Советского Союза – это Великая Отечественная война. Киргизия потеряла около полумиллиона своих граждан в этой войне. В художественной форме воплощается мысль о том, что молодые сердца героев остановились, не познав любви и счастья, но они пали за родину, за свободу. Дальше звучит песня, поющаяся от имени детей отцам, которые остались на поле боя. Не имевшие ни о чём представления молодые ребята, которые в жизни до этого не держали в руках оружия, не боялись войны, они о ней ничего не знали – боялись их родители, предчувствовали, что многие не увидят больше своих сыновей. Упоминается подвиг Чолпонбая Түлөбердиева, ушедшего на фронт в 19 лет и закрывшего своим телом амбразуру вражеского дзота. Ему посмертно присудили звание Героя Советского Союза. Даётся короткая постановочная аудиозарисовка, демонстрирующая взаимовыручку и доблесть советских солдат. И так пришла долгожданная победа – праздник со слезами на глазах. В качестве заключительной трагической даты даётся межнациональный конфликт, произошедший в Оше в 1990 году. По мнению исследователей, конфликт между братскими кыргызским и узбекским народами был спровоцирован неизвестной третьей стороной. Начало последнего десятилетия XX века принесло немало испытаний. Ведущие выражают надежду на то, что трагедии уходящего века послужат для многих уроком, и такие ситуации повторяться не будут. Анализируя все трагические моменты в истории Кыргызстана, данная радиопрограмма выполняет просветительско-воспитательную функцию, что очень важно, особенно если это касается знаковых дат и событий такого масштаба.

Изученные публицистические радиопередачи различны по своей тематике и способу подачи информации. Но есть весомый объединяющий фактор, и он состоит не только в том, что каждая из них перерабатывает и передаёт проанализированную информацию слушателю. Ведь дело происходит в эпоху больших перемен, «подвешанного состояния». Государство переходит от социалистических к капиталистическим ценностям, когда прошлое безвозвратно потеряно, а будущее туманно и призрачно. И эти программы стараются доказать аудитории, что люди, несмотря ни на что, всегда будут обладать главным богатством – своим культурным и историческим наследием, которое всегда является константой для всестороннего развития на пути к прогрессу.

Зачастую подобные «культурные увещевания» аудитории происходят с опорой на жизнеописании национальных кумиров (исторических или мира искусства), поскольку именно их судьба, творческий путь становятся отражением эпохи, уклада жизни целого народа. Ярким

подтверждением активной работы «Кыргыз радиосу» именно в этом направлении является следующий радиоматериал:

В радиопередаче «Элдик мурастар» («Народное наследие») [6] акын-импровизатор народный артист Кыргызской Республики Тууганбай Абдиев рассуждает о культурном наследии кыргызского народа. Передача выстроена как непринужденный монолог главного действующего лица, т.е. акына, в котором он вспоминает самые основные вехи развития культуры. Свой монолог Т. Абдиев выстаивает на воспоминаниях, смешных случаях из жизни своего старшего товарища акына-импровизатора народного артиста Киргизской ССР Ысмайыла Борончиева. Первый случай связан с декадой кыргызского искусства и литературы, которая проходила в Москве в 1939 году. Рассказывая смешные случаи из жизни старшего коллеги, Т. Абдиев во всех деталях воспроизводит смешные импровизации Ы. Борончиева на комузе. С одной стороны, он упрощает их подачу, чтобы современной аудитории было легче воспринимать и понимать то, что было смешно в далеком прошлом, с другой – сохраняет их самобытность путём сохранения всех нюансов речи, интонаций. Стоит сказать о том, что это было очень важно, так как акыны создавали свои песни (текст и мелодию), импровизируя в форме песенного речитатива под аккомпанемент комуза. Акын должен был обладать наблюдательностью, острой памятью, артистическим дарованием. Живая мимика, особая выразительность слов, изобретательное обращение с комузом (акын помахивает ею над головой, окручивает вокруг туловища), «обыгрывание» костюма (шапки, рукавов и т. д.) придавало выступлениям акынов характер театрального зрелища. Искусство акынов было устным творчеством, а зачастую носило и одноразовый характер. Акын, часто полностью импровизирует, реагируя на какие-либо явления в обществе или на обстановку на всенародных праздниках и т.д. [10]. И поскольку акыны-импровизаторы находились в большинстве своём в местах массового скопления людей, то, соответственно, и непридуманных, возможно где-то приукрашенных, веселых, смешных, ироничных историй из жизни у них было предостаточно. Пересказывая всё то, чем делился с ним Ы. Борончиев, Т. Абдиев в данной программе переходит в разряд сказителей, становясь таким образом коммуникатором, а именно: связующим звеном между источником информации и аудиторией. А обладание теми же навыками, что и Ы. Борончиева, т.е. возможность исполнения его импровизаций, придаёт Т. Абдиеву ещё большую ценность в этом качестве. Ведь в данной радиопрограмме он сам, являясь уже легендой, делится случаями из жизни другого легендарного акына. Поучительный посыл данной передачи очевиден – ведь Ысмаил Борончиев в своё время делился своими историями с Тууганбаем Абдиевым, как с младшим коллегой, продолжателем общего дела, а он, в свою очередь, «передаёт» свои воспоминания слушателям, чтобы наследие, прежде всего, то, что касается устного народного творчества, было сохранено, передавалось из поколения в поколение. Таким образом, данная радиопередача является примером информации почти «из первых уст». Это был очень важный момент в развитии СМИ в целом и радио в частности, особенно если мы ведём речь о кыргызском языке, потому как устная форма передачи информации издревле является традиционной. Получается, что теперь она получила возможность трансформироваться в форму массовой коммуникации.

Если продолжить анализ материалов рассматриваемого периода, можно сказать о том, что художественное чтение не так популярно на «Кыргыз Радиосу» постсоветского периода, как это было в 60-е, 70-е годы XX века, но всё же благополучно живёт и не теряет актуальности, поскольку, если говорить о произведениях на языках межнационального общения (к примеру, о книгах на русском языке), то они уже находят новые формы выражения и распространения, которые появляются с началом процесса развития технологий. А тексты на кыргызском языке имеют свою определенную аудиторию, в частности, в регионах страны, куда порой проблематично доставить даже печатные книги. Именно поэтому в этом контексте радио в качестве одного из самых доступных СМИ берёт на себя немаловажную функцию ознакомления аудитории с произведениями кыргызскоязычных авторов.

Одним из таких авторов является Роза Рыскелдинова. Её произведение под названием «Бир тал роза» («Одна роза») [3] стало ярким примером короткого рассказа, в центре которого находится история одного романтического свидания двух молодых людей - парня Давлеса и девушки Ырыс. Они знакомы три месяца. Ей двадцать шесть, ему около тридцати. В этом случае в плане романтических отношений их, конечно, нельзя однозначно отнести к совсем уж молодым. Сюжет, основываясь на классической структуре «завязка – кульминация – развязка», посвящён не столько взаимоотношениям мужчины и женщины, сколько нравам всего общества в изучаемый период времени. К примеру, начинается всё чинно и благородно, когда Давлес, как юноша, с благоговением ждёт свою возлюбленную в скверике. В руках у него томик Паустовского, который он обещал принести Ырыс. Есть один нюанс: до встречи с Ырыс друзья

немного подпоили Давлеса, переносит он алкоголь не очень хорошо. Вот она подходит, они здороваются, и перед походом в кино они решают пойти поесть, причём Ырыс предлагает кафе, а Давлес в качестве широкого жеста настаивает на ресторане. Они идут туда, по дороге около кинотеатра «Ала-Тоо» Давлес замечает торговцев цветами, покупает большую красную розу и преподносит его своей спутнице. В ресторане автор описывает его внутренний интерьер, атмосферу. Там много свободных мест, только несколько занятых столов. Несколькими штрихами Р. Рыскелдинова показывает нам окружающих людей – неподалеку сидят трое: женщина постарше, чуть моложе и парень. Та, что постарше, говорит второй: «Ты не найдёшь такого человека, он богат, и характер у него ангельский», - непонятно говорят ли они о сидящем рядом с ними парне или о ком-то другом. Ещё за одним столом сидит шумная компания – они, чокаясь шампанским, активно кого-то с чем-то поздравляют, навеселе, ничем не обременёны. Запах сигарет и алкоголя всегда влиял на Давлеса отрицательно, это опьянило его ещё больше, а в таких ситуациях он начинает вести себя раскрепощенно, если не сказать развязно. Разозлившись на официантку, которая долго не подходила к их столику, чтобы принять заказ, Давлес в гневе начал чуть ли не стучать по столу, чем, сам того не замечая, поставил в неловкое положение Ырыс. При выходе из ресторана девушка заявила, что в кино они не пойдут, но вызвалась проводить Давлеса до дома. Он спорить не стал, а когда они дошли до его дома, он сказал, что мама уехала в село, и предложил подняться к нему, чтобы ещё побеседовать. В квартире Ырыс заметила ужасный беспорядок: «Не похоже, что он живёт с мамой, как он говорил», - подумала она. Через некоторое время неловкого молчания, Давлес, сев рядом с девушкой, стал приставать, крепко сжав её в объятиях и пытаясь поцеловать. Она хотела вырваться, но у неё долго не получалось это сделать. И только через некоторое время, услышав на вопрос: «Ты хочешь уйти?» обречённый ответ: «а куда мне деться», Давлес разжал объятия, и Ырыс быстро побежала к выходу. Молодой человек ринулся за ней, но догнать не успел, на улицу выходить не стал, вернулся в комнату и упал на диван. Утром он с трудом проснулся, встал, умылся, и, вернувшись в комнату, увидел лежащую на столе красную розу. Когда он небрежно взял её со стола, её увядающие лепестки упали на пол – Давлес вспомнил весь вчерашний день. Он швырнул на пол стебель розы, лишившейся лепестков, которая ещё вчера была так красива и полна жизни, и в тяжелых раздумьях сел на диван... Красная роза в данном рассказе является символом человеческих отношений, которые совсем нелегко построить и так легко сломать. Фоном истории Давлеса и Ырыс стала действительность на стыке советского и нового времени в преддверии демократических перемен. Пьяные люди за соседним столиком в ресторане, советы старших подруг по поводу удачного замужества, и, наконец, неоправдавшиеся ожидания и надежды от казавшихся столь безоблачными отношений, как с одной, так и с другой стороны – всё это бытовые моменты из жизни среднестатистических граждан в эпоху перемен. Хотя рассказ «Бир тал роза» был написан гораздо раньше, и нами рассмотрена далеко не первая его ротация на «Кыргыз радиосу», актуальности эта история не теряет, так как несёт в себе воспитательную функцию, позволяя людям взглянуть на себя, на свои поступки со стороны.

Таким образом, можно сказать о том, что во второй половине 1990-х годов вслед за умеренной экономической стабилизацией, установились и некие культурно-просветительские ориентиры.

Исследование радиопрограмм конца XX века приводит к выводу, что исторические и, прежде всего, политические изменения для Кыргызстана не прошли даром. За последние сто лет кыргызский народ успел не раз потерять и снова приобрести надобность в своей национальной культуре. Национальная самоидентификация стала центральной идеей получившего независимость в начале 1990-х годов Кыргызстана. Однако в течение всего последнего десятилетия XX века перед республикой стояла диллема возрождения и дальнейшего развития своей культуры не в ущерб интересам национальных меньшинств. Соблюсти этот баланс в многонациональном государстве очень нелегко, поэтому данная проблема в стране сохраняется по сей день. К примеру, многие исследователи считают, что «перестройка стала открытой фазой, этапом радикальной порчи, почти разрушения» [1]. Было горько осознавать, что в изучаемый период времени «чудовищные перекосы в системе распределения привели к падению статуса многих массовых интеллектуальных профессий…» [8, с. 53]. Академик В.М. Плоских пишет: «Научное изучение культурного наследия имеет относительно недолгую историю. Как научный термин и как научная проблема культурное наследие зародилось в конце 40-х – начале 50-х годов XX века. Возможно, главной причиной стал глубокий общечеловеческий шок, каким стала – Вторая Мировая война, сопровождавшаяся массовым разрушением, геноцидом и перемещением культурных ценностей. Когда стало возможным разрушение важных историко-культурных и архитектурных объектов,

религиозных помещений, уничтожение и осквернение различных святынь и мест преклонения. Когда пострадали частные коллекции, национальные и мировые историко-культурные ценности» [7]. Он говорит о том, что «отправной точкой законодательства по сохранению культурного наследия Кыргызстана является европейское законодательство – Конвенция ЮНЕСКО 1972 года. Напомним, что Кыргызстан ратифицировал её в 1995 году, чем фактически утвердил использование самого понятия «наследие», а также те политические изменения, которые повлекли за собой пересмотр государственной культурной политики, в том числе по отношению к культурному наследию» [Там же]. То есть в Кыргызстане официальное, законодательное «восприятие» культуры произошло именно во второй половине 1990-х годов. Именно в это время перед СМИ встала более чёткая задача «систематически и целенаправленно освещать социально-экономическую и культурную жизнь республики, всячески содействуя развитию политической и экономической активности граждан республики, обращая особое внимание на отзывы аудитории» [9]. Процесс интерпретации культуры был запущен в этот период времени. И к началу миллениума в сфере определения духовных ценностей и ориентиров наступила относительная стабильность. «Кыргыз радиосу» продолжало вещание в штатном режиме, культурно-просветительские радиопередачи обрели «своё независимое лицо».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Кара-Мурза С. Потерянный разум. Интеллигенция в перестройке: отход от норм рационального мышления / С.Кара-Мурза [Электронный ресурс]. URL: http://polbu.ru/karamurza_lostmind (дата обращения: 05.03.2014).
2. Кузьмина В.М. Ценностные приоритеты творческой интеллигенции в период трансформации социальной структуры общества в 1990-е гг / В.М. Кузьмина // Общество: социология, психология, педагогика – 2014. –№ 1. – С. 20-24.
3. Кыргыз Радиосу. – 1997. –№651.
4. Кыргыз Радиосу. – 1998. – Улуу мурас. Р. Гамзатов.
5. Кыргыз Радиосу. – 1999. –№1519.
6. Кыргыз Радиосу. – 1999. –№2358.
7. Плоских В.М. Национальное культурное наследие: проблемы сохранения и использования/ В.М. Плоских // Pandia [Электронный ресурс]. URL: http://pandia.ru/text/77/156/22261.php (дата обращения 14.01.2018).
8. Разуваева Н.Н. Особенности социального развития общества во второй половине 1980-х – начале 1990-х годов // Magistra Vitae: электронный журнал по историческим наукам и археологии – 1994. –№ 1 (7). –С. 46-56.
9. Чернов Ф.М. Исторические и социально-политические аспекты становления и развития радио и телевидения в Кыргызстане: автореф. … дис кандидата исторических наук / Ф.М. Чернов. – Бишкек, 2010. dissercat. [Электронная библиотека диссертаций] URL: http://www.dissercat.com/content/istoricheskie-i-sotsialno-politicheskie-aspekty-stanovleniya-i-razvitiya-radio-i-televideniy (дата обращения 17.01.2018).
10. Энциклопедия театра [Электронный ресурс]. URL: http://enc.vkarp.com/2010/06/25/%D0%B0-%D0%B0%D0%BA%D1%8B%D0%BD/ (дата обращения 21.01.2018).

РАДИОШУНАВОНИИ "ҚИРҒИЗ РАДИОСУ" ДАР НИМАИ ДУЮМИ СОЛҲОИ 1990-УМ

Дар мақола хусусиятҳои барпо намудани барномаҳои "Қирғиз радиосу" дар нимаи дуюми солҳои 1990-уми асри XX изҳори назар карда шудааст. Бо омӯхтани ин ё он барномаҳои радиоӣ бо забони қирғизӣ тамоюли ташаккулёбии консепсияи нави ҷаҳонбиниро, ки дар зиндагии иҷтимоии мардуми қирғиз падид меояд, метавон пай бурд. Бедоршавии диққат нисбат ба таърих ва фарҳанги халқ дар давоми ахборотдиҳии мақсаднок ва тарбияи ҷамъият ба вуҷуд омад. Барномаҳои публитсистӣ дар ин ҳолат хусусиятҳои ба худ хосро дар ҳамбастагии бевоситаи мавзӯи барнома касб мекунанд. Дар нимаи дуюми солҳои 1990-ум дар пайравии батанзимдарории иқтисодиёти муътадил баъзе нишонаҳои фарҳангиву маърифатпарварӣ ба вуҷуд омад. Аз таҳлили барномаҳои радиоии охири асри XX метавон ба хулосае омад, ки тағйироти таърихӣ ва, пеш аз ҳама, сиёсӣ барои Қазоқистон бефоида нагузашт. Дар сад соли охир халқи қирғиз на як бор аз рӯйи эҳтиёҷот фарҳанги миллии худро аз даст дода, боз барқарор намуд. Баробаркунии миллӣ ақидаи марказии ба даст овардани истиқлолият дар солҳои 1990-ум гардид. Бояд қайд кард, ки дар давоми дах соли охири асри XX дар назди ҷумҳурӣ масъалаи мушкили тараққиёти минбаъдаи фарҳанги худ, ки ба хостаҳои ақаллияти миллӣ зараровар набошад, ба вуҷуд омад. "Қирғиз радиосу" пахшкунии барномаҳои радиоии фарҳангиву маърифатиро дар тартиботи штатӣ давом дода, "симои худро" ёфт.

Калидважаҳо: радиожурналистика, радио дар Қазоқистон, хусусиятҳои сохторӣ, давраи гузариш, барномаҳои радиоӣ, радиопублитсистика, солҳои 1990-ум.

РАДИОПЕРЕДАЧИ «КЫРГЫЗ РАДИОСУ» ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ 1990-Х ГОДОВ

В статье рассматриваются особенности построения передач «Кыргыз радиосу» второй половины 90-х годов XX века. Изучая те или иные радиопередачи на кыргызском языке, можно выявить тенденции формирования новой мировоззренческой концепции, складывавшейся в кыргызстанском социуме. Возрождение внимания к истории и культуре народа проявляется в продолжение целенаправленного информирования и воспитания общества. Публицистические программы в этом случае приобретают своеобразные особенности в соответствии с непосредственной тематикой передачи. Во второй половине 1990-х годов вслед за умеренной экономической стабилизацией, установились и некие культурно-просветительские ориентиры. Исследование радиопрограмм конца XX века приводит к выводу, что исторические и, прежде всего, политические изменения для Кыргызстана не прошли даром. За последние сто лет кыргызский народ успел не раз потерять и снова приобрести надобность в своей национальной культуре. Национальная самоидентификация стала центральной идеей получившего независимость в начале 1990-х годов Кыргызстана. Однако в течение всего последнего десятилетия XX века перед республикой стояла диллема возрождения и дальнейшего развития своей культуры не в ущерб интересам

национальных меньшинств. Процесс интерпретации культуры был запущен в этот период времени. К началу миллениума в сфере определения духовных ценностей и ориентиров наступила относительная стабильность. «Кыргыз радиосу» продолжало вещание в штатном режиме, культурно-просветительские радиопередачи обрели «своё лицо».

Ключевые слова: радиожурналистика; радио в Кыргызстане; структурные особенности; переходный период; радиопрограммы; радиопублицистика; 1990-е годы.

RADIO PROGRAMS OF "THE KYRGYZ RADIO" IN THE SECOND HALF OF THE 1990s

The peculiarities of the construction of the programs of "the Kyrgyz radio" in the second half of the 90s of the XX century are considered in the article. Studying some or other radio programs in the Kyrgyz language, it is possible to identify trends in the formation of a new worldview concept that has evolved in the Kyrgyz society. The revival of attention to the history and culture of the people is manifested in the continuation of a purposeful informing and educating society. Publicistic programs in this case acquire peculiar features in accordance with the direct themes of the transfer. In the second half of the 1990s, after a moderate economic stabilization, some cultural and educational guidelines were also established. A study of radio programs of the late 20th century leads to the conclusion that historical and, above all, political changes for Kyrgyzstan were not in vain. Over the past hundred years, the Kyrgyz people managed to lose more than once and again to acquire the need for their national culture. National self-identification became the central idea of independence in the early 1990s of Kyrgyzstan. However, throughout the last decade of the 20th century, the republic faced a dilemma of revival and further development of its culture, not at the expense of the interests of national minorities. The process of cultural interpretation was launched in this period of time. By the beginning of the millennium in the sphere of determining spiritual values and landmarks, relative stability has come. "the Kyrgyz radio" continued broadcasting in the regular mode, cultural and educational radio programs acquired "their own face".

Key words: radio journalism; radio in Kyrgyzstan; structural features; transitional period; radio programs; radio publicism; the 1990s.

Сведения об авторе: ***Султанова Жыпар Оморовна*** - Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 720000, Республика Кыргызистан, г. Бишкек, ул. Киевская, 44. Тел.: **(+996 312) 66 24 27; (+996) 702 332263 (моб.)**. E-mail: **jeep502@inbox.ru**

Information about the author: ***Sultanova Zhypar Omorovna*** - Kyrgyz-Russian Slavic University named after B. N. Yeltsin, Ph.D in Philology, assistant professor of "International journalism" department. **Address:** 720000, Republic of Kyrgyzstan, Bishkek, Kievskaya str. 44. Tel.: **(+996 312) 66 24 27; (+996) 702 332263 (mob.).** E-mail: **jeep502@inbox.ru**

УДК: 9 (575, 3)

АНДЕШАҲОИ ҶАДИД ДОИР БА ЗАМИНАҲОИ НАШРИ РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Атоев М.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» аз масоиле мебошад, ки муҳаққиқон аз ҷумла,Раҷабов З., Усмонов И., Давронов Д., Самад В., Гулмуродзода П., Муродов М., Набавӣ А., Расулиён Қ., Ғаффоров Н., Зайниддинов М., Шарифзода Қ., Н. Ковиёнӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бо ин вуҷуд ҳамоно ҳастанд нуктаҳое, ки пажӯҳиши амиқу жарфтарро тақозо менамоянд.

Руҷуъ ба осори таълифшуда нишон медиҳад, ки муҳаққиқон нашри нахустрӯзномароба ташаннуҷи авзои Русияи подшоҳӣ, инқилобҳои Эрон, Афғонистону Туркия ва амсоли инҳо рабт додаанд, вале дар шароити буҳрони сиёсию маънавии Аморат як ё ду рӯйдодро ба нашри «Бухорои шариф» сабаб донистан дар маҳдудаи сунъӣ нигоҳ доштани таърихи матбуоти як миллат аст.

Таҳқиқи сарчашмаҳои аввалия ба монанди осори устод Айнӣ, навиштаҳои шарқшиноси рус Умняков И.,осори академик Раҷабов З. ва дигар манбаъҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки то нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» мардуми Аморатаз ҷумла, тоҷирону сайёҳон ва баъзе аз мударрисон ҳарчанд бо бадмазҳабӣ муттаҳам мешуданд, вале ба нашрияҳои «Қонун», «Тарҷумон», «Вақт», «Шӯро», «Ҳабл-ул-матин», «Сироҷ-ул-ахбор-афғония» ва дигар рӯзномаву маҷаллаҳои туркӣ-тоторӣ варусӣ обуна будаанд. Дар ин бора устод Айнӣ менависад: «ҷаридаи «Тарҷумон» авоили интишораш дар Бухоро се нафар хонандаи маълум дошт: Ҳоҷӣ Бӯрибек-Афандӣ, мулло Мирхони Порсозода, Қорӣ Бурҳони сарроф. Азбаски ҷарида хондани ин се нафар ба аҳолӣ маълум буд, инҳоро мардум ба бобигарӣ ва бадмазҳабӣ иттиҳом мекарданд» [1, с.30]. Нишондоди устод Айнӣ собит мекунад, ки ҳар нафаре, ки хирад ва ҷаҳонбинӣдоштаастба рӯзнома на чун омили куфр, балки ҳамчун манбаи иттилоъ рӯй овардааст. Новобаста аз масоили идеологию

сиёсӣ, ҳатто «Қозӣ Мир Бадриддини қозикалон ҳам яке аз хонандагони ҷаридаи «Тарҷумон» гардид» [1, с.30]. Ин нашрия новобаста аз вақту замон, туркӣ будани забонаш ва дар хориҷ ба табъ расидани он дар як муҳлати кӯтоҳ тавонист, ки шумори обуначиёнашро дар ҳудуди Туркистон ба 200 нафар расонад [6, с.337].

Масъала ин аст, ки дар баробари монеаҳо мардум ба нашрияҳо рағбат пайдо намуда, боҳар роҳу василаи имкон рӯзномаҳои мухталифро дастрас мекарданд. Ҳатто рӯзномаи «Қонун», ки соли 1890 аз ҷониби эрониҳои машрутахоҳи Англия ба табъ расида буд, дар Бухоро паҳн мешуд. Ҳарчанд рӯзнома соли 1892 аз нашр монд, вале «равшанзамирони пурдардуалами бухорӣ аз маводи пурсӯзу гудози ватанхоҳонаи «Қонун» бехабар ва бебаҳра намондаанд» [2, с.140].

Таблиғоти пайвастаи дарбориён намегузошт, ки мардум мустақиман ба рӯзнома рӯй биоваранд. Табиист, ки барои исботи куфр набудани рӯзнома ва «бадмазҳаб» нашудани рӯзномахонҳо бавуҷуд омадани таконҳои пайдарпай лозим буд.

Пажӯҳиш собит менамояд, ки ҷанги соли 1904, ки миёни Русия ва Ҷопон оғоз гардидбо навгониҳои техникаи ҷангӣ чун унсури таҳаввул таваҷҷуҳи мардуми Бухороро ҷалб намуд. Ин воқеа ҳамчун такони ҷиддӣ, боис гардид, ки мардумба рӯзномаҳо наздиктар шаванд. Дар ин хусус устод Айнӣ навиштааст: «вақте ки муҳорибаи Рус-Ёпун сар шуд, хонандагони ҷаридаи «Тарҷумон» дар Бухоро зиёд гардид, дар баъзе хонадонҳо ҷаридаҳои русӣ низ қироат меёфт» [1,с.140].

Воқеаҳои ҷанг матбуотро дар Бухоро ба таври комил машҳур намуд. Рӯзномахонӣ то долонҳои Аморат ва ҳуҷраҳои мадорис расид. Яъне, ҷанги Русия ва Ҷопон, чун такони бузург, нашрияҳоро ба оммаи халқмуаррифӣнамуд васобит гардид, киматбуот ҳеҷ«бобигарӣ ва бадмазҳабӣ»[2] надорад.

Дар масъалаи заминаҳои ташаккули матбуоти тоҷикӣ «пантуркизм» ва ҳаракати «ҷадидия»низ таъсири амиқ дорад, зеро нашрияҳои ба Аморат воридшуда василаи таблиғоти навгароёни Русия, Туркия, Миср, Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон буданд. Ташаккули ин ҷараёнҳо, ки бо арзишҳои исломӣ, иттиҳоди мусалмонони минтақа, рушди фарҳанги исломӣ – туркӣ, вусъати нажоди турк ва донишу маърифат амал менамуд, туркон – мусулмонони Русияро ба мавҷи таблиғоти худҳамроҳсохт. Умняков дар ин хусус чунин навиштааст: «маншаи наҳзати нави мусалмонӣ дар Туркия дар симои ҷавонтуркон, ки нахустин ҷонибдорони ғояҳои либералӣ буданд, зоҳир шуда буд. Онҳо алайҳи сохти давлатдории онвақтаи Туркия, ҳамчунин зидди ҷаҳолат ва ҷудоиҳои миёни мусалмонон … таблиғот мебурданд. Ин ба халқиятҳои мусалмони Русия зуд таъсир намуд» [7, с.81].

Ин ҳаракатҳо дар асл хостори барқарор намудани шаҳомати давлати Усмонӣ буданд. Онҳо иттиҳоди мусулмононро дар атрофи хилофат иқтидори туркон дониста, мехостанд худро ҳокими минтақа гардонанд. Ба ин мақсад, онҳо барои таблиғи ғояҳои худ аз эҳсосоти динию миллӣкор гирифта, аз камбуду норасоиҳо дар ҳаёти мусулмонон сухан мегуфтанд.

Ин ҳадафҳоаз ҷониби тоторҳои Русия хуш истиқбол шуда, натанҳо дар ҳудуди Русия, балки дар манотиқи зери нуфузи он низ паҳн мегардид. Осиёи Марказӣ низ бахше азаҳдофи аслии ин ҳаракатҳо маҳсуб мешуд. Дар ин хусус Умняков навиштааст: «Шароити мусоид боис гардид, ки ҳамаи ҷанбаҳои динию фарҳангии аксари аҳолии мусулмони ғайрибумии Русияи аврупоӣ, Сибир, манотиқи даштӣ ва ҳатто Осиёи Миёна зери таъсири тоторҳо бираванд» [7, с.81]. Талошҳои асосӣ дар ин самтро И.Ғаспаронӣ анҷом медод. Ба пиндори Умняков нашрирӯзномаи «Тарҷумон» ҳам ба хотири паҳн намудани ғояҳои пантуркистӣбудааст. Раҷабов З. низнашрияи «Тарҷумон»-ро чун дастгоҳи таблиғотии пантуркистон дониста, таъкид намуда буд: «газетаи «Тарҷумон»-ро органи марказии пантуркистони Россия ҳисоб кардан мумкин аст» [6, с.376-377].

Вобаста ба муштаракоти нажодӣ, динӣ, таърихӣ ва зиндагию таҳсиле, ки Ғаспаронӣ солҳои 1874-1875 дар Туркия дошт ин назария ба ҳақиқат наздик аст, зеро рӯзномаҳои воридаи пантуркистон, асосан, бо забонҳои туркӣ – торӣ буд, ки аслан, аз шаҳомати нажоди турк мавод нашр мекард. Гузашта аз ин, онҳо хоҳони нашри рӯзнома ба забони тоҷикӣ дар худи Бухоро низ буданд.

Вобаста ба ин Валӣ Самад зикр намудааст, ки 25 декабри соли 1892 аз ҷониби Зоҳир Бегиев – нависандаи тотор, перомуни нашри рӯзнома бо забони форсӣ дар Бухоро ба амир Абдулаҳад дар Растови лаби Дон мактуб супорида шудааст. Ӯ менависад: «нависандаи тотор … аз ҷавоби мактуб умедашро канда, роҳи Бухороро пеш мегирад ва ниҳоят 11 июли соли 1893 дар ҳузури амир ва Остонақул шуда, масъалаи чопи рӯзномаро …ба миён мегузорад. Амир хомӯш мемонад ва Остонақул аз номи ҷаноби олӣ изҳор мекунад, ки «ҳанӯз барои дар Бухоро таъсис намудани рӯзнома заминае муҳайё нест» [2, с.142].

[2]Таъбири устод Садриддин Айнӣ.

Валӣ Самад андешаи ташкили рӯзномаро дар Бухороба Шариф Махдуми Муътасим – яке аз пайравони андешаҳоиАҳмади Дониш рабт медиҳад.Ба пиндори ӯ, Муътасим баъд аз он ки дар Бухоро аз ҷониби амир Музаффар ба қатл маҳкум шуд ба Туркия фирор намуда, он ҷо оила барпо мекунад. Баъд аз реҳлати ҳамсараш «ба воситаи Боғчасарой ба Қазон омада, дар матбааи «Харитонов» ба кор даромад ва китобҳои арабӣ, форсӣ ва туркии чопи Қазонро таҳрир карда, байни аҳли илму адаби Қазон эътибори баландро соҳиб шуд» [2, с.143]. Муҳаққиқ омадани Муътасим ба Қазон ва кор дар нашриёти «Харитонов»-ро ба солҳои 1892-1916 тахмин карда, қаробати Муътасимро бо Бегиев ба он рабт медиҳад, ки «чанд китобаш дар ҳамон матбааи «Харитонов» ба табъ расидааст, шояд бо илтимоси Муътасим масъалаи чопи рӯзномаи форсиро пеши амиру аркони давлати вай гузошта бошад» [2, с.143].

Вобаста ба ин андеша, моро зарур аст, ки ба чанд нуктаи муҳим равшанӣ андозем: Аввалан, соле, ки Зоҳир Яруллоуғли Бегиев ба амир мактуб супорид ва пасон ба Бухоро омада масъаларо пайгирӣ кард (25.12.1892-11.07.1893) дар Қазон матбааи «Харитонов» вуҷуд надошт.Дуюм, ташкил шудани матбааи «Харитонов» ба соли 1896 рост меояд.Сеюм, чопи китобҳои форсию арабӣ дар ин матбаасолҳои 1903-1904ба роҳ монда шуд, ки дар он солҳо З. Бегиев дигар дар қайди ҳаёт набуд.Панҷум, китоби З.Бегиев на аз ҷониби худаш, балки аз ҷониби бародари файласуфаш Мусо Бегиев соли 1908 бо номи «Саёҳати Мовароуннаҳр» ба нашр расонда шуд.

Бо назардошти далоили боло, гуфтан мумкин аст, ки пайгирӣ намудани нашри рӯзнома дар Бухоро аз тарафи З. Бегиев ба Махдуми Муътасим ҳеҷ рабт надорад. Он як талоши пантуркистон барои нашри рӯзнома дар Бухоро мебошад. Яъне пантуркизм ба воситаи рӯзномаву маҷаллаҳо, мактабҳои усули ҷадида ва ҳатто муносибатҳои шахсӣ низ таблиғоти густурдаи миллатгароёна менамуд. Ба таъбири академик Раҷабов З.«Таъсири либералҳои турк-тотор ба ҷадидҳои «Осиёи Миёна» на фақат ба воситаи матбуот, балки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ низ паҳн мегардид» [6, с.375-376].

Ин раванд афкори миллиро миёни равшанфикрони тоҷик низ бедор менамуд, зеро дар саҳафоти рӯзномаҳо масъалаҳои маорифу фарҳанг, иқтисоду тиҷорат, сиёсату иҷтимоъ ва амсоли инҳо низ бозтоб меёфт. Маводи ин рӯзномаҳо алангае дар тафаккури яхбастаи ҷамъияти Бухоро буд.Ҳукумати Аморат аз ин раванд ба ташвиш афтода, хостори пешгирии вуруди нашрияҳо ба Бухоро ва садди роҳи мутолиаи онҳо мешуд. Кӯшишҳои зиёд низ дар ин роҳ натиҷаи дилхоҳ намедод. Чунончи профессор М. Муродов таъкид намудааст:«ҳарчанд мушкилоту монеаҳои муҳити Бухоро, хусусан аморат садди роҳи зудтар таъсис додани нахустрӯзномаи тоҷикӣ мешуданд, аммо таҷаддуди ақидаҳои маорифпарварона, таъсири матбуоти кишварҳои ҳамҷавору ҳамдин тавлиди рӯзномаро («Бухорои шариф»- А.М.) наздик мекарданд» [4, с.8].

Наҷмиддини Ковиёнӣ низ омилҳои беруниро барои вусъати равони иҷтимоию фарҳангии Бухоро истисно намедонад ва мушаххасан воқеаҳои Русия, Эрон, Қафқоз, Афғонистон, Ҳиндустон ва дигар манотиқро таъкид мекунад [4, с.38-39].

А.Набавӣ бошадтаҳаввулоти кишварҳои ҳамҷаворе чун Ҳинду Эрону Туркияро ба заминаҳои ташаккули рӯзномаи тоҷикӣ омил медонад, вале ба масъалае, ки «равандҳои тозаи адабиву фарҳангӣ, публитсистӣ (рӯзноманигорӣ)-ро бо инқилоби аввали Русияи соли 1905 алоқаманд мекунанд» [5,с.18] мувофиқ нест. Ҳарчанд мавсуф дар интиҳои андешаи хеш таъсири «мусбат ва манфӣ» доштани инқилобро инкор намекунад, вале таъсири онро дар пайдо шудани як наҳзати нав аз ҳақиқат берун медонанд. Шарифзода Қироншоҳ низ ба чунин назар аст: «Пайдоиши нашрияҳои ҷадидӣ бо забонҳои мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла «Бухорои шариф»-ро, аксари муҳаққиқони адабиёту матбуоти замони Шӯравӣ ба таъсири инқилоби якуми Русия (соли 1905) марбут донистаанд, ки ба ҳақиқат чандон рост намеояд» [9, с.6].

Вобаста ба ин масъала илова менамоем, ки баъд аз инқилоби соли 1905 дар Русия аз ҷониби ҳукумат Манифест қабул шуд, ки он кори иттифоқҳои касаба, шӯроҳои ҷамоатчигӣ, ҷамъомадҳои коргару деҳқононро қонунӣ гардонда, нашри матбуотро вусъат бахшид. Нашрияҳобо теъдоди зиёд чоп шуда, аз ҳамоишҳои коргарону деҳқонон хабару гузоришҳо нашр менамуданд.

Генерал-губернатори Туркистон низ ҳавасманди вуруди нашрияҳо ба Осиёи Марказӣ набуд,зеро дар ин матбуот музаффарияти коргару деҳқон дар баробари хонадони шоҳӣба таври комил инъикос меёфт. Пантуркистон бошанд ҷанги номуваффақ бо Ҷопон, инқилоби аввали Русия, корпартоиҳои коргарон дар корхонаҳо ватаъсиси иттифоқу ҳаракатҳои иҷтимоиро тариқи матбуот таблиғ менамуданд.

Ин ҷо масъалаи дигар низ пайдо мешавад: матбуоти ба Осиёи Миёна воридшуда аслан, туркию тоторӣ, русӣ ва форсӣ буд. Ҷуз нашрияҳои форсӣ, ҳамагӣ аз бузургии нажоди турк сухан мегуфтанд. Раҷабов З. порае аз мақолаи журнали туркиро, ки дар

бораи тоҷикон аст, намуна овардааст, ки ин андешаро тақвият мебахшад: «Тоҷикон худашон гарчанд эронӣ ва забонашон форсист, аммо мазҳабашон суннӣ мебошад, бо душмании сахти худ бо шиаҳо номашон баромадааст. Симоашон мунтазам ва мутаносиб, занҳояшон дар хушрӯӣ машҳур, боғайрат ва дар кор моҳир, аммо одамони фиребгар ва хулқашон паст мебошанд» [6, с.381]. Ҳамчунин дар китоби «Таърихи матбуоти тоҷик» вобаста ба ин масъала ба чунин ишора вомехӯрем: «нашароти Мунаввар Қорӣ аз ҷумла «Хуршед», ақидаи амиқи зиддитоҷикӣ дошт ва мавҷудияти тоҷиконро дар Осиёи Миёна инкор мекард» [8, с.29]. Яъне матбуоти хориҷа, ки ба Бухоро ворид мешуд,хусусияти шовинистӣ ва зиддитоҷикӣдошт.

Баррасии иҷмолии ин масъала ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳоро ҳосил намоем:

1. Вуруди рӯзномаву маҷаллаҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ раванди табиӣ буда, равшанфикрон инравандро ба таҳрик даровардаанд.
2. Дастраси омманамудани рӯзномаву маҷаллаҳо натиҷаи таблиғоти ҷавонтуркон аст, ки нахуст дар Русия (1884) ва пасон ба воситаи пайравони худ ба Осиёи Марказӣ равона шудааст.
3. Инқилоби аввали Русия (соли 1905) ва эълони манифест барои нашри рӯзномаҳо заминаи ҳуқуқиро фароҳам овард ва ба рушди публитсистика боис гардид.
4. Таҳаввули маорифпарварии Афғонистон, Эрон, Туркия, Ҳиндустонва Миср ҳувияти миллии тоҷикиро бедор кард ваонро ба афкори навин моил намуд.
5. Ҷанги Русияву Ҷопон барои наздик шудани мардум ба матбуот мусоидат кард, зеро рӯзномаҳо аз майдонҳои муҳориба хабару гузоришҳо нашр намуда, диққати аҳолиро ба худ мекашиданд.
6. Рушди афкори тоҷикбадбинӣ, таҳқиру тавҳини миллатва поймол гардидани ҳуқуқҳои таърихиион дар нашрияҳои пантуркистӣ.

Ин воқеаву рӯйдод аз умдатарин масоиле буданд, ки барои таъсиси як рӯзнома бо забони тоҷикӣравшанфикрони Бухороро ба андеша водор намуд.

Бо назардошти масоили мазкур гуфтан мумкин аст, ки «Бухорои шариф», қабл аз ҳама,барои дифоъ аз манфиатҳои миллати тоҷик ва посух гуфтан ба тавҳиноте, ки дар матбуоти пантуркистӣнашр мешуд, рӯйи чоп омадааст. Ин ҳадафҳои аслии нашрияро дар шумораи аввали рӯзномаи «Бухорои шариф» баръало мушоҳида намудан мумкин аст: «ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад гӯё забон надорад ва ҳоли одами безабон ҳам ба ҳама кас маълум аст, чунончи ҳар гоҳ як миллатеро он дигар бе сабаб ва ё босабаб таън ва ё ҳақорат кунад ба воситаи ҷаридаи худ адо хоҳад кард ва тарафи муқобил ҳам агар ҷарида дошта бошад ҷавоб гуфта зиммаи худро барӣ намуда, аз таън ва ҳақорат халос мешавад ва илло хомӯш буда, абадуддаҳр зери бори таъну маломати дигарон хоҳад монд. Бинобар он, доштани ҷарида аз барои ҳар қавм яке аз лавозимоти дунёдорӣ аст» [10, с.2].

Ин нуктаи муҳим, собит менамояд, ки таҳоҷуми иттилоотии пантуркистон ба миллати тоҷик ва арзишҳои милливу таърихии он, муассисони рӯзномароводор намудааст, ки рӯзномаро ба арсаи нашр бароранд ва бо ҳамин рӯҳия нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф»4 рабеъ-ус-сонии 1330-и ҳичрӣ, мутобиқ ба 11 марти соли 1912, дар Когон ё худ Бухорои нав рӯйи чоп омад.

А Д А Б И Ё Т

1. С.Айнӣ Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Душанбе: Матбуот, 2005. - 272 с.
2. Валӣ Самад. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. – Душанбе: Маориф, 1992. - 166 с.
3. Ковиёнӣ Н. Пажӯҳиш бар замона ва корномаи рӯзномаи «Бухорои шариф» // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 280 с.
4. Муродов М. Аз се як шохаи илм / М.Муродов. - Душанбе: Истеъдод, 2014. - 232 с.
5. Набавӣ А. «Бухорои Шариф» сарогози матбуоти миллӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 182 с.
6. Раҷабов З.Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик / З.Ш. Раҷабов. – Сталинобод, 1959. - 446 с.
7. Умнияков И.И. К истории новометодной школы в Бухоре // Бюллетень Средне – Азиатского государственного Университета. – Тошкант, 1927. - №16. – 81 – 99 с.
8. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И.Усмонов, Д.Давронов. - Душанбе: Ирфон, 1997. - 160 с.
9. Шарифзода Қ. Замина ва омилҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. - Душанбе: Сино, 2015. - № 4/6 (177). – С. 286-292.
10. М.С. (Мирзо Сироҷи Ҳаким). «Бухорои Шариф». - 1912. – 11 март.

АНДЕШАҲОИ ҶАДИД ДОИР БА ЗАМИНАҲОИ НАШРИ РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Дар мақола афкору андешаи муҳаққиқони соҳа доир ба заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ дар қаламрави Аморати Бухоро дар такя ба сарчашмаҳои аввалияи таҳқиқоти таърихи матбуоти тоҷик таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои таърихиву илмӣ ва матолиби «Бухорои

шариф», ки тавассути нусхаҳои электронӣ дастрас намудааст, баъзе омилҳои нашри нахустрӯзномаи тоҷикиро бо диди тоза нишон додааст. Аз таҳлилу баррасиҳо муаллиф ба хулоса омадааст, ки нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» натиҷаи тоҷикситезии пантуркистон будааст, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳои худ ҳуқуқҳои маънавию таърихии миллати тоҷикро ба таври худ муҳокима намуда, дар баъзе маврид мавҷудияти ин ҳақиқати таърихиро инкор кардаанд. Ин бархӯрди ноадолатонаи пантуркистон бо таъриху ҳайсияти миллии тоҷикон равшанфикрони Бухороро бетараф намонд ва онҳоро водор намуд, ки барои муқобилият бо афкори зиддитоҷикӣ рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро бо забони тоҷикӣ ба арсаи интишор бароранд.

Калидвожаҳо: Аморати Бухоро, таърихи матбуоти тоҷик, пантуркизм, панисломизм, тоҷикситезӣ, рӯзномаву маҷалла, «Бухорои шариф», ҳувияти миллӣ, замина, омил, сарчашма.

НОВЫЕ МЫСЛИ ОБ ПРЕДПОСЫЛКАХ ПОЯВЛЕНИЯ ГАЗЕТЫ «БУХОРОИ ШАРИФ»

В данной статье на основе первоисточников истории таджикской печати анализируются мысли и идеи исследователей данной области об основах зарождения первой таджикской газеты на территории Бухарского Эмирата. Автор на основе изучения и анализа исторических и научных источников, а также содержания материалов, опубликованных в газете «Бухорои шариф», полученных с ее электронных версий, указал на новое видение, на некоторые факторы зарождения первой таджикской газеты. После тщательного исследования, автор делает выводы, что публикация газеты «Бухорои шариф» была организована в ответ на вражеские выпады представителей пантюркизма против таджикского народа, его истории и культуры. Это несправедливое противоборство пантюркистов с историей и национальным достоинством таджиков не оставило равнодушным просветителей Бухары, а заставляло их вступить в противоборство с антитаджикскими идеями организовать на таджикском языке газету «Бухорои шариф».

Ключевые слова: Бухарский Эмират, история таджикской печати, пантюркизм, панисламизм, ненависть к таджикам, газеты и журналы, «Бухорои шариф», национальное достоинство, основание, фактор, источник.

NEW THOUGHTS ABOUT PRECONDITIONS THE APPEARANCE OF THE BUZHOROI SHAREH NEWSPAPER

In this article, on the basis of primary sources, the history of the Tajik press analyzes the thoughts and ideas of researchers in this field about the founding of the first Tajik newspaper on the territory of the Bukhara Emirate. The author, on the basis of studying and analyzing historical and scientific sources, as well as the content of materials published in the Bukhoroi Sharif newspaper from his electronic versions, indicated with a new vision on some of the origins of the first Tajik newspaper. After a thorough study, the author concludes that the publication of the newspaper “Bukhoroi Sharif” was organized in response to enemy attacks by representatives of Pan-Turkism against the Tajik people of its history and culture. This unjust confrontation between the Pan-Turkists and the history and national dignity of the Tajiks did not leave indifferent the enlighteners of Bukhara, but forced them to resist with anti-Tajik ideas in the Tajik language to organize the Bukhoro Sharif newspaper.

Key words: Bukhara Emirate, history of the Tajik press, Pan-Turkism, pan-Islamism, hatred of Tajiks, newspapers and magazines, "Bukhoroi Sharif", national dignity, basis, factor, source.

Сведения об автора: ***Атоев Мухаммадикбол Имомиддинович*** – Таджикский национальный университет. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 934-25-26-55**

Information about the author: ***Atoev Muhammadikbol Imomiddinovich*** - Tajik National University. **Address:** Республика Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 934-25-26-55**

УДК: 070:820/89 (575.1) (575.3)

ИНЪИКОСИ РАВОБИТИ АДАБИЮ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОНУ ЎЗБЕКОН ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН

Умарова Г.

Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Имрӯз дар замони вусъат ёфтани равандҳои глобалии Ғарбу Шарқ, муносибати тамаддунҳо ва дар ҷаҳони пуртаъзоди бархӯрдҳову низоъҳо, журналистон, махсусан телевизионнигоронро мебояд, ки заргарона бо ақли солим ва адлу инсоф, хайрхоҳона, баҳри ташаккули фазои иҷтимоӣ, пойдор намудани дӯстӣ миёни халқҳои ҷаҳон хизмати шоиста намоянд. Чуноне ки Абӯнасри Форобӣ дар яке аз асарҳояш мефармояд:

«Тамоми саодат бакаромати ахлоқ аст,чунонеки комилкунандаи дарахт мева мебошад».

Зеро инсоният аз қадим то ба имрӯз ба самти мусбат тамоюл дорад. Мисоли онро аз «Таърихро аз нав оғоз кардани - Пешвои миллатамон» дар рӯйдод ва воқеаҳои муҳимме, ки дар Тоҷикистони азизамон рӯзҳои баҳор (9-10 марти соли 2018) ба вуқӯъ пайваст, шоҳид гардидем. Ин афзалияти таърихӣ доир ба робитаҳои дӯстонаи ду халқи бародар тоҷик ва ӯзбек ва ташрифи Президенти муҳтарами Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев вобастааст. Ҳамагон, мардуми ду кишвари дӯсту бародар хуб медонанд, ки муҳиммият ва

аҳамияти таърихию сиёсии давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гуфтушунидҳои ду кишвари ба ҳам дӯсту ҳамсоя, махсусан натиҷаи талошҳои роҳбарони ду давлат: Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар роҳи на танҳо муътадил гардонидани муносибатҳои байнидавлатӣ, балки ба сатҳи сифатан нав баровардан ва рушду таҳкими минбаъдаи онҳо ба нафъи халқҳои тоҷику ӯзбек арзёбӣ мегардад.[3]

Муаллифи ин сатрҳо, ҳамчун рӯзноманигоре, ки дар бораи дӯстии халқҳо, махсусан дӯстии ӯзбекону тоҷикон, бо унвони «Пайванд», «Таронаҳои Самарқанд», «Пайванди ду дарё - дарёи Фарҳоду Ширин», (миёни ноҳияи Спитамен ва Бекобод), «Суруди Наргис Шамаева», «Муҳаббати Муҳаббат Шамаева»,«Базми гул» - дар водии Фарғона ва Намангони бостон, «Чуст - деҳаи адиби машҳури тоҷик Сотим Улуғзода», «Сеҳри тоқии чустӣ», «Гулшани шеъри Бибисоро Туробова, Ҷонибек Қувноқов ва Аслиддин Қамаров», «Наврӯз дар деҳаи Бекобод», «Наврӯз дар Тошкент», «Наврӯз дар Ғазалкенти Боғистон», «Наврӯзи Сари Осиёи -Узун», «Наврӯз» дар Самарқанд, «Мероси шоҳонаи Шоҳи зинда», дастаи ҳунарии «Нозанинони Бухоро» силсилабарномаҳо таҳия намуда, ҳамкориҳои тоҷикону ӯзбекон, равобити адабиву фарҳангӣ, ҳунарҳои мардумиву санъати волову мероси ниёгони мардуми ба мо ҳамсоя, дар густариши робитаҳои адабиву фарҳангии ин ду кишвар намоишномаҳои ҷолибе ба тамошобинон пешкаш намудем.

Махсусан, имсол - оғози баҳори соли 2018-ум барои ҳар ду миллат соли таърихӣ гардид. Аз ташрифи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мардуми дорои таърихи куҳану фарҳанги ғании тоҷику ӯзбек аз насими дӯстиву ҳамкориҳои судманд баҳраёб гардиданд. Чунки нақши ин ду сарвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дӯстии чил миллион нафарро заминаи устувор гузошт.

Маълум аст, ки ВАО, махсусан телевизион, дар ҳаёти ҷомеаи муосир нақши бузург дошта, ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Дар самти инъикоси мавзӯи ташрифи мубораки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев (9-10. 03. 2018) ба Тоҷикистон ва сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (17-18.08. 2018) журналистон хизмати шоён намуданд. Агар дар рӯзномаву ҳафтанома ва маҷаллаҳо меҳру муҳаббати мардуми дӯстпарварро журналистон бо мақолаҳои хонданбоб ба мисли : «**Тоҷикистон дӯстонро интизор**», **«Нақши ду сарвар ва дӯстии чил миллион нафар» (Ҳафтаномаи «Омӯзгор. - №10, 8марти соли 2018»), «Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост» (Ҳафтаномаи Омӯзгор. - №14, 5-апрели соли 2018), «Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Тоҷикистон» (Ҷумҳурият. Панҷшанбе 27.09.2018. - №189.(23 532)), «Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шарикони стратегӣ»(Рӯзномаи Ҷумҳурият. Душанбе, 20 августи соли 2018. - №164-165) «Осиёи Марказӣ. Тавсияи ҳамкориҳои минтақавӣ» (Рӯзномаи Ҷумҳурият. 10.04.2018. - №71.(23 414))**- дарҷ намуда бошанд, телевизион бо намоишҳои гуногун эҳсосоти мардуми дӯстпарвару бо муҳаббат ва дигаргуниҳои имрӯз дар воқеияти ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон мушоҳидашавандаро бо барномаҳои диданӣ басо хотирмон инъикос намуданд.

Дар бораи дастовардҳои кори журналистикаи телевизион метавон чандин мақолаву китобҳо навишт. Ҳоло мехоҳам чанд лаҳза аз сафарҳои эҷодиямон дар шаҳрҳои бостонии Тошканд, Самарқанд, Ғазалканд, Бухорову Бекободро чун қатрае аз баҳр бароятон пешкаш намоям.

Мардуми соҳибмаърифати Самарқанд чунин як мақол доранд:

«Дил ёбу қанд хӯр». Дар асл ва умуман дар ҳар кору пайкор ин ҳикмат мушкилкушои ҳар инсон шуда метавонад. Ҳамчунин, бояд таъкид намуд,ки барои ҳар гуфтугӯ ва ҳар ҷустуҷӯ журналист бояд мавзӯяш муайян ва суханаш эҳсоси самимият дошта бошад. Аниқтараш бе ин ҳикмат ё худ надонистани мавзӯву самимияти гуфтугӯ кораш пеш нахоҳад рафт.

Агар ба фарҳангу тамаддуни гузаштаи волои хеш назар афканем, муҳаббату шавкатро муҳимтарин сифати инсонӣ шуморида, кушояндаи роҳи саодат номидаанд:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.

Хушбахтона, имрӯз ба шарофати соҳибистиқлолӣ барои эҷодкорон мавзӯъҳои гуногуну рангинро худи зиндагӣ бозгӯйӣ менамояд. Пештар мо ҳатто иди Наврӯзро

[3]Ҷумҳурият.19-мартсоли 2018. №57-58(23400-401)с.3

ташкил мекардем. Ҳарчанд мардум суннатҳои онро нек нигоҳ дошта бошанд ҳам, вале ба таври бояду шояд онро ҷашн намегирифтанд.

Вале, аҳли фарҳанг, зиёиён, адибону журналистон бо ҳар навъу шакл онро чун баҳорон тантана мекарданд.

Соли 1983 бо маҳорати коргардонии Шодибек Ҳотамбеков намоиши телевизионии 5-6 соатаи наврӯзӣ дар колхози ба номи Карл- Маркси (Қара Дӯст) ноҳияи Ваҳдат ва соли 1986 бо ҳамкории Баҳром Сайфиддинов дар «Чилучорчашма»-и ноҳияи Шаҳритус аз Наврӯзномаи мо, ба гуфтаи собиқ раиси Кумитаи телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шодравон Ғоиб Қаландаров:

«Чанд бочка асал насиби мардумон гардид».

Ин намоишҳо роҳи Наврӯз ва наврӯзофариро дар телевизиони Тоҷикистон кушод. Моро ба сафари хизматӣ ба шаҳрҳои Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон ба фестивали « Ноорӯз-88» ва сипас ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон фиристоданд.

Кӯҳу пушта, ағбаву дараҳои печдарпечии кӯҳҳои Анзобро паси сар карда, шомгоҳ ба шаҳри бостонӣ расидем. Дар бӯстонсарои вилояти Самарқанд моро ҷой доданд.

Субҳи барвақт ба пешвозамон устоди Донишгоҳи Самарқанд, Аслиддин Қамаров ва шоири таърихнигори донишманд Неъмат Ҳаёт омаданд. Вохӯрии мо дар донишгоҳ хеле хотирмон баргузор гардид. Шеъру шерхонӣ бо лаҳни форсиву-тоҷикӣ авҷ гирифт, ки муштариён аз ҷойҳои худ бархеста бо садоҳои «қурбони савту садои шеъри тоҷикем», гӯён, шодмонӣ менамуданд. Мо бо ҳамкасбонамон рӯзноманигорони рӯзномаи «Овози Самарқанд» вохурӣ намуда, барномаҳои рангин таҳия намудем. Вале, ҳамчун журналист як навори нотакрор мехостам дарёбам. Хоҳиш намудам, ки пирони ҳунармандро дарёбанд ва ман аз онҳо савти қадимаро бишнавам. Ҳамсуҳбатам, бобои Мавлон гардид.

Аз он кас хоҳиши сурудеро зам-зама кардан намудам.

-Эҳе, духтарам сурудҳои ман зери хиштҳо монда.

-Чӣ хел, пурсидам?

Духтарам, ман устои хонасоз мебошам. Суруд хонда, сурудҳоямро зери хишти хонаҳо ҷо кардаам. Агар Шумо, дар ҳақикат, мехоҳед, ки сурудеро сабт намоед, бо писари ман вохӯред. Чунки хунари сарояндагиашро ғайри ду-се меҳмони аз хориҷа омада, дигар касе нашунидааст.

Рӯзи дигар ҳаво хеле сард буд. Он ҷавон чанд байт аз сурудҳояшро хонд ва дигар маро Худованд иқбол дод. Сабт мекунем. Чӣ гуна? Вақт ҳам намондааст. Ҳавво ҳам сард аст. Дил хоҳад, роҳ меёбем.

Дар Регистон дар Мадрасаи тиллокорӣва Мақбараи шердор гурӯҳи «Таронаҳои Самарқанд»-ро даъват намуда, сурудҳои ҳофизи ҷавону хушсадоро сабт кардем. Сабки садои ӯ хеле ҷаззоб ва дилангез буд. Як суруди дигари ҳофизи ҷавонро шабона дар тарабхона сабт намудем. Сурудҳои ин ҳофиз оғозу анҷоми барномаи Наврӯзи Самарқандро рангин намуд. Бинандагон ҳоло ҳам дар ёд доранд, суруди «Бар шаҳри Самарқанд оед имшаб, бегоҳи мурод аст имшаб» ё худ «Боғ дароед Тӯтиҷон, чорбоғ дароед Тӯтиҷон, ангурҳо пухта расида, хӯрда бароед Тӯтиҷон». Ин ҳофиз Мардон Мавлонов буда, баъд аз намоиши телевизионие, ки аҳли таҳиягарон пешниҳод намудем, миёни мардуми тоҷик маълум ва машҳур гардид. Онҳо садои ӯро писандида, тез-тез ба маъракаву маҳфилҳои худ даъват менамуданд. Маҳорат ва хизматҳои ӯро ба инобат гирифта, ба Мардон Мавлонов унвони «Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон» доданд. Дар ёд дорам, боре Мардон Мавлонов баъд аз гирифтани мукофот ба хона омада, чунин гуфт: «Аҷаб марди бузурганд Президенти тоҷикон. Ҳатто ҳангоми гирифтани мукофот моро дарси адаб доданд. Чӣ гуна пурсидам?

Одатан баъзе аз ҳофизон, барои ибрози сипос даст ба рӯйи шикам, мегузоранд. Боре ман ҳам чунин рафтор кардам, ки ин лаҳза: -Дастро рӯйи сина гузошта, ташаккур гуфтан, аз рӯйи одоб мувофиқ аст, гуфтанд Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Мардон Мавлонов дӯсти ҷонии мо тоҷикистониён ва аҳли хонадони мо гардид. Соли 1990 интихоботи номзад ба вакилии Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузашт. Ӯ дар ҳавзаи интихоботии Ҳилолӣ 22 маҳаллаи Яккачинор ба интихобкунандагон бо барномаи консертии худро пешкаш мекард. Дар он замон вазъияти ногувор чун боди сард осмони диёрамонро фаро гирифта буд. Бо як талошу чусту чолокӣ ӯро гусел кардем. Мардон Мавлонов аз ҳамон моҳи феврал, ки онро чун баҳманмоҳи хунин ном мебаранд, дигар ба Тоҷикистон омада наметавонист. Имрӯз, хушбахтона, ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва вохӯрии сарони давлатҳои дӯсту ҳамсоя дар таърихи муносибатҳои дипломатӣ саҳифаи нав боз гардид.

Ин ҷо як нуқтаи таърихӣ ва инсонгароии дӯстони ӯзбеки худро мехоҳам мисол орам. Соли 1989 вақте, ки дар Шарора, маҳаллаи Ҳисори Шодмони Тоҷикистон, заминларза

боиси марги одамон гардид, дар Ғазалкенти Боғистони Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳаллаитоза бунёди ин маконро «Шарора» номиданд. Ин воқеа барои аҳолии зиёди тоҷикнишини ин маҳал идро мемонд. Барои эҳтиром дар ҳузури журналистони телевизиони тоҷик мактаби тоҷикзабононро ба зудӣ кушоданд ва ин кор моро илҳоми тоза бахшида, доир ба ин воқеаи муҳимми таърихӣ «Пайванд - пайвандгари ҷонҳост» - ном намоиши хеле пуртаъсир ва диданӣ таҳия намудем, ки он ҳамоно манзури бинандагон гардид.

Чунин қадршиносии дӯстони азалии мо мактаби воқеиву самимии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоиро бозгӯйӣ менамояд.

Ба гуфтаи аллома Ҳофизи Шерозӣ:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Боиси таъкид аст, ки дарахти дӯстии биншонидаи ин ду миллати ба ҳам дӯсту ҳамҷавор коми ҳар ду миллатро аз қарни асрҳо шодоб кардааст.

Телевизиони Тоҷикистон бо барномаҳои диданӣ ин санаи муҳимми таърихиро хеле воқеӣ инъикос намуд. Махсусан аз ҷойи воқеа нишон додан ва инъикос намудани чеҳраҳои саршори меҳру муҳаббати мардум ва истиқболи дӯстони қадрдон хеле бошукӯҳ ва боварибахш пеши назари бинанда ҷилвагар гардид.

Ҳамчунин, тайи чанд рӯз журналистон ин мавзӯъро пайгирӣ намуда, силсиланамоишҳои пурмуҳтаворо манзури бинандагон намуданд.

Дар ин барномаҳо таъкид гардид, ки:

«Равобити мутақобилаи Тоҷикистону Ӯзбекистон аз муносибатҳои ҳамҷаворию қаробати халқҳои мо, дӯстии бисёрасра ва эҳтироми мутақобила сарчашма мегиранд. Имрӯз бастаи санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо мерасанд, ки бахшҳои муҳимми ҳамкории дуҷонибаро фаро мегиранд» (Телевизиони Тоҷикистон. Ахбор. 18.08.2018, соати 8. 30. дақ).

Бояд зикр намуд, ки Пешвои миллат, Президенти мамлакатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқотҳояшон таъкид намуданд, ки «Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон ҳамеша яке аз ҷойҳои махсуси афзалиятнокро касб менамояд» (Ҷумҳурият. - Душанбе, 20-августи соли 2018. - №164-165).

Дар ҷараёни мулоқотҳои мардуми ҳарду кишвар ва хосса саронии давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев масъалаҳои таҳкими робитаҳо дар соҳаи калидии ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардиданд. Саронии ду давлат ба таври амиқ оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули андеша карданд.

Мулоқотҳои сатҳи олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, махсусан рӯзҳои 9-10 марти соли 2018 ташрифи Президенти Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирамонович Мирзиёев ва сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 17-18-уми августи соли 2018 барои ба имзо расонидани санадҳои нави ҳамкорӣ байни тоҷикону узбекон заминаи устувор гузошт. Муносибати дӯстонаю бародаронаи роҳбарони Тоҷикистону Ӯзбекистон воқеаи таърихӣ аст.

Ҳар як санадҳои ба имзорасидаро телевизиони Тоҷикистон дар **барномаҳои** «**Сӯҳбати махсус», «Ахбор», репортажи махсуси «Боғ ва гулгашти тозаи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ дар Душанбе», «Тоҷикистон ва ҷаҳон**» бо шарҳу эзоҳи равшан ва наворҳои тасдиққунандаи факту рақам хеле оҷилона ва ба маврид инъикос намуданд. Махсусан, журналист **Фатҳиддини Замон**, маросими имзои 26 санадҳои нави ҳамкории миёни Ӯзбекистону Тоҷикистонро намоиш дода, ҳар як созишномаро бо мусоҳибаҳои олимони соҳа ба тафсил бозгӯйӣ намуд. Намоиши телевизионии **«Тоҷикистон ва ҷаҳон», рӯзи 20 августи со**ли 2018 дар мавзӯи **«Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шарикони стр**атегӣ» масъалаҳои рушди ҳамкории ду кишварро дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳо муҳим арзёбӣ намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
2. Рӯзномаи Ҷумҳурият. - 10 апрели соли 2018. - №71 (23414). – 8 с.
3. Рӯзномаи Ҷумҳурият. - 27 сентябри соли 2018. - №189 (23532). – 8 с.
4. Рӯзномаи Ҷумҳурият. - 20 август соли 2018. - №164-165 (23507-508). – 8 с.
5. Ҳафтаномаи Омӯзгор. – 8 марти 2018. - №10. - 16 с.
6. Ҳафтаномаи Омӯзгор. – 5 апрели соли 2018. - №14. - 16 с.
7. «Нарӯзномаи Тошканду Самарқанд». - 19.03.1989.
8. Суҳбат бо шоираи узбек Биби Соро Туробова. - 7.04.1989.
9. «Таронаҳои Самарқанд». - 25.03.1986.

10. «Ҷонибек Қувноқов - шоири лирики узбек». - 16.04.1988.
11. «Мардон Мавлонов месарояд». - 21 августи соли 1999.
12. «Тоҷикистон ва ҷаҳон». - 16 марти 2018.
13. «Ахбор». - 9-10 марти соли 2018.
14. «Ахбор». - 17-18 августи соли 2018.
15. Барномаи телевизионии «Ҷомӣ ва Навоӣ» 5.04. 2018.

ИНЪИКОСИ РАВОБИТИ АДАБИЮ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОНУ ЎЗБЕКОН ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур ба масъалаи робитаҳои фарҳангию адабӣ байни ду мардуми бародар тоҷикону узбекон дар телевизиони Тоҷикистон рӯшанӣ меандозад. Ба ҳамагон маълум аст, ки гуфтушунидҳои байни сарварони ҳарду кишвар дар санаи 17-18 соли 2018 суратгирифта, то чӣ андоза муҳим буда, баҳри рушду инкишоф ва мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Ўзбекистон аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ ва давлатӣ доранд. Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳама саъю талошро ба он равона мекунанд, ки на танҳо муносибатҳои байнидавлатиро барқарор созанд, балки ин муносибатҳои дӯстонаву бародаронаро пойдор нигоҳ дошта, ба сатҳи сифатан нав комил намоянд. Аз ин рӯ, муаллифи мақола хидмат ва нақши ду сарвар - Президенти Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушду нуму ва масъалаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои гуногуни амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсоли саноатӣ, алоқаи илму маърифат, фарҳанг ва туризм баён намуда, намоишҳои шабакаи якумии телевизиони Тоҷикистон журналистон манзури бинандагон намударо таҳлилу баррасӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки муаллиф ду давраи фаъолияти журналистонро доир ба инъикоси мавзӯи дӯстии мардуми ӯзбеку тоҷик баён намуда, бо мисолҳои дақиқ баъзе норасоиҳои солҳои гуногунро ошкор намудааст. Ба сифати мисол муаллифи мақола намоиши солҳои пешинаи «**Пайванд»-** ро бо намоиши имрӯзаи «**Тоҷикистон ва ҷаҳон»** таҳлил намуда, қимату аҳамияти чунин намоишҳоро баррасӣ менамояд. Муҳаққиқ ба умқи масъала бештар фурӯ рафта, ишора менамояд, ки дар намоиши «**Пайванд**» кормандони телевизион бинандагонро бо ҳаёту фаъолияти ҳунармандону ҳофизони узбек, дастовардҳои онҳо ошно менамуданд. Имрӯз, дастовардҳои назарраси Тоҷикистонро, ки ба шарофати сиёсати дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, бояд ҳаматарафа телевизиони Тоҷикистон бо силсиланамоишҳои пурмазмуну ҷолиб ба бинандагон пешкаш намояд. Ба мисли «Суҳбати шоирон, олимон», «Ахбор», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», ки дар онҳо санадҳои муҳимми тақдирсоз бо талошу шарҳу эзоҳ ва далелу наворҳои тасдиққунанда инъикос гардидаанд. Махсусан, монанди рӯзноманигор Фатҳиддини Замон, ки дар намоиши хеш «Тоҷикистон ва ҷаҳон», раванди ба имзо расонидани 26 ҳуҷҷати навро дар бораи ҳамкориҳоиТоҷикистону Ўзбекистон пешкаши тамошобинон намуд.

ОСВЕЩЕНИЕ ЛИТЕРАТУРНО-КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ ТАДЖИКИСТАНА И УЗБЕКИСТАНА НА ТАДЖИКСКОМ ТЕЛЕВИДЕНИИ

Автор настоящей статьи освещает вопросы культурно-литературных связей между двумя братскими народами – таджиками и узбеками на таджикском телевидении. Всем известно, насколько важны переговоры, состоявшиеся между президентами обоих стран 17-18 августа 2018 года и какое историческое, политическое и государственное значение они имеют для развития и укрепления сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном. Основатель мира и национального единства, Предводитель нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и Президент Республики Узбекистан, уважаемый Шавкат Мирзиёев прилагают все усилия не только для того, чтобы восстановить межгосударственные отношения, но и делают все возможное, чтобы поднять эти отношения на качественно новый уровень. Автор статьи приводит в качестве примера передачу «Пайванд», подготовленную журналистами таджикского телевидения, в которой знакомили телезрителей со знаменитыми узбекскими артистами и певцами. Освещая события последних дней, таджикское телевидение предложило телезрителям ряд содержательных и интересных передач, таких как «Сухбати Махсус» (Специальная беседа), «Ахбор» (Новости), «Точикистон ва Чахон» (Таджикистан и Мир), где подписанные документы между странами были отражены со всеми комментариями, фактами и подтверждающими съёмками, записями. Особенно журналистом Фатхиддином Замоном были продемонстрированы 26 новых документов о сотрудничестве между Таджикистаном и Узбекистаном.

Ключевые слова: сотрудничество, братский народ, телевидение, съемка, передача, журналист.

ELUCIDATION OF CULTURAL-LITERAL COMMUNICATION BETWEEN TAJIK AND UZBEK NATIONS ON TAJIK TV

Author, in the following article, elucidates the issues regarding cultural-literal communication between two brother nations – Tajik and Uzbek on Tajik TV. The importance of negotiation between the presidents of these two countries that took place on August 17-18, 2018 is known as well as the essence of it's historical, political and state value for the development of cooperation between Tajikistan and Uzbekistan. The founder of peace and national unity, the Leader of the nation, President of the republic of Tajikistan Emomali Rakhmon and the President of the Republic of Uzbekistan, respectful Shavkat Mirziyayev make their best to recover the interstate relations and improve it into the higher level. As an example, the author cites the show "Payvand", where Tajik journalists introduced famous Uzbek artists and singers to the viewers. Describing the news of the previous days, Tajik TV suggested it's viewers interesting shows such as "Special talk", "News", "Tajikistan and World" where the signed documents between the countries were reflected with all the comments, facts and proving records. Namely, Fathiddin Zamonov showed 26 new documents regarding cooperation between Tajikistan and Uzbekistan.

Key words: cooperation, brother nation, TV, shooting, show, journalist.

Сведения об авторе: ***Умарова Гавхар*** – Таджикский государственный институт искусств и культур им. М. Турсунзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры тележурналистика. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбада, 73 А. Тел.: **(+992) 93-533-53-63**

Information about the author: ***Umarova Gavkhar*** - Tajik State Institute of Arts and Cultures named after M. Tursunzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of TV Journalism. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. Tel.: **(+992) 93-533-53-63**

УДК: 070(575): 316 423.6-055. 2

ВОПРОСЫ ЭМАНСИПАЦИИ ЖЕНЩИН В ПЕЧАТИ СРЕДНЕЙ АЗИИ (конца XIX и начала XX веков)

Сохибназарбекова Р.М.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Вопросы эмансипации женщин – мусульманок, живущих на территории Средней Азии, приобретают актуальный характер во второй половине XIX и начале XX веков. Помимо прочих факторов, основным считается изменение общественно – политической жизни в Средней Азии, связанное с присоединением территории к Российской империи. В этот период Россия открывала для себя регион со всех сторон, и, несомненно, основной задачей явилась найти объединяющие аспекты у народов, проживающих на территории России и Средней Азии. Однако самой разительной стороной являлся социальный статус женщин в двух регионах, что намного усложняло выполнение цивилизаторских задач в крае.

Г.П. Федоров, служивший тридцать шесть лет в главном управлении Туркестанского края, автор книги «Моя служба в Туркестанском крае», рассказывает о личной заинтересованности первого генерал – губернатора Кауфмана в эмансипации женщин – мусульманок. В связи с этим, автор приводит эпизод, когда Кауфмана пригласили на праздник, устроенный жителями Кураминского уезда, а также волостными управителями и народными судьи, где будут их жены и дочери. Кауфман «пришел в восторг, считая это первым шагом к женской эмансипации» [9].

Этот же автор дает следующую оценку положения женщин – мусульманок Средней Азии той эпохи: «мусульманская женщина стоит на самой низкой ступени человеческой культуры. По понятиям мусульманина, она приравнивается к домашнему скоту; она исполняет все домашние работы, до самых грязных включительно; она работает буквально целый день, не разгибаясь, в то время как муж ее целыми часами сидит в чайной в кругу приятелей и знакомых. Как жене, ей представлено лишь одно право: рожать детей. Муж может во всякую минуту выгнать ее из дома, объявить ей «талак» (развод) и взять себе другую рабу. Само мусульманское законодательство (шариат) старается унизить женщину, предписывая ей никогда не открывать своего лица. Подчиняясь этому деспотичному закону, забитая, загнанная женщина-мусульманка обращена в какой-то безобразный манекен, у которого лицо закрыто грубою, черною, волосяною, непроницаемою для посторонних сеткой» [9].

Вопросы об изменении положения женщин, в частности, права женщин, были вынесены на обсуждение в российской Государственной Думе, о чем свидетельствует обнаруженный исторический материал, который гласит: «Часть мусульманской группы депутатов Государственной Думы, руководствуясь Кораном и письмами своих избирателей, собираются выступить против законопроекта об уравнении в наследственных правах с мужчинами. По Корану мусульманки могут получать только половину того, что причитается на долю мужчины. Нельзя признать ссылку на Коран достаточно убедительной. Современная жизнь ушла слишком далеко от той, при которой все взаимоотношения людские регламентировались одними лишь духовно-религиозными законами. Появились законы гражданские, светские, и религия много выиграла, освободившись от мелочей жизни. То же должно быть и с Кораном, признающим женщину стоящей ниже мужчины. Женщина-крестьянка, как у русского населения, так и татар, башкир и других племен, исповедующих мусульманскую религию, как усердная работница, «вековечная заботница», выносит на своих плечах большие заботы не только по воспитанию семьи, но и в ведении хозяйства - дома и в поле. И давно следует уровнять ее с мужчиной, как в имущественных, так и в иных правах. Не приходится доказывать, что женщина вообще, всех сословий и состояний, - такой же человек, как и мужчина, с которым вместе она составляет семью, племя, государство. Уважая себя, мужчина должен уважать и свою жену, мать, дочь, которых любит. Чтобы улучшить семью, а с нею и государство, надо возвысить, уровнять обоих членов семьи - женщину так же, как мужчину. И мусульмане должны понять это,

отрешиться от старых религиозных заблуждений, когда женщина считалась нечистой рабой» [5].

Таким образом, вопросы эмансипации женщин – мусульманок: предоставление им равные права с мужчинами в семейной жизни, в том числе на имущество, становится центральным в государственной политике Российской империи.

Кроме постановки женской проблемы на уровне Государственной думы, известны также попытки реформы положения женщин – мусульманок на территории Средней Азии: «В 1900 г. в адрес Туркестанского генерал-губернатора от имени Общества востоковедения поступила брошюра русской феминистки О.С. Лебедевой, называвшаяся «Об эмансипации мусульманской женщины», а в 1901 г. в Ташкенте было открыто отделение этого общества». Однако «попытку этого общества по эмансипации мусульманок туркестанские деятели считали преждевременной, как результат недостаточной осведомленности относительно домашнего и общественного быта местного населения вообще и женской половины его в частности. Причем обществом не были приняты во внимание все трудности задуманной реформы и ее последствия. В частности, Н.П. Остроумов писал о том, что Общество востоковедения ошиблось уже потому, что применило к положению мусульманок христианско-европейскую мерку, совершенно игнорируя вековые основы семейного быта местного населения [10].

Можно согласиться с Остроумовым, что применение к положению мусульманок христианско-европейских критериев решения проблем было ошибочным, и отчасти, на наш взгляд, такая направленность, а именно: европейские критерии применялись и в государственной политике в решении женского вопроса в советское время, и даже в современный период, что является менее эффективным в решении проблем, связанных с изменением социального статуса женщин - мусульманок. Безусловно, женская проблема во все времена является актуальной, вопрос только в том, какие мерки принимаются при её решении.

Итак, вышеотмеченные события позволяют утвердить, что заинтересованность Царской России в изменении положения женщин – мусульманок стала одним из основных факторов появления множества публикаций на страницах печати Средней Азии второй половины XIX и начала XX веков, в частности, на страницах газеты «Туркестанские ведомости» - официального органа Туркестанского генерал – губернаторства. Помимо того, что среди русских на территории Средней Азии все больше интереса вызывали история, языки, традиции и обычаи, также не менее интересным была и информация о положении женщин и пути решения женского вопроса, где важным звеном становится периодическая печать.

Фокусирование внимания на вопросах женской эмансипации в газете «Туркестанские ведомости» открывало путь и другим печатным органам в постановке женского вопроса. Как известно, до этого периода женский вопрос обсуждался исключительно на страницах отдельных книг отдельными авторами в виде суждения о положении и роли женщин в семье, соответственно и круг распространения подобных воззрений был слишком узким.

Публикации Г.Андреева «За запретной стеной (рассказ из жизни ичкари» (Турк. вед., №№ 15, 18, 21), Жебровский «Калым»(Турк. вед. 1898 № 84), Федоровский М. «К вопросу о брачном праве у туземцев» (Турк. вед. 1882, № 51), Краузе И. «О косметических средствах, употребляемых туземными женщинами Туркестанского края» (Турк. вед. 1871, № 47) и другие освещали различные аспекты вопросов женской эмансипации.

Изменение общественно – политической ситуации в Средней Азии во второй половине XIX и начале XX веков привело к перелому в общественной мысли относительно роли женщин. Женский вопрос обсуждался не только на страницах «Туркестанских ведомостей», но и в её приложении «Туркистон вилоятининг газети» («Газета Туркестанского края»), ставшем вскоре самостоятельным изданием, о чем свидетельствуют множество примеров, приведенных исследователем Шадмановой [10].

На страницах «Туркестанской туземной газеты» в цикле статей о пользе разных науках и ремеслах в 1889 году под названием «О пользе наук»

опубликована информация о годичном акте Ташкентской женской гимназии: «В числе учениц этой гимназии несколько дочерей местных мусульман, а именно: Абдурахмонова Биби Зейнаб, Абдурахмонова Биби Хадича, Арсланова Биби Гафира, Арсланова Улиммул – Гульсум, Диваева Биби Зулейхо и Умедова Биби Марьям. Конечно, на четыреста с лишком русских учениц гимназии только 6 дочерей мусульман, очень мало, но и эти девицы могут служить примером для других местных мусульман» [10]. Вышеприведенный пример показывает, что одним из центральных вопросов, вызвавших много споров и дискуссий, становится право женщин – мусульманок на получение образования.

Следует отметить, что не только издания, выходящие на территории Средней Азии, становятся основной площадкой для обсуждения вопросов женской эмансипации, но газеты и

журналы, выходящие за пределами региона, оказывали весомое влияние в постановке данного вопроса. В частности, средством распространения прогрессивных идей относительно женского вопроса становится основанная в 1883 году Исмаилом Гаспринским газета «Тарджеман» («Переводчик»). Выпускалась она почти 35 лет и до 1914 года из 1000 экземпляров 200 распространялись в Средней Азии [7, с.19], подписчиками газеты были передовые люди из Маргелана, Ташкента, Бухары, Самарканда [5]. Газета «Тарджеман» становится основной площадкой для пропаганды идей в борьбе за женское равноправие, тем самым оказывая значительное влияние на воззрения местной интеллигенции по данному вопросу.

В этом направлении особо заметной является также роль азербайджанского еженедельного иллюстрированного журнала «Молла Насреддин» (издававшегося с 1906), создателем которого был писатель-демократ, публицист Джалил Мамедкулизаде.

Журнал «Молла Насреддин» высмеивал отсталость жизни мусульман, продвигал права женщин. Например, 19 мая 1907 года в журнале печатается статья под названием «Мусульманские и армянские женщины» («Müsəlman və erməni övrətləri»), где центральной проблемой статьи автора Джалила Мамедкулизаде становится такой вопрос, как «можно ли мусульманской женщине появляться в обществе с открытым лицом и непокрытой головой? Действительно ли в Коране и Шариате есть подобный запрет. Но если не Коран, и не Шариат, то возможно причина запретов кроется в наших мужчинах? Поговорите с нашими мужчинами, говорит Мирза Джалил, они скажу так лучше, так спокойнее. Если разрешить нашим жёнам ходить с открытым лицом и непокрытой головой, то неизвестно, как они себя поведут. Невольно задумаешься, если это так, если наши женщины не знают стыда, если они столь безнравственны, то действительно лучше не выпускать их из дома? Во всех случаях, женщина-мусульманка имеет право сделать собственный выбор и поступать так, как сочтёт нужным. Ходить с открытым лицом и непокрытой головой, или закрыться» [2].

Кроме этого множество других аспектов женской эмансипации в различных жанровых формах, как аналитических, так и художественно – публицистических нашли отражение в журнале. Особое место в журнале по данной проблеме занимают фельетоны Джалила Мамедкулизаде.

Среди местных изданий, выходящих на территории Средней Азии, которые также не миновали вопросов эмансипации женщин, следует отметить журнал «Оина», основанный в 1913 г. Учредителем и редактором журнала был просветитель, писатель и политический деятель, знаток арабского, персидского и узбекских языков - Махмудходжа Бехбуди.

«Права нужно брать, их не дают», - утверждал Бехбуди, призывая людей к активной борьбе за свои права. В отличие от представителей консервативного направления общественной мысли, Бехбуди считал, что борьба за общественный прогресс и демократию невозможно без участия женщин [1].

Таким образом, подводя итог исследованию, следует отметить, что одной из предпосылок появления вопросов женской эмансипации в Средней Азии послужила цивилизаторская роль Российской империи в крае, что выдвинула женский вопрос в центр внимания российской общественности. Такая ситуация оказала значительное влияние на направление и характер публикации в печати конца XIX и начала XX веков. Предметом дискуссии в публикациях на страницах печати становились такие вопросы, как калым, положение женщин в исламе, брачные права и другие права женщин.

Огромную роль в усилении внимания передовой интеллигенции края к женскому вопросу сыграла не только печать, выходившая на территории края, но и такие известные издания, как «Тарджеман» и сатирический журнал «Молла Насреддин».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Дадобоева Г.Х. Роль журнала «Ойина» («Зеркало») в становлении таджикской журнальной периодики: дисс. канд.филол. наук / Г. Х.Дадобоева. – Душанбе, 2018. – 156 с.
2. Журнал «Молла Насреддин»: «Мусульманские и армянские женщины» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.mevdan.tv/ru/site/culture/ (дата обращения: 6.07.2018).
3. Из истории взаимосвязей народов Северного Азербайджана и Туркестана в начале XX века [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://docplayer.ru (дата обращения:5.05.2018).
4. Каримов Н. Возникновение джадидизма как первоосновы национальной идеи / Н/ Каримов. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http: //mytashkent.uz (дата обращения:10.05.2018).
5. Мирмаматова Р.А. К вопросу о раскрепощении женщин-мусульманок Средней Азии во второй половине XIX начале XX вв. (на материалах «Туркестанского сборника») / Р.А.Мирмаматова, И.А.Мамадалиев [Электронный ресурс]. –Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/(дата обращения: 6.05.2018).
6. Русский Туркестан накануне войны [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mytashkent.uz/(дата обращения: 11.05.2018).
7. Салихов Н.Н. История таджикской журналистики / Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2014. – 136 с.
8. Усманов И.К. Таърихи журналистикаи точик / И.К.Усманов. – Душанбе, 2008. – 279 с.

9. Федоров Г.П. Моя служба в Туркестанском крае (1870-1910 года) / Г.П. Федоров [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.vostlit.info (дата обращения: 5.06.2018).
10. Шадманова С. Некоторые взгляды на жизнь женщин -мусульманок в Туркестане в конце XIX - начале XX в / С.Шадманова. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://elibrary.ru(дата обращения: 21.12.2017).

МАСОИЛИ ЭМАНСИПАТСИЯИ ЗАНОН ДАР МАТБУОТИ ОСИЁИ МИЁНА

(охири асри XIX - оғози асри XX)

Дар мақола заминаҳои пайдоиши масоили эмансипатсияи занон дар матбуоти Осиёи Миёна ва нақши аввалин рӯзномаву маҷаллаҳо дар инъикоси он баррасӣ гардидааст. Ба андешаи муаллиф, таҳаввулоти вазъияти сиёсӣ - иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна, ки марбут ба ҳамроҳшавии минтақа бо Империяи Русия буд, барои дар маркази таваҷҷуҳи зиёиёни пешқадами минтақа қарор гирифтани масоили ҳолати иҷтимоии занони мусулмон замина гузошт. Дар ин иртибот, ба андешаи муаллиф, нахустин бор маводи зиёд дар бораи масоили эмансипатсияи занон дар саҳифаҳои аввалин нашрияи даврии Осиёи Миёна “Туркестанские ведомости” ба табъ мерасанд. Рӯзномаи мазкур на танҳо ба рушди матбуот ба забони русӣ ва маҳаллии Осиёи Миёна такон бахшид, балки ба инъикоси масъалаи занон дар матбуоти минтақа асос гузошт. Тавре ки муаллиф иброз медорад, дар актуалӣ гардидани масоли эмансипатсияи занон ва пайдоиши мавод оид ба ин масъала ба ғайр аз нашрияҳои расмии "Туркестанские ведомости" ва "Газета туркестанского края" ба забонҳои маҳаллӣ, ҳамчунон нақши нашрияҳои пешқадами аз хориҷ ба кишвар воридшуда, минҷумла, рӯзномаи машҳури маорифпарвар Исмоил Гаспаронӣ, хеле муҳим аст. Маҷаллаи “Мулло Насриддин” – нахустин нашрияи ҳаҷвӣ дар мамолики Шарқ низ аз шумули чунин нашрияҳоест, ки тавассути ҳаҷв таваҷҷуҳи ҷомеаро ба масоили эмансипатсияи занони мусалмон ҷалб намудааст. Муаллиф актуалӣ будани масоили эмансипатсияи занонро дар матбуои Осиёи Миёна нишон дода, ҳамчунин ба ҳайси намуна маҷаллаи “Оина” - ро зикр намудааст, ки асосгузори он - ҷадиди машҳур, нависанда ва публитсист Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва ҳаммаслаконаш тавасути он афкори худро оид ба мақоми занони мусулмон ба ҷомеа расонидаанд.

Калидвожаҳо: масъалаи зан, ҳуқуқ, мақоми зан, рӯзнома, маҷалла, ҳаҷв, Осиёи Миёна, матбуот, маводи нашршуда.

ВОПРОСЫ ЭМАНСИПАЦИИ ЖЕНЩИН В ПЕЧАТИ СРЕДНЕЙ АЗИИ

(конца XIX и начала XX веков)

В статье рассматриваются предпосылки возникновения проблем эмансипации мусульманских женщин в прессе Средней Азии и роль первых газет и журналов в освещении этих вопросов. По мнению автора, трансформация общественно-политической ситуации в Средней Азии в связи с присоединением региона к Российской империи привела к повышению внимания передовой интеллигенции к положению мусульманских женщин. В связи с этим, по мнению автора, впервые на страницах первого среднеазиатского периодического издания "Туркестанские ведомости"появляются публикации об эмансипации женщин. Газета положила начало не только развитию прессы на русском и местных языках, но и постановке женского вопроса в прессе региона. По мнению автора, в актуализации вопроса об эмансипации женщин и появлении публикаций по этой проблеме помимо официальных изданий "Туркестанские ведомости" и "Газеты Туркестанского края" на местных языках важна также роль передовых изданий, поступающих из других стран, в частности, знаменитой газеты татарского просветителя Исмаила Гаспринского "Тарджуман". К таким изданиям относится также журнал "Молла Насреддин" - первое сатирическое издание на Востоке, которое посредством сатиры привлекло внимание общественности к вопросам эмансипации мусульманских женщин. Показывая актуальность вопросов женской эмансипации в прессе Средней Азии, автор приводит в качестве примера журнал "Ойна" ("Зеркало"), посредством которого его основатель - известный джадид, писатель, публицист Махмудходжа Бехбуди и его соратники донесли до общественности свои взгляды о положении мусульманских женщин.

Ключевые слова: женский вопрос, право, статус женщин, газета, журнал, сатира, Средняя Азия, печать, публикация.

EMANCIPATION OF WOMEN IN THE PRESS IN CENTRAL ASIA

(late XIX and early XX centuries)

The article discusses the background of the emergence of the topic of emancipation of Muslim women in the press of Central Asia, and the role of the first Newspapers and magazines in covering these issues. According to the author, the transformation of the socio-political situation in Central Asia following the accession of the region to the Russian Empire led to increased attention attributed by the intelligentsia to the situation of Muslim women. The author claims that it is in this connection that the publications on the emancipation of women appearfor the first time on the pages of the first Central Asian periodical "Turkestan Gazette". The newspaper marked the beginning of not only the development of the press in Russian and local languages, but also in addressing the women's issue in the regional press. According to the author, in the promotion of the issue of women’s emancipation and in the emergence of publications on this topic, a significant role, apart from the official publications in the local languages “Turkestan Gazette” and “Turkestan Regional Newspaper”, was played by the leading publications from other countries, in particular, the famous newspaper of Tatar educator Ismail Gasprinsky "Tarjuman". Such publications include also the magazine "Mola Nasreddin", the first satirical publication in the East that used satire to draw public attention to the emancipation of Muslim women. In order to show the relevance of the topic of women's emancipation in the press of the Central Asia, the author gives an example of the magazine "Oyna" ("Mirror"), through which its founder - the well-known Jadid, writer, publicist Mahmudhoja Behbudi and his associates, delivered his views on the situation of Muslim women to the public.

Key words: women's issue, law, status of women, newspaper, magazine, satire, Central Asia, press, publication.

Сведения об авторе: ***Сохибназарбекова Райхон Мамадаминбековна*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры отечественной и международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **raihon2009@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-526-05-33**

Information about the author: ***Sohibnazarbekova Raihon Mamadaminbekovna*** - Russian -Tajik (Slavonic) University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of national and international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzoda 30. E-mail: **raihon2009@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 93-526-05-33**

УДК: 070+491.550 (575.3)

ИФОДАҲОИ САМИМИЯТУ ЭҲТИРОМ ДАР МУСОҲИБАИ РАДИОӢ

Бахтиҷамоли Раҳимзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ на танҳо аз қадимтарин забонҳои олам, балки аз нигоҳи луғавӣ низ аз бойтарин забонҳои олам ба шумор меравад. Дар ин бора ҳам забоншиносон ва ҳам таърихшиносони ватаниву хориҷӣ таҳқиқот анҷом дода, ин андешаро асоснок кардаанд. Яке аз ин нишонаҳо ин мавҷудияти осори илмиву таърихӣ ва адабии қадимӣ бо ин забон аст, ки то ба имрӯз омада расидаанд. Ва ин осор бозгӯйи қадимӣ будани забони мо буда, раванди ташаккул ва такомули онро нишон медиҳад. Муҳаққиқон ба таърих ва вазъи феълии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хосса доранд. Зеро то ҳанӯз дар илми забоншиносии мо паҳлуҳое ҳастанд, ки ба таҳқиқ ниёз доранд. Аз ҷумла, забон ва услуби баёни воситаҳои ахбори омма то солҳои наздик ба таври бояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Олимону донишмандон устод Садриддин Айнӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Мукаррама Қосимова дар баъзе осори худ ба баъзе паҳлуҳои забони воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳ намудаанд, аммо ба таври хосса камтар мавриди баррасиҳои илмӣ қарор додаанд. Профессор Баҳриддин Камолиддинов аз муҳаққиқоне ҳастанд, ки на танҳо ба масъалаҳои сарфу наҳв сару кор мегиранд, балки ба омӯзиши забону услуби ВАО машғул шуда, як қатор осори арзишманди таълимиро, аз қабили «Сухан гуфтию дурр суфтӣ…», «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот» ва ғайра пешкаши ҳаводорони забони тоҷикӣ сохтаанд. Устод Баҳриддин Камолиддинов дар ин самт мактаби илмиву таҳқиқии худро ба вуҷуд оварда, як гурӯҳ муҳаққиқонро роҳнамоӣ мекунанд.

Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон дар раванди такомули забони адабӣ нақши муҳим доранд. Зеро аксаран калимаву ифодаҳо аз гуфтугӯйи мардум ва забонҳои дигар тавассути воситаҳои ахбори омма ба забони адабӣ роҳ меёбанд. Бахусус, дар шароити муосири технологияҳои иртиботиву иттилоотӣ журналистикаи шаҳрвандӣ торафт рушд ёфта, бо усул ва шеваҳои гуногун вориди рӯзгори мо мегардад. Аз ин сабаб омӯзиши махсусияти забону услуби баёни воситаҳои ахбори омма тақозои замон аст. Яке аз воситаҳои муассири иттилоърасонӣ радио мебошад, ки забон ва услуби баёни он ба таҳқиқи махсус ниёз дорад. Зеро дар радио сухан бо тарзи баёни худ таъсир дорад. Яъне, нотиқ кадом сухану истилоҳро интихоб ва чӣ тавр баён мекунад, хеле муҳим аст. Дар ин бора таъкиди профессор Баҳриддин Камолиддинов хеле бамаврид аст: «Сухани нотиқ бояд фасеҳ, шево табиӣ, бенуқсон ва покиза аз ҳама гуна олоиш бошад… Суханвар бояд сарвати луғавии ғанӣ, дониши мукаммали савтиёт, сарфу наҳв дошта бошад ва аз санъатҳои тасвири бадеӣ ва имконоти муассири ифодаи фикр огоҳ бошад» [1, с.9].

Дар ҷомеаи мо ба шахси сухандон эҳтироми махсус зоҳир мешавад ва ҳусни баёнро аз фазилатҳои инсон меҳисобанд. Зеро қобилияти зебо сухан гуфтанро на ҳама соҳибанд. Дар ин замина муҳаққиқ Мушаррафа Ҷӯраева менависад: «Ҳусни сухан фазилати инсон аст. Ҳусни сухан ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмуни гуфтор зоҳир мегардад. Аз ҷиҳати шакл, риояи оҳанг ва низоми сухан шево ва бурро талаффуз намудани ҳар як калима шарти асосист. Аз ҷиҳати мазмун донистани маъниҳои аслӣ ва маҷозии ҳар як калимаву ибора ва бамавқеъ истифода намудани он, интихоби калимаҳои беҳтарин ва фаҳмотарин, ки ба ифодаи матлаб мувофиқ бошад, хеле муҳим аст. Дар сурати бо ҳам мутобиқати комил пайдо кардани ҷиҳатҳои шаклӣ ва маънавии гуфтор арзиш ва таъсири сухан хеле зиёд мешавад» [2, с.12].

Яке аз жанрҳое, ки дар он муколама нақши муҳим дорад, мусоҳибаи радиоӣ мебошад. Дар ин жанр махсусияти фаъолияти радио баръало зоҳир мешавад. Агар дар мусоҳибаи матбуотӣ забон, услуби баёни журналист ва мусоҳиб то ба хонанда расидан таҳрир хӯрад, пас дар мусоҳибаи радиоӣ забон ва услуби баёни ҳам журналист ва ҳам мусоҳиб дар шакли асл нигоҳ дошта мешавад. Табиист, ки вақте муколама сурат мегирад, зарурати эҳтироми тарафайн ба миён меояд. Ҳам журналист ва ҳам мусоҳиб дар баробари эҳтироми якдигар бояд эҳтироми шунавандагонро ба ҷо оранд. Аз воситаҳои самимияту

эҳтиром истифода бурдан ба маҳорати касбӣ, донистани махсусиятҳои забон ва услуби баён, одоби муошират, меъёрҳои этикӣ ва амсоли ин вобаста аст. Дар мисоли мусоҳибаҳое, ки аз тариқи радиоҳои «Тоҷикистон» ва «Фарҳанг» пахш мешаванд, метавон гуфт, ки дар онҳо воситаҳои самимияту эҳтиром хеле хуб истифода мешаванд. Ба таври намуна аз мусоҳибаи журналист Ҷамилаи Ҷамол бо директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифмурод Исрофилниё (дар барномаи «Маърифат», рӯзи 17 сентябри соли 2016) чунин ифодаҳоро овардан мумкин аст, ки хеле зиёд истифода шудаанд: *Сомеони гиромӣ, шунавандагони азиз, муаллими меҳрубон, устоди муҳтарам*. Аз як тараф ду ифодаи охир ба касби мусоҳиб алоқамандӣ дошта бошанд ҳам, дар онҳо эҳтирому самимияти журналист ба шахси мусоҳиб зоҳир мешавад. Ҳамчунин журналист дар нисбати ҳамсуҳбаташ ҳамеша аз ҷонишини шахси дуюми ҷамъ – *шумо* кор мегирад. Чунин муносибатро ба шунавандагону мусоҳибон дар барномаҳои журналистон Убайдуллои Акрам, Лутфияи Азиз низ дучор шудан мумкин аст.

Хулоса, дар мусоҳибаҳои радиоӣ эҳтирому самимият бо шаклҳои гуногун, синониму муродифҳо дар алоқамандӣ бо захираи луғавии муаллифон ифода мегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ… / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 2007. - 72 с.
2. Ҷӯраева М. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI / М. Ҷӯраева. - Душанбе: Девештич, 2004. – 120 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. Ҷ. 1.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. Ҷ. 2.
5. Рустамов Ш. Аломати ҷамъ ва одобу эҳтиром / Ш.Рустамов // Маориф ва маданият, 1975. - 24 апрел.

ИФОДАҲОИ САМИМИЯТУ ЭҲТИРОМ ДАР МУСОҲИБАИ РАДИОӢ

Дар ин мақола дар бораи ифодаи эҳтирому самимият дар мусоҳибаҳои радиоӣ бо шаклҳои гуногун, синониму муродифҳо дар алоқамандӣ бо захираи луғавии муаллифон сухан меравад. Муаллиф дар асоси таҳлилу баррасии маводи радиои “Тоҷикистон” хулоса мекунад, ки ифодаи эҳтирому самимият дар мусоҳибаҳои радиоӣ ба донишу маърифати журналист ва мусоҳиб вобаста аст. Аз ин сабаб, омӯзиши махсусияти забону услуби баёни воситаи ахбори омма тақозои замон аст. Ҳар як халқу миллатро аз рӯйи хусусиятҳои хосси забону маърифаташ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми мардуми тоҷик (ҳамаи халқҳои форсизабон) ин иззату эҳтироми байни ҳамдигарист. Воситаи ахбори оммаи Тоҷикистон дар раванди такомули забони адабӣ нақши муҳим доранд. Зеро аксар калимаву ифодаҳо аз гуфтугӯйи мардум ва забонҳои дигар тавассути ахбори омма ба забони адабӣ роҳ меёбанд. Қобили зикр аст, ки мавзӯи одоби муошират ва рукнҳои асоси он, эҳтирому самимият, фурутаниву тавозӯъ дар илми филологияи тоҷик ба қадри кофи мавриди таҳқиқи омма қарор нагирифтааст.

Калидвожаҳо: радио, мусоҳиба, шунавандагон, сухан, одоби муошират, эхтиром.

ВЫРАЖЕНИЯ ИСКРЕННОСТИ И УВАЖЕНИЯ НА РАДИО В ЖАНРЕ ИНТЕРВЬЮ

В данной статье речь идёт о способах выражения вежливости и уважения в беседах на радиопередачах в различной форме, синонимах и соответствиях в тестной связи с словарным богатством авторов. Автор делает выводы на основе анализа материалов радио «Таджикистан» и приходит к мнению, что выражение вежнивости в радио-диалоге зависит от знания и мастерства самого журналиста. Поэтому обучение особенностям языка и методам изложения, а также средствам массовых информаций является требованием времени. Каждый народ и нацию узнают и уважают по их свойствам. Одним из свойств таджикского народа (всех народов, говорящих на персидском языке) является уважение друг к другу. Средства массовых информаций Таджикистана имеют огромное значение в процессе совершенствования литературного языка. Потому что многие слова и выражения со слов народа и других языков посредством СМИ переходят в литературный язык. Необходимо отметить, что тема этикета и его основные элементы, такие как: уважение и искренность, скромность и вежливость в таджикской филологической науке достаточно исследованы.

Ключевые слова: радио, беседа, слушатели, слово, этикет, уважение, средство, литературный.

EXPRESSION OF SINCERE SND RESPECT DURING ASSOCIATION IN LROADCAST

In this article the author tells aboun expression of sincere and respect in talks during broadcast in different forms, sinonims and conformity closely connection with dictionary niches of outhors/ the author conducts conclusion on a base of analyse of materials of radio ‘Tadjikistan’, where expression of sincere snd respect in a radio-dialoue depends on know lede and mastery of the journalist. So, teaching peculiarities of the language and method of composition mass media is demand of the time. Every nation and people know and respect for its characteristic. One of characteristic of the Tajik people (all people are speaking in Persian language) is respecting each other. Mass media of the Tajik Republic has great meaning in process of improving the literary language. Many words and phrases from words of the people and otter languages by means of Mass media transfer to the literary language. Its necessary note that the theme of etiquette and its main elements, as respect and sincerely, modesty and politely in the Tajik philological science is enough researches by the people.

Key words: radio, a talk, listeners, a word, etiquette, respect, means, literary.

Сведения об авторе: ***Бахтиджамоли Рахимзода*** – Таджикский национальный университет, аспирантка кафедры стилистики и литературное редактирование. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 987-88-87-59**

Information about the author: ***Bakhtichamoli Rakhimzoda*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 987-88-87-59**

УДК: 07 (575.3)

МАВҚЕИ МУАЛЛИФ ДАР ПУБЛИТСИСТИКА

Усмонова Н.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Профессор Усмонов И.К. дар Жанрҳои публитсистика он ақидаро таъкид мекунад, ки «дар мақола мавқеи муаллиф аз унсурҳои асосӣ мебошад» [14, с.62]. Масъалаи мавқеъро натанҳо дар мақола, балки дар ҳамаи жанрҳои публитсистика ба ҳамин шева дидан мумкин аст, чунки публитсистика ин таърихи замони мо, яъне имрӯз аст. Мақсади вай таъсир расонидан ба афкори аудитория мебошад. Ҳар навъ мавод- мақола, мусоҳиба ва ҳар чизи дигари чопие, ки дар замони худаш чоп шавад пурра хислати публитсистӣ дорад ва ҳар гоҳ он дар шакли китоб омода гардад, пас аз ин дар публитсистика хусусияти таърихӣ низ роҳ меёбад. Вале профессор И.К. Усмонов ишора менамоянд, ки «… вақте ки китоб шуд, публитсистика хусусияти таърих пайдо мекунад, аллакай, як чизи фарқкунандаро бояд дар назар дошта бошем, қолаби нав пайдо мешавад. Мақола ё мусоҳибае, ки дар китоб чоп мешавад, кадом сол аввалин бор нашр шуда буд, нишон дода мешавад. Мақсади нашр кардани он ба мардум роҳеро нишон додан, ба мардум таъсир расонидан буд» (Усмонов И. хотирот (сабт), 02.11.2017). Аз ин рӯ, ин гуна асарҳо мавқеи хос дошта, хонандаи худро ҳеҷ гоҳ гум намекунанд, аз насл ба насл боқӣ мемонанд ва дар оянда ҳамчун маълумот хизмат менамоянд. «Публитсистика метавонад ҳам дар асарҳои бадеӣ ва ҳам дар асарҳои илмӣ бошад. Мо жанрҳои публитсистӣ - бадеӣ мегӯем, вале илмӣ - публитсистӣ намегӯем. Аслан гуфтанамон мумкин аст». (Усмонов И. хотирот (сабт), 02.11.2017).

Дар хусуси сабк, услуб ва тарзи баёни ҳар масъалае, ки бошад, мавқеи муаллиф, ақида ва маҳорати нигорандагии ӯ намудор мешавад. Ба ин нукта муҳаққиқ Н.Бозоров ишора менамояд, ки «…мо на фақат иштироку нақши фаъоли ӯро, балки аз тарафи хонанда дарк гардидани муаллифро, ҳамчун қаҳрамони амалкунанда дар назар дорем. Ӯ бояд ҳикоятгари бомаҳорат ва рассоми моҳир намудор гардад» [2, с.242]. Дар пайи баррасӣ ва кушодани ин муаммо асарҳое, ки ба публитсистика дахл доранд, аз нигоҳи услуб гуногун буда, маҳорати нависандагиро талаб менамоянд. Вале ин хислат ҳам дар адабиёт ва ҳам дар илм дида мешавад. Барои равшантар гардонидани ин ақида мо ба се китоби профессор Усмонов И.К., ки солҳои охир чоп шудаанд, назар менамоем. Яке «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон», ки охири соли 2016 чоп шуд, китоби дигар «Савганди сулҳофаринӣ», ки моҳи июни соли 2017 аз чоп баромад ва сеюм «Пайкари накуӣ» мебошад, ки моҳи ноябри соли 2017 бо ҳамкории М.Зайниддинов ва М. Қосимов чоп шуд. Вақте бо мундариҷаи китобҳо шинос мешавем, мебинем, ки он ба шахсиятҳо ва воқеаҳои конкрет тааллуқ дорад. Яъне маҳсули хаёл нест ва аз ин рӯ, баъзеашон то ҳадде баъзеяшон публитсистика ва баъзеи дигарашон пурра ба публитсистика иртибот доранд. Масалан китоби «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» воқеаҳои 25-соли охири Тоҷикистонро дар бар мегирад ва дар ин ҷо мақолаҳо дар мавзӯи сулҳ, сиёсат, миллат, халқ, фарҳанг ва матбуот ба нашр расидаанд. Он аз нигоҳи жанр маҷмӯи мақолаҳои публитсистию илмиро дар бар мегирад. Публитсистика будани онҳоро худи мақолаҳо ва мусоҳибаҳо дарак медиҳанд, ки инҳо публитсистика ҳастанд, зеро публитсистика мақолаҳои матбуотро дар бар мегирад ва аз ин сабаб матбуотӣ ҳастанд.

Маҷмӯаи мазкури И.К. Усмонов мавқеи хосси вайро таъкид мекунад. Мавқеъ дар публитсистика тавре Е.П. Прохоров мегӯяд: «Чӣ қадаре ки ҳунари публитсист баланд бошад, ҳамон андоза дар асарҳои ӯ ноқил симои ба худ хос дорад, … пешниҳоди далелҳо ва дар охир услуби гуфтораш низ табиӣ аст» [10, с.341].

Як муҳиммияти китоб дар он аст, ки дар охири ҳар кадом матн санаи навишта шудани он нишон дода шудааст. Ин на барои ёд кардани он аст, ки ҳамон вақт чоп шудааст, ин таъкиди он аст, ки матлаб хусусияти публитсистӣ дорад, яъне дар вақташ гуфта шудааст, баъди гузаштани воқеаҳо не. Ҳангоми суҳбат бо муаллифи ин китоб профессор И.К. Усмонов зикр намуданд, ки ин гуфтаҳо суханҳои ба худ хосро доранд. «Масалан дар «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» дар қисмате, ки «Сулҳ» ном дорад, сархати аввалини он чунин оғоз мешавад: «Ҷоҳталабону сиёсатбозон ҷамъиятро ба

каждум табдил додаанд: мисли он ки насли ягонаи каждум вуҷудеро, ки онро ба олам доданист, аз дарун хӯрда, худ ба ҳаёт «сарбаландона» гом мегузорад, мансабдорон ҳам ҳукуматеро, муҳитеро, ки зери чашм кардаанд, дар худ фурӯ бурда, дастеро, ки эшонро аз қаърҳо берун овардааст, шикаста, чашмеро, ки онҳоро шинохта ва бонӣ намудааст кӯр карда, худ қудратро соҳиб шудан мехоҳанд» [16, с.8]. Ба ин шакли оғоз муаллиф мавқеи худро нисбати онҳое, ки воқеаҳои майдонро ба вуҷуд овардаанд, заминаи ҷанги шаҳрвандиро ба вуҷуд овардаанд, дар ҳамон сол муайян менамояд.

Аз ин суханони муаллиф садои муқобили ин ҳаракат будани ӯ баланд мегардад. Ҳар коре, ки мешавад, ба он муносибати софдилона ва озодона буданаш зарур аст ва дар он сӯиистифода аз чизе буданаш набояд. Ин ҳамчун мавқеи иҷтимоии муаллиф, ҳамчун мавқеи И.Усмонов оиди ин масъала дар ҳамон солҳо муайян мешавад.

Қисмати «Сулҳ»-и ин китоб низ аз якчанд мусоҳиба ва мақолаҳо иборат буда, онҳо бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд. Масалан мусоҳибае, ки бо забони русӣ чоп шудааст, «Мы будем работать независимо от того, совпадают ли наши политические условия или нет» мебошад. Ин мусоҳибаи И.Усмонов бо мухбири «Бизнес и политика» буда, октябри соли 1997 чоп шудааст. Дар баробари ин, дар ҳамин шумораи нашрияи зикршуда мусоҳибаи Отахон Латифӣ низ чоп гардидааст. Гарчанде мавзӯи мусоҳибаҳо як бошад ҳам, яъне дар атрофи як мавзӯъ сухан равад ҳам, вале ақидаҳои гуногун ба назар мерасад. Вале нашрия ин ду ақидаи ба ҳам зидро дар якҷоягӣ дар як саҳифа гузошта, ба хонанда пешниҳод мекунад. Ду мавқеъ дар як мавзӯъ. Мавзӯъ мавзӯи сулҳ аст. Албатта, ҳар ду ақида ҳам сулҳро ёфтан мехоҳанд, сулҳ асоси мавзӯъро ташкил менамояд, вале саволи дигаре пеш меояд, ки кадом роҳ барои ба даст овардани сулҳ беҳтар аст. Инаш мавқеи хосси ҳар кадом нафар аст, ки аз мазмуну мундариҷаи сухани онҳо ва муносибати минбаъдаи онҳо муайян карда мешавад.

Қисмати дуюми ин китоб «Сиёсат» аст, мақолаҳо, мусоҳибаҳоеро, ки вобаста ба сиёсат чоп шудаанд, дар бар мегирад. Як намунаи он «Қабристони пул» ном дорад, ки вай аввалин бор дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳангоми пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ чоп шудааст. Ин мақоларо худи И.Усмонов чунин шарҳ медиҳанд: «Қабристони пул» воқеият ин тавр буд, ки ҷумҳуриҳои Прибалтика аз СССР ҷудо шуда, пули советиро истифода намебурданд, онҳо бо ҳамон пули барои худашон нодаркор ба Тоҷикистон омада, аз мағозаҳои Тоҷикистон яхдону телевизор ва ҳар чизи қиматбаҳое, ки буд, бо нархи дучанду сечанд харида мебурданд. Дар натиҷа, дар мағозаҳо ҳеҷ чиз наmemонд. Масалан, агар дар ҳамон вақт як телевизор ду ҳазор сӯм арзиш дошта бошад, одамони аз Прибалтика омада, онро ба даҳ ҳазор мехариданд, вале тоҷик харида наметавонист ва ин пули мурдаистода дар Тоҷикистон ба як қабристон табдил ёфта буд. Гарчанде халқ пули бисёр дошта бошад ҳам, дар мағозаҳо чизи мехаридагӣ намонда буд» (Усмонов И. хотирот (сабт), 02.11.2017). Ишораи муаллиф ба он мушкилие ки мардум дар ин замон доштанд, нигаронида шудааст. Ӯ мавқеи худро нисбат ба ҳамин мавзӯъ нишон медиҳад ва аз ҳама муҳим ин ақидаи ӯ, мушоҳидаи ӯ ва фикри ӯ оиди масъалаи мазкур мебошад. Ин суханон, ин факт ва таҳлилҳои муаллиф барои замони имрӯз маълумоти ҳамон солҳо буда, воқеияти ҳамон солҳоро инъикос мекунад, мавқеи муаллиф нисбати ҳамин масъала ва ҳамин замон аст.

Асари дигаре, ки болотар ёдовар шудем, «Савганди сулҳофаринӣ» мебошад, ки он аслан асари илмӣ аст, вале публитсистика низ дорад. Дар як қисмати калони асар сухан дар бораи Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбар ва роҳнамои сулҳи Тоҷикистон меравад. Ин иқтибосҳо аз гуфтаҳои Президент дар замони раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуданашон то соли 2000-ум мебошад. Иқтибосҳо пай дар пай ҷой дода шуда, хулосаи ин иқтибосҳо дар он аст, ки ҳамин ҳунар, ҳамин гуфтор, ҳамин амал буд, ки ба сифати Пешвои миллат интихоб шуданд. Ҳамчунин, мавқеъ ва ақидаи муаллифро дар қисматҳои дигари ин китоб мебинем, ки ба солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва симои музокирачиёни сулҳи Тоҷикистон алоқамандӣ дорад.

Китоби сеюм аз нигоҳи жанр монография буда, дар бораи профессор Воҳид Мирашӯрович Асрорӣ аст. Яъне портрети муаллим Асрорӣ дар он таҷассум гардидааст. Вале як хусусияти хос дорад, ки то ҳол дар илми мо набуд. Ба сифати манбаъ чизҳои архивӣ не, асарҳои илмӣ не, балки мақолаҳои дар бораи муаллим Асрорӣ чопшуда истифода шудаанд. «Агар хатти сюжети инро нигоҳ кунем, ин ба рисолаи номзадӣ монанд аст». Шакли таҳқиқ ин истифодаи матолиб ба таври хос аст. Яъне матолиби дар бораи муаллим Асрорӣ навишташуда пайи ҳам оварда шудаанд, мантиқан ба ҳам пайванду наздик гардонида шудаанд. Рӯҳияи публитсистии асар ошкору аён аст.

Аз ин рӯ, мо публитсистикаро, на танҳо ба адабиёт қарин мекунем, балки таърих ҳам ҳисоб мекунем. Зеро дар якҷоягӣ вуҷуд дошта метавонад. Лекин фарқи публитсистика ва адабиёт дар он аст, ки адиб образ месозад, публитсист образ намесозад, публитсист

воқеиятро менависад. Лекин ин маънои онро надорад, ки публитсистика умуман бадеият надорад. То чӣ дараҷа бадеӣ ва зебо гуфтан ба ҳунари муаллиф вобастагӣ дорад. Масалан, журналисте, ки ҳунари хуби нависандагӣ дорад, мақолаи одияш аз ҳикоя камтар намешавад, масалан, мақолаҳои устод Айнӣ. Аксарияти онҳо гӯйё адабиёт ҳастанд, зеро тарзи баён ҳунарӣ ӯ аст. Вақте мегӯем, ки адабиёт ин образ ва пулитсистика воқеиятаст, ин маънои бадеият надоштани публитсистикаро ифода намекунад. Аҳамияти ин асарҳо дар он аст, ки дар вақташ хизмати онҳо барои бедор кардани фикрҳо чун публитсистика истифода шудаанд. Акнун имрӯз барои он касоне, ки он замонро фаҳмидан мехоҳанд ба сифати манбаъ хизмат мекунад.

Бо таҳлили ин ҳама ба хулоса расидан мумкин аст, ки фикри профессор М.Муродов дар мавриди эҷодиёти публитсистии И.Усмонов «Фаъолияти эҷодии И.К. Усмонов паҳлуҳои гуногунро фарогир бошад ҳам, дар онҳо назари муҳаққиқонаи муаллиф бартарӣ дорад. Аз ин рӯ, дар кулли осори ӯ, ки масъалаҳои гуногунро фаро гирифтаанд, бӯйи муносибати журналистӣ (публитсистӣ) ба машом мерасад. Яъне муаллиф бе ташаккули ғояи муайян ба навиштан даст намезанад, бе асос (факт) чизе намегӯяд ва ҳамеша воқеиятро таҳлил мекунад, дар муносибат ба мавзӯъ принсипи қатъӣ дорад, дар гуфтааш устувор аст», [8, с.224] ҳақиқатро ифода мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Амвоҷи сухан / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005.- 96 с.
2. Бозоров Н. Мавқеи муаллиф дар Сафарнома / Н. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2013. - С. 242.
3. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 2001. - 162 с.
4. Кӯчарова Н. Публитсистикаи Абдулҳамиди Самад / Н.Кӯчарова. - Душанбе, 2016. - 192 с.
5. Қудбуддинов Б. Воқеияти тасвир / Б.Қудбуддинов. – Душанбе, 2014. - 124 с.
6. Қудбуддинов Б. Роҳ ба сӯйи эҷод / Б.Қудбуддинов. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 108 с.
7. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М.Муродов. – Душанбе, 2011. - 146 с.
8. Муродов М. Аз замон то замон (Нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик) / М.Муродов. – Душанбе, Шуҷоиён, 2010. - 248 с.
9. Нуралӣ Солеҳ, Асадулло Саъдуллоев. Муаммои назарияи публитсистика. - Душанбе, 2015. - 182 с.
10. Прохоров Е.П. Искусство публицистики / Е.П. Прохоров. - М.: Советский писатель, 1984.-360 с.
11. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики / Е.П. Прохоров. - М.: Изд-во Московского университета, 2005. - 368 с.
12. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. - 256 с.
13. Усмонов И.К. Журналистика Ҷ. 3 / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.
14. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. - 140 с.
15. Усмонов И.К. Журналистика Ҷ. 4 / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 474 с.
16. Усмонов И.К. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон / И.К. Усмонов.-Душанбе: Матбуот, 2016.-672 с.
17. Усмонов И.К. Савганди сулҳофаринӣ / И.К. Усмонов. – Душанбе: Бебок, 2017. - 132 с.
18. Усмонов И.К. Пайкари накуӣ / И.К. Усмонов. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 176 с.
19. Ученова В. В. Гносеологические проблемы публицистики / В. В. Ученова. - М., МГУ, 1971. - 147 с.
20. Учёнова В.В. У истоков публицистики / В.В. Учёнова.-М.: Изд-во Московского университета, 1989.-216с.
21. Черепахов М.Е. Проблемы теории публицистики / М.Е. Черепахов. - М.: Мысль, 1973. - 272 с.

МАВҚЕИ МУАЛЛИФ ДАР ПУБЛИТСИСТИКА

Дар ин мақола ҷанбаи илмию публитсистии осори И.К. Усмонов мавриди тадқиқ қарор мегирад. Объекти тадқиқро се таълифоти муҳаққиқ: «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон», «Савганди сулҳофаринӣ», «Пайкари накӯӣ», ки дар солҳои 2016-2017 ба табъ расидаанд, ташкил медиҳад. Махсусияти ин таълифот дар он зоҳир мегардад, ки инҳо осори публитсистӣ буда, ҷанбаҳои илмиро низ фаро мегиранд. Ба осори И.К. Усмонов омӯзиши сабки публитсистӣ ва илмӣ хос аст, ки ин бо мавзуи офаридашудаҳояш иртиботи қавӣ дорад. Ӯ бештар ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистони муосир таваҷҷуҳ кардааст. Дар ин таълифот мавқеи муаллиф аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми баррасии мавзӯъҳои такрор муҳаққиқ онҳоро бо далелҳои нав пурра мекунад, ки маводи қаблӣ аз ин ҷиҳат тафовут дорад. Ин ба мавқеи муаллиф алоқаманд буда, дар аксари нигоштаҳояшон гуногунрангии ӯ мушоҳида мешавад. Ин ҳолат хусусан ҳангоми ифодаи баъзе қонунҳо ва далелҳои илмӣ дар асарҳои И.К. Усмонов ба вуқӯъ мепайвандад. Аммо ин маънои онро надорад, ки осори ӯ бо оҳанги қатъӣ эҷод шудааст. Дар ҷараёни баррасии мавзӯъ саҳнаҳои бадеӣ, образҳо низ ба назар мерасанд, ки объекти тадқиқро пурра тасвир мекунанд. Китоби аввали муҳаққиқ «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» маҷмӯаи мақолаҳои ӯро дар бар мегирад, ки ба мавзӯъҳои зерин бахшида шудаанд: сулҳофаринӣ, сиёсат, худшиносии миллӣ, масъалаҳои дин, фарҳанг ва ВАО. Ин имкон медиҳад, ки ҳаёти халқи тоҷик дар солҳои Истиқлолият дар он шакле инъикос гардад, ки дар он мавқеи муаллиф муайян карда шавад. Таълифоти дигари ӯ «Савганди сулҳофаринӣ» аз се қисм иборат буда, дар он симои сулҳоваринии Президенти Тоҷикистон, мавқеи муаллиф дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва портрети иштирокчиёни сулҳи тоҷикон инъикос гардидааст. Китоби сеюм «Пайкари накӯӣ» аз нигоҳи жанр монография аст, аз нигоҳи характер-портрети бадеӣ, ки ба В.Асрорӣ бахшида шудааст. Аз рӯйи ёддошти шогирдон ва ҳамкорон осори муҳаққиқ тадқиқ шуда, образи ҳаётии зинда офарида шудааст. Ҳар се таълифот аҳамияти илмӣ дошта, ҳамчун асари бунёдӣ хизмат хоҳанд кард.

Калидвожаҳо: мавқеъ, публитсист, публитсистика, образ, сиёсат, Усмонов И.К., «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон», «Савганди сулҳофаринӣ», «Пайкари накуӣ», мақола.

МЕСТО АВТОРА В ПУБЛИЦИСТИКЕ

В данной работе исследуются научные и публицистические особенности произведения Усмонова И.К. Объектом исследования являются книги «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» (Укрепление мира и эволюции Таджикистана), «Савганди сулҳофарин̄» (Клятва миротворения) и «Пайкари накуӣ» (Символ доброты), изданные 2016-2017 гг. Особенности этих работ заключается в том, что они являются публицистическими трудами с элементами научного стиля. Для творчества Усмонова И.К. свойственно смешенное использование публицистики и науки. Это связано с тематикой его трудов – общественно-политической жизнью современного Таджикистана. Важное значение в этих трудах имеет позиция автора. Затрагивая повторные темы, публицист в каждой своей публикации отражает новые стороны обсуждаемого вопроса, т.е. дополняет новыми фактами, отличавшимися от предыдущих материалов. Это связано с позицией автора. Во многих его публикациях чувствуется самообразие самого автора, которое не всегда совпадает с другими авторами. Это происходит в том случае, когда становится необходимым использование некоторых научных канонов и научных доказательств в произведениях Усмонова И.К. Сказанное не означает, что его книги написаны в твердом тоне. Автору свойственно использование художественных сцен, образов, чтобы дополнить и оформлять отражаемую тему. Три книги Усмонова И.К. разнообразны и по жанру. Первая книга «Таъкими сулҳ ва таъаввулоти Тоҷикистон» (Укрепление мира и эволюции Таджикистана) является сборником научных и публицистических работ автора, который охватывает следующие темы: миротворчество, политика, национальное самосознание, вопросы религии, культура и СМИ. Это дает автору возможность сконструктировать жизнь таджикского народа в годы независимости в такой форме, которая позволяла бы определить позицию автора на вышеуказанные темы. Другая работа «Савганди сулҳофарин̄» (Клятва миротворения) состоит из трёх частей, в которых отражается миротворческий портрет президента Таджикистана, позиция автора относительно гражданской войны Таджикистана и строгий публицистический портрет участников миротворческого процесса. Третья работа «Пайкари накӯӣ» (Символ доброты) по жанру соответствует монографии, по характеру-художественному портрету и она посвящена профессору В. Асрори. По материалам воспоминаний учеников и соратников также исследуется творчество, воссоздается живой жизненный образ. Все работы имеют научную значимость и могут служить основой для новых исследований.

Ключевые слова: Позиция, публицист, публицистика, образ, политика, Усмонов И.К., «Таъкими сулҳ ва таъаввулоти Тоҷикистон» (Укрепление мира и эволюции Таджикистана), «Савганди сулҳофарин̄» (Клятва миротворения), «Пайкари накӯӣ» (Символ доброты), статья.

THE AUTHOR'S PLACE IN JOURNALISM

This article researches scientific and journalistic features of I.K. Usmonov's works. The objects of the research are the books: "Strengthening the peace and evolution of Tajikistan", "Oath of peacemaking", "Grace symbol" which were published in 2016-2017. The peculiarity of these works in that they are journalistic works with the elements of a science style. For I.K. Usmonov's creativity it is characterized the mixed use of journalism and science. It is connected with the theme of his works-the social and political life of modern Tajikistan. Author's position is of great importance in these works. Touching on repeated themes, the publicist in each of his publications reflects the new sides of the issue under the discussion, he completes with the new factors different from previous materials. It is rebated to the author's position. In many of his publications felt the variety of the anther, which is not always the same as with the other authors. It makes when one must use some of scientific canons and scientific evidence in I.K. Usmonov's works. The above mentioned works does not mean that his books are written in solid tone. The author characterizes of the use of art scene, image to supplement and decorate the reflected theme. Usmonov's three books are differ from each other by genre. The first Usmonov's book is "Strengthening the peace and evolution of Tajikistan"- the collection of scientific and journalistic works of the author, which includes the following themes: peacekeeping, politics, national religion questions, culture and mas media it gives the author contract the life of the Tajik people during the years of independence in such a way as to determine the author's position on the above mentioned theme. Author's another work "Oath of peacemaking" consists of three parts, which reflects the peacekeeping portrait of President of Tajikistan, the author's position on the civil war in Tajikistan and a strict journalistic portrait of the participants in the peace process. This third work devoted to Professor V. Asrori on the character of the artistic portrait. Based on the materials of the memory of pupils and associates the creation is also investigated, a living image of life is re-created/ all research works are of scientific importance and can serve as a basis for a new researches.

Key words: Position, journalist ,journalism, form, politics, I. K.Usmonov, "Strengthening the peace and evolution of Tajikistan", "Oath of peacemaking", "Grace symbol", article.

Сведения об авторе: ***Усмонова Наргис Кучаровна*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-50-52-11**

Information about the author: ***Usmonova Nargis Kucharovna*** - Tajik National University, Associate Professor of the Press Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 918-50-52-11**

УДК: 002+07+371+330.82+17

РИОЯ НАГАРДИДАНИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ – ОМИЛИ КОСТА ГАРДИДАНИ ЭЪТИМОД

Раҳимҷонов Х.У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иттилоъ ҳамчун маҳак ва муҳимтарин василаи фаъолияти расонаҳо мавқеи махсусеро дорост ва айният аст, ки ҳеҷ иттилое бидуни мақсад пахш намегардад. Ҳатто интихоб ва шеваи пешниҳоди хабари маъмулӣ низ ҳадафнок аст. Яъне, кадом хабар ва чӣ гуна пахш шудани он низ барои расонаҳо муҳим аст. Инро мо дар мисоли ахбори ҳамарӯзаи расонаҳо ва шеваи муносибат ба онҳо мебинем. Тавассути технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фурсати ниҳоят кӯтоҳ ба тамоми олам паҳн гардидани иттилоъ имконияти дигарест, ки аз ҷониби соҳибони расонаҳо ҳадафмандона истифода мешавад.

Академик М. Имомзода ва дотсент С. Гулзод дар мақолаи “Манфиат ва арзишҳои миллӣ ё баъзе масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон” менависанд: “Иттилоъ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба силоҳи муборизаҳо табдил ёфтааст. Ҳеҷ иттилое бидуни мақсад пахш намегардад. Тавассути технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар камтарин фурсат дилхоҳ иттилоъ дар олам паҳн мешавад. Ин ҳам нишони аҳамияти иттилоъ асту ҳам водоркунандаи масъулият дар назди гирандаи иттилоъ. Ин масъулият, то кадом андоза дархӯри манфиатҳои милливу давлатии мост, саволест аз ҳар рӯзноманигори тоҷик посух мехоҳад” [5].

Дар чунин шароит, мо мехоҳем ба паҳлуи муҳимтари фаъолият – муносибат ба меъёрҳои ахлоқи инсонӣ ва принсипҳои касбӣ мутаваҷҷеҳ шавем, зеро зарурат ва муҳиммияти онҳо равшантар эҳсос мегардад. Муҳаққиқони соҳа, ки махсусан ба этикаи касбӣ таваҷҷуҳ намудаанд, зикр мекунанд, ки журналист набояд ҳеҷ гоҳ онҳоро сарфи назар намояд. Масалан, Р.Г. Бухарсев менависад, ки байни меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва иқтидори эҷодии журналист алоқаи мустаҳкам вуҷуд дорад ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ омили муҳимми устувории касбияти журналист мебошад [1,с.17]. М.И. Шостак дар асари тадқиқотии худ “Репортёр: касбият ва ахлоқ” нақши принсипҳои ахлоқии журналистикаро дар эҷоди журналистӣ махсус баррасӣ мекунад. Ба назари ӯ, репортёрӣ навъи махсуси фаъолияти журналистӣ мебошад, ки он дар ду ҳолат бештар зоҳир мегардад: қобилиятнокии репортёр ҳамчун “бӯйгири навгонӣ” ва пешниҳоди рӯйдод ҳамчун факте, ки ба шарҳу тафсири иловагӣ ниёз надорад [3,с.24]. Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик С. Гулов зикр накардани сарчашмаи иттилоъро риоя накардани талаботи касбӣ ва рафтори ғайриахлоқӣ меҳисобад [2,с.55]. Бахтиёри Қутбиддин, муҳаққиқи дигари тоҷик доир ба ҳангома ва дигар василаҳои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда изҳори назар карда, тазаккур медиҳад, дар шароити кунунӣ чунин усулҳо фарсудаву корношоям гардидаанд ва “муҳарриру корманди рӯзномаро лозим аст, ки дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ эътимоду боварии хонандаро ба даст оранд” [4,с.8].

Бо такя ба андешаҳои муҳаққиқон, дар мисоли ду расонаи электронӣ – сомонаи www.akhbor.com ва сомонаи бахши тоҷикии радиои “Озодӣ” – www.ozodi.org вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқиро баррасӣ менамоем. Интихоби мо ба он хотир аст, ки муассиси сомонаи www.akhbor.com сари чанд муддат аз афзоиши шумори хонандагонаш бо хушҳолӣ хабар дода, дар охирин паёмаш шумори онҳоеро, ки ба сомонаи ӯ сар мезананд, 3 миллион нафар гуфт. Ӯ ҳамчунин, худро тавассути хабарҳояш дар сомонаи akhbor.com доир ба роҳбари бахши тоҷикии радиои “Озодӣ” рақиби тавонои ин бахш нишон медиҳад.

3-январи соли 2018 сомонаи akhbor.com хабар дод: “Тоҷик эйр” барои овардани ҷасади кӯдаки Дилноза 800 доллар гирифтааст”. Муаллиф навиштааст: “Як манбаи "Ахбор” мегӯяд, овозхони шинохта Дилноза Каримова барои интиқоли ҷасади писари шашсолааш Диёрбек аз Деҳлӣ то Душанбе ба ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик Эйр” 800 доллар пардохт кардааст. Ин дар ҳолест ки бар асоси дастури Президент Эмомалӣ Раҳмон, ширкатҳои ватанӣ, аз ҷумла "Тоҷик Эйр” ҷасадҳои шаҳрвандони тоҷики дар хориҷа фавтидаро бояд бепул биоранд”. Дар идома муаллиф афзудааст: “Манбаи "Ахбор” мегӯяд, барои онҳое, ки шоми 2 январ дар фурудгоҳи Душанбе шоҳиди барои пул моҷаро бардоштани намояндагони “Тоҷик Эйр” шуданд, ин амал комилан ғайри қобили фаҳм буд: “Охир ин бар хилофи фармони Президент аст, ки ба ширкатҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ба ширкати роҳи оҳан ва “Тоҷик Эйр” амр дода буд, ки ҷасадҳои шаҳрвандони тоҷикро бепул ба Ватан биоранд. Намояндаи “Тоҷик Эйр” мегӯяд, ки ин амр барои аз хориҷ овардан буд, вале барои аз Душанбе ба Хуҷанд бурдан барои ҳар килои "бор” ду евро.

Баъд маълум шуд, ки барои аз Деҳлӣ то Душанбе овардани ҷасади Диёрбек низ 800 доллар додаанд” [6].

Пас аз пахши ин хабар 4 январ сомонаи радиои “Озодӣ” зери унвони “Дилноза Каримова: Илоҳӣ ҳеҷ кас марги фарзандро набинад” ин хабари ҳангомавии akhbor.com-ро тавзеҳ дод. Дар матлаби сомона омадааст: “Дилноза Каримова дар суҳбат бо Радиои Озодӣ хабари бархе нашрияҳо дар бораи ин ки гӯё барои интиқоли ҷасади Диёрбек аз Ҳинд ба Душанбе аз онҳо пул талаб карданд, бепояву асос хонд ва гуфт: “Ширкати “Тоҷикэйр”, ки бо ҳавопаймои он аз Деҳлӣ ба Душанбе паридем, аз мо ягон сомонӣ барои интиқоли тобути Диёрбек талаб накард. Баръакс, ҳамаи ҳайати ҳавопаймо бо ман меҳрубон буданд ва ғамхорӣ мекарданд. Худи сарнишини ҳавопаймо, ки номашон ёдам нест, тасаллиам доданд. Стюардессаҳо ҳар замон омада, аз ҳолам хабар мегирифтанд, обу валерианка меоварданд. Барои ин дилсӯзӣ ман аз ҳар яки онҳо миннатдорам”.

Ӯ афзуд, ки ҳамчунин барои интиқоли ҷасади писараш аз Душанбе ба Хуҷанд тавассути ҳавопаймо ширкати “Сомонэйр” низ аз онҳо маблағ нагирифтааст. Ӯ дар тавзеҳи ин мавзӯъ гуфт, барои марҳамкунонӣ, таҳияи тобут ва хароҷоти дигари омодаву интиқоли ҷасади фарзандаш ба ватан ба клиникае, ки Диёрбекро он ҷо барои ҷарроҳӣ бистарӣ карда буданд, маблағе ҳудуди 800 доллар пардохт кардаанд. Эҳтимол, хабари пардохти маблағи клиника барои интиқоли ҷасади Диёрбек аз Деҳлӣ ба Душанбе аз ҳамин ҷо сарчашма гирифтааст” [7].

Тавре гуфтем, сомонаи радиои “Озодӣ” ба ҷойи муаллифи akhbor.com ин хабарро пайгирӣ намуда, аз забони овозхони маъруф ҳақиқати ҳолро баён намудааст, ҳол он ки аз нигоҳи талаботи касбӣ ва пеш аз ҳама, эҳсоси одамият дар чунин вазъият ба иззати нафси модари ин тифли марҳум расидан маҳкумшаванда аст. Бо зикри “як манбаи Ахбор” наметавон хулоса кард, асли масъала ҳамин аст ва бояд фавран расонаӣ – пешниҳоди миллионҳо шавад.

Риояи меъёрҳое, ки ҳангоми таҳияи мавод ҳамчун талаботи касбӣ зикр мешаванд ва ё нормаҳои ахлоқи касбӣ ба он хотир муҳимманд, ки барои эътимодбахш ва саҳеҳу дуруст будани матлаб мусоидат мекунанд ва оқибати ногувории амалро пешгирӣ менамоянд. Дар мисоли ҳамин як хабаре, ки тавассути ду расона нашр шуд, мо инро равшан эҳсос мекунем. Муаллифи akhbor.com осемасар ин хабарро бо чунин сарлавҳаи ҳангомавӣ нашр карда, бо он ва шеваи баён роҳбарияти ширкатҳои ҳавопаймоии ватаниро гунаҳкор менамояд, ки фармони Президентро иҷро намекунанд. Шояд ӯ медонист, ки бо пахши ин хабар нафрати ҳазорон нафарро нисбат ба ширкатҳо бедор менамояд, вале бо вуҷуди ин, чунин амалро анҷом дод. Аз як ҷиҳат, агар хабар ҳақиқат медошт, мо низ чизе намегуфтем, зеро ин ҳуқуқи онҳое буд, ки онро дастрас кардаанд. Дар ҳамин ҳол, як ҳолати парадоксии муносибати akhbor.com бо дигар расонаҳо, аз ҷумла, сомонаи бахши тоҷикии радиои “Озодӣ” ба назар мерасад, ки ин ҳолат хислати ҳангомаҷӯии akhbor.com-ро ба намоиш мегузорад. Масалан, 27 декабри соли 2017 сомонаи Ахбор аз худкушии як ҷавоне дар соҳили дарёи Душанбе хабар дод ва аксеро, ки як хонандааш фиристодааст, нашр намуда, дар зери он навишт: “Як хонандаи "Ахбор” аксеро фиристод, ки дар он ҷавоне дар лаби дарёи Душанбе дар дор овезон дида мешавад. Ӯ банди дорро дар яке аз ҳалқаҳои оҳанини девори бетонии лаби дарё сахт карда, сипас худро овехтааст. Мақомот сабабҳои даст ба ҷонаш задани ин марди ҷавонро низ ҳанӯз шарҳ надодаанд. Вале бархе манобеъ мегӯянд, ки ин ҷавон қарздор буд ва ҳамин бори гарони қарз сабаби буридани ришташ зиндагиаш дар чунин синни ҷавонӣ шудааст” [8].

Сомонаи Ахбор баробари он ки аксро айнан чоп кардааст, инчунин, доир ба сабаби марги ин ҷавон, ки ҳанӯз шахсияташ маълум нест, қазоват карда, қарздориро омили худкушии ӯ медонад. Сомонаи радиои “Озодӣ” низ ин хабарро нашр намуда, аммо на акси ба дор овезони он ҷавон, балки манзарае аз роҳи пиёдагарди соҳилро дар ҷойи ҳодиса, нашр намудааст, ки одамон ҷамъ омадаанд, аммо нафареро шинохтан имкон надорад. Инчунин, дар хабари сомонаи радиои “Озодӣ” аз номи корманди ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ гуфта мешавад, ки доир ба ин ҳодиса парванда боз шуда, шахсияти марҳум ва сабабҳои марги ӯ муайян карда мешавад [9]. Дар муқоисаи як хабар маълум мешавад, ки akhbor.com ду меъёри ахлоқиро вайрон намудааст; аввал он ки дар чунин шакл нашр намудани сурат умуман мумкин нест; ҳам аз нигоҳи дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳам аз ҷиҳати таъсири равонӣ ба рӯҳияи хонандагон. Суратро дар ин ҳолат нишон додан танҳо дар ҳолати истисноӣ – дар ахбори криминалии телевизион барои муайян намудани шахсияти марҳум танҳо чанд лаҳза иҷозат дода мешавад, аммо дар ҳолате, ки чунин зарурат нест, ин расмро паҳн намудан рафтори ғайрикасбӣ ва ғайриахлоқист, зеро ба ҳар нафаре, ки каме эҳсос дорад, ин шакли он то чанд муддат ба рӯҳияи ӯ таъсир мерасонад. Баъдан, пешдоварӣ ё худ қазоват; ҳолати нозуке ба назар

мерасад: шахсияти марҳум маълум нашуда, сабаби марги ӯро аз номи “бархе манобеъ” муайян кардан қобили мулоҳиза аст.

Як нукта дар муқоисаи ин ду хабар ҷоизи зикр аст, ки akhbor.com пас аз муайяннамоии радиои “Озодӣ” хабари худро пурра намуд, яъне, бо истифодаи маводи “Озодӣ” ному насаби нафари худкушикардаро зикр сохт, аммо расм ва сабабро иваз накард. Дар мавриди хабаре, ки ба Дилноза Каримова рабт дошт, пас аз тасҳеҳи “Озодӣ” низ akhbor.com “мавқеъ”-и худро тағйир надод. Ин ҳолат боиси нигаронист, зеро муассиси akhbor.com аз тамоми маводи “Озодӣ” ва сомонаҳои дигари Тоҷикистон ба пуррагӣ огоҳ аст (инро мо дар таҳияи хабарҳояш мебинем, зеро пас аз пахши хабарҳо дар сомонаҳои Тоҷикистон онҳо бо номи дигар дар akhbor.com пайдо мешаванд), аммо тавзеҳ надод.

4 январи соли 2018 akhbor.com хабар дод: “Баъди NGN дар Тоҷикистон Viber-ро ҳам бастанд” [10]. Дар ҳамин вақт дар сомонаи радиои “Озодӣ” ин хабар бо чунин унвон пайдо шуд: “Паёмрасони Viber қисман масдуд шуд” [11]. Дар ҳамин як унвон низ равшан ба назар мерасад, ки ҳангомаҷӯӣ аз инъикоси воқеият чӣ гуна фарқ дорад.

Ҳадафи мо аз ин мисолҳо собит намудани фикрест, ки дар оғоз зикр намудем; сарфи назар намудани меъёрҳои ахлоқӣ омили коста гардидани эътимоди хонандагон мебошад. Дар мисолҳое, ки зикрашон рафт, ҳамин ҳақиқат ошкор мешавад. Масалан, вақте Дилноза Каримова ҳақиқати ҳолро иброз намуд, онҳое, ки аз рафтори масъулини ширкатҳои ҳавопаймоӣ нороҳат шуда буданд, нисбат ба манбаи ахбор чунин эҳсос хоҳанд дошт ва ё вақте паёмрасони Viber қисман фаъол аст, вале akhbor.com хабар медиҳад, ки Viber-ро бастанд, нобоварӣ ба манбаъ бештар мегардад. Аз паёми муассиси akhbor.com гуфтем, ки аз шумори хонандагонаш ифтихор мекунад. Агар боз ҳам меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар шаванд, эҳтимоли аз даст додани ҳамин шумори ифтихоромез воқеият хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бухарцев Р.Г. Вопросы профессионалной этики журналиста / Р.Г. Бухарцев. – Свердловск, 1971. – 42 с.
2. Гулов С. Амвоҷи сухан / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.
3. Қутбиддин Б. Роҳ ба сӯи эҷод / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2015. – 108с.
4. Шостак М.И. Репортёр: Профессионализм и этика / М.И. Щостак. – М., 2001. – 165 с.
5. М. Имомзода, С. Гулзод. Манфиат ва арзишҳои миллӣ ё баъзе масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=32048 (санаи истифодабарӣ: 05.01.2018)
6. “Тоҷик эйр” барои овардани ҷасади кӯдаки Дилноза 800 доллар гирифтааст [Манбаи электронӣ]. URL: akhbor.com -p4713-168.htm (санаи истифодабарӣ: 03.01.2018)
7. Дилноза Каримова: Илоҳо ҳеҷ кас марги фарзандро набинад [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org/a/dilnoza-karimova-interview-after-death-of-child- 1/28954644.html (санаи истифодабарӣ: 06.01.2018)
8. Худкушии як ҷавон дар соҳили дарёи Душанбе [Манбаи электронӣ]. URL: http://akhbor.com/-p4647-117.htm (санаи истифодабарӣ: 26.12.2017)
9. Номаи пеш аз марги Исмоил: “Модарҷон, зиндагӣ ҳамин будааст...” [Манбаи электронӣ]. Url: www.ozodi.org/a/a-letter-before-suicide-/28943428.html (санаи истифодабари 27.12.2017)
10. Баъди ngn дар тоҷикистон viber-ро ҳам бастанд [Манбаи электронӣ]. Url: http://akhbor.com/ngn-viber-p4724-117.htm (санаи истифодабарӣ: 04.01.2018)
11. Паёмрасони viber қисман масдуд шуд [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org/a/28954967.html 04/01/2018 (санаи истифодабарӣ: 04.01.2018)

РИОЯ НАГАРДИДАНИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ – ОМИЛИ КОСТА ГАРДИДАНИ ЭЪТИМОД

Дар ин мақола муаллиф бо такя ба ақидаи муҳаққиқони шинохтаи соҳа зарурати меъёрҳои ахлоқиро дар фаъолияти кормандони воситаҳои ахбори омма зикр менамояд. Муаллиф дар оғоз доир ба муҳиммияти иттилоъ дар замони муосир, замоне, ки тавассути технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар камтарин фурсат дилхоҳ иттилоъро ба тамоми ҷаҳон паҳн мекунад, хатарҳои ба силоҳи мубориза табдил ёфтани он сухан карда, аз ақидаи муҳаққиқони шинохта - академик М. С. Имомзода ва дотсент С. Гулов ёдовар мешавад, ки онҳо чунин ҳолатро дар замони муосир хуб таҳлил намуда, зарурати муносибати огоҳона ва воқеиро таъкид намудаанд. Дар такя ба ин суханон, муаллиф ба таври мушаххас зарурати меъёрҳои ахлоқи касбиро дар чунин шароит таъкид мекунад. Барои чунин таъкид низ ба ақидаи муҳаққиқон такя менамояд, ки онҳо мавҷуд будани алоқаи мустаҳкамро байни меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва иқтидори эҷодии журналист зикр карда, риояи меъёрҳои ахлоқиро омили муҳимми устувории касбияти журналист медонанд ва нақши принсипҳои ахлоқии журналистикаро дар эҷоди журналистӣ махсус баррасӣ мекунанд. Муаллиф доир ба ҳангома ҳамчун василаи ҷалби таваҷҷуҳи хонанда низ изҳори назар карда, тазаккур медиҳад, ки дар шароити кунунӣ чунин усул фарсудаву корношоям гардидааст ва барои пешгирӣ аз чунин ҳолат рӯзноманигорро лозим аст, ки дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ, бо риояи ҳамаҷонибаи ин меъёрҳо эътимоду боварии хонандаро ба даст орад. Дар мақола мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд ва муаллиф ба натиҷае расидааст, ки риоя накардани меъёрҳои ахлоқи касбӣ боиси коста гардидани эътимоди аудитория ба сарчашмаи ахбор – воситаҳои ахбори омма мегардад.

Калидвожаҳо: журналистика, журналист, иттилоъ, воситаҳои электронӣ, интернет, сомона, риоя, меъёрҳои ахлоқӣ, эътимод, аудитория

ФАКТОР ПОТЕРИЯ ДОВЕРИИ - НЕСОБЛЮДЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ НОРМ

Автор в своей статье, ссылаясь на мнение известных исследователей, подчеркивает необходимость соблюдения этических норм в деятельности средств массовой информации. Автор подчеркивает о важности информации в современной жизни, когда речь идет о срочном и оперативном распространении информации через электронные и другие коммуникационные технологии во всему миру. Рассказывает о наличии риска превращения её в оружие для борьбы, приводя мнения известных исследователей - академика М. С. Имомзода и доцента С. Гулова. Эти ученые проанализировали обстановку наших дней и указали на необходимость осознанного и реалистичного подхода. Согласно этим словам, автор в конкретной форме подчеркивает необходимость соблюдение профессиональной этики и норм в таких условиях. Для такого вывода, он полагается на мнение исследователей, что существует тесная связь между нормами профессиональной этики и творческим потенциалом журналиста. Соблюдение норм этики является важным фактором стабильности журналистского профессионализма, далее он анализирует роль этических принципов журналистского творчества. Автор, рассматривая сенсацию как средство привлечения внимания читателя, выражает свое мнение, что в нынешних условиях, этот метод устарел и стал непригодным и по этому журналисту необходимо в связи с профессиональными этическими нормами, с полным соблюдением этих стандартов завоевать доверие читателя. В статье анализируются конкретные примеры, и автор считает, что несоблюдение профессиональных этических норм в журналистике приведет к потере доверия аудитории к источнику новостей - СМИ.

Ключевые слова: журналистика, журналист, информация, электронных средства, интернет, сайт, наблюдение, этика, доверие, аудитория.

FACTOR OF LOSS OF TRUST – NON OBSERVANCE OF ETHICAL NORMS

The author in his article, referring to the opinion of well-known researchers, emphasizes the necessity of observing ethical norms in the activity of the mass media. The author emphasizes the importance of information in modern life, when it comes to an emergency and prompt dissemination of information through electronic and other communications technologies in the world. Talks about the presence of risk turning it into a weapon for the struggle with securing their views known researchers - academician MS Imomzoda and associate professor S. Gulova. These scientists very well analyzed the situation these days and pointed to the need for a conscious and realistic approach. According to these words, the author in a specific form emphasizes the need to observe professional ethics and norms in such conditions. For this conclusion, he relies on the opinion of researchers that there is a close relationship between the norms of professional ethics and the creative potential of a journalist. Compliance with ethics is an important factor in the stability of journalistic professionalism and specifically analyzes the role of ethical principles of journalistic creativity. The author, considering the sensation as a means to attract the reader's attention, expressed his opinion that in the present circumstances, this method is out of date and become unusable in order to prevent such cases and the journalist is necessary because the professional ethical standards, in full compliance with these standards to win the trust of the reader. The article analyzes the specific examples the author believes that the failure to comply with professional ethics in journalism will lead to a loss of confidence in the audience for news source - the media.

Key words: journalism, journalism, information, electronic tools, internet, site, observation, ethics, trust, audience

Сведения об авторе: ***Рахимджонов Х.У.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, сотрудник кафедры ТВ и радиовещании факультета журналистики. **Адрес:** 734025, республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 934-89-26-56**.

Information about the author: ***Rahimjonov Kh.U.*** - Tajik National University, Candidate of Sciences in Philology, a teacher-colleague in the TV and radio department of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe sity, Prospect Rudaki 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Tel.: **(+992) 934-89-26-56**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ
З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Шербоев С. Қоидаҳои имлои забон ва мушкилоти устодон (ё худ «Оё лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз муҳокимаи умум гузашта буд?»)…… **5**
Саидов Ҳ.А., Асадова М.Р. Методикаи таълими воҳидҳои синтаксисии забони англисӣ дар асоси муқоиса бо забони тоҷикӣ…….. **12**
Гулназарова Ж. Аспективият дар феъл…… **18**
Ахмедов Б.У. Семантическая структура и синтаксические функции указательных слов в сложноподчиненных предложениях…….. **24**
Ашурмамадова У. К гипотезе Соссюра о праязыке: историко - сравнительный анализ лексики кровного родства (в таджикском, английском и шугнанском языках)……... **30**
Ҷумъаев М.О. Дар бораи сабабу омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ.. **37**
Икромова Г. Вижагиҳои муродифоти услубию эҳсосотӣ дар забони ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ **44**
Назаров А. Трудности изучения видов глагола на нефилологических факультетах……. **49**
Исмонов К. Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори форсӣ – тоҷикӣ……. **55**
Маджидзода А.Р. Способы передачи русских имен существительных с приставкой по- на таджикский язык (на материале РТС)…… **59**
Абдуллоева Г. Влияние Шёлкого пути в развитии и становлении лексики швейного дела Гиссарской долины..... **64**
Диёров Ш. Сохтори фарқкунандаи фарҳангҳои тоҷикӣ-англисии чопӣ аз фарҳангҳои электронии тоҷикӣ-англисӣ…… **68**
Иматшоева М.Б. Категория числа имен существительных в шугнанском, таджикском и английском языках……. **72**
Мухаббатов А. Баррасии истилоҳоти навини забони форсӣ (дар намунаи истилоҳоти забоншиносӣ)…… **77**
Назарзода Махмуд Мирзо, Мусоямов З.М. Структурно - сопоставительный анализ полилексемных терминов программного обеспечения компьютерных технологий таджикского и английского языков..... **84**
Назарова М.О. Обозначение категории множественного числа при помощи суффикса «-он» («-гон», «-вон», «-ён») и его французские аналоги…….. **89**
Низомова С.Ф. Нақши пасвандгунаи –дор дар ташаккули калимаҳои мураккаб дар насри бадеӣ ва публитсистии С. Айнӣ..... **94**
Султанова Р.М. Особенности использования стилистических приёмов в современной русской малой прозе…….. **99**
Темурова М.Қ, Шарифова Ҳ.Қ. Пешоянди аслии «аз» дар ташаккули ибораҳои сифати феълӣ..... **104**
Ҳасанзода Ислом Эҳсон. Вижагиҳои семантикии ихтисораҳои ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... **108**
Ҷалилов И. Шарҳи мафҳуми *калима* ва *маъно* аз назари Абдурраҳмони Ҷомӣ..... **110**
Шайдуллои Ҳоҷӣ. Интернет: аз таърихи пайдоиш то мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти он..... **114**
Шамсов Б.С. Мухторов З.М. Дискурси компютерӣ ва навъҳои мухобироти интернетӣ..... **117**
Шодиев Р.А. Таҳқиқи таърихӣ ва лингвистии луғати вижаи гӯйишҳои Кӯлоб..... **121**
Ҷумъаев М.О. Лексикаи динии ифодакунандаи принсипҳои асосии ислом ва ному сифатҳои худованд дар насри бадеии Ҷомӣ…… **127**
Муродзода Мукаррама. Асрори ҷинсияти дастурӣ (грамматикӣ)…….. **131**
Раджабов Н. Семантика номинативных односоставных предложений в таджикском и немецком языках…….. **135**
Алҷуанӣ Султон. Омилҳои дарунматнӣ ва иштибоҳоти эҳтимолӣ зимни тарҷума (бар асоси тарҷумаи матнҳои арабӣ ба форсӣ)…….. **139**
Абубакров Ш.Ҷ. Пешояндҳои номии изофии таркибӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони немисӣ (дар заминаи повести «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ)……. **143**
Давлатов А.Н. Истифодаи воситаҳои алоқа дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус…… **147**
Лузинаи Зафардухт. Таҳлили муқоисавии вожаҳои ифодакунандаи маросими тӯйи арӯсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ……... **152**
Ёраҳмадзода Ш.Ҳ. Воҳидҳои фразеологии мутазодӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ..... **156**
Замонов З.И. Употребления политической терминологии на практике в таджикском, русском и немецком языках (на основе материалах СМИ)…… **161**
Мамадаминова З. Мавқеи истиқлолияти давлатӣ дар рушди забони вахонӣ…….. **165**
Абдурасулов Н.А. Метеорологическая терминология как часть терминосистемы языка…….. **169**
Ҳусайнова Ф. Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи миёнаи забони тоҷикӣ ва англисӣ…. **173**
Нуралиева Д. Корбурди ҷумлаи сода дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ…….. **176**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Ульмасова З. Борьба добра и зла в рассказах Фаридуна Фарход-заде…… **182**
Абдурашидова У.Р. Муҳаққиқ ва муаррифгари осори Айнӣ……. **188**

Анварова М.Н. Использование стихотворных цитат в «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата…… **192**
Каримов И. Вижагиҳои шарҳи рисолаи «Калимоти қисор»…….. **196**
Латифов А. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз…….. **199**
Мирзоев У.Т. Таъсири андешаҳои фалсафии Абулъало Мааррӣ ба Хайём..... **204**
Гулихандони Маликнеъмат. Ҳақиқатмонандии қиссаҳои «Маснавӣ»..... **209**
Исроилзода Ф.У. Масъалаҳои пешрафти фарҳангӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш..... **214**
Қодирова Д.Л. Худогоҳии нақди адабӣ…….. **220**
Нигматов Н.И. Сарчашмае аз насри ахлоқии асри XIV…… **224**
Шарипова М. Рифмованная проза мусаджаъ и ее место в «Муноджотнаме» Хаджа Абдуллаха Ансори.. **230**
Абдуҷабборова М.А. Достони Марям дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»…… **232**
Раҳимҷонова Ш.С. Назаре ба эҷодиёти Раҳмат Назрӣ..... **238**
Юсупов Ф. Назаре ба адабиёт дар аҳди Тоҳириён…… **241**
Нурқаев Қ. Аввалин падидаҳои насри психологӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик…….. **246**
Ҳикматов Ҷ.Ҳ., Шарифова Ҳ.Қ. Аз таърихи мухаммассароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ..... **251**
Очилова М.И. Корбурди киноя дар тафсири «Кашшоф»-и Ҷоруллоҳ Замахшарӣ…… **257**
Рустамова Ф.Р. Таърихи ҷашни Наврӯз…… **260**
Наимова Ф. Шарҳи ҳол ва осори С. Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ..... **267**
Нодирова М.А. Маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ»…….. **272**
Бобоев С. Наврӯзи Куми куҳан…….. **277**
Исмоилов Ф. Тасаввури мардум дар хусуси ишқи Рӯдакӣ..... **281**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Султанова Ж.О. Радиопередачи «Кыргыз радиосу» второй половины 1990-х годов…… **284**
Атоев М.И. Андешаҳои ҷадид доир ба заминаҳои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф»..... **289**
Умарова Г. Инъикоси равобити адабию фарҳангии тоҷикону ӯзбекон дар телевизиони Тоҷикистон…… **293**
Сохибназарбекова Р.М. Вопросы эмансипации женщин в печати Средней Азии (конца XIX и начала XX веков)…….... **298**
Бахтиҷамоли Раҳимзода. Ифодаҳои самимияту эҳтиром дар мусоҳибаи радиоӣ…….. **302**
Усмонова Н.К. Мавқеи муаллиф дар публитсистика…… **304**
Раҳимҷонов Х.У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ – омили коста гардидани эътимод..... **308**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2018. №6.

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 22.09.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.